ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 3 (116)

Душанбе – 2025

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 291/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримзода Шуҳрат Бозор *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Муллоев Шариф Боқиевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Элбоев Вафо Ҷурақулович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Расулиён Қаҳҳор Расул *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих, дотсент*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №291/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук, профессор*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук, профессор*
Каримзода Шухрат Бозор *- доктор филологических наук, доцент*
Косими Саъди Абдулкодир *- доктор филологических наук, доцент*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук, профессор*
Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук, профессор*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук, профессор*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук, профессор*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук, профессор*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Расулиён Каххор Расул *- доктор исторических наук, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук, доцент*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук, профессор*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2025

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.291/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*
Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*
Executive Editor: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences, Professor*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Karimzoda Shuhrat Bozor *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of NAST*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Pirumshoev Haydarsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corr. member of NAST*
Rasuliyon Kahhor Rasul *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences, Docent*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2025

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Гадоев Н., Усмонова М. Х.
Вариантҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии минтақаи Кӯлоб 8
Сулаймонов И. О.
Калимасозии сифат бо пешвандҳо дар “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ 14
Шокиров Т. С.
Таркиби луғавии забон ва омилҳои ғаномандии он 24
Саидова Б. М.
Баррасии истилоҳоти сохтаи тиббӣ бо ёрии пасвандҳо дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ 29
Шарифова Г. М.
Мавқеъ ва корбурди вожаҳои суғдӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ 35
Табарзода Х. Н.
Образи парандагон дар фарҳанг ва адабиёти тоҷик (дар мисоли осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ) 41
Шаҳнозаи Т.
Доираи истеъмоли сифатҳои мураккаби пайваст дар заминаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ 51
Шамсудинова М. А., Холназаров Р. М.
Таъсири мутақобилаи номшиносӣ ва истилоҳшиносӣ 56
Рустамзода Ш. Р.
Таснифи семантикии воҳидҳои фразеологии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ 62
Саъдизода Ш. М.
Истифодаи калимаҳои иқтибосии пашту дар достони “Дар кишваре дигар” 70
Комилова П. М., Комилов М. М.
Некоторые современные принципы и требования к сравнительному исследованию терминов 78
Мансурова Ф. М.
Таҳқиқ ва таснифи сифат ва роҳҳои корбасти он дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва вахонӣ ... 84
Хусейнова Г. А.
Отражение лексико-грамматической конверсии в толковых словарях английского и таджикского языков 91
Каримова Д. Н.
Образование терминов кожно-венерических заболеваний на основе морфологического способа терминообразования в таджикском и английском языках 98
Нурова З. С.
Падидаи омонимия дар низоми истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ 110
Бойматова Д. М.
Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи калимаҳои “fleur - гул” дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ 116
Усмонзода Ш.
Когнитивно-семантическая трансформация пословицы о народовластии в англоязычной коммуникации 122
Кесамирова С. Р.
Таъсири омилҳои истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҳдиди истилоҳ дар раванди тарҷума 129
Мусоямов З. М.
Нигоҳе ба роҳу усулҳои таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ 135

Джабборова М. Т.
Таджикские эквиваленты русских деепричастий в практике перевода (на материале художественных произведений) 141
Мирзозода Х. Х.
Национальные особенности метафорического использования зоонимов для характеристики людей в английском и таджикском языках 148

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Худойдодов А. О., Муҳаммадзода Ҷ. У.
Саъдии Шерозӣ ва Мир Алишери Навоӣ 154
Элбоев В.
Нусхашиносии талхисоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Ҳиндустон 164
Боқиев Ҳ.
Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши сафарнома 170
Қурбонзода М., Қурбонова З.
Айнӣ ва масъалаи ворисияти миллӣ 178
Кувватзода С. М.
Отображения женских образов романа “Герой нашего времени” М.Ю.Лермонтова при переводе на таджикский язык 184
Нажмиддинова М. С.
Асад Гулзодаи Бухороӣ ва осори бачагонаи ӯ (дар мисоли адабиёти тоҷикзабони Ӯзбекистон) 190
Ҷӯраев Ҳ. А.
Назаре ба мушаххасоти шеъри Давлати Раҳмониён 202
Муҳаммадохирзода Ҳ. И.
Бозтоби суннатҳои инсонпарваронаи Наврӯз дар осори Сорбон 207
Шарифова Г. Ҳ.
Ташбеҳ дар шеъри Рӯдакӣ 214
Бердиёров Д. М.
Особенности перевода поэмы Низами Гянджеви «Хосров и Ширин» Г. В. Птицыным 219
Ифтихори А.
Баъзе вижагиҳои мавзуи Ватан ва Модар дар ашъори Мастон Шералӣ 225
Сафарова Н. С.
Мактубҳои мунаққид Соҳиб Табаров ба шоир Саидҷон Ҳакимзода 231
Шокириён М.
Адабиёти миллӣ – вориси аслии маънавиёти миллӣ 237
Искандаров М. Р.
Мазмуну сохтори рисолаҳои «Ал-адаб-ул-кабир» ва «Ал-адаб-ус-сағир»-и Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ 242
Муллоев Ш. Б., Рахимов А. А.
Телевидение «Синамо» в системе СМИ Республики Таджикистан 252

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Айнулозода Н. А., Абдурашитов Ф. М.
Таҳлили рушд ва хусусиятҳои асосии соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият 260
Иброҳимзода З. С.
Инъикоси чеҳраи зан дар ёдгориҳои МД “Осорхонаи миллӣ” 267

Ташрифзода Ф. Қ.
Ташаккулёбии муассисаҳои таълимӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 273
Акризоев М. М.
Таърихнигории таърихи ноҳияи Дарвоз 278
Озодбекова М. Б.
Ваъзи рушди соҳаи кишоварзии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар солҳои 20-30-юми асри XX 283
Шарифова Ш. Ш.
Назаре ба фаъолияти илмии дастпарварон ва олимони факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ 289
Мусоев А. К.
Государственно-административное устройство Вахшской долины до периода независимости (1924-1991 гг.) 295
Дустов Н.
Система административного устройства Бухарского ханства в период правления династии мангытов 302
Камолов Ф. И., Қараев Ф. Қ
Инъикоси корнамоиҳои ҷангии ҷавонони Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ашъори адибон 307
Саидҳомидов С., Мирмастова М.
Сарчашмаҳои таърихии пайдоиши сози мусиқии чанг ва маъниҳои ин истилоҳ дар адабиёти тоҷик 314

ТДУ 809.155.2

ВАРИАНТҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Гадоев Н., Усмонова М. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳангоми ташаккул ва таҳаввулоти забон воҳидҳои фразеологӣ то як андоза намуди аслии худро сарфи назар менамоянд ва ба ин васила, образи дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ хобидаро муайян намудан душвор мешавад. Ҳарчанд ки як гурӯҳи ин навъи фразеологизмҳо аз қолиби аввалаи худ то як андоза дур мешаванд, онҳо ҳангоми таҳлили ҷузъҳои дохилиашон барқарор кардани шакли аввалаи онҳо имконпазир мегардад, зеро дар забони адабии ҳозираи тоҷик шакли аввалаи онҳо дар гардиш аст. Воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он шаклҳои гуногун доранд. Дар забони умумихалқӣ ҳангоми муомилаву муошират баъзе фразеологизмҳо дар як намуд дучор шаванд, фразеологизмҳои дигар шакли худро тағйир медиҳанд: **ай ҷаҳл гашт, ай қаҳр фърумад, қаҳраш пъхт, нарезондавъ начъкунда, нархи савзию пиёза напърсида** ва монанди инҳо. Ҳамин гуногунрангии шаклҳои лексикию грамматикии воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ муодилҳои фразеологӣ ном доранд. Ба ибораи дигар муодилҳои фразеологӣ гуфта таъбирҳое дар назар дошта мешавад, ки маъно ва таркиби ягонае наҳвиро аз бар карда, танҳо аз рӯйи ҷузъи ба тағйирот дучоршуда тафовут дорад.

Вариантнокӣ (муодил) – тағйирёбии шакли калима гуфтан аст. Мисли ҳамин воҳидҳои фразеологӣ бо тағйир ёфтани шаклашон низ мақоми вариантнокии худро дар ҳамаи ҳолатҳо нигоҳ медорад. Ба ибораи дигар, ҷузъҳои таркиби фразеологизмҳо, қиёфаи овозии худро дигар менамоянд, аз калима як овоз ба эллипсис дучор мешавад, ба вожаи дигар бошад, овози наве зам мешавад ва дар натиҷа варианти таъбирҳо ба вуҷуд меояд, вале унсурҳои луғавии мазкур танҳо як маъноро ифода менамоянд.

Ҳамин тавр, вариантҳои фразеологӣ таъбирҳои мустақил набуда, аз як воҳиди фразеологӣ дар натиҷаи дигаргун шудани ҷузъҳои таркиби онҳо ташаккул меёбанд. Масъалаи соҳиби муодил будани воҳидхои фразеологӣ диққати бисёр олимонро ба худ ҷалб кардааст. Олимон дар ин бобат андешаҳои худро ба тарзи мухталиф иброз менамоянд, ба ин нигоҳ накарда, баъзе масъалаҳои мубрами он то имрӯз номафҳум монданд. Перомуни варианти калимаҳо дар дохили ибораҳои рехта забоншиноси маъруф Ғаффор Ҷӯраев чунин менависад: “Дар лаҳҷаҳо барои ифодаи айни як мафҳум, ҳодиса ва воқеият миқдори зиёди вариантҳо мушоҳида мешавад. Ин қабил вариантҳо силсилаи мураккаби синонимҳоро ташкил медиҳад, ки қисмҳои алоҳидаи онҳо дар нутқ аз бобати талаффуз бо ҳам наздик буда, аз ҷиҳати маъно ҷудонашавандаанд” [5, с. 279]. Мавсуф умумияти маъноии вариантҳои фразеологиро ҳамчун нишонаи асосӣ ва фарққунанда ба қалам медиҳад. Маҳз барои ҳамин дар ин ҷо умумият ва тафовути ин категорияи фразеологиро овардан аз манфиат холӣ нест. Вариантҳои фразеологӣ чунин ибораҳоеанд, ки аз ҷиҳати таркиби лексикию грамматикӣ фарқ дошта, аз нигоҳи образнокӣ дар як сатҳқарор доранд. Дар ин ҳолат маънои умумии таъбирҳо нигоҳ дошта мешавад. Муродифҳои фразеологӣ бошанд, мисли вариантҳо маънои умумӣ дошта, ба воситаи калимаҳои гуногун ташаккул меёбанд. Ҳар қадар ки воҳидҳои фразеологӣ муодилҳои зиёд дошта бошанд, ҳамон қадар аз ҷиҳати ифодаи маънои маҷозӣ ва образнокии ифода пурзӯртаранд. Ҳар ибора ё таркиби воҳиди фразеологӣ дар мавридҳои корбурд нигоришҳои махсуси истеъмолӣ доранд.

Вариантҳои фразеологии забони тоҷикиро аз рӯи ихтисоршавии овозҳо дар калимаҳо, ҷойивазкунии калимаҳо ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо намудан мумкин аст. Мисли ҳамин дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ муқаррар намудани вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ аҳамияти бағоят калонро молик аст, зеро таъбирҳои халқӣ дар гӯйишҳои мардумӣ ба тағйироти бештаре дучор мешавад. Воҳидҳои фразеологӣ монанди унсурҳои луғавӣ дар раванди солҳо

шаклу маънои худро дигар менамоянд ва дар натиҷа вариантҳои гуногуни онҳо пайдо мешаванд.

Дар лаҳҷаи мавриди назар вариантҳои фразеологиро дар се намуд дучор шудем: вариантҳои фразеологии фонетикӣ, вариантҳои фразеологии грамматикӣ ва вариантҳои фразеологии лексикӣ.

1. Вариантҳои фразеологии фонетикӣ. Ин навъи фразеологизмҳо аз рӯйи таркиби овозии ҷузъҳои дохилиашон тафовут доранд. Ҷузъҳои онҳо тағйиротҳои муайяни овозиро аз сар мегузаронанд ва дар натиҷа шакли дигари фразеологизмҳо арзи ҳастӣ менамоянд. Аз рӯйи нишонаҳои фонетикӣ**,** дигаршавӣ ва афтидани овозҳо, дар таркиби ҷузъҳои воҳидҳои фразеологӣ пайдо мешавад: **кълух шидан-кулух шудан** (аз тарс шах шуда мондан), **лав-а тайи дандун каан- лав-а таги дандон кадан** (барои иҷрои кор саъю кӯшиш ба харҷ додан), **оталахур кан-атолахър кадан** (задан, кӯфтан, маҷруҳ намудан), **гуръ чув каан-гуру чуб кадан** (ҷасадро ба хок супоридан), **да дъст заан- дар дъст задан** (дастгир шудан , ба даст афтодан), гардан каҷ кан- гардана каҷ кадан (аз касе чизе талабидан, ё чизе хостан), **навси бад –нафси бад, зункута шидан- зъвонкута шидан** ва монанди инҳо.

Аз мисолҳои пешниҳодшуда бараъло намоён аст, ки ҷузъҳои таркиби ибора аз нигоҳи шакл ва намуди зоҳирӣ як хел нестанд, гоҳо овозҳо зиёд мешаванду гоҳо кам, ин ба он оварда мерасонад, ки вариантҳои мухталифи фразеологизмҳо пайдо мешавад. Вариантҳои фразеологии фонетикӣ аз рӯйи таркиби овозии ҷузъҳои дохилиашон фарқ мекунанд. Таъбирҳои ин гурӯҳ тағйиротҳои муайяни овозиро пушти сар менамояд ва дар натиҷа ҳамон як воҳиди фразеологӣ шаклашро тағйир дода, муодили дигари он арзи вуҷуд менамояд, ки мо онро варианти фразеологии фонетикӣ меномем.

2. Вариантҳои грамматикӣ. Вариантҳои грамматикӣ аз рӯйи таркиби сарфу наҳви ҷузъҳои дохилиашон шинохта мешаванд. Онҳо дар натиҷаи ҷойивазкунии ҳиссаҳои нутқ, ба ҷойи як пешоянд омадани пешоянди дигар, аз ҷиҳати муносибати субъективӣ-предикативӣ, аз нигоҳи категорияҳо ва хусусияти грамматикии феъл аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба ибораи дигар, ҷузъҳои таркиби таъбирҳо, бо муродифаш ё ба ягон калимаи наздикмаънои дигар иваз мешавад ва дар натиҷа варианти нав арзи вуҷуд менамояд. Онҳо ҳангоми дигаршавии шакли калима, ҷой иваз намудани ҷузъҳои таркибии таъбирҳо фаъол шуда, бо ҷилоҳои тоза гардиш мехӯранд, ки аз нигоҳи маъно аз ҳамдигар тафовути казоие надоранд: **вахтъ бевахт омадан-новахтумадан**(ташрифи бемаҳал), **гапа ба гуш гъръфтан- гапаишъ гуш кадан**(ба сухани касе аҳамият додан), **сорхуна** (дастархонро) **руфтан-дастархона холи кадан** (тамоми хӯрокҳои дастархонро нӯши ҷон кардан), **калағут задан-калағут хурдан,** (оббозӣ кардан), **касалманд шидан-касалчоп шидан**, (ишора ба бемории на он қадар вазнин), **катагӣ кадан-калунгарӣ кадан** (мағрур шудан, касеро ба назар нагирифтан), **кор барор гирифтан-кор умад кадан** (бомуваффақият анҷом ёфтани ягон навъи фаъолият), **гудак йофтан-гудак кадан** (соҳиби фарзанд шудан), **калам задан-қалам кашидан** (кашидани тарҳи гул дар матоъ), **лавза хурдан-белавзӣ намудан** (ба қавли додашуда вафо накардан), **ай каштал гъръфтан-ай қъртъқ гъръфтан**(дастбагиребон шудан), **нойа съфед кадан-қъртъка съфед кадан** (як навъи табобати дарди гулӯ), **пири мафлук-пири барҷомунда** (заволи пирӣ, заволи умр), **муйи тана шъғ кадан-муйи тана сих шийан** (сахт тарсидан), **малол кадан-малол шидан (**табъи касе хира шудан, ранҷидан), **мазмун гъръфтан-насақкадан** (масхара кардан-хандахариш кардан), **нун гъл задан-нун сърхшидан** (хомсӯз шудани нон дар танур), **пасупеш рафтан- пешодъмколрафтан** (аз қафои касе қатор шуда рафтан), **овоз рушан кадан-овозбъланд кадан** (аз омадани худ арз кардан, хабар додан), **ов додан-овмундан** (обёрӣ намудан дарахтон**), пай кадан-нишуна кадан** (чен кардан, андоза кардан), **овуру рехтан-овру йаг пул шидан** (ишора ба аз байн рафтани қадру қимати шахс дар ҷомеа) ва ҳоказо.

3. Вариантҳои фразеологии лексикӣ. Ин навъи вариантҳои фразеологӣ дар қолиби ҷумлаҳои фразеологӣ ташаккул ёфта, маънои бутунро ифода менамоянд ва тавассути дигар шудани калимаҳои таркибашон тафовут доранд: **ба кала гъръфтан- ба гардан гъръфтан** (барои иҷрои кору фаъолият уҳдадор шудан), **ба къртa кайк дърумадан- ба остин кайкдърумадан (**безобита шудан, бесаранҷом шудан**) дъ по-ра дар йаг муза андохтан- дъ по-ра дар йаг муза тъқундан (**дар сухани гуфтаи худ истодагарӣ намудан**)** ва ҳоказо.

Як қисмати муайяни воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи шимоли Кӯлоб аз лаҳҷаҳои шарқу ҷанубии ин минтақа тафовут доранд. Воҳидҳои фразеологӣ мақоми вариантнокии худро, ҳатто дар ҳолатҳое, ки як-ду ҷузъи онҳо ба тағйирот дучор мегардад, ё ҷузъҳои нав илова мешавад, ё яке аз ҷузъҳо меафтад, нигоҳ медорад. Барои мисол рехтаи фразеологии **ба назар нагирифтан**-ро мегирем. Дар лаҳҷаи ҷанубии ин мавзеъ дар шакли **ба лав нагъръфтан**

истеъмол мешавад, дар шимол бошад мардум ин таъбирро бо ибораи феълии **писанд накардан** ифода менамояд**.** Инчунин маънои **дилгир шудан аз коре ё фаъолияте** дар лаҳҷаҳои шимол, ҷануб, шарқ ва ғарби Кулоб ба воситаи фразеологизмҳои **афсала пир шудан , авсалаи кор надоштан, авсала гъръфтан** инъикос карда мешавад: **Одами пасттамға- одами пастфитрат (**одами ҳиллагар, нобакор**), пардаи рӯ дърид- ру-м сухт (**дар пеши дӯстон ва рафиқон дар хиҷолат мондан**), дар гав (**гап**) ҷушидагӣ-дар гав усто (**одаме, ки бисёр мелақад, пургуй, серҷоғ**), ай гав мондан-ай даҳан мундан(**ишора ба беморе, ки дар талвосаи марг аст вааз гап задан мемонад**), ай лавъ дан бъруман-ай бънибъруман** (бисёр хӯрдан), **ай хурдан-ъш сер нашидан-лавъ данахурдан(**ишора ба хӯроки бомаза**), сар пеш кадан –по пеш кадан** (дидорбинӣ рафтан), **сари бод-сари дав** (даррав, дарҳол, босуръат), **сағираи съмсабил-сағираи бепаиқадам** (кӯдаке, ки ҳангоми зоида шуданаш модараш вафот мекунад), **пъхта шидан- баақл шидан**(ба балоғат расидан), **чърк кадан-қарқ кадан(**ифлос кардан**), реви кора дунистан-тови кора дунистан** (киноя ба шахси қобилу кордон) ва ғайра.

Бояд хотирнишон кард, ки дар лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоб дар дами вопасин аз сухан кардан бозмондани бемор бо таъбири **“зънък-ъш гъръфт”** ифода мешавад, ки ин таъбир ба таъбирҳои боло варианти фразеологӣ набуда, балки **муродифи фразеологӣ** маҳсуб мешавад. Бо таъбирҳои дигар, ки дар лаҳҷахои мазкур вариантҳои гуногун доранд, тавақҷуҳ менамоем: **гуш-ом-а кар кади- гуш-ом-а бурди** (касеро аз пургӯйӣ безор намудан), **кълчаи зону-сари зону, чақ-чақ ка шиштан- гап дода шиштан (**вақтро бо хушӣ гузарондан**), ҳиллагарӣ кадан –рубагарӣ кадан** (бо ҳиллаю найранг рӯз гузарондан), **тоҷикира нағз медуна –тоҷикира пъхта медуна** ва монанди инҳо.

Аз мисолҳои боло аён аст, ки дар вариантҳои лексикӣ таркиби овозии калима тағйир наёфта, маънои нав мегиранд. Онҳо метавонанд, дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ду-се вожа шаклашро тағйир диҳад. Ин гуна унсурҳои луғавӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳо нақши муҳим доранд. Баъзан воҳидҳои фразеологии умумихалқӣ вариантҳои маъноӣ пайдо менамоянд: **бахт-ът хандид- бахт-ът баландӣ кад** (зиндагии хушу осоиштаро соҳиб шудан), **дар йаг болин сар мундан** (дар шимоли Кӯлоб)= **дар яг тагсарӣ сар бундан** (ҷануб) (киноя ба зану шавҳар), **йаг къртa гушт гъръфтан** (шарқии Кӯлоб)- **йаг ваҷаб гушт гъръфтан** (фарбеҳ шудан) (шимол), **бекафан шудан –бегӯр шидан** (ахлоқу одоб надоштан) (ҷануб), **нағма кадан- мъқум пайдо намудан** (ба корҳои нолоиқ, ношоям даст задан**), мағзи гап-пусткандаи гап** (ҷавҳари сухан), **ова лой кадан –ов азболо лой** (ин ибора ба кору фаъолияти хилофи қонун ба анҷомрасида далолат мекунад) вариантҳои морфологии воҳидҳои фразеологӣ ба шумор мераванд, ки дар лаҳҷаи номбурда хеле зиёд ба кор бурда мешаванд.

Вариантҳои фразеологии ҳамқолиб. Дар забони адабии тоҷик ва дар шеваю лаҳҷаҳои он низ воҳидҳои фразеологие дучор мешаванд, ки онҳо ҷузъи асосӣ доранду ҷузъи ғайри асосӣ, яъне вожаи ивазшаванда. Калимаи асосӣ маънои умумии таъбирро васеътар, фаррохтар ва фаҳмотар инъикос менамояд. Ҷузъи ғайриасосӣ бошад барои устувору рехта шудани воҳиди фразеологӣ кӯмак мерасонад: **бо яг тир дъ фохта задан- бо яг тир дъ харгуш задан (**якбора барор гирифтани кор), **дар кала-ш гап бастан - дар по-ш гап бастан (**касеро туҳмат кардан**), ҷун-та бъгивъ бъгрез-хъдита бъгивъ бъгрез (**фирор кардан ба ҷойи бехавф**), ру-ш барқ-барк мекад-ру-ш валас мекад (**ишора ба духтари соҳибҷамол**)** ва ҳоказо.

Чи хеле ки мебинем, дар гӯйишҳои мазкур баъзе унсурҳои луғавии алоҳида дар таркиби таъбирҳо маъноҳои аслии худро аз даст дода, маъноҳои нав гирифта, маънои умумии фразеологизмҳоро тағйир медиҳанд. Онҳо асосан дар шакли ҷумлаҳои фразеологӣ меоянд. Чунин воҳиди грамматикӣ чун муродифи вожа ё ибораи алоҳида, сарфи назар аз таркиби худ, як мафҳум ё як фикри тамомшударо ифода менамоянд. Чунин вариантҳои фразеологиро вариантҳои фразеологии ҳамқолиб меноманд.

Бояд қайд кард, ки дар забоншиносии тоҷик перомуни вариантҳои фразеологии ҳамқолиб тадқиқотҳо ниҳоят каманд.

Забоншинос С. П. Одинаев роҷеъ ба воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб дар маҷаллаи “Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ” таҳти унвони “Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб ба муродифоти фразеологӣ” мақолае ба табъ расонд, ки доир ба воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб андешаҳои худро баён намудааст. Аз ҷумла муаллиф доир ба воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб чунин андеша дорад: “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб чун муродифоти фразеологӣ бо айнияти сохтори наҳвии худ фарқ мекунад. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии “ба аспи ҷаҳл савор шудан”, “бо аспи қаҳр савор шудан”, “бо аспи

ғазаб савор шудан” на фақат умумияти сохтор, балки умумияти маънова таркиби лексикии ба ҳам наздики ҷузъҳо ва образҳои якхела мушоҳида карда мешавад” (5, с. 126).

Мисолҳое, ки муаллиф овардааст, воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб набуда, вариантҳои фразеологии ҳамқолиб маҳсуб мешаванд.

Баъзан олимон ва пажӯҳишгарон ҳангоми таҳлили паҳлӯҳои мухталифи фразеология аз ин навъи вариантҳои фразеологӣ ёдовар мешаванд. Дар вариантҳои фразеологии ҳамқолиб ҷузъҳо аз рӯйи шакл якхела буда, дар муодили (қолиби) дуюм шумораи ҷузъҳо кам ё зиёд мешавад. Дар ин маврид калимаҳои изофашаванда метавонанд дар аввал ё дар мобайни ҷумла биёянд: **кор барор гъръфт-кор тамоман барор нагъръфт, (**ноомадикор**) дам гъръфтан-камтарак дам гъръфтан (**истироҳат кардан**), яг қад парид-ай ҷо-ш яг қад парид (**тарсидан**), съҳбат қур гъръфт-съҳбат дар хуна қур гъръфт (**сухбати самимии наздикону пайвандон дар хона**), кора лой кадан-кори яг бечора-ра лой кадан(**касеро, ё бечораеро ба туҳмат гирифтор намудан**), вахт надоштан- вахти сархорӣ надоштан** (ин ибора ба серкории шахс далолат мекунад), **тоқира качала бундан-тоқира пешпъру бундан** (мағруру ҳавобаланд шудан) ва ғайраҳо.

Вариантҳои фразеологии ҳамқолиб аз рӯйи ифодаи маъно дар гӯйиши ин мардум ду хел ба назар мерасанд:

1. Воҳидҳои фразеологие, ки маънои умумии таъбир ба маънои ҷузҳои таркибии он қароботи маъно ҳис карда мешавад: **вахт расидан-вахти мурдан расидан/вахти зангирӣ расидан (**фаро расидани айёми сарсонию саргардонӣ**), саръпо бурдан –саръпойи арус-а бурдан (**бурдани ҷиҳози арӯс**), тайи ов кадан-тайи ови хънък кадан (**оббозӣ кардан бо оби хунук**) товун додан- товуни зарара додан (**товони зарари расондаро ҷуброн намудан**), хъш надоштан-ҳъш дар сар надоштан (**қувват надоштан; фаромӯшхотир шудан**)** ва ғайраҳо аз қабили он воҳидҳои фразеологиеанд, ки аз тарафи соҳибони лаҳҷа тафсир дода шуда, дар ҷумла барои тавсеаи маънӣ хизмат мекунанд.

2. Як қисмати муайяни вариантҳои фразеологии мавриди назар дар лаҳҷаи мазкур дар гардишанд, ки ба маънои ҷузъҳои доҳили ибора , ё ҷумла умумияти маъноӣ надоранд. Маънои умумии вариантҳои фразеологиро аз калимаҳои дохилии он фаҳмидан корест мушкил: **съмб-ъш зъмин-а намебина- съмб-ъш не шавъ не руз зъмин-а намебина (**шабу рӯз кору меҳнат кардан**), сарпечи сар шидан-сарпечи сари мо шид ан (**касеро азобу ранҷдодан**), гура сухтан-гуръ қиёмата сухтан (**гуноҳе содир намудан**), ба осмун вардоштан- ба осмуни ҳафтъм-а вардоштан (**касеро аз ҳад зиёд таърифу тавсифнамудан**), сар-ш-а хурд - сари ата-въ оча-ш-а хурд (**киноя ба фарзандест, ки волидонаш дар ғамуфироқи ӯ ҷон ба ҷаббор супориданд**), бърут-о-ш-а тавар намебра – бърут-о-ш-атавари тез ни намебра (**ишора ба шахси аз ҳад зиёд мағрур**)** монанди инҳо. Устуворию муъҷазбаёнӣ ва образнокӣ дар ибораҳои номбурда нисбат ба ибораҳои гурӯҳи якум дар пояи баланд меистад.

Вариантҳои фразеологии ҳамқолиб аз ҷиҳати ҷой иваз намудани ҷузъҳои таркиби онҳо дар лаҳҷаҳои мавриди назар се навъ мешаванд:

1. Воҳидҳои луғавии илова шаванда дар аввали ҷумлаи фразеологӣ омада, дар аксар мавридҳо ба вазифаи пуркунанда ва ё мубтадо меояд**: лесък зад-бари ру-ш-а- лесък зад (**ба намуди зоҳирии худ аҳамият додан**), сийай лағат кад-дъла сийай лағат кад (**сахт тарсидан, ба ҳарос афтодан**), гардан тофтан-ай кор гардан тофтан(**кор накардан, саркашӣ намудан**), ов гъръфтан-зардолуво ов гъръфтан(**ба пухтан наздик расидани меваҳо**), хушомад гуфтан-ай тарси ҷун-ш-а хушомад гуфт ан(**тамаллуққорӣ кардан**), гъл-да умадан-дърахто гъл-да умадан (**айёми гул кардани дарахтон**), афтов тофтан-чъшми афтов тофтан(**намоён шудани офтоб аз зери абр**), панча задан-ай кънда панча задан(**аз кундаи дарахти буридашуда сабзидани навдаҳои нав**) нохун кадан –домрара нохун кадан (**навохтан**,** навохтани думбра**)** ва монанди инҳо**.** Ин намуди вариантҳои фразеологии ҳамқолиб дар лаҳҷаи мавриди назар он қадар зиёд нестанд.

2. Дар мавриди дар мобайни ҷумла омадани калима ё ибораи изофашаванда ё аъзои тафсилӣ ба вазифаи муайянкунанда, баъзан ба ин вазифа ҳол низ омаданаш мумкин аст: **кор-а чъгел кадан-кора тамоман чъгел кадан (аз** ӯхдаи иҷрои кори супоридашуда набаромадан**), занаки ғавс- занаки къндаи ҷувозворӣ ғавс (**зани ниҳоят фарбеҳ**), калтаи гап- калтавъ кутайи гап (**хулосаи калом**), лавъ лаҷа доштан-лавъ лаҷаи хуб доштан (**истеъдодихуби суҳбаторӣ доштан**), ғам хурдъм-ғамхои търа хурдъм (**дар ташвинмондан**), ранги бъз мепара-ранги бъзи нахчирворӣ мепара (**аз ҳад зиёдқобилу чолок будан**), дарак ёфт- дараки ховар-ша ёфт (**аз аҳволи ҳоҳараш бохабар шуд**), хъд-а дур гъръфт- хъда ай одамо дур гъръфт (**муносибат надоштан ба ҳаққуҳамсояҳо**), дъсти холӣ умадан-дъсти холӣ**

ба хунаи апа-ш-а умадан (бе дастовез омадан ба хонаи наздикону пайвандони худ**), одами наздик-одами ба дъл наздик (**киноя ба дӯстони наздик**), афтов шишт-афтов дар сари кӯ (кӯҳ) шишт (**офтоб дар сари кӯҳҳуруб кард**), ҷун кандан-ҷуни сия кандан (**меҳнат кардан; азобу ранҷ кашидан**), лаҷум-а кашидан- лаҷуми сънор-а кашидан (**пеши роҳи қиликҳои келинро гирифтан**), сагвори мурдан-саги қанчиқвори мурдан (**ишора ба тарзи вафот кардани одамонибадахлоқ**), дур дохтан-саги сервори дур дохтан(**худро ба нодонӣ задан**), ними гушт-ъм рехт-ними гушти тана-м рехт (**аз ҳад зиёд ғам хӯрдан; дарташвиш мондан) ва ғайраҳо**.**

Чи хеле ки мебинем, ин намуди вариантҳои фразеологии ҳамқолиб дар лаҳҷаи мавриди назар хеле зиёд дучор мешаванд.

3. Аъзои тафсилии вариантҳои фразеологии ҳамқолиб дар ҷумла ҳамчун муродиф иштирок менамоянд. Дуруст аст, ки чунин ибора ва ҷумлаҳо он қадар зиёд нестанд: **овози хуб дора-овози бълбъл дора (**ҳофизи хушовоз**), хъдира ба хов задан-хъдира ба хуна задан (**баҳона кардан**), ранги гълворӣ хъшру-ранги паривори хъшру (**муродифи "ру-ш валас мекад"), **парвои фалак надора-парвои дънё надора (**киноя ба одами бепарво**), пъшт-ъш зъмина намебина (**киноя азпаҳлавони номвар, ки мағлуб намешавад**)-съмб-ъш зъмина намебина (**барои иҷрои кор сарсону саргардон шудан**)** ва ҳоказо**.**

Аз маводҳои овардашуда аён аст, ки аксари чунин вариантҳои фразеологӣ мафҳумҳоеро ифодагаранд, ки ба мазмуни ҷузъҳои таркибии онҳо умумияти маъноӣ доранд, вале ба ин нигоҳ накарда, дар онҳо образнокии сухан, муъҷазбаёнӣ нақш баставу суфта шудааст. Ба ин васила, онҳо сухани соҳибони лаҳҷаро зебою форам мегардонанд.

Адабиёт

1. *Виноградов, В. В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины. / В. В. Виноградов // Труды юбилейной сессии ЛГУ, секция филологических наук. - Ленинград, 1946. - С. 45-69.*
2. *Гафарова, К. Т. Структурно-семантический анализ фразеологических единиц с зоонимами и фитонимами в таджикском, немецком и русском языках / К. Т. Гафарова. - Душанбе, 2010. -122 с.*
3. *Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ.Дӯстов. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 158 с.*
4. *Қодиров, Д. С. Структурно – грамматическая характеристика диалектной фразеологии. (на материале дарвозного говора таджикского языка) / Д. С. Қодиров. – Душанбе, 2007. - 24 с.*
5. *Одинаев, С. П. Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолиб ба муродифоти фразеологӣ / С. П. Одинаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. - №2 (74). - С. 125-128.*
6. *Осимова, Б. А. Воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи Хуҷанд / Б. А. Осимова. - Душанбе, 2004. -23 с.*
7. *Раҳмонова, Н. Ш. Соматические фразеологические еденицы в таджикском и русском языках: автореф. дис. . . . канд. филол. наук // Н. Ш. Раҳмонова. – Душанбе, 2006. – 22 с.*
8. *Саидов, Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ. Қисми 1. / Р. Саидов. – Душанбе, 1991. – 143 с.*
9. *Ҷалилов, Ҳ. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксии онҳо / Ҳ. Ҷалилов. - Душанбе: Ирфон, 1976. – С. 69-71.*
10. *Ҷӯраев, Ғ. Устод Садриддин Айнӣ ва тадвини луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ / Ғ. Ҷӯраев // Ҷашнномаи Айнӣ. - Душанбе, 2003. - С. 48-56.*
11. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе, 2010. - 996 с.*
12. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2010. - 1095 с.*

ВАРИАНТҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Дар мақола сухан доир ба баъзе фразеологизмҳое меравад, ки дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он ҳангоми муомилаву муошират дар як намуд дучор намешаванд. Онҳо шакли худро тағйир медиҳанд. Ҳамин гуногунрангии шаклҳои лексикию грамматикии воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ вариантҳои фразеологӣ ном доранд. Ин гуногуншаклӣ дар гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб дар чор намуд (вариант) дучор шуд: вариантҳои фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва ҳамқолиб. Дар варианти фонетикӣ ягон овози вожа тағйир меёбад, дар варианти грамматикӣ бошад як калима ба калимаи дигар иваз карда мешавад. Дар варианти лексикӣ шумораи ҷузъҳои таркиби ибора ё ҷумлаҳои фразеологӣ метавонад каму зиёд шавад. Вариантҳои ҳамқолиб ҷузъи асосӣ доранду ҷузъи ғайри асосӣ, яъне вожаи ивазшаванда. Калимаи асосӣ маънои умумии таъбирро васеътар, фаррохтар ва фаҳмотар инъикос менамояд.

Калидвожаҳо: вариант, фразеологизмҳо, фонетика, грамматика, лексика, ҳамқолиб, таъбир, вожа, гӯйиш, маъно.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ВАРИАНТЫ В ЮЖНЫХ ДИАЛЕКТАХ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА

В статье говорится о некоторых идиомах, которые не встречаются в таджикском языке и его диалектах в процессе взаимодействия и общения, они меняют свою форму. Одно и то же разнообразие лексических и грамматических форм фразеологизмов в лингвистах называется фразеологическими вариантами. Это разнообразие обнаружено в четырех типах (вариантах) в говорах Кулябского региона: фонетическом, грамматическом, лексическом и им подобных. В лексическом варианте количество элементов словосочетания или фразеологического предложения может быть в большей или меньшей степени увеличено. Подобные варианты имеют базовый элемент и небазовый элемент, то есть слово-замену. Главное слово отражает общий смысл толкования шире, масштабнее и понятнее.

Ключевые слова: вариант, фразеологизмы, фонетика, грамматика, лексика, синонимы, толкование, слово, речь, значение.

PHRASEOLOGICAL VARIANTS IN THE SOUTHERN DIALECTS OF THE KULOB REGION

The article discusses some phraseological units that are not encountered in the same form in the Tajik language and its dialects during communication and interaction. They change their form. This diversity of lexical and grammatical forms of phraseological units is called phraseological variants in linguists. This diversity was encountered in the dialects of the Kulob region in four types (variants): phonetic, grammatical, lexical and homonymous variants. In the phonetic variant, a single sound of a word changes, while in the grammatical variant, one word is replaced by another. In the lexical variant, the number of components of a phrase or phraseological sentence may increase or decrease. Homonymous variants have a main part and a non-main part, that is, a replaced word.

Keywords: variant, phraseological units, phonetics, grammar, vocabulary, synonym, expression, word, speech, meaning.

Дар бораи муаллифон

Гадоев Нурхон
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Усмонова Мунаввара Холиқовна
Дотсенти кафедраи забоншиносӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: munavvarakhalikovna@mail.ru

Об авторах

Гадоев Нурхон
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121

Усмонова Мунаввара Холиковна
Доцент кафедры языкознания
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6
E-mail: munavvarakhalikovna@mail.ru

About the authors

Gadoev Nurkhon
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

Khalikovna Munavvara Usmonovna
Associate Professor of the Department of Linguistics
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadieva street, 17/6
E-mail: munavvarakhalikovna@mail.ru

ТДУ 811.511.2

КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ БО ПЕШВАНДҲО ДАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Сулаймонов И. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рушди забон ва равнақи адабиёти тоҷик дар асри XIII бевосита ба номи мутафаккир ва суханвари маъруф Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ ва “Маснавии маънавӣ”-и оламшумули ӯ зич марбут аст. Муҳаққиқони соҳаи забон ва адабиётшиносии тоҷику эронӣ ба боигарии забони ашъори Мавлавӣ, интихоби мавзуъ, ғояҳо, офаридани образҳои нотакрор, истифодаи воситаҳои забонӣ ва тасвири бадеӣ дар Маснавӣ баҳои баланд додаанд. Шоир дар ин асар ба мавзуъҳои мухталифи фалсафӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ даст задааст, ки масоили мазкур дар осори илмии файласуфону ҷомешиносон ва адабиётшиносон баррасӣ гардидааст.

Забон ва услуби баёни шоир низ дар забоншиносии тоҷик масъалаи муҳимми илмӣ маҳсуб меёбад. Дар ин бахш ҳам баррасиҳои зиёд сурат гирифтааст, вале мақому вазифаҳои сифат дар забони ашъори Мавлавӣ, ба вижа, дар “Маснавии маънавӣ” масъалаи муҳимест, ки таҳқиқи он аз мадди назари забоншиносон берун мондааст. Сифат ҳамчун категорияи нутқ дар грамматика омӯхта мешавад ва он бештар бо аломату хусусиятҳои ашё қаробат дорад. Ин мавзуъ домани густурдаи таҳқиқ дошта, объекти омӯзиши илмҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Масалан, Т.Зеҳнӣ дар “Санъати сухан” пиромуни ин воситаи баён чунин навиштааст: “Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳое ҳастанд, ки як ё якчанд сифати муайян доранд ва ин калимаҳо аксаран бо ҳамин сифатҳои худ якҷоя кор фармуда мешаванд” [5, с. 80], ки он дар адабиётшиносӣ бо номи ***тавсиф*** маъруф аст.

Дар луғатномаҳои лингвистӣ ба сифат чунин таърифро мувофиқ донистаанд: “Сифат гурӯҳи лексикию семантикии калимаҳои номиест, ки аломату хусусияти предмет ва ҳодисаҳоро ифода мекунад. Сифатҳо бе мафҳумҳои предметӣ ва предметонидашуда бевосита вуҷуд дошта наметавонанд” [9, с. 397-398]. Ҳамин гуна таърифро забоншиносони рус В.В. Виноградов (Русский язык, 1972) муносиб донистааст. Масъалаи моҳияти сифат ҳамчун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ дар китобҳои сарф ва ё морфологияи забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқони солҳои сиюм ва чилуми садаи XX – С.Ализода, Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов аз нигоҳи сатҳи рушди забоншиносии тоҷик дар ҳамон даврa ба таври умумӣ мавриди сифат ва аломату нишонаҳои он ибрози назар шудааст. Ин масъала ба таври мушаххас ва васеътар дар рисолаи илмии Ш.Ниёзӣ “Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ” [12] таҳқиқ шудааст, ки бисёр нуқтаи назар ва мулоҳизаҳои ин забоншинос дар китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” [3] истифода шудааст. Чунончи, муаллифони ин китоб ба сифат чунин таъриф додаанд: “Сифат аломат ва чигунагии предметро мефаҳмонад”. Таъкид карда мешавад, ки “Аломатҳои хоси он одатан дар дохили ибора равшан зоҳир мегардад” [3, с. 132].

Муҳаққиқон семантикаи махсус доштани сифат, дар се дараҷа (одӣ, қиёсӣ ва олӣ) воқеъ шудани он, дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омадани ин ҳиссаи нутқро зикр намуда, пешванду пасвандҳои махсус доштани сифатро таъкид кардаанд [3, с. 132]. Сифатҳо аз рӯйи маъно ва тарзи сохташавияшон ба ду гурӯҳи калон: сифатҳои аслӣ ва сифатҳои нисбӣ тасниф мешаванд.

Сифатҳои аслӣ аломати бевоситаи ашёро ифода мекунад, ки ин хусусияти онҳо дар баробари ба шакли луғавӣ мансуб будан, инчунин ба шаклҳои гуногуни сохторияш низ мутааллиқ мебошад. Сифатҳои нисбӣ бошад, аломат, хосият ва чигунагии предмету ҳодисаҳоро аз рӯйи муносибати ба предмете ё ҳодисае доштани онҳо мефаҳмонад, ки ин муносибат ду хел мешавад: а) нисбат ба шахс; б) нисбат ба предметҳои ғайришахс” [3, с. 133]. Дар забони тоҷикӣ сифатҳо ва бештар аз исмҳо бо илова шудани пасвандҳои **–ӣ, -ин, -нок, -фом, -она, -манд** ва пешвандҳои **бо-, бе-** ва **но-** сохта мешаванд. Масъалаи калимасозии сифат мавзуи домандор буда, ҳадафи мақолаи мазкур таҳқиқи масъалаи калимасозии сифатҳои аслӣ бо пешвандҳо дар заминаи маводи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ мебошад.

Дар забони достону ҳикоёти “Маснавии маънавӣ” бо роҳи морфологӣ, яъне тавассути пешванду пасвандҳо сохта шудани сифатҳои аслӣ падидаи хеле фаъоли калимасозии сифат

маҳсуб меёбад. Дар забони асар сохтани сифатҳои аслӣ ба воситаи чаҳор пасванд: ***бе-, бо-, но-, бар-*** сурат гирифтааст, ки маҳсулнокии сеи аввал - ***бе-, бо-, но-*** қобили таъкид аст, вале пасванди ***бар-*** бемаҳсул буда он ҳамагӣ дар бунёди ду сифати нав хизмат кардаасту халос. Масалан, истифодаи пешванди ***бе-*** дар сохтани 130 калимаи сифатӣ, пешванди ***бо-*** дар 20 вожаи аналогӣ ва пешванди ***но-*** дар бунёди 35 унсури луғавии сифатӣ ба қайд гирифта шуд.

1) Пешванди бе-. Сермаҳсултарин пешванди сифатсоз мебошад, ки он аз исмҳо сифатҳои аслие сохтааст, ки ба аломате соҳиб набудани асосро мефаҳмонад. Таҳиягарони “Фарҳанги забони тоҷикӣ” зимни шарҳи морфемаи ***бе-*** нигоштаанд, ки “дар аввали исмҳо омада, ба онҳо шаклу маънии сифатӣ ва инкорӣ медиҳанд” [20, с. 166]. Бояд гуфт, ки дар бобати сифат сохтани ин морфема ҷойи шакку шубҳа нест, вале бо андешаи “маънии инкорӣ медиҳад” гуфтанашон чандон розӣ нестем. Чунки категорияи инкор хоси исму сифат набуда, он ба феълҳо мансуб мебошад. Истифодаи ***бе-*** вуҷуд надоштан ва ё молик набудан ба чизе ё мафҳуме далолат мекунад. Агар аз нигоҳи фалсафа ба ҳалли ин мушкилот наздик шавем, он танҳо дар мавриди муқобилгузории феълҳои ***будан*** ва ***набудан*** то ҷое ҳамон вақт мувофиқат мекунад, ки агар пешванди ***бе-*** ҷои пешванди ***на-//не-***ро пурра иваз карда тавонад. Соҳиб набудан ва ё надоштани ин ё он аломат маънои инкор карданро надорад. Ашё дар маконе ҳаст ва дар ҷойи дигар нест, ин ҷиҳат ба маънои сифатии он аломат низ мутааллиқ мебошад. Баръакси вазифаҳои ин морфемаро зимни ифодаи мафҳуми соҳиб будан ва доро будан ба чизе пешванди ***бо-*** адо мнамояд, ки дар ин хусус Н.Гулзода дар рисолаи “Ифодаи категорияи соҳибият дар забони тоҷикӣ” (2010) фикрҳои ҷолиб баён кардааст. Бояд зикр намуд, ки монандии пешванди инкории ***на-//не-,*** ки ба феъл хос аст, бо морфемаи сифатсози ***но-*** барои нопурра ҳал гардидани масъалаи мазкур боис шудааст. Ташаккули сифатҳои аслӣ бо ширкати исмҳои моддӣ ва маънӣ сурат мегирад. Чунончи, қолаби ***бе- + исмҳои моддӣ*** ба мавҷуд набудани ашё далолат кардааст: ***бенаво, беоб, бепо, бесар, бедаст, беранг, беватан, безанг, беолат, бечориҳа, безабон, беалаф, бепашм, белибос, бемӯ, бесуфра, бесурат*** ва монанди инҳо. Чанд мисол:

Ту маро дар дардҳо будӣ даво,
Ман намехоҳам, ки бошӣ ***бенаво*** [24, с. 162].
Ҳамчу оҳан з-оҳане ***беранг*** *шав,*
Дар риёзат ойинай ***безанг*** *шав* [24, с. 223].
Сонеъи ***беолату бечориҳа****,*
Воҳиби ин ҳадяҳои роҷиҳа [24, с. 240].
Аз ту бар ман тофт, чун дорӣ ниҳон,
Мефишонӣ нур чун маҳ ***безабон*** [24, с. 240].
Белибос *ин хобро андар канор,*
Хуш дарорем, эй адуви ***нобакор*** [25, с. 92].

Қолиби сифатсозии ***бе- + исмҳои маънӣ ва исмҳои амал*** хеле сермаҳсул мебошад. Чунин сифатҳо бештар барои ифодаи мафҳуми молик набудан ба хислате, аломати маънавие ва шакли фаъолияте дар матни асар ба кор рафтаанд, ки ин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, сифатҳои ин бахшро ба ду гурӯҳ тақсим мекунем: а) ***бе- + исмҳои маънӣ***; б) ***бе- + исмҳои амал.*** Бо исмҳои маънӣ сохтани сифатҳои аслӣ қолиби хеле серистеъмол ба шумор меравад. Чунончи: ***бешукр, бебок, беадаб, бехирад, беимон, беҳуда, бетааммул, беақл, бемурод, беҳуш, бениёз, беғалат, бемақсуд, бечон, беҳунар, беҳиммат, бетамиз, бемаънӣ, беилҳом, бенуқсон, беиллат, бетамкин, бесафо, бемисл, беназир, беқиёс, бегуноҳ, бехилоф, бефоида, бехабар*** ва амсоли инҳо. Чанд мисол:

З-он ки бешукрӣ шуму шанор,
Мебарад ***бешукр****ро дар қаъри нор* [24, с. 76].
Гар вазифа боядат роҳ пок кун,
Ҳин, биёву дафъи он ***бебок*** *кун* [24, с. 90].
Дар ҳавои ишқи Ҳақ рақсон шавад,
Ҳамчун қурси бадр ***бенуқсон*** *шавад* [24, с. 100].
Бонг мезад, к-эй Худои ***беназир****!*
Бас, ки аз шарм об шуд ***бечора*** *пир* [24, с. 149].
Мӯ ба мӯ бинад зи сарфа ҳирси мо,
Рақси ***бемақсуд*** *дорад ҳамчу хирс* [25, с. 12].
Дар забон номи Ҳақу дар ҷони ӯ,
Гандҳо дар фикри ***беимони*** *ӯ* [24, с. 271].

Сохта шудани сифатҳо бо қолаби **бе- + исмҳои амал**: ***бекор, безаҳмат, беранҷ, бетараддуд, беравнақ, бечора, бехатар, беамал, беқарор, бесукун, бемаҷол*** ва монанди инҳо. Чанд мисол:

Он ки ӯ шоҳ аст, ӯ ***бекор*** *нест,*
Нола аз вай турфа, к-ӯ бемор нест [24, с. 128].
Абри Мусо парри раҳмат баргушод,
Пухтаву ширини ***безаҳмат*** *бидод* [24, с. 239].
Бетараддуд *меравад дар роҳи рост,*
Раҳ намедонӣ, биҷӯ, гомаш куҷост [25, с. 31].
Рӯзии ***беранҷи*** *ӯ мавқуфи чист?*
Он, ки бикшад говро асли бадист [25, с. 129].

Пешванди бо-. Дар забони ҳикоёти Маснавӣ бо пешванди ***бо-*** аз исмҳо сохта шудани сифатҳои асли зуҳуроти сермаҳсул ба шумор меравад. Дар маводи фароҳамомада гунаи овозии он ***ба-*** амсоли ***бомаънӣ//бамаънӣ, боҳиммат//баҳиммат***, ки дар забони адабии муосир мустаъамал аст, ба мушоҳида нарасид. Морфемаи мазкур ба ягон аломату хусусият соҳиб будани ашёро мефаҳмонад. Дар ФЗТ ба панҷ маънои омонимӣ (ҳарф, пешоянд (бо панҷ маънову вазифаҳои грамматикӣ), шакли кӯтоҳшудаи "абу", ош (оши моеъ), кӯтоҳшудаи ***бод*** [20, с. 188] тавзеҳ тавзеҳ ёфта бошад ҳам, доир ба вазифаи пешвандии он чизе гуфта нашудааст. Дар ин луғат шарҳе, ки нисбат ба пешванди ***ба-*** ҷоиз донистаанд, пурра ба гунаи овозии он – ***бо-*** тааллуқ дорад: "Ба – префикс дар аввали исм омада, доро будан ба чизеро мефаҳмонад ва маънии суффиксҳои ***–манд, -нок***ро ифода мекунад" [20, с. 124]. Ин пешванд аз рӯйи маъно ба пешванди ***бе-*** муқобил меистад ва дар сохтани антонимҳои морфолигии типи ***боэътимод - беэътимод, боэҳтиром - беэҳтиром*** ва монанди инҳо нақш дорад. Дар намунаҳои гирдовардаи мо қолаби ***бо- + исмҳои маънӣ*** ба мушоҳида расид. Чунончи, корбурди сифатҳои аслии монанди ***боқимат*** (арзишманд), ***боадаб*** (хушхулқ, бошарм, боҳаё; боҳунар)***, бохабар*** (воқиф, хабардор, огоҳ), ***боато*** (сахӣ, саховатманд, инъомдеҳ), ***бовафо*** (дар аҳду паймон, меҳру муҳаббат устувор, содиқ)***, босафо*** (тоза, пок, равшан), ***болутф*** (бомалоҳат, назокатманд; соҳибэҳсон, босахо), ***боақл*** (соҳибхирад, зирак, доно)***, бохирад*** (боақл, фозил, хирадманд), ***боҳиммат*** (ҷавонмард, сахопеша, боазм)***, ботамиз*** (боақл, соҳибхирад), ***бомаънӣ*** (соҳибфикр, ориф)***, боиқбол*** (хуштолеъ, некбахт), ***бонеъмат*** (соҳибмол, сарватманд, хайркунанда, сахопеша), ***бошукӯҳ*** (шавкатманд, соҳибҷалол; боҳайбат, тавоно, пуркувват) ва ғайра ҳам дар забони адабиёти классикӣ ва низ дар забони адабии ҳозира падидаи маъмул мебошад. Чанд мисол:

То ғилоф андар бувад ***боқимат*** *аст,*
Чун бурун шуд сӯхтанро олат аст [24, с. 62].
Ҷумла гуфтанд, эй ҳакими ***бохабар,***
Алҳазар, даъ лайса юғно ъан қадар [24, с. 74].
Чун табақ холӣ шуд, он кӯдак ситад,
Гуфт: "Динорам бидеҳ, эй ***бохирад*** [24, с. 278].
Он дигар гуфт осмони ***босафо,***
Кай кашад дар худ замини тираро [24, с. 167].
Тифл шуд мактаб пайи касби ҳунар,
Бар умеди мурғи ***болутфи*** *падар* [24, с. 185].
Он чи ***бомаънис****т худ пайдо шавад,*
В-он чи пӯсидаст он расво шавад [24, с. 62].

Аммо тарзи зерини ибораи сифатӣ сохтан – ***боатои бовафо, босукуни боадаб, хуби бохабар*** далели адиби таҳқиқгару забондон будани Ҷалолидини Балхӣ мебошад. Тавассути чунин қолаб сифати аслии дуюм барои тавзеҳ ёфтан ва мушаххас гардидани маънои сифати аслии якум хизмат кардааст. Мисолҳо:

Эй Худои ***боатои бовафо,***
Раҳм кун бар умри рафта дар ҷафо [24, с. 149].
Ин замини ***босукуни боадаб,***
Андарорад зилзилаш дар ларзу таб [24, с. 97].

Пешванди но-. "Дар сохтани сифат нисбат ба префиксҳои дигар сермаҳсул ва серистеъмол мебошад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозад, ки акси маънои асос, молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунгад ва ё ҳолати предметро мефаҳмонад" [3, с. 144]. Дар осори илмӣ панҷ роҳи аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм, сифат, асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл, аз сифати феълӣ сохта шудани сифатҳои аслӣ бо пешванди ***но-***

қайд шудааст, ки дар мисолҳои гирдовардаи мо падидаи аз исм, сифат ва асоси феъли замони ҳозира сохта шудани сифати аслӣ бештар ба назар мерасад: **а) қолаби пешванди но + исм = сифати аслӣ** каммаҳсул мебошад: ***номард*** (нокас, ноинсоф, беғайрат), ***нокас*** (ноодам, разил, номард, фурӯмоя), ***номаҳрам*** (ғариб, бегона, маҷозан: никоҳрас), ***ноҷинс*** (нокас, номард, разил, бадзот***), нохалаф*** (ноасл, разил, ноқобил, фарзанди бад), ***навмед//ноумед*** (маъюс, ғамзада). Мисолҳо:

Гуфт: "Шоҳаншаҳ кӣ бошад? Шарм дор,
Пеши ман ту ёди ҳар ***нокас*** *маёр!* [24, с. 90].
Ҳар кӣ бебокӣ кунад дар роҳи ***дӯст,***
Раҳзани мардон шуду ***номард*** *ӯст* [24, с. 26].
Чунки ***номаҳрам*** *дарояд аз дарам,*
Парда – дар пинҳон шаванд аҳли ҳарам [24, с. 161].
В-ар шавам ***навмед*** *навмедии ман,*
Айни сунъ аз нафси сонеъ чун барад [24, с. 317].

б) Қолаби пешванди но+сифат=сифати аслӣ сермаҳсул мебошад: ***нохуш*** (бемор, бадҳол, бад, дилтанг, нофорам), ***номуборак*** (шум, бехосият, бадбахт, бадбахтиовар), ***нобино*** (кӯр, бечашм, бебасар), ***номуносиб*** **(**нолоиқ, ношоиста, носазовор, номаъқул***), нолоиқ*** (номувофиқ, ношоиста, номуносиб, носазовор, номаъқул), ***номувофиқ*** (нолоиқ, ношоиста, номуносиб, носазовор, номаъқул), ***ноаҳл*** (номуносиб, нолоиқ, ноқобил; паст, бадҷинс, нокас, нобакор), ***номаъқул*** (нописанд, номақбул), ***ношинос*** (ноошно, бегона; бетаҷриба, бехабар), ***ногувор*** (бадҳазм, нофорам; маҷозан: номуносиб, нописанд, нохуш, номувофиқ), ***нопайдо*** (пинҳон, диданашаванда), ***нозебо*** (зиштрӯй, бадшакл, бадрӯй), ***нопадид*** (ғоиб, нопайдо, диданашаванда), ***носолеҳ*** (нопок, бадахлоқ, фосиқ), ***нораво*** (ноҷоиз, номумкин; номуносиб, нолоиқ), ***носаҳеҳ*** (нодуруст, ғалат, хато), ***нопок*** (олуда, чиркин; маҷозан: бадахлоқ, бадкор), ***номаълум*** (ноаён, пӯшида, номафҳум), ***нотамом*** (нопурра, нокомил; бонуқсон), ***нохушнаво*** (дуруштовоз, бадовоз) ва монанди инҳо. Аз тавзеҳи маънои калимаҳои боло бармеояд, ки ***пешванди но-*** бо калимаҳои сифатии қутби мусбатдошта ҳамроҳ омада, ба онҳо оҳанги маъноии манфӣ ва ё надоштану набудани аломату хусусиятро бахшидааст. Шоири дақиққор бо мақсади роҳ надодан аз такрори бемавриди як калима корбурди вариантҳои гуногуни морфологии калимаҳоро меписандад: ***номуносиб – номувофиқ – ноаҳл – номаъқул –нолоиқ; нопайдо – нопадид,*** Чанд мисол:

Ҳар кӣ ӯ бинҳод ***нохуш*** *суннате,*
Сӯйи ӯ нафрин равад ҳар смоате [24, с. 64].
Номуборак *хандаи он лола буд,*
Аз даҳони ӯ сиёҳӣ дил намуд [24, с. 63].
Пойи ***нобино*** *асо бошад, асо,*
То наяфтад сарнигун ӯ бар қасо [24, с. 146].
З-он ки ин дамҳо чӣ гар ***нолоиқ*** *аст,*
Раҳмати ман бар ғазаб ҳам собиқ аст [24, с. 178].
*Гуфт: "****Ноаҳлон*** *накардандат ба соз,*
Пар фузуд аз ҳадду нохун шуд дароз [24, с. 274].
Чун равад хоҷа ба ҷойи ***ношинос,***
Дар ғуломи хеш пӯшонад либос [24, с. 337].
Кай парад мурғе магар бо ҷинси х(в)ад,
Суҳбати ***ноҷинс*** *гӯр асту лаҳад* [24, с. 371].
Оқибат ту рафт хоҳӣ ***нотамом,***
Корҳоят абтару нони ту ***хом*** [25, с. 14].

в) **Қолаби пешванди но+асосҳои феълӣ=сифати аслӣ** каммаҳсул мебошад: ***нодон*** (бедониш, ҷоҳил; беақл, аҳмақ), ***нопазир*** (қабулнашуда, номақбул, напазируфтан), ***ногушуд*** (кушоданашаванда). Чанд намуна:

Ошиқи ранҷ аст ***нодон*** *то абад,*
Хез, "ло уқсим" бихон, то "фӣ кабад" [24, с. 122].
Ин-т молихулиёи ***нопазир,***
Ин-т лофи ҷому доми гӯлгир [24, с. 319].
Музтариб мегаштаму чора набуд,
Банди ***муҳкам*** *буду қуфли* ***ногушуд*** [24, с. 392].

Пешванди бар-. Ин унсури калимасози сифат дар забони адабии ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, дар забони Маснавии маънавӣ бемаҳсул мебошад ва ҳамагӣ се ҳолати

корбасти он дар калимаҳои ***баръакс*** (муқобил, чаппа, зидди ҳолати аввала), ***барҷаста*** (намоён, лоиқ, муносиб), ***барсохта*** (сунъӣ, қалбакӣ) ба қайд гирифта шуду халос. Пешванди мазкур сифатҳое месозад, ки ба ягон аломат доро будани будани ашёро ифода мекунанд ва ё аломати дар реша номбаршударо қувват медиҳад. Мисолҳо:

Гуфт: "Бедорам чаро кардӣ ба ҷид?
Рост *гӯ бо ман, магӯ* ***баръаксу зид*** [24, с. 400].
Бар ҳамон дар ҳамчун ҳалқа баста бош,
Посбону чобуқу барҷаста *бош* [25, с. 23].
Он ***дурӯғ*** *асту* ***кажу барсохта,***
Сирри он ***кажро*** *ту ҳам нашнохта* [25, с. 143].

Муносибати ҳаммаъноии сифатҳои гуногунсохтор бо сифатҳои сохтае, ки бо пешвандҳо сохта шудаанд. Мафҳуми ҳаммаъноӣ ё наздикмаъноӣ дар забоншиносӣ бо истилоҳи синоним ва дар забоншиносии тоҷик бо термини муродиф маъмул мебошад. Шаклҳои луғавии калима бештар барои ташаккули синонимҳои луғавӣ (нек-хуб-нағз; бад-зишт) мусоидат мекунанд. Вале зуҳуроти муродифшавиро дар доираи васеи он - ҳодисаи синонимия арзёбӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст, зеро зимни он на танҳо калимаҳои мустақилмаъно, балки ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, морфемаҳои калимасозу калимабанд низ дар чунин муносибат қарор мегиранд. Дар заминаи калимасозӣ калимаҳои сифатӣ бештар ба падидаи вариантнокӣ (гунанокӣ), хусусан, гунанокии морфологӣ дучор меоянд. Ғ.Ҷӯраев тавассути пасвандҳои гуногун сохта шудани сифатҳои ҳамрешаро ба вариантнокии морфологӣ мансуб донистааст, зеро дар чунин мавридҳо решаҳо бетағйир мемонанд, вале аффиксҳо ба хусусияти синонимӣ ё қарибулмаъноӣ молик мегарданд *(кабутлем-кабутранг-кабутов-кабутхел-кабутчоп)* [26, с. 241]. Ӯ мулоҳизаҳои шевашиноси рус Л. И. Баранниковаро дар робита ба муносибати вариантҳои морфологӣ ва синонимҳо: "Дар мавридҳои дигар вариантҳои морфологии калима бо айни як реша ба назар мерасанд, ки онҳоро ба ҳеҷ вачҳ синоним шуморидан мумкин нест" [1, с. 104]; ақидаи И.А.Оссоветскийро дар бобати "Дар лаҳҷаҳо барои ифодаи айни як мафҳум, ҳодиса ва реалия ба миқдори зиёд вариантҳо мушоҳида мешаванд. Ин қабил вариантҳо силсилсилаи мураккаби синонимҳоро ташкил медиҳанд, ки қисмҳои алоҳидаи онҳо аз бобати талаффуз ба ҳам наздик буда, аз ҷиҳати маъно ҷудонашавандаанд. Чунин синонимҳо дар нутқ аксаран бетафовут истифода мешаванд" [13, с. 180] ва андешаҳои луғатшинос В.А.Капрановро: "Ба қатори синонимҳо дохил кардани вариантҳои фонетикӣ чунин маънӣ дорад, ки онҳо силсилаи калимаҳои мустақил, баробарҳуқуқ буда, бо васоили калимасозӣ ва имкониятҳои таркиббандии худ фарқ мекунанд" [6, с. 139] таҳлил намуда, ба чунин хулосаи ниҳоӣ меояд: "Чунон ки мебинем, ақидаи олимон дар бобати муносибати варианти калима бо гурӯҳҳои лексикӣ-грамматикӣ (аниқтараш, синонимҳо) дар як нуқта қарор намегирад. Воқеан, дар забон, махсусан, дар нутқи шевагӣ калимаҳои наздикталаффуз-умумимаъно ниҳоят фаровонанд. Вале агар ҳар кадоми онҳоро ба сифати як воҳиди томи луғавӣ қабул кунем, он гоҳ ба сарҳисоби силсилаи калимаҳои синонимӣ намеравем ва ҳол он ки на ҳамаи калимаҳои наздикталаффуз муродифи якдигар шуда метавонанд" [26, с. 241]. Аз ин ҷо бармеояд, ки вариантҳои фонетикӣ ҷузъи мустақили силсилаи муродифӣ буда наметавонанд, вале чун синоними калима эътироф намудани гунаҳои морфологӣ то ҷое заминаи воқеӣ дорад.

Дар Маснавӣ гунаҳои морфологие, ки қатори калимаҳои синонимӣ ва ё наздикмаъноро ташкил медиҳанд, хеле зиёд ба назар мерасад. Ин шаҳодати он аст, ки Мавлоно аз тамоми имкониятҳои забони адабӣ ва забони зиндаи халқ истифода бурдааст, то ки фикри бикру тозаеро баён созад. Зимни ифодаи зуҳуроти ҳаммаъноӣ ва ё қаробати маъноӣ пайдо кардани вожаҳои сохта дар матни ҳикоёти Маснавӣ мо якчанд навъи муносибати муродифӣ пайдо кардани калимаҳои сохтаро мушоҳида мекунем: а) агар решаи калимаҳо ҳаммаъно бошанд, пешвандҳои сифатсози ***бе-, но-*** барои ифодаи маънои умумии соҳиб набудан ба аломат ва ё хусусияте далолат мекунад. Агар дар байни асосҳо муносибати ҳаммаъноӣ ва ё қаробати маъно мавҷуд бошад, пас бо қабули пасванди ***бе-*** чунин муносибат ҳамоно устувор мондан мегирад: Чунончи, бо **пешванди бе-** сохта шудани силсиласинонимҳои дуаъзогӣ ва бисёраъзогии зеринро мушоҳида мекунем: ***бемисл–беназир - беқиёс; бехеш-бехуд; беҳад-беканор беқувват-бемаҷол безабон-бебаён; баҳангом-бевақт; бемисл-беназир; бепоён-бубун-бемунтаҳо-беинтиҳо; бегуноҳ-бенуқсон-беғалат-беиллат; беақл-бетамиз; бесабр-бетааммул-беқарор; бедаво-бедармон; беҳис–бефикр–беҳуш-беёд; беинтиҳо–бемунтаҳо–бебун; бешумор–беадад–беҳисоб; бенақш–бесурат, бефоида-беҳуда*** ва ғайраҳо. Мисолҳо:

Гург худ чӣ саг бувад, ки хеш дид,
Пеши ман чун шери ***бемисл****е надид* [24, с. 200].
Он тақозои ду чашми дил шинос,
К-ӯ ҳамеҷӯяд зиёи ***беқиёс*** [24, с. 261].
То ҳамегуфт: "Он Калилай ***безабон,***
Чун сухан нӯшад зи Димнай ***бебаён?*** [24, с. 458].
В-ар суолатро басе фоидаҳост,
Пас, ҷаҳон ***бефоида*** *охир чарост?* [24, с. 315].
Дӯст дорад ёр ин ошуфтагӣ,
Кӯшиши ***беҳуда*** *беҳ аз хуфтагӣ* [24, с. 128].

Ҷуфтҳои синонимии таркибашон якхелаи ***бешумору беадад*** (хеле зиёд), ***бесару бепо*** (бераҳнамо), ***бедилу беиштиҳо*** (дили нохоҳам), ***беравнақу бетоб*** (касод шудан), ***бебору бар*** (беҳосил), ***бебару отил*** (маҳрум, ҷудо) ва ҳоказо дар қолаби таркибҳои фразеологӣ барои ифодаи таъкиди фикр ва чун воситаи муассири ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба мақсади гузошташуда хизмат кардаанд. Чанд мисол:

Муъҷизоташ ***бешумору беадад,***
Мавҷи бахшоиш мадад андар мадад [25, с. 78].
Мунбасит будему якҷавҳар ҳама,
Бесару бепо *будем он сар ҳама* [24, с. 61].
В-ар бихӯрдӣ ***бедилу беиштиҳо,***
Ин бувад пайвандии ***беинтиҳо*** [24, с. 339].
Ҷони бобо, чунки соҳир ***хоб*** *шуд,*
Кори ӯ ***беравнақу бетоб*** *шуд* [24, с. 66].
З-он зи шохи маънии ***бебору бар*** [24, с. 461].
Ин сабабро он сабаб омил кунад,
Боз боре ***бебару отил*** *кунад* [24, с. 70].

Зоҳидону шайхонро ба ду категорияи ба ҳам муқобил – асил ва риёӣ ҷудо карда, Мавлоно ба илму дониш, дараҷаю мартаба ва қудрату тавоноии зоҳидони ҳақиқӣ боварӣ дорад ва андешаҳои бадро нисбат ба ин тоифа намеписандад. Дар намунаи дигар ӯ муродифҳои ***ғофилу бехабар***ро ба қатори кофирону мурдагоне, ки намедонанд, намефаҳманд, вале дар таънаву буҳтон ҳамто надоранд, дохил намуда чунин навиштааст:

Кист кофир? ***Ғофил*** *аз имони шайх,*
Кист мурда? ***Бехабар*** *аз ҷони шайх* [24, с. 441].

Вожаи ***бехабар*** (1. касе, ки аз чизе хабар надорад, ғофил, дар ғафлатмонда; 2. киноя аз зоҳид, шайх)-ро гирем, ки нисбат ба дигар калимаҳои ҳамқолаб серистеъмолтарин сифати аслӣ маҳсуб ёфта, дар Маснавӣ 25 ҳолати истифодашавӣ дорад. Дар ин намуна ***бехабар*** ба маънои аслӣ корбаст шудааст, чунки бемор будан ҳам як роҳи бехабар мондан аст:

Мондаам аз зикру аз авроди х(в)ад,
Бехабар *гаштам зи хешу неку бад* [24, с. 392].

Дар бисёр ҳолатҳо адибони тариқат, ки бисёр гуфтору амалҳояшон дар фаҳмиши масъалаҳои динии ирфонӣ пардапӯшонаву рамзӣ сурат мегирад, шайху зоҳидони риёиро барои нарасидан ба умқи масъала ба таври нарму мулоим ва киноямез ***бехабар ё бехабарон*** ном мебаранд:

Дар назарбозии мо ***бехабарон*** *ҳайронанд,*
Ман чунинам, ки намудам, дигар эшон донанд [20, с. 178].

Сабки Мавлони Рум дар истифодаи пешванди ***бе-*** ҳадафмандона сурат гирифтааст, ки мо инро дар намунаи истеъмоли сифати аслии ***кӯр*** (нобино) бо муродифи морфологии он ***бечашм//бечашмтар*** мушоҳида карда метавонем**.** Дар фаҳмиши шоир вожаҳои ***кӯру бечашм*** синонимҳои мутлақ нестанд, гарчанде ки вожаҳои ***нобино*** ва ***бебасар*** онҳоро дар як силсилаи муродифӣ муттаҳид менамояд. Зимни истифодаи калимаи ***бечашм*** (бебасар) тобиши маҷозии он: "бехабар, бевуқуф, он кӣ аз ҳақиқатбинӣ маҳрум аст" [20, с. 167] дар назар дошта шудааст, зеро надидани ашё ва ҳаводис табиатан ба тоифаи кӯрон хос аст, вале ***бечашм*** (бебасар) ба одамоне, ки мебинанд, вале дарк намекунанд, яъне бехабаранду дар ғафлат мондаанд, ё худро нодида меангоранд, тааллуқ дорад. Вазифаи чашм на танҳо дидан аст, балки барои идроки моҳияти воқеаву ҳодисоти зиндагӣ ба майнаи сар ва тафаккур мавод додан аст, ки ин маънӣ дар байти зерин чунин ифода ёфтааст:

Нест худ ***бечашмтар кӯр*** *аз замин,*
Ин замин аз фазли Ҳақ шуд хасмбин [24, с. 386].

Ҳамин зуҳурот айнан ба **пешванди но-** ҳам хос мебошад: ***номуносиб-номувофиқ-нолоиқ-ноҷинс; нокас-номард-нобакор; номақбул-нопазиро; нопайдо-нопадид; носолеҳ-нопок; нодуруст-носаҳеҳ-нораво; нохуш-ногувор*** ва амсоли инҳо. Чанд намуна:

Номуносиб *менамуд афъоли ӯ,*
Пеши Мусо чу набудаш ҳоли ӯ [24, с. 438].
Он ки аз боде равад аз ҷо, хасест,
З-он ки ***боди номувофиқ*** *худ басест* [24, с. 242].
Ман шуморо ҳезуми оташ кунам,
Айши рафта бар шумо ***нох(в)аш*** *кунам* [25, с. 52].
Бӯй мекард он даҳонашро се бор,
Ҳеҷ бӯйе з-ӯ наёмад ***ногувор*** [25, с. 15].

Бо ширкати сифатҳои аслии сода ва сифатҳои сохта ҳам ба вуҷуд омадани муносибати ҳаммаъноии сифатҳои аслӣ дар Маснавӣ падидаи маъмулӣ маҳсуб меёбад: ***зишт-нозебо; нодон-аблаҳ; нодон-аҳмақ*** ва ғайра. Мисолҳо:

Зишт *бошад рӯйи* ***нозебо****ву ноз,*
Сахт *бошад чашми* ***нобино****ву дард* [24, с. 133].
Дар биёбоне, ки чоҳи об нест,
Мекунад киштӣ, чӣ ***нодон аблаҳ****ест* [25, с. 142].
Узри ***аҳмақ*** *бадтар ҷурмаш бувад,*
Узри ***нодон*** *заҳри ҳар дониш бувад* [24, с. 90].

Баръакси пешвандҳои ***бе-*** ва ***но-*** морфемаи сифатсози ***бо-*** мафҳуми соҳиб будан ба аломат ва ё хосияте ишора мекунад, вале муносибати ҳаммаъноии сифатҳои аслии сохта бо ин пешванд мисли пешвандҳои мазкур мебошад. Истифодаи сифатҳои аслӣ, ки бо пешванди ***бо-*** сохта шудаанд, амсоли ***бокару бофар, боақлу боимкон***, мафҳуми доро будан ба аломатеро дар таркибҳои ҷуфтистеъмоли наздикмаъно равшантар инъикос намудааст. Пешванди ***бо-*** дар таркибҳои ҷуфтистеъмоли амсоли ***болутфу карам***, ***болутфу ҷуфт, боиқболу бахт*** ба ҳар ду ҷузъ баробар тааллуқ дорад. Масалан: ***боақл-ботамиз-бохирад; боҳазар-бопарҳез; бокарру бофар; боиқболу бахт; болутф-бокарам-боҳиммат-бонеъмат*** ва монанди инҳо. Чанд мисол:

З-он ки суфӣ ***бокару бофар*** *бувад,*
Ҳар чӣ он мозист, "ло юзкар" бувад [24, с. 191].
Ман агар ***боақлу боимконаме,***
Ҳамчу шайхон бар сари дукконаме [24, с. 388].
Боғбони мулки ***боиқболу бахт,***
Чун дарахтеро надонад аз дарахт? [24, с. 340].
В-он дигар харгӯш баҳри шом ҳам,
Шабчарой ин шоҳи ***болутфу карам*** [24, с. 203].

Ифодаи антонимҳои морфологии сифат бо пешвандҳо. Профессор Ҳ. Маҷидов масъалаи рангорангии анвои калимаю мафҳумҳои зидмаъноро ба зуҳуроти антонимия мансуб медонад. "Антонимия, -менависад ӯ, тамоми сатҳҳои забонро дар бар мегирад ва аз ин рӯ дар илми забон ба ҷуз антонимияи луғавӣ ё худ антонимҳо боз антонимҳои фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва монанди инҳоро ҷудо кардаанд" [10, с. 81]. Барои ҳама хелҳои антонимшавӣ ба ҳам муқобил гузошта шудани маъноҳо дар доираи калима ва сохторҳои гуногуни он муҳим мебошад. Вале ҳодисаи муқобигузорӣ агар дар сатҳи мафҳум ва фикр ба вуқуъ ояд, он ба ҳодисаи тазод ва муқобала, ки категорияи илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад, тааллуқ дорад: "Яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамоно муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар аст ва ё ба таъбири дигар гӯем, сифат ва хислатҳои ду кас ва ё ду чизро ба таври муқоиса бо ҳам муқобил гузоштан аст, ки онро санъати тазод ва муқобала меноманд" [5, с. 82]. Ҳама гуна навъҳои антонимшавии калимаҳо ба хелҳои тазод мувофиқ меоянд. Агар дар доираи антонимҳои луғавӣ маънои калимаҳо муқобил гузошта шаванд, пас дар заминаи зидмаъно гардидани шаклҳои сохтории вожаҳо антонимҳои морфологӣ дар назар дошта мешаванд. Бино ба назари Ҳ.Маҷидов, "калимаҳои антонимӣ бо сохти сарфии худ низ бояд бо ҳам мувофиқ бошанд, яъне калимаҳои сода бо сода, сохта бо сохта ва вожаҳои мураккаб бо мураккаб антоним мешаванд" [10, с. 83].

Дар забони "Маснавии маънавӣ" принсипи мазкур то ҳадде риоя мешавад. Антонимшавии калимаҳои сода ё худ антонимҳои луғавӣ шакли хеле густаришёфтаи муқобилгузории маънӣ ба ҳисоб меравад. Масалан: ***олим-ҷоҳил, рост-каж, зишт-наку, гарм-сард, нек-бад*** ва ғайра. Чанд мисол:

Гуфт: “Аҳ, чун ҳукм ронад бедиле,
Дар миёни он ду ***олим ҷоҳиле*** [24, с. 408].
*Хушк гӯяд: “****Рост****ам ман,* ***каж*** *наям,*
Ту чаро бечурм мебурӣ паям [24, с. 405].
З-ӯ баромад хӯрдаҳо ***зишту накӯ,***
Мор бо он хӯрда берун ҷаст аз ӯ [24, с. 360].
Ину сад чандину чандин ***гарму сард****,*
*Аз ту, эй сард****,*** *он таваҳҳум кам накард?* [24, с. 368].
Таблаҳо бишкасту ҷонҳо рехтанд,
Неку бад *дар ҳамдигар омехтанд* [24, с. 272].

Антонимҳои морфологӣ ё муқобилгузории калимаҳои сохта бо сохта, ки онҳо решаҳои умумӣ дошта, дорои хислате ё аломате будан ва ё набудани шахсро нишон медиҳанд: ***беҳиммат - боҳиммат, бехабар - бохабар, бекайф - бокайф,бетамиз – ботамиз, бедард-бодард, доно - нодон*** ва амсоли инҳо. Мисолҳо:

Он ки ***беҳиммат,*** *чӣ б****оҳиммат*** *шуда,*
В-он ки боҳиммат, чӣ бонеъмат шуда [24, с. 182].
Хоку обу боду нори пуршарар,
Бехабар *бо мову бо Ҳақ* ***бохабар*** [24, с. 387].
Дида чун ***бекайф*** *ҳар* ***бокайф****ро,*
Дида пеш аз кон ***сиёҳу зайф****ро* [24, с. 266].
Хондани ***бедард*** *аз афсурдагист,*
Хондани ***бодард*** *аз дилбурдагист* [25, с. 18].
Чун мусаббиҳ кардаӣ ҳар чизро,
Зоти ***бетамйизу ботамйиз****ро* [25, с. 79].
Қаҳрро аз лутф донад ҳар касе,
Хоҳ ***доно****, хоҳ* ***нодон,*** *хоҳ* ***хасе*** [25, с. 79].

Истисно гардидани принсипи сохтори якхелаи калимаҳои антонимӣ низ падидаи муқаррарӣ маҳсуб мешавад. Дар Маснавӣ далелҳои зиёде оид ба антоним шудани калимаҳои сода бо вожаҳои сохта ба мушоҳида мерасад: ***аҳл-ноаҳл, хуш-нохуш, солеҳ-носолеҳ, соф-бесафо, зор-безор*** ва мисли инҳо. Чанд мисол:

Булҳикам номаш буду Буҷаҳл шуд,
Эй басо ***аҳл*** *аз ҳасад* ***ноаҳл*** *шуд* [24, с. 301].
Ғайри ту ҳар чи ***хуш*** *асту* ***нох(в)аш*** *аст,*
Одамисӯз асту айни оташ аст [24, с. 249].
Дар вуҷуди мо ҳазорон гургу хук,
Солеҳу носолеҳу *хубу хашук* [24, с. 333].
Кард наққоше ду гуна нақшҳо,
Нақшҳои ***софу*** *нақше* ***бесафо*** [24, с. 396].
То ки боқий тан нагардад ***зор*** *аз ӯ,*
Гарчи буд они ту, шав ***безор*** *аз ӯ* [25, с. 71].

Ба ҳамин тариқ, дар сохтани сифатҳои аслӣ дар “Маснавии маънавӣ” пешвандҳои ***бе-, бо-, но-*** чун воситаи морфологии фаъол маҳсулнокии зиёд дошта, пешванди ***бар-*** бемаҳсул мебошад. Рӯ овардани муаллиф ба корбурди зиёди сифатҳои сохта бо пешванд маънои онро дорад, ки шоир аз ҳар як имконияту воситаҳои забонӣ ҷиҳати баёни матлаб дақиққорона ва самаранок истифода мебаранд, баёни муассир ва рангинро меписандад, тавассути шаклҳои зебо маъниҳои бикр меофарад. Маҳорати суханварии Мавлавӣ дар ҷодаи сохтани сифатҳои аслӣ бо пешванд, ба хусус зимни ташаккул додани силсилаи вожаҳои ҳаммаъно ва қатори антонимӣ барҷаста мушоҳида карда мешавад. Таъсири мусбати ахлоқӣ расонидан ба ҳиссиёт ва олами маънавии хонанда яке аз ҳадафҳои асосии адиб маҳсуб меёбад, ки он бар василаи корбасти таркибҳои ҷуфти синонимӣ, антонимӣ ва фразеологӣ ба ӯ муяссар гардидааст.

Адабиёт

1. *Баранникова Л. И. К вопросу диалектной синонимии // Вопросы стилистики. Вып. 1. – Саратов, 1962. – С. 104.*
2. *Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе: ДМТ, 2016. – 428 с.*
3. *Грамматикаи забони адабии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.*
4. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе: Маориф, 1985. – 473 с.*

5. *Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. –Душанбе: Ирфон, 1978. - 328 с.*
6. *Капранов В.А. Фонетическая вариантность слов и синонимия // Лексическая синонимия. – М.: Наука, 1967. – С. 137-141.*
7. *Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (ҷ.1).- Душанбе: Сино, 2007. - 263 с.*
8. *Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (ҷ.2).- Душанбе: Сино, 2016. - 170 с.*
9. *Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Советская энциклопедия, 1990. - 685 с.*
10. *Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. –Душанбе: ДМТ, 2007. - 243 с.*
11. *Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. –Сталинобод: Нашр.давл.тоҷ., 1959. - 296 с.*
12. *Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1954. - 58 с.*
13. *Оссоветский И.А. Словарь говора деревни Деулино Рязанского р-на Рязанской области // Вопросы диалектологии восточно-славянских языков. – М., 1964. - С. 180.*
14. *Раҳматуллозода С. Калимасозии исм. – Душанбе: Дониш, 2019. – 226 с.*
15. *Рустамов Ш. Забон ва замон. - Душанбе: Ирфон, 1981. – 255 с.*
16. *Рустамов Ш. Исм. - Душанбе: Дониш, 1981. – 215 с.*
17. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1972. – 75 с.*
18. *Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 88 с.*
19. *Саломиён М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV. – Душанбе, 2020. – 158 с.*
20. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. - 951 с.*
21. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. - 949 с.*
22. *Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Фарҳанги вожаҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар осори Мавлавӣ. – Душанбе: Адиб, 2017. – 400 с.*
23. *Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2002. – 96 с.*
24. *Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Дафтарҳои 1 ва 2. – Душанбе: Адиб, 2013. – 480 с.*
25. *Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Дафтарҳои 3 ва 4. – Душанбе: Адиб, 2013. - 480 с.*
26. *Ҷӯраев Ғ. (Неменова Р.Л.). Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 1980. – 331 с.*
27. *Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991. - 160 с.*

КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ БО ПЕШВАНДҲО ДАР “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”-И ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Муаллиф дар мақола оид ба имкониятҳои калимасозии пешвандҳо дар сохтани сифатҳои аслӣ дар асоси маводи “Маснавии маънавӣ” изҳори назар намудааст. Дар сохтани сифатҳои аслӣ маҳсулнокии пешвандҳои **бе-, бо-, но-** зиёдтар буда, пешванди **бар-** каммаҳсул мебошад. Масалан, тавассути пешванди **бе-** 130 калима, пешванди **бо-** 20 калима ва пешванди **но-** 35 вожаи сифатӣ сохта шудааст. Ҳодисаи муносибати ҳаммаъноӣ, наздикмаъноӣ ва муқобилмаъноӣ касб намудани ин унсурҳои калимасоз бо овардани мисолҳои фаровон собит гардидааст. Бо мақсади таъсирбахшу ҷаззоб баромадани фикр Мавлавӣ аз шаклҳои ҷуфти синонимӣ, антонимӣ ва ҷуфтҳои рехта (таркибҳои фразеологӣ) истифода бурдааст. Чунин рангорангии тарзи баён ва корбурди сифатҳои сохта бо пешвандҳо аз маҳорати забондонии шоир дарак медиҳад. Падидаи бо хости муаллиф барои ифодаи маънии зарурӣ ё мақсадҳои услубӣ ба кор рафтани пешвандҳо низ мушоҳида карда мешавад.

Калидвожаҳо: “Маснавии маънавӣ”, сифати аслӣ, сифатҳои сохта, пешвандҳои калимасоз, соҳибият, сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул, синонимия, антонимия.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ИМЁН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ С ПРЕФИКСАМИ В «МАСНАВИ-ЙЕ МА'НАВИ» ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

В данной статье автор исследует словообразовательных возможностей приставок на основе материалов «Маснави-йе ма'нави», которые образуют качественного прилагательного производной формой. При формировании качественных прилагательных приставки **бе-, бо-, но-** наиболее продуктивны, а приставка **бар-** непродуктивен. Например, при помощи морфемы **бе-** созданы более 130, **бо-** 20 и приставка **но-** 35 наименований прилагательных слов. Собраний материал указывает на то, что большенство производных слов по своему значению синонимичны и могут находится в антонимичных отношениях. Чтобы привлечь внимание читателья поэт, а также использует в своей речи парных фразеологических единиц, которые показывают на богатую опить и знание языковых возможностей. Правильный и целесобразный выбор нужных слов является требованием индивидуального стилья автора.

Ключевые слова: “Маснави-йе ма'нави”, качественные прилагательные, производные прилагательные, словообразовательные приставки, принадлежность, продуктивные, малопродуктивные, непродуктивные, синонимия, антонимия.

FORMATION OF ADJECTIVES WITH PREFIXES IN "MASNAVI-YE MA'NAVI" BY JALALUDDIN BALKHI

This article explores the word-formation potential of prefixes in "Masnavi-ye Ma'navi" that create qualitative adjectives in a derivative form. In the formation of qualitative adjectives, the prefixes **be-, bo-,** and **no-** are the most productive, while the prefix **bar-** is unproductive. For instance, the morpheme **be-** formed over 130 adjectival words, **bo-** formed 20, and the prefix **no-** formed 35. The collected material indicates that most derived words are synonymous in meaning and can also exist in antonymous relationships. To capture the reader's attention, the poet also employs paired phraseological units in his speech, which demonstrate rich experience and knowledge of linguistic possibilities. The correct and appropriate choice of necessary words is a requirement of the author's individual style.

Keywords: "Masnavi-ye Ma'navi," qualitative adjectives, derivative adjectives, word-forming prefixes, affiliation, productive, low-productive, unproductive, synonymy, antonymy.

Дар бораи муаллиф
Сулаймонов Искандар Одинаевич
Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zobit@list.ru

Об авторе
Сулаймонов Искандар Одинаевич
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zobit@list.ru

About the author
Sulaymonov Iskandar Odinaevich
Candidate of philology, docent of the Departament of theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zobit@list.ru

ТДУ 811.222.1'276

ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОН ВА ОМИЛҲОИ ҒАНОМАНДИИ ОН

Шокиров Т. С.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Забон чун асоситарин воситаи муоширати одамон дар ҷомеа беш аз пеш мақому манзалат пайдо мекунад. Ҳар қадар техника тараққӣ кунад, манзалати забон ҳамон андоза боло рафта истодааст. Масалан, бо интишор ёфтани Фейсбуку инстограмма барин воситаҳои техникӣ соҳаҳои нави забоншиносӣ ба мисли телефоностилистика, фейсбукосинтаксис ва ғ. ба майдони пажӯҳиш омаданд. Ин ҳама тақозо менамояд, ки соҳибони забон аз пайи таркиби луғавии забон гарданд, вагарна он аз низом баромада, идоранопазир мешавад, зеро «дар ҷаҳон ниҳоят ба таърихи халқ, соҳибзабонон ва корандарбадастони ин забон вобаста мебошад. Бо вуҷуди он робитаи ташаккул ва рушди таркиби луғавии забон бо таърих ва тамаддуни ҷомеаи муайян иртибот дорад. Масъалаи муайян кардани заминаи инкишофи онро муайян карда, роҳу усулҳояшро бояд дарёфт» [1, с. 19].

Мусаллам аст, ки таркиби луғавии забон дар ҳар давру замон дар инкишоф буда, ғаномандии онро бояд таъмин намояд. Барои ин ғамхории соҳибзабонон зарур аст. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи забонро ба стратегияи сиёсати давлат табдил додаанд. Президенти кишвар дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ 04.10.2023 кулли ҳамватанонро бо ин рӯзи саид табрик гуфта, эълон доштанд, ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон рамзи муқаддасу ҷовидонаи ҳастии миллат, муҳимтарин нишонаи давлатдории миллии тоҷикон ва асоситарин омили ваҳдату сарҷамъии мардуми кишвар маҳсуб меёбад [8]. Воқеан ҳам имрӯз маҳз ба туфайли ғамхории сарвари дурбинамон дар ҷумҳурӣ баробари забони тоҷикӣ ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиву чинӣ диққати махсу дода мешавад. Агар мо сухан аз таркиби луғавии забон оғоз намоем, бояд бигӯем, ки бидуни таркиби луғавӣ забон вуҷуд дошта наметавонад. Инро ҳам бояд қайд намуд, ки мутаассифона гоҳо мо таркиби луғавии забон(лексический состав языка) ва захираи луғавии забон(лексический фонд языка) –ро омехта мекунем [2], ки ин нодуруст аст, зеро ду мафҳум на муродиф, балки вобастаи ҳамдигаранд. Захираи луғавӣ тамоми калимаҳои забони муосирро дар бар мегирад, захираи луғавӣ аз он фарогиртар буда, аз пайдоиш то имрӯзи забонро шомил аст. Як калимае ки 3 ҳазор сол пеш истифода шудааст, он дар захираи луғавии забон боқӣ мемонад, вале архаизм шудааст. Таркиби луғавӣ вежагии замонӣ дошта, вожаҳои забони муосирро фарогир аст. Аз ин ҷост, ки онҳоро фарқ бояд кард.

Мусаллам аст, ки таркиби луғавии ҳар як забон 5 омили ғаномандӣ дорад, ки яке аз онҳо ворисияти он мебошад. Маҳз ба шарофати ворисияти таркиби луғавӣ вожаҳои забон аз насл ба наслу аз давра ба давраи дигар мегузаранд. Дар ин ҷода саҳми иқтибосот муҳим аст. Мусаллам аст, ки «иқтибосшавии калимаҳо дар забонҳои гуногуни дунё як падидаи муқаррарӣ ва табиӣ ба назар мерасад, вале онҳо бо кадом роҳ ва восита ворид мегарданд ва дар забони дигар кадом мавқеъ ва ҷойгоҳро пайдо менамоянд, ин масъалаест, ки пайваста дар зери таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад»[4, с. 178]. Аз ин ҷост, ки вожахо бозгӯи таъриханд. Яке аз чунин вожаҳо китоб аст, ки асрҳо ин чониб яке аз серистеъмолтарину маъмултарин воҳиди луғавии забони тоҷикист.

Дар ҳақиқат ин вожаи арабӣ аз куҳантарин даврон барои инсон аниси кунҷи танҳоиву беҳтарин, беғаразтарин, ғамбарортарин, роҳатбахштарин, фурӯғбахштарин ёри меҳрубону ғамгусор гардидааст.

Дар лавҳу қалам шоҳиди осор китоб аст,
Сарманзилу мақсуди гуҳарбор китоб аст.

Китоб илму донишро манбаъ, дарёи ақлу тамизро сарчашма, махзани фарҳангу тамаддунро беҳтарин маъхаз, пиндорро бунёд, сухану гуфтор ва забонро калиди дар эътироф шудааст. Баробари ин вожаро ба забон овардан ё шунидан ҳар фард катибаву навишта, коғазҳои пур аз ибораву ҷумла ва фикру андешаҳои зиёдеро пеши назар меорад. Асрҳост, ки миёни мардуми мо ин вожа маъмулу маҳбуб аст.

Таърих агар сабт шуда дар сафи айём,
Тасвири рухаш дархури гуфтор китоб аст.

Калимаи китоб барои ҳар соҳибфазл, ки наметавонад бе китоб ба ин дараҷаву манзалати маънавӣ соҳибу дорӯ гардад, муқаддас аст. Ҳеҷ як аҳли ҷомеа зиндагии худро бекитоб наметавонад тассавур кунад. Дар васфу сифат, мақому манзалати китоб дар ташаккули ҷомеаи давру замони гуногун садҳову ҳазорҳо андарзҳо гуфта шудаанд.

Ин калимаву мафҳум аз куҷост, чаро чунин номида шудааст, аз кай китоб писандидатарин ёри инсон ном гирифтааст?

Вожаи арабии **китоб** байни форисигӯёни олам пас аз истилои арабҳо(асрҳои VII-VIII) ҷорӣ гаштааст. То ин вақт ниёгони мо ба ин маънӣ вожаи дигарро кор мефармудаанд.

Калимаи китоб (كتاب) дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ чунин тавзеҳ дорад: «*набишта; ва ба маънии навиштан ва андоза ва фарз карда; ва озод кардани ғулом ва канизак ба муъовизаи моли эшон; ва биззам ва ташдид (яъне куттоб)*, нависандагон; ва ба маънии мактаб ва дабиристон (аз «Мунтахаб» ва «Суроҳ» ва «Латоиф» ва «Кашф»); ва биззам ва тахфиф (яъне кутоб)* низ ба маънии мактаб омада; ва яке аз арбоби таҳҳиқ навишта, ки китоб (ба касри аввал) яке аз авзони боби тафъил аст, ба маънии навиштан; пас ба маънии мактуб мустаъмал бад-ин эътибор, ки масдар ба маънии мафъул гирифта мешавад; ва дар «Хиёбон» навишта, ки куттоб (биззам ва ташдид) нависандагон, чаро ки ин ҷамъи таксири котиб аст; ва ба маънии мактаб ва дабиристон; ва дар «Қомус» аст, ки саҳеҳ ба маънии нависандагон аст ва ба маънии мактаб ва дабиристон, чунонки дар «Сиҳоҳ» аст, хатост; ва баъзе муҳаққиқон навишта, ки хато нест, балки маҷоз аст»[9, с. 161]*.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» **китоб**ро чун калимаи арабӣ ба маъниҳои 1. «маҷмуаи навиштаҳои ҷилдшуда (дастнавис ё чопа); 2. навишта, чизи навишташуда; 3. хат, нома, мактуб» тафсир шудааст. Дар луғату фарҳангҳои дигар низ ҳамин маънӣ бо тарзу усули гуногун маънидод шудааст. Имрӯз ҳам вожаи номбурда ба ҳамин маънӣ корбаст мегардад ва серистеъмолу сермаҳсул, яке аз фаъолтарин воҳидҳои таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад. Аммо муодили тоҷикии он аз хотирҳо фаромӯш гардидаааст.

Муодили тоҷикиии калимаи китоб **матакдон** ном дошта, дар даврони кухан хеле маълуму серистеъмол будааст. **Матакдон** аслан аз забони паҳлавӣ буда, аз лиҳози сохтор мураккаби тобеъ аст. Аз вожаҳои **māta// mātak** ва **-dān** таркиб ёфтааст. Ин вожа дар маъхазҳои таърихӣ ва этимологӣ(решашиносӣ) мавриди назари коршиносон қарор доштааст [5, с. 236]. Масалан, дар яке аз сарчашмаҳои муътабари аҳди Сосониён «Матакдони ҳазор додистон», ки онро яке аз эроншиносони маъруф А. Периханян аз паҳлавӣ ба русӣ ва англисӣ тарҷума карда, дар Москва, Ереван ва Ню-Йорк ба нашр расонидааст, чун муродифи калимаи китоб ба таркиби унвони асар ворид гардидааст. Ҳамин асар бо номи «Модиёни ҳазор додистон» («М**ā**даяни ҳаз**ā**р д**ā**дистан» («Китоби ҳазорон дод(суд)») низ маълум аст ва онро китоби қонунҳои паҳлавӣ ҳисобида, дар садаи 7-уми милодӣ бознавис кардаанд.

Дар унвони китоби мазкур низ решаи вожа мустаъмал аст. А. Периханян дар луғатнома(глоссария)-и китоб вожаи **матакдон**ро ба маънои китоб баргардон карда, раванди тағйири шаклу сохтор намудани онро низ фаҳмонидааст». mātakdān 'книга'. - 79,5,6. - Арм. matean < среднеир. mā-tiyān < mātakdān [15], W. B. Henning BSOAS, X1У, 3, 1952, 511, прим. 3. ^mātakvar 'основное лицо, основной контрагент (в отличие от поручителя), основной тяжущийся (в противопоставлении к процессуальному представителю)»[5, с. 498].

(5) En (mātakdān) mātakdān (I)1000 dātasān xvānend kē masīh ut vehīh ut arŝōmandīh (ī) martōhmān (6) yut hač čiγōnīh ī=šan hač tuxšišn [ut dahišn ī yazdān pat] xvat gōhrīh mātakdān ān (7) aᵝzār (i) pērōк* ī dātār pat harvispākāsīh apasīhēnītan ī družut apāč ō xvēš kartan (8) ut dām vinārtan a=hambatīkīh ut anōšak <ut> šētāk ut hamāk^rōšnīh ut purr=pātixšāyīh pat frašām ----Ин (китоб)-ро китоби ҳазор додистон хонанд, ки бузургӣ, фазилат ва шаъну шарафи мардумон, (6) новобаста аз он ки онҳо (= одамон) аз сабаби саъю кӯшиши худ, инчунин аз рӯи раҳмати Яздон чӣ гуна буданд], (танҳо) аз рӯи моҳият (баррасӣ)мекунад. Ин китоб (7) абзори неруи офаридгор аст, (ки ба он хизмат мекунад) барои дар ҳама чиз нест кардани дурӯғ, барқарор кардани ҳукмронии худ (дар ҷаҳон) (Ҳурмузд) (8) ва ба тартиб даровардани офариниш, бартараф кардани душманӣ ва дар ниҳоят муқаррар кардани ҳақиқати ҷовидонӣ (ё адолат) ва қудрати комили нур мебошад[5, с. 236].

Ҳамин маънӣ дар моддаҳои 52,2,6,9; 7&,15; 76.1.9-и китоби мазкур низ истифода шудааст.

Донандаи таърихи қадимаи забонҳои эронӣ, профессор Ҷ. Эдельман дар ҷилди 5-уми китоби «Этимологический словарь иранских языков» ин калимаро таҳлил карда, ба он расидааст, ки решаи ин вожа **māta-ka** ба маънои асос, **мағзи ҳар чизе, бунёд, сарчашма,**

вуҷуд, модда, мавҷудият-материя ва ғ. буда, бо **māta-ка**[2] и дигар омоним(ҳамгун, ҳамшакл) аст[5, с. 324]. Яъне дар забони паҳлавӣ ду вожаи **māta-ка** мавҷуд буда, бо ду маънӣ мустаъмал будаанд, ки шартан бо **māta-ка**[1] ва **māta-ка**[2] ишора менамоянд. Омониии ин **Māta-ка**[1] аз решаи **māta** ва пасванди **-ка** ба маънои асос, ҷанин, мода(ҷинси занона) таркиб ёфта, ифодагари ҷинси занона, **māta** (мота) буда, бо мурури замон овоз ва ҳарфи «**т**» ба «**д**» табдил ёфта, ба гунаи **мода** (модиён, модиёна) паҳно гирифтааст. Бояд қайд кард, ки дар гузаштаи дур аксар калимаҳое, ки дар таркибашон овози «**д**» доранд, бо овози «**т**» талаффуз мешудаанд, ки пешоянди **дар//андар (антара//антар)** аз он ҷумла аст.

Māta-ка[2] бошад, ба маъноҳои **асос, ҷанин, ядро, сарчашма, вуҷуд, материя** мустаъмал будааст. Он ҳам аввал бо **māta-ка**[1] ҳаммаъно буда, минбаъд тобиши маъноиии нав ба худ гирифта **нахустин, ибтидоӣ, асоси**ро ифода мекардааст. Ҳамчунин ба таҳаввулоти шаклӣ дучор гардида, дар ибтидо ва давраи миёнаи рушди забони форсӣ бо гунаи m**āta-k,** дертар **mādag, māyag** роиҷ гашта сермаъно мешавад.

А. Периханян таъкид доштааст, ки дар ҳамин давра **māta-ка**[1] ба ҷуз он маъниҳои маъмулии ёдшуда, инчунин маъниҳои **қиммат, арзиш, маблағ(пайса, пул), маблағи асосӣ, қарзи асосӣ** ва **māta-ка**[2] дар соҳаи ҳуқуқ маънои **шахси асосии мурофиаи ҷинояти**ро низ соҳиб гардидааст[5, с. 498].

Дар ибтидои давраи форсии миёна вожаи **mātag (модда- чиз, ашё, предмет)** бо ҷузъи калимасози **–dān**(дорандаи чизе) вожаи нав **(mātagdān**) сохтааст, ки баъдтар аз он гунаи **mātiyān// mādiyān** (модиён-моддаҳо) пайдо шудааст.

Аз гунаҳои мазкур маълум мегардад, ки бо мурури замон вожаи **mātak// mātag** дар шакли **māda** (модда) ба маънои **моя, чизи зарурӣ, ашёи даркориву муҳим** ва **–dān//-дон** (чизе ки андуруни худ чизеро дорост-матакдон=моддадон, дорандаи модда, чиз) ба истифода даромадааст. Дар замонҳои қадим **Mātak** //mātīk ба маънои матн низ ба кор мерафтааст.

Бо такя ба сарчашмаҳои пешин этимологи немис М. Фасмер ба хулосае расидааст, ки вожаи **модда** ба гунаи m*āt||māta* дар гузаштаи дур сермаҳсул буда, дар асоси он калимаҳое чун **матар, матакдон, матаквар, *Mātiyān, модаён*** ба вуҷуд омадаанд[15, с. 498].

Решашиноси эронӣ Ҳасандӯст М. менависад, ки **мода** ҷинсе аз ҷонварон, ки метавонад бача ба дунё оварад ё тухмгузорӣ кунад. Он дар замони форсии миёна m*ātak «мода» ба маънои ҷавҳар, асл, асора аз* m*āt «модар»(мод) интишор ёфтааст. Вожаҳои лотинии materjl ва англисии material(matter «мода, ҷисм») низ аз ҳамин вожа маншаъ мегирад. Он дар забони портӣ ба гунаи m'dg[mādag]мода, модина, форсии миёнаи турфонӣ m'yg (māyag] (мода, модина;ҷавҳар, асл) маълум будааст[18, с. 2424].*

Коршиносони таърихи забонҳои эронӣ ва этимология, олимони забардаст Ҳорн Г. [19], А. Периханян [5], Ҷ. Эдельман [7], Ҳасандӯст[18] бо далелҳои таърихӣ исбот кардаанд, ки **матакдон** ба маънои **китоб** фаҳмида мешавад, яъне **чизе, ҷилде**, ки дар худ чизеро, дар айни замон навиштаеро маҳфуз дорад меномидаанд ва ин дуруст менамояд, зеро **матакдон** илму дониш ва маводро дар шакли навиштаҳои алоҳида дар бар мегирад. Аноҳито Периханян низ яке аз сарчашмаҳои қадими ҳуқуқшиносии замони Ҳахоманишиёнро, ки бо номи «Матакдони ҳазор додистон» то замони мо омада расидааст, ба русӣ «Книга тысячи судебных рещений» тарҷума кардааст[5, с. 236], ки дар он ҷо низ вожаи **матакдон** бо калимаи китоб ҳаммаъно омадааст.

Бояд афзуд, ки **модда(моддаи қонун ё кодекс, моддаҳои химиявӣ)** ҳам, ки калимаи арабӣ меҳисобанду ба маъноҳои материя; чиз; моҳият, асл; мавзуъ, матлаб, ҷавҳар; мавод доир ба матлабе тафсир медиҳанд, аслан арабӣ набуда, гунаи мухаффаф ва шаклдигаркардаву ихтисоршудаи ҳамин матакдон аст. Бо мурури замон ба забони арабӣ аз арабӣ дубора ба забони тоҷикӣ ворид гардида, ифодаи маъноиаш фарохтар шуда, ба маънои матн низ ба кор рафтааст.

Ҳоло **модда** дар забони тоҷикӣ вожаи сермаъно ва серистеъмол буда, ба маъноҳои гуногун мустаъмал аст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» **модда** чун воҳиди луғавии омонимӣ ба таври зайл тафсир шудааст: **МОДДА I** а. 1 ماده. чизи асосӣ, ки барои пайдоиш ва сохта шудани чизи дигар чун замина хидмат мекунад, материал; *муқ.* мавод: моддаи захрдор, моддаҳои тарканда, моддаҳои химиявӣ. 2. *физ.* чизи дорои вазн, химиявӣ. 2. *физ.* чизи дорои вазн, ки фазоеро ишғол мекунад, материя. 3. *фалс.* ҳаюло. **МОДДА II** а. 1 ماده. ҳар як аз бандҳои ягон қонун, низомнома, қарордод ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки як нуктаи томро дар бар мегирад ва бо рақамҳо аз ҳам ҷудо карда мешавад, банд; радиф: **моддаи панҷуми қонун, моддаи хароҷоти баровард.** 2. мавзуъ, матлаб, ки як қисми чизеро ташкил медиҳад; **моддаи луғавӣ** *збш.* ҳар як аз воҳидҳои забонӣ дар фарҳанги тафсирӣ ва ғ., ки калидвожа, тафсири

маъноҳои он ва дигар ҷузъҳоро дар бар мегирад; **моддаи таърих** *адш.* калима ё таркибе, ки аз ҷамъбасти қимати ададии ҳарфҳои арабиасоси он мувофиқи ҳисоби абҷад санаи воқеае ҳосил мешавад[14, с. 809]. Он дар шакли модиён низ дар истифода будааст, ки «Модиёни ҳазор додистон» яке аз онҳост.

Ҳамин тавр, дар замонҳои куҳани забони тоҷикӣ ниёкони мо ба маънои **китоб** вожаи **матакдон**ро кор мефармудаанд, ки ин мисли **намакдон, нондон, пистон, достон (аз даустон, дав(у)стана), дандон(аз дантан, дантака), даҳон, ғалладон, ширдон, сандон, калиддон, виждон** ва ғ. бо унсури калимасози –дон сохта шудааст. Чунин вожаҳои шаклу гунаашонро дигаркарда дар забон кам нестанд, ки донистани асли онҳо зарар намекунад.

Адабиёт

1. *Джураева, М. Синтаксические заимствованные термины в словарном составе таджикского и английского языках / М. Джураева, С. Джоматов // Вестник педагогического университета. - 2022. - № 1. - С. 18-24.*
2. *Лексический состав // Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: СЭ, 1990. - С. 262 - 263.*
3. *Луғати тоҷикӣ-русӣ. - М.: Госиздат, 1954. - 789 с.*
4. *Маҳмадҷонов, О. Иқтибосшавии вожаҳо тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ: мутобиқшавии савтиётӣ ва хусусиятҳои онҳо / О. Маҳмадҷонов, И Б. Исмоилов. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2018, № 3 (75). С. 177 - 184.*
5. *Периханян, А. Сасанидский судебник / А. Периханян. - Ереван, 1973. - 130 с.*
6. *Расторгуева, В. С. Таджикско-русский словарь / Под ред. М. В. Рахими и Л. В. Успенской; гл. ред. Е.Э.Бертельс. — Государственное издательство иностранных и национальных словарей / В. С. Расторгуева. – М:, 1954. С. 725 – 789 с.*
7. *Расторгуева В. С., Эдельман Д. И. Этимологический словарь иранских языков. Т. 5. / / В. С. Расторгуева, Д. И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 2000. - 327 с.*
8. *Раҳмон, Э. Сухани шодбошии Асосгузори ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ //Ҷумҳурият, 05.10. 2024.- С. 1.*
9. *Ромпурӣ Муҳаммад Ғиёсуддин Ғиёс-ул-луғот / Муҳаммад Ғиёсуддин Ромпурӣ (Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров) Ҷилди 1. - Душанбе: Адиб, 1987. - 460 с. Ҷилди 2. -Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.*
10. *Русско-персидский словарь.- М.:Русский язык, 1986.-897с.*
11. *Русско-таджикский словарь. Под ред. С. Айни. В 2-х томах.- Самарқанд, 1934. - 633 с.*
12. *Русско-таджикский словарь. Под ред. А. П. Дехоти и Н. Н. Ершов.- М.: ГИС, 1949. - 880 с.*
13. *Русско-таджикский словарь. Под ред. М. С. Осимӣ- М: Русский язык, 1985. - 1280 с.*
14. *Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рудакӣ, 2008. – 1123 с.*
15. *Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. / М. Фасмер. - М.: Прогресс, 1986-1987. Том 1. 561 с.; Том 2.- 671 с.; Том 3.- 830 с.; Том 4.- 860 с.*
16. *Ҳасандӯст, М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ (Этимологический словарь персидского языка) / М. Хасандӯст.- Тегеран. 1393. Ҷилди 1. 585с. ҷилди 2. – С.587-1410; ҷилди 3. – С.1411 - 2080; ҷилди 4. – С. 2081 - 2955.*
17. *Hom Gr. — Horn P. Grundriss der neupersischen Etymologie. Strassburg, 1893.- 243 с.*

ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОН ВА ОМИЛҲОИ ҒАНОМАНДИИ ОН

Ҳар як забони соҳибрушд бо роҳу усули гуногун давара ба давра таркиби луғавиашро ғанӣ мегардонад. Яке аз сарчашмаҳои ғаномандии забон вомгирии он аз забонҳои дигар мебошад. Забони тоҷикӣ дар масири инкишофи худ бештар аз ҳама аз забони арабӣ вом гирифтааст, ки сабаби асосиаш дар таъсири тулонии дин ва илму таълими арабӣ мебошад. То ибтидои садаи XX қариб аксари кулли истилоҳоти илму таълим арабӣ шудааст. Имрӯз касе парво надорад, ки вожаҳои таълим, илм, дарс, мадраса ва ғ. арабиасланд. Аз ҷумла яке аз серистеъмолтарин за вожаи имрӯза китоб низ низ арабист. Суоле ба миён меояд, ки то ҷорӣ гардидани ин вожаҳои мафҳумҳои мазкур, аз ҷумла китобро чӣ мегуфтанд? Ин ҳама ва чунин вожаҳо албатта номи паҳлавӣ доштанд. Масалан, китобро **матакдон** мегуфтаанд, дар мақола сухан аз он меравад.

Калидвожаҳо: забон, вожа, калима, вижа, истилоҳ, паҳлавӣ, матакдон, таъсир, таркиби луғавӣ, вомгирӣ.

ЛЕКСИЧЕСКИЙ СОСТАВ ЯЗЫКА И ПУТИ ЕГО ОБОГОШЕНИЯ

Каждый родной язык периодически по-разному обогащает свой словарный запас. Одной из источников обогащения языка является его заимствование из других языков. В истории своего развития таджикский язык в основном заимствовал из арабского языка, основной причиной чего является многолетнее влияние арабской религии, науки и образования. До начало XX века

большинство термины науки и образования стали арабскими. Сегодня все употребляют такие слова как образование, наука, урок, мактаб, не подозревая, что они арабские. Возникает вопрос, а как называли таких слов, в том числе и книгу, до введения арабизма? Все эти и подобные им слова наверняка имели пехлевийская имя. Например, книга называлась **матакдон**,которая стала предметом обсуждения данной статьи.

Ключевые слова: язык, слово, лексика, особенность, термин, пехлеви, матакдон, влияние, лексический состав, заимствование.

WAYS AND METHODS OF ENRICHING THE LEXICAL LANGUAGE

Each native language periodically enriches its vocabulary in different ways. One of the sources of enrichment of the language is its borrowing from other languages. In the history of its development, the Tajik language mainly borrowed from the Arabic language, the main reason for which is the long-term influence of the Arabic religion, science and education. Until the beginning of the twentieth century, most of the terms of science and education became Arabic. Today, everyone uses such words as education, science, lesson, maktab, without suspecting that they are Arabic. The question arises, what were such words, including the book, called before the introduction of Arabism? All these and similar words probably had a Pahlavi name. For example, the book was called матакdon, which became the subject of this article.

Keywords: language, word, vocabulary, feature, term, pahlavi, matakdon, influence, lexical composition, borrowing.

Дар бораи муаллиф
Шокиров Туғрал Сироҷович
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
E-mail:shokirov1953@mail.ru

Об авторе
Шокиров Туграл Сироджович
Доктор филологических наук, профессор, кафедры таджикского языка
Таджикский государственный университет права, бизнес и политики
Республики Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-р., дом 1.
E-mail:shokirov1953@mail.ru

About the author
Shokirov Tugral Sirojovich
Doctor of Philology Sceinces, Professor of the chair
Tajik Language of the Tajik State University of Law, Business and Politics
Republic of Tajikistan, Khujand city, 17th microdistrict, house 1
E-mail:shokirov1953@mail.ru

ТДУ 811.222.8'373.46

БАРРАСИИ ИСТИЛОҲОТИ СОХТАИ ТИББӢ БО ЁРИИ ПАСВАНДҲО ДАР “ДОНИШНОМА”-И ҲАКИМ МАЙСАРӢ

Саидова Б. М.
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Истилоҳот як соҳаи илми забоншиносӣ буда, дар тули қарнҳо бо вижагиҳои хеш таваҷҷуҳи аҳли илмро ба худ ҷалб кардаанд. Забоншиносони хориҷӣ: Г. О. Винокур, А.А. Реформатсий, А. Д. Хаютин, А. Ф. Лесохин ва П. А. Флоренский, Ф. А. Броктауз, И. А. Ефрон, В. М. Лейчик, Н. П. Кузкин , В. П. Даниленко Д. С. Лотте, ва забоншиносони ватанӣ М.Ҳ.Султонов, С.Назарзода, П.Г. Нуров, А. Капронов, М. Шакурӣ, Н. Шарофов, Ш. Рустамов, Д. Саймиддинов, С. Қодирӣ ва дигарон як қатор пажуҳишҳо ба анҷом расонида, доир ба меъёри истилоҳ, аломатҳои истилоҳ, тафовути истилоҳ аз дигар унсурҳои луғавӣ фикру андешаҳои арзишманд баён намудаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти тиббии забони форсӣ-тоҷикӣ дар нимаи дуюми қарни ХХ оғоз гардида, дар даврони истиқлолият ба ҳукми анъана даромад. Дар ин давра муҳаққиқон А. Байзаев, А.И.Юсупов , К. Тӯраҳасанов, Н.А. Ҳусейнбоев, Мирзо Ҳасани Султон ва дигарон як қатор асару мақолаҳо рӯйи чоп овардаанд, ки ба омӯзиши истилоҳоти тиббии осори адибони классик таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Чанд рисолаву пажуҳишҳои ангуштшумор наметавонанд тамоми паҳлуҳои истилоҳоти тиббии забони форсиро фарогир бошанд. Мебояд, ки осори ниёгонамон мавриди ковишҳои илмии пажуҳишгарон қарор гирифта, ташаккулу токомули истилоҳоти забони тоҷикӣ дар давраҳои гуногун муайян гардад. “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ аз ҷумлаи асарҳое мебошад, ки ҳанӯз ба пуррагӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Мо тасмим гирифтем, ки дар мақола ҷойгоҳи пасвандҳоро дар бунёди истилоҳоти тиббӣ дар “Донишнома” и Ҳаким Майсарӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳем.

Яке аз воситаҳои маъмули истилоҳсозии забони тоҷикӣ бо ёрии пешванду пасвандҳо сохта шудани истилоҳоти миллӣ, бахсус истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ мебошад.

Муҳаққиқ Мирзо Ҳасани Султон дар сохтори истилоҳоти осори қадимтарини илмии форсӣ-тоҷикӣ пасвандҳоро аз воситаҳои асосӣ ва фаъоли истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ меҳисобад.

Яке аз осори пурғановати адабиёти классикӣ “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ ба шумор меравад, ки онро “тибнома” низ номидаанд. Дар ин асар истилоҳоти сохта мавқеи хос дошта, шоир аз ин имконоти вожаофарӣ фаровон истифода намудааст.

Дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ нақши вандҳо дар сохтани вожаву истилоҳоти тиббӣ барҷаста мушоҳида мегардад ва мо ба сарчашмаҳо такя намуда, истилоҳсозии онҳоро мавриди таҳлил ва пажуҳиш қарор додем.

Дар забони тоҷикӣ-форсӣ пасвандҳо дар сохтани калимаву истилоҳот нақши муҳим доранд. Ҳаким Майсарӣ дар «Донишнома» ҳангоми сохтани истилоҳоти тиббӣ аз пасвандҳо ба таври фаровон истифода кардааст, ки аксари онҳо имрӯз низ пасвандҳои асосии вожасози забони тоҷикӣ- форсӣ маҳсуб мешаванд:

Пасванди - вар дар калимасозии исм ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул дохил мешавад. Пасванди мазкур дар забони форсии миёна ба сурати *-uwar ё -war* омадааст, ки он аз шакли порсии бостони “*-bara”,* ки маънои “бардоштан”- ро дошт, гирифта шудаст [6, с. 12; 4, с. 24]. Роҷеъ ба пасванди мазкур дар сарчашмаҳои илмӣ андешаҳои мухталиф ба назар мерасад.

Ба андешаи Т. Д. Чхеидзе пайдоиши – bara аз форсии миёна сарчашма гирифтааст [13, с. 57].

Забоншинос В. С. Расторгуева бошад пасванди ”– *вар”* - ро дар забони форсии миёна ҳамчун пасванди калимасози исму сифат, ки соҳибиятро ифода мекунад, овардааст [12, с. 85].

Ш. Рустамов низ бо алломорфи *-ур //- вар* ҷудо шудани ин пасвандро нишон дода, қайд намудааст, ки дар муносибатҳои калимасозӣ дар асосҳои якҳиҷогӣ пасванди – *ур* ва дар асосҳои дуҳиҷогӣ, асосан, пасванди “– *вар”* истифода мешавад. Пасванди мазкур дар калимасозии исм бемаҳсул аст, он барои сохтани исмҳои ифодакунандаи шахс корбаст мешавад [10, с. 130 -139].

Инчунин Хонларӣ Парвиз Нотил дар асараш “Таърихи забони форсӣ” зикр кардааст, ки пасванди “-*вар”* бо исм алоқамад шуда, исм ё сифатҳои исмшудае месозад, ки доро буданро ифода мекунанд: пешвар, ҷонвар, кинавар, гӯштвар, паҳновар [6, с. 12].

Забоншиносон Л. С. Пейсиков ва Ф. Амонова ду вариант доштани ин пасвандро қайд намудаанд, аммо байни онҳо ҳеҷ тафовуте намебинанд.

Муҳаққиқ Қосимов О. Ҳ. дар асараш “Калимасозӣ дар Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” пайдоиши пасванди “– *вар”* - ро бо гунаи “-*ур”* ба давраи форсии миёна нисбат надода, балки аз он пештар пайдо шудани онро қайд намудааст. Ба андешаи мавсуф, дар навиштаҷоти арабӣ ҳар ду вариант як хел ба назар мерасанд ва ба хотири риояи вазну қофия дар назм пасванди мазкур шакли кӯтоҳи “-*уш* “- ро гирифтааст: Шедуш ва Каёнуш [1, с. 100].

Бо пасванди “-*вар”* дар “Донишнома”- и Майсарӣ истилоҳҳои *бусвар* [1 бор], *зарвар*[4 бор], *бановар* [4 бор*]* ба мушоҳида расиданд.

Бусвар аз исми “*буср// бусур”* ва пасванди “– *вар”* таркиб ёфта, истилоҳи тиббӣ мебошад. Дар ФТН истилоҳи “*бусур// бусра”* дар шакли танҳо зикр гашта, ба маънои як навъи доначаҳои кӯчаки обиламонад, ки дар пӯст медамад, шарҳ дода шудааст ва он ифодакунандаи номи беморист:

Дамомилу ***бусвару*** *таъми ширин,*
Далели хун наёбӣ бештар з-ин [2, с. 22].

Истилоҳи ***“зарвар”*** аз сифати ***“зар”*** ва пасванди ***“– вар*** “ таркиб ёфта, исми зарвар сохтааст. Дар ин ҷо ҷузъи ***“зар”*** аслан “ *зард”* буда, ба ҳодисаи савтӣ [афтиши овоз] дучор гардида, ҳангоми пайиҳам омадани ҳамсадоҳои *р,д,в* ҳамсадои *“д*” афтида, шакли “*зарвар”*- ро гирифтааст, ки дар фарҳангҳо ҳамчун гиёҳ, ки барои давоҳо ба кор мебаранд, шарҳ ёфтааст [11, с. 173].

Ҳаким Майсарӣ низ дар асари худ аз гиёҳи ***зарвари зард”***, ки хусусияти хуби давоӣ дорад, ёдовар шудааст:

Дигар рӯзаш ***зарвари зард*** *бинмой,*
Пас он гаҳ з-он шиёфи сурх фармой [2, с. 401].
Пас он гаҳ з-он ***зарвари*** *зард бояд,*
Ба чашм андар аз инаш кард бояд [2, с. 37].

Пасаванди -гина дар калимасозии исм бемаҳсул буда, дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ танҳо вожаи “–*обгина”*-ро [4 бор] дучор шудем,

Обгина ду давраи калимасозиро аз сар гузаронидааст: якум аз исми ***“об”*** бо васл шудани пасванди ***“–гин”*** ва давраи дуюм аз исми *“**обги**н”* ва пасванди *а*- обгина, ки ба маънои “шишаи булур, шишаи ҳиҷомат, шохи ҳиҷомат [асбобе, ки бад-он ҳиҷомат мекунанд]” омадааст.

Майсарӣ дар асари мавриди назар барои риояи вазни шеърӣ ҳар ду шакли онро ба кор бурдааст, чунончи:

Бар ӯ неҳ ***обгине*** *[а] з-они гарой,*
Пас он гаҳ баргузида неш фармой [2, с. 107].
Касе, к-аш оҳане ё ***обгина,***
Ба ҷойи дарнишаста гашта фитна [2, с. 96].

Пасванди –ӣ //-гӣ дар забони форсӣ -тоҷикӣ чун морфемаи калимасоз ба таври фаровон истифода мешавад. Пасванди – ӣ//- гӣ таърихи куҳан дошта, дар забони форсии миёна ба шакли -ih [7, с. *19;* 9, с. 66] ифода гардидааст, ки реша аз [-iya, -uwa] забонҳои эронии бостон дорад. Пасванди мазкур дар забони форсии миёна аз сифат исми маънӣ месозад ва дар форсии дарӣ бо ҳамон сурати форсии миёна боқӣ мондааст. Доир ба пасванди мазкур дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти зиёд ба анҷом расида, дар калимасозии исм, сифат ва зарф истифода шудани онро зикр намудаанд. Инчунин, пасванди –ӣ//-гӣ дар забони тоҷикӣ ҳамчун пасванди сермаънову серистеъмол ва омоморфема ишора гардидааст [10, с. 116].

Зикр кардан бомаврид аст, ки доираи калимасозии ин пасванд дар сохтани калимаву истилоҳоти гуногун васеъ мебошад. Ин пасванд дар “Донишнома”-и Ҳаким Майсарӣ дар сохтани истилоҳоти соҳаи тиб фаровон корбаст шудааст, ки аз ҷиҳати таркиби морфологӣ ва семантика ба чунин гурӯҳҳо даврабандӣ намудем:

1. Пасванди –ӣ//-гӣ **бо исм омада, истилоҳоте сохтааст, ки ном ва ҳолати бемориро мефаҳмонанд:**

А) Исм+пасванд: *беморӣ [23 бор], карӣ [5 бор], песӣ [5 бор], обистанӣ [2 бор]:*

Беморӣ дар истилоҳоти тиб бино ба таърифи Ибни Сино, ҳайати ғайри табиии тани

инсон, ки ба муҷиби он дар андомгон халал ворид бигардад; *касалӣ, ранҷурӣ, нотобӣ*. [11,70].

Бо истилоҳи мазкур дар ФТН ибораистилоҳҳои зерин ба мушоҳида расид: *бемории борик, бемории ғук, бемори фил, бемории хӯд, бемории шер, бемории андоза, бемории афзорӣ, бемориҳои баанбозӣ, бемориҳои деррав, бемориҳои ниҳод, бемориҳои сиришти, бемориҳои таркиб, бемориҳои фишурдагӣ, бемориҳои ҷинсӣ* [11, с. 70].

Истилоҳи зикршуда дар "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ 22 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст:

*Яке танро зи **беморӣ** бисӯзад,*
Дигар ҷонро ба дониш барфурӯзад [2, с. 18].

Песӣ сафед шудани пӯсти андомҳо, барас [11, с. 360]. Ин беморӣ имрӯз зиёд мушоҳида мегардад ва табобати пурраи он то ҳанӯз маълум нест. Истилҳҳои мазкурро дар тибби муосир бо гунаи *витилиго* ном мебаранд

Баҳақро зуд агар дору напурсӣ,
*Ҳаме афзояд ӯ ногашт **песӣ*** [2, с. 21].

Обистанӣ бордорӣ, дуҷонӣ, ҳомилагӣ [10, с. 70]. Бояд қайд намуд, ки истилоҳи "*обистанӣ"* имрӯз дар шумори вожаҳои куҳнашудаи луғавӣ қарор дошта, ба ҷойи он истилоҳи "*ҳомилагӣ"* кор фармуда мешавад.

Ва ҳайзаш чун зане, к-обиста гардад,
*Дар он **обистанӣ** ҳайзаш бибандад* [2, с. 82].

Б) **Сифат+пасванд**. Дар ин қолиб сохта шудани вожаҳо серистеъмол ва маъмул мебошад. Аз сифат истилоҳоте сохтааст, ки ном, аломат ва ҳолати бемориро ифода мекунад: *бедорӣ* [3бор], *гармӣ [24 бор], гаронӣ [12 бор], сустӣ [13 бор], сафедӣ [3 бор], сиёҳӣ [5 бор], нармӣ[6 бор], зардӣ[7 бор], сахтӣ [4 бор], талхӣ [17 бор], ташнагӣ[3 бор], лоғарӣ [1 бор], беақлӣ [2 бор], дардмандӣ [9 бор], мастӣ[2 бор], тундӣ [2 бор],биноӣ [4 бор], ҷарроҳӣ [2 бор], кунҷӣ - кӯзпуштӣ [1 бор]*

*Зи **бедорӣ**, зи ранҷ, аз хашми бисёр,*
Зи андуҳи дарозу дарди намшор [2, с. 117].

Ҳаким Майсарӣ ба тақозои вазну қофия калимаи "**шунавоӣ" - ро** дар қолиби **"ишнавоӣ"**, яъне яке аз ҳисҳои панҷгона, ки иборат аз лаёқати шунидан аст, сомеъ [11,587] ба кор бурдааст:

*Касе к-аш **ишнавоӣ** карр гардад,*
Зи андӯҳаш рухон чун зарр гардад [2, с. 20].

Бояд зикр намуд, ки истилоҳҳои "***дардмандӣ", "беақлӣ"*** ду зинаи калимасозиро гузаштаанд. Тавассути вандҳои ***-манд ва бе-"*** ва исмҳои маънии **"дард"** ва **"ақл"** сифат сохта шуда, бо ёрии пасванди **"-ӣ "** истилоҳоти тиббӣ сохта шудааст: **дард+манд+ӣ** ба маънои касалӣ, дарднокӣ, беморӣ, ранҷурӣ [10, с. 141].

*Гар аз хушкӣ бувад ин **дардмандӣ**,*
Нишонаш ман бигӯям гар писандӣ [2, с. 56].

2. Пасванди –ӣ//-гӣ **бо исм омада, истилоҳоте сохтааст, ки аломат ва хусусияти бемор, сину сол ва ғ. –ро мефаҳмонанд.** Бархе аз вожаҳои зикргардида ба кадом ашё, ранг, миллат мансуб будан, усули табобат, доруву давоҳоро ишора мекунанд: *заъфаронӣ [1 бор], вабоӣ[1 бор], кофурӣ [2 бор], зангорӣ [1 бор], мумиёӣ [2 бор], мавҷӣ ва дудӣ [2 бор], антоқӣ [2 бор],бухорӣ [5 бор], зафтӣ [2 бор], чинӣ [3 бор], тударӣ [3 бор], кӯдакӣ[2 бор], ҷавонӣ [2 бор], норангӣ [1 бор], фалағмунӣ[1 бор], коснӣ [2 бор], хузӣ [2 бор], ҳиндӣ [1 бор], кобулӣ [4 бор*], *яманӣ[2 бор],*

Чунончи:

Кафи дарёву милҳи андаронӣ,
*Сафоли суддаву **шибби ямонӣ*** [2, с. 50].
*Ва набзи мойилу мавҷиву **дудӣ**,*
Ва муншориву печида ва раъдӣ [2, с. 127].
Шикаста пою дарди сол фарсуд,
*Надорад **мумиёӣ** назди ӯ суд* [2, с. 29].

Вожаи "*фалғамонӣ"* дар "Донишнома" бо гунаи *"фалғумонӣ",* ки аз ҷузъи "*фалғамун"* ва пасванди *"– ӣ"* сохта шудааст, ҳамчун истилоҳи тиббии анатомӣ номи бемориро ифода намудааст. Вожаи мазкурро Исмоили Ҷузҷонӣ дар "Захираи Хоразмшоҳӣ" ба маънои "*омоси хунӣ* " маънидод кардааст, ки пешинагон ҳама омосҳои гармро фалғамунӣ ном мебурданд.

Дар маводди мо вожаи мазкур чун ҷузъи ибораистилоҳи тиббии *“дарди фалѓамунӣ”* ба маънои ифодакунандаи номи беморӣ истифода гардидааст:

Дар “Донишнома” алломорфемаи пасванди мазкур“*–гӣ//-вӣ* “ҳангоми бо садоноки “а” ба анҷом расидан ба калима васл мегардад, ки дар ин қолиб вожаҳои “*гуруснагӣ [2 бор], мондагӣ [4 бор], ташнагӣ[3 бор]”* – ро дучор омадем. Вожаҳои мазкур дар қолиби *сифат+пасванд* исм сохта, ҳамчун истилоҳи тиббӣ ҳолати бемориро ифода намудаанд.

*Касе, к-аз **гуруснагӣ** ӯро таб ояд,*
Гар аз шангӣ[1] бад-ӯ иллат физояд [2, с. 119].
Гараш аз коҳилӣ камтар нагардад,
*Ва тан аз **мондагӣ** беҳтар нагардад* [2, с. 101].
Нишонаш он ки бавлаш покхун аст,
*Ҳамеша **ташнагӣ** бар вай фузун аст* [2, с. 72].

Пасванди –ина дар калимасозии сифат фаровон истифода мешавад. Ин пасванд аз исмҳои гуногун сифат месозад. Ҳангоми таҳқиқ дар “Донишнома” вожаи “*дерина”* ба мушоҳида расид. Вожаи зикршуда дар қолиби зарф + пасванд сохта шуда, дар ибораи “*иллати дерина”* [4 бор] чун як ҷузъи ибораи изофӣ буда, ба маънои бемории куҳна, дерина, ки имрӯз бо гунаи *бемории музмин* ифода мешавад, корбаст шудааст:

В-агар ин иллаташ дерина бошад,
Ва иллат дар танаш бо кина бошад [2, с. 53].

Пасванди –ила. Пасванди -ила дар калимасозии забони тоҷикӣ ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул дохил мешавад. Дар “Донишнома” бо пасванди мазкур танҳо истилоҳи “обила”-ро дучор шудем.

Дар байти зерин истилоҳи “*обила”* аз исми “*об”* бо васл шудани пасванди *“–ила”* таркиб ёфта исми *“обила”* сохтааст, ки ифодакунандаи номи беморӣ мебошад. Ин истилоҳ дар фарҳангҳои тиббӣ ба маъноҳои “об гирифтан, варам кардани пӯст аз сӯхтан, суда шудан ва ё фишор овардан” [11, с. 336] истифода мешавад. Истилоҳи мазкур дар тибби муосир бо гунаи ***нағзак*** ва ***чечак*** истифода мешавад. Дар асари мавриди назар истилоҳи *“обила”* дар ду шакл: *обила [7 бор]//офила* [6 бор] мавриди истифода қарор гирифтааст:

В-агар бар пой бар-ш, аз музаи танг,
*Бибояд **обила** бар гунаи санг* [2, с. 105].
*Магар худ **офила** берун наёяд,*
В-агар ояд ба берун кам физояд [2, с. 124].
*Бусуру **офила** зарру бановар,*
Зи хун бисёр бошад дарди дигар [2, с. 97].

Бо истилоҳи мазкур дар фарҳангҳои тиббӣ истилоҳҳои сохтаи “*обилача* “ ва истилоҳи мураккаби “*обиладор, обилазада, обилакӯб, обилабо, обилар, обиларӯй, обиласой, обилафаранг, обилафарсо, обилачасорӣ”* ва ғайра сохта шудаанд, ки ҳар кадоме ифодакунандаи номи беморӣ мебошанд.

Пасванди –иш. Пасванди -иш дар калимасозӣ бо ду шакл: “*-иш”* ва *–“ишт-“* истифода мешавад. Пасванди мазкур аз асоси замони ҳозираи феъл исмҳое месозад, ки номи амалу ҳолатро ифода мекунад.

Забоншинос О. Қосимов андешаҳои муҳаққиқ Д. Н. Мекензайро тарафдорӣ намуда, ба ин натиҷа мерасад, ки “пешванди *–иш* дар забонҳои форсии миёна ва қадим бо асосҳои феъл омада, дар калимасозии исми амал серистеъмол будааст, ки то даврои нави ташаккулёбии забон маҳфуз намондаанд: *маниш* ”фикр кардан, хислат [1, с. 163].

Дар «Донишнома» бо пасванди мазкур 20 вожаи сохта мушоҳида гардид, ки 8-тои онҳо истилоҳоти тиббӣ мебошанд: *арзиш [5 бор], афзойиш [1 бор], афшориш [2 бор], коҳиш [2 бор] барзиш [1 бор], биниш [5 бор], гувориш [18 бор], ороиш [1 бор], озмоиш [2 бор], олоиш [1 бор], омезиш [2 бор], гардиш [4 бор] , табиш [3 бор], ҷунбиш [1 бор], хориш [15 бор] корбаст шудаанд:*

Вожаи ***“гувориш”*** дар “Фарҳанги тиббӣ ниёгон”чунин шарҳу эзоҳ дода шудааст: “1. ҳазм; мафҳуми ҳазм ё гувориш бисёр васеъ буда, раванди аз лаҳзаи ба даҳон ворид шудани ғизо ва то ба хуну пӯсту гӯшт табдил ёфтани онро дар бар мегирад ва ин амалро аз рӯи маҳал ва хислат ба чаҳор марҳила тақсим мекунанд: гувориши якум, ки маҳалли он меъда ва рӯдаҳост; гувориши дувум, ки маҳаллаи он ҷигар аст; гувориши сеюм, ки маҳалли он рагҳост; гувориши чорум, ки маҳали он моварои рагҳост [11, *с.* 115-116].

Дар “Донишнома”- и Ҳаким Майсарӣ вожаи “***гувориш”*** ба маънои дуюм -доруҳои мураккаби хушмаза ва гуворандаи таом беш аз 18 маротиба дар қолибҳои ибораистилоҳи

зерин истифода шудааст: *гувориши хушбӯй [саҳ. 99], гувориши поку нек [118], гуворишҳои хузӣ [69], гувориши илк// мастакӣ [69], гувориши занҷабил [58], гувориши нонхоҳ [63], гувориши турбед [58], гувориши қаранфул [63], гувориши сафарҷал [71]:*

Зи матбуху ҳабубу курсу маъҷун,
***Гуворишҳои поку нек** мавзун* [2, с. 118].
*В-агарна гӯ **гуворишҳои хушбӯй,***
Бихӯр, то бӯи май камтар шавад з-ӯй [2, с. 99].
Агар чуни дигар бошад-т рӯзӣ,
*Ки омезӣ **гуворишҳои хузӣ*** [2, с. 69].

Пасванди –манд // -уманд дар забони форсии бостон дар шакли –“omand” [7,28] дар форсии миёна –“omand, “-mand “[Wmnd] ва дар эрони бостон ба қолиби “mat-“, “-mant” ифода мешуд. Л.С. Пейсиков пасванди “*–mand”*- ро алломорфи “-eman” медонад [9,185].

Дар “Донишонма”-и Ҳаким Майсарӣ бо васл шудани пасванди мазкур истилоҳоти зиёде сохта шудааст, ки маънии бархӯрдор будан аз хосиятро ифода мекунад. Бархе аз ин вожаҳо дар илми тиб истифода мегарданд: *тануманд [1 бор], дардманд [50 бор], судманд [3 бор], хирадманд [7 бор], орзуманд [1 бор], хушманд [1 бор], ниёзманд[11 бор]*. Чунончи:

Гараш дар чашм бошад ҳеҷ зардӣ,
*Таби гарм аст бо ин **дардмандӣ*** [2, с. 65].
*Макун моро **ниёзманди дору,***
Ниёзи мо ҳамеша бод зи ту [2, с. 129].

Вожаи “***дардманд”*** аз решаи “***дард”*** ва пасванди “*–манд”* таркиб ёфта, истилоҳи тиббӣ сохтааст, ки ба маънои *носолим, хаста, касалманд, бемор, ранҷур* [11,141.] ба кор бурда шудааст:

*Касе к-аз гарру хориш **дардманд** аст,*
*Ҳалила хӯрдан ӯро **судманд** аст* [2, с. 93].

Дар сарчашмаҳо бо вожаи *“тануманд”* калимаи *тануманд+ӣ* сохта шудааст, ки ба маънои калонҷуссагӣ ва пурзӯрӣ маънидод шудааст [11, с. 442].

Пасванди –она дар адабиёти классикӣ ва муосир серистеъмол буда, дар калимасозии исм, сифат ва зарф ба кор бурда мешавад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо пасванди “*-она”* дар забони форсии бостон дар қолиби “-anag” [мураккаб аз ду ҷузъ -ana+ka] аз омада, исм, сифат ё зарф месозад [7, с. 14].

Аз таҳлилу баррасии истилоҳоти сохтаи асари мавриди назар ба чунин натиҷа расидем, ки пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти илмӣ, хусусан, тиббӣ нақши муҳим дошта, дараҷаи вожасозииашон гуногун аст. Дар сохтани истилоҳоти тиббӣ Ҳаким Майсарӣ аз вандҳои калимасози *ба-, но- , -а, -гар, -ӣ, -иш* фаровон истифода намудааст.

Адабиёт

1. *Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси / О. Касимов. – Душанбе, 2006. - 186 с.*
2. *Майсарӣ Ҳ. Донишнома. – Теҳрон, 2008. - 130 с.*
3. *Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ (дар заминаи осори илмии асрҳои IX – XI). - Душанбе: Дониш, 2008. - 334 с.*
4. *Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М.: Наука, 1981. -544 с.*
5. *Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. -М.: Наука, 1982. -544 с.*
6. *Парвиз Нотили Хонлари. Таърихи забони форсӣ, ҷилди 1,- Теҳрон 1353, Матбааи донишгоҳ,2021.-458 с.*
7. *Парвиз Нотили Хонлари. Таърихи забони форсӣ, ҷилди 2,- Теҳрон 1353.*
8. *Пейсиков Л.С. Очерк по словообразовани пперсидского языка. / Л.С. Пейсиков. -М.:изд-во МГУ, 1973. - 200 с.*
9. *Пейсиков Л. С. Вопросы синтаксиса персидского языка./ Л.С. Пейсиков -М.: Изд-во МГУ. 1975. -207 с.*
10. *Рустамов, Ш. Исм. [Матн] / Ш. Рустамов.- Душанбе: Дониш, 1981.- 219 с.*
11. *Фарҳанги тибби ниёгон. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, Душанбе 2016 - 774с.*
12. *Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык. / В.С. Расторгуева -М.: Наука, 1966.-160с.*
13. *Чхеидзе Т.Д. Именно словообразование в персидском языке. Тибилиси. 1969. -142 с.*
14. *Юсупов А.И. Юсупов А.И. ”Ҳидоят-ул- мутааллимин фи-т-тиб”-и Ахвайнии Бухоро”, Душанбе, 2008. - 217 с.*

БАРРАСИИ ИСТИЛОҲОТИ СОХТАИ ТИББӢ БО ЁРИИ ПАСВАНДҲО ДАР “ДОНИШНОМА”-И ҲАКИМ МАЙСАРӢ

Мақолаи мазкур ба корбурди пасвандҳои дар ташкили истилоҳоти сохтаи тиббӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола дар бораи истилоҳ ва ташаккули истилоҳоти тиббӣ ибрози андеша намуда, то кунун ба пуррагӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтани мероси қарни X1-X “Донишнома”-и Ҳаким Майсариро таъкид намуда, қайд намудааст, ки таҳқиқ ва омӯзиши осори ниёгон метавонад ба ташаккул ва густариши истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ мусоидат намояд. Яке аз роҳҳои асосии истилоҳнигории тоҷик бо роҳҳои калимасозӣ сохта шудани истилоҳ мебошад. Ба воситаи пасванду сохта шудани истилоҳоти илмӣ маъмултарин роҳи истилоҳсозӣ маҳсуб меёбад. Ҳаким Майсарӣ дар”Донишнома” аз ин усули калимасозӣ истифода бурда, тавассути пасвандҳо истилоҳоти тиббӣ сохтааст. Муаллиф дар мақола вожа ва истилоҳҳои зиёдеро аз ҷиҳати сохтор ва маъниӣ баррасӣ намуда, дараҷа ва мавқеи истеъмоли онҳоро нишон додааст.

Калидвожаҳо: вожа, истилоҳот, тиббӣ, пасванд, исм, таҳқиқот.

АНАЛИЗ ПРОИЗВОДНОЙ МЕДИЦИНСКОЙ ЛЕКСИКИ В «ДОНИШНАМЕ» ХАКИМА МАЙСАРИ

Данная статья посвящена использованию суффиксов в образовании медицинских терминов. Автор статьи рассуждая о терминологии таджикского языка и развитии медицинской терминологии отмечает, что до сих пор не подверглись исследованию наследие 1X-X в. в. – «Донишнаме» Хакима Майсари. Изучение и анализ научных трудов наших предков способствуют развитию и становлению таджикской медицинской терминологии. Образовании научных терминов с помощью суффиксов являются одним из основных способов терминологии. Хаким Майсари в своей книге «Донишнаме» широко использует данный способ терминообразования. Автор анализируя структурные особенности многих примеров приходит к выводу, что данное научное наследие является бесценной сокровищницей языка.

Ключевые слова: слова, терминология, медицинский, суффикс, существительное, исследование.

ANALYSIS OF DERIVED MEDICAL VOCABULARY IN “DONISHNOMA” BY HAKIM MAISARI

This article is devoted to the use of suffixes in the formation of medical terms. The author of the article, discussing the terminology of the Tajik language and the development of medical terminology, notes that the heritage of the 9-10 th centuries has not yet been studied – “Donishnoma” by Hakim Maysari. The study and analysis of the scientific works of our ancestors contribute to the development and establishment of Tajik medical terminology. The formation of scientific terms using suffixes is one of the main methods of terminology. Hakim Maisari in his book “Donishnoma” widely uses this method of term formation. The author, analyzing the structural features of many examples, comes to the conclusion that this scientific heritage is an invaluable treasury of language.

Keywords: words, terminology, medical, suffix, noun, research.

Дар бораи муаллиф
Саидова Баргигул Мирзоевна
Унвончӯйи кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Сино, 29-31
E-mail: into@tajmedun.tj

About the author
Saidova Bargigul Mirzoevna
Applicant for the Department of the Tajik language
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Sino, 29-31
E-mail: into@tajmedun.tj

Об авторе
Саидова Баргигул Мирзоевна
Соискатель кафедры таджикского языка
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул.Сино, 29-31
E-mail: into@tajmedun.tj

ТДУ 490.550.0

МАВҚЕЪ ВА КОРБУРДИ ВОЖАҲОИ СУҒДӢ ДАР ЛАҲҶАИ МАСТЧОҲ

Шарифова Г. М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Музофоти болооби Зарафшон ва ҳатто тамоми паҳнои водии Зарафшон (болооби Зарафшон - ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, ноҳияи Айнӣ, водии Яғноб ва марзҳои вилоёти Самарқанду Бухоро) дар гузашта ҷавлонгоҳи забони суғдӣ буданд ва таъсиру нуфузи забони суғдӣ дар номвожаҳои ҷуғрофӣ ва лаҳҷаву гӯишҳои мардумони ин водии паҳновар хеле зиёд ба назар мерасад.

Мушоҳидаҳову таҳқиқотҳои забоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар таркиби лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои мардуми болооби Зарафшон, бавижа Кӯҳистони Мастчоҳ вожаҳои субстрати суғдӣ хеле зиёданд. Ҳамин падидаро метавон дар номвожаҳои ҷуғрофӣ низ мушоҳида кард.

Таҳқиқ, пажуҳиш ва нигоҳдории вожаҳои суғдӣ дар илми забоншиносии тоҷик, бахусус дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, борҳост, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зимни таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқон маълум гардид, ки дар як қатор шеваҳои забони тоҷикӣ калимаҳои суғдӣ то ҳол маҳфуз мондаанд. Бахусус, чунин калимаҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикони болооби Зарафшон ва Яғноб зиёд ба назар мерасанд. Зарурати ҷамъоварӣ ва таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикони болооби Зарафшон дар он аст, ки ин минтақаи кӯҳистон дар гузашта яке аз минтақаҳои қадимаи суғдиён ба ҳисоб мерафт ва то ҳол дар гуфтугӯи мардуми он вожаҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки субстрати забони суғдӣ мебошанд. Ҳудуди интишори забони суғдӣ, ки забони аслии халқи Осиёи Миёна буд, дар Мовароуннаҳр, яъне Самарқанд, Сурхандарё, Кешрӯд (Қашқадарё) ва болооби Зарафшон роиҷ буд, ки имрӯз аз миён рафтааст, вале субстратҳои он дар ин минтақаҳо то ҳол дар гуфтугӯи мардуми он нигоҳ дошта шудааст.

Яке аз муҳаққиқони шевашиносии тоҷик В.С. Расторгуева, ки ба таҳқиқ ва омӯзиши гӯйишҳои забони тоҷикӣ машғул буд, масъалаи субстрат аз мадди назари ин донишманд низ берун намондааст ва лаҳҷаҳои забони тоҷикиро дар таснифоти охирин ба чор гурӯҳи асосӣ дастабандӣ кардааст [4, с. 154-162]. Дар ин гурӯҳи лаҳҷаҳо унсурҳои субстрат нобаробар маҳфуз мондааст. Ба хотири он ки ин унсурҳо аз ҷониби олимон кам омӯхта шудаанд, аз ин рӯ, наметавон гуфт субстратҳо дар кадоме аз ин лаҳҷаҳо бештару дар кадоме камтар аст. Бо вуҷуди ин маълум аст, ки дар асоси субстрати забони суғдӣ ду гурӯҳи калонтарини гӯйишҳои забони тоҷикӣ: а) шеваи шимолӣ бо зергурӯҳҳояш; б) шеваи мобайнӣ, ки дар болооби Зарафшон ривоҷ дорад, ташакул ёфтаанд. Аз ин гурӯҳи лаҳҷаҳо бархе аз унсурҳои субстрати гӯйишҳои мобайнӣ аз ҷониби В.А. Лившитс, А.Л. Хромов [2; 10, с. 44] то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бидуни муболиға гӯйишҳои мобайниро агар маркази интишори унсурҳои субстрати суғдӣ қаламдод кунем ҳам, иштибоҳ нахоҳем кард, барои он ки забони суғдӣ дар ин сарзамин то дер замон побарҷо буд. Гӯйишҳои мобайнӣ чун дар манотиқи кӯҳистон густариш ёфтааст, аз ин ҷиҳат табиист, ки ин лаҳҷаҳо аз нобудшавӣ ё омезиш бо забонҳои ҳамҷавор то ҷое дар канор мондааст. Аз ин сабаб ин гӯйишҳо дар захираи луғавии худ унсурҳои қадимаи зиёд, аз ҷумла унсурҳои субстрати суғдиро ҳифз кардаанд.

А.Л. Хромов дар қисмати субстратҳои суғдӣ дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бисёр бамаврид ва дақиқ андешаҳои худро чунин менигорад: «К настоящему времени лексика верхнезеравшанских говоров и говоров соседних районов собрана лишь незначительном количестве. Можно предполагать, что в ходе её дальнейшего сбора будут постепенно обнаруживаться все новые и новые слова, оставшиеся от навеки исчезнувших согдийских диалектов. При этом следует учесть, что далеко не всегда мы сможем найти для них параллели в фрагментах согдийского или в современных восточноиранских языках, в том числе в ягнобском: ведь слова могли быть диалектами и в согдийский период. В таком случае можно будет считать их согдийскими, исходя из фонетических и словообразовательных признаков» [8, с. 322-323].

Дар таъин ва мушаххас намудани унсурҳои субстрат, асосан, усули муқоисавӣ – таърихӣ ба кор меравад. Бо вуҷуди ин, дар ҷое, ки имконият мавҷуд аст, метавон аз усули муқоисаи типологӣ низ истифода кард. Дар ҳамин асос В.А. Лившиц ва А.Л. Хромов

вожаҳои номниҳоди суғдиро дар муқоиса бо осори адабиву таърихии гузашта тавзеҳ додаанд. Масалан, А.Л. Хромов дар осори худ «Лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Мастчоҳ» вожаҳои **олуғда, алағда//валағда; паландари, роға, палонҷ, зойак, шах, варғ** ва ғайра нақши забони суғдӣ дар лаҳҷаҳои Мастчоҳ акс ёфтааст [8, с. 75]. В.А. Лившитс низ роҷеъ ба ин масъала мақолае дорад, ки дар он ҳам мутобиқати таърихӣ ва бунёди суғдӣ доштани бархе аз вожаҳои номбурдаро нишон додааст [2, с. 31-43].

Дар гӯйиши мардуми Мастчоҳ калимаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки субстрати суғдӣ, доранд ва бо ҳамон маънои куҳани худ ва бархе аз онҳо бо каме тафовути фонетикӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Масалан, **зой/зойак, коза, олуғда, осуғда, палунҷ, орухсида, варғ, алағда, марозин, роға, вағнич, лисич, лосик, тарвиҷ, парға, парағза, ғаланг, зағоса, ғипч, капчок.**

Аз ин ҷиҳат қисмати луғати он ҳамчун сарчашмаи муҳими арзишманд дар омӯзиши таърихи забон ба шумор хоҳад рафт. Бинобар ин дар мақолаи мазкур роҷеъ ба якчанд вожаҳои субстрати суғдӣ, ки дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ роиҷанд таваҷҷуҳи бештар хоҳем дод.

Паланд. Вожаи **паланд** аз қабили калимаҳои субстрати суғдӣ буда, (**pδγnd**) то ба имрӯз дар зерлаҳҷаи поёни Мастчоҳ маҳфуз мондааст [2; 4; с. 11, 187, 157]. Вожаи мавриди андеша дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «болодарӣ, чӯби болои дари хона, чорчӯби дар» тавзеҳ дода шудааст [6, с. 136].

Вожаи «**паландарӣ**»-и адабиёти классикӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ ба гунаи **паландарӣ** истифода меёбад, ки қариб бетағйир боқӣ мондааст. Вожаи **паландарӣ** дар осори забонҳои матрук ва муосири ғарбиву шарқии эронӣ шаклҳои гуногун ба кор мерафтааст.

Аз ҷиҳати баромад он аз решаи маълуми эронии қадим **pada** «бун, асос, бунёд» буда, гунаҳои он дар забонҳои эронӣ чунинанд: суғдӣ **pδynd** [**paδind** <* **pati - antă**] **درگاه آستان** [16, с. 6838], хоразмӣ **pdk** «хона», эронии қадим **padaka**.

Дар забони форсии нав (давраи адабиёти классикӣ) се гунаи савтии ин вожа мавриди истифода қарор додааст, аз чунин шаклҳо иборат мебошанд: **palindin, pulindin, palind** [2, с. 31-43].

Асадии Тӯсӣ ин вожаро дар «Луғати фурс» сабт намуда, ба ҷумлаи калимаҳои куҳан ворид карда ва онро ба шакли зайл ба қалам додааст:

پیراهن در بود و بوزبان ما چهارچوب خوانند – پلندین [14, с. 363].

Аз ин маълумот ва корбурди он, дар забонҳо ва лаҳҷаҳои шарқии эронӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки гунаи **palindin** марбут ба сарзаминҳои Хуросону Моваруннаҳр мебошад. Дар забони форсии нав аз шакли **palind** ба воситаи анҷомаи **–in** гунаи нав сохта шудааст, ки он бештар мавриди истифода қарор гирифтааст ва дар шеваҳои болооби Зарафшон, аз ҷумла дар шеваи мардуми Мастчоҳ дар ҳамаи шакл роиҷ аст. Дар забони яғнобӣ ин калима ба шаклҳои **davarpahluya** ё **divarpahluya** «*паҳлӯдарӣ*» маъмул аст.

Вожаи **варғ** дар фарҳангномаҳо ба маънои «банди об, ки аз чӯб, шох, алаф, ё сангу хок сохта мешавад», тавзеҳ дода шудааст. [6, с. 226]. Решаи ин калима аз форсии нав **barẏ, varẏ** «оббанд», «сад» буда, дар санскрит ба гунаи **vārġa** - «баргардонанда» дида мешавад [16, с. 4682].

Вожаи мавриди таҳқиқ дар зерлаҳҷаи поёни Мастчоҳ ба маънои «бандгоҳи об» то ба ҳол мавриди истифода қарор дорад: *То а хуна умадам, ки кудуме варға баст-ай. Варғ-о-шун-а ҳамиқа сахт басти-йан, ки ҳилла об мегузарад.*(дар ҳамаи деҳаҳо).

Яке аз чунин вожаҳо калимаи қадимаи **zoyak** буда, дар асл гунаи лаҳҷавии унсури қадимаи **zoy** мебошад. Вожаи мавриди назар дар забони яғнобӣ ба сурати **zoy** мустаъмал буда, танҳо ба маънои замини корам ба кор меравад, ки дар он бештар зироатҳои ғалладона, аз қабили гандум, ҷав, мушунг кишту кор мешавад.

Вожаи **zoy** дар лаҳҷаи деҳаҳои Фалғар ба маънои яғнобидошта, вале дар шакли **zoyak**, ҳамчунин ба ҳамин сурат ба маънои «*замини корам*» дар гӯйиши мардуми Мастчоҳ низ роиҷ аст [10, с. 44-47].

Вожаи **zoy** дар фарҳанги суғдӣ ҳам ба қайд гирифта шудааст ва маънои «*замин*» - ро дошта, дорои чунин шаклҳо будааст: **z'y [zay], z'yy** [16, с. 447].

Дар робита роҷеъ ба калимаи **zoy** бояд қайд кард, ки ин вожа имрӯз бо илова шудани пасванди **–ak** маънои дигарро касб кардааст. Яъне **zoy** дар лаҳҷаи Мастчоҳ ҳоло ба гунаи **zoyak** маъмул буда, маънои «*замини нокорам, замини киштнашуда*» - ро ифода мекунад: *И(н) замин(ҳ)о ҳамту зойак мундан (монданд) (Ар.)*.

Вожаи мавриди пажуҳиш дар гӯйиши поёни Мастчоҳ дар ду шакли дигар **зойоб** ва **зойкан** низ мавриди истифода қарор дорад, ки як маънии «замин»-ро ифода мекунад.

Зойоб замине, ки кишт карда шуда, аз ҷиҳати камобӣ ё тамоман беобӣ ҳосили он талаф шудааст: *Акота гу йа бор равад-у замин-а об тийад, ки путун зойоб мешад. Шумо пеш-и замин-тун намебур-ед, айбай-йо йа замин-и калун нахо зойоб шад* [5, с. 120].

Вожаи **зойкан** зиёдтар дар Кӯҳистони Мастчоҳ маъмул мебошад. Дар кӯҳистон замини мобайни кӯҳ ва деворро **зойкан** гӯянд. Кор фармуда шудани ин вожаро ба ҳамин маъно дар лафзи мардуми деҳаи Рунҷи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз ҷониби муҳаққиқ Убайдов Фазлиддин ба мушоҳида гирифта шудааст: *Ҳаму зойкан-и пушт-и хун-и мо-йа диди-йед худ-ам сангдевол-аш кардам. А куҳ йа санғ ғиндил гирифта-йу зойкан-и пушт-и хун-и мо-ба Ғалтид-ай* [5, с. 120].

Вожаи мавриди пажуҳиш дар забони яғнобӣ низ ба сурати **зой** ба мушоҳида мерасад, ки ба маънои «*замини корам, ки бештар ғалла кишт мекунанд*» хеле мустаъмал мебошад [3, с. 88].

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки истифодаи калимаи мазкур ба шакли «**зойок**» ба маънои дар боло зикр шуда, дар деҳаи Дарғи ноҳияи Айнӣ низ корбурд мешавад.

Коза. Ин вожа аз ҷиҳати сохт сохта буда, он аз решаи **kaz** ба маънои «сохтан ва тартиб додан» мебошад.

Вожаи **коза** дар лаҳҷаи тоҷикони болооби Зарафшон, аз ҷумла гӯйиши мардуми Мастчоҳ ва ноҳияи Айнӣ ба маънои хонаи муваққатии саҳроӣ, ки аз деворҳои сангин ё шоху қамиш сохташуда мебошад. Масалан, *да мо-ҳо хун-и саҳройи-йа коза мегун, да шумо-ҳо-каппа* (дар ҳамаи деҳаҳо).

Инчунин вожаи **коза** дар лаҳҷаи Мастчоҳ ба маънои лонаи занбӯр, мор, паранда ва дигар ҳашарот низ ба кор меравад, ки барои тақвияти андешаҳои хеш метавон аз чанд шоҳиди ба қайд гирифта истифода кард: *Да болои тиреза йа ори ғузза коза кардай; Да кози ору оби ҷуш рехтам йата намунд.*

Ин вожа бунёди куҳан дошта, дар матнҳои суғдӣ-буддоӣ низ ба мушоҳида мерасад ва дар фарҳанги суғдӣ сабт гардида, чунин маънӣ шудааст: **k’z’kh [kazak, kaze]** «хонаи кӯчак, кулба» [16, с. 4682].

Инчунин дар забонҳои сакоӣ, хутанӣ ба сурати **kaysu** ба маънои «кулба, соябон» ва дар забони арманӣ ба гунаи **kazm** «сохтмон; омода ва муҳайё» маъмул будааст [1, с. 216].

Вожаи **коза** дар бархе аз забонҳои шарқии эронӣ, бавижа забони яғнобӣ, ки яке аз гӯйишҳои забони суғдӣ шинохта шудааст, ба гунаи **kóza** маънои хонаи аз шоху най бунёдгардида ё манзили сангини муваққатӣ дар чарогоҳҳои тобистонаро дорад, ки боми он аз хасу хошок пӯшонида мешавад.

Марозин. Вожаи «**марозин**» бунёди куҳан дошта, дар гӯйиши Мастчоҳи поён асолати бунёдии худро то имрӯз ҳифз намудааст. Вожаи мавриди андеша дар матнҳои суғдӣ ба гунаи **marāz** ба мушоҳида мерасад ва он дар «Фарҳанги суғдӣ» сабт гардида, чунин маънӣ шудааст:

mr´’z [marāz] “ҳамкор, дастёр همکار- دستیار” ва шакли дигари он **mr’z [marāz]** ба маънои “**муздур, муздурӣ, муздуркорӣ مزدور- مزدوری – مزدورکاری** омадааст [16, с. 5412].

Решаи калима **«мароз»** буда, дар матнҳои суғдӣ ба таври фаровон истифода шудааст. Масалан, дар яке аз достонҳои суғдӣ, ки бо номи «Марди марворидсумб» (марди сӯрохкунандаи марворид) маъруфият дорад, ба маънои «коргар, дастёр» омадааст: **ərti xō *<u>mərāz</u>* martiy kō xətu sār vānō pətiškvəy kat.** *Он марди **<u>коргар</u>** ба сӯи довар гуфт, ки чун мо ба хонаи ӯ расидем, вай маро фармуд, ки ӯд навозам.*

Дар давраи ташаккул ва таҳаввули забон вожаи мазкур дар лаҳҷаи Мастчоҳ каме маънии худро тағйир додааст, яъне дар лаҳҷаи мазкур аз решаи **«мароз»**-и суғдӣ бо илова шудани пасванди **«-ин»** ба худ тобиши маъноии дигарро касб кардааст, ки маънии ишоратиро дорад.

Маълум мешавад, ки ин калима аз забони суғдӣ дар гӯйиши мардуми Мастчоҳи Поён ба мерос монда, ба сурати **марозин** таҳаввул ёфтааст. Решаи калима **мароз** буда, тавассути пасванди **–ин** аз вожаи **ҳамкор** номи хешутабории ғайриҳамхуниро касб намудааст. Мардуми Мастчоҳ ҳам, ки дар оғози асрҳои миёна суғдизабон буданд, бинобар ҳамин вожаи бунёдии **марозин** дар таркиби лаҳҷаи мазкур боқӣ мондааст [13, с. 32-37].

Парағза. Вожаи дигари мавриди пажуҳиш **парағза** низ суғдӣ буда, дар зерлаҳҷаи поёни Мастчоҳ то даврони мо омада расидааст ва доираи истеъмоли васеъ дорад. Зимни таҳқиқи худ мо ба гунаи **пароға** (параха, пораҳои чӯбу тахта) дар «Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ»

дучор омадем [3, 149]. А.Хромов низ вожаи мазкурро дар асари худ ба шакли **параха** қайд кардааст [11, с. 75].

Дар гӯйиши мардуми Мастчоҳ вожаи «**парағза**»-ро дар баёни маънои «пораҳои чӯби шикаста» зиёд мавриди истифода қарор дорад. Масалан: *Бачам биё чубора шикастам, парағзаҳоша ҷам куну гиршун. Кадум зад-аш-ай дуруғ-а мегуд, ки парағз-и чуб зад-ам* (дар ҳамаи деҳаҳо).

Палонҷ. Вожаи **палонҷ** яке аз вожаҳои марбут ба истилоҳоти хешовандӣ буда, маънои ду ё зиёда занеро, ки мутааллиқ ба як шавҳар мебошад, ифода мекунад. Вожаи "...*палонҷ*... дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз забони суғдӣ боқӣ мондаанд" [12, с. 32].

Калимаи **палонҷ** дар шакли **палунҷ** дар баёни маънои фавқ дар лаҳҷаи тоҷикони Мастчоҳ то ҳол мавриди истифода қарор дорад: *Палунҷ-и духтар-тун касал буд-ай. Келини Қурбун ба палунҷ-аш кард-ай қийумат.*

Яке аз вижагиҳои гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ дар муқоиса бо дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ он аст, ки дар луғати он калимаҳои суғдӣ зиёд ҳифз гардидаанд. Вожаи **палонҷ** аз гунаи онҳост, ки дар бархе аз зарбулмасалу мақолҳои лаҳҷаи Мастчоҳ имрӯз ба мушоҳида мерасад: ***Палонҷ ба палонҷ пахта, марозин ба марозин лахча.***

Вожаи мавриди таҳқиқро яке аз муҳаққиқони лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ А. Л. Хромов низ ба суғдӣ будани он ишора кардааст [8; 9; 23]. Вожаи мазкур дар забони суғдӣ ба гунаи **panānč** ва ба маънои дар боло зикршуда корбурб мешудааст [15, с. 37]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ калимаро ба маънои «яке аз ду зани як шавҳар нисбат ба зани дигар» шарҳ додаанд [6, с. 140].

Дар забони тоҷикӣ ва баъзе аз гӯйишҳои он вожаи мазкур ба гунаҳои **палонҷ, палунҷ** мустаъмал аст.

Муодили (синоними) дигари вожаи **палонҷ** воҳиди луғавии **кундош** мебошад, ки аз туркӣ ба забони тоҷикӣ ва баъзе аз гӯйишҳои он ворид гардида, доираи истеъмоли он имрӯз то ҷое васеъ гардидааст. Дар натиҷа вожаи **кундош** мақоми калимаи аслии тоҷикии **палонҷ** ё **банонҷро** танг кардааст, ки дар натиҷа мардуми бештари мавзеъҳои тоҷикнишин ба маънои **палонҷ** сарфаҳм намераванд.

Ба ҳамин минвол А.Л. Хромов калимаҳои **вағнич, kÿpm**¸**powa**¸**хичак**, **пармичак** ва ғайраҳоро дар муқоиса бо забони яғнобӣ ба унвони вожаҳои бозмондаи забони суғдӣ нишон дода, чунин ибрози андеша кардааст: «Можно выделить группу слов, согдийское происхождение которых хотя и не доказана, но которые зафиксированные в ягнобском языке, причин составители ягнобско-русского словаря не снабдили эти слова какими-либо пометами, считая их, по-видиму, словами восточно-иранского происхождения: **вағнич** «*низкорастущее растение, плоды которого употребляются в пищу*» - *ягн*. **waγnič; kÿpm** «*кустарник с очень твёрдой древесиной*» - *ягн.* **kürt; рова** «*название кормовой травы*» - *ягн.* **rówa; хичак** «*мочевой пузырь*» - *ягн.* **хičak; пармичак** «*вялый*» - *ягн.* **parmič** «*увядание*», «*засыхание*» [8, с. 75]».

Хулоса. Бо вуҷуди он ки вожаҳои номбурда бо баъзе тафовутҳои фонетикӣ дар бархе аз гӯйишҳои шимолӣ ба мушоҳида расанд ҳам, ин нишонаи вожаи шеваҳои мобайнӣ будани онҳоро истисно намекунад, барои он ки гӯйишҳои шимолӣ бо чунин нишонаҳо аз шеваҳои дигари забони тоҷикӣ тафовут доранд.

Пажуҳиши амиқу дақиқ ва нисбатан густурдаи мавзуи фавқуззикр дар илми забоншиносии тоҷик аз фоида холӣ нахоҳад буд. Чунки лаҳҷаҳои кӯҳистони болооби Зарафшон нигоҳдоранда ва бе муболиға хазинаи бебаҳои вожаҳои субстрати суғдӣ маҳсуб мешаванд, ки то андозае ҳолату вазъи сохтори калимасозӣ ва истилоҳоти марбут ба ҳунарҳои мухталифи мардумӣ ва кишоварзию чорводории суғдиро дар худ нигоҳ доштаанд.

Ҳамчунин, дар лаҳҷаву гӯйишҳои музофоти болооби Зарафшон, алалхусус дар лаҳҷаи деҳаҳои Кӯҳистони Мастчоҳ низ номвожаҳои ҷуғрофии суғдӣ маҳфуз мондаанд.

Омӯзиши вижагиҳои лаҳҷаи Мастчоҳ ба мо имкон медиҳад, ки то андозае вазъу ҳолат ва замони азбайнравии забони суғдӣ ва густариши забони тоҷикиро дар қаламрави собиқ густариши забони суғдӣ муайян ва ошкор намоем. Аз ин рӯ, баъзе аз калима ва истилоҳоти лаҳҷаи ин мардуми кӯҳистонро метавон ҳамчун идома ва ё думболаи луғоти суғдӣ маънӣ кард.

Бояд зикр кард, ки ҳамчунин топоним ва микротопонимҳои зиёде мавҷуд аст, ки онҳо низ унсурҳои субстратӣ доранд. Дар водии Зарафшон, аз ҷумла дар Кӯҳистони Мастчоҳ низ топоним ва микротопонимҳои зиёде мавҷуд аст, ки онҳоро танҳо дар асоси маводи забонҳои

шарқии эронӣ, махсусан забонҳои қадимаи суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва забони яғнобии муосир шарҳу эзоҳ додан мумкин аст.

Ҳарчанд забони суғдӣ (яғнобии муосир) дар шеваи мардуми Мастчоҳ мақоми худро аз даст дода бошад ҳам, вале дар топониму микротопоним ба гунаи калимаҳои субстрати суғдӣ ҷузъҳои худро дар шакли устувор нигоҳ доштаанд. Ба ин бахш номвожаҳоеро метавон ворид кард, ки онҳо тавассути вожаҳои яғнобии (суғдии) **ғар** «*кӯҳ*», **кат** «*хона*», **мет** «*деҳа*», **зой** «*замин*» ташаккул ёфтаанд.

Дар робита ба ҳамин гуфтан мумкин, ки аҳолии Варзоб, Ромит, болооби Зарафшон дар мисоли Яғнобу Мастчоҳ таърихан дар гузашта умумияти этникиву фарҳанги ягона доштаанд.

Адабиёт

1. *Доро Наҷот. Фарҳанги Доро [Матн]/Наҷот Доро.- Душанбе, 2012. -599 с.*
2. *Лившитс В.А. Согдийские слова в таджикском языке [Текст]/В.А. Лившитс//ИООН АН Тадж. ССР 1957, №12.-С.31-43.*
3. *Мирзоев С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ [Матн]/С. Мирзоев.-Душанбе, 2008.- С. 88.*
4. *Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров [Текст]/В.С. Расторгуева.- М., 1964. - 187 с.*
5. *Убайдов Ф.А. Вожаҳои аслӣ ва иқтибосии даврони куҳани забони тоҷикӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ (дар асоси маводи зерлаҳҷаи Поёни Мастчоҳ): дис. канд. филолог. наук [Матн] / Ф.А. Убайдов. – Худҷанд, 2012. – 190 саҳ.*
6. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / ФЗТ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 949с*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. / ФЗТ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 951с*
8. *Хромов А.Л. Говоры таджиков Матчинского района [Текст]/А.Л. Хромов.-Душанбе, 1962.-213 с.*
9. *Хромов А.Л. Историко - лингвистическое исследование Ягноба и верхнего Зеравшана [Текст]/А.Л. Хромов//Автореф. дисс. доктор. филол. наук. - Душанбе, 1970. - 63 с.*
10. *Хромов А.Л. Согдийские слова в говорах таджикского языка [Текст]/А.Л. Хромов//ИООН АН Тадж. ССР.-1965, №3(41).-С.44-47.*
11. *Хромов А.Л. Ягнобский язык [Текст]/ А.Л. Хромов.-Москва, 1972, с.75.*
12. *Ҳакимова Б.Н. Хусусиятҳои қабатҳои вожагонӣ (лексикӣ)-иистилоҳоти ғаллакорӣ /Б. Ҳакимова// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021, №2(91) - С. 31-36.*
13. *Шарифова Г.М. Баррасии вожаи "марозин" ва муродифҳои он дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ / Г.М. Шарифва // Маҷаллаи "Суханшиносӣ". №3, -2019, -С. 32-37.*
14. *ابومنصور علی بن احمد. لغت فرس (اسدی طوسی) تهران، ۱۳۱۹ – ۳۶۳ ص*
15. *رواقی علی، شکیبا صیاد . زبان فارسئ فرارودی (تاجیکی) تهرا ن، ۱۳۷۳، ۵۳۹ ص.*
16. *Gharib B. Sogdian-Persian-English Dictionary. Tehran, 1995.-4682 p.*

МАВҚЕЪ ВА КОРБУРДИ ВОЖАҲОИ СУҒДӢ ДАР ЛАҲҶАИ МАСТЧОҲ

Дар ин мақола сухан аз боби вижагиҳои субстрати суғдии мустаъмал дар лаҳҷаи Мастчоҳ меравад. Минтақаи Мастчоҳ, ки дар гузашта ҷуғрофиёи густариши забони суғдӣ ба ҳисоб мерафт, дар худ то ба имрӯз бисёр хусусиятҳои умдаи ин забонро маҳфуз доштааст. Дар лаҳҷаҳои болооби Зарафшон, бавижа гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ вожаву истилоҳоти куҳанбунёду таърихиеро, ки бархе аз онҳо дар осори суғдӣ ва адабиёти классикӣ ба мушоҳида мерасанд, метавон пайдо кард. Аз ин лиҳоз ин навъи вожаву истилоҳот аз нигоҳи ифодаи маъно, ба ҷуз аз мавридҳои ҷудогона, аз луғоти матнҳои суғдӣ он қадар тафовут дида намешавад. Аз ин рӯ, баъзе аз калима ва истилоҳоти лаҳҷаи ин мардуми куҳистонро метавон ҳамчун идома ва ё думболаи луғоти суғдӣ маънӣ кард.

Калидвожаҳо: субстрат, суғдӣ, лаҳҷа, паҳнгашта, адабиёти классикӣ, палонҷ. параға, зой, коза, водии Зарафшон, варғ, гӯйиши Мастчоҳ, мавқеъ, корбурд.

МЕСТО И УПОТРЕБЛЕНИЕ СОГДИЙСКИХ СЛОВ В МАТЧИНСКОМ ГОВОРЕ

В этой статье речь идет об особенностях древносогдийских субстратах в матчинским говоре. Горный Матчи который в прошлом считался одним из основным местом распространения согдийского языка, который сохранил в себе многие основные черты этого языка и по сей день. В верховьях Зарафшана, особенно в таджикском диалекте Матчи, можно встретить древние и исторические слова и термины, некоторые из которых встречаются в согдийских словарях и классической литературе. В связи с этим этот вид слов и терминов с точки зрения выражения смысла, за исключением отдельных случаев, не сильно отличается от слов в согдийских текстов. Таким образом, некоторые слова и термины этого горного народа могут быть истолкованы как продолжение самого согдийского языка или продолжение словарного запаса согдийцев.

Ключевые слова: субстрат, согдийский, говор, распространения, классическая литература, жёны многожёнца, стружка, земля, шалаш (лачуга, хибара), верховье Зеравшана, запруда, мачинский говор, место, употребление.

THE PLACE AND USE OF SOGDIAN WORDS IN THE MASTCHOH DIALECT

In this article we are talking about the features of the Ancient Sogdian substrates in the Mastchoh dialect. Mastchoh, which in the past was considered one of the main places of distribution of the Sogdian language, which has preserved many of the main features of this language to this day. In the upper reaches of Zarafshan, especially in the Tajik dialect of Mastchoh, one can find ancient and historical words and terms, some of which are found in Sogdian dictionaries and classical literature. In this regard, this type of words and terms in terms of expressing meaning, except in some cases, does not differ much from words in Sogdian texts. Thus, some words and terms of this mountain people can be interpreted as a continuation of the Sogdian language itself or a continuation of the vocabulary of the Sogdians.

Keywords: substratum, Sogdian, dialect, distribution, classical literature, wives of a polygamist, shavings, earth, hut (hut, hut), upper reaches of Zeravshan, dam, Mastchoh dialect, place, usage.

Дар бораи муаллиф
Шарифова Гулҷаҳон Мирзозарифовна
Ходими калони илмӣ
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21
E-mail: guljahon2011.09@inbox.ru

About the author
Sharifova Guljahon Mirzozarifovna
Senior Researcher
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21
E-mail: guljahon2011.09@inbox.ru

Об авторе
Шарифова Гулджахон Мирзозарифовна
Старший научный сотрудник
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 21
E-mail: guljahon2011.09@inbox.ru

ТДУ 491.55:81'38

ОБРАЗИ ПАРАНДАГОН ДАР ФАРҲАНГ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК (ДАР МИСОЛИ ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ ХАТЛОНӢ)

Табарзода Х. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Одамият дар умри дарозои хеш, аз пайдоиши аввали ҷаҳонбиниаш то ба имрӯз барои пешбурд ва беҳбудии зиндагӣ, барои шароит муҳайё намудани ҷойи зисти худ аз хоку сангҳо, дарахтон, умуман аз тамоми муъҷизоти рӯйи олам истифода намудааст. Аз хумла дар хонадон барои ром ва парастиш намудани ҳайвонот, даранда ва парандагон кӯшиш ба харҷ додаанд. Бештар ба парандагон ҳусни тавоҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро парастиш менамуданд, ром мекарданд ва ҳамчун муҳофиз ва нигаҳдорандаи ҳастӣ пос медоштанд, донишмандону шоирон бошанд, дар симои парандагон шахсони далеру хасур, нотарсро акс менамуданд ва ё дар симои баъзе парандагони шумхабар, ки зарару зиёнаш зиёдтар ба инсоният мерасад, образҳоеро офаридаанд, ки ба хислату характери шахсон мувофиқ карда шудаанд.

Парандагон дар тасаввуроти инсоният мақоми олиро касб карда буданд ва дар натиҷаи такмилу инкишофи ҷаҳонбинӣ ҳамчун фариштагону авлиёгон, ҳамчун фоилони алоқамандкунандаи Худо бо табиат арзёбӣ мешуданд.

Бо тасвири симои парандагони гуногун орзуву омоли ниҳонии одамон нишон дода мешуд ва парвози паранда барояш таҷассумгари парвози хаёл ва наздикшавӣ ба мақсади хеш буд.

Нуфуз ва аҳамияти парандагон дар ин олитарин ва муқаддастарин намунаи фарҳанги динии инсон - Қуръони Маҷид инъикос гардида, робитаи ногусастанӣ бо лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёт ва фаъолияти авлиёву анбиё баррасӣ гардидааст.

Дар ояти 79-уми сураи Анбиё дар бораи илму ҳикмати Довуд ва шеваи доварии Сулаймон чунин гуфта шудааст: «Ва ин рафтори Сулаймонро мо таълим додем, ва ба ҳама хирад ва дониш ато кардем, ва кӯҳҳо ба Довуд тобеъ шуданд; онҳо бо парандагон тасбеҳ мегардонданд...» ва монанди инҳо.

Инчунин дар китоби қадимаи мардуми ориёӣ «Авасто». Ба воситаи эҷод намудани симоҳои асотирии парандагон, ки шахсиятҳои мушахасро таҷассум мекарданд, одамон орзуҳои баландпарвози худро иброз менамуданд. Парвози паранда дар баландкӯҳҳо ва наздики абрҳо барои инсон маънои эътиқод ва имони вайро ба бузургии Офаридгор дошт. Тадқиқи образҳои парандагон дар афкори инсон имконияти бозтоб намудани манзараи воқеӣ ва сабабҳои пайдоишии рамзҳои асотириро дар асарҳои даврaҳои гуногун фароҳам меоварад.

Яке аз шаклҳои қадимтарини дин ин тотемизм аст, ки то ҳол дар байни баъзе халқҳо вуҷуд дорад. Бунёди вожаи тотемизм аз решаи калимаи тотем мебошад. Тотем дар “Луғати русӣ-тоҷикӣ” чунин маънидод гардидааст: ҳайвон ё растание, ки баъзе халқҳои ақибмонда ҳомии қабилаи худ шуморида, онро парастиш мекунанд [10, с. 1111].

Тотемизм дар навбати худ мифология, афсонаҳои гуногуни ба растаниҳои аҷиб ва ҳайвоноту паррандаҳои сеҳрангез бахшидашударо ба вуҷуд овард.

Офаридани образҳои парандагон бо хислатҳои гуногуни инсоният алоқаманданд.

Гузаштагони халқи тоҷик мифологияи бой, эпосҳои қаҳрамонии дилошӯб дар бораи муборизаи доимии некӣ бо бадӣ, ғалабаи Коваи оҳангар аз болои Заҳҳоки ҷодугар, дар бораи корнамоии паҳлавонон Гаршосп, Рустам, Барзу, Исфандиёр оид ба шоҳзодаи зебосурат Сиёвуш офаридаанд.

Ривояту афсонаҳои зиёд перомуни паррандаҳо, аз ҷумла, симурғ, ҳумо, андалеб, уқоб роиҷ мебошад. Ривояти як тоҷик ва уқоби ҷонфидо бо иблис мубориза мекунанд(неруи ҳурмуздӣ ва аҳриманӣ). Аз ин ривоят бармеояд, ки уқоб танҳо рамзи шуҷоату далерӣ набуда, ҳамчун ҳомиву наҷотбахш низ хеле азизу муқаддас арҷгузорӣ шудааст [9, с. 120].

Дар адабиёти классикӣ образҳои парандагон аз тарафи муаллифони машҳур, ба мисли Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», Саноӣ дар «Тасбеҳи туюр» ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Ҳоқонӣ, дар маснавиҳои «Мантиқ-ут-тайр» ва "Хусравнома», "Булбулнома"-и Аттор ва дар "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Масалан дар “Осор-ул-боқия”-и Абӯрайҳон Берунӣ чунин порчаеро мушоҳида намуд: “...парасту бо минқори хеш қадре об оварду ба рӯйи Сулаймон пошид ва як рони малахро низ ҳадя овард”.

Ҳарчанд, олимону донишмандони адабиёти классики форсу тоҷик роҷеъ ба парандагон асарҳои зиёде наофарида бошанд, ҳам, аммо эҷодиёти кадоме шоир ва ё нависандаеро варақ занем, доир ба парандагон образҳо офаридаанд. Аз ҷумла, дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ низ тасвири симои парандагон ба назар мерасад.

Ҳоҷӣ Ҳусайн, «яке аз ситораҳои дурахшони илму адаби нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тоҷик маҳсуб гашта, бо андешаҳои ҳакимона ва лаҳни ширини орифона дар байни аҳли қалам ва омма» шӯҳрат дошт ва дорад.

Таҳлили осори гаронбаҳои Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ собит месозад, ки дар образҳои парандагон - кафтару гунҷишк, шоҳину анқо, тӯтиву ҳудҳуд, булбули хушгуфтору қақбаи кабки дарӣ ва ҳумои афсонавию симурғи умедбахш парвози рӯҳи инсони комилро ба дунёи ирфон таҷассум намудаанд. Парвози парандагон ба ҷойҳои хатарнок ва заминҳои дар назари аввал беҳосил натиҷаи дарку эҳсоси паранда ҳамчун мавҷудоти яздонӣ аст. Иваз гардидани қаҳрамонон, манзараҳо ва воқеъот як воситаест, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии инсони комил ва наздик шудани ӯ ба орзуҳои ниҳонӣ нақши бузург мегузорад.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ҳамчун олими нозукфаҳму борикбин бо дарки беҳад зиёди нозукиҳои забон ба он кӯшиши беандоза намудааст, ки афкори худро баъзе мавридҳо тавассути образи парандагон баён намуда, тарзи баёну суханаш ифоданоку ҷозибанок, таъсирбахшу нишонрас бошад ва ҳар як хонандаи осораш мақсадашро бо тезӣ ва дуруст дарк карда тавонад.

Баъзе калимаҳое мебошанд, ки дар алоҳидагӣ мафҳум ва маънои умумӣ дошта, дар дохили матн (ҳангоми ибораорой) ба кадом истилоҳи соҳавӣ тааллуқ дорад, муайян мегардад. Аз ҷумла вожаи тоҷикии ***паранда*** **پرنده.** Барои шарҳи ин калима мо рӯ овардем ба фарҳангномаҳо. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи паранда чунин шарҳ дода шудааст: 1. *сифати феълии замони ҳозира аз* **паридан.** 2. парвозкунанда, парвозӣ. 3. мурғи хонагӣ ва ҳавоӣ [13, ҷ.2, с. 68], Дар Фарҳанги форсии Амид. ***паранда*** - сифати феълӣ(зистшиносӣ), (қадимӣ), 1. парвозкунанда, 2. (исм) ҳар ҷонваре, ки дар ҳаво парвоз мекунад, 3. ҳар ҷонваре аз хонаводаи парандагон ва дар Фарҳанги форсӣ доктор Муҳаммад Муъин ***паранда*** - форсӣ (паридан). Ҳар ҷонваре, ки мепарад, мурғ, тир, тоир; парандагон. Ногуфта намонад, ки яке аз роҳҳои пайдошавии муродифҳо (синоним) «..аз ҳисоби калимаҳое, ки аз забонҳои дигар иқтибос карда мешаванд» мебошанд. Муродифи калимаи ***паранда*** вожаҳои ***тайр, тоир*** **طیر**, **طائر//طایر** мебошад, ки аз ҷиҳати пайдоиш арабӣ буда маънои паранда, мурғ, парвозкунандаро доро мебошанд. Калимаҳои мазкур аз ҷиҳати мафҳум ва ё маънои умумидошта ба ҳисоб мераванд ва дар мафҳуми ин калимаҳо ҳама гуна парандагон, аз ҷумла парандаи хонагӣ (мурғ) ва парвозкунандаи озод ифода меёбанд. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар осори хеш калимаи ***тайр*** ва ***тоир***ро низ истифода намудааст.

Тайр:

Дар он саҳро яке фармонраво шуд,
Вуҳушу тайр бо ӯ ошно шуд (466)[*].
Дар ин саҳро, ки тайру ваҳшёнанд,
Ғазалхони баёзи ин забонанд (470).

Тоир:

Ба ҳар боре, ки номаш бар забон рафт,
Парафшон тоири ҳушаш ҳамон рафт (470).
Парафшони ҳавояш тоири ранг,
Ки тайрон гашта бар мурғи нафас танг (469).

Суоле пеш меояд, ки олами ҳайвоноту наботот, парандагону хазандагон чи гуна тавлид меёбанд? Асосан тавлиди онҳо аз рӯи маълумотҳои илмӣ зоянда ва бо роҳи тухмгузорӣ мебошад. Парандагон аз тухм тавлид меёбанд. Тухм чӣ гуна калима ҳаст ва мавқеи истифодабарии ин вожа дар забон чӣ гуна мебошад? Чи тавре ки мову шумо огоҳӣ дорем, вожаи тухм дар забон истеъмоли васеъ дорад.

Тухм **تخم** вожаи тоҷикист ва маъноҳои 1. донаи наботот, ки кошта мешавад; 2. байзаи мокиён ва парандагони дигар; 3. дар маънои маҷозии асл, нажод истифода мешавад ва дар

[*] *Минбаъд мисолҳо ва саҳифаҳои онҳо аз Куллиёти Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ (Душанбе: Адиб, 2019) оварда мешаванд.*

забони адабӣ серистеъмол мебошад, аз ҷумла дар осори Ҳофиз Ҳусайни Хатлонӣ. Инчунин Ҳофиз Ҳусайн истифода аз калимаи ***тухм*** ва исми ***кор*** ва пасванди -ӣ калимаи мураккаби ***тухмкори***ро сохта дар осораш як маротиба ба кор бурдааст. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ [13, ҷ. 2, с. 375] вожаи ***тухмикор*** ва ***тухмикорӣ***, ки маънои он ки тухм мепошад, деҳқон, барзгар маънидод гардидааст дида мешавад, аммо вожаи ***тухмкорӣ*** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ дарёфт нагардид. Инчунин бо истифода аз калимаи тухм ибораҳои маҷозии ***тухми ситам, тухми судраи тубӣ*** сохта шудааст, ки аз истеъдоди баланди калимасозӣ ва ибораороии ӯ дарак медиҳад:

Тӯдаи хокам тамошогоҳи он гулгунқабост,
*Мекунад бе **тухмкорӣ** гулшани атвори гул (230).*
*Ҳар чи гардун магар аз **тухми ситам** мекорад,*
Ҳамаро бар ҷигари хастаи ман миёрад (326).
*Зи **тухми судраи тубии** омол,*
Зи айни файз дар фирдавси иқбол (459).

Аз эҷодиёти Ҳофиз Ҳусайн ҳамрадифи калимаи тухм вожаи арабии **байза بيضه** дарёфт гардид, ки маъноҳои 1. тухм; тухми мурғ. 2. кулоҳи ҷангӣ, кулоҳхӯд, тоскулоҳро доро мебошад. Истифода аз ин калима шоири ширинкалом дар ашъораш аз ҳар ду маъно кор гирифтааст: Мисолҳо:

Мо асирон боли парвози халосӣ бастаем,
***Байза** гар бишкастаам, хамёза дорад домҳо (32).*
*Ба ибрат **байзаи** ҳафт ошён якбора бишкастам,*
Нишони тоире гар аз пари анқо нашуд пайдо (35).
Бало ин арсаро нагзорад обод,
Ниҳад ин байзаро дар мушти фӯлод (448).

Доир ба вожаи ***мурғ***, дар сураи Бақара дар бораи пурсон шудани Иброҳим Хилуллоҳ аз аз Парвардигор, ки чи гуна мурдагон зинда мешаванд ва аз Парвардигор садо мешавад, ки “Чаҳор мурғ бигиру сар бибур ва гушти онҳоро ба ҳам биёмез ва ҳар ҷузъе аз онҳоро ба кӯҳе бинеҳ. Пас онҳоро наздат бихон, онҳо шитобон назди ту меоянд ва бидон, ки Худованд пирӯзманд ва ҳаким аст”. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба ин каломи қуръонӣ тасвири ин чор мурғро бат, товус, зоғ ва хурӯс дониста ин чаҳорро чунин бат- ҳирс, хурӯс-шаҳват, ҷоҳ чун товус ва зоғ бошад маният тавсиф мекунад:.

Вожаи мурғ مرغ тоҷикист ва дар осори Ҳофиз Ҳусайн 21 маротиба истифода шудааст ва маънои номи умумии парандаҳо, паранда, тайрро дорост. Мову шумо медонем, ки навъи мурғон гуногунанд. Аз ҷумла: **мурғи даштӣ//мурғи титав** тазарв, ки дар байти (***Тазарви** судраи аршошёна, Биҳишт аз нақши пояш як нишона*. с.406) истифода шудааст**; мурғи қу** як навъ парандаи зебои калони обӣ**; мурғи марҷон** мурғи калонҷуссаи хонагӣ аз ҷинси тазарв, ки дар гулӯ ва бехи нӯлаш гӯшти тоҷмонанди овезон дорад; **мурғи саққо** мурғи дар об шинокунандаи калонҷуссаи минқорбоз, ки дар зери нӯлаш халтаи калони ҳалқум дорад; 2. мурғи хонагӣ; мокиён: **мурғи курк** мокиёни аз тухммонда ва барои чӯҷабарорӣ ба тухм зер кардан моил; **мурғи бепар** а) мурғи парканда, яъне кушташуда барои гушт; б) киноя аз нотавон, оҷиз; ◊ **мурғи Исо (*ё* Исӣ)** *кит.* шабпарак, хаффош; **мурғи саҳар** булбул; **мурғи ҳаво** мурғи ғайриқафасӣ, парандаи озод; **мурғи ҳумо** парандаи афсонавие, ки гӯё сояаш ба сари ҳар кас афтад, вай хушбахту комрон мешудааст.

Инчунин калимаи мурғ дар маъноҳои гуногун, дар маънои маҷозӣ, дар мақолу зарбулмасалҳои халқӣ низ истифода мешавад. Масалан, **соли мурғ** соли даҳум аз силсилаи дувоздаҳгонаи солшумории мучал; **мурғи посӯхта барин** ошуфтаву беқарор, сахт ҳаросон; **мурғи дилро куштан** бешавқу ҳавсала шудан; **мурғи давлат ба сари касе нишастан** соҳибистиқлол шудан, хушбахт шудан; мақоли халқии **забони мурғонро мурғон медонанд** ҳамҷинсон матлаби якдигарро ба осонӣ мефаҳманд; ва монанди инҳо. Мисолҳо:

Ҷӯшу хурӯши мурғон бар шохсор бишнав,
Ғавғои кабки тиҳу бар кӯҳсор бишнав (283).
Чун кор шуд аз даст, тапидан чи хиёл аст,
Мурғе, ки қафас шуд, чи кунад шӯхии рамро (21).
Ҳофиз натавон аз ғами ӯ ёфт халосӣ,
Мурғест диломӯз, ба дил ҷош бубастам (237)
Гулҳо чи менамоянд, яъне, баҳор фонист,
Мурғон чи менавоянд, яъне мадор фонист (284).

Дар байтҳои зерин Ҳофиз Ҳусайн ташбеҳи образноки фоили нутқ ***мурғи дил, мурғи ором, мурғи нафас, мурғи забун, мурғи тоқат, мурғи меҳр, мурғи суханхон, мурғи фараҳбол, мурғи ҳимат, мурғи хароб***, ки дар онҳо аз аввал тавсифи эҳсосии ғаму андуҳ**,** яъсу ноумедӣ ниҳон аст, бо тасвири васеъ ва мушаххас пурра гардонидааст, ки ин тасвир тавсифдиҳии парандаро боз ҳам рангинтару пурмазмунтар менамояд:

*Бо **мурғи дил**ам шеваи шавқи ту чиҳо кард,*
Пар зад ба ҳавои туву бигзошт ватанро (33).
*Надорад сурфае ғайр аз тапидан **мурғи ором**ам,*
Чубисмил набзи бетобист ҳар мӯ андар ин қолаб (47).
*Ҳофиз **мурғи хотир**и моро халосӣ мушкил аст,*
Чун гирифтораш ба доми зулфи савдо кардаанд (120).
*То **мурғи нафас** аз бути дил болфишон аст,*
То маркаби тан маҳмили осоиши ҷон аст (126).
Парафшони ҳавояш тойири ранг,
*Ки тайрон гашта бар **мурғи нафас** танг (469).*
Ҳалқаи зулфи ту дилро ба ҷунун кард асир,
*Донаи холи ту ин **мурғи забун** кард асир (175).*
*Хушо вақте ба ёдат **мурғи тоқат** мепарид аз ман,*
Чу бисмил бол дар хуни ҳасрат метапид аз ман (263).
Ба номи он ки номаш ҷон-ҷон кард,
*Ҷаҳонро **мурғи меҳр**аш ошён кард (389).*
*Ҳумои қудсиву **мурғи суханхон**,*
Забонаш ғунчаи тақрири Қуръон (407).
*Чу бахти нек он **мурғи фараҳбол**,*
Чу фоли саъд он товуси иқбол (437).
*Кунунам **мурғи ҳимат** паргӯшой аст,*
Кафи обилаам саъйозмой аст (459).
Ки умре аз тапиш бе хӯрду хобам,
*Туро дар қайдаму **мурғи хароб**ам (464).*

Бо калимаи **мурғ** илова намудани пасванди хурдиву навозиши **-ак** вожаи **мурғак** сохта шудааст, ки маънии хурд, ночиз будани онро шарҳ медиҳад:

Чист гардун? Домгоҳе. Чист дунё? Донае,
*Одамӣ чӣ? **Мурғак**еву дев ӯро домбоз (179).*
Ки созаш ваҳшиён дар банд карда,
*Навои **мурғак**он пайванд карда (470).*

Вожаи арабии ***булбул*** **بلبل**мурғаки хурдҷуссаи хушовоз ва хушоҳанг, онро ҳазордастон, андалеб низ меноманд. Ва эшонро шабхезу саҳархон низ хонанд (90). Аз эҷоди шоир 41 маротиба калимаи булбулро дарёфт намудем. Ҳангоми ибораороӣ бо калимаи булбул Ҳофиз Ҳусайн тавонистааст мақсади худро рӯйи коғаз тасвир кунад. Ибораҳое, ки ҷузъи асосиашон булбул мебошад: ***булбули дилфигор, булбули интизор, булбули шӯрида, булбули нолон, булбули боғ, булбули фикр,*** ва ё баръакс вожаи булбул ҷузъи тобеъшаванда ба ҳисоб мераванд***: садои булбул, фасли булбул, шӯри булбул, чашми булбул, савти булбул, чаҳчаҳи булбул, нолаи булбул, дили булбул, навойи булбул, забони булбул, синаи булбул, боли булбул.***

Мурод аз истифодаи симои булбул ин орифони фонӣ аст, ки мудом ба зикри ҳақ ва дар фикри ӯст ва аз нафси аммора фориғ гашта ба ёди ҳақ таъоло машғул аст.

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъизор ку?
Ғунчаву гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?(281).
Садои булбулаш ҳасратхурӯш аст,
Нигоҳи гул ҳама ҳайратфурӯш аст(440).

Инчунин Ҳофиз Ҳусайн аз исми ***булбул*** ва вожаи ***сифат*** калимаи мураккаби ***булбулсифат***ро сохтааст, ки дар фарҳангномаҳо дарёфт нагардид.

***Булбулсифат** аз ғунчаи ту зоғу заған доғ,*
Оё ки расида хабари ҳусни ту дар роғ(217).

Вожаи арабии ***андалеб***- **عندليب** муродифи калимаи булбул, ҳазордастон, ҳазорово мебошад ва дар маънои маҷозии сароянда, хушовоз; фиғону нолакунанда истифода мешавад. Мо вожаи мазкурро аз ашъори Ҳофиз Ҳусайн дарёфт намудем, ки истифодаи васеъ дорад:

Аз гиребончокии гул то навойи андалеб,

Равшан аст ин рамз, доғе бар ҷигар дорад баҳор(167).
Гар нагаштӣ лола хун дар домани саҳрои боғ,
Андалебонро куҷо будӣ хабар аз шони гул(227).

Дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷ. 1 Дониш, 1985, с. 276) пасванди **-сон** чунин шарҳ дода шудааст: «Ин суффикс сермаҳсул буда, аз исмҳои конкрет зарфи монандӣ месозад». Истифода аз ин ду ҷузъ Ҳоҷӣ Ҳусайн аз исми ***андалеб*** ва пасванди ***-сон*** зарфи ***андалибсон***ро сохтааст, ки дар фарҳангномаҳо (манзур ба ФЗТ ва ФТЗТ) дарёфт нагардид. Мисол: Бист қадоқ ҷою ду шиша равғани баласон расид ҳамчун гиёҳи сероб бо баргу наво ва чун баласон тарласон(тарлисон) гардида, ***андалибсон*** навохони дуо гардидем [6, с. 507].

Вожаи **тӯтӣ طوطی** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ маънои парандаи сабзранги минқоркаҷ, ки гуфтори одамиёнро тақлид мекунад. Дар Фарҳанги форсии доктор Муъин бошад, тӯтӣ-паррандае аст аз ростаи тӯтиён, ки дорои парҳои сабз ва зарду қирмиз зебое аст ва дорои нутқи қавӣ ва минқори болоии бисёр ҳамида ва қирмизранг ду ангушт дар ҷилав ва ду ангушт дар ақиб дорад. Тӯтӣ дар Африқои ғарбӣ ва Ҳиндустон ва Ҳинду Чин фаровон аст ва ба сабаби забони узлонӣ, ки дорад метавонад ба осонӣ овозро тақлид кунад [7, с. 665].

Дар «Рисолат-ут-тайр»-и Наҷмиддини Розӣ, ба мисли дигар асарҳои дар ин равия офаридашуда, саҳнаи гирд омадани парандагон дар манзили ровии достон оғоз меёбад. Парандагони мазлум тӯтиро ҳамчун намояндаи худ интихоб намуда, мақсад мегузоранд, ки вай мактубро бо шарҳи аҳволи туюр то Сулаймон расонад. Ва Ҳоҷӣ Ҳусайн низ чанд байтеро рӯйи коғаз овардааст, ки дорои ин мазмун мебошад:

Мапурс, эй тӯтӣ, аз суроғам,
Магир аз қосиде маншури доғам(460).
Ки дар ин шуъба таъсир аст пайдо,
Забони нола чу тӯтӣ шакархо(402).

Тӯтӣ, ки забони узлонӣ дорад метавонад ба осонӣ овозро тақлид кунад ва ин маънӣ дар байти Ҳоҷӣ Ҳусайн

Шакари лаъли ту ҳар талхдаҳон кай донад,
То чи тӯтӣ накунад машқи шакархоии ту(278).
Панде шунав, ки лаззати дунё шикастан аст
Бе кому лаб зи тӯтии гӯёӣ бӯрё(44)

Ҳоҷӣ Ҳусайн аз «алфози шакарини он тӯтии нотиқа» сухан карда, дар симои он аз ашхоси нутққунанда, ширинкалому ширинсухан будани он ёдовар мешавад:

Мутолиаи китоби фиристодаро карда, аз алфози шаккарини он тӯтии нотиқа шакархойӣ кард… (509).

Мурғи афсонавие, ки рамзи давлату бахт аст, **мурғи ҳумо(й) (همای)** мебошад. Шарҳи вожаи ***ҳумо*** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин аст: мурғи афсонавие, ки рамзи давлату бахт аст; мурғи Ҳумо мурғи бахт. Дар Фарҳанги форсии доктор Муҳаммад Муъин ҳумо 1. фархунда, 2. паррандае аст аз ростаи шикориёни рӯзона. Парҳои фуқонӣ ва пушти он хокистарӣ моил ба сафед ва ранги сина зард моил ба ҳиноӣ аст ва дар болои сар чанд адад аз парҳо қадре балантар ва аз ду тараф ташкил ду баромадагиро медиҳад ва дар зери минқораш низ қисмате аз парҳои рушди бештаре доранд, ки зебоии хос ба ин парранда медиҳад. Бо он ки дар табақабандӣ ҷузви паррандагони шикорӣ аст. Ғизои он фақат устухон аст. Ҳамон устухонҳоро аз замин рабуда ва аз боло ба рӯйи саҳроҳо раҳо мекунад ва пас аз қитъа-қитъа шудан мехӯрад. Ҳамон уқоби устухонхӯр. 3. Қадами ин мурғро муҷиби саодат медонистанд ва мепиндоштанд, ки сояаш бар сари ҳар касе афтад ӯро хушбахт кунад [7, с. 1208].

Ба қавли Саъдии бузургвор

Ҳумой бар сари мурғон аз он шараф дорад,
Ки устухон хӯраду ҷонвар наёзорад [13, ҷ. 2, с. 758].

Ва ё аз Ҳоҷӣ Ҳусайн:

Халойиқ бар абас тақлиди вазъи якдигар доранд,
Нагардад саг ҳумо аз устухони сахтхойиҳо(26).
Зи маншури карамно он қадар болидааст фарқам,
Ки натвонад ҳумо умре расидан остонамро(25).

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар қатори шоири ширинкалом, ширинсухан буданаш дар сохтани калимаҳои низ истеъдоди баланди шоирона дорад. Истифода аз калимаи **ҳумо** бо пасванди **-й** ва вожаи **ҷӯй(ҷустан)** вожаи сохтаи ***ҳумой*** **(**Кунад хосияти зилли ***ҳумойӣ***, Дигар чун нахли ҷаннат мевазойӣ(459) ва калимаи мураккаби ***ҳумоҷӯӣ*** -ро истифода намудааст:

Бувад то кай ҳавои бахту иқбол,
Ҳумоҷӯйиву юмн аз сояи бол(457).

Баъзе ҳайвонот ва парандагон дар байни мардум муқаддас шуморида шуда, нақшҳои гуногуни ҷузъҳои ононро дар нақшбандҳо қадим мушоҳида намудан мумкин аст. То ҳатто, аз шоху устухон, нохун ва дигар ҷузъҳои парандагон дар хонадон истифода менамуданд, барои сиҳатии кудакон ва занон барои тинҷу ором будани аҳли оила ҳар гуна дастбона, бозубандҳои ороишӣ месохтанд. Махсусан пари парандагони кабутар, нохуни баъзе аз онҳо бештар истифода мешуд. Ороиши зебу зинат ба ҳаёт ва урфу одат ва ба зиндагию рӯзгори мардум алоқамандии қавӣ дорад. Ин гумон меравад ва шуморида мешавад, ки ороишоти аз парандагон сохташуда бахту саодат, барору комёбиҳо ба аҳли хонадон меорад. Ороишоти ба сар, ки рамзҳои осмониро чун моҳу ситора, парандагону қаноти онҳо ифода мекард, хеле муқаддас шуморида мешуд. Ин анъана то ҳол идомаи насли гузашта аст, то ба мо имрӯз ба мо мерос мондааст. Аз ҷумла, барои бахту саодат арӯсон пари паранда-кабӯтарро барои ороиш ба сар мекунанд. ***Кабӯтар*** **كبوتر**парандаи зебои гуногунхел, ки ба одам зуд ром мешавад, **кабӯтари номабар** дастомӯзе, ки мактуби ба пояш бастаро ба ҷое, ки лозим аст, мерасонад; Истифодаи ин парандаи зебо дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн ба назар расид:

Ва ё бинӣ ба парвозе ***кабутар,***
Зи шавқи тезболӣ мезанад пар(452).

Дар Қуръони маҷид дар сураи Моида ояҳои 30-31 сухан дар боби робитаи инсон бо махлуқот рафта, аз мазмуни он бармеояд, ки вақте фарзандони Одаму Ҳаво Қобилу Ҳобил миёни ҳам низоъ мекунанд ва Қобил Ҳобилро мекушад ва дар фикри пинҳон намудани ҷасади ӯ мешавад. Худо калоғеро водошт, то заминро биковад ва ба ӯ биёмӯзад, ки чи гуна ҷасади бародарашро пинҳон созад.

Дар “Куллиёт”-и Ҳоҷӣ Ҳусайн вожаи тоҷикии ***калоғ*** **كلاغ** дар байти

Қасре, ки дар пури Пашан буду Каю Ҷам,
Имрӯз нишеманкадаи чуғду калоғ аст [67] пайдо гардид.

Маънии ин байт чунин аст: “Қасре, ки ҷойи ободу зебо, ҷойи шоҳнишин, ҷойи нишасти шоҳон Каю Ҷамшед буд, имрӯз ба як ҷойи нообод, ба як харобазоре, ки чуғду калоғ дар он ошён, лона гузоштаанд, мубадал гардидааст”. Пас аз мутолиаи байт ва дарк намудани маънӣ гуфтан мумкин аст, ки ин паранда ҷойи гашту гузараш ҷойҳои ноободу харобазор аст, маънои маҷозиро касб намудааст, яъне ҷойи ободу зебо, одамнишин ба як ҷойи вайрона, нообод, харобазор мубаддал гашта, ҷойгоҳи чуғду калоғ гаштааст. Хостем аз фарҳангномаҳо маънии вожаи калоғро дастрас намоем.

Калоғ дар фарҳангномаҳо чунин шарҳ дода шудааст. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [13, ҷ.1, с. 568] парандае бо минқори нисбатан баланду қавӣ, поҳо ва болҳои неруманд, дурпарвоз ва бо пару боли сиёҳ. Дар Фарҳанги доктор Муъин бошад, калоғ парандае аст аз ростаи сабукболон, ки дорои қадди мутавассит (тақрибан як мурғи хонагӣ), ки дорои парҳои сиёҳ(дар қисмати сару бол ва думу гардан)мебошад, вале дар ноҳияи пӯст ва шикам дорои парҳои хокистарӣ моил ба сафед аст. Пари бархе аз калоғҳо тамоман сиёҳ аст ва онҳоро калоғҳои сиёҳ ва зоғи сиёҳ мегӯянд. Минқори калоғ нисбатан тавил ва комилан қавӣ аст. Калоғ тақрибан ҳама чизро мехӯрад. Аз тухм ва донаву мева ва барги гиёҳон чӯча ва тухми парандагон ва моҳӣ ва қурбоқа ва мормулак ва гоҳе парастуҳоро низ шикор менамояд. Калоғҳои маъмулиро, ки дорои зери шикам ва пӯсти хокистарӣ ҳастанд, калоғи лоша низ мегӯянд; 2 парандаест сухангӯ; 3. Калоғ -парандае аст аз ростаи сабукболон, ки дорои парҳои ҳиноиранг ё хокистарӣ бо зери шикам сафед мебошад. Қадаш мутавассит (каме аз кабӯтар бузургтар) болои сараш дастаи паре ба шакли кокул дорад. Дар ҳудуди 20 гуна аз ин паранда вуҷуд дорад, ки буми Ҳиндустон ва ҷазоири Молезӣ мебошад [7, ҷ. 2, с.1431].

Дар «Авесто» чанд ҷой аз парандагон сухан рафтааст. Нахуст аз Сенмурв (шакли паҳлавии «Саена») ном паранда, ва ё дар боби 41-уми кардаи 15-уми «Авесто». Зардушт дигарбора ба тавсифи Баҳром, ки ба сурати мурғи умедбахш, яъне Симурғ - Саена намудор мегардад. Ин образ бори аввал дар қадимтарин ёдгории хаттии адабиёти халқи мо - «Авесто» дар қисмҳои Вендидод ва Яштҳо бо номи Сенамур ва тасвир ёфтааст. Аз ин факт тахмин кардан мумкин аст, ки паррандаи Симурғ дар байни халқ садсолаҳо пештар аз эҷод шудани Авесто ба вуҷуд омадааст ва ҳангоми таълифи китоб он мақомеро доштааст, ки ба «Авесто» дохил шудааст.

Дар асари рамзӣ-фалсафӣ ва таърихӣ-ҳамосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин образ, яъне Симурғ - Саена ҷойгоҳи хоссае дорад.

Дар ин достон Фирдавсӣ дар баробари офаридани образи инсони аҷнабӣ симои парандаи гӯё - Симурғро ба қалам додааст ва ҷойи сукунати вайро Албурзкӯҳ, яъне ҷое, ки ба он ягон бор қадами инсон ва ҳайвонот нарасидааст, интихоб кардааст.

Муҳаққиқ Ашурова Нодира дар китоби Муқаддимаи зуҳури Рустам доир ба мурғи афсонавии Симурғ низ хеле ривоятҳои холибро дарх намудааст. чунин ривояте оварда шудааст: «Ҳангоме ки Сом аз кӯдак рӯй метобад, мефармояд, ки ӯро ба кӯҳи Албурз ниҳанду баргарданд. Дар қуллаи он кӯҳ мурғи афсонавии Симурғ лона дошт ва дар лонааш фарзанд парвариш мекард. Бо мақсади пайдо кардани қути лоямут аз лонааш парвоз мекунад ва дар домани кӯҳ бо кӯдаки бесоҳиб дучор мешавад. Худованд дар дили Симурғ меҳре падид меоварад, ки майли хӯрдан аз ӯ дур мешавад. Кӯдак-Золро ба лонаи худ мебарад ва ба ҷойи шир бо хуни ҳайвонот ба ҷойи модар парвариш менамояд. Ба қавле Симурғ Золро ҳафт сол парвариш мекунад. Зол забони ӯро меомӯзад» [3, с. 26-27]. Дар «Шоҳнома», вақте сухан дар хусуси фарзанди паҳлавонзода Зол - Рустам ва корнамоиҳои ӯ меравад, ҳамеша «Зол ба ҳамнишинӣ ва пайванд бо Симурғ тасаввур мешавад»

Ҷу Симурғро бачча шуд гурсина,
Ба парвоз- бар шуд баланд аз буна.

Ва ё дар «Калила ва Димна»-и Насруллоҳ Муншӣ чунин ҷумларо дарёфт намудем: «Мурғон ҷумла ба наздики симурғ рафтанд».

Ҳоҷӣ Ҳусайн низ аз «мурғи мавҳуми афсонавӣ», яъне Симурғ низ дар порчаҳои шеъриаш истифода намудааст. Мисолҳо:

Анқои хиёл аст дар ин Қоф нашиман,
Аз Қоф ҷу Симурғ ҳам осор намонад(310).
Симурғи ошёни Қофи тавфиқ,
Ғаввоси қулзуми заххори таҳқиқ(431).

Ҳоҷӣ барои дақиқу комил будани фикр, ҷолибу шавқовар будани он номгӯйи зиёди парандагонро дар порчаҳои назмиву насрии худ истифода намудааст, аз ҷумла:

аз мурғи афсонавие ***анқо*** *а.***عنقا** 1., ки гӯё дар паси кӯҳи Қоф зиндагӣ мекардааст, мурғи номаш машҳури худаш номавҷуд. 2. дар маънои маҷозии чизи ноёфт;

Ба ибрат байзаи ҳафт ошён якбора бишкастам,
Нишони тойире гар аз пари анқо нашуд пайдо (35).

аз ***товус*** **طاوس** 1. мурғе, ки парҳои рангоранги зебо дорад. 2. дар маънои маҷозии одами зебо, хушрӯ; маҳбуба.

Гуландоме ба рақс омад, ки аз файзи тамошояш
Ду олам чун пари товус гул дар доман аст имшаб(52).
Баҳорон баҳри истиқбол ҳангоми тамошояш,
Гирифта набзи сад гулзор, чун товуси маст ояд(134).

аз **фохта** **فاخته** як навъ кабӯтари ёбоӣ; куку.

Ҳамчунон фохта дар кӯйи ту ку-ку гӯён,
Ба таваллои ту сад нола ҷу булбул дорам(255).

аз **хурӯс** **خروس** мурғи нари хонагӣ;

Саҳаргаҳон ки ба ҳам мерасад навои хурӯс:
Барои ғафлатиён мезанад кафи афсӯс(182).

аз ҳудҳуд а. **هدهد** як навъ парандаи тоҷдор, шонасарак, пӯпишак.

Супоридаш ба пайки соҳибиқбол,
Нишони фатҳро ҳудҳуд ба ирсол(474).

…дар айни интизорӣ аз мазҳуби доранда ҳамчун ҳудҳуди фаррухфол аз санъои омол вуруд намуд, хотири пажмурдаро зарофати баҳорӣ дод ва хиёли носуда- ро фароғатдорӣ(507).

аз чуғз//чуғд**چغز//چغد** 1. парандаест аз бум хурдтар ва бадовоз, ки онро маъмулан манҳус ва бехосият мешуморанд.

Баҳри саъйи дилхушӣ асбоби ҷамъият махоҳ,
Бе дафу най мекунад чуғдак ба кунҷи ғор рақс(204).

аз парандаи шикорӣ **шоҳин** **شاهين**, дар маънои маҷозии далер, диловар;

Нагардад нокас аз асбоби мурдан қобили коре,
Чӣ ҳосил мӯр агар ёбад зи шоҳин болу чанголаш(192).
Бо гирифторони золим ҷуз тамаллуқ чора нест,
Мекунад дар чанги шоҳин кабки хушрафтор рақс(204).

аз парандаи **бум-** а. بوم парандаи шабпаре, ки рӯзҳо дур парвоз карда наметавонад, дар байни халқ бо шумӣ ва нуҳусат машҳур аст, чуғз.

Офати ин бум дар чашми касон пӯшида нест,
Субҳу шоме ҳаст ин ҷо, нақшаи чашми аждаҳост(77).

аз **ватвот** *а.***وطواط** кӯршапарак, хаффош;

Аз таънаи Булаҳаб чи нуқсат,
Маъзур зи меҳр чашми ватвот.(362)

аз **кабк كبک** парандае аз оилаи тазарвҳо, каклик; **кабки дарӣ** яке аз ҷинсҳои кабк, ки дар дараҳо зиндагӣ мекунад ва овози хуб дорад;

Дар муҳаррам оҳу дарду нола то авҷи фалак,
Дар баҳорон қаҳқаҳи кабку навои садҳазор.(378)
Ғавғои кабки тиҳу бар кӯҳсор бишнав,
Аз тарфи боғу бӯстон савти ҳазор бишнав(285).

аз **каргас كرگس** ҷинси парандаи калони чанголдори лошахӯр.

Ҷифаи дунё барои аҳли худ омодааст,
Мекашад каргас барои лоша аз кӯҳсор сар.(165)

аз **куланг كلنگ** - турна;

Хиёли офият ин ҷост дар пари анқо,
Махоҳ, Ҳоҷӣ, дар ин бум ошёни куланг.(221)

аз **қумрӣ** а. **قمری** парандаи хушовози хурдтар аз кабӯтар, ки дар гардан тавқ дорад.

Нест қумрӣ, ки саҳар магӯяд
Ба сари кӯйи ту куку, манамат(63).

Бо калимаи арабии ***қумрӣ*** **قمری** ва иловаи вожаи тоҷикии ***рав*** ва пасванди ***-иш*** **Ҳоҷӣ Ҳусайн** вожаи мураккаби ***қумриравиш***ро сохта ва истифода намудааст, ки дар фарҳангномаҳо дарёфт нагардид:

Аз манзари дида сарви ӯ гум кардам,
Қумриравишам, ба ҳар куҷо гӯям ку(332).

аз **хаффош خفاش** кӯршапарак, муши паррон, шабпарак.

Кирост тобу тоқате, ки бинадат яке назар,
Назар зи тоби рӯйи ту шавад хаффош бе басар(37).

Басомади номҳои парандагон ва калимасозии онҳо дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ

Т/р	Номи парандагон		Дар назм	Дар наср	Калимасозӣ	
1.	Тайр	6	6			
2.	Тоир	11	10	1		
3.	Мурғ	21	21		мурғ+ак	мурғак
4.	Булбул	41	41		булбул+сифат	булбулсифат
5.	Андалеб	2			андалеб+сон	андалебсон
6.	Анқо	24	24			
7.	Товус	12	12			
8.	Тӯтӣ	19	18	1		
9.	Фохта	1	1			
10.	Хурӯс	1	1			
11.	Шаҳбол	1	1			
12.	Ҳудҳуд	2	1	1		
13.	Ҳумой	12	12		ҳумой+ӣ; ҳумо+ҷӯ+ӣ	ҳумойӣ; ҳумоҷӯйӣ
14.	Чуғд	1	1			
15.	Шоҳин	5	5			
16.	Бум	8	8			
17.	Ватвот	1	1			
18.	Хаффош	3	3		хаффош+ӣ	хаффошӣ
19.	Кабк	13	13			
20.	Кабӯтар	1	1			
21.	Калоғ	1	1			
22.	Каргас	2	2			
23.	Куланг	1	1			
24.	Қумрӣ	8	8		қумрӣ+рав+иш	қумриравиш
25.	Симурғ	3	3			

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки офаридани симои парандагон дар ҷаҳонфаҳмии исломӣ ҳамчун мавҷудоти илоҳӣ, мавҷудоти пок арзёбӣ мегардад ва баъдан қобилияти гуфтор дар парандагон нишондиҳандаи тасвири рафтору заковат ва хулқу атвори инсонӣ мебошад, инчунин муборизаи хислатҳои мусбат ва манфии инсониро нишон медиҳад.

Адабиёт

1. *Авасто /Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Иборат аз 2 ҷилд. -Теҳрон: Интишороти Марворид, 1370. - 1195 с.*
2. *Аттор Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр./Ба эҳтимомидуюур Аҳмади Ранҷбар. -Теҳрон: 1369. - 737 с.*
3. *Ашурова Нодира Муқаддимаи зуҳури Рустам. - Д.: Сино, 2014. - 140 с.*
4. *Бертельс А.Е.Художественный образ в искусстве Ирана IX-XV веков (Слово, изображение). - М.: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1997. - 422 с.*
5. *Большая советская энциклопедия, вт. изд. том. 43, 1956, срт. 67-68.*
6. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология, - Душанбе: Дониш, 1985. - Ҷ.1. - 356 с.*
7. *Дуктур Муҳаммад Муъин. Бурҳони қотеъ.Тоълифи Муҳаммадҳусайн бинни Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон. Бо эҳтимоми дуктур Муҳаммад Муъин, ҷилди севум. Муассисаи интишороти Амири Кабир. -Теҳрон, 1362.*
8. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1973. Ҷ.1.*
9. *Кабиров Х. Ҷойгоҳи уқоб ва рақси уқоб дар муҳити тоҷикони Чин // Паёми ДМТ, 4/3 (137), с. 120.*
10. *Луғати русӣ-тоҷикӣ. Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон.-М, Зери таҳрири М.С.Осимӣ «Русский язык», 1280 с.*
11. *Тақво Муҳаммадӣ. Ҳикоёти ҳайвонот дар адаби форсӣ. - Теҳрон: интишороти Равзана. - 418 с.*
12. *Фарҳанги Амид. Тоълифи Ҳасан Амид. Муассисаи интишороти Амири Кабир. -Теҳрон, 1362;*
13. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. - Москва: Нашриёти Советская энциклопедия, 1969.*
14. *Ҳоҷӣ, Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт / Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ. – Душанбе: Адиб, 2019. – 616 с.*

ОБРАЗИ ПАРАНДАГОН ДАР ФАРҲАНГ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК (ДАР МИСОЛИ ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ ХАТЛОНӢ)

Мақолаи мазкур ба таҳлили образҳои парандагон дар дар фарҳанг ва адабиёти гузаштаи тоҷику форс бахшида шуда, дар он рамзи парандагон дар тасаввуроти инсонӣ дар адабиёти классикӣ ва динӣ баррасӣ менамояд. Ҳамчунин муаллиф бо истифода аз фарҳангномаҳо вожаҳои марбут ба парандагон, аз қабили паранда, тайр, тоир, тухм, байза, мурғ, булбул, андалеб, тӯтӣ, ҳумо ва ғайраро дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн мавриди таҳлил қарор дода, маъноҳои луғавӣ ва маҷозии онҳоро шарҳ медиҳад. Таҳлили осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ нишон медиҳад, ки ӯ бо истифода аз образҳои кабӯтар, гунҷишк, шоҳин, анқо, тӯтӣ, ҳудҳуд, булбул, ҳумои афсонавӣ ва симурғи умедбахш, парвози руҳи инсони комилро ба дунёи ирфон таҷассум намудааст. Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳамчун адиби дорои истеъдоди баланд вожаҳои навро, аз қабили булбулсифат ва ҳумоҷӯй эҷод карда, бо ташбеҳу истиораҳои нозук (масалан, мурғи дил, мурғи нафас) баёни худро рангин ва пурмазмун гардонидааст.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, образи парандагон, рамз, фарҳанги мардумӣ, маънои луғавӣ, маънои маҷозӣ.

ОБРАЗ ПТИЦ В ТАДЖИКСКОЙ КУЛЬТУРЕ И ЛИТЕРАТУРЕ (НА ПРИМЕРЕ ТВОРЧЕСТВА ХОДЖИ ХУСАЙНА ХАТЛОНИ)

Данная статья посвящена анализу образов птиц в классической таджикско-персидской культуре и литературе. В ней рассматривается символика птиц в человеческих представлениях в классической и религиозной литературе. Автор, используя словари, также анализирует слова, относящиеся к птицам, такие как "паранда", "тайр", "тоир", "тухм", "байза", "мург", "булбул", "андалеб", "тути", "хумо" и другие, в произведениях Ходжи Хусейна, объясняя их буквальные и переносные значения. Анализ произведений Ходжи Хусейна Хатлони показывает, что, используя образы голубя, воробья, сокола, анка, попугая, удода, соловья, мифической хумо и многообещающего симурга, он воплотил полёт духа совершенного человека в мир ирфана (познания). Ходжи Хусейн, как высокоталантливый писатель, создал новые слова, такие как "булбулсифат" (подобный соловью) и "хумоджуи" (ищущий хумо), и сделал свое выражение красочным и содержательным с помощью тонких сравнений и метафор (например, "мург-и дил" – птица сердца, "мург-и нафас" – птица дыхания).

Ключевые слова: таджикский язык, таджикская литература, Ходжи Хусейн Хатлони, образ птиц, символ, народная культура, буквальное значение, переносное значение.

IMAGES OF BIRDS IN TAJIK CULTURE AND LITERATURE (USING THE WORKS OF HOJI HUSAYN KHATLONI AS AN EXAMPLE)

This article is dedicated to the analysis of bird imagery in past Tajik-Persian culture and literature. It examines the symbolism of birds in human perception within classical and religious literature. The author, utilizing dictionaries, also analyzes bird-related words such as "paranda," "tayr," "toir," "tukhmm," "bayza," "murgh," "bulbul," "andaleeb," "tuti," "humo," and others, in the works of Khoji Husayn, explaining their literal and metaphorical meanings. An analysis of Khoji Husayn Khatloni's works demonstrates that, by employing the images of the dove, sparrow, falcon, Anqa, parrot, hoopoe, nightingale, mythical Humo, and the promising Simurgh, he embodied the flight of the perfect human spirit into the world of Irfan (gnosis). Khoji Husayn, as a highly talented writer, created new words such as "bulbul-sifat" (nightingale-like) and "humo-juyi" (Humo-seeking), and enriched his expression with subtle similes and metaphors (e.g., "murgh-e dil" – bird of the heart, "murgh-e nafas" – bird of breath).

Keywords: Tajik language, Tajik literature, Hoji Husayn Khatloni, bird imagery, symbol, folk culture, literal meaning, metaphorical meaning.

Дар бораи муаллиф
Табарзода Хайрулло Назар
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: tabarov-64@mail.ru

About the author
Tabarzoda Khayrullo Nazar
Candidate of Philological Sciences, Docent
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
E-mail: tabarov-64@mail.ru

Об авторе
Табарзода Хайрулло Назар
Кандидат филологических наук, доцент
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: tabarov-64@mail.ru

ТДУ 811.222.8'373.46

ДОИРАИ ИСТЕЪМОЛИ СИФАТҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР ЗАМИНАИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Шаҳнозаи Т.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаи таҳқиқу омӯзиши калима ҳамчун воҳиди хурдтарини маънодори нутқ ҳанӯз аз даврaҳои пеш таваҷҷуҳи олимонро, алалхусус, забоншиносонро ҷалб карда буд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои муътамади илмӣ дар забони тоҷикӣ калимаҳо вобаста ба сохти таркибиашон гуногун ба назар мерасанд. Аз рӯйи маълумоти дастурҳои таълимӣ калима аз рӯйи сохт ба чор гурӯҳ тасниф карда мешавад: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ. Калимаҳои мураккаб дар доираи дигар навъҳои калима ҷойгоҳи арзишмандро касб мекунанд. Дар забоншиносӣ калимаҳои мураккаб ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири таркиби ҷумла аз ҷониби муҳаққиқони соҳа ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Ин навъи калимаҳо ба давраи бостон пайванди ногусастанӣ дошта, яке аз сермаҳсултарин роҳи калимасозӣ шинохта шудаанд. Бинобар ин андешаҳо, аҳли таҳқиқ калимасозии калимҳои мураккабро ба давраҳои қадимтарини ташаккулу таҳаввули забони тоҷикӣ мутааллиқ донистаанд.

Масалан, забоншиноси маъруфи тоҷик Д. Саймиддинов, ки дар хусуси таърихи забони тоҷикӣ осори мондагори илмӣ нигоштааст, дар бораи таърихи дуру дароз доштани калимаҳои мураккаб чунин фармудааст: “Қолаби калимаҳои мураккаб, ки дар қадимтарин намунаҳои мероси хаттии ниёгонамон ба чашм мерасад, намунаи барҷастатаринаш катибаи Бесутун мебошад, ки дар он қолабҳои калимаҳои мураккаби тобеъ дида мешаванд” [10, с. 66]. Давраҳои оянда ё худ минбаъдаи шаклгирии забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ ҳам яке аз роҳҳои пурмаҳсули калимасозии калимаҳои мураккаб ба ҳисоб гирифта шудааст. Бинобар ин маълумотҳо аввалин назарияҳо доир ба ин тарзи калимасозӣ дар луғатномаҳои муътамади даврони классикӣ маънидод карда шудаанд. Ин ҷиҳати масъалаи мубрамро забоншиноси ҳирфаӣ Ш. Рустамов низ таъкид кардаанд [8, с. 58]. Солҳои баъдӣ, яъне пас аз Инқилоби Октябр аз ҷониби равшанфикрони ватандӯсту озодихоҳи миллат барои беҳбудии вазъи забони тоҷикӣ ва таълими самараноки он нахустин дастурҳои забони тоҷикӣ иншо шуданд. Масалан, дар китобҳои “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ”-и С. Ализода ва “Қоидаҳои забони тоҷикӣ”-и А. Фитрат роҷеъ ба калимасозии калимаҳои мураккаб ба таври мухтасар маълумоти муътамади илмӣ дарҷ шудааст. Бо такя ба маълумоти дар асарҳои мазкур овардашуда бо боварии том метавон чунин хулосаи дақиқу амиқ бароварда, ки дар давраҳои минбаъдаи рушду инкишофи забони тоҷикӣ, махсусан, такмили назарияҳо дар бораи усулҳои калимасозӣ аз ин асарҳои ба истилоҳ заминавӣ фоидаи зиёд бурдаанд [2, с. 55].

Соли 1941 забоншиносони мумтоз Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода китоби «Морфологияи забони тоҷикӣ»-ро аз чоп бароварданд. Дар ин асари арзишманд, ки дар он замон яке аз асарҳои заминавӣ дар самти таҳқиқу омӯзиши системаи ҳиссаҳои нутқ ба шумор мерафт, дар бораи калимасозии мураккаб маълумоти нисбатан муфассал ва илмӣ дарҷ шудааст. В. С. Расторгуева низ дар китоби «Очерки мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ» доир ба ин масъала маълумоти густурдаи илмӣ овардааст [9, с. 529-570]. Дар китоби Ш. Н. Ниёзӣ зери номи «Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ» калимасозии мураккаб мавриди таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, муаллифи асар доир ба ин усули калимасозӣ андешаҳои ҷолиби диққатро баён кардааст [5, с. 193].

Бо итминони комил метавон гуфт, ки дар давраҳои баъдӣ осори мазкур барои ривоҷу равнақи назарияи илмии калимасозии забони тоҷикӣ чун манбаъҳои гаронбаҳои илмӣ хизмат кардаанд. Калимаҳои мураккабро бо дарназардошти муносибат ва алоқаи грамматикии байни ҷузъҳояшон ба калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта ҷудо кардаанд [3, с. 125-148]. Тамоми усулҳои сохта шудани калимаҳои мураккаб дар забон ҷойгоҳи вижаро касб намуда, барои бойгарии таркиби луғавии забон заминаи мусоид фароҳам меорад [6, с. 190].

Агар як замон дар вақти омӯзиши калимаҳои мураккаб бештар ба сохтори морфологии ин намуди калимаҳо диққат дода мешуд, айни ҳол сохти калимаҳои мураккаб бо семантикаи онҳо якҷоя ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, чунки семантикаи калимаҳои мураккаб ба муносибати байни ҷузъҳояшон алоқаи қавӣ дорад [6, с. 98]. Дар баробари ин, як зумра забоншиносон дар вобастагӣ бо семантикаи ибора баррасӣ

намудани хусусиятҳои маъноии калимаҳои мураккабро муносиб донистаанд. Забоншинос Л. С. Пейсиков ҳамин паҳлуи масъаларо дар осори гаронарзиши ба шохаҳои мухталифи илми забоншиносӣ бахшидааш ба таври хеле мукаммалу назаррас ва фасеҳу балиғ ба қалам додааст. Бинобар андешаи олими зикршуда, алоқаи изофӣ маъмултарини навъи алоқаи байни калимаҳо дар забони форсӣ ба шумор рафта, дар баробари ин дар бораи бо алоқаи изофӣ сохта шудани калимаҳои мураккаб диққати ҳамаҷониба дода, факти изофатро яке аз роҳҳои ба калимаҳои мураккаб табдил ёфтани ибораҳои изофӣ донистааст. Чунончи, ӯ зикр менамояд: «Бархе ибораҳои изофӣ ҷараёни лексикализатсияро аз сар гузаронида, бо афтидани бандаки изофӣ ба калимаҳои мураккаб табдил ёфтани ибора ба амал меояд» [7, с. 103].

Дар бисёр асарҳои илмӣ, ки бевосита ба мавзуи калимасозӣ робита доранд, ҳамин принсипро дидан мумкин аст. Масалан, дар корҳои илмии олимони рус то солҳои навадум ҳам принсипи такя ба сохтори калимаҳои мураккаб возеҳу равшан ба мушоҳида мерасад [ниг.: Земский А.М., Крючков С.Е., Светлаев М.В. Русский язык.- М.: 1980 : 115- 116]. Вале дар баробари ин муҳаққиқоне низ ба назар мерасанд, ки сохтори калимасозиро бо семантикаи он алоқаманд медонанд. Дар забоншиносии рус дар хусуси масъалаи мазкур аҳаммияти махсус дода шудааст. Забоншиносони рус Б. А. Серебренников [11, с. 56], П. А. Соболева [12, с. 33] ва дигар олимон семантикаи калимаҳои мураккаб ва гурӯҳҳои семантикии онро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар забонишиносии тоҷик ҳангоми шарҳи калимасозии ҳиссаҳои нутқ дар бораи семантикаи калимаҳои мураккаб дар тадқиқоти Ш. Рустамов ва дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” маълумоти кам ба назар мерасад. Забоншинос Ғаниева С. бошад, дар таҳқиқи анҷомдодааш таҳти унвони “Бархӯрди ономасиологӣ нисбати калимаҳои мураккаби забони адабии тоҷикӣ” ба семантикаи калимаҳои мураккаб ҳамаҷониба таваҷҷуҳ намудааст [4, с. 45]. Ин таҳқиқгар бо такя ба корҳои илмии муҳаққиқони рус семантикаи калимаҳои мураккабро дар атрофи сохтори калимаҳои мураккаби исм+исм дар насри классикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Зикр кардан зарур аст, ки наҳвшиносон бо сабаби алоқаи хеле мустаҳкам доштани сохтори ибора ба калимаҳои мураккаб – (универбҳо) семантикаи ин ду категорияи тамоман мухталифи забонро дар пайравии якдигар мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд.

Забоншиноси тоҷик С. Низомова доираи семантикии калимаҳои мураккабро васеъ донистааст, ки ин барои равшан муайян намудани «хусусияту характери шахс, ҳодисаву воқеаҳо ва муносибати онҳо» аҳаммияти калон дорад. Бинобар ақидаи муҳаққиқи номбурда, васеъ будани доираи семантикии ин гуна калимаҳо ба он вобаста аст, ки ҳар як ҷузъи ин гуна калимаҳо «дар алоҳидагӣ маънои ҷудогонаро ифода менамояд».

Хулласи калом, дар радифи сохти ҳар як калима ҳатман ба маънои луғавии он диққати ҳамаҷониба зоҳир намуда, дар вақти омӯзишу баррасии таркибии сарфии калимаҳои мураккаб семантикаи он шарҳу эзоҳ дода шавад. Дар ин қисмати кор мо ҳам ҷиҳати сохторӣ ва ҳам семантикии калимаҳои мураккабро, махсусан, сифатҳои мураккабро баррасӣ хоҳем кард.

Азбаски мақолаи мо ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи калимасозии сифатҳои мураккаби пайваст дар “Ёддошҳо”-и Садриддин Айнӣ бахшида шудааст, мо тасмим гирифтем, ки доир ба ин навъи калимасозии сифат маълумот дода, вижагиҳои ин типи калимасозии сифатро дар “Ёддошҳо”-и Садриддин Айнӣ баррасӣ намоем.

Калимаҳои мураккаби пайваст бо хусусияти хоси калимасозии худ аз дигар навъҳои калимаҳои мураккаб (манзур калимаҳои мураккаби тобеъ ва омехта аст) фарқ карда, маъмултарин усули калимасозии калимаҳои мураккаб маҳсуб меёбанд. Ин навъи калимаҳои мураккаб бо роҳу воситаҳои гуногун аз асосҳои баробарҳуқуқ сохта мешаванд. Аз ҷиҳати тобиши маънӣ бошанд, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Дар калимасозии аксарияти ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ ин усули калимасозиро мушоҳида кардан мумкин аст. Махсусан, дар калимасозии исм, сифат ва зарф аз ин усули калимасозӣ баштар истифода мебаранд. Як нуктаро бояд ин ҷо таъкид намуд, ки дараҷаи истеъмоли ин усули калимасозӣ дар ҳар ҳиссаи нутқ вобаста ба хусусияти грамматикӣ ё худ имконоти дохилии ҳиссаи нутқ гуногун сурат мегирад. Масалан, дар як ҳиссаи нутқ сермаҳсул, дар ҳиссаи нутқи дигар каммаҳсул ва дар як ҳиссаи нутқи комилан дигар бемаҳсул ба назар мерасад. Бо дарназардошти маълумоти манбаъҳои илмву адабӣ ва махсусан осори ба грамматикаи забони тоҷикӣ ихтисосшуда роҳу усулҳои калимасозии калимаҳои мураккаб дар сохтани исмҳо ва маъсусан зарфҳо мавқеи вижаро касб мекунад. Яъне аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар ҳиссаҳои номбаршудаи нутқ ин усули калимасозӣ хеле маъмул аст. Аммо баръакси ин ду ҳиссаи нутқ дар калимасозии сифат нисбатан доираи истеъмоли ин усули калимасозии

калимаҳои мураккаб чандон васеъ нест. Забоншиноси шинохтаи тоҷик Ш. Рустамов дар китоби “Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик” ки ба мавзуи калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик нигаронида шудааст, роҷеъ ба калимасозии мураккаби пайваст ягон қайду ишора накардааст. Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ва дар дастури таълимии С. Ҳалимов “Ҳиссаҳои номии нутқ” дар бораи калимасозии мураккаби пайваст бар такя ба калимасозии исмҳо, сифатҳо ва зарф маълумоти то як дараҷа пурратар пешниҳод мешавад. Гуфтан ҷоиз аст, ки маълумоте, ки дар сарчашмаҳои илмии фавқуззикр, инчунин дигар асарҳои илмии маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшидашуда дар бобати бо кадом усулҳо сохтани калимаҳои мураккаби пайваст ягон муқобилияти андеша ба назар намерасад.

Хоркашев С. дар монографияи худ таҳти унвони “Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа” дар хусуси сохти калимаҳои мураккаб диққати ҳамаҷониба додааст [13, с. 66].

Ҳангоми таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиши маводи дастрасбудаамон маълум гардид, ки дар “Ёддоштҳо”-и усод Айнӣ сифатҳои мураккаби пайваст дар асоси анъанаи калимасозии калимаҳои мураккаб, мувофиқи нишндоди сарчашмаҳои илмӣ бо роҳҳои зерин сохта шудаанд:

1. Аз такрори бевоситаи калимаҳо сохта шудаанд. Ин усули калимасозӣ дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ яке аз каммаҳсултарин роҳи калимасозӣ маҳсуб ёфта, дар низоми ин қолаби калимасозӣ беш аз 22 калима дарёфт намудем: **дангар-рангар, тиқ-тиқ, суп-сурх, қатра-қатра, ҳим-ҳим, калон-калон, дароз-дароз, тӯб-тӯб, чакра-чакра, тозабатоза, тарсону ларзон, ҷалӣ-калон, дона-дона, сахт-сахт, порча-порча, пеш-пеш, хурд-хурд, хир-хир, кам-кам, гуногун, ҷононҷон, рангоранг.**

Чунон ки аз таҳлилу баррасии сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, дар ин қолаб сохта шудани калимаҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ, ба мисли исм, сифат, зарф хос мебошад. Дар калимасозии калимаҳои мураккаби пайваст ҳиссаҳои мухталифи нутқ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Азбаски рисолаи таҳқиқии мо бевосита ба калимасозии сифат дар заминаи асари тарҷумаҳолии устод Садриддин Айнӣ – “Ёддоштҳо” бахшида шудааст, мо тасмим гирифтем, ки мавқеи калимасозии сифатҳои мураккаби пайвастро ба риштаи таҳқиқ кашем.

Як нуктаи муҳимро бояд қайд намуд, ки дар тадқиқоти олимони тоҷик доир ба муносибат доштани калимаҳои мураккаби пайваст ба ҳиссаҳои нутқ фикрҳое, ки ихтилофи якдигаранд, мушоҳида накардем. Ба андешаи мо, сабаби асосии масъалаи мазкур ин аст, ки ҳангоми омӯзишу баррасии калимаҳои мураккаби пайваст олимони соҳа бештар ба сохтори калимаҳои мазкур диққат додаанд. Ба семантикаи калимаҳои мураккаби пайваст бошад, таваҷҷуҳи аҳли илм дар соҳаи забоншиносии тоҷик бо нудрат ба назар мерасад. Аз мазмуну муҳтавои мисолҳои зикршуда бармеояд, ки онҳо аз ҷиҳати мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ гуногун буда, лекин аз ҷиҳати тобиши маъноӣ то як дараҷа байнашон муҳдудият ба назар мерасад: онҳо, дар навбати аввал, ба воситаи такрор омадан, маънои зиёдиву камӣ, такрор ва миқдорро таҷассум кардаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки қолабҳои калимасозӣ ҳам ба семантикаи калимаҳои мураккаб вобаста буда, дар онҳо таносуби шакл ва мазмун равшан зоҳир мегардад.

а). Аз такрори исм. Ин роҳи калимасозӣ дар маводи ҷамъовардаи мо корбурди фаъол надорад. Исмҳои мухталиф дар ин қолаб омада, маъниҳои мухталифро ифода мекунанд: **дангар-дангар, тиқ-тиқ, қатра-қатра, тӯб-тӯб, чакра-чакра, дона-дона, порча-порча, хир-хир, пастак-пастак.** Чунончи: Лаъличаро чаппа гузошта маро ба пеши вай шинонда химчаҳоро ба дастонам дод ва худаш ба паҳлуям нишаста найро ба лабонаш дошт. Ман химчаҳоро ба лаълича зада садои **дангар-дангар** мебаровардам, ӯ ҳам, гӯё ки сурнай менавохта бошад, ҳуштак мекашид... [1, с. 19]. Ман бо ӯ ангиштҳои пошхурдаро **дона-дона** аз даруни барф чида дар он ҷо ғундоштан гирифтем. Аммо «Парвардигорхӯҷа» бо шикастани хум ва пош хӯрдани ангишт худро ба зери девор гирифта бо пушти нохунаш гарди ангишти ба ҷомааш нишастаро **оҳиста-оҳиста** тоза кард ва ба ангиштчинии мо тамошобин шуда истод [1, с. 158]. Ман худро аз бачагони дигар ҳам хурсандтар ҳис мекардам, чунки дар он рӯз дар тани ман чунон либосҳое буд, ки ман пеш аз он монанди онҳоро напӯшида буда, ё ин ки пӯшида бошам ҳам, дар ёд надоштам: дар барам курталозимии сафеди суфта буд ва аз рӯйи вай ҷомае пӯшида будам, ки гулҳои **порча-порча** дошт ва дар сарам каллапӯши нав буд, ки модарам гулдӯзӣ карда буд [1, с. 17].

б). Аз такрорёбии сифат. Дар ин қолаб, аслан, сифатҳои аслӣ истеъмол мешаванд. Дар ин вазифа аксаран сифатҳои **калон-калон, хурд-хурд, сахт-сахт** корбаст шудаанд. Калимаҳои **калон-калон, хурд-хурд сахт-сахт** дар мисолҳои зерин аломати ашёҳоро

мефаҳмонад: Эргаш қисми **калон-калони** онҳоро, ки хеле кам буданд, ба ман нишон дод [1, с. 36]. Дар он ҷоҳои биёбон хомаҳои **хурд-хурди** реги сурх ва талчаҳои **пастак-пастак** қатор шуда рафта буданд [1, с. 291]. Аломати бад шудани аҳволаш ин аст, ки нафасҳои **сахт-сахт** мекашад ва гулӯяш хишшос мезанад [1, с. 171].

Забоншиноси тоҷик Низомова С. Ф. дар рисолаи докториаш “Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистикаи Садриддин Айнӣ” калимаҳои дар мисолҳои боло зикршударо мансуби ду ҳиссаи нутқ: сифат ва зарф медонад. Ба андешаи мо, фикри Низомова С. Ф. дуруст ва саҳеҳ аст, зеро тобиши маъноӣ ва ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани чунин хели калимаҳоро маҳз аз мазмуну муҳтавои умумии матн фаҳмидан мумкин аст. Забоншиноси номбурда ҳамин паҳлуи масъаларо низ дар рисолааш таъкид намуда, калимаҳои баланд, кӯтоҳ, сахтро сифтҳои аслӣ ба қалам дода, дар шакли такрор омадани онҳоро дар мисолҳои дар поён зикршуда ба вазифаи зарфи тарзи амал омаданашонро таъкид намудааст: “Калимаҳои баланд, кӯтоҳ, сахт сифатҳои аслӣ буда, дар ин қолаб таркиб ёфта, ба вазифаи зарфи тарзи амал омадааст: Модаркалонам баланд-баланд (чӣ тарз?) дуо хонда дафъи фалокатро аз Худо мепурсид ва барои ба кор рафтаистодагон ривоҷи кор металабид [Од., 39]. ...кӯтоҳ-кӯтоҳ (чӣ тарз?) нафас гирифта, – истода будам, аз он тараф (бо дасти худ тарафи Эронро нишон дода) ҳам аз ин тараф (тарафи Ҳиротро нишон дода) гард бархост [Ғул.,38]. Қутбия ки Ҳамдам-Фурма будани соҳиби садоро дид, дили аз садои ногаҳонӣ ба ларзишомадааш сахт-сахт ба тапидан даромад... [Ғул., 569]”.

Идораи рӯҳонии ин деҳа ба дасти мутаваллиҳо буд, ки онҳо аз ҷумлаи серзаминони хоҷагони мираконӣ буданд ва идораи **мулкӣ-маъмурӣ** дар дасти тоҷикон буд... [1, с. 8]. ...дар барам курта-лозимии сафеди суфта буд ва аз рӯйи вай ҷомае пӯшида будам, ки гулҳои **порча-порча** дошт ва дар сарам каллапӯши нав буд, ки модарам гулдӯзӣ карда буд [1, с. 17].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу омӯзиши маводи дастрас айён гардид, ки ин роҳи калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ камистеъмол аст. Гарчанде ки дар дигар осори адиб бо ин усули калимасозӣ сохта шудани сифатҳо дар баробари исму зарфҳо мақоми шоистаро касб мекунад.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Ёддоштҳо. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2009. – 404 с.*
2. *Ализода С. Сарфу наҳви забони адабии тоҷик. С. –Фитрат А. Қойидаҳои забони тоҷикӣ// С. Ализода–Фитрат. Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2010. -187с.*
3. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология / Муҳаррирони масъул: Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров.– Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ. 1. – 356 с.*
4. *Ганиева С. Словообразовательное значение сложных слов таджикского языка/ С. Ганиева //На материале литературных памятников X-XII вв .// Дис. .канд. филол. наук.–Душанбе, 1990. – 156 с.*
5. *Ниёзӣ, Ш. Н. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Н. Ниёзӣ // Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Ҷузъи 7 – Сталинобод, 1954. – 50 с.*
6. *Низомова, С. Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ. [Матн]/С. Низомова– Душанбе: матбааи ВКД–2010.- 178 с.*
7. *Пейсиков Л. С. Вопросы синтаксиса персидского языка./ Л.С. Пейсиков -М.: Изд-во МГУ. 1975. -207 с.*
8. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972. –77с.*
9. *Расторгуева В. С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. / В. С. Расторгуева // Таджикски-русский словарь. -М.: Госиздат иностранных и национальных словарей. 1954.- С.529-570.*
10. *Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна. -Душанбе: 2001, -310 с.*
11. *Серебренников Б. А. «Об относительной самостоятельности развития системы языка». / Б. А. Серебренников – М., 1967.*
12. *Соболева П. А. Словообразовательная полисемия и омонимия. / П. А. Соболева – М., 1980 – 66 с.*
13. *Хоркашев С. Ду нигоҳ ба масоили калимасозӣ. Хоркашев С. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2014, №1 (56). – С.337-344.*

ДОИРАИ ИСТЕЪМОЛИ СИФАТҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР ЗАМИНАИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи калимасозии сифатҳои мураккаби пайваст дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ бахшида шудааст. Мавзуе, ки дар мақола баррасӣ шудааст, аз нигоҳи илмӣ актуалӣ буда, то имрӯз мавзуи мазкур мавриди таҳқиқи алоҳида сурат нагирифтааст. Дар баробари ин мақоми калимасозии сифатҳои мураккаби пайваст дар осори илмии олимону донишмандони замони муосир

дида баромада шуда, ҷойгоҳи ин усули калимасозӣ дар замони муосир аз диди муҳаққиқон баррасӣ карда шудааст. Азбаски мавзуи асосии мақоларо омӯзиш ва баррасии вижагиҳои сифатҳои мураккаби пайваст дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ ташкил мекунад, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқи моҳияти асосии масъала мақоми ин усули калимасозиро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ нишон додааст. Дар баробари таҳлили маводҳои адабӣ доир ба истифодаи пасванди таҳқиқшаванда маълумоти оморӣ дода шудааст. Баъд аз баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳимми баррасишаванда муаллиф дар хулоса нақши устод Айниро дар офаридани калимаҳои нави бо ин усул сохташуда, ки бевосита ба услуби фардии нависанда хос аст, нишон додааст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, пасванд, ташаккул, забоншиносӣ, забоншинос, луғат, сарф, наҳв, забони тоҷикӣ, сифатҳои мураккаби пайваст.

СФЕРА УПОТРЕБЛЕНИЯ СЛОЖНЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В КОНТЕКСТЕ «ВОСПОМИНАНИЙ» САДРИДДИНА АЙНИ

Статья посвящена изучению и исследованию сложносочинённые прилагательных в «Воспоминаниях» С. Айни. Тема, обсуждаемая в статье, актуальна с научной точки зрения и до сегодняшнего дня не являлась предметом отдельного исследования. При этом рассмотрен статус словообразования сложных прилагательных в научных трудах учёных и ученых современности, а также обсуждено место этого способа словообразования в современную эпоху с точки зрения исследователей. Поскольку основной темой статьи является изучение и обзор особенностей сложносочинённые прилагательных в «Воспоминаниях» С. Айни, автор в процессе исследования основной сути вопроса показал состояние этого способа словообразования в «Воспоминаниях» Айни. Наряду с анализом литературных материалов он предоставил статистические сведения об использовании исследуемого суффикса. Рассмотрев и решив важные рассматриваемые вопросы, автор в заключении показал роль С. Айни в создании новых слов, созданных этим методом, что непосредственно характерно для личного стиля писателя.

Ключевые слова: словообразование, суффикс, формирование, лингвистика, языковед, лексика, морфология, синтаксис, таджикский язык, сложносочинённые прилагательные.

THE SCOPE OF USE OF COMPLEX COMPOUND ADJECTIVES IN THE CONTEXT OF SADIRDIN AYNI'S "MEMORIALS"

The article is devoted to the study and research of word formation of compound adjectives in "Memoirs" of S. Ayni. The topic discussed in the article is relevant from a scientific point of view, and until today this topic has not been the subject of separate rese. At the same time, the status of word formation of complex adjectives in the scientific works of scientists and scholars of the modern era has been examined, and the place of this method of word formation in the modern era has been discussed from the perspective of researchers. Along with the analysis of literary materials, he provided statistical information on the use of the researched suffix. After reviewing and solving the important issues under consideration, the author, in the conclusion, showed the role of S. Ayni in creating new words created by this method, which is directly characteristic of the writer's personal style.

Keywords: word formation, suffix, formation, linguistics, linguist, dictionary, spending, language, Tajik language, complex adjectives.

Дар бораи муаллиф
Шаҳнозаи Турсунзода
Унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С. Сафаров, 16
E-mail: mmirsaidov@mail.ru

About the author
Shahnozai Tursunzoda
Applicant of the Department of the Tajik Language
Kulyab State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab,
st. S. Safarov, 16
E-mail: mmirsaidov@mail.ru

Об авторе
Шахнозаи Турсунзода
Соискатель кафедры таджикского языка
Кулябский государственный университет
им. А. Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С. Сафаров, 16
E-mail: mmirsaidov@mail.ru

ТДУ 809.155.0(575.3)

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ НОМШИНОСӢ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ

Шамсудинова М. А., Холназаров Р. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Истилоҳ ба номгузорӣ ва номшиносӣ робитаи ногустанӣ дорад, зеро пазириши истилоҳ барои номгузории ягон ашё ё ҳодиса ҳам барои истилоҳшиносӣ ва ҳам барои номшиносӣ хеле муҳим аст.

Омӯзишу баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи номҳои хос дар ҳар давру замон мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб ва зиёиёни пешқадам қарор дошту то ба имрӯз ин амали муфид раванди ногустанӣ ва мавқеи устувореро ба худ касб мекунад.

Таҳқиқи номшиносӣ дар забоншиносии тоҷик ба таври илмӣ аз солҳои 60-уми садаи XX оғоз гардидааст. Аз байни донишмандони тоҷик таҳқиқотҳои Р.Х.Додихудоев, Ж.А.Ҳалимов, О.Ғ.Ғафуров, А.З.Розенфелд, А.Л.Хромов, О.П.Смирнова нахустин таҳқиқотҳо дар номшиносии Осиёи Миёна ба шумор рафта, барои омӯзиш ва пажуҳишҳои минбаъда заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Махсусан, нақши А.З.Розенфелд ва А.Л.Хромов дар омӯзиши номшиносии Тоҷикистон бузург арзёбӣ гардида, осори онҳо барои муҳаққиқони минбаъдаи номшинос маводди хуби илмӣ дод. Яке аз нахустин пажуҳиш дар ин самт мақолаи А.З.Розенфелд «Название лангар в топонимике Таджикистана» мебошад, ки соли 1940 нашр гардидааст. Он таҳқиқи забоншиносии номҳои ҷуғрофии қисмати ҷанубии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои номшиносии тоҷикро дар бар мегирад. Таҳқиқоти ономастикии А. З. Розенфелд, ки ба паҳлуҳои асосии номвожаҳои ҷуғрофӣ бахшида шудаанд, дар як силсила асару мақолаҳои ӯ баррасӣ гардидаанд. Осори илмии А.З. Розенфелд, асосан, ба баъзе масъалаҳои номвожаи қисматҳои ҷанубӣ шарқии Тоҷикистон бахшида шуда, дар онҳо маводди фаровони топонимӣ, антропонимӣ, гидронимӣ аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд [6, с. 13].

Рушди ҳар як илм ҳамеша бо ташаккул ва такмили низоми истилоҳот такя намуда, ташаккули илми нав метавонад силсилаи истилоҳотро ба вуҷуд орад. Агар ба луғати Н.В.Подолская такя намоем, ин мафҳумҳои номшиносӣ «бахши забоншиносие, ки ҳама гуна номҳои хосро меомӯзад» (воқеан ба маънои «маҷмуи исмҳои хос» низ истифода мешаванд) ва номҳои хос «маҷмуи онимҳо» мебошанд. (оним = номи хос) [5, с. 96].

«Луғати истилоҳоти забоншиносӣ»-и О.С.Ахманова бошад, номшиносиро ин гуна шарҳ додааст: «Ономастика (номшиносӣ):

1. Як бахши забоншиносӣ, ки номҳои шахсро меомӯзад (ном, номи падар, насаб, номи одамон ва ҳайвонот).

2. Маҷмуи (низоми) исмҳои хос ҳамчун мавзуи асосии омӯзиши забоншиносӣ.

3. Бахши забоншиносие, ки дар маҷмуъ номҳоро меомӯзад» [5, с. 67].

Н.В.Подолская дар «Словарь русской ономастической терминологии» ин нуктаро чунин баррасӣ намудааст: «Номшиносӣ як соҳаи забоншиносӣ аст, ки ҳар гуна номҳои хосро меомӯзад. Дар муддати тулонӣ истилоҳи «номшиносӣ» ҳамчун а) омӯзиши антропонимҳо, яъне антропонимия; б) маҷмуи антропонимҳо, яъне антропонимия; в) маҷмуи антропонимҳо фаҳмида мешуд» [5, с. 97]. Яъне, номшиносӣ як шохаи забоншиносиест, ки номҳои хоси ҳар як забонро меомӯзад. Мақолаи алоҳида дар бораи истилоҳи «номҳои хос» («маҷмуи онимҳо») танҳо дар луғати Н.В. Подолская мавҷуд аст ва дар луғатҳои энсиклопедӣ ба назар намерасад.

Маълум мешавад, ки мафҳуми «номшиносӣ» ба маънои «маҷмуи номҳои хос» ҳоло ҳам дар корбурд қарор дорад ва инро худи Н. В. Подолская эътироф кардааст.

Ба вуҷуд омадан ва инкишофи номшиносӣ дар забон ва маънои онҳо ҳанӯз дар замонҳои қадим диққатро ба худ ҷалб мекард. Мутафаккирони даврони қадим исмҳои умумӣ ва исмҳои хосро ҷудо карда, дар бораи дурустӣ ва мувофиқ будани номҳо, вобастагии зичи ном бо ашё, дар бораи маънои номҳо, фардияти онҳо ва ғайра таҳқиқот намуда, навъҳои алоҳидаи онро фарқ накарда, номҳои хос ва умумиро норавшан тақсим мекарданд.

Бо ташаббуси шахсии муҳаққиқони алоҳида номвожаҳо интихобан ба луғатҳо дохил карда мешуданд ва ҳангоми омӯзиши забонҳо онҳо барои тасдиқи ин ё он бурҳони забонӣ гоҳ-гоҳ истинод карда мешуданд. Фақат дар асри XX дар Аврупо дар бораи хусусияти

номвожаҳо ҳамчун аломат, нишонае, ки ба шахсони алоҳида дода мешавад, фикру ақидаҳо ҷамъбаст мешаванд ва қабатҳои маъноии он ошкор карда мешаванд. Номшиносӣ асосан дар солҳои 30-юми асри ХХ мақоми илмӣ гирифт. Соли 1930 бо ташаббуси Алберт Дозе дар Фаронса Конгресси якуми байналхалқии ономастикӣ даъват карда шуд, ки минбаъд дар ҳар ду сол як маротиба дар мамолики гуногуни ҷаҳон баргузор мегардад. Соли 1949 дар Белгия Комитети байналхалқии номшиносӣ дар назди ЮНЕСКО ташкил карда шуда, журнали «Онома» ва аз соли 1950 инҷониб китобшиносиро оид ба номшиносӣ нашр мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳсозӣ таърихи дуру дароз дорад ва ҳампояи даврaҳои аввали пайдоиши забон аст. Ҳар вақте инсоният барои ифодаи мафҳумҳо ва ашёҳои хос калима ва ё ибораи махсусе истифода карда бошад, ҳамон дам ба масъалаи истилоҳ ва истилоҳофаринӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ин гурӯҳи вожагон аз ҳамон замоне, ки одам қодир шуд ҷойгоҳи худро дар олами ҳастӣ бишносад ва ба номгузории ашёи вохӯрдааш шуруъ кунад, пайдо шудан гирифтанд. Ва ҳар андоза, ки илму басирати вай бар унсурҳои ташкилдиҳандаи муҳим ва ҷузъияти он фузунӣ гирифт, вожаҳои нав ба наве барои ифодаи ҳар чизу ҳар падида пайдо карду истифода бурд. Бахусус, баъд аз пайдоиши хат ва тавоно гаштани башар бар навиштану хондан имконияти сабт ва ёдмон кардани вожагону истиллоҳоти аввалияро бамаротиб афзоиш дод. Чунончӣ, агар ақаллан аз китоби муқаддаси «Авасто» ёд кунем, мебинем, ки дар он чӣ гуна истилоҳоти диниву нуҷумӣ ва ғайра хеле фаровон истифода шудааст [4, с. 25-34].

Инкишофи забонамон ба давраи истиқлол ёфтани хонадонҳои шоҳии Тоҳириёну Саффориён ва махсусан Сомониён рост омад. Воқеан солҳои ҳукмронии сулолаи Сомониён асри фарҳангофарӣ ва фарҳанггустарӣ гардида, олимону донишмандони он давр дар баробари навиштани асарҳои илмиву оммавӣ ба забони арабӣ бо кӯмаку дастгирӣ ва пуштибонии шоҳони Сомонӣ ва амирони маҳаллии он вақт ба забони форсии дарӣ низ асарҳои илмӣ таҳия намуданд. Бисёре аз истилоҳоти илмӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ки имрӯз мо ба кор мебарем, ёдгори ҳамон давра мебошанд. Дар навиштаҳои илмиву адабии шахсиятҳои намоёни ин давра аз Рӯдакиву Фирдавсӣ то Абӯалӣ Синову Беруниву Носири Хисрав истилоҳоти илмии фаровоне ба забони тоҷикӣ пайдо шуданд, ки забони моро ҳам мақоми расмӣ ва ҳам макоми илмӣ доданд. Забони форсии дарӣ баъд аз инқирози сулолаи Сомониён низ пешрафт намуда, ба забони байналмилалӣ табдил ёфт ва асарҳои аср дар Осиёи Миёнаву Қафқозу Эрону Туркия ва Ҳиндустону Покистон асарҳои илмии зиёде ба ин забон таълиф гардиданд.

Дар густариши такомули истилоҳоти илмии забони форсии дарӣ, хусусан асарҳои ба ин забон таълифнамудаи Ибни Синову Абӯрайҳони Берунӣ ва як зумра олимони он давра нақши муҳим бозиданд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки дар асрҳои IX-XI мелодӣ истилоҳоти забони тоҷикӣ ба як роҳу равиши муайяне инкишоф ёфта ба мактабе табдил ёфт, ки дорои низоми мушаххаси меъёрҳо, усул ва равишҳои истилоҳофаринӣ буд. Ин меъёри усулҳои истилоҳсозии қарнҳои IX-XI акнун ҳам аҳамияти илмии худро гум накардааст, балки яке аз рукнҳои асосӣ ва бунёдии ислоҳофаринӣ дар Эрону Тоҷикистон гардидааст.

Истилоҳот ва истилоҳсозӣ по ба пойи забону миллат пайваста дар рушду такомул аст. Пешрафту пасрафтҳои фарҳангии миллатро метавон аз рӯйи таркиби истилоҳот ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷомеа муайян намуд. Дар авохири қарни IXX ва ибтидои асри XX забони тоҷикӣ марҳилаи ниҳоят душвор ва мураккаби инкишофи худро паси сар мекард. Истилоҳоти забони тоҷикӣ дар ин замон хеле омехта бо туркӣ гардид. Ҳарчанд дар шеър забон нисбатан беолоиш буд, вале корбурди он дар доираҳои расмӣ хеле душворфаҳм буд. Масалан, номи аксари мансабу вазифаҳои давлатии аморати Бухоро, аз қабили бек, бекӣ ва бекигарӣ, қӯшбегӣ, тӯпчибошӣ, оқсақол, мирзобошӣ- ҳисобдори хазина ва сарфу харҷи дарбор, қаровулбегӣ - сардори посбонон, тӯқсабо - сардори лашкар, шикбошӣ - сардори дарбонҳо, қӯликӯшбегӣ- мири шикор, атолик - вориси падар туркӣ буд [2, с. 12-20].

Номвожаи Боғи Афзал дар асар чун ифодагари номи нукоти маскунӣ, яъне деҳа дар қисми якуми асар ва дар қисми дувуми асар мавриди корбурд қарор гирифта, ба воситаи ин номвожа адиб чи гуна рух додани воқеаи таърихиро собит мекунад: Тағоиам дар бораи номи мазори Чилдухтарон афсонае нақл кард. Назар ба қавли ӯ, дар замони гузашта дар деҳаҳои Тезгузар ва Боғи Афзал ғуломдорӣ бисёр авҷ гирифта будааст. Дар ин ду деҳа аз канизакон чил духтар будаанд, ки мирзоҳошон (соҳибонашон) ба онҳо бисёр зулм мекардаанд [1, с. 36]. Дар ин мисол чунин номвожаҳо: Чилдухтарон (номи мазор), Тезгузар, Боғи Афзал (номи мавзеъҳои маскунӣ, яъне деҳаҳо) мавриди корбурд қарор гирифта, сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодисаанд, гардидааст. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуб ба забони тоҷикӣ (Чилдухтарон, Тезгузар) ва тоҷикию

арабӣ (Боғи Афзал) ҳастанд ва аз нигоҳи сохт мураккаб (Чил+духтар+он, Тез+гузар) ва ибора-номвожа (Боғи Афзал (воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мебошанд. [6, с. 27-32].

Дар ин давраи такомули забон абармардоне чун Аҳмади Дониш ва устод Садриддин Айниву ҳамандешони онҳо ба майдон омаданд, ки эҷоду фаъолияташон забони тоҷикиро боз ҳам густаришу инкишоф дод. Воқеан, фарҳанги тоҷик ва забони тоҷикро дар садсолаи ахир бе устод Айнӣ ҳаргиз наметавон тасаввур кард. Дар ин давраи пурошӯб ӯ шаҳсутуни забони модарӣ гардид. Аввалин китобҳои луғати дузабонаи тоҷикӣ ба русӣ ва русӣ ба тоҷикӣ дар риштаҳои гуногуни илму фарҳанги тоҷик маҳз бо ширкату машваратҳои устод Айнӣ ба вуҷуд омаданд. Бинобар ин садаи бист дар такомули истилоҳ ва истилоҳофаринии забони тоҷикӣ давраи буғранҷ ва мураккабест. Дар ҳаҷми як мақола мо наметавонем ба тамоми хусусиятҳо ва ҷанбаҳои гуногуни инкишофу такомули истилоҳот ва истилоҳофаринӣ равшанӣ андозем. Ҳар як марҳилаи такомули он на танҳо мақолаи алоҳида, балки пажӯҳиши амиқи илмиро талаб дорад.

Имрӯз дар истилоҳофаринӣ бештар такя ба имконот ва захираҳои дохилии забон, мероси ғании давраи классикии забони форсии тоҷикӣ ва истифодаи таҷрибаи вожагузинӣ дар кишварҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон шуд. Ҳарчанд ки нуфузи истилоҳоти иқтибосӣ дар забон ва махсусан дар истилоҳоти бархе аз соҳаҳои илм, аз ҷумла илмҳои дақиқ раванди табиӣ аст, кӯшиш ба амал омад, ки ҳарчи тамомтар аз истеъмоли калимаҳо ва истилоҳоти бегона канорагирӣ ва сарфи назар шавад. Лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, яъне забони зиндаи халқ як манбаи асосӣ барои комилтару расотар сохтани забони адабию меъёр ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки баҳрачӯӣ аз ин сарчашмаи файёз ҳеҷ монеа надорад ва фақат сухан бар сари интихоби дурусти калимаҳо ва ибораҳо меравад.

Агар ба қабатҳои номгузории шахсҳо назар кунем, дар он таъсири мутақобилаи номшиносӣ ва истилоҳшиносиро бараъло мушоҳида мекунем.

Номгузории асили тоҷикӣ. Ин номгузорӣ таърихи хеле куҳан дошта, алорағми муборизаи чандинасра барои аз байн бурдани асолати номгузории тоҷикӣ аз тарафи бегонагони гуногунтоифа ва бегонапарстони худӣ то имрӯз дар шаклҳои гуногун боқӣ мондааст. Дар ҳаҷми ин мақола ба шарҳу тафсири он намепардозем ва фақат ҳаминро хотирнишон мекунем, ки анъана ва суннати номгузории эронӣ на танҳо дар байни мардуми эронитабор боқӣ мондааст, балки таъсири он дар номгузории халқҳои дигар, масъалаи халқҳои арману гурҷӣ хеле амиқ аст. Номгузории тоҷикӣ танҳо ба номи шахсони алоҳида ба монанди Рустам, Фарҳод, Сӯҳроб, Ардашер ва ғайра маҳдуд намешаванд. Хонаводаи гуногуни эронӣ аз қабили Бармакиҳо, Саффориҳо, Сомониён, ки як навъ номи хонаводагӣ, насаб ё зодном (фамилия) ва дудмонҳои онҳоро нишон медиҳад, дар таърихномаҳои мухталиф дарҷ шудаанд ва ин гуна номгузорӣ ҳанӯз ҳам дар Эрону Афғонистон боқист ва зиндаву эҳё кардани он дар Тоҷикистон фақат маънои баргашт ба асолати миллӣ ва аз нав зинда кардани анъанаҳои бостониро дорад.

Номгузории арабӣ. Бо ҳуҷуми арабҳо ба Эронзамин ва интишори дини мубини ислом дар ин сарзамин фарҳанги исломӣ як қисми таркибӣ ва нишондиҳандаи асосии фарҳангу тамаддуни мардуми мо гардид. Имрӯз ному таркибҳои гуногуни номгузории арабӣ дар забони мо то андозаи худӣ гардидаанд, ки мо бегонагии онҳоро эҳсос намекунем. Таъсири номгузории арабиро метавон ба ду даста тақсим кард. Дастаи аввал номҳои шахсҳои алоҳидае ба монанди Асад, Абдулло, Маҳмадалӣ, Соҳиб, Маҳмуд ва ғайра мебошанд, ки имрӯз аз лиҳози шумораву таъдод аз номҳои асили эронӣ бартарӣ доранд. Ин гуна номҳо ба қоидаҳои овоӣ ва грамматикии забони мо мувофиқ шуданд ва қисми таркибии номгузории миллии моро ташкил медиҳанд.

Дастаи дувуми номгузории арабӣ номгузории хонаводагӣ мебошад, ки дар даврони пеш аз инқилобӣ маъруф буд ва имрӯз ҳам агар таваҷҷуҳ шавад, ҳангоми ба ҷо овардани расму суннатҳои исломии мо (масалан, ҳангоми иҷрои маросими ақди никоҳ) дида мешаванд. Ин номгузорӣ характери ҷинсӣ дошта, фақат хоси забони арабӣ мебошад. Ҳусайн ибни Воҳид, Абдулло ибни Муҳмадулло барои мардон ва Малика бинти Маҳмуд, Оиша бинти Ҳасан барои занон. Бояд гуфт, ки дар забони тоҷикӣ ҷинсият (род) ҳанӯз дар аввалҳои ҳазораи аввали мелодӣ аз байн рафта буд ва ин таври номгузорӣ барои мо бегона ва ғалат ҳам аст. Аз ҷумла, имрӯз дар забони тоҷикӣ истифодаи калимаҳои арабие бо нишондоди ҷинсият ба монанди муаллим, толиба, раиса, адиба, шоира иштибоҳи забонӣ мебошадва ҳанӯз дар аввалҳои солшумории мелодӣ дар меъёрҳои забонии мо зану мард баробар ифода мешуданд ва дар байни шоиру шоира, адибу адиба, раису раиса фарқ намегузоштанд. Имрӯз ҳам баъзе муҳаққиқон меъёрҳои забони арабӣ (ҳатто русӣ)-ро ба сари забони мо бор карданӣ мешаванд, ки аз ҷониби онҳо ҳадди ақал нофаҳмӣ ва ҳадди аксар надонистани меъёрҳои

забоншиносӣ ва инкишофи марҳила ба марҳилаи забонҳои дунё мебошад. Тарзи номгузории хонаводагии арабӣ барои худи арабҳо ва марҳилаҳои қонунии рушди забони арабӣ хос буда, барои забони тоҷикӣ, ки аз лиҳози рушди забони (ҷинсият ва ҷамъбандии дугонаву шикаста) хусусиятҳои забони арабиро паси сар кардааст, хос нест.

Номгузории русӣ. Хушбахтона, номгузории шахсӣ ё инфиродии русӣ ба забони мо нагузаштааст ва агар намунас чанд боқӣ монда бошад ҳам, онро тақлиде беш набояд донист. Вале номгузории хонаводагӣ ё зодному ному номи падар (фамилия, имя, отчество) бар асоси принсипи ҳамгунсозӣ (унификатсия) ва стандартсозии даврони шуравӣ бар маънои бор кардани анъанаҳои русии номгузорӣ бар халқҳои шуравии дигар сурат гирифт ва дере нагузашт, ки халқи тоҷик ба ин номгузорӣ тақрибан ба таври ҳамагонӣ фаро гирифта шуд.

Имрӯз миллати мо ва хусусан қисмати бештари равшанфикрону кормандони идораи Тоҷикистон ба ин гуна номгузорӣ чунон одату ху гирифтанд, ки барчидани расму русуми русии номгузорӣ ва мувофиқи анъанаҳои миллӣ ба роҳ мондани номгузории расмӣ барои онҳо на танҳо хеле ғайриоддӣ, балки рафтори бадхасмона нисбат ба ин гуна анъанаҳо талақӣ мешавад. Ҳол он ки аз ҳамин давраи начандон дури замони шуравӣ, ки албатта аз лиҳози таърихӣ фосилаи он зиёд нест, вале аз лиҳози дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ бесобиқа аст, медонем, ки ҷумҳуриҳои собиқи Гурҷистон, Арманистон ва назди баҳри Балтика тавонистан номгузории миллии хешро аз таҷрибаҳои сохти шуравӣ эмин нигоҳ доранд. Вале зимомдорони вақти Тоҷикистон ё ба иллати надонистани анъанаҳои миллии номгузорӣ, ё беъэтиноӣ, ё зери фишорҳои ҳизбу сиёсӣ номгузории русиро қабул ва ба мардуми тоҷик таҳмил намуданд.

Шаклҳо ва тарзҳои номгузорӣ. Имрӯз ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як миллат симои милливу фарҳангии худро дошта, бо боэтоби хусусиятҳои милливу фарҳангӣ, внъвнвҳои дерина ва дастовардҳои таърихии худ ба фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ворид шуда, саҳми шоистаи хешро дар пешрафти тамаддуни умумиҷаҳонӣ мегузорад. Халқҳои эронитабор ҳам ба тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ як силсила шахсиятҳои бузурги таърихӣ ва анъанаву суннатҳои бостонии худро тақдим намудааст, ки Наврӯзи оламафрӯз намунаи он аст.

Акнун вақти он расидааст, ки номгузории хешро ба анъанаву суннатҳои асили тоҷикӣ мувофиқ созем ва онҳоро аз нав эҳё намуда, соҳиби чеҳраи милли худ гардем. Пеш аз ҳама тарзи ифодаи фамилия, имя, очестваи русӣ ба забони тоҷикӣ бояд мушаххас ва равшан шавад. Дар забони тоҷикӣ имрӯз ба ҷои ислоҳи “фамилия” “номи хонаводагӣ” баъд аз Истиқлол ба забони мо аз ҳамзабонони эронии мо ворид шуда, онро Кумитаи истилоҳот низ дар солҳои 90-уми садаи гузашта расмӣ карда буд. Ин истилоҳ дар ҳуҷҷатҳои расмӣ нисбат ба истилоҳи “насаб”, ки асли арабӣ дошта, ҳангоми баррасиҳои солҳои 90-и садаи гузашта аз тарафи донишмандон мавриди интиқод қарор гирифта буд, камтар истифода мешавад. Вале ҳар ду истилоҳ ҳам яке ба иллати ибораи истилоҳӣ будан ва дигарӣ калимаи бегона будан он қадар қобили пазириш нестанд. Шояд ба ҷои ҳар дуи инҳо пазириши истилоҳи “зодном” ба маънои “фамилия” беҳтар бошад. Инчунин дар забони тоҷикӣ истилоҳи истилоҳи бостоние бар шакли “дудмон” ба маънои “хонавода, хонадон, силсила, насл, табор” мавҷуд аст, ки онро низ метавон ба ҷои "фамилия" истифода кард.

Бихоҳад шудан бах аз ин дудмон,
Намонад бад-ин тухма кас шодмон. (Фирдавсӣ)

Бо шумо гӯям наёрам гуфт бо бегонагон,
К-ин ниҳон ганҷ аз кадомин дудмон овардам. (Ҳоконӣ)

Дар баъзе фарҳангҳо ба маънои “нажод, тоифа, қабила” низ дарҷ аст. Ҳамин тариқ дар забони имрӯз барои ифодаи маънои “фамилия” имкон дорад аз истилоҳҳои “Номи хонаводагӣ”, “насаб”, зодном” ва “дудмон” истифода кард. Инчунин истилоҳи “зодномасвидительство о рождение, шиноснома-паспорт” бо ҳам ҳамгун (унификатсия) мешаванд.

Дар иртибот бо ному номгузорӣ ҳам қабули “зодном”, “ном” ва “номи падар” ба ҷои “фамилия, имя, отчество” низ шояд мавриди пазириш қарор гирад. Дар ин сурат ҳам қабули бахши сеюми ноигузории русӣ, яъне “отчество”-“номи падар” шарт ва зарур намебошад. Онро ба ихтиёри шаҳрвандон гузорем беҳтар аст. Ҳамин тариқ мешавад номгузории тоҷикро ба чунин шаклҳо пешниҳод намуд:

1. Дар ҷои аввал қарор додани “зодном” (фамилия) Мирзозода Парвизи Алиҷон, Аюбӣ, Рустами Фаррух, Аюбӣ, Рустам ва ғайра:

2. Ба дар ҷойи аввал қарор додани “ном”: Парвизи Фаррухи Мирзода, Рустами Алиҷони Аюбӣ, ё Парвизи Мирзода, Рустами Аюбӣ ва ғайра:

Забони мо аз лиҳози шаклҳои номгузорӣ гунаҳои мухталиф дорад. Барои интихоб гунаҳои асосӣ ва маълуми онро пешниҳод менамоем.

1. Яке аз шаклҳои маъмули номгузории тоҷикӣ истифодаи бандаки изофӣ мебошад: Меҳрангези Сомон, Абдуллои Қодир, Гулбарги Ардашер, Сӯҳроби Рустам, Моҳпарии Ҷовид, Ардашери Бобакон ва ғайра:

2. Бе бандаки изофӣ ; Алӣ Бобоҷон, Мирсаид Миршакар, Гулназар Келдӣ, Бозор Собир, Бадриддин Ҳилолӣ, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Ҳаким Карим ва амсоли онҳо:

3. Бо пасванди –зода: Мирзо Турсунзода, Мирзозода, Назарзода, Гулзода, Асозода, Ализода, Тақизода, Раҳимзода ва монанди инҳо;

4. Бо пасванди –иён; Темуриён, Сафариён, Сосониён, Сомониён ва ғайра;

5. Бо пасванди –пур Ҳамдампур, Салимпур, Нодирпур, Ҳоҷатпур....;

6. Бо пасванди –зод; Авсаҳзод, Фаррухзод, Кӯҳзод, Ҳасанзод ва ғайра;

7. Бо пасванди –духт; Зафардухт, Ҷамшеддухт, Раҳимдухт, ва ғайра; (Ин гуна номгузорӣ шояд, ки зери таъсири забонҳои арабӣ ва русӣ пайдо шуда бошад чунки ба меъёрҳои забюонии забонҳои эронии ғарбӣ мувофиқат намекунад).

8. Бо пасванди –ӣ; Асорӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Анварӣ ва амсоли онҳо:

Ҳамчунин пасванди –ӣ дар сохтани тахаллус роич мебошад, ки аз кучо будани шахсро нишон медиҳад: Рӯдакӣ, Тӯсӣ, Нишопурӣ, Ҷомӣ, Бухорӣ, Ҳисорӣ, Самарқандӣ ва ғайра.

Вале ба ҳар ҳол ба ақидаи мо, ҳангоми номгузорӣ масъалаҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст.

1. Дар номгузории тоҷикӣ бояд ҳадди аксар номҳои аслии тоҷикӣ истифода шаванд.

2. Номгузории арабиву русиву аврупоӣ фақат дар сурати намудани имконияти гузоштани ном ба истифода аз калимаҳои аслии тоҷикӣ имконпазир аст.

3. Вақти он расидааст, ки навиштани ному насаб дар асоси истифодаи имкониятҳои дохили забони тоҷикӣ ба як тартиби муайян ба роҳ монда шавад.

Аз сабаби бисёр муҳим будани номгузорӣ ва махсусан номгузории миллӣ, яъне тоҷикӣ, ин масъала дар мулоқот бо зиёиёни кишвар аз тарафи Президенти кишвар хеле муфасал ва дақиқи баррасӣ гардид. Албатта, ин масъала солҳои пешин низ баррасӣ ва ба мақомоти дахлдор пешниҳоду тавсияҳои мушаххас шуда буд. Вале гузаштан ба номгузории миллӣ ба баъзе сабабҳо ва махсусан бештар ба иллати боқӣ мондани афкори муҳофизаткоронаи нигоҳ доштани анъанаҳои номгузории даврони шуравӣ ба таври зарурӣ сурат нагирифт ва ин масъалагузории Президенти кишвар, албатта, татбиқи номгузории миллиро метезонад. Дар номгузории тоҷикӣ имрӯз аз лиҳози сохторӣ ва сарчашмавӣ метавон се қабати бузургро ҷудо намуд, ки ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои хоси таърихиву анъанавӣ мебошад.

Адабиёт

1. *Ахманова, О. С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова.–Душанбе, 1966.–607 с.*
2. *Имамбердиева, С. М. Нақши ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар инъикоси манзара // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ / С. М. Имамбердиева, 2025. №1-(114).-С. 27–32.*
3. *Назарзода, С. Забон ва ҳувияти миллӣ / С. Назарзода. – Душанбе, 2006 – С. 25-34.*
4. *Назарзода, С. Пояҳои густариши забони миллӣ / С. Назарзода. – Душанбе, 2016. - С. 12-20.*
5. *Подольская, Н. В. Словарь русской ономастической терминологии / Н. В. Подольская. М.: Наука, 1978.–198 с.*
6. *Розенфельд, А.З. Отражение верований в таджикском топонимическом фонде // Краткое содержание докладов Среднеазиатско-кавказских чтений (1973). – Л.1979.-С. 13.*
7. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: 1972. 76 с.*
8. *Шоев, Р. Ономастика «Самаки айёр» / Р. Шоев. – Душанбе, 2012.-193 с.*

ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ НОМШИНОСӢ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ

Истилоҳ ба номгузорӣ ва номшиносӣ робитаи ногустанӣ дорад, зеро пазириши истилоҳ барои номгузории ягон ашё ё ҳодиса ҳам барои истилоҳшиносӣ ва ҳам барои номшиносӣ хеле муҳим аст. Аз сабаби бисёр муҳим будани номгузорӣ ва махсусан номгузории миллӣ, яъне тоҷикӣ, ин масъала дар мулоқот бо зиёиёни кишвар аз тарафи Президенти кишвар хеле муфасал ва дақиқи баррасӣ гардид. Албатта, ин масъала солҳои пешин низ баррасӣ ва ба мақомоти дахлдор пешниҳоду тавсияҳои мушаххас шуда буд. Вале гузаштан ба номгузории миллӣ ба баъзе сабабҳо ва махсусан бештар ба иллати боқӣ мондани афкори муҳофизаткоронаи нигоҳ доштани анъанаҳои номгузории даврони шуравӣ ба таври зарурӣ сурат нагирифт ва ин масъалагузории Президенти кишвар, албатта, татбиқи номгузории миллиро метезонад. Дар номгузории тоҷикӣ имрӯз аз лиҳози сохторӣ ва сарчашмавӣ метавон се қабати бузургро ҷудо намуд, ки ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои хоси таърихиву анъанавӣ мебошад.

Калидвожаҳо: антропонимия, сарчашма, луғат, навъи наср, баҳсҳои фалсафӣ, истеъмол, номҳои арабӣ, таркиби луғавӣ, забон, ном.

ВЗАИМВЛИЯНИЕ НОМЕНКЛАТУРЫ И ТЕРМИНОЛОГИИ

Терминология неразрывно связана с наименованием и номенклатурой, поскольку принятие термина для обозначения объекта или события очень важно как для терминологии, так и для номенклатуры. Ввиду важности именования и особенно национального именования, то есть таджикского, этот вопрос подробно и именно обсуждался на встрече с интеллигенцией страны Президентом страны. Конечно, этот вопрос обсуждался и в предыдущие годы и в соответствующие органы были внесены конкретные предложения и рекомендации. Однако переход к национальному именованию не состоялся по ряду необходимых причин, и в первую очередь из-за сохранения охранительного мнения о сохранении традиций именования советской эпохи, и этот вопрос Президента страны, конечно же, ускоряет внедрение национального именования. В таджикской номенклатуре сегодня с точки зрения структуры и источника можно выделить три основных пласта, каждый из которых имеет свои исторические и традиционные особенности.

Ключевые слова: антропонимия, источник, словарь, тип прозы, философские дебаты, употребление, арабские имена, лексический строй, язык, имя.

INTERACTION OF NOMENCLATURE AND TERMINOLOGY

Terminology is inextricably linked with naming and nomenclature, since the adoption of a term to designate an object or event is very important for both terminology and nomenclature. In view of the importance of naming and especially national naming, that is, Tajik, this issue was discussed in detail and precisely at a meeting with the country's intelligentsia by the President of the country. Of course, this issue was discussed in previous years and specific proposals and recommendations were made to the relevant bodies. However, the transition to national naming did not take place for a number of necessary reasons, and primarily due to the preservation of a protective opinion about preserving the naming traditions of the Soviet era, and this question from the President of the country, of course, accelerates the implementation of national naming. In Tajik nomenclature today, from the point of view of structure and source, three main layers can be distinguished, each of which has its own historical and traditional characteristics.

Keywords: anthroponymy, source, dictionary, type of prose, philosophical debate, usage, Arabic names, lexical structure, language, name.

Дар бораи муаллифон

Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна
Номзади илмҳои филолгӣ, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе х.Рӯдакӣ 121
E-mail: mahtovbishamsiddinzoda@gmail.com

Холназаров Руҳулло Муҳамадович
Номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: kholnazarov.ruhullo@mail.ru

Об авторах

Шамсуддинова Махтоби Абдуалимовна
Кандидат филологических наук, ассистент кафедры теории и практики языкознания Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mahtovbishamsiddinzoda@gmail.com

Холназаров Рухулло Мухамадович
Кандидат филологических наук, и.в. доцент кафедры теории и практики языкознания Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: kholnazarov.ruhullo@mail.ru

About the author

Shamsuddinova Makhtobi Abdualimovna
Candidate of Philogical Sciences, Chair of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mahtovbishamsiddinzoda@gmail.com

Kholnazarov Ruhullo Muhamadovich
Candidate of Philological Sciences, Chair of Theory and Practice of Linguistics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 121
E-mail: kholnazarov.ruhullo@mail.ru

ТДУ 491.550-56+891.550.092

ТАСНИФИ СЕМАНТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Рустамзода Ш. Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як забони халқу миллат дорои ифодаву ибораҳои устувори образнок мебошад, ки дар муошират сохта намешаванд, онҳо дар нутқ ҳамчун калима таҷдиди назар мешаванд. Чунин ифодаву ибораҳои мутафарриди забон зери унвонҳои ***«фразеологизм», «воҳидҳои фразеологӣ», «ибораҳои фразеологӣ», «ибораҳои устувор», «таъбирот», «ибораҳои ғайриозод», «фразема»*** бориз буда, дар маҷмуъ таркиби фразеологияи забон ё худ фраземика ихтисос шудаанд. Илме, ки онҳоро имъони назар месозад, *фразеология* унвон дошта, падидаи басо печидаву дандоншикан ва пуробуранг аст.

Фразеология яке аз сарчашмаҳои доманадору ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, дар низоми луғат зернизоми вижаеро ташкил медиҳад.

Фразеология махзани пурбаҳову воло ва сарвату молияти кулли забонҳост. Дар он таҷриба, бардошт, санҷидаву озмудаи меҳнатии тули қарнҳо муҷтамаъ ва фаъолияти маънавии халқ, хроникаи мардум, арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ, симову ҳиссиёт, афкору ақоиди диниву иҷтимоӣ ва ғ. ҳифз шудаанд.

Сарфи назар аз теъдоди бисёри таҳқиқот роҷеъ ба масоили фразеология, маънои фразеология, навъҳои воҳидҳои фразеологӣ, усулу принсипҳои таснифи онҳо то ғоят равшану батамом андӯхта нашудаанд. Таснифи воҳидҳои фразеологӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва дархӯрди фразеология маҳсуб меёбад.

Боиси тазаккур аст, ки дар забоншиносии муосир роҷеъ ба тавзеҳи таснифи воҳидҳои фразеологии забон ду ақида манзур аст, яке *назари маҳдуд (гипоним) ва дигаре назари муфассал (гипероним).* Дар робита бо ин, забоншиносон ба ду равия қисмат шуда, фразеологизмҳои забонро мавриди пажуҳишу баррасӣ қарор медиҳанд.

Пайравони «назари маҳдуд» доираи онҳоро танг намуда қайд менамоянд, ки ба таркиби фразеология маҳз рехтаҳои фразеологӣ ва фраземаҳо дарме-шаванд (А.И. Молотков, В.П. Жуков, Н.Н. Амосова, И.И. Чернишева ва диг.). Ноқисии чунин тафсир дар он муҷассам меёбад, ки аз радифи воҳидҳои фразеологӣ теъдоди бисёри воҳидҳои фразеологии маънан асосноки дорои обуранги бадеӣ хориҷ мешаванд.

Пайравони «назари муфассал» чунин намуди воҳидҳоро ба фразеология нисбат медонанд: идиомаҳо ё рехтаҳои фразеологӣ, пайвастаҳои фразеологӣ, таркибҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол, афоризмҳо, қолабҳои гуфтор ва ғ. (В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, Ҳ. Маҷидов, Х. Ҷалилов, М.Н. Азимова ва диг.), ки қобили пазируфтанист.

Тавре қайд мешавад, омӯзиши амиқи забони адабӣ ва баррасии иртиботи он бо дигар сабкҳои забон барои фаҳми жарфтари равандҳои фразеологӣ ва густариши соҳаи забоншиносӣ аҳаммияти хосса дорад [10, с. 109], чунки онҳо хоси «асарҳои бадеиву забони халқӣ» мебошанд [1, с. 39]. Бояд тазаккур дод, ки гарчанде дар илми тоҷик басо маводу таълифоти илмӣ роҷеъ ба фразеология дар заминаи асарҳои шоирону нависандагон рӯйи кор омада бошанд ҳам, ба ин вижагӣ асари мондагори устод Саъдӣ «Гулистон» мавриди таваҷҷуҳ дар тарҳи муқоисавӣ, ки шоистаи таваҷҷуҳу таҳсин аст, қарор нагирифтааст. Бинобар ин, ба занни мо интихоби омӯзиши фразеологизмҳои ин асар актуалӣ ва яке аз нигоришҳои навину тозаэҷод дар илми тоҷик хоҳад буд.

«Гулистон» дурахшонтарин ва шоҳкори беназири адаби ҷаҳон пазируфта шудааст [7, с. 3]. Устод Саъдии Шерозӣ аз корбасти чунин воҳидҳои забон тааммулҳо кардаву ба коми қалам кашидааст, вожаҳову таъбироту амсолу ҳиками фозилонаи ӯ ҳамчун обшори пойдор аз табъи саршори ӯ рӯйи авроқ рехтаанду ба мисли гулҳои ҳамешабаҳор таровату накҳати доимӣ ёфтаанд ва тарҳу назми пироишро зеботару шевотар гардонидаанд. Онро устод Саъдӣ аз баҳри беканори саршор аз «дурдонаҳои марворид» шодоб намуда, уқёнусеро ибдоъ намудааст, ки бо нӯшидан аз он кас наметавонад ташнагиро шиканад. Мурод аз «дурдонаҳои марворид» воҳидҳои фразеологӣ дар назар аст. Воҳидҳои фразеологӣ дар ин асар на ҳамеша мустақиман корбурд шудааст, онҳоро устод Саъдӣ бо сабки ба худ хос мавриди истифода қарор додааст.

Мақсад ва ҳадафи иншои мақолаи мавриди назар тасниф ва таҳқиқу таҳлил намудани воҳидҳои фразеологии таркиби ин асари мондагору бехазони устод Саъдӣ мебошад.

Олимону забоншиносон, ки зарфи солҳои зиёд ба омӯзиши фразеология машғуланд, то ғоят принсипи ягонаи таснифи фразеологизмҳоро ташкил надодаанд ва аз зовияҳои мухталиф ба он назар намуда, мавриди тасниф қарор додаанду медиҳанд. Тавре қайд гардид, ба омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ басо олимону забоншиносони ҳам ватаниву ҳам хориҷӣ рӯй овардаанд, ба монанди олимони рус А.И. Смирнитский, А.В. Кунин, И.В. Арнолд, В.В. Виноградов, Н.Н. Амосова ва дигарон.

Дар забоншиносии тоҷик олимон Х. Ҷалилов, Ҳ. Маҷидов, М.Н. Азимова, М.М. Раҷабова, Т.С. Шокиров ва дигарон низ ҷонибдори системаи таснифи олимони рус мебошанд. Ҳамин тавр, то кунун мавзуи фразеология дар заминаи таснифоти фавқуззикр омӯхтаву корҳои илмии назаррас рӯйи кор омадаанд. Мо дар мақолаи хеш таснифи семантикии воҳидҳои фразеологиро баррасӣ хоҳем кард.

Фразеологизмҳо, чи тавре мушаххас аст, имтидоди солиёни сол мавҷуд асту мавриди омӯзишу таҳқиқоти илмӣ маъво доранд. Ибтикори аввалин дар падид овардани назарияи фразеология ба қалами олими швейтсарӣ Шарл Балли марбут буда, ӯро асосогузори ин соҳаи илм ном мебаранд. Ӯ воҳидҳои фразео-логиро ба ду навъи асосӣ – ***пайвастаҳои фразеологӣ*** ва ***қаторҳои фразеологӣ*** қисмат намудааст [2, с. 5].

Дар соҳаи фразеология ҳамчун илми забоншиносии мустақил хизмати шоён ба қалами забоншиноси барҷастаи рус В.В. Виноградов мансуб аст. Ӯ ақидаи Шарл Баллиро такмил дода, воҳидҳои фразеологии забони русиро ба риштаи тасниф дарнамудааст. Принсипи асосии ин таснифи фразеологизмҳо дараҷаи тавъамияти семантикии ҷузъҳо дар маънои томи воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Дар асоси ин принсип ӯ ҳамаи воҳидҳои фразеологии забонро ба се гурӯҳ қисмат намудааст: ***1) рехтаҳои фразеологӣ; 2) пайвастаҳои фразеологӣ*** ва ***3) таркибҳои фразеологӣ*** [33, с. 89].

Баъдан забоншиноси рус Н.М. Шанский таснифоти В.В. Виноградовро такмил дода, гурӯҳи чоруми он - ***ифодаҳои фразеологиро*** пешниҳод менамояд, ки кунун маъмулу гузида маҳсуб меёбад. Зери тавъамияти семантикӣ Н.М. Шанский «таносуби байни маънои умумии фразеологизм ва «махсуси» ҷузъҳои маъноии онро» мефаҳмад [1111, с. 62].

В.Н. Телия фразеологизмҳоро ба шаш синф ҷудо менамояд: ***идиомаҳо, таркибҳои фразеологӣ, парема*** (зарбулмасалу мақол), ***қолабҳои гуфтор, клише*** (ибораҳои забонзадшуда), ***ифодаҳои ҳикматомез*** [99, с. 58].

А.В. Кунин дар асоси фразеологизмҳои забони англисӣ консепсияи В.В. Виноградовро таҷдиди назар намудааст. Олим воҳидҳои фразеологиро тибқи принсипи сохторӣ-семантикӣ баррасӣ намуда, онҳоро дар асоси функсияи коммуникативиашон ба чор синф тасниф намудааст:

1) воҳидҳои фразеологии номӣ, ки аз чунин ВФ таркиб ёфтаанд: субстантивӣ (исмӣ) - ***a snake in the grass*** *«каждуми таги бӯрё»,* адъективӣ (сифатӣ) - ***long in the tooth*** *«пой дар лаби гӯр»,* ҷонишинӣ - ***with an eye to*** *«дидаву дониста»* и адвербиалӣ (зарфӣ) - ***out of clear a blue sky*** *«зер карда даромадан /омадан»*.

2) воҳидҳои фразеологии номӣ-коммуникативӣ, ба монанди ***to dance on a volcano*** *«бо оташ бозӣ кардан»,* ***to set the Thames on fire*** *«муъҷиза нишон додан»,* ***to make (someone) turn (over) in his grave*** *«оташи касеро боло кардан»,* ***to put the hat on smb's misery*** *«бар замми ин ҳама нохушиҳояш».*

3) воҳидҳои фразеологии нидоӣ, ки ҳиссиёту муносибати гӯяндаро нисбат ба чиз таҷассум менамоянд: ***a pretty kettle of fish!*** *«кори шигифтовар»,* ***Good God!*** *«Ой, Худоҷон!»,* ***God damn it!*** *«Худо лаънаташ кунад!»* ***Like hell!*** *«Хок бар сараш!».*

4) воҳидҳои фразеологии коммуникативӣ, ки дар сурати ихтисор шудани зарбулмасалу мақол ба вуҷуд меоянд, масалан, аз зарублмасали ***«You can't make a silk purse out of a sow's ear»*** *«Аҳмақро омӯхтан тир ба санг задан аст»* фразеологизми ***to make a sow's ear*** *«кӯтоҳӣ сар задан»* бо бурида шудани байни он ба вуҷуд омадааст [44, с. 26-27].

А.И. Смирнитский низ консепсияи худро роҷеъ ба таснифи воҳидҳои фразеологии забони англисӣ пешниҳод намудааст, ки моҳияти он тавъамияти принсипҳои сохториву семантикӣ мебошад. Воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба миқдор ва арзиши семантикии ҷузъҳои таркибии онҳо ба ду гурӯҳи бузург қисмат ёфтаанд:

1) воҳидҳои фразеологии ***якқуллагӣ***, ки як ҷузъи маънодор дорад: муқ.: ***to give up*** *«тан додан»*.

2) воҳидҳои фразеологии ***дуқулла*** ё ***бисёрқулла*** [88, с. 212]. Дар таркиби ҳар як аз ин гурӯҳҳои бузург воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба ҳиссаҳои нутқи дар таркибашон буда тасниф мешаванд.

Ҳамин тавр, воҳидҳои фразеологии якқуллагӣ ба чунин синфҳо ҷудо мешаванд: а) *воҳидҳои фразеологии* ***феълӣ-зарфӣ***, яъне феъл бо зарфҳои пешояндӣ тавъам мешавад. Муқ.: ***make out*** *«дарк кардан»,* ***pull up*** *«таваққуф кардан»,* ***ring up*** *«занг задан»* ва ғ. Ба ин гурӯҳ А.И. Смирнитский чунин воҳидҳоро мансуб медонад: ***to be tired*** *«хаста шудан».* Муқ.**: *to be tired of*** *«ба дил задан»,* ***to be interested in*** *«ба чизе шавқ доштан»,* ***to be surprised at*** *«аз чизе ба ҳайрат афтодан»* ва ғ.

Инчунин ба ин навъ фразеологизмҳои ***пешояндӣ-номӣ*** марбутанд. Онҳо квиваленти калимаҳои тағйирнопазир: пешоянд, пайвандак, зарф мебошанд, бинобар ин онҳо маркази грамматикӣ надоранд, маркази семантикии онҳо ҷузъи номӣ мебошад, масалан, ***on the doorstep*** *«дар остонаи»,* ***on the nose*** *«наздик»,* ***in time*** *«дар вақташ»,* ***by heart*** *«аз бар»,* ***for good*** *«абадан»* ва ғ.

Воҳидҳои фразеологии ***дуқулла*** ё ***бисёрқулла*** ба чунин гуруӯҳҳо тақсим карда мешаванд: **а)** воҳидҳои ***муайянкунанда-номии дуқуллаи*** эквивалент ба исм. Муқ.: ***black art*** *«сеҳри ҳаром»,* ***first night*** *«намоиши аввалин»,* ***common sense*** *«фикри солим».* Воҳидҳои ин гурӯҳ эквиваленти номӣ буда, қисман ё куллан идиомавӣ мебошанд. Дар бархе воҳидҳои идиомавӣ баъзан ҷузъи аввал идиомавӣ мебошад, масалан, ***high road***, дар дигар ҳолатҳо дуюм ҷузъ, масалан, ***first night.*** Дар бештари ҳолатҳо ҳар ду ҷузъ идиомавӣ мебошанд, масалан, ***red tape*** *«бори зиёдатӣ; боиси дарди сар»,* ***blind alley*** *«дармондагӣ»,* ***shot in the arm,*** *«пушту паноҳ; омили нумӯ»* ва ғ. **b)** ***фразеологизмҳои феълӣ-номӣ***, масалан, ***to read between the lines*** *«сирру асрори касе/чизеро донистан»,* ***to sweep under the carpet*** *«об аз таги ях рафтан»,* ***to take the floor*** *«баромад кардан»,* ***to catch cold*** *«шамол хӯрдан»* ва ғ. Меҳвари грамматикии чунин воҳидҳо феъл маҳсуб ёфта, маркази семантикӣ дар бисёр ҳолатҳо ҷузъи номӣ маҳсуб меёбад, масалан, ***to fall in love*** *«дил додан».* **c)** ***такрори фразеологӣ***, ба монанди ***now or never*** *«ҳоло ё ҳеҷ гоҳ»*. Чунин навъи воҳидҳо бо антоним-калимаҳо таркиб ёфтаанд, масалан, ***up and down*** *«болову поён»,* ***back and forth*** *«пешу қафо»*. Ҷузъи ин навъи фразеологизмҳо тавассути пайвандакҳо тавъам гардида, эквиваленти зарф ё сифат мебошанд ва аз меҳвари грамматикӣ орӣ мебошанд. Онҳо метавонанд қисман ё куллан идиомавӣ бошанд, масалан, ***cool as a cucumber*** *«дили васеъ доштан»* (қисман), ***bread and butter*** *«мояи асосӣ»* (куллан).

Забоншинос Т.С. Шокиров пешниҳод менамояд, ки воҳидҳои фразео-логии коммуникативиро «ба гурӯҳи таъбирот гузаронидан беҳтар аст, зеро ҳам аз ҷиҳати қолаб ва ҳам аз лиҳози ифодаи маъноиашон муносиби гурӯҳи панҷуманд» [12, с. 53] ва зери мафҳуми таъбирот «зарбулмасалу мақол ва афоризмҳоро» мефаҳмад [1212, с. 54]. Бинобар афоризм ҳамчун як рукни ифода-ҳои фразеологӣ аз ҷониби аксарияти олимону забоншиносон гузида шудааст.

Мо низ дар кори хеш [5, с. 39-47] ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқи зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологиро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омада будем, ки зарбулмасалу мақол ва афоризмҳо арзиши ворид гаштан ба таркиби воҳидҳои фразеологиро доранд, яъне мо ҷонибдори назари гипероним ҳастем.

Рехтаҳои фразеологӣ ё худ, ба ибораи дигар, **идиомаҳо** чунин ибораҳои фразеологие мебошанд, ки аз лиҳози маънӣ қисматнопазир буда, маънои томи онҳо бо маънои ҷузъашон нисбате надорад [11, с. 65]. Онҳо пуробуранг-тарин навъи воҳидҳои фразеологӣ буда, ҳовии семантикаи шартиву нисбӣ мебошанд, аз маънои аслии хеш маҳруманд ва маҳз ҳамчун воситаи алоқа хизмат мекунанд. Дар «Гулистон»-и устод Саъдӣ чунин навъи фразеологизмҳо бағоят бисёр ба чашм мерасад. Масалан: *«Дар он миён ҷавоне буд, меваи унфувони шабобаш наврасида ва сабзаи гулистони изораш навдамида»* [77, с. 25]. Дар ин ҷо ду фразема - ***меваи унфувони шабоб*** ва ***сабзаи гулистони изор*** корбаст шудааст, ки маънои онҳо аз вожаҳои таркибашон барнамеояд. Зеро *меваи унфувони шабоб наврасида «ҷавон будан - be adolescent»* аст ва мурод аз *сабзаи гулистони изор «риш - beard»* дар назар аст.

Мисолҳои дигар: *«Малик* ***ба ҳам баромад*** *ва кашфи ин хабар фармуд»* [77, с. 53], *«Ҷони падар, ту низ агар бихуфтӣ, беҳ аз он ки* ***дар пӯстини мардум уфтӣ****»* [77, с. 74],

«Қозии Ҳамадонро ҳикоят кунанд, ки бо наълбандписаре сархуш буд ва ***наъли дилаш дар оташ****»* [77, с. 166]. Рехтаҳои фразеологии мисолҳои фавқуззикр чунин маънӣ доранд: *«ба ҳам баромадан* - хашмгину ошуфта шудан*», (be out of oneself), «дар пӯстини мардум уфтодан* - ғайбат кардан*» (backbite)* ва *«наъли дил дар оташ будан* - парешону бекарор будан*» (troubled)*. Агар ба онҳо назари мӯйшикофона дарнамоем, ягон вожаи таркиби онҳо бо маънои аслии худ робитае надоранд ва муодили як калима мебошанд.

Ҳамин тавр, рехтаҳои фразеологӣ чунин ибораҳое мебошанд, ки аломати воқеӣ ва семантикаи онҳо ҳини таҳлили этимологӣ метавонад мушаххас гардад. Дар рехтаҳои фразеологӣ калимаҳо бо маънои мустақили худ воқеан ҳам робитае надоранд. Семантикаи томи онҳо аз маънои томи таркибашон барме-ояд:

Онон, ки ба кунҷи офият биншастанд,
Дандони сагу даҳони мардум бастанд [77, с. 39];

Чаҳор кас аз чаҳор кас ба ҷон биранҷанд: ҳаромӣ аз султон ва дузд аз посбон ва фосиқ аз ғаммоз ва рӯсбӣ аз муҳтасиб ва онро, ки ҳисоб пок аст, аз муҳосиба чӣ бок аст? [77, с. 41];

Маслиҳат надидам аз ин беш дарунаш ба маломат харошидан ва намак пошидан...[77, с. 45];

Гар бар сару чашми мо нишинӣ,
Нозат бикашам, ки нозанинӣ [77, с. 46].

Дар мисолҳои фавқуззикр ***даҳони мардум бастан*** *- to grease smb' palm (пора, ришва додан),* ***ҳисоб пок будан*** *- be clean as a whistle (бегуноҳ будан),* ***намак пошидан*** *- rub salt (барангехтан),* ***бар сару чашм нишастан*** *- to make a hit with smb (писанд омадан)* рехтаҳои фразеологӣ мебошанд.

Ибораҳои рехта ниҳоят муассиру ишкол буда, айнан тарҷума намудан ба забони ғайр басо душвор аст. Ҳини баргардони таҳтуллафзии онҳо бидуни идроки семантикаи маниши онҳо, бешубҳа, матмаҳи ришханду тамасхур шудан аз ҳақиқат дур нест. Мубтанӣ бар ин, қабл аз тарҷума бояд муҳтавои умқии чунин воҳидҳои фразеологиро ба маълумот гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Устод Саъдии Шерозӣ «Гулистон»-и хешро бо чунин ибораҳои фараҳ-ангезу балеғу сареҳ, ки ба ҳусну латофату зарофати ин шоҳкорӣ ҳусни дигаре зам намудааст, шодоб намуда, дар он замина фразеологизмҳои хешро тараннум намудааст, ки онҳоро ба радифи фразеологизмҳои китобат марбут намудан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан: ***дуди дарун*** [77, с. 56] – *sick at heart* (оҳи дил), ***кӯҳи оҳанин*** [77, с. 56] – *strong as a horse* (қавӣ), ***рӯйи шафоат бар замин ниҳодан*** [77, с. 66] – *atone for smth.* (талаби авф кардан), ***мехи оҳанин бар санг нарафтан*** [77, с. 81] – *grasping at straws* (бефоида, барабас будан) ва ғ.

Ҳамчунин, ибораҳое роиҷанд, ки бо вуҷуди маънои аслӣ доштан маънои маҷозӣ, яъне коннотатсияи дигареро ба худ касб намуда, ба радифи воҳидҳои фразеологӣ даршудаанд. Масалан, ибораи **«*намак пошидан* - *rub salt*»** [77, с. 45] метавонад, аз як тараф, рехтаи фразеологӣ пиндошта шавад, ки маънои он аз калимаҳои таркибаш «намак» ва «пошидан» (барангехтан) барнамеояд, аз тарафи дигар, ин ибора метавонад ба маънои аслӣ, номӣ низ истифода гардад. Чунин хусусияти рехтаҳои фразеологиро **омонимҳои** фразеологӣ меноманд. «Омонимҳои фразеологӣ ба гурӯҳи ифодаҳои рехтаи мустақили захираи фразеологии забон дохил шуда, аз лиҳози маъно бо якдигар умумияте надоранд, онҳо дар марҳилаҳои ҳозираи инкишофи худ бо ягон сабаби муайяни таърихӣ маҳз аз лиҳози шакл ва талаффуз монанд шудаанд» [66, с. 52]. Чунин фразе-ологизмҳо дар «Гулистон» мавқеи хос ва назаррас доранд, ки зикр намудани бархе аз онҳоро мувофиқи мақсад меҳисобем: ***ба кор омадан*** [77, с. 15] – *come in handy (лозим шудан),* ***ҷомаи зан пӯшидан*** [77, с. 23] - *with one's tail between one's legs (тарсу будан),* ***ба рӯй дар боз кардан*** [77, с. 37] - *open the door to someone (имконият фароҳам овардан),* ***даст гирифтан*** [77, с. 43] – *take a hand in smth. (кумак кардан),* ***пой дар занҷир будан*** [77, с. 92] - *have one's hands tied (имконият надоштан),* ***рӯй тофтан*** [77, с. 101] - *turn one's back on (писандидан)* ва ғ.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки рехтаҳои фразеологӣ эквиваленти калима буда, ҳамчун категорияи муттаҳиди дақиқи грамматикӣ, комилан воҳидҳои томи маъноӣ, яъне маънан қисматнопазир пазируфтан ба мақсад мувофиқ аст. Вожаҳои таркиби ибораҳои фразеологӣ маънои мустақили худро надоранд ва маънои онҳо аз маънои таркиби ҷузъашон зоҳир намегардад.

Саъдӣ дар нигоришу корбасти чунин ибораҳои фразеологӣ завқи дигаре дораду маҳорати дигаре. Дар паси пардаи ҳар як воҳид чи дунёву чи падидаву қазияҳоеро нуҳуфта, фаъолонаву эҷодкорона пиростааст. Дунёи ҳарфу каломи ӯ вофир аз гуҳару шаҳду шакар аст.

Таркибҳои фразеологӣ ибораҳои устувору фасеҳу мавзунанд, ки семантикаи онҳо тавассути вожаҳои калидиашон муайян мешавад, «калимаҳои таркиби онҳо ҳам озодона ва ҳам аз лиҳози фразеологӣ вобаста мебошанд» [11, с. 68].

Таркибҳои фразеологӣ аз рехтаҳои фразеологӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Семантикаи таркибҳои фразеологӣ қисмат мешавад, таркиби онҳо бо калима-синонимҳо, албатта, дар шакли маҳдуд, метавонад дучор гардад. Дар ин сурат, яке аз аъзои таркибҳои фразеологӣ хусусияти доимӣ, яъне устуворро дошта, бақияи он мавриди тағйир метавонад қарор гирад. Масалан: *«Ҳар гаҳ ки яке аз бандагони гунаҳкори парешонрӯзгор* ***дасти инобат*** *ба умеди иҷобат ба даргоҳи Ҳақ ҷалла ва ало бардорад...»* [7, с. 7]. Дар ин ҷо ***«дасти инобат бардоштан»*** таркиби фразеологӣ буда, вожаи *даст* метавонад бо як қатор калимаҳои аз лиҳози маънӣ, тобишҳои экспрессивӣ-услубӣ мухталиф тавъам гардад. «Малик ***дасти таҳайюр*** ба дандон газидан гирифту гуфт...» [7, с. 28]; «Қавме, ки аз ***дасти татовули*** ӯ ба ҷон омада буданд...» [77, с. 31]. Вожаҳои *инобат, таҳайюр, татовул* ба калимаи *даст* ҳамроҳ шуда, ҳар яке семантикаи худро ҳовианд. Чунончи, *дасти инобат* – дуо кардан - *pray for someone or something, дасти таҳайюр* – ҳайрон шудан - *(all) at sea about something, дасти татовул* – таҷовуз кардан - *encroach (up)on someone or something* аст.

Мисолҳои дигар: ***оташи касеро тез кардан*** [77, с. 75] - *add fuel to the fire* (барангехтан), ***рӯй аз касе тофтан*** [77, с. 71] - *to turn one' back on smb* (тарк кардан), ***даст аз касе бардоштан*** [77, с. 77] - *get off one`s back* (касеро ба ҳолаш гузоштан), ***ҷаҳон бар касе танг омадан*** [77, с. 78] - *feel out of place* (ҷой надоштан) ва ғ.

Мустақилияти семантикиро дар ибораҳои фавқуззикр калимаи ***«касе - somebody»*** ифода мекунад. Ин калимаро бо ҷонишинҳову исмҳо бадал намудан мумкин аст. Масалан, худи устод Саъдӣ чунин корбаст намудааст:

Дидор менамоию парҳез мекунӣ,

Бозори хешу ***оташи мо тез мекунӣ.***

Дар мисоли дуюмин *«...****рӯй аз мусоҳибати мискинон тофтан*** *ва фоида дареғ дошта ...»* ба бадали калимаи «касе» исм (мискинон) ба кор бурда шудааст.

Таркибҳои фразеологӣ наздик пайвастшавии калимаҳои озоди омонимӣ ба худ надоранд. Махсусияти онҳо дар он аст, ки калимаҳои маънан аз лиҳози фразеологӣ алоқаманд метавонанд бо калима-синоним бадал шаванд: «Гуфт: ***Чашми танги*** *дунёдӯстро / Ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр!»* [77, с. 122]. Ибораи *чашми тангро* устод Саъдӣ дар дигар ҷо бо синонимаш истифода бурдааст: «*... Неъмати рӯйи замин пур накунад* ***дидаи танг***!» [7, с. 218]. Дар забони англисӣ ибораи ***green-eyed monster*** маънои шахси хасису ҳарису гурусначашмро дорад, ки ба ибораи ***чашми танг*** эквивалент маҳсуб меёбад.

Ҳар қадаре доираи калимаҳои ҷузъи таркибҳои фразеологӣ фарох бошад, ҳамон қадар он таркиби фразеологӣ ба ифодаи фразеологӣ наздик мешавад.

Пайвастаҳои фразеологӣ чунин ибораҳои устуворе маҳсуб меёбанд, ки нишонаҳои бахши семантикаи ҷузъҳо ба ҳар ҳол ҳифз мешаванд. Маънои умумии онҳо муваҷҷаҳ (далелнок) буда, аз маънои қисматҳои ҷудогона бармеояд.

Пайвастаҳои фразеологӣ ибораҳои фразеологие мебошанд, ки маънан том ва қисматнашаванда буда, маънои онҳо бо маънои калимаҳои таркибашон муваҷҷаҳ аст. Маънои қисматнашавандаи пайвастаи фразеологӣ дар натиҷаи якҷоя шудани маъноҳои калимаҳои таркибаш ба маънои умумии ҷамъбастӣ-маҷозӣ ба вуҷуд меояд. Тақсимнопазирии семантикии чунин намуди фразео-логизмҳо онҳоро бо рехтаҳои фразеологӣ шабеҳ месозад, аммо маҳсули семантикӣ, сабабияти маънои ибораи фразеологӣ бо маънои калимаҳои ҷудогона онҳоро аз рехтаҳои фразеологӣ фарқ мекунонад [3, с. 67].

Образнокӣ хусусияти хосси пайвастаҳои фразеологӣ мебошад. Ҳар як калимаи чунин ибораҳо маънои худро дорад, вале дар ҳамбастагӣ маънои маҷозӣ касб мекунанд: «***Ба даст овардани*** *дунё ҳунар нест, / Якеро гар тавонӣ дил* ***ба даст ор***!» [77, с. 190]; «***Миён ба хидмати*** *озодагон* ***баста*** *ва бар дари дилҳо нишаста*» [7, с. 190]; «*...Зи диданат натавонам, ки* ***дида барбандам****...*» [77, с. 150]. Ибораҳои ***ба даст овардан*** - *to fill one' boots*, ***миён ба хидмат бастан*** - *put one's back into*, ***дида барбастан*** - *turn a blind eye to smth* метавонанд ҳам ба маънои аслӣ (дар ин сурат маънои номинативӣ доранд) ва ҳам ба маънои маҷозӣ (дар

ин сурат ифодаи образнок маҳсуб меёбанд) истифода мешаванд. Одатан чунин намуди фразеологизмҳо тропаҳои метафорӣ маҳсуб меёбанд. Пайвастаҳои фразеологӣ ба ворид шудани калимаҳои ҷудогона роҳ медиҳанд, ки дар мисоли дуюми дар боло зикршуда манзур аст.

Калимаҳои ҷудогонаи таркиби он аз лиҳози маънӣ номустақил буда, маънои ҳар як ҷузъ ба ягонагии маънои умумии образноки кулли ибораи фразеологӣ дар умум музоф (алоқаманд) аст. Бо вуҷуди ин, шахси ғайрзабон ҳини тарҷумаи таҳтуллафз метавонад аз муҳтавои ибора пай барад.

Пайвастаҳои фразеологӣ чун идиомаҳо маънан қисматнашаванда буда, шакли грамматикӣ ва сохти синтаксисии онҳо қотеона муқаррар шудааст. Таъвизи вожаҳои таркиби онҳо, ҳамчунин бадали синоними онҳо боиси коста шудани метафора мегардад.

Бо вуҷуди ин, нисбат ба рехтаҳои фразеологӣ пайвастаҳои фразеологӣ ба падидаҳои воқеии забони муосир музоф буда, метавонад дар нутқ дар васати қисматҳои худ дигар калимаҳоро роҳ диҳад.

Рехтаҳои фразеологӣ ва пайвастаҳои фразеологиро, ки ғолибан ҳамчун эквиваленти калима маҳсуб меёбанд, бештар ба як гурӯҳ муттаҳид намуда, онҳоро ***идиома*** ё ***ифодаҳои идиомавӣ*** ном мебаранд. Ба рехтаҳои фразеологӣ ва пайвастаҳои фразеологӣ таркибҳои фразеологӣ ва ифодаҳои фразеологӣ муқобил мебошанд. Онҳо фразеологизмҳое мебошанд, ки маъноятон дар маҷмуъ ба маънои калимаҳои таркибашон мувофиқат мекунанд: ***чашми некӣ доштан*** [77, с. 34] - *to have one' heart in the right place*, ***дил шикаста доштан*** [77, с. 43] - *to lose heart*, ***дар гардани касе мондан*** [77, с. 59] - *to put on smb's shoulder*.

Ифодаҳои фразеологӣ чунин ибораву ифодаҳои устуворе маҳсуб меёбанд, ки дар таркиб ва корбасташон устувор буда, на танҳо маънан қисматшаванда-анд, балки ҳовии калимаҳои маънан озоди номианд. Хусусияти мухтасси онҳо таҷдиди назар буда, ҳамчун воҳидҳои тайёри ҳовии таркиби луғавии устувор ва семантикаи дақиқ дар нутқ истифода мешаванд.

Ин гурӯҳи фразеологизмҳоро Н.М. Шанский манзур дошта, аз лиҳози семантика онҳоро ба ду гурӯҳ – ***номӣ*** ва ***коммуникативӣ*** қисмат намудааст [1111, с. 72]. Фразеологизмҳои номӣ ҳамчун воҳиди тайёри забон аз мувофиқати семантикӣ-сохтории ҷузъҳое таркиб ёфтаанд, ки барои ифодаи мафҳумҳои маъмул корбаст мешаванд. «Онҳо пайваста ин ё он мафҳумро ифода менамоянд ва чун калимаҳо дар забон вазифаи номинативиро (унвонӣ) иҷро мекунанд» [11, с. 70].

Зери мафҳуми воҳидҳои фразеологии коммуникативӣ чунин воҳидҳои фразеологиеро мефаҳманд, ки аз лиҳози сохтор таносуби ҷумла буда, мақол ва зарбулмасал марбут дониста мешавад [55, с. 47]: ***Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ хӯрдан, ки чаро гуфтам*** [77, с. 17] - *An ox is taken by the horns, and a man by the tongue*; ***Даҳ дарвеш ба гилеме бихуспанду ду подшоҳ дар иқлиме нагунҷанд*** [77, с. 24] - *Two kings in one kingdom cannot reign.*

Ҳамин тавр, дар раванди омӯзиш мушаххас гардида, ки дар «Гулистон» воҳидҳои фразеологӣ мавқеи бориз доранд. Нависандаи он барои дақиқану образнок ифода намудани фикри хеш онҳоро мавриди истифода қарор дода, ҷанбаҳои мухталифи воқеиятро нишон додааст. Бархе воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба дигаре дар нутқ бештар истифода гардида, баъзе аз онҳо тобишҳои маъноии дигарро касб кардаанд. Тазаккур додан бамаврид аст, ки дар «Гулистон» наздик ҳамаи навъи фразеологизмҳоро метавон дарёфт. Ҳамчунин боиси зикр аст, ки воҳидҳои фразеологӣ бояд аз лиҳози гипероним назар карда шаванд.

Адабиёт

1. *Азимова, С.Р. Чанд андеша роҷеъ ба истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар асари "Ҳаёҳуи бисёр барои ҳеч"-и У. Шекспир / С.Р. Азимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - № 5 (106).–С. 39-42.*
2. *Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии: учеб. пособие / Н.Н. Амосова. – Ленинград: ЛОЛГУ, 1963.–208 с.*
3. *Виноградов, В.В. О теории художественной речи / В.В. Виноградов. Изд. 5. – М., 2008–147 с.*
4. *Кунин, А.В. Курс фразеологии современного английского языка. - М.: Высш.шк., 1986.-396 с.*
5. *Қаҳҳоров, Ш.Р. Таҳлили луғавӣ-маъноии зарбулмасал ва мақол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ: дис. ... номз. илм. филол: 10.02.20 / Қаҳҳоров Шодимурод Рустамович; роҳб. илмӣ М.Н. Азимова; Хуҷанд, 2021.–187 с.*

6. *Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов.–Душанбе: ДДТ ба номи В.И. Ленин, 1982.–104 с.*
7. *Обиди Шакурзода. «Гулистон»-и Саъдӣ. Матни комил ва шарҳи он / Шакурзода Обид. - Душанбе: «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик», 2021.–576 с.*
8. *Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка. - М.: Изд-во лит-ры на иноязыках, 1956. - 260 с.*
9. *Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты. / В.Н. Телия. - Москва: Школа «Языки русской культуры», 1996.-288 с.*
10. *Хошимова, Н.М. Сопоставительный анализ глагольных фразеологических единиц в произведении С. Айни в таджикском и английском языках / Н.М. Хошимова // Вестник Педагогического университета. – 2023. - № 4 (105).–С. 105-110.*
11. *Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка: учеб. пособие для вузов по спец. "Русский язык и литература" / Н.М. Шанский. - 4-е., изд., испр. и доп. СПб.:— Специальная Литература, 1996. - 192 с.*
12. *Шокиров, Т.С. Фразеологияи забони тоҷикӣ: кит. таълимӣ / Т. С. Шокиров.–Хуҷанд: Дабир, 2020.–92 с.*

ТАСНИФИ СЕМАНТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Дар мақолаи мавриди назар воҳидҳои фразеологии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ аз лиҳози семантика дар асоси консепсияҳои олимони ватаниву хориҷӣ тасниф ёфтаанд. Дар мақола қайд гардидааст, ки дар забоншиносии муосир роҷеъ ба тавзеҳи таснифи воҳидҳои фразеологии забон ду ақида манзур аст, яке *назари маҳдуд (гипоним) ва дигаре назари муфассал (гипероним)*. Дар робита бо ин, мо пайрави назари муфассал буда, фразеологизмҳои асари мазкурро ба риштаи омӯзиш баркашидем. Устод Саъдӣ ин асари мондагори хешро бо «дурдонаҳои марворид» (мақсуд воҳидҳои фразеологӣ) шодоб намуда, ба ҳусну латофату зарофати ин шоҳкорӣ ҳусни дигаре зам намудааст, уқёнусеро ибдоъ намудааст, ки бо нӯшидан аз он кас наметавонад ташнагиро шиканад. Воҳидҳои фразеологӣ дар ин асар на ҳамеша мустақиман корбурд шудааст, онҳоро устод Саъдӣ бо сабки ба худ хос мавриди истифода қарор додааст. Дар паси пардаи ҳар як воҳид чи дунёву чи падидаву қазияҳоеро нуҳуфта, фаъолонаву эҷодкорона пиростааст. Зикр гардидааст, ки дар «Гулистон» наздик ҳамаи навъи воҳидҳои фразеологиро дарёфтан мумкин аст. Ҳамчунин, фразеологизмҳои омонимӣ дар «Гулистон» мавқеи хос ва назаррас доранд.

Калидвожаҳо: фразеологизм, «Гулистон», тасниф, семантика, гипоним, гипероним, рехтаҳои фразеологӣ, таркибҳои фразеологӣ, ифодаҳои фразеологӣ, пайвастаҳои фразеологӣ.

СЕМАНТИЧЕСКАЯ ТИПОЛОГИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ «ГУЛИСТОНА» САДИ ШЕРОЗИ

В настоящей статье фразеологические единицы произведения «Гулистан» Саади Шерози классифицируются с семантической точки зрения на основе концептуальных подходов как отечественных, так и зарубежных исследователей. Отмечается, что в современной лингвистике существуют два принципиально различных взгляда на интерпретацию классификации фразеологических единиц: первый представляет собой ограниченное (гипонимическое) понимание, второй - расширенное (гиперонимическое) осмысление. Исходя из методологической позиции сторонников расширенного подхода, в данной работе была предпринята всесторонняя семантико-когнитивная интерпретация фразеологического материала *Гулистана*. Саади, как подлинный мастер художественного слова, украсил своё бессмертное произведение своеобразными «жемчужными бусами» - фразеологизмами, которые придали тексту особую выразительность, изящество и стилистическую насыщенность. Его язык превращается в безбрежный океан смыслов, чьё богатство неисчерпаемо. При этом фразеологические единицы в *Гулистане* употребляются не в прямолинейной, шаблонной форме, а преломляются сквозь авторский стиль, отличающийся тонкой образностью, концептуальной глубиной и семиотической многоплановостью. За каждым устойчивым выражением Саади скрывает целые миры - явления, события, эмоциональные состояния, придавая им новые смысловые оттенки и когнитивную нагрузку. Анализ показал, что в *Гулистане* представлены практически все структурно-семантические типы фразеологических единиц, а особое место в системе выражений занимают омонимичные фразеологизмы, играющие значимую роль в формировании многослойного смыслового пространства произведения.

Ключевые слова: фразеологизм, «Гулистан», типология, семантика, гипоним, гипероним, фразеологические сращения, фразеологические единства, фразеологические сочетания, фразеологические выражения.

SEMANTIC TYPOLOGY OF PHRASEOLOGICAL UNITS OF SAADI SHERAZI'S «GULISTAN»

In the present article, the phraseological units of Saadi Sherozi's *Gulistan* are classified from a semantic perspective, taking into account theoretical positions established by both domestic and international scholars. The analysis draws attention to the fact that contemporary linguistics offers two primary approaches to the classification of phraseological units: the hyponymic (narrow) model and the hyperonymic (broad) model. Adhering to the latter, we have undertaken a comprehensive examination of the phraseological system of *Gulistan* through the lens of semantic generalization and conceptual hierarchy. Saadi, as a consummate master of language, adorned his magnum opus with phraseological "pearls" that elevate the aesthetic and expressive power of the text, transforming it into a linguistic ocean - one whose depth and richness defy exhaustion. The use of phraseological units in *Gulistan* is far from conventional; Saadi employs them with distinctive stylistic refinement and rhetorical subtlety. Each unit, imbued with cultural memory and conceptual density, serves not merely as ornamentation but as a cognitive mechanism encoding socio-cultural realities, ontological views, and emotional experience. The study reveals that *Gulistan* encompasses nearly all known structural and semantic types of phraseological units, including a noteworthy layer of homonymous expressions, which play a particularly significant role in the semantic organization of the text.

Keywords: phraseological units, «Gulistan», typology, semantics, hyponym, hyperonym, phraseological fusions, phraseological unities, phraseological combinations, phraseological expressions.

Дар бораи муаллиф
Рустамзода Шодимурод Рустам
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: muallififarhang@gmail.com

About the author
Rustamzoda Shodimurod Rustam
Candidate of Philological Sciences, associate professor, doctoral candidate of the comprehensive university English department
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17
E-mail: muallififarhang@gmail.com

Об авторе
Рустамзода Шодимурод Рустам
Кандидат филологических наук, доцент, докторант общеуниверситетской кафедры английского языка
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17
E-mail: muallififarhang@gmail.com

ТДУ 811.21/22(03)

ИСТИФОДАИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ПАШТУ ДАР ДОСТОНИ “ДАР КИШВАРЕ ДИГАР”

Саъдизода Ш. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳар давру замон забонҳои гуногун бо сабабҳои мухталиф бо якдигар робита барқарор намуда, ба ҳамдигар таъсир мерасониданд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз имконоти забони мухолиф ниёзҳои хешро бароварда менамуданд. Ин раванд имрӯз низ идома дорад. Яъне, ҳеҷ забоне наметавонад дар алоҳидагӣ ва бидуни омезиш бо забони дигар мавҷудияти худро таъмин намояд.

Доир ба мавзуи мазкур пажӯҳишгар Носирӣ Бибӣ Нилуфар дар рисолаи худ “Вижагиҳои луғавию маъноии гӯйиши Фархори Афғонистон ва муносибати он ба гӯйишҳои ҷанубию шимолии Кӯлоб” ишора мекунад, ки муносибат ва будубоши доимии қавму миллатҳо бо ҳам ва дар ин асос вуҷуд доштани додугирифти калимаҳо дар миёни онҳо як ҳолати маъмулӣ дар ҷомеа ба шумор меравад ва ягон забон дар замони рушди расонаҳо ва интернет, густариши рӯзафзуни имконоти иртиботӣ наметавонад дар алоҳидагӣ рушд кунад ва бидуни омезиш бо дигар забонҳо зинда бимонад [2, с. 123].

Забонҳои дарӣ ва пашту низ аз чунин алоқамандӣ ва омезиши байнихудӣ бархӯрдоранд. Ин ду забон дорои сарчашмаи ягонаи пайдоиш буда, тӯли асрҳо дар ҳамҷавории ҳамдигар будубош дошта, дар рушду такомули якдигар таъсиргузор будаанд ва ин ҳолат ҳанӯз ҳам идома дорад.

Дар замони муосир воридшавии вожаҳо аз яке аз ду забони болозикр ба таркиби луғавии забони дуюм ба назар мерасад. Аз он ҷо ки забони дарӣ нисбат ба забони пашту дорои гузаштаи пуррангтар, мероси ғанитар ва луғоти бештар мебошад, истифодаи калимаҳои ин забон дар забони пашту зиёдтар мушоҳида мешавад. Аммо дар раванди муносибот ва додугирифтҳои чандинсола ҳолати баръакс низ дида мешавад, яъне шумораи муайяни вомвожаҳои пашту дар забони дарӣ истифода мешаванд.

Дар масъалаи воридшавӣ ва истифодаи калимаҳои пашту дар забони дарӣ муҳаққиқи тоҷик Ғаффор Ҷӯраев низ ибрози андеша намудааст. Ӯ дар асари худ “Очерки забони дарии Афғонистон” нақши забони дариро дар ташаккул ва такомули низоми лексикии забони пушту ниҳоят бузург дониста, қайд намудааст, ки дар навбати худ таркиби луғати забони дарӣ аз таъсири забони пушту низ файзёб гардидааст. Пажӯҳишгар дар асари мазкур чунин ишора намудааст: “Забони пушту аз соли 1936 ба сифати яке аз забонҳои расмию давлатии Афғонистон ҳисоб меёбад, чун забони ҳатмӣ таълими он дар мактабҳои миёнаю олии ғайрипуштузабон ҷорӣ гардид. Табиист, ки аз ин ҳисоб таркиби луғати забони дарӣ ҳам мукаммал гардид” [5, с. 257]. Воқеан ҳам, бо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои мазкур дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла давлатдорӣ, сиёсат, иқтисодиёт, таълиму тарбия, илм, хоҷагии қишлоқ ва ғайра теъдоди муайяни калимаҳои пушту дар таркиби луғавии забони дарӣ бештар шуданд.

Яке аз соҳаҳое, ки дар он корбурди вожаҳои паштуро метавон мушоҳида кард, адабиёт мебошад. Дар адабиёти даризабони Афғонистон теъдоди зиёди асарҳои бадеиро ном бурдан мумкин аст, ки дар онҳо калимаҳои иқтибосии пашту истифода шудаанд. Ба ҳайси мисол романи (достон) “Дар кишваре дигар”-ро ёдовар шудан бамаврид аст. Муаллифи он Спужмай Зарёб тавонистааст, ки дар асари худ дар маҷмуъ 19 калимаи паштуро, дар мавқеъҳои муносиб ва бо маҳорати олӣ мавриди истифода қарор диҳад.

Спужмай Зарёб ё Спужмай Рауф яке аз намоёнтарин шахсиятҳои арсаи достоннависии (романнависӣ) Афғонистон аст. Нафаре, ки бисёриҳо ӯро фарди нотакрори ин майдон ва беҳтарин достоннависи ин кишвар медонанд. Ӯ соли 1949 дар Кобул ба дунё омадааст. Падараш – Абдуррауфи Панҷшерӣ, ҳамеша фарзандонро ба таҳсил ташвиқ мекард. Ин буд, ки Спужмай ҳанӯз аз даврони наврасӣ ба достоннависӣ рӯй овард. Нахуст дар мадрасаи “Малолай”-и шаҳри Кобул таҳсил карда, сипас риштаи забон ва адабиёти фаронсавии Донишгоҳи Кобулро хатм намуд. Зарёб дар риштаи адабиёти муосир дар Безансони Фаронса

унвони илмияшро ҳимоя кардааст. Пас аз поёни таҳсил ба Афғонистон баргашт ва фаъолияти омӯзгориро оғоз намуд. Инҷо бо нависандаи шинохта Раҳнавард Зарёб издивоҷ кард. Соли 1991 бо фарзандонаш ба Монпелеи Фаронса меравад ва соли 1994 Раҳнавард Зарёб низ бо онҳо мепайвандад. Солҳост дар ин кишвар зиндагӣ мекунад [14].

Осори ӯ, ки ба забони дарӣ ҳастанд, аз намунаҳои барҷастаи достоннависии муосири Афғонистон ба ҳисоб мераванд. “Дар кишваре дигар” яке аз шоҳкориҳои ин нависандаи пуркор мебошад.

“Дар кишваре дигар” романест, ки масъалаи меҳварии онро мушкилоти муҳоҷирони афғон дар дигар кишварҳо, бахусус мамлакатҳои Ғарб ташкил медиҳад.

“Дар кишваре дигар” тасвире аз симои ду ҷомеа аст – ҷомеаи фақиру дармонда бо ҳама арзишҳояш, бо ҳама садоқатҳои рустоияш ва бо ҳама самимияти шарқияш ва ҷомеаи тавонманде бо азхуд бегонагиҳояш ва бо дарунтиҳигии ҳавлнокаш.

Дар асар саргузашти одамҳоеро мехонем, ки бо садоқату бовар мезиянду мемиранд ва ҳам саргузашти одамҳоеро, ки дар кучаи танҳоӣ ва бебоварӣ раҳо шудаанд. Қиссаи хонаводаи устувору ба ҳам пайваста ва хонаводаҳои парокандаву аз ҳам гусаста. Хонаводаҳое, ки ишқу самимият ҷавҳари онҳоро ташкил медиҳад ва хонаводаҳое, ки дар пилаи танҳоии дардноке метананд.

Қаҳрамонони достон як зани солхӯрда, як ҷавони наврас ва як духтари шарқиянд, ки ин духтари шарқӣ достонро ривоят мекунад.

Шеваи баёни достон сода, равшан ва нерӯманд аст ва забони достонсароии Спужмай Зарёб забонест дорои тавсифҳои дилкаш, ки тавони кашидани бори отифии андешаашро дорад. Забонест бо ҷумлаҳои кӯтоҳ ва таъкидҳову такрорҳои мақсаднок.

Ин хусусияти тасвири нависандаро дар бахшҳои гуногуни “Дар кишваре дигар” дида метавонем. Ба нақли Спужмай Зарёб, Безансон шаҳри хурдест дар шарқи Фаронса, дар марзи байни ин кишвар бо Швейтсария. Мардуми ин шаҳр одатҳои хоси худашонро доранд ва дари хонаашонро ба осонӣ ба рӯйи кас боз намекунанд. Дар байни худ ҳалқаҳои хурде сохтаанд, ки ин ҳалқаҳо бисёр мустаҳкаманд ва ҳеҷ тозаворидеи наметавонад ба содагӣ ба ин ҳалқаҳо дохил шавад. Тамоми зиндагии ин мардум дар чаҳордевори хонаҳояшон хулоса мешавад ва тамоми андешаҳояшон даври чавкиҳояшон, пардаҳояшон ва мизҳояшон давр мезанад. Гӯё берун аз дарвозаҳояшон ҷаҳоне вуҷуд надорад. Дар чашмони рангаву шишамонандашон ҳеҷ чиз хонда намешавад. Одам хиёл мекунад, ки ин чашмон танҳо қодиранд гоҳе ҳолати хасмона ба худ бигаиранду бас.

Дар мавриди таркиби вожагонии “Дар кишваре дигар” қайд кардан зарур аст, ки муаллиф дар баробари калимаҳои аслии забони дарӣ, аз вожаҳои иқтибосӣ низ кор гирифтааст. Аз ҷумла, дар асар теъдоди муайяни калимаҳои иқтибосии пашту истифода шудаанд.

Дар умум, дар романи “Дар кишваре дигар” 19 вожаи дахили забони пашту истифода шудааст. Қариб ҳамаи калимаҳои мазкур дар таркиби луғавии забони дарӣ мавқеи устуворро касб намудаанд ва ҳам дар забони адабиву ҳам дар лаҳҷаҳои мухталифи он мавриди истифода қарор мегиранд. Вожаҳои иқтибосии пашту дар баробари калимаҳои аслии дарӣ барои ифодаи мафҳумҳои соҳаҳои гуногун корбаст мешаванд.

Дар зер калимаҳои иқтибосии пашту, ки дар романи “Дар кишваре дигар” истифода шудаанд, бо овардани намунаҳо аз дохили асар, шарҳ дода мешаванд.

Яке аз калимаҳои иқтибосии пашту, ки дар забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он зиёд мавриди истифода қарор мегирад ва метавон гуфт, ки ба воҳиди устувор ва ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби луғавии ин забон табдил ёфтааст, вожаи “**چوکی**” (**чавкӣ**) мебошад. Ин калима то андозае дар забони дарӣ мавқеъ пайдо кардааст, ки ба мисли вожаҳои аслӣ, ба ғайр аз маънои асосӣ, ҳамчунин ба маънои маҷозӣ низ истифода мешавад.

Калимаи “**چوکی**” (**чавкӣ**) дар сарчашмаҳои гуногун ба маънии **курсӣ; вазифа** омадааст [9, с. 38].

Спужмай Зарёб ин вожаро дар достони “Дар кишваре дигар” дар чанд ҳолат ба маънои **курсӣ** истифода бурдааст:

“Дубора бо заҳмат аз зери **чавкӣ** баромад. Нафас нафас мезад, рӯйи **чавкӣ** нишаст” 8, с. 10].

“Ба ҷояш нишаст, аммо сарашро ба пушти **чавкӣ** такя дод” [8, с. 16].

“Бо чашмони нимабаста канори **чавкиро** ҷустуҷӯ кард” [8, с. 18].

“Дасташро ба пушти **чавкӣ** гузошт, ингор аз амале пушаймон шуда бошад, гуфт” [8, с.23].

“Барои лаҳзае рӯйи **чавкии** муқобили ман нишаст” [8, с. 48].

“Дастонам шурӯъ ба ларзидан карданд ва рӯйи **чавкӣ** нишастам” [8, с. 196].

Бояд қайд кард, ки муаллиф ин вожаро танҳо ба маънии аслии он истифода намудааст. Ҳарчанд он дорои мазмуни “**вазифа, мансаб**” низ ҳаст, аммо Зарёб онро бо ин маънӣ мавриди корбурд қарор надодааст.

Вожаи дигари иқтибосии пашту, ки Зарёб дар асари худ якчанд маротиба корбаст намудааст, “**المارى**” (**алморӣ**) мебошад. Вожаи мазкур дар забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он зиёд истифода мешавад.

Калимаи “**المارى**” (**алморӣ**) дар фарҳангҳои мухталиф, аз ҷумла “Қомуси кабири Афғонистон”, “Ливол” ва ғайра ба маънии **чевон, ҷойи нигоҳдории либос ва дигар ашё** омадааст.

Спужмай Зарёб ин вожаро дар достони худ ба маънои болозикр истифода бурдааст:

“Рӯйи **алморӣ** чанд китоби куҳна ва канори он гулҳои маснуӣ дар гулдон ва дар гӯшаи дигари алморӣ тилвизиюни нисбатан бузурге қарор дошт” [8, с. 11].

“Рафт навореро аз **алморӣ** берун овард” [8, с. 17].

“Канори девор палаҳои шабеҳи **алморӣ** бо чӯбкориҳои зебое қарор дода будам” [8, с. 84].

Ҷойи дигар, вақте муаллиф дар бораи нақли қаҳрамони асосии асар доир ба эҳтироми модараш нисбат ба падари ӯ сухан меронад, аз вожаи **алморӣ** истифода кардааст.

Вожаи “**بوت**” (**бут**) низ аз шумори калимаҳои иқтибосиест, ки ҳам дар забони адабии дарӣ ва ҳам дар гӯйишҳои он зиёд истифода мешавад. Бояд гуфт, ки ин калима дар раванди эҷоди вожаҳои нав низ иштирок мекунад.

Калимаи “**بوت**” (**бут**) дар фарҳангҳо ҳамчун “**пойафзол, кафш ё чизе, ки барои муҳофизати по бипӯшанд”** шарҳ ёфтааст [7].

Вожаи мазкурро Спужмай Зарёб дар достони худ “Дар кишваре дигар” дар якчанд ҳолат ба ҳамин маънӣ истифода бурдааст:

“Баъд нигоҳаш ором-ором боло омад, ба **бутҳоям** хира шуд” [8, с. 20].

“**Бутҳояшро** кашидааст, пойҳояшро рӯйи миз гузоштааст ва нохунҳои паҳну рангзадаи поҳояшро ҳаракат медиҳад” [8, с. 82].

Ба ғайр аз ҳолатҳои болозикр, дар чанд ҷойи дигари асар вожаи “**بوت**” (**бут**) ба кор бурда шудааст. Бахусус, вақте қаҳрамони асосӣ даврони кӯдакии худро ёдоварӣ менамояд ва лаҳзаҳои хотирмонро тасвир менамояд

“Агар кор накунам барои ту ин **бутҳоро** харида наметавонам... Ту **бут** намедошта бошӣ, пероҳан намедошта бошӣ” [8, с. 114].

“Ба ёди кӯдакони ҳамсояи мо афтодам, ки ҳеҷ вақт **бут** намепӯшиданд, **бут** надоштанд” [8, с. 115].

Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе аз сарчашмаҳо асли калимаи “**بوت**” (**бут**) забонҳои аврупоӣ дониста шудааст. Аммо ба андешаи аксари муҳаққиқон ва ба таъкиди фарҳангҳои маъмултарини соҳа, ин калима ба забони пашту рабт дода шудааст.

Вожаи навбатӣ, ки он ҳам аз забони пашту ба забони дарӣ ворид шудааст, “**پطلون**” (**патлун**) мебошад. Спужмай Зарёб дар достони “Дар кишваре дигар” ин вожаро ду маротиба мавриди истифода қарор додааст.

“Қомуси кабири Афғонистон” асли ин калимаро фаронсавӣ дониста, онро ҳамчун “**шалвор, шим, либосе, ки нимаи поёнии бадани инсонро мепӯшонад”,** шарҳ додааст [11, с. 24].

Зарёб низ вожаи мазкурро ба ҳамин маънӣ ба кор бурдааст:

“Либосҳоро шамол ором-ором такон медод, пироҳанҳо, **патлунҳо**, зерпӯшҳо саҳнаи мазҳакиро ба вуҷуд оварда буданд” [8, с. 27].

Вожаи дигаре, ки дар достони “Дар кишваре дигар” зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст, “**سرک**” (**сарак**) мебошад.

Ин калима дар сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла “Қомуси пашту-русӣ”-и М.Г. Асланов, “Қомуси кабири Афғонистон” ва ғайра ба маъноҳои **роҳ, ҷода, роҳи калон, роҳи умумӣ, кӯча** омадааст [1, с. 15].

Спужмай Зарёб вожаи мазкурро дар асари худ ба маъноҳои болозикр истифода бурдааст:

“Дар **саракҳо** одамҳо бо аҷала дар рафту омад буданд” [10, с. 29].

“**Сарак** ва одамҳои он, одами сервис, ҳама ба якборагӣ дар зеҳнам нобуд шуданд” [10, с.30].

“**Сарак** пур аз одаму мутар буд” [8, с. 32].

“Бо худ андешидам, ки кӯтоҳтарин роҳ ба **сараки** калон кадом аст” [8, с. 34].

“Ба пиёдарави канори хиёбон расидам, **саракҳо** аз сару садо лабрез буданд” [8, с. 35].

“Чанд **сарак** дур аз хонаи Ҳелен гузоштамаш ва пиёда роҳи хонаашро пеш гирифтам” [10, с. 162].

Вобаста ба он, ки калимаи мазкур дар таркиби луғавии забони дарӣ аз ҷумлаи вожаҳои серистеъмол ба ҳисоб меравад ва бо назардошти манзараҳое, ки Спужмай Зарёб дар асари худ тасвир намудааст, калимаи “**سرک**” (**сарак**) дар қиёс бо дигар калимаҳо бамаротиб бештар истифода шудааст.

Калимаи паштуи “**بچه**” (**бачa**) ҳарчанд дар забони дарӣ васеъ истифода мешавад, аммо муаллифи достони “Дар кишваре дигар” танҳо як маротиба аз ин вожа кор гирифтааст.

Вожаи мазкур дар фарҳангҳо ба маънои **соат** омадааст ва Спужмай Зарёб низ онро ба ҳамин маъно истифода намудааст:

“Намедонистам чанд **бачаи** шаб буд” [8, с. 78].

Калимаи дигари иқтибосӣ “**بوره**” (**бура**) мебошад. Вожаи мазкур дар “Қомуси кабири Афғонистон” ҳамчун **шакар** шарҳ дода шудааст. Ин вожа низ дар достони “Дар кишваре дигар” танҳо як маротиба вомехӯрад:

“Патнусро бо пиёлаву **бура** ва қошуқ омода сохтам...” [8, с. 90].

Вожаи дигаре, ки аз забони пашту ба забони дарӣ ворид гардидааст, “**تیل**” (**тел**) мебошад. Ин вожа ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигар ҳиссаҳои нутқ истифода мешавад. Дар достони “Дар кишваре дигар” дар чанд ҳолат дар таркиби ибораи “**چراغ تیلی**” (**чароғи телӣ**) мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ин вожа дар “Лаҳҷаҳои дарии Афғонистон” ва “Шеваи Ҷабал-ус-сироҷи Афғонистони шимолӣ”-и забоншинос Усмонҷон Обидов низ истифода шудааст [3, с. 63; 4, с. 39].

Дар фарҳангҳо ба маънии **равған, сӯзишворӣ, нафт, бензин** шарҳ ёфтааст:

“Чароғи **телӣ** рӯйи пешхони дӯкон дуд мекард” [8, с. 108].

“Ба шишаи ҳубобнамои равшани чароғи **телӣ** чашм дӯхтам” [8, с. 109].

Ҷойи дигар, муаллиф ҳангоми тасвири яке аз деҳаҳои дурдасти Лугар ишора менамояд, ки шабҳояшро чароғҳои **телӣ** ба сахтӣ равшан менамуданд.

Калимаи дигаре, ки дар забони дарӣ зиёд истифода мешавад ва дар достони мавриди назар низ ба кор бурда шудааст, “**پت**” (**пут**) мебошад. Калимаи “**پت**” (**пут**) ифодакунандаи маъноҳои **пинҳон, махфӣ, пӯшида** буда, дар достони “Дар кишваре дигар” се маротиба ба ҳамин маъно истифода шудааст:

“Ту онҳоро **пут** гирифтӣ” [8, с. 111].

“Чодари сиёҳаш ҳама танашро **пут** мекард” [8, с. 137].

Ҷойи дигар, муаллиф ин калимаро ба маънии пӯшидан ба кор бурдааст, вақте ки сухан дар бораи **пут** кардан, яъне пӯшидани рӯйи ҷасадҳо меравад.

Яке аз серистеъмолтарин калимаҳои иқтибосии пашту, ки ҳам дар забони адабии дарӣ ва ҳам дар гӯйишҳои он мавриди истифода қарор гирифтааст “**پیسه**” (**пайса**) мебошад. Калимаи “**پیسه**” (**пайса**) дар фарҳангҳо ба маънии **маблағ**, **пул** омадааст ва Спужмай Зарёб онро дар асари худ якчанд маротиба ба ҳамин маънӣ ба кор бурдааст. Бахусус, вақте муаллиф суҳбати қаҳрамони асари худро дар овони кӯдакияш бо падараш тасвир мекунад, чунин менигорад:

“Чӣ тавр мехарад? – Бо **пайса**.

Пайса аз куҷо кунам? – Аз ман бигир” [8, с. 112].

Ҳамчунин, қаҳрамони асар ҳангоми дар бораи вазъи кӯдакони нодори деҳа ва зиндагии мушкилии онҳо меандешад, аз вожаи мазкур истифода мебарад.

Калимаи “**پندیده**” (**пандида**) аз шумори вожаҳои иқтибосиест, ки ба забони дарӣ ворид гардида, дар шаклҳои мухталиф ва ҳамчун ҳиссаҳои гуногуни нутқ истифода мешавад. Инҷо ҳамчун сифат омадааст.

Сифати “**پندیده**” (**пандида**) дар фарҳангҳо ба маънии **варамкарда** шарҳ ёфтааст [10].

Ин вожа дар чанд ҳолат дар достони “Дар кишваре дигар” ба кор бурда шудааст:

“Ҷайбам **пандида** буд, ангурҳои сиёҳ дар он махфӣ шуда буданд” [8, с. 115].

“Намедонам чаро бо ҳаракати ғаризе дастамро рӯйи **пандидагии** ҷайбам гузоштам” [10, с. 116].

“Чашмонаш **пандида** буданд” [8, с. 134].

Ин вожа ҳамчун феъл, маънии **варам карда**нро низ ифода менамояд.

Вожаи “**گدی**” (**гадӣ**) дар забони дарӣ нисбатан кам истифода мегардад. Вожаи мазкур дар фарҳангҳо ба маънои **зоча, лухтак** омадааст. Дар достони “Дар кишваре дигар” калимаи “**گدی**” (**гадӣ**) танҳо як маротиба вомехӯрад:

“Дастони ман монанди дастони **гадии** латтагиям ба ду тарафам овезон буданд” [8, с.116].

Калимаи “**چپلی**” (**чаплӣ**) низ дар забони дарӣ нисбатан кам вомехӯрад. Ин калима дар “Қомуси кабири Афғонистон” ба маънии як навъи **пойафзоли тобистона, ки қисматҳои пеш ва қафои он боз мебошад,** шарҳ дода шудааст.

Ин вожа дар достони “Дар кишваре дигар” танҳо як маротиба вомехӯрад:

“Модарашро дидам, ки бо **чаплиҳои** баландаш, пурсару садо поин мешуд” [8, с. 132].

Калимаи дигари дар забони дарӣ серистеъмол “**بکس**” (**бакс**) мебошад. Ин калима дар фарҳангҳои мухталиф ба маънии **борҷома, борхалта (сумка)** омадааст [9, с. 11]. Дар “Қомуси кабири Афғонистон” ҳамчун **сандуқи фулузин ё чубин барои нигаҳдории рахт ва либосу маводи дигар** шарҳ ёфтааст [11].

Спужмай Зарёб онро дар асари худ якчанд маротиба ба ҳамин маънӣ ба кор бурдааст.

Аз ҷумла, ӯ ишора мекунад, ки пеш аз бозгашт ба хона **баксҳояшро** мебаст ва ҳамон корҳои маъмулиро, ки ҳар касе дар поёни иқоматаш дар ҷое анҷом медиҳад, анҷом медод ва дар ҳамон ҳолат андуҳи зудгузаре дар дилаш ҷой дошт.

Масалан:

“**Баксҳоямро** қаблан Порис фиристода будам” [8, с. 168].

“Марде бо юнифурми фулодиранг ва **бакси** дастии кучак дохил шуд.

Баъд **баксашро** боз кард ва бастаи қоғазе ба қунсул дод” [8, с. 193].

Яке аз калимаҳои иқтибосии пашту, ки дар забони дарӣ зиёд истифода мешавад, вале дар достони “Дар кишваре дигар” танҳо як маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст, вожаи “**چرت**” (**чурт**) мебошад.

Вожаи “**چرت**” (**чурт**) дар фарҳангҳо, бо назардошти истифодаи якҷояш бо феълҳои гуногун, бахусус феъли “**задан**”, ба маънои **фикр кардан**, **андеша намудан, пинакӣ (хоби кӯтоҳ) рафтан** омадааст [6, с. 44]**.**

Ин калима одатан бо феълҳо якҷоя меояд:

“Имшаб, вақте хона омадам, модарам дар солун нишаста буд ва мисли ҳамеша **чурт** мезад” [8, с. 176].

Калимаи “**چوکات**” (**чавкот**) низ яке аз вожаҳои иқтибосиест, ки дар забони дарӣ бисёр мушоҳида мешавад. Дар фарҳангҳо ин калима ба маънои **чорчӯба, паҳлӯдарӣ,** ҳамчунин ба маънии **доира** низ омадааст [8]. Дар “Қомуси кабири Афғонистон” вожаи мазкур ба мазмуни **чорчубае, ки атрофи дарвоза ва ё акс гирифта шуда бошад,** омадааст [11]**.**

Спужмай Зарёб вожаи мазкурро дар асари худ ба ҳамин мазмунҳои болозикр, яъне ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозии он истифода намудааст:

“Тасвири Саймун Фонжлики ҷавон ва зебо аз он сӯйи солҳо дар чорчӯби **чавкоташ** бо умедворӣ сӯям лабханд мезад” [8, с. 170]. Дар ин ҳолат калимаи “**چوکات**” (**чавкот**) ба маънои аслии он, яъне **чорчубае, ки атрофи акс гирифта шудааст,** ба кор бурда шудааст.

Дар ҳолати дигар муаллиф қайд мекунад, ки ӯ бо мурури замон дарк намудааст, ки дар миёни нафарони бо вазифаҳои гуногун аз кишварҳои пешрафта ба кишвараш ё шояд ҳам кишварҳои дигар фиристода мешаванд, теъдоде ҳам буданд, ки бештар дар андешаи баланд бурдани ҳисобҳои бонкии худашон буданд. Дар ҳоле, ки дар баробари онҳо шахсони ҷолиб ва хуб ҳам дида мешуданд:

“Дар миёни касоне, ки дар **чавкоти** ин пругромҳо меомаданд, теъдоде ҳам буданд, ки одамҳои ҷолибе буданд” [8, с. 184].

Калимаи “**وات**” (**вот**) дар забони дарӣ нисбатан кам вомехӯрад. Аммо, дар муқоиса бо вожаи “**سرک**” (**сарак**), ин вожа хусусияти расмӣ ё моҳияти ҳуқуқӣ дорад. Яъне, он номи ҳуқуқии ҷузъи маъмурӣ ба шумор меравад. Дар “Қомуси кабири Афғонистон” ба маънии **ҷода, сарак, роҳ, хиёбон** омадааст [11].

Спужмай Зарёб вожаи мазкурро дар асари худ дар як ҳолат истифода намудааст:

“Унсурӣ **вот**, хонаи 22, шаҳри нави Кобул, Афғонистон” [8, с. 174].

Калимаи дигари иқтибосӣ, ки дар асар ба сифати исми хоси ифодакунандаи макон истифода гардидааст, “**کوتە**” (**кута**) мебошад. Ин вожа дар “Қомуси кабири Афғонистон” ба маънии **мусофирхона, утоқи бисёр хурд** омадааст [11]. Дар фарҳанги “Қомусуна” ҳамчун **тӯда, теппа, ҳуҷра** шарҳ дода шудааст [12].

Дар достон ин вожа дар ду ҳолат мушоҳида мешавад. Дар ҳарду ҳолат ҳам номи мавзеъро ифода мекунад:

“Ду ҷавони фаронсавӣ дар роҳи Кобул, дар қисматҳои **Кутаи** сангӣ тасодум кардаанд” [8, с. 187].

Дар ҳолати дуюм низ муаллиф дарҷ мекунад, ки ҷавонони фаронсавӣ дар наздикиҳои **Кутаи сангӣ** бо дарахте тасодум кардаанд ва аз қайдҳои шиносномаҳояшон бармеояд, ки онҳо ду моҳ қабл аз Фаронса омадаанд.

Вожаи “**نکتایی**” (**нектойӣ**) дар забони дарӣ нисбатан камтар истифода мешавад. Ин калима дар фарҳангҳо ба маънии **галстук** омадааст ва асли он аврупоӣ дониста мешавад [13; 11].

Дар достони “Дар кишваре дигар” танҳо як маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст:

“Ӯ ҳамчунон талош дошт, то гарданашро аз фишори гиреҳи **нектоияш** наҷот диҳад” [8, с. 193].

Аз таҳлили вожаҳои иқтибосии пашту дар достони “Дар кишваре дигар”, тарзи корбурди онҳо дар асар ва омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ метавон ба хулоса омад, ки ба мисли дигар адибон Спужмай Зарёб низ бештар калимаҳои барои ҷомеаи Афғонистон ба хубӣ ошногардидаро истифода намудааст. Агар як қисми вожаҳо танҳо дар як-ду ҳолат мавриди истифода қарор гирифта бошанд, бахши дигари онҳо хеле зиёд ба кор бурда шудаанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки шумораи муайяни калимаҳои иқтибосии дар ин достон истифодашуда меъёрҳои грамматикии забони дариро пурра риоя мекунанд ва мувофиқи қоидаҳои сарфиву наҳвии ин забон тасриф мешаванд.

Баъзе аз вожаҳои пашту дар раванди калимасозӣ иштирок мекунанд, як қисми онҳо дар таркиби ибораҳо истифода мешаванд. Дар ҳолатҳои алоҳида калимаҳои иқтибосии пашту метавонанд ба ду ва зиёда маъноҳо ба кор бурда шаванд. Яъне, онҳо дар баробари ифодасозии маънои асосӣ, ҳамчунин ба маънои маҷозӣ низ истифода мешаванд. Вожаҳои иқтибосие низ мушоҳида мешаванд, ки ба сифати исми хос – ифодакунандаи номи мавзеъҳо ба кор бурда шудаанд. Агарчӣ дар фарҳангҳо решаи якчанд калимаҳои иқтибосии дар достон истифодагардида на пашту, балки забонҳои аврупоӣ дониста шудааст, аммо калимаҳои мазкур маҳз тавассути ин забон ба забони дарӣ ворид гардидаанд. Аз ин рӯ, онҳоро низ метавон ба қатори вожаҳои иқтибосии пашту шомил донист.

Адабиёт

1. *Асланов, М.Г. Афганско-русский словарь (пушту) / М. Г. Асланов. – М., 1966.–831 с.*
2. *Носирӣ, Б.Н. Вижагиҳои луғавию маъноии гӯйиши Фархори Афғонистон ва муносибати он ба гӯйишҳои ҷанубию шимолии Кӯлоб: дис. номз. илми филол. / Б.Н. Носирӣ. - Душанбе, 2022.-188 с.*
3. *Обидов, У. Лаҳҷаҳои дарии Афғонистон / У. Обидов. – Душанбе: Дониш, 1993.–106 с.*
4. *Обидов, У. Шеваи Ҷабал-ус-сироҷи Афғонистони шимолӣ / У. Обидов. – Душанбе: Дониш, 1978.-170 с.*
5. *Ҷӯраев, Ғ. Очерки забони дарии Афғонистон / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 2017. - 283 с.*
6. *Sayed, A.Sh. Pashto – English Dictionary / A. Sayed. - Kabul: Academy of Sciences Kabul, 1994.-429 с.*
7. *Tegey, H. English – Pashto – English Dictionary/ H. Tegey, B. Robson - Washington, 1993.–181 с.*

8. سپوژمی زریاب، در کشوری دیگر. – کابل، ۱۳۸۴۶۷ ه.خ. – ۲۰۲ ص.
9. ظاهره هنګامه، پښتو- دری لنډ قاموس. / ظ. هنګامه. – کابل، ۱۳۸۴ ه.ل. – ۲۵۳ ص.
10. *Қомуси кабири Афғонистон.* - URL: http://www.afghan-dic.com/ *(Санаи мурочиат: 26.07.2024).*
11. *Фарҳанги Глосби [Манбаи электронӣ].* - URL: http://www.glosbe.com/ *(Санаи мурочиат: 26.07.2024).*
12. *Фарҳанги Қомусуна [Манбаи электронӣ].* - URL: http://www.qamosona.com/ *(Санаи мурочиат: 26.07.2024).*
13. *Фарҳанги Ливол [Манбаи электронӣ].* - URL: http://www.lq.liwal.com/ *(Санаи мурочиат: 26.07.2024).*

ИСТИФОДАИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ ПАШТУ ДАР ДОСТОНИ “ДАР КИШВАРЕ ДИГАР”

Муаллиф дар мақола истифодаи калимаҳои иқтибосии паштуро дар достони “Дар кишваре дигар”-и нависандаи муваффақи Афғонистон Спужмай Зарёб, мавриди баррасӣ қарор додааст. Сараввал оид ба ҷой доштани додугирифти вожагонӣ миёни забонҳои гуногун дар натиҷаи равобит ва ҳамзистии қавму миллатҳо андешаҳои худро пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки забонҳои дарӣ ва пашту низ аз ин гуна муносибатҳои байниҳамдигарӣ баҳрамандand. Ин ду забон тули асрҳо бо ҳам дар робитаи наздик қарор доштаанд. Бинобар ин, дар бахшҳои мухталиф таъсири яке ба дигаре расидааст ва имрӯз низ ин раванд идома дорад. Таъкид мегардад, ки бо назардошти гузаштаи рангинтар ва захираи луғавии фаровонтар таъсири забони дарӣ ба забони пашту бештар эҳсос мешавад. Бо вуҷуди ин, то як андоза таъсири забони пашту ба бахши лексикаи забони дарӣ низ сурат гирифтааст ва аз забони пашту ба забони дарӣ баъзе калимаҳо ворид гардидаанд. Сипас муаллиф доир ба достони “Дар кишваре дигар”, мундариҷаи он, ҳамчунин, оид ба зиндагиномаи офарандаи асар маълумоти мухтасар дода, қайд намудааст, ки дар ин асар тақрибан 20 (бист) калимаи иқтибосии пашту истифода шудааст. Дар идома муаллиф бо овардани намунаҳо аз дохили асар калимаҳои иқтибосиро шарҳ медиҳад. Хусусиятҳои калимаҳои иқтибосии паштуро баён карда, ишора менамояд, ки қисми зиёди вожаҳои иқтибосии пашту қоидаҳои грамматикаи забони дариро риоя мекунанд, дар раванди калимасозӣ иштироки фаъол доранд, дар таркиби ибораҳо вомехӯранд ва ба маънои маҷозӣ низ ба кор бурда мешаванд. Муаллиф пажӯҳиши худро дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ва андешаҳои забоншиносони ватанию хориҷӣ анҷом додааст.

Калидвожаҳо: калимаҳои иқтибосӣ, забони дарӣ, забони пашту, лаҳҷаҳои дарӣ, забони адабӣ, адабиёт, “Дар кишваре дигар”, Спужмай Зарёб, Афғонистон, калимасозӣ, таркиби луғавии забон, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, фарҳанги электронӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВ ЯЗЫКА ПУШТУ В РОМАНЕ “ДАР КИШВАРЕ ДИГАР” (В другом краю)

В статье автор рассматривает использование заимствованных слов языка пушту в рассказе успешного афганского писателя Спужмая Зарёба «В другом краю». Он сначала излагает свои взгляды на существование обмена лексики между разными языками как результат отношений и сосуществования народов и наций, отмечая, что языки дари и пушту также имеют такие взаимоотношения. Эти два языка были тесно связаны на протяжении веков. Поэтому в разных отраслях влияние одного дошло до другого, и этот процесс продолжается и сегодня. Подчеркивается, что влияние языка дари на язык пушту больше ощущается благодаря его колоритному прошлому и богатому словарному запасу. Однако в некоторой степени язык пушту оказал влияние на словарный запас языка дари, и некоторые слова вошли в язык дари из языка пушту. Затем автор даёт краткую информацию о рассказе «В другом краю», его содержании, а также биографии создателя произведения, отметив, что в этом произведении использовано около 20 (двадцати) заимствованных слов языка пушту. Далее автор поясняет заимствованные слова, приводя примеры из произведения. Он описывает особенности заимствованных слов языка пушту и указывает, что большинство заимствованных слов пушту подчиняются грамматическим правилам языка дари, принимают активное участие в процессе словообразования, встречаются в составе словосочетаний, а также используются в переносном значение. Автор провел свое исследование на основе достоверных источников и мнений отечественных и зарубежных лингвистов.

Ключевые слова: заимствованные слова, язык дари, язык пушту, говоры дари, литературный язык, литература, «В другом краю», Спужмай Заряб, Афганистан, словообразование, лексический состав языка, прямое значение, переносное значение, электронный словарь.

THE USING OF PASHTO BORROWING WORDS IN NOVEL “DAR KISHVARE DIGAR” (In another country)

In the article, the author discusses the use of Pashto borrowing words in the story "In another country" by the successful Afghan writer Spujmai Zaryob. First of all, he presents his views on the existence of exchange of vocabulary between different languages as a result of the relations and coexistence of peoples

and nations, and notes that the Dari and Pashto languages also enjoy such mutual relations. These two languages have been closely related for centuries. Therefore, in different sectors, the influence of one has reached the other, and this process continues today. It is emphasized that the influence of the Dari language on the Pashto language is felt more due to its colorful past and rich vocabulary. However, to some extent, the Pashto language has had an impact on the vocabulary of the Dari language, and some words have entered the Dari language from the Pashto language. Then the author gave brief information about the story "In another country", its content, as well as the biography of the creator of the work, noting that about 20 (twenty) Pashto words are used in this work. In the following, the author explains the borrowing words by giving examples from within the work. He describes the characteristics of Pashto borrowing words and points out that most of the Pashto quotation words follow the grammar rules of the Dari language, take an active part in the process of word formation, are found in the composition of phrases and are also used in a figurative sense. The author has done his research based on reliable sources and opinions of domestic and foreign linguists.

Keywords: quoted words, Dari language, Pashto language, Dari dialects, literary language, literature, "In another country", Spujmai Zaryob, Afghanistan, word-building, lexical composition of the language (vocabulary), literal meaning, figurative meaning, electronic dictionary.

Дар бораи муаллиф
Саъдизода Шаҳбоз Муллоидӣ
Унвончӯи кафедраи филологияи Эрон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рудакӣ 17
E-mail: falcon_91@inbox.ru

Об авторе
Саъдизода Шахбоз Муллоиди
Соискатель кафедры Иранской филологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, п. Рудаки 17
E-mail: falcon_91@inbox.ru

About the author
Saadizoda Shahboz Mulloidi
Applicant of the Department of Iranian Philology
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 17
E-mail: falcon_91@inbox.ru

УДК 81'373.46:001.4

НЕКОТОРЫЕ СОВРЕМЕННЫЕ ПРИНЦИПЫ И ТРЕБОВАНИЯ К СРАВНИТЕЛЬНОМУ ИССЛЕДОВАНИЮ ТЕРМИНОВ

Комилова П. М., Комилов М. М.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

После 90-х годов прошлого века мировая лингвистика вступила в новый, динамичный этап развития терминологии. Это обусловлено бурным прогрессом в различных отраслях человеческой деятельности и, как следствие, необходимостью систематизации и упорядочения специальной лексики. В контексте этого процесса активно развиваются сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание, что позволяет исследовать структуру и значение терминов в различных языках, например, в таджикском в сопоставлении с другими языками. Такие исследования имеют ключевое значение для формирования и упорядочения терминологических систем.

Ольга Бергер в своей диссертации «Терминосистема «Простое предложение» в русском и чешском языках: сопоставительный аспект» отмечает, что «после выделения терминоведения в отдельную науку, стали появляться разные направления (когнитивное терминоведение, когнитивно-дискурсивное терминоведение, прикладное терминоведение и др.) Одной из быстроразвивающихся отраслей стало сопоставительное терминоведение» [2, с. 22]. Эта научная дисциплина посвящена изучению лексико-грамматических и структурно-семантических особенностей терминов в двух или более языках, функционирующих в различных сферах. Сопоставительное терминоведение обладает собственным комплексом принципов и требований к проведению сравнительных исследований терминов.

Ф. А. Циткина интересуется системными принципами сравнения терминов разных языков и упоминает, что сравнительный анализ должен быть систематическим. Поэтому лингвист Ф.А. Циткина подробно предлагает следующие принципы сравнительного анализа терминов:

«1. Принцип системности объекта. Сопоставлению подвергаются только системы терминов как целостные образования и термины как члены системы.

2. Принцип комплексности. Установление отношений систем должно быть многоаспектным, комплексным, проведенным на лексическом, семантическом и грамматическом уровнях.

3. Принцип сопоставительной системности. Конечной целью должно быть представление отношений между терминосистемами ИЯ и ПЯ (языка перевода у Ф. А. Циткиной) как системы сходств и различий на всех исследуемых уровнях.

4. Принцип классификационности. Системность сходств и различий должна быть показана их классификацией.

5. Принцип оппозиций. Системное исследование сходств и различий должно обнаружить такие пары теоретико-системных различий, как симметрия – асимметрия, упорядоченность – неупорядоченность, алломорфизм – изоморфизм и др.

6. Принцип параметризации. Выбор параметров сравнимости терминосистем в каждом конкретном случае определяется задачами и материалом исследования, а также потребностями практики.

7. Принцип текстовости. Материал исследования необходимо набирать из сферы функционирования (текстов ИЯ и ПЯ), а не из сферы фиксации (словари и пр.). Поскольку сопоставительное терминоведение предполагает определенные обобщения, установление нормы перевода, оно изучает регулярно повторяющиеся явления, соотносящиеся с системами изучаемых подъязыков или являющиеся частью этих систем.

8. Принцип полноты. Сопоставлению должны быть подвергнуты все термины, употребляемые в сплошной текстовой выборке, как те, которые находятся в ядре/периферии специальных терминосистем, так и термины общенаучные: все они уже по своему вхождению в тексты данной информационной области имеют отношение к специальной лексике и, вследствие динамичности и открытости терминосистем, могут со временем стать

их полноправными членами. Но, главное, дистилляция терминологии принципиально противоречит ориентации сопоставительного терминоведения на перевод, на потребителя-переводчика специальных текстов, создание терминологических банков, адекватно отражающих языковую реальность данной информационной области.

9. Принцип совмещения качественных и количественных методик. Виды соотношений изучаемых параметров терминосистем должны быть подвергнуты не только качественному, сугубо лингвистическому, но и количественному анализу» [8, с. 39-41].

В 2017 году лингвист С.В. Гринёв в своей статье «Сопоставительное терминоведение: современное состояние» высказал критические замечания в адрес принципов 7 и 8, сформулированных Ф.А. Циткиной.

С.В. Гринёв отмечает: «Во-первых, непонятно, почему исключается материал словарей (принцип текстовости), которые также являются текстами, тем более содержащими именно «регулярно повторяющиеся явления, соотносящиеся с системами изучаемых подъязыков или являющиеся частью этих систем». Фактически в изложении этого принципа окончание противоречит началу. Во-вторых, неудачно сформулирован принцип полноты. В переводные словари включается не только лексика данной предметной области, но и лексика смежных областей, наиболее часто встречающаяся в переводимых текстах, но системные сопоставления предполагают ограничение рамками конкретной предметной области» [5, с. 68-75]. Эта критика указывает на потенциальные ограничения в применении принципов Циткиной, особенно в контексте использования словарных данных и определения границ предметной области при сопоставительном анализе.

Помимо общепризнанных лингвистами принципов сравнительного исследования терминов, в данной статье нами определены и некоторые другие неотъемлемые требования, на которые следует обращать внимание при сопоставительном изучении терминов в современное время:

1. Требования к сравнительному анализу структуры терминов. При проведении сравнительного структурного анализа терминов в определенной области науки крайне важно в первую очередь выявлять наиболее продуктивные и малопродуктивные способы образования терминологической лексики. К основным методам образования терминов традиционно относят морфологический, синтаксический, морфолого-синтаксический, конверсионный, а также метод словосложения и другие. Среди них морфологический способ обладает особой значимостью, поскольку он позволяет раскрыть внутренние закономерности и специфику формирования терминов.

Одним из наиболее распространенных морфологических способов является аффиксация – присоединение к корню слова различных аффиксов (префиксов и суффиксов). При изучении этого метода необходимо уделять внимание продуктивности или малопродуктивности конкретных аффиксов. Продуктивные аффиксы активно участвуют в создании новых терминов, в то время как малопродуктивные встречаются реже и имеют ограниченное распространение. Также важно учитывать происхождение аффиксов, их этимологию и то значение, которое они придают терминам в рамках конкретной научной области.

Для достижения максимальной точности анализа целесообразно проводить сопоставление с аналогичными элементами в других языках, выявляя функциональные соответствия префиксов и суффиксов. Это особенно актуально при сравнении языков с различной типологической структурой, например, аналитических и синтетических. Кроме того, аффиксы следует классифицировать по частотности их употребления, что позволяет сделать выводы о степени продуктивности конкретной словообразовательной модели.

Также анализу подлежат структурные типы терминов: простые (однословные), производные (сформированные с помощью аффиксов), сложные (составленные из двух и более корней) и составные (фразовые единицы). Важно классифицировать их по строению и приводить соответствующие примеры из сравниваемых языков, демонстрирующие выявленные структурные особенности.

Помимо этого, анализируются модели образования терминов с точки зрения используемых частей речи, таких как существительные, глаголы, прилагательные, наречия, предлоги, а также префиксов, суффиксов и средств связи, применяемых при образовании двухкомпонентных, трехкомпонентных, четырехкомпонентных и поликомпонентных

терминов. В ходе такого анализа также определяется степень продуктивности существующих моделей образования терминов в каждом из сопоставляемых языков.

Особое внимание следует уделить терминам, образованным с использованием заимствованных компонентов. Исследование их структуры, значения и функционирования в языке позволяет глубже понять процессы терминологического заимствования и адаптации в рамках сопоставительного анализа.

2. Требования к исследованию значения терминов. Тематический анализ терминов играет ключевую роль в изучении терминологических систем, поскольку он позволяет выявить лексико-семантические группы терминов, объединенных по смыслу и тематике. Такой анализ способствует более глубокому пониманию структуры терминологии конкретной научной области и выявлению логических связей между терминами, что является основой для их систематизации.

Несмотря на точку зрения ряда исследователей, утверждающих, что термины не подвержены многозначности, на практике в современных научных дисциплинах можно встретить термины, обладающие двумя и более значениями. Такие случаи полисемии особенно важны для анализа, так как каждое значение термина должно быть четко зафиксировано и объяснено в контексте его употребления. Установление точных значений способствует избеганию недопонимания и повышает точность научной коммуникации.

Одним из характерных явлений терминологических систем также является синонимия – наличие синонимичных терминов, обозначающих одно и то же понятие. Синонимичные пары могут возникать в результате заимствований, параллельного употребления терминов разного происхождения, а также в процессе эволюции языка науки. Выявление таких пар важно не только с точки зрения систематизации терминологии, но и для обеспечения ясности и однозначности научной речи. Кроме того, знание синонимов облегчает объяснение терминов, особенно в учебных целях, и позволяет выбрать наиболее адекватный вариант в зависимости от контекста.

Отдельное внимание следует уделить феномену межнаучной омонимии – совпадению формы терминов при различии их значений в разных научных дисциплинах. Это явление часто встречается в междисциплинарных исследованиях и требует тщательного анализа, чтобы избежать путаницы и обеспечить корректное толкование терминов в различных контекстах, что критически важно для междисциплинарной коммуникации.

3. Требования к изучению заимствованных терминов. Заимствованные термины занимают важное место в развитии словарного запаса любого изучаемого языка. Иными словами, они дают возможность обогатить лексический состав языка и создать новые способы словообразования. Поэтому следует определить способы заимствования и степень ассимилированности заимствованных терминов, поскольку они обеспечивают правильное употребление заимствованных терминов в родном языке. Изучение заимствованных терминов представляет собой неотъемлемую часть анализа профессиональной лексики, поскольку заимствования играют значительную роль в формировании и развитии словарного запаса любого языка. Заимствованные термины способствуют расширению лексического фонда, привносят новые значения и позволяют выражать современные научные и технические понятия, которых ранее не существовало в языке. Таким образом, они становятся важным инструментом для развития терминологических систем и обогащения языка в целом.

Одним из ключевых аспектов при изучении заимствованных терминов является определение способов их заимствования. Заимствование может происходить напрямую – путем включения термина из иностранного языка без существенного изменения его формы, или опосредованно – через адаптацию фонетических, грамматических и орфографических норм родного языка. Также возможны калькирование (поморфемный перевод), транслитерация (передача букв одного алфавита буквами другого) и семантическое заимствование (передача значения иностранного слова существующему в языке). Понимание этих способов позволяет глубже оценить уровень проникновения заимствованных терминов в языковую систему и их воздействие на нее.

Особое внимание следует уделить степени ассимилированности заимствованных терминов. Некоторые из них полностью адаптируются к нормам языка и воспринимаются как его органичная часть, другие же остаются слабо ассимилированными и требуют

пояснений при употреблении, сохраняя признаки своего иноязычного происхождения. Определение уровня ассимиляции важно для правильного использования терминов в речи, а также для формирования научного и учебного стиля.

Изучение заимствованных терминов должно включать также анализ их употребления в разных контекстах, частотности, вариантов перевода и наличия аналогов в языке. Это способствует более точному и осознанному использованию терминологии, что особенно актуально в условиях глобализации и активного межъязыкового взаимодействия в науке и технике.

4. Требования к изучению функционального аспекта терминов. При проведении сравнительного анализа терминов также крайне важно изучать их функциональный аспект. Это включает в себя анализ прагматики использования терминов, то есть как они употребляются в реальных научных и технических текстах, устной речи, документации. Необходимо выявлять стилистические особенности употребления терминов в различных жанрах научного и профессионального дискурса, а также их взаимодействие с общеупотребительной лексикой. Особое внимание следует уделить контекстуальной обусловленности значений терминов и возможному варьированию их семантики в зависимости от конкретной ситуации общения. Исследование функционального аспекта позволит глубже понять, как термины реально функционируют в языке и в какой степени они способствуют точности и ясности научной коммуникации.

5. Требования к анализу терминологической системности. Важным аспектом сравнительного терминоведческого анализа является исследование системности терминологии. Это предполагает выявление парадигматических и синтагматических отношений между терминами. К парадигматическим отношениям относятся родовидовые отношения (гипонимия/гиперонимия), отношения части и целого (меронимия), а также синонимия и антонимия (если применимо для терминов). Синтагматические отношения включают типовые синтаксические связи терминов в предложениях, их сочетаемость с другими словами, а также типичные контексты употребления. Анализ системности позволяет выявить структурную организацию терминологических полей и показать, как термины объединяются в более крупные смысловые группы, отражающие концептуальную структуру соответствующей области знания.

Суффикс -ry. Этот суффикс участвует в образовании терминов-прилагательных, которые описывают тех или иных дерматовенирологических заболеваний: *military (-арзаншакл (милиарный, просовидный).* Терминологическое свойство слова всегда прослеживается в составе терминосочетание и предложение: *miliary fever ((табларзаи/варачаи арзаншакл, (бемории шадиди сироятӣ, ки бо баромадани доначаҳо дар пӯст ва арақи шадид падид меояд) просовидная лихорадка (острое инфекционное заболевание; сопровождается кожной сыпью и обильным потоотделением)*; *miliary tuberculosis (милиарный туберкулёз)*: ***Miliary tuberculosis*** *is a potentially lethal form of tuberculosis that mostly affects immunosuppressed patients, although in rare occasions can also affect immunocompetent adults (*Милиарный туберкулез – потенциально смертельная форма туберкулеза, которая чаще всего поражает пациентов с ослабленным иммунитетом, хотя в редких случаях может поражать и взрослых с нормальным иммунитетом) [27].

Суффикс -ity. Данный суффикс по своему значению синонимичен суффиксу *-ness*. Следовательно, в английском языке наблюдается существительные, образованные посредством этих суффиксов от одних и тех же корней. Однако употребление этих суффиксов отличаются друг от друга. Большинство терминов в составе которых встречается суффикс *-ity* проникли либо непосредственно из латинского, либо через французский, а некоторые из них образованы на английской почве от основ французских и латинских существительных и прилагательных, количество которых гораздо больше, чем исконных терминов. В терминосистеме кожно-венерических заболеваваний при помощи этого суффикса образуется те термины, которые описывают изменение кожи: *callosity (обила, қубла, пина (мозол)*: *If calcaneal, sole grows a* ***callosity*** *to let you have bitter taste, first elaborate clip becomes warped the dry skin that come out* (Если на пяточной кости или подошве вырастает мозоль, из-за которой у вас появляется горький привкус, сначала тщательно выщипывается сухая кожа, которая деформируется и выходит наружу). *When the deposition of additional layers of the skin occurs in a diffuse manner it is called a callus or* ***callosity*** *(*Когда отложение дополнительных слоев кожи происходит диффузно, это называется мозолью или натоптышем) [24]. В некоторых случаях вместо термина *callosity* используется ее синоним *callus: After a few days, your dead skin and calluses will shed away and new, soft skin will take their place (*Через несколько дней омертвевшая кожа и мозоли отпадут, и на их месте появится новая, мягкая кожа). *Remove* ***calluses*** *and excess skin at the heels with a pumice file then scrub feet all over with a body scrub and rinse (*Удалите мозоли и лишнюю кожу на пятках с помощью пемзы, затем потрите ступни скрабом для тела и смойте) [24].

суффикс –ment. Этот суффикс проник из фарнцузского языка в середине XII вместе с абстрактными отглагольными существительными. Суффикс *-ment* первоначально присоединялся только к романским корням, но начиная уже с конца XVI в. наблюдается в составе исконно английских слов и терминов. Следует указать, что данный суффикс в отрасли дерматологии способен производить абстрактные существительные лишь из глагольных основ. При этом он выражает значение «акта или факта выполнения того действия, на которое указывает основа. В этом случае *-ment* присоединяется к тем основам переходных глаголов действия, которые имеют активное значение» [9, с. 84]: *anointment (молиш (-ҷароҳат, яра, захм, реш (смазывание; растирание ран) – to anoint (дору молидан (-и яра) (намазывать, смазывать (рану)*: *Sometimes fragrant substances, like myrrh, were used to* ***anoint*** *the body* (Иногда для помазания тела использовались благовония, например, мирра).

Следовательно, продуктивные и непродуктиные английские суффиксы, участвующие в образовании кожно-венерической терминологии, представляем в форме диаграммы следующим образом:

Диаграмма №3. Продуктивные английские терминообразующие суффиксы



Диаграмма №4. Непродуктивные английские терминообразующие суффиксы



Таким образом, анализ и сравнения вышеуказанных терминообразовательных элементов стала известно, что в обоих языках терминообразующие аффиксы которые делятся на продуктивные и непродуктивные. По сравнению с английским языком, в таджиком языке мы не встречались с терминами кожно-венерических заболеваний, в состав которых имеются префиксы. Наоборот, в обоих языках роль суффиксального образования терминов очень велика, так как большинство терминов образовались именно путём суффиксации. Если все таджикские суффиксы являются исконными, то в английском языке большинство суффиксов имеют латинского и греческого происхождения. В обоих языка, терминообразовательные элементы, в основном, прибавляются к основам или корням существительным, и по-другому их можно называть существительно-образующие суффиксы.

Наряду с этим в процессе анализа исследуемой отрасли терминов было выявлено, что морфологический способ терминообразования является одним из продуктивных способов при образовании терминов кожных и венерических заболеваний, как в таджикском так и в английском языках.

Литература

1. *Аббасали А. Г. Аффиксальное словообразование имен прилагательных в "Шахнаме" Абулькасыма Фирдоуси: дисс. ... канд. филол. наук. - Душанбе, 2013. - 159 с.*
2. *Амлоев А. Я. Словообразование имен существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева: дисс. ... канд филол. наук. - Душанбе, 2014. - 229 с.*
3. *Амонова, Ф.Р. Именное аффиксальное словообразование в современном персидском и таджикском языках: учеб. пособие. – Душанбе: ТГУ, 1982. – 55 с*
4. *Асламов Х. Словообразовательный анализ терминологии компьютерной технологии в таджикском и английском языках: дисс. ... канд филол. наук.- Душанбе, 2019.- 164 с.*
5. *Вожаномаи тиббӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. А-О. – Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – 808 с.*
6. *Вожаномаи тиббӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. П-Я. – Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – 816 с.*
7. *Голик Н.А., Агоева М.М., Климова Н.Ю. Модели аффиксального словообразования в*

развитии лексической системы и репрезентации нового экстралингвистического опыта в английском языке // Современная наука: актуальные проблемы теории и практики. - №4-2, 2024. – С. 139 -142

8. *Демидова Г.В. Аффиксация как один из основных способов словообразования в терминосистеме англоязычного переводоведения // Современные проблемы науки и образования. 2015. № 2-3; URL: https://science-education.ru/ru/article/view?id=23848 (дата обращения: 14.06.2025).*
9. *Каращук, П.М. Словообразование английского языка: учебное пособие. – Москва : Высшая школа, 1977. – 303 с.*
10. *Махадова Г. Аффиксация как продуктивный способ образования новых слов в таджикском языке // Вестник педагогического университета. – Душанбе. - 2017. – С. 95-97*
11. *Национальный корпус таджикского языка [электронный ресурс]. - URL: https://tajik-corpus.org/tajik_corpus/search/data обращения: 12.06. 2025].*
12. *Нағот Д. Фарҳанги Доро (луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашинохтӣ). Ҷилди 1. Душанбе, 2021. – 658 с.*
13. *Нағот Д. Фарҳанги Доро (луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашинохтӣ). Ҷилди 1. Душанбе, 2021. – 698 с.*
14. *Нифонова Т.С. Аффиксация как способ пополнения театральной терминологии английского языка // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов. – 2016. – №9(63). – С. 152-155*
15. *Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. – М.: Изд-во Московского университета, 1975. – 207 с.*
16. *Подоляк Ж.И., Костромина П.С. Аффиксация как способ словообразования в современном английском языке на материале дополнений к Большому Оксфордскому словарю// Universum:Филология и исскустоведени: электрон. науч. журн. – 2015. - №8(21). – С. 1-8.*
17. *Рустамов Ш. Имя существительное (грамматические категории, словообразование и место имени существительного в системе частей речи). – Душанбе: Изд-во Дониш, 1981. – 220 с.*
18. *Шоева Э. Суффиксальное словообразование относительных имен прилагательных в современным таджикском литературном языке (на примере суффикса -и / -ги / -ви...). 1983. – 202*
19. *Хоркашев,С. Суффиксальное словообразование существительных в юго-восточных говорах таджикского языка: автореф. дисс. канд филол. наук. – Душанбе, 1996. –20с.*
20. *Якутик С.Я. Особенности словообразовательной аффиксации в английском языке// Серия гуманитарные науки. – 2013. - № 27(170). Выпуск 20. – С. 79-84*
21. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
22. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. О-Я. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
23. *Фарҳанги форсии тоҷикии "Вожачӯ" [Манбаи электронӣ]. https://vazhaju.tj (санаи мурочиат: 12.06.2025)*
24. *Electronic resource . – URL: https: //www.merriam-webster.com/sentences/disinfect*
25. *Cambridge Dictionary [Electronic resource]. – URL: https://dictionary.cambridge.org/example/english/prophylaxis*
26. *Collins [Electronic resource]. – URL: https://www.collinsdictionary.com/sentences/english/decontamination*
27. *Electronic resource. – URL: https://www.ijcasereportsandimages.com/archive/2014/002-2014-ijcri/011-02-2014-agu/ijcri-011022014111-agu-full-text.php*
28. *Electronic resource. – URL: https: // www.google.com/searchq=oidiomycosis+in+a+sentence.*
29. *Oxford Dictionary of English, 3rd Edition [Electronic resource]. – Oxford: Oxford University Press, 2010. – Oxford Dictionary (En-En) (для ABBYY Lingvo x5)*

ОБРАЗОВАНИЕ ТЕРМИНОВ КОЖНО-ВЕНЕРИЧЕСКИХ ЗАБОЛЕВАНИЙ НА ОСНОВЕ МОРФОЛОГИЧЕСКОГО СПОСОБА ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящается образование кожно венерических заболеваний на основе морфологического способа терминообразования в таджикском и английском языках. Морфологический или аффиксальный способ в обоих языках является один из основных способов терминообразвания, при помощи которого образуется значительно количество терминов. Под морфологическом или аффиксальным способом, прежде всего, понимается образования терминов посредством двух словообразовательных элементов или аффиксов, т.е. префиксы и суффиксы. Однако степень использования префиксов и суффиксов в обоих языках не одинаково, например, если префиксальный способ является продуктивным в английском языке, то в таджикском языке этот способ не продуктивен в терминосистеме кожно-венерических заболеваний. Суффиксальный способ в обоих языках употребляется одинаково, т.е. суффиксы являются важными элементами производных

слов и терминов. В обоих языках, словообразовательные аффиксы делятся на продуктивные и непродуктивные, о роль которых мы указали в статье.

Ключевые слова: таджикский, английский, термин, способы терминообразования, морфологический или аффиксальный способ, префикс, суффикс, продуктивные суффиксы, непродуктивные суффиксы, терминов кожно-венерических заболеваний.

ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ БЕМОРИҲОИ ПӮСТ ВА ЗӮҲРАВӢ ДАР АСОСӢ УСУЛИ САРФИИ ИСТИЛОҲСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба ташаккули бемориҳои пӯст ва зӯхравӣ дар асоси усули сарфии истилоҳотсозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Усули сарфи ё вандӣ дар ҳар ду забон яке аз усулҳои асосии истилоҳотсозӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ёрии он миқдори зиёди истилоҳот сохта мешаванд. Усули морфологӣ ё вандӣ пеш аз ҳама ба воситаи ду унсури калимасоз ё ванд, яъне пешванду пасванд сохтани истилоҳотро дар назар дорад. Аммо дараҷаи корбурди пешванду пасвандҳо дар ҳар ду забон як хел нест, масалан, агар усули пешвандӣ дар забони англисӣ сермаҳсул бошад, пас дар забони тоҷикӣ ин усул дар истилоҳоти бемориҳои пуст ва зӯхравӣ сермаҳсул нест. Усули пасвандӣ дар ҳар ду яксон аст, яъне пасвандҳо унсурҳои муҳими вожаҳо ва истилоҳоти сохта мебошанд. Дар хар ду забон вандҳои калимасоз ба сермаҳсулу бемаҳсул ҷудо, ки мо дар бораи онҳо дар макола ишора кардем.

Калидвожаҳо: тоҷикӣ, англисӣ, истилоҳот, усулҳои истилоҳсозӣ, усули морфологӣ ё вандӣ, пешванд, пасванд, пасвандҳои сермаҳсул, пасвандҳои бемаҳсул, истилоҳоти бемориҳои пӯст ва зӯхравӣ.

FORMATION OF TERMS OF SKIN ND VENERAL DISEASES BASED ON THE MORPHOLOGICAL WAY OF TERM FORMATION IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is dedicated to the formation of skin and venereal diseases based on the morphological way of term formation in the Tajik and English languages. The morphological or affixal way in both languages is one of the main methods of term formation, with the help of which are formed a significant number of terms. The morphological or affixal method primarily refers to the formation of terms by means of two word-forming elements or affixes, i.e. prefixes and suffixes. However, the degree of use of prefixes and suffixes in both languages is not the same, for example, if the formation of words by prefixes is productive in English, then in the Tajik language this method is not productive in the formation of terminology of skin and venereal diseases. The formation of words by suffixes is equally in both languages, i.e. suffixes are important elements of derivative words and terms. In both languages, word-forming affixes are divided into productive and non-productive, the role of which we indicated in this article.

Keywords: Tajik, English, term, methods of term formation, morphological or affixal method, prefix, suffix, productive suffixes, non-productive suffixes, terms of skin and venereal diseases.

Об авторе
Каримова Дилафруз Насибовна
Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и сопоставительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: dnk92@inbox.ru

About the author
Karimova Dilafruz Nasibovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor in the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: dnk92@inbox.ru

Дар бораи муаллиф
Каримова Дилафруз Насибовна
Номзади илми филология, дотсенти каф. забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: dnk92@inbox.ru

ТДУ 811.112.2:81'38

ПАДИДАИ ОМОНИМИЯ ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Нурова З. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Омонимҳо дар қатори вожагони сермаънову муродифот ва мутазод яке аз падидаҳои муҳимми забонӣ ба шумор рафта, бо баъзе аз вижагиҳои худ аз дигар қабатҳои луғавӣ тафовут доранд. Вожагони ҳамовоз бо калимаҳои сермаъно иртиботи наздик дошта, дар бештари ҳолатҳо мушобеҳи якдигаранд. Тафовут байни вожагони ҳамовоз ва калимаҳои сермаъно он аст, ки агар полисемия ё сермаъноӣ ба низоми маъноии вожагон иртибот дошта бошад, пас, омонимҳо ба таркиби савтиву овоии калимаҳо вобастагӣ дорад.

Роҷеъ ба шарҳу тавзеҳи вожагони ҳамовоз ё омонимҳо диду назари суханшиносон якранг нест. Дар вожаномаву луғатномаҳо, қариб ки шарҳу тавзеҳи яксони мафҳуми омонимро метавон мушоҳида намуд. Забоншиносон Ш. Бобомуродов ва З. Мухторов дар луғатномаи худ *омоним* ва анвои онро чунин шарҳ додаанд: «Омонимҳо (калимаҳои ҳамовоз) (аз юн. homos – якхела ва onyma – ном) калимаҳое, ки бо сохти овозии худ бо ҳам баробаранд ё қаробат доранд. Омонимҳоро аз ҷиҳати ифода ба пурраю нопурра ҷудо мекунанд. Омонимҳои пурра шаклҳои асосии калимаҳое мебошанд, ки ба як гурӯҳи луғавию дастурӣ мансуб буда, бо низоми парадигмавии маъноӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва ҳамнишинии луғавиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Омонимҳои нопурра ҳатман ба гурӯҳҳои гуногуни луғавию дастурӣ дохил шуда, низоми парадигмавии гуногун доранд» [2, с. 243-244]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад, омоним ба ин маънӣ омадааст: «Омоним *збш.* калимаҳои шаклан бо ҳам монанд. ҳамгун (*збш.)*; тафнис (*адш.*)» [15, с. 29].

Забоншинос М. Норматов дар бораи мафҳуми *омоним* ва анвои он чунин менависад*:* «Омонимҳо бо полисемия монанд мебошанд, вале ин ду воҳиди забон аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд. Калимаҳое, ки ба гурӯҳи омонимҳо дохил мешаванд, ки байни ҳамдигар ҳеҷ гуна умумияти маъноӣ надоранд. Омоним хоси ин ё он забон набуда, балки дар ҳамаи забонҳо мушоҳида мешавад. Одатан се намуди омонимҳоро нишон медиҳанд: 1) лексикӣ, 2) морфологӣ ва 3) лексикӣ-грамматикӣ» [10, с. 42-44].

Ба андешаи забоншинос А. Бозидов: «Омонимҳо метавонанд дар натиҷаи мувофиқати тасодуфии овозҳо ба вуҷуд оянд. Ин гуна мувофиқати овозии калимаҳои тамоман гуногун дар натиҷаи он ба амал меоянд, ки дар ҳар як забон адади овозҳо нисбат ба адади калимаҳо хеле маҳдуд аст. Инчунин адади калима дар забон беист ва ҳамеша афзуда меистад. Бинобар ин мувофиқати овозии калимаҳои гуногун дар ҳар як забон ҳатмӣ ва қонунӣ мебошад. Аммо дар мавридҳои ҷудогона аз калимаҳои сермаъно ба вуҷуд омадани омонимҳо мушоҳида карда мешавад» [3, с. 31].

Назари забонинос М. Муҳаммадиев дар бораи *омонимҳо* чунин аст: «Дар забони тоҷикӣ омонимҳо яке аз категорияҳои муҳими лексикианд, ки бояд маъно ва тарзи омоним шудани калимаҳо дуруст муайян карда шавад. Бояд қайд кард, ки баъзе калимаҳо дар забон аз аввал чун омоним маълуманд, вале гурӯҳи дигари онҳо дар давраи муайяни инкишофи забон ҳамин хел хусусиятро мегиранд, ки оҳанги талаффуз ва шаклашон баробар мешавад, аммо маъноҳои гуногунро ифода менамоянд» [9, с. 97].

Шарҳу тавзеҳи омоним аз назари забоншиносии рус низ дур намондааст. Ба қавли В. В. Виноградов: «Омонимҳо чунин воҳидҳои луғавие мебошанд, ки аз рӯйи намуди зоҳирии овозӣ шаклашон яксон буда, аз лиҳози маънӣ тафовут доранд» [5, с. 1-12]. А. Л. Василевский бошад, ба *омоним* таърифи зайлро муносиб медонад: «Омонимҳо гуфта ду ва ё якчанд калимаҳоеро меноманд, ки як хел садо медиҳанд, яъне, ҳамовоз буда, аслан маъноҳои гуногун доранд» [4, с. 5]. Ба андешаи олмоншиноси рус К.А. Левковская: «Калимаҳое, ки аз ҷиҳати сохти овозии худ ба ҳам мувофиқат мекунанд (калимаҳои ҳамовоз) омонимҳо номида мешаванд (аз юн. homos – якхела ва onyma – ном)» [7, с. 146]. Англисшиноси рус В. Д. Аракин оид ба омоним чунин таърифро муносиб медонад: «Калимаҳое, ки аз нигоҳи маъно якранг набуда, аз лиҳози талаффуз ва навишт ба ҳам мушобеҳанд, омоним номида мешаванд» [1, с. 38-46].

Дар фарҳанги забони олмонӣ бошад мафҳуми *омоним* низ амсоли забони тоҷикӣ якранг буда, чунин таъриф шудааст: «Homonym. Gleich lautendes, aber in der Bedeutung [und in der Herkunft verschiedenes Wort] (Омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати оҳанг якхела, вале аз лиҳози маъно ва пайдоиши худ тафовут доранд)» [16, с. 344].

Дар асарҳои илмии бо забони олмонӣ таълифгардида мафҳуми *омоним* чунин тавсиф ёфтааст: «Homonyme sind Wörter mit gleichem Lautkörper und verschiedenen Bedeutungen, zwischen denen kein Zusammenhang besteht (омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки тарзи талаффузи якхела ва маънои гуногун дошта, аз ҳамдигар ягон вобастагие надоранд» [13, с. 28].

Олмоншиносони рус А. Искоз, А. Ленкова дар асарашон «Луғатшиносии забони олмонӣ» (Deutsche Lexikologie) аз се роҳи пайдоиши омонимҳо (drei Wege der Entstehung von Homonymen) ишора мекунанд: 1) овошиносӣ (phonetischen); 2) овошиносӣ-калимасоз(ӣ) (phonetisch-wortbildenden) ва 3) маъноӣ (semantischen) [18, с. 229].

Ҳамин тариқа, аз шарҳу тавзеҳи истилоҳи *омоним* метавон ба чунин хулоса омад: вожагони ҳамовоз ё омонимҳо воҳидҳои луғавие мебошанд, ки ҳам аз рӯйи тарзи талаффуз ва ҳам аз рӯйи шакли овозиву савтиааш бо ҳам мувофиқ буда, аз ҷиҳати маъно аз ҳамдигар тафовут доранд ва маънии якеро аз маънои дигаре муайян кардан ғайриимкон аст, ба монанди *сифат (ҳиссаи нутқ) – сифат (хосият, хислат, кайфият, хусусият)* [15, с. 253]; *нидо (ҳиссаи нутқ) – нидо (овоз, садо, бонг, фарёд)* [14, с. 912]; *пешоянд (ҳиссаи нутқ) – пешоянд (оянда, минбаъд)* [15, с. 95]; *Person (заб. шахс) – Person (одам, кас)* [17, с. 467]; *Artikel (заб. артикл) – Artikel (мақола; мол)* [17, с. 113] ва ғ.

Дар раванди баррасии маводи ҷамъовардашуда, мо вожагони ҳамовоз ё омонимҳои зеринро мушоҳида намудем:

Замон. Вожаи мазкур ба сифати омоним хусусиятҳои зеринро соҳиб аст: *замон* (дар фалсафа) – яке аз шакли асосии воқеӣ (дар баробари макон) мавҷуд будани беохирии материяи тараққикардаистода; *замон* (дар забоншиносӣ): категорияи дастурии хоси феълҳо, ки муносибати гӯяндаро ба таври амалу ҳолат ифода мекунад [9, с. 97].

Муодили вожаи *замон* дар забони олмонӣ воҳидҳои луғавии *Zeit* ва *Tempus* буда, бо баъзе аз хусусиятҳои корбурдиашон аз ҳамдигар тафовут доранд. Агар истилоҳи *Tempus* танҳо дар соҳаи забоншиносӣ омада, маънои «замон, замони феъл»-ро ифода кунад, пас, доираи корбурди истилоҳи *Zeit* фаррох буда, хусусияти омонимшавии он бештар ба назар мерасад: *Zeit* (дар физика) – Ein begrenzter Abschnitt innerhalb des Ablauf von Zeiteinheiten (фосилаи маҳдудшудаи дохили ҷараёни воҳиди вақт); *Zeit* (дар забоншиносӣ) – Dies ist eine grammatikalische Kategorie eines Verbs, die die zeitlichen Beziehungen von Ereignissen zu einem bestimmten Zeitpunkt ausdrückt (категорияи грамматикии феъл, ки алоқаи замонии ҳодисаҳоро то замони муайян ифода мекунад). Агар ба этимологияи истилоҳҳои *замон* ва муодилҳои онлмонии он – *Zeit* ва *Tempus* назар афканем, дар забони тоҷики ин вожа аз забони арабӣ ворид шудааст. Баромади истилоҳи *Zeit* аз решаи ҳиндуаврупоии *da[i] – «teilen; zerschneiden; zerreißen» (тақсим кардан, буридан) маншаъ гирифта, бархе аз забошиносон бар он ақидаанд, ки исми *Zeit* аз феъли *ziehen (кашол додан, ба таъхир андохтан, тул кашондан)* ба вуҷуд омадааст [8]. Вожаи *Tempus* бошад, садаи XVII дар шакли *tempo* (муродифи Zeit; Gelegenheit; Zeitmass); аз лотинии *tempus – Zeit (вақт; муддат), Zeitspanne (муддати вақт), Frist (муддат, муҳлат, вақт), günstige Zeit (вақти мусоид), Gelegenheit (мавриd, фурсат)* ба таркиби луғаавии забони олмонӣ ворид гардидааст. Вожаи *Tempus* нахуст маънои «Zeit, Gelegenheit (вақт, имконият)» ифода намуда, баъдан ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ, яъне ифодакунандаи маъниҳои «*замон, замонҳои шаклҳои феъл (Zeit, Zeitform)*» мавриди истеъмол қарор гирифт [16, с. 843].

Ҳамин тавр, аз тавсифи вожаи *замон* ва муодилҳои олмонии он – *Zeit* ва *Tempus* маълум гардид, ки дар ҳар ду забон ҳам, ин воҳиди луғавӣ қодир аст, ки ба сифати вожаи ҳамовоз ё омоним ба кор равад.

Бандак. Калимаи *бандак* ба сифати вожаи ҳамовоз аз нигоҳи сохтори сарфӣ исми сода буда, аз асоси замони ҳозираи феъли *бастан* ва пасванди *-ак* бунёд ёфта, ба худ хусусияти омонимӣ гирифтааст: «**бандак I**: ҳар чизи ресмонмонанди кӯтоҳакак, ки бо он ду чиз ва ё ду тарафи як чизро ба ҳам мебанданд; **бандак II** *грамм.*: воситаи грамматикӣ, ки алоқаи байни калимаҳоро ифода мекунад; *бандаки изофӣ, бандакҳои хабарӣ*» [14, с. 131]. Муодили истилоҳи *бандак* дар забони олмонӣ вожаи вожаи *Endung* буда, ба худ хусусияти омонимӣ намегирад ва танҳо бо як маъно, яъне «Der sich grammatikalisch ändernde letzte Teil eines

Wortes (mit Deklination, Konjugation oder Geschlechtsumwandlung. Flexion» (ҷузъи охирини аз ҷиҳати грамматикӣ тағйирёбандаи калима (бо тасриф ва ё аз тағйирёбӣ аз руйи ҷинс. тасриф).

Ҳамин тариқ, аз тавзеҳи истилоҳи *бандак* ва муодили олмонии он – *Endung* маълум шуд, ки дар забони тоҷикӣ гунаи омонимии он мавҷуд буда, бо ҳамин хусусияти луғавиаш аз муодили олмониаш фарқ мекунад.

Пешоянд. Вожаи *пешоянд* низ, ба худ хусусияти ҳамовозӣ мегирад, яъне *пешоянд I*: як қисми аз ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, ки барои ифодаи муносибатҳои гуногуни грамматикии калимаҳои мустақилмаъно хизмат мекунад. *Пешоянд II:* оянда, минбаъд [15, с. 95].

Муодили истилоҳи *пешоянд* дар забони олмонӣ вожагони *Präposition, Verhältniswörter, Vorwörter, Lagewörter* ба шумор рафта маънои «ein Verhältniswort, das die Beziehung zwischen verschiedenen Satzteilen beschreibt (унсурҳое, ки алоқаи байни қисмҳои гуногуни ҷумларо тавсиф мекунад»-ро ифода мекунад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ин истилоҳ дар забонҳои муқоисашаванда ин аст, ки агар дар забони тоҷикӣ истилоҳи *пешоянд* ҳамчун вожаи ҳамовоз, яъне омоним ба кор равад, пас, дар забони олмонӣ муодили он *Präposition* ба худ на хусусияти омонимӣ, балки вожаи сермуродиф аст, ба монанди *Verhältniswörter, Vorwörter, Lagewörter.*

Воҷ. Ин вожа аз нигоҳи сохтори морфологӣ исми сода буда, дар низоми истилоҳоти забоншиносӣ, вожаи ҳамовоз ё омоним маҳсуб меёбад**:** «**вож I:** 1. *збш.* овозҳои фарқкунандаи маънӣ дар забон ба монанди «б» ва «п» дар калимаҳои «бар» ва «пир». 2. калима, вожа. **Воҷ** II: ҳайрон, саргардон: **ҳоҷу воҷ**» [14, с. 287].

Имола. Истилоҳи мазкур вомвожаи арабӣ ба бахши овошиносии забон мансуб буда, хусусиятҳои зерини маъноиро соҳиб аст: **имола I**: 1) майл додан, моил гардони дани чизе ба сӯе. 2. *збш.* вақти хондан ва навиштани калимаҳо ба «**е**» табдил додани «**о**», *мас., китоб-китеб, рикоб-рикеб ва ғ.* (*бештар бо талаби вазни шеър*). **Имола II:ө** *тиб.* 1. ба воситаи олати махсус аз мақъад ба рӯдаи рост фиристодани доруи моеъ, ҳуқна кардан. 2. олати махсус барои ба рӯдаи рост фиристодани доруи моеъ, ҳуқна [14, с. 545].

Исм. Вожаи **исм** низ вомвожаи арабӣ буда, аломати омонимии он чунин аст: **Исм I:.** гуноҳ, айб; хато. **Исм** II: 1. ном. 2. *збш.* ҳиссаи мустақили нутқ, ки калимаҳои ифодакунандаи номи ашёву шахс ва ғайраро дар бар мегирад [14, с. 557].

Дар ҳар ду забон ҳам вожагони ҳамовоз ё омонимҳо ба гурӯҳҳои зерин табақабандӣ мегарданд: *омонимҳои луғавӣ, омонимҳои луғавӣ-грамматикӣ ва грамматикӣ*.

1) **омонимҳои луғавӣ.** Ин анвои вожагони ҳамовоз ё омонимҳо он воҳидҳои луғавие мебошанд, ки аз нигоҳи сохтори савтиву овоӣ ба ҳамдигар шабоҳат доранд, **забони тоҷикӣ**: *ҷонишин* (ёвар, ноиб, муовин, давомдиҳанда) – *ҷонишин* (ҳиссаи мустақилмаънои нутқ); *шумора* (адад, миқдор; рақам) – *шумора* (ҳиссаи мустақилмаънои нутқ); *исм* **(**ном) – *исм (*ҳиссаи мустақилмаънои нутқ) [12, с. 557]; *ҷинс* (зот, насл) – *ҷинс* (ҷинсияти грамматикӣ/категорияи грамматикии исм); **забони олмонӣ**: der *Fall* (ҳодиса, воқеа) – *der Fall* (падеж) – *der Fall* (ҳол, ҳолат) – *der Fall* (афтиш, таназзул); *das Komma* (аломати китобатӣ) – *das Komma* (мусиқӣ);

2) **омонимҳои луғавӣ-грамматикӣ.** Ин анвои вожагони ҳамововоз ё омонимҳо аз лиҳози шакли овозӣ ба якдигар мувофиқат карда, аз лиҳози мансубияташон ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва ғ. фарқ мекунанд. Омонимҳои луғавӣ-грамматикӣ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: омонимҳои пурра ва нопурра.

Омонимҳои пурра (vollständige Homonymen) – омонимҳоеанд, ки мансуби ҳиссаҳои гуногуни нутқ буда, шакли овозиашон бо шаклҳои грамматикиашон мувофиқ аст, яъне ба таҳаввул дучор намегарданд: *феъл* **(**ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ) – *феъл* (хулқ, хислат, атвор, одат) [15, с. 399]; *Perfekt* (перфект, шакли мутлақи феъл дар замони гузашта) – *perfekt* (аъло, олӣ; комил); *relativ* (каму беш, қадре) – *relativ* (нисбӣ); *Laut* (овоз, садо) – *laut* (баланд, сахт (оид ба овоз)) – *laut* (мувофиқи, аз рӯи, назар ба);

Омонимҳои нопурра (unvollständige (teilweise) Homonymen) – омонимҳоеанд, ки шакли овозиашон на ба ҳамаи шаклҳои грамматикӣ мувофиқ аст, яъне ба таҳаввул дучор мегарданд. Ин гурӯҳи омонимҳо ё аз ҷиҳати шаклҳои ҷамъбандӣ ё ҷинсиятҳои грамматикии гуногун доштанашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Илова бар ин, дар ҳар ду забон ҳам, омонимҳо ба гуруҳҳои зерин дастабандӣ мешаванд: 1) омофонҳо; 2) омографҳо; 3) омоформҳо [6, с. 6].

Гузашта аз ин, олмонишиносон дар забони олмонӣ мавҷуд будани омонимҳои зеринро низ қайд мекунанд:

1. **Омонимҳои ҷинсияти грамматикии якхеладошта.** Ба ин гурӯҳ омонимҳое дохил

мешаванд, маъноҳои гуногун дошта, мансуби як ҷинсият мебошанд: *die Stufe* (марҳала, давра, зина) – *die Stufe* (дараҷаи бадалшавӣ); *die Pause* (Unterbrechung – қатъ кардан(и)) – *die Pause* (Kopie – нусха; монанд) [6, с. 14], *die Schelle* (Glöckchen – зангӯлача) – *die Schelle* (Klammer – часпаки оҳанин; қавс); Farbe im Kartenspiel – ранг дар қартабозӣ) [6, с. 16], *der Ton* (Sediment – бориш) – *der Ton* (Klang – лаҳн, садо) [6, с. 17], *das Mal* (Zeitpunkt eines Geschehens – ҳангоми/лаҳзаи воқеа) – *das Mal* (Muttermal – хол, холи модарзод) [6, с. 13], *das Gesicht* (Antlitz – рӯй, рух) – *das Gesicht* (Vision – шабаҳ, руъё, Gespenst – шабаҳ) [6, с. 11]

2. Омонимҳои ҷинсияти грамматикии гуногундошта. Ин гурӯҳ дар навбати худ ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) ҷинси мардона – ҷинси миёна; *der* Moment (Augenblick – лаҳза, дам) – *das* Moment (Gesichtspunkt – нуқтаи назар) [6, с. 26]; *der* Positiv (ungesteigerte Form des Adjektivs – дараҷаи одии сифат) – *das* Positiv (positives Bild – расми зебо) [6, с. 27];

2) ҷинси мардона – ҷинси занона; *der* Text (Folge der Aussage – матн) – *die* Text (Schriftgrad – андозаи ҳуруф) [6, с. 30]; *der* Mund (Lippen – лаб) – *die* Mund (Gewalt des Hausherrn im germanischen Recht – зӯроварии хуҷаин дар тартиботи ҳуқуқии Олмон) [6, с. 29];

3) ҷинси занона – ҷинси миёна; *die* Partikel (unflektierbare Wortart – ҳиссаи нутқи тасрифнашаванда) – *das* Partikel (Teilchen – зарра; ҷузъ) [6, с. 31]; *die* Mittel (veralt. Schriftgrad – андозаи ҳуруф) – *das* Mittel (Methode – усул; метод) [6, с. 31].

Бояд тазаккур дод, ки дар низоми истилоҳоти забоншиносии забони олмонӣ баъзе истилоҳҳое мавҷуданд, ки алайҳи муодили тоҷикиашон ба худ на аломати омонимӣ, балки сермаъноиро гирифта, яке аз маъниҳои онҳо ба сифати истилоҳ истеъмол мешавад. Ба ин ин гуна истилоҳҳо вожаҳои зерин мансубанд: *Satz (ҷумла), Verbindung (алоқа), Ausdruck (ифода)*.

Satz (ҷумла) Истилоҳи *Satz (ҷумла)* ҳамчун омоним, хусусиятҳои зеринро соҳиб аст: *Satz* (дар соҳаи мусиқӣ): *Satz* – Teil eines Musikstückes (қисме аз намоишномаи мусиқӣ); *Satz* (дар соҳаи кимиё): Hinweis auf eine Gefahr, ein Risiko, ein Sicherheitshinweis (нишондод (ишора) ба хатар, хавф (таваккал), нишонаи бехатарӣ); *Satz* (дар соҳаи информатика): Gruppe zusammengehörender Daten (гурӯҳи иттилоотии ба ҳам мутобиқ); *Satz* (дар соҳаи забоншиносӣ): Abgeschlossener, nach grammatischen Regeln aufgebauter, sprachlich geäußerter Gedanke (ибораву ифодаҳое, ки аз руйи қойидаҳои дастури сохташудаву фикро тамомшударо ифода мекунанд). Муодили тоҷики истилоҳи *Satz* дар забони тоҷикӣ вомвожаи арабии *ҷумла* буда, маъниҳои зеринро ифода мекунад: «1. ҳама, ҳамагӣ; 2. гурӯҳ, тӯда, доира; 3. *грам*. як калима ё якчанд калимаи аз ҷиҳати грамматикӣ ва овоӣ муташаккил, ки як фикри томро ифода мекунад» [15, с. 608]. Аз шарҳу тавзеҳи истилоҳи *Satz* ва муодили тоҷикии он – *ҷумла* маълум гардид, воҳиди номбурда дар забони олмонӣ ба худ хусусияти омонимӣ касб намуда, дар забони тоҷикӣ ҳамчун вожаи сермаъно маъмул аст. Ҳамзамон, яке аз маъниҳои вожаи *ҷумла*, яъне маънии сеюми он маънии истилоҳии он ба шумор меравад Дар барорбари ин бояд афзуд, ки вожаи *Satz* омониме байниилмӣ буда, қобилияти дар якчанд соҳа истеъмолшавиро соҳиб аст, аммо муодили тоҷикии он – *ҷумла* танҳо дар доираи бахши наҳв, яъне яке аз соҳаи забоншиносӣ истифода мегардад ва ин хусусият тафовути омонимшавии истилоҳоти зикршударо бозгӯ мекунад.

Хулоса. Ҳамин тавр, аз шарҳу тавзеҳи истилоҳоте, ки зикрашон дар боло рафт, маълум гардид, ки падидаи омонимӣ назар ба забони олмонӣ дида, бештар дар низоми истилоҳоти забоншиносии забони тоҷикӣ зуҳур карда будааст. Илова бар ин, аксарияти истилоҳ-омонимҳои забони тоҷикӣ вожаҳои иқтибосӣ буда, аз забони арабӣ ворид шудаанд. Дар забони олмонӣ бошад, бештари истилоҳ-омонимҳо аз забонҳои лотинӣ ва юнонӣ иқтибос гардидаанд. Дар низоми истилоҳоти забоншиносии забони олмонӣ баъзе истилоҳҳое мавҷуданд, ки алайҳи муодили тоҷикиашон ба худ на аломати омонимӣ, балки сермаъноиро гирифта, яке аз маъниҳои онҳо ба сифати истилоҳ истеъмол мешавад. Ба монанди: *Satz (ҷумла), Verbindung (алоқа), Ausdruck (ифода)* ва монанди инҳо.

Адабиёт

1. *Аракин, В. Д. Омонимы в английском языке // Иностранные языки в школе. – 2011. – № 4. – С. 38-46.*
2. *Бобомуродов, Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе, 2014. – 208 с.*

3. *Бозидов, Н. Муқаддимаи забоншиносӣ. (Васоити таълим). – Душанбе: Маориф, 1971. – 150 с.*
4. *Васильевский А. Л. Полисемия и омонимия, конструкции с субстантивном сказуемым в современном английском языке: дисс... канд. филол. наук. 10.02.04. – М.: 1962. – 290 с.*
5. *Виноградов, В. В. О грамматической омонимии в современном русском языке. – М.: 1940. – №1. С. 1-12.*
6. *Кобенко, Ю. В. Deutsche Homonyme. Учебно-методическое пособие. – Tomsk: Томский политехнический университет. 2006. – 81 с.*
7. *Левковская, К. А. Лексикология немецкого языка. Пособие для учителей. – М.: Государственное учебно-педагогическое издательство министерства провещения РСФСР, 1956. – 247 с.*
8. *Маслова В.А. Введению в когнативную лингвистику. М. 2004.*
9. *Муҳаммадиев М. Омоним ва роҳҳои пайдоиши он. Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: С. 97-105*
10. *Норматов, М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995. – 176 с.*
11. *Робияи А. Масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ. Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. №2 (85). Душанбе – 2020. – С. 54-59*
12. *Собирова У.С. Мамадназарова А. Роҳу усулҳои инъикоси омонимияи дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ ва тоҷикӣ. Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. №1 (102). Душанбе – 2023. – С. 90-95*
13. *Учурова, С. А., Луговых, Е. В., Ильнер, А. О. Основы теории немецкого языка: лексикология, фонетика, грамматика и стилистика. Учебное пособие. – Екатеринбург, Изд-во Урал. Ун-та, 2018. – 240 с.*
14. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. А-Н. – Душанбе: 2008. – 950 с.*
15. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. О-Я. – Душанбе: 2008. – 945 с.*
16. *Duden. Das Herkunftswörterbuch. Dudenverlag. Mannheim-Zürich: 2010, – 960 S.*
17. *Hueber Wörterbuch. Deutsch als Fremdsprache. Hueber Verlag Dudenverlag. 2007. – 768 S.*
18. *Iskos, A. Lenkowa, A. Deutsche Lexikologie. Учпедгиз, 1960. – 269 S.*

ПАДИДАИ ОМОНИМИЯ ДАР НИЗОМИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақолаи мазкур сухан доир ба падидаи омонимия дар низоми истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ меравад. Муаллиф ишора ба он мекунад, ки омонимҳо дар қатори вожагони сермаънову муродифот ва мутазод яке аз падидаҳои муҳимми забонӣ ба шумор рафта, бо баъзе хусусиятҳои худ аз дигар қабатҳои луғавӣ тафовут доранд. Омонимҳо бо калимаҳои сермаъно иртиботи наздик дошта, дар бештари ҳолатҳо мушобеҳи якдигаранд. Инчунин дар мақола тафовути байни вожагони ҳамовоз ва калимаҳои сермаъно қайд мегардад, ки сермаъноӣ ба низоми маъноии вожагон, омонимҳо бошад ба таркиби савтиву овоии калимаҳо вобастагӣ дорад. Дар ҳар ду забон ҳам, омонимҳо ба омонимҳои луғавӣ, омонимҳои луғавӣ-грамматикӣ ва грамматикӣ дастабандӣ мешаванд. Дар забони олмонӣ, исмҳо дорои артикланд ва вазифаи онҳо аз муайян кардани ҷинсияти грамматикии исмҳо иборат мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, олмонишиносон дар забони олмонӣ мавҷуд будани омонимҳоеро дарҷ намудаанд, ки ҷинсияти грамматикии якхела ва гуногун доранд. Инчунин дар низоми истилоҳоти забоншиносии забони олмонӣ баъзе истилоҳҳое мавҷуданд, ки алайҳи муодили тоҷикиашон ба худ на аломати омонимӣ, балки сермаъноиро гирифта, яке аз маъниҳои онҳо ба сифати истилоҳ истеъмол мешавад. Падидаи омонимӣ дар низоми истилоҳоти забоншиносии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони олмонӣ бештар зуҳур кардааст.

Калидвожаҳо: падида, омонимҳо, истилоҳи забоншиносӣ, омонимҳои лексикӣ, омонимҳои морфологӣ, омонимҳои лексикӣ-грамматикӣ, омонимҳои пурра, омонимҳои нопурра.

ЯВЛЕНИЕ ОМОНИМИИ В СИСТЕМЕ ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО И НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье рассматривается явление омонимии в системе лингвистической терминологии таджикского и немецкого языков. Автор отмечает, что омонимы являются одним из важнейших языковых явлений наряду с полисемией, синонимией и антонимией и отличаются от других лексических пластов некоторыми своими особенностями. Омонимы тесно связаны с полисемией и в большинстве случаев похожи друг на друга. В статье также рассматривается различие омофонов и полисемантичных слов, то, что полисемия связана с семантической системой слов, а омонимы - с фонетическим составом слов. В обоих языках омонимы делятся на лексические омонимы, лексико-грамматические и грамматические омонимы. В немецком языке существительные имеют артикль, и его функция – определят грамматический род существительных. По этой причине немецкие ученые отметили существование омонимов в немецком языке, имеющих как одинаковый, так и разный

грамматический род. Также в немецкой лингвистической терминологической системе имеются некоторые термины, которые, в отличие от своих таджикских эквивалентов, не имеют признака омонимии, а наоборот, полисемии, и одно из их значений используется в качестве термина. Явление омонимии в системе лингвистических терминов таджикского языка встречается чаще, чем в немецком языке.

Ключевые слова: явление, омонимы, лингвистический термин, лексические омонимы, лексико-грамматические омонимы, морфологические омонимы, полные омонимы, неполные омонимы.

THE PHENOMENON OF HOMONYMY IN THE SYSTEM OF LINGUISTIC TERMINOLOGY OF THE TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article deals with phenomenon of homonymy in the system of linguistic terminology of the Tajik and German languages. The author notes that homonyms are one of the most important linguistic phenomena along with polysemy, synonymy and antonymy and differ from other lexical layers by some of their features. Homonyms are closely related to polysemy and in most cases are similar to each other. The article also contains information about differences between homophones and polysemantic words, the fact that polysemy is related to the semantic system of words, and homonyms - to the phonetic composition of words. Regarding the interpretation of homonyms, the views of linguists coincide practically in dictionaries and scientific sources. In German, nouns have an article, and its function is to determine the grammatical gender of nouns. For this reason, German scholars have noted the existence of homonyms in German, which have both the same and different grammatical genders. Also in the German linguistic terminological system there are some terms which, unlike their Tajik equivalents, do not have the feature of homonymy, but on the contrary, polysemy, and one of their meanings is used as a term. The phenomenon of homonymy in the system of linguistic terms of the Tajik language is more common than in the German language.

Keywords: phenomenon, homonyms, linguistic term, lexical homonyms, lexical and grammatical homonyms, morphological homonyms, complete homonyms, incomplete homonyms.

Дар бораи муаллиф
Нурова Зведамо Сафаровна
Ассистенти кафедраи забони олмонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zwedamo2008@mail.ru

About the author
Nurova Zvedamo Safarovna
Assistant of the German language department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zwedamo2008@mail.ru

Об авторе
Нурова Зведамо Сафаровна
Ассистент кафедры немецкого языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zwedamo2008@mail.ru

ТДУ 809.155.0+804.0

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ БО ҶУЗЪИ КАЛИМАҲОИ “FLEUR - ГУЛ” ДАР ЗАБОНҲОИ ФАРОНСАВӢ ВА ТОҶИКӢ

Бойматова Д. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ таърихи тулонии худро доранд. Дар ҳар ду забон воҳидҳои фразеологии бисёре мавҷуданд, ки таҷрибаи умумӣ миллию мадании халқро инъикос менамоянд. Дар мақолаи мазкур мо тасмим гирифтем, ки воҳидҳои фразеологиро бо ҷузъи калимаҳои **“fleur - гул”** дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ ва муқоиса қарор диҳем. Аксар вақт ба ибораҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаамон истифода мебарем аҳамият намедиҳем. Агар мо дар ин бора фикр кунем, аз сафару гаштугузорҳое, ки ҳар рӯз мекунем ба ҳайрат меоем.

Гулҳо тавассути зебоӣ, шакл ва рангҳои худ эҳсосоти гуногунро ба вуҷуд меоранд ва дар адабиёт, рассомӣ, меъморӣ, таблиғот ва ҳатто саломатию нигоҳубинии беморон таъсири намоён доранд. Дар асотир гулҳо аксар вақт ҳамчун истиора барои фазилат ба назар мерасанд. Забони гулҳо дар Шарқ ба вуҷуд омадааст, ки онро занон офаридаанд. Аз муошират маҳрум шуда, аксар вакт ҷуръати кушодани чеҳра надоштанд, тамоми тобиши табъу эҳсоси худро ба гулҳо интиқол медоданд. Ҷамъиятҳое, ки як вақтҳо ба вуҷуд омадаанд, тадриҷан ба рамзҳои устувор табдил ёфтанд, ки ба шарофати онҳо суҳбатро идома додан мумкин буд. Донистани забони гулҳо ба шарофати ёддоштҳои ду нафар ба Аврупо омадааст: Обри де ла Мотре ва Леди Мэри Вортли Монтег. Фарҳангҳои гул дар тули асри XVIII нашр шуда буданд, ки дар бораи маънои як растании мушаххас суҳбат мекунанд. Забони гулҳо дар Фаронса хеле маъмул буд. Дар даврони Виктория забони гулҳо барои пинҳонӣ баён кардани эҳсосот истифода мешуд, дар ҳолатҳое, ки онҳоро ошкоро гуфтан мумкин набуд.

Забони гулҳо на ба ҳама фаҳмо аст, аммо агар гулдаста аз самими қалб пешниҳод шавад, хидмати тарҷумон талаб карда намешавад. Гулҳо ба одамон кӯмак мекунанд, ки ҳамдигарро фаҳманд ва эҳсосоти худро баён кунанд. Гул додан маънои изҳори муҳаббат ва эҳтиром ба шахсро дорад. Бо забони гул метавон иқрор шуд ё ғами худро баён кард, шодии беандозаро пешниҳод намуд, дар бораи суханҳои самимӣ суҳбат кард. Аз гул метавон шеър ва ё романи том сохт. Метавон гуфт, ки шумораи зиёди воҳидҳои фразеологӣ ба мо аз забони гулҳо омадаанд.

Вазифаи асосии аломати лингвофарҳангӣ қобилияти дар семантикаи худ эҳё кардани хусусиятҳои хоси тафаккури миллии намояндагони як фазои муайяни забоншиносӣ мебошад. Гул рамзи лингвофарҳангист, зеро он ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фарҳанги мардум, арзишҳо, анъанаҳои онҳоро омӯзем. Гулҳо метавонанд ғояҳои мифологиро дар бораи ҷаҳони гирду атрофи мо таҷассум кунанд. Гулҳо тасвирҳоро мушаххас мекунанд ва ин ба мо имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун рамзҳои архетипӣ баррасӣ кунем. Калимаи **«архетип»** аз калимаи юнонӣ **archetypon** – гирифта шуда, маънои тимсол, ибрат, намуна, аслро дорад. Рамзҳои гул зебогии занона, ғояи муваққатӣ ва ноустувориро дар назар дорад, мисол бораи **“bouton de rose”** - духтари ҷавони бегуноҳ.

Дар фарҳанги “Le Robert méthodique” ба нисбати калимаи **“fleur”,** яъне гул чунин таъриф дода шудааст: ***“Fleur - partie des plantes phanérogames, qui porte les organs reproducteurs. Production colorée, souvent odorante, de certains végétaux, considerée le plus souvent avec le rameau (la tige) qui la porte”*** [14, с. 588], яъне “Гул як ҷузъи растании якҷинсаест, ки узвҳои афзоишкунанда дорад. Ташаккули рангоранг ва аксаран хушбӯйи растаниҳои муайян, ки аксар вақт дар якҷоягӣ бо шоха (поя), ки онро мебардорад, дида мешавад”.

Дар фарҳанги “Larousse” бошад калимаи **“fleur”** чунин маънидод карда шудааст: ***“Fleur - partie d'une plante servant à la reproduction, pouvant avoir des couleurs vives, et parfois d'odeur agréable; plante qui donne de belles fleurs”*** [12, с. 387], яъне “**Гул** ҷузъе аз растанӣ буда, барои афзоиш хидмат мекунад ва метавонад ранги баланд ва баъзан бӯи хуш дошта бошад; растание, ки гулҳои зебо медиҳад”.

Бояд қайд кард, ки луғати “Larousse” дар таърифи мафҳум “**fleur**” ҷиҳати эстетикиро

таъкид мекунад, ки тавассути сифатҳои **"vive"-** зинда, **“agréable**” -гуворо, “**belle” -** зебо ифода мешавад.

Илова бар ин, луғати “Robert” маънои калимаеро, ки дар ибораҳои бадеӣ ва фразеологӣ истифода мешаванд, бо бартарии мусбат шарҳ медиҳад, аз ҷумла **“fleur - se dit d'une femme jeune, gracieuse, jolie”,** яъне **“гул** – маънои зани ҷавону хиромон ва зеборо дорад.

Ба нисбати калимаи **гул** дар забони тоҷикӣ дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин тафсир дода шудааст: “**гул** – ғунча ва ё муғчаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе гиёҳон ва дарахтон дар шохаҳои худ ҳосил мекунанд ва аз он

тадриҷан тухм ё мева пайдо мешавад, шукуфаи гиёҳон ва дарахтон; гиёҳҳое, ки барои гулҳои рангоранг ва хушбӯяшон мекоранд” [4, с. 335].

Захираи фразеологии забони форонсавӣ маҷмуи маъноҳои зиддиятнок ва муқобил мебошад, ки ҳангоми истифодаи флоронимӣ, яъне наботот **fleur/гул** ба амал меоянд. Ҳамин тавр мо баррасии масъаларо аз корбурди воҳиди фразеологии “**faire une fleur à quelqu’un”** сар мекунем, ки маънои ба касе ҳусни таваҷҷуҳ доштан, ба касе илтифот (лутф) кардан, эҳсон кардан, ба касе назари нек карданро дорад.

Инчунин дар фарҳангҳо ба мафҳуми «**fleur**», яъне гул ҳамчун як чизи равшан, дилчасп, зебо ва ҳамзамон дорои бӯйи форам гуфта, тавсиф дода шудааст. Барои исботи гуфтаҳои мазкур якчанд воҳидҳои фразеологиро ҳам дар форонсавӣ ва ҳам дар тоҷикӣ бо таркиби калимаи **fleur,** яъне **гул** дида мебароем. Мисол:

Воҳиди фразеологии форонсавии **“être *fleur* bleue”** маънои раҳмдил ё ки хаёлпараст буданро дорад. Ибораи мазкур дар ин ҷо ибораи сифатии мураккаб мебошад, аммо ибораи маҷозӣ, ба маънои дӯст доштан ва парвариш карданро низ дорад. Ибораи зикршударо дар шакли “**petite *fleur* bleue**” ба маънои риққат, хаёлпарастӣ, хаёли ишқбозӣ ё ошиқӣ ё ки **être très fleur bleue,** ба маънои хеле хаёлпараст будан низ истифода мебаранд.

Воҳиди фразеологии **“être à la fleur de sa jeunesse”** маънои дар авҷи ҷавонӣ будан, дар айни камоли умр, дар авҷи камол будан, боқувват буданро дорад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки воҳиди фразеологии тоҷикӣ **“аз сад гул якаш нашукуфтан”** айнан ҳаммаънои воҳиди фразеологии форонсавӣ **“être à la fleur de sa jeunesse”** мебошад. Воҳиди фразеологии **“аз сад гул якаш нашукуфтан”** дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин маънидод карда шудааст: “ҳоло ҳама чиз дар пеш будан, акнун зоҳир шудани қувваю равнақ, ҳанӯз ҷавон будан” [4, с. 335]. Тавре мебинем, дар таркиби воҳидҳои фразеологии форонсавӣ ва тоҷикӣ **“être à la *fleur* de sa jeunesse”** ва **“аз сад *гул* якаш нашукуфтан”** калимаи **fleur – гул** мавҷуд аст ва дар ҳар ду забон бо як маъно истифода бурда мешавад.

Гулҳо ба воситаи зебоии худ эҳсосоти мусбат интиқол медиҳанд. Бешубҳа, аз ҳамин сабаб воҳидҳои фразеологии форонсавӣ **“lancer des *fleurs*”, “couvrir quelqu’un de *fleurs*”** ва **jeter des *fleurs* à quelqu’un** ба маънои гул пошидан, касеро аз ҳад зиёд таъриф (мадҳ) кардан, ба касе хушомадгӯӣ кардан истифода бурда мешаванд. Воҳидҳои фразеологии зикршуда ба нисбати касе ё ба нисбати худи гӯянда истифода бурда мешаванд. Шахсе, ки ба тарафи ягон кас гул мепартояд, яъне ӯро таъриф мекунад. Касе, ки ба худ гул мепошад, метавонад ҳамчун даъвогар дида шавад, зеро он худро таъриф мекунад. Воҳиди фразеологии **“lancer des *fleurs*”**-ро дар ҷумла дида мебароем:

“Un étudiant rentre chez lui et dit à ses parents: “J’ai encore eu vingt sur vingt en mathe. Je suis trop fort.” Son père lui répond: “Bravo, mais **arrête de te lancer des fleurs”** [13, с. 107].

Тарҷумаи тоҷикӣ:

“Донишҷӯе ба хона меояд ва ба волидонаш мегӯяд: “Ман боз аз фанни математика баҳои аъло гирифтам. Ман хеле тавоно ҳастам”. Падараш ба ӯ мегӯяд: “Офарин, вале худро аз ҳад зиёд таъриф карданро бас кун”.

Дар ҷумлаи форонсавии зикршуда воҳиди фразеологии ***“arrête de te lancer des fleurs”*** истифода бурда шудааст, ки мо онро аз рӯи маъно чунин ***“худро аз ҳад зиёд таъриф карданро бас кун”*** тарҷума кардем, ба мақсад мувофиқ аст. Агар мо ибораи мазкурро ***“ба худ гул партофтанро бас кун”*** тарҷумаи таҳтуллафзӣ тарҷума мекардем, ибора асолати худро гум карда, ба хонанда нофаҳмо мешуд.

Дар навбати худ бояд қайд кард, ки дар забони тоҷикӣ низ воҳиди фразеологии “**гул пошидан”** ё ки **“гул фишондан (афшондан)”** мавҷуд аст, ки маънои ба роҳи касе ё ба рӯи чизе гул партофта, муҳаббату самимият изҳор карданро дорад. Дар забони форонсавӣ ибораи

“dire avec des fleurs” мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати маъно бо ибораҳои **“гул пошидан, гул афшондан”** ҳамаъно мебошанд. Ба нисбати ибораи **“dire avec des fleurs”** дар забони фаронсавӣ чунин ***“exprimer ses remerciements, ses souhaits en offrant des fleurs”*** [11, с. 423], яъне *“миннатдорӣ, хоҳишҳои худро гул тӯҳфа карда изҳор кардан”* шарҳ дода шудааст. Ибораи мазкур дар Фаронса тақрибан соли 1920 аз шиори гулпарварони амрикоӣ иқтибос шуда, паҳн шудааст.

Ибораи дигар:

Ба воҳиди фразеологии фаронсавии **“fine fleur”** дар фарҳанги **“**Le Robert méthodique” чунин *“Ce qui est le plus beau, le plus agréable”,* яъне “он чи ки зеботарин аст, ҷозибтарин аст” маънидод карда шудааст. Воҳиди фразеологии мазкур дар забони фаронсавӣ ба маънои аз ҳама беҳтарин истифода бурда мешавад. Воҳиди фразеологии дигаре, ки метавонад синоними ибораи мазкур бошад ***“la crème de la crème”.*** Ибораи мазкур низ барои дар бораи баргузида, мунтахаб, беҳтарини илму фан гуфтан истифода бурда мешавад [13, с. 73-74]**.** Ибораи мазкурро дар ҷумла дида мебароем:

“Si je vous dit “Je vais voir un film au cinema ce soir, qu’il regroupe ***la crème de la crème des acteurs français***”**.**

Тарҷумаи тоҷикӣ:

Агар ман ба шумо гӯям “Ман ин бегоҳ дар синамо филмеро тамошо мекунам, ки ***гули сари сабади ҳунармандони фаронсавӣ***, яъне беҳтаринҳоро ҷамъ меорад”.

Дар тарҷумаи тоҷикӣ воҳиди фразеологии ***“la crème de la crème”***-ро аз рӯи маъно ҳамчун “***гули сари сабад”*** тарҷума кардем. Зеро бо тарҷумаи таҳтуллафзияш ***“қаймоқи қаймоқ”*** ибораи мазкур маънои худро гум мекард.

Ибораи дигари фаронсавӣ ***“la fleur des pois”*** [11, с. 422] низ айнан маъноҳои дар боло зикршударо, яъне беҳтарин ва барҷастатаринро дорад.

Илова барин бояд воҳиди фразеологии тоҷикӣ **“гули сари сабад”**-ро мисол оварда, ки бо воҳиди фразеологии фаронсавӣ **“fine fleur”** ҳаммаъно мебошад. Ба нисбати воҳиди фразеологии **“гули сари сабад”** дар **“**Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ)” чунин тафсирро метавон пайдо кард; **“гули сари сабад** – беҳтарин, писандидатарин; зиннатбахши ҷамъият ё ягон маҷлис” [9, с. 234].

Дар забоншиносии муосир оид ба мавқеи истилоҳ дар забони миллӣ ё ин ки ҳалли тафсири таърифи назарии истилоҳ фикру андешаҳои якхела вуҷуд надоранд. Бо вуҷуди ин ҳам метавон истилоҳотро аз дигар воҳидҳои луғавии забон бо якчанд хусусиятҳои дар боло баррасӣ гардида фарқ намуд. Як омили дигаре, ки тарҷумонро дар тааҷуб меорад, ин омили ҳазфи истилоҳ мебошад. Аз рӯи қоида истилоҳ бояд танҳо дар матнҳои илмӣ-иттилоотӣ зери истифода қарор гирад, вале мутаасифона баъзе истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар услуби бадеӣ чун воҳидҳои маъмули рӯзмарра истифода мешаванд, ки тарҷумонро ба муаммоҳо дучор мегардонад [10].

Масъалаи ҳазфи истилоҳи истилоҳот воҳидҳои истилоҳотиеро дар назар дорад, ки аз матни илмӣ дур шуда, ба забони умумии адабӣ ворид гаштаанд. Чи гунае, ки Н. Ф. Непийвода дар диссертатсияи худ зери унвони «Детерминологизация как результат взаимодействия общелитературной и терминологической лексики» қайд мекунад, дар раванди таҳқиқи истилоҳ ва калимаи маъмулӣ хусусияти фарққунанда танҳо ҳолати дефинитивии истилоҳ дида мешавад. Вай чунин иброз медорад, ки дар раванди ҳазфи истилоҳ калимаи маъмулӣ низ метавонад вазифаи номинативиро иҷро кунад, истилоҳ танҳо бо вазифаи дефинитивиаш бояд ягон мафҳумро ифода намояд ва дар матн мавқеи истилоҳ аз калимаи маъмулӣ фарқ мекунад, зеро истилоҳот дар матн ҳамеша чун калидвожаи ҷумла ё матн ҳисоб мешаванд [9].

Бо сабаби ҳазфи истилоҳ шудани истилоҳот дар забон воҳидҳои луғавии маъмулӣ хеле зиёд мегарданд. Баъзе истилоҳот аз меъёри истилоҳӣ баромада чун калимаи маъмулӣ дар матн истифода мешаванд, вале ҳамзамон ҳамчун истилоҳ дар матни илмӣ ба чашм мерасанд. Дар ин ҳолат мо истилоҳотро нимистилоҳ низ номида наметавонем, зеро дар ҳолати истилоҳ буданаш тамоми хусусиятҳои истилоҳиро ифода менамояд ва дар матни бадеӣ бошад ифодакунандаи маъноҳои конотативӣ мегардад [9, с. 4-5].

Хусусияти маънои истилоҳ ҳангоми муқоисаи мавқеи калима дар матн ва ҳангоми кор фармудани он чун маънои истилоҳӣ ва ҳам ғайриистилоҳӣ равшан зоҳир мегардад. Яъне агар дар матн вазифаи номинативӣ ва хусусияти илмӣ дошта бошад истилоҳ мешавад. Се раванди муқоисаи истилоҳро аз ҳазфи истилоҳ фарқ кардан имконпазир аст: 1) агар мафҳуми истилоҳ ҳам дар матни илмӣ ва ҳам дар матни бадеӣ якхела бошад, қолаби худро гум накунад; 2) муқоисаи маънои маҳдуд ва васеи истилоҳ аз маънои воҳидҳои луғавии маъноӣ; 3) агар истилоҳот бо мафҳуми илмии худ дар матни адабӣ низ истифода гардад, ин меъёри истилоҳотро вайрон месозад, зеро дар матни бадеӣ истилоҳ танҳо метавонад ҳазфи истилоҳ шавад [6, с. 42].

Барои мисол якчанд истилоҳоти фарҳангиро дида мебароем, ки ба ҳолати ҳазфи истилоҳ дучор шудаанд: ***diorama*** *– 1. дар масолеҳи сохтмонӣ панорамаи ҳамвор мешавад; 2. Истилоҳи фарҳангӣ бошад чун диорама (як намуди наққошие, ки дар он тасвир дар болои маводи шаффоф ва махсус равшаншуда кашида мешавад);* ***palette*** *– 1. корди шпаклевка, маводи ҳамворкунанда; 2. доскаи ранг, палитра; 3. дар истилоҳоти технологияи иттилоотӣ*

чун панели асбобҳо истифода мешавад; ***pencil*** *–1. қалам; 2. нури рӯшноӣ; 3. як тарзи рассомӣ.*

Истилоҳоти иқтисодие, ки ҳазфи истилоҳ шудаанд: ***abatement*** *– кам кардани миқдор, дараҷа ё шиддатнокии фаъолият (тахфиф, коҳиш);* ***bankruptcy*** *- ҳолати қобилияти пардохти қарзи худ (муфлисшавӣ);* ***boom*** *- афзоиши босуръати фаъолияти соҳибкорӣ;* ***business*** *- фаъолияти ба даст овардани пул тавассути истеҳсол ё хариду фурӯши мол ё хизматрасонӣ (тиҷорат, фаъолияти тиҷоратӣ);* ***capital*** *- пул ё молу мулк, хусусан вақте, ки он барои оғози тиҷорат ё истеҳсоли сарвати бештар истифода мешавад;* ***cheque*** *- коғази чопшуда, ки дар он маблағи пул навишта мешавад, аз тарафи пардохткунанда имзо карда мешавад ва ба ҷои пул барои пардохти истифода мегардад (чек);* ***insurance*** *- созишнома бо ширкате, ки шумо ба онҳо пул медиҳед, махсусан мунтазам ва онҳо хароҷотро дар сурати рух додани ягон ҳолати бад, масалан, агар шумо бемор шавед ё амволатон зарар бинад (суғурта);*

Аз мисолҳои овардашуда бармеояд, ки мавқеи истилоҳоти ба ҳазфи истилоҳ дучор омадаро тарҷумон аз услуби матн ва вазифаашон метавонад фарқ намояд, зеро истилоҳи иқтисодии ***insurence***– дар матни илмӣ чун *суғурта* истифода мешавад, вале дар муошрати рузмарра ва матнҳои бадеӣ чунин истилоҳро метавон ба маънои *кафолат, бехатарӣ, муҳофизатчӣ* ва ғайра воҳӯрд.

Тамоми раванди тағйирёбии шакли истилоҳотро номбар намудем, ки аз *терминоидшавӣ* оғоз гардида, *истилоҳшавӣ ҳазфи истилоҳ* мешаванд. Як ҷараёни аҷибе низ дар истилоҳшиносӣ вуҷуд дорад, ки *таҳдиди истилоҳ* ном дорад. *Таҳдиди истилоҳ* як раванди мураккаби истилоҳшавӣ аст, ки аз низоми истилоҳоти як илм ба низоми истилоҳоти дигар мегузаранд. Дар ҷараёни рушди забон ва истилоҳшиносӣ, калимаҳо метавонанд на танҳо аз нутқи илмӣ ба гуфтори умумӣ ворид шаванд, балки баъзан баръакс — аз забони умумӣ дубора ба доираи илмӣ баргарданд. Ин раванд *таҳдиди истилоҳ* ном дорад ва дар шароити таҳаввули илм, техника ва ҷомеа аҳамияти калон дорад. Дар раванди тарҷума, таҳдиди истилоҳ мушкилоти зиёде ба миён меорад, зеро калимаҳое, ки қаблан маънои умумӣ ё маҷозӣ доштанд, дубора ҳамчун истилоҳ қабул мешаванд. Масалан, калимаи *code - код*, ки дар забони умумӣ ба *рамз* ё *аломат* ишора мекард, имрӯз дар соҳаи технология ва барномасозӣ ҳамчун мафҳуми техникӣ истифода мешавад. Ҳангоми тарҷумаи чунин калимаҳо, зарур аст, ки маънои нав ва истифодаи хусусияти истилоҳӣ ба назар гирифта шавад, то ки тафсири нодуруст пешгирӣ гардад.

Раванди таҳдиди истилоҳ дар соҳаҳои гуногун — аз илмҳои табиӣ то иқтисод ва ҳуқуқ — мушоҳида мегардад ва тарҷумонҳо бояд дақиқкор бошанд, то ки мафҳумҳои навро дуруст ва мувофиқ ба фарҳангу низоми забонии мақсад тарҷума намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҳдиди истилоҳ дар равандҳои тарҷума барои дақиқӣ ва рушди истилоҳоти байналмилалӣ аҳамияти муҳим дорад. Илова бар ин, таҳдиди истилоҳ на танҳо маънои нав пайдо кардани калимаҳоро дар доираи илмӣ дар бар мегирад, балки боиси рушди истилоҳоти бисёрсоҳавӣ мегардад. Масалан, калимаи *"stress - стресс"*, ки дар гузашта танҳо маънои "*фишор*" ва "*назаррасии механикӣ*" дошт, дар равандҳои таҳдиди истилоҳ ба истилоҳи муҳими соҳаҳои равоншиносӣ ва тиб табдил ёфт.

Дар тарҷумаи матнҳои илмӣ ва техникӣ, чунин калимаҳои таҳдиди истилоҳшуда метавонанд мушкилот эҷод кунанд, зеро дар забонҳои гуногун шеваи қабули маънои нав фарқ мекунад. Масалан, дар баъзе забонҳо калимаҳои таҳдиди истилоҳшуда бидуни тағйир қабул мешаванд, дар ҳоле ки дар забонҳои дигар онҳо бо муодилҳои маҳаллӣ иваз ё мутобиқ карда мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳдиди истилоҳ як ҷузъи муҳим дар рушди забон ва истилоҳшиносӣ буда, тарҷумонҳо ва забоншиносон бояд дақиқкор бошанд, то ки маъно ва мафҳуми нави калимаҳои таҳдиди истилоҳшударо дуруст дарк ва интиқол диҳанд. Ин омӯзиш на танҳо барои мутобиқати забонҳои илмӣ муҳим аст, балки барои осон кардани муошрати байналмилалӣ ва пешгирии нофаҳмиҳои мафҳумӣ низ нақши калидӣ мебозад. Ҷараёни *таҳдиди истилоҳ* аз воҳидҳои луғавӣ ба истилоҳ мубадал шудани воҳидҳои забонӣ ва аз истилоҳ ба *ҳазфи истилоҳ* табдил ёфтан ва баъдан ба *таҳдиди истилоҳ* инъикос гардидани истилоҳот мебошад. Ин раванд бо сабаби пурра ташаккул наёфтани истилоҳ дар соҳаи илмии аслаш мебошад, ки баъдан ба дигар илмҳо интиқол меёбад [5].

Шумораи зиёди истилоҳоти таҳдиди истилоҳшуда аз забони сарчашмаи синергетика, илмии байнисоҳавӣ бармеояд, тамоюле, ки дар давоми се даҳсола ба вуҷуд омадааст. Истилоҳоти синергетика худ илми ҷавон буда, истилоҳотро аз дигар илмҳо ҷамъоварӣ менамояд. Мисол аз илмҳои биология, физика, химия, математика ва ғайра. Синергетика

метавонад истилоҳотро аз илмҳои дақиқ ба илмҳои гуманитарӣ тағдиди истилоҳ намояд. Дар илми дидактика, ки ба илмҳои гуманитарии педагогика дохил мешавад, истилоҳоти *analyses, inducsion, experiment*аз истилоҳоти физикӣ ва умуман аз истилоҳоти илмҳои дақиқ гирифта шудаанд, ки дар илми мазкур ба дигар маъно истифода мегарданд.

Илова бар ин, тағдиди истилоҳ метавонад дар натиҷаи рушди илм ва технология, ҳамчунин дар натиҷаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд ояд. Дар бисёр мавридҳо, калимаҳо пас аз ворид шудан ба нутқи умумӣ, бо гузашти вақт дубора ба соҳаҳои илмӣ ва тахассусӣ бармегарданд, вале бо маъно ва вазифаи нав.

Масалан, калимаи *virus - вирус*, ки ибтидо танҳо ҳамчун истилоҳи биологӣ барои ифодаи организмҳои сироятӣ истифода мешуд, бо рушди технология маънои наверо дар соҳаи компютерӣ пайдо кард. Ҳоло *computer virus - вируси компютерӣ* як мафҳуми техникист, ки дар илмҳои информатика ва киберамният нақши муҳиме дорад.

Ҳангоми тарҷума, тағдиди истилоҳ метавонад боиси мушкилоти гуногун гардад, аз ҷумла:

Таъсир ба мазмуни матн – калимаҳое, ки маънои нав гирифтаанд, метавонанд дар забонҳои гуногун бо тарзҳои мухталиф фаҳмида шаванд.

Мутобиқат бо истилоҳоти маҳаллӣ – дар баъзе забонҳо барои калимаҳои тағдиди истилоҳшуда шеваҳои тарҷума ё вожасозии маҳаллӣ мавҷуданд, дар ҳоле ки дар забонҳои дигар онҳо шакли аслии худро нигоҳ медоранд.

Набудани муодили дақиқ – баъзан мафҳуми нав ба як забон дохил мешавад, дар ҳоле ки дар забони дигар ҳанӯз истилоҳи мувофиқ вуҷуд надорад.

Ба ҳамин далел, таҳқиқ ва дарки раванди тағдиди истилоҳ барои тарҷумонҳо ва забоншиносон зарур аст, то ки онҳо маънои нави мафҳумҳоро дуруст интиқол дода, аз таҳриф ва нофаҳмиҳо ҷилавгирӣ кунанд. Тағдиди истилоҳ на танҳо равандест, ки ба забони илмӣ таъсир мерасонад, балки ҷузъи муҳими ташаккули истилоҳоти нав ва мутобиқшавии забон ба ҷаҳони муосир мебошад.

Лотте Д. С. оид ба ҷараёни тағдиди истилоҳ чунин ибрози ақида дорад: «Гузаронидани истилоҳот аз як системаи мафҳумҳо ба системаи дигар дар он ҳолат сурат мегирад, ки агар мафҳумҳои системаҳо ба ҳам зидмаъно набошанд, ҳадалимкон монандии мафҳумҳо ё шакли фаъолияти онҳо дида шаванд. Агар истилоҳи интиқолгардида дар системаи нави истилоҳот ба дигар мафҳум қабул гардида бошад, ҷараёни тағдиди истилоҳ лозим намеояд. Агар шакл ва сохтори истилоҳи интиқолгардида шаклу сохтори низоми истилоҳоти қабулкунанда мутобиқат кунад» [9].

Бархе аз олимон тағдиди истилоҳро чун омонимияи байнисоҳавӣ меноманд, зеро як истилоҳ метавонад дар ду ва зиёда низоми истилоҳот истифода гардад. Агар истилоҳи *лингвостилистика*ро зери таҳқиқ қарор диҳем, бештари онҳо аз илми забоншиносӣ ва услубшиносӣ тағдиди истилоҳ шуда, ба илми лингвостилистика ворид гаштаанд. Яқ қисми истилоҳоти лингвостилистика аз илмҳои асосии забоншиносӣ ва фалсафа иқтибос гирифтаанд, қисмати дигараш аз илмҳои ҳампайванд, чун суханшиносӣ, фарҳанги нутқ, забоншиносии матн, дигар қисматаш аз услубшиносӣ чун шевашиносӣ, обуранги услубӣ.

Хулоса. Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳад, ки раванди тағдиди истилоҳ ин иқтибосшавии истилоҳ аз як соҳаи илм ба соҳаи илми дигар аст. Мисол, истилоҳе, ки аз воҳидҳои луғавии маъмулӣ пайдо гардидааст, дар мисоли ***support***–чун калимаи маъмулӣ *кӯмак, дастгирӣ* мебошад. Агар инро истилоҳшавӣ намоем, чун истилоҳи бонкӣ (иқтисодӣ) ***support*** - мафҳуми *дастгирии нархи саҳмияҳо (бо роҳи харидани онҳо аз ҷониби гурӯҳи шахсони манфиатдор)* инъикос мегардад. Агар тағдиди истилоҳ шавад дар чанд соҳаи илмии дигар ба таври гуногун тағассум мегардад, мисли истилоҳи ҳарбӣ чун *тобеияти оперативӣ*, истилоҳи технологияи иттилоотӣ бошад *маълумоти истинодӣ,* истилоҳи полиграфӣ чун *китобдор*, истилоҳи ҳуқуқӣ чун *асосноккунии далелҳо* ва ғайра. Истилоҳи овардашударо агар таҳлил намоем, тарҷумаи он хеле мушкил ба назар мерасад, зеро тамоми шаклҳои истилоҳшавиро гузаронидааст. Худ аз воҳиди луғавии *кӯмак, дастгирӣ* пайдо шуда, *истилоҳшавӣ* шуда ба истилоҳоти иқтисодӣ гузаштааст чун дастгирии *нархи саҳмияҳо*, боз *тағдиди истилоҳ* шуда ба дигар низоми истилоҳот мегузарад, вале дар матни бадеӣ онро вохӯрем *ҳазфи истилоҳ* шуда маънои *кӯмак, ёриро* мегирад. Бештари истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз чунин ҷараёнҳо гузаштаанд ва лозим ба ёдоварист, ки тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ нисбат ба илмҳои дақиқ душвортар аст, зеро бо тағйири шакли истилоҳ дар равандҳои номбурда тарҷумон метавонад ба иштибоҳоти услубӣ роҳ диҳад. Барои дуруст тарҷума намудани чунин истилоҳот тарҷумонро зарур аст, ки истилоҳоти мазкурро дар фарҳангҳои дузабонае, ки бо услубу маънои истилоҳ шарҳ дода мешаванд, манбаи дастрасӣ

пайдо намояд. Тарҷумон на танҳо аз раванди *истилоҳшавӣ* ва *ҳазфи истилоҳ* хабардор бошад, балки тамоми нозукиҳои тарҷумаро бо услубҳои тарҷума ба пуррагӣ аз худ намояд.

Адабиёт

1. *Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О. С. Ахманова. - М.: Совет. энциклопедия, 1966.-606 с.*
2. *Винокур, Г. О. О некоторых явлениях словообразования в русской технической терминологии // Труды МИФЛИ. / Г. О. Винокур. – М:, 1939. Т. 5. С. 5–6.*
3. *Гарбовский, Н.К. Теория перевода / Н.К. Гарбовский. - М.: Изд-во МГУ, 2007.-544 с.*
4. *Имомзода, М. М. Ҷанг Лей. Баррасии рушди истилоҳ дар забоншиносии тоҷик ва чин / М.М. Имомзода, Ҷанг Лей.. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2023. №1 (102) – С.27-35.*
5. *Кесамирова, С. Р. Таҳлили муқоисавии дараҷаҳои муодилнокии байнизабонии воҳидҳои луғавӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) / С. Р. Кесамирова. - Душанбе: «ЭР - граф», 2021. – 152 с.*
6. *Князева, Е. М. Синергетика как средство интеграции естественного образования / Е. М. Князева, С.П. Курдюмов // Высшее образование в России. 1994. №4. С.31−36.*
7. *Котелова, Н. З. Семантическая характеристика терминов в словарях // Проблематика определений терминов в словарях разного типа / Н. З. Котелова. Л.: Наука, Ленингр. отд-ние, 1976. - С. 30–44.*
8. *Лейчик В. М. Об относительности существования термина // Семантические проблемы языка науки, терминология информатики: науч симпозиум Ч. 2. / В. М. Лейчик. - М. : Изд-во МГУ, 1971. - С. 436–442.*
9. *Лотте, Д.С. Основы построения научно-технической терминологии: Вопросы и методики / Д.С. Лотте. - М., 1961.-160 с.*
10. *Муҳаммадҷонзода, О.О. Мушкилоти тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ ва фразеологӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ / О.О.Муҳаммадҷонзода, Қ.А. Зарипов //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, 2023. №1 (102) – С. 7-16.*
11. *Непийвода, Н. Ф. Детерминологизация как результат взаимодействия общелитературной и терминологической лексики : автореф. дис. ... канд. филол. наук : 10.02.02 / Н. Ф. Непийвода ; Киев. гос. ун-т им. Т. Г. Шевченко. – Киев, 1983.–24 с.*
12. *Прач, В. П. Семантическая структура английских общеупотребительных слов и процессы терминологизации (на материале лексики по лесотехническим специальностям): дис. ... канд. филол. наук. / В. П. Прач. - Львов, 1990.-211 с.*
13. *Сулаймонов, С. Становление арабской и таджикской философской терминологии. дис. док. филол. наук: 10.02.20. / Сулаймонов Саидраҳмон. – Душанбе, 1997.–272 с.*
14. *Тюленев, С. В. Теория перевода: Учебное пособие / С. В. Тюленев. — М.: Гардарики, 2004.-336 с.*
15. *Чайковский, Р.Р. Реальности поэтического перевода (типологические и социологические аспекты) / Р.Р. Чайковский. - Магадан: Кордис, 1997.-197 с.*
16. *Шичкина М.Г. Оценка качества перевода: критерии адекватного и эквивалентного перевода по В.Н. Комиссарову // Молодой ученый. 2016. №15. С. 615-619.*
17. *Jakobson, R. On Lingvistic Aspekts of Translation. (In:) R.A. Bower ad., On Translation / R. Jakobson. Cambridge, Mass., 1959.*

ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ИСТИЛОҲШАВӢ, ҲАЗФИ ИСТИЛОҲ ВА ТАҶДИДИ ИСТИЛОҲ ДАР РАВАНДИ ТАРҶУМА

Дар мақолаи мазкур равандҳои тағйир ёфтани хусусияти вазифавии истилоҳот ба назар мерасад, ки метавонад боиси мушкилот пайдо кардан дар раванди тарҷума шавад. Истилоҳот пеш аз вазифаи истилоҳро ба худ гирифтан, дар шакли терминоидҳо зери истифода қарор доранд, зеро онҳоро метавон ҳам дар матни бадеӣ бо тобиши маъноии маҷозӣ воҳӯрд ва ҳам дар матни илмӣ-когрузорӣ бо вазифаи мушаххас ва номинативӣ. Омили дигаре, ки дар мақолаи мазкур ишора шудааст, ин истилоҳшавӣ мебошад. Ба омили истилоҳшавӣ ҳамон истилоҳоте шомил ҳастанд, ки якмаъно, саҳеҳ ва мушаххас вазифаи номинативиро иҷро менамоянд ва танҳо дар матнҳои илмӣ ба назар мерасанд. Инчунин, дар мақола омили ҳазфи истилоҳро метавон мушоҳида намуд, ки истилоҳоти мушаххаси илмӣ дар забони умумӣ шакли маҷозӣ, тавсеаи маъно ё истифодаи ғайритахассусӣ пайдо мекунанд. Омили дигаре, ки дар мақола зери таҳқиқи қарор гирифтааст, таҷдиди истилоҳ мебошад. Таҷдиди истилоҳро чун омонимияи байнисоҳавӣ меноманд, зеро як истилоҳ метавонад дар ду ва зиёда низоми истилоҳот истифода гардад. Агар истилоҳоти лингвостилистикаро зери таҳқиқ қарор диҳем, бештари онҳо аз илми забоншиносӣ ва услубшиносӣ таҷдиди истилоҳ шуда, ба илми лингвостилистика ворид гаштаанд. Яқ қисми истилоҳоти лингвостилистика аз илмҳои асосии забоншиносӣ ва фалсафа иқтибос гирифтаанд, ки дарак аз омили таҷдиди истилоҳ аст.

Калидвожаҳо: тарҷумашиносӣ, истилоҳшиносӣ, терминоид, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ, таҷдиди истилоҳ, вазифаи номинативӣ, якмаъноӣ.

ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ ТЕРМИНОЛОГИЗАЦИИ, ДЕТЕРМИНОЛОГИЗАЦИИ И РЕТЕРМИНОЛОГИЗАЦИИ НА ПРОЦЕСС ПЕРЕВОДА

В данной статье рассматривается процессы изменения функционального свойства терминов, что может вызвать трудности в процессе перевода. Терминологические единицы, прежде чем взять на себя функцию термина, используются в терминоидной форме, так как их можно встретить, как в художественных текстах с оттенком метафорического значения, так и в научно-деловых текстах, где они выполняют конкретную номинативную функцию. Другим фактором, упомянутым в данной статье, является терминологизация. К фактору терминологизации относятся такие термины, которые однозначно, точно и конкретно выполняют исключительно номинативную функцию, и они встречаются только в научных текстах. В статье также рассматривается фактор детерминологизации, при котором конкретные научные термины, в общем языке преобретают метафорическую форму, предложение значения или неспециализированное употребление. Ещё одним фактором, рассматриваемым в статье, является ретерминологизация. Ретерминологизацию называют межотраслевой омонимией, так как один и тот же термин может использоваться в двух и более терминологических системах. Если исследовать термины лингвостилистики, выявляется, что большинство из них произошли из таких наук, как лингвистика и стилистика, и пройдя процесс ретерминологизации, они вошли в область лингвостилистики.Часть терминов лингвостилистики заимствована из фундаментальных наук, таких как лингвистика и философия, что свидетельствует о наличии фактора ретерминологизации.

Ключевые слова: переводоведение, терминоведение, терминоид, терминологизация, детерминологизация, ретерминологизация, номинативная функция, однозначность.

THE INFLUENCE OF TERMINOLOGIZATION, DETERMINOLOGIZATION, AND RETERMINOLOGIZATION FACTORS ON THE TRANSLATION PROCESS

This article analyses the processes of changes in the functional properties of terms, which may create difficulties in the translation process. Terminological units, before assuming the function of a term, are used in a terminoid form, as they can be found both in literary texts with a touch of metaphorical meaning and in scientific and business texts, where they perform a specific nominative function. Another factor mentioned in this article is terminologization. This factor includes terms that unambiguously, precisely, and specifically perform an exclusively nominative function and are found only in scientific texts. The article also analyses the factor of determinologization, in which specific scientific terms acquire a metaphorical form, an extended meaning, or non-specialized usage in general language. Another factor examined in the article is reterminologization. Reterminologization is referred to as intersectoral homonymy, as the same term can be used in two or more terminological systems. When analyzing terms in linguostylistics, it becomes evident that most of them originate from fields such as linguistics and stylistics. After undergoing the process of reterminologization, these terms have entered the domain of linguostylistics. Some linguostylistic terms have been borrowed from fundamental sciences such as linguistics and philosophy, which indicates the presence of the reterminologization factor.

Keywords: translation studies, terminology studies, terminoid, terminologization, determinologization, reterminologization, nominative function, unambiguity.

Дар бораи муаллиф
Кесамирова Саодат Рустамовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи англис
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
E-mail: skesamirova@gmail.com

Об авторе
Кесамирова Саодат Рустамовна
Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры английского языка
Таджикский международный университет иностранных языков им. С. Улугзаде
734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: skesamirova@gmail.com

About the author
Kesamirova Saodat Rustamovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of English Philology Department
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhamadiev, Str., 17/6
E-mail: skesamirova@gmail.com

ТДУ 811.111.+811.21/.22

НИГОҲЕ БА РОҲУ УСУЛҲОИ ТАСНИФИ ИСТИЛОҲОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Мусоямов З. М.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар забоншиносии муқоисавии тоҷик низ таҳқиқоти илмии як қатор олимон ва забоншиносонро оид ба омӯзиши муқоисавии лексика ва истилоҳоти компютерӣ, аз ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ёдовар шудан мумкин аст, ки аз тарафи Т. Шарипов, П. Г. Нуров, Т. К. Ҷураев, Ҳ. А. Асламов ва муаллифи ин мақола анҷом дода шудаанд. Таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик ба масъалаи муаммоҳои омӯзиши истилоҳоти компютерӣ дар солҳои охир тавсеа ёфта, дар ин самт як қатор диссертатсияҳои арзишманд рӯйи кор омаданд.

Аз ҷумла, соли 2003 Т. Шарипов ба забони русӣ таҳти унвони «Компьютерная лексика таджикского языка: структурно-семантический анализ (Лексикаи компютерии забони тоҷикӣ: таҳлили сохторӣ ва маъноии он) диссертатсия ҳимоя намуд, ки дар он сухан дар бораи истилоҳоти соҳаи марбут ба иттилоот ва технологияи низоми компютерӣ рафта, ташаккул ва таҳаввулоти истилоҳоти компютерӣ, таҳлили луғавӣ, маъноӣ ва сохтори грамматикии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин росто, муҳаққиқ бар он назар аст, ки баробари рушду инкишофи технологияи коммуникатсионӣ дар ҳама соҳаҳои илм ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир истилоҳоти нав ногузир ба вуҷуд меоянд, яке аз онҳо соҳаи истилоҳоти компютерӣ буда, таҳқиқ ва омӯзиши он мубрам ва зарурист [1818, с. 160].

Ҳамчунин, соли 2017 таҳқиқоти диссертатсионии мо таҳти унвони «Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти нармафзори компютерӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» (Структурносемантический анализ терминов программного обеспечения компьютера (на материалах таджикского и английского языков) вобаста ба масъалаҳои мубрам ва проблемаҳои марбут ба лексика ва истилоҳоти нармафзор ва барномаҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ рӯйи кор омад, ки ба ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами истилоҳоти компютерӣ бахшида шудааст [1515, с. 63].

Соли 2019 рисолаи илмии дигаре таҳти унвони «Таҳлили вижагиҳои калимасозии истилоҳоти технологияи компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (Словообразовательный анализ терминологии компьютерной технологии в таджикском и английском языках) аз ҷониби Ҳ. Асламов ҳимоя гардид, ки ба масъалаҳои системаи истилоҳоти компютерӣ ва роҳҳои калимасозии он бахшида шуда, роҳҳои калимасозӣ ва падидаи сермаъноии истилоҳоти компютериро мавриди омӯзиш қарор додааст [66, с. 164].

Ғайр аз омӯзиши истилоҳоти компютерӣ, дар забоншиносии муқоисавии тоҷик як қатор таҳқиқоти донишмандон, ба монанди Л.Ш. Рачабов, Х.У. Уралов, Т.Р. Мамадрасулова, М.М. Бекмуродов, С. Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, З. Мирзоев, А.И.Юсупов, Г.Г. Нуров, С.С. Ҷоматов, З.А. Валиева, С. Собирова, Д.А. Ҳайдарова, Ҳ.А. Саидов ва дигарон мавҷуданд, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқи мо то андозае иртибот доранд.

Масъалаҳои назариявии истилоҳшиносиро дар корҳо ва мақолаҳои илмию назариявии муҳаққиқони забоншиноси хориҷиву ватанӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дастовардҳои илмии олимон аз қабили Т. Шарипов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Г. Довудов, Ҳ.А. Асламов, А.Б. Кутузов, И.В. Любитская, Е.Е. Смирнов, П.А. Горшков, Ф.О. Смирнов, М.И. Мехеда, ЕА. Савелев, М.О. Семёнов, В.С. Вахитов, Е.В. Лушникова, З.М. Ефендиева, Н.С. Бондарева, А.А. Сосновская, М.В. Москалёва, Л.Ю. Королева, А.Х. Гатсолаева, А.В. Стахеева, Н.А. Кудинова, Э.С. Карпов, С.Г. Михейгина, Е.А. Свиридова, И.Е. Гутман, А.С. Рибакова, Е.Е. Тимофеева, Н.С. Иванова, М.А. Ярмашевич, Ф.Т. Грозданов, Е.Н. Гутс, О.В. Обухова, О.А. Кармизова, Д. Зауташвили ва П.В. Часовский дар самти таҳлил ва шинохти истилоҳоти технологияи иттилоотӣ (ТИ) назаррас мебошанд. Дар ин таҳқиқотҳо доираи васеи масъалаҳои марбут ба истилоҳоти ТИ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла ташаккул ва таҳаввули бахши махсуси истилоҳот ва лексикаи компютерӣ; таърихи ташаккули лексикаи компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ; классификатсия ва таснифу гурӯҳбандии истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ; роҳу усулҳои аз як забон ба забони дигар иқтибос шудани ин истилоҳот; сохтори истилоҳоти компютерӣ, хусусиятҳои махсус ва

фарқкунанда, калимасозӣ ва вижагиҳои махсуси онҳо дар забонҳои гуногунсохтор масъалаҳое мебошанд, ки мавриди баррасии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ қарор гирифтаанд.

Аммо, бо вуҷуди ин, ҳанӯз паҳлуҳои нокушода ва ба таври бояду шояд баррасӣ нагардидаи истилоҳоти ТИ боқӣ мондаанд, ки баррасии онҳо дар забоншиносии муосири тоҷик мубрам ва амри ногузир ба назар мерасад.

Бо пешрафти илму техника ва, махсусан, технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ ва падид омадани навъҳои нави расонаҳо, почтаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ технологияи иттилоотӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии рӯзмарраи аксари одамон табдил ёфт ва ин амр боиси он гардид, ки мутахассисони соҳавӣ дар ин замина ба фаъолият оғоз намоянд. Фаъолияти мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотӣ ва доираи муошират касбии онҳо боиси эҷод гардидани қабати махсусе дар дискурси компютерӣ гардид, ки дар як муддати кӯтоҳ шомили фонди назарраси луғавӣ гардида, ҷузъи ҷудонашавандаи доираи умумии муошират одамон гардидааст. Ин истилоҳот ба тадриҷ, аммо бо суръати хеле чашмгир, аз доираи истифодаи маҳдуд ба мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотӣ баромада, ба фонди луғавии ҳамаи истифодабарандагон ворид гардиданд ва ҳатто ба гурӯҳи вожаҳои умумиистеъмол дохил шудаанд.

Бояд иқрор шуд, ки ин раванд як раванди динамикӣ ва доимо пешрафткунанда буда, дар даҳсолаҳои охир суръати пешрафти технологияи иттилоотӣ сабаби пайдо шудани шумораи зиёде аз наввожаҳо ва умуман истилоҳоти навин дар ин соҳа шудааст.

Имрӯзҳо технологияи иттилоотӣ аз доираи истифодаи маъмулии худ, ки аслан нигоҳдорӣ, бозсозӣ, ирсол ва таҳлили иттилоот мебошад баромада, ба ҷузъ ё унсури ҷудонашавандаи аксари соҳаҳои фаъолияти инсонҳо табдил ёфтааст. Дар замони муосир қариб соҳае ба назар намерасад, ки дар он истифодаи технологияи иттилоотӣ дида нашавад. Ҳамин вазъият ва реалияҳои мадании ҷаҳони муосир, албатта ба соҳаи сабоншиносӣ низ бетаъсир намондааст. Шумори рӯзафзуни истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ ва ҳамагиру фарогир шудани ин истилоҳот забоншиносонро водор намудааст, ки ин қисмат аз лексикаи соҳавиро аз нуқтаи назари соҳаҳои гуногуни забоншиносии мусир мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Дар зери консепти истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ тамоми он истилоҳоте дар назар дошта мешаванд, ки ҳангоми нигоҳдорӣ, интиқол, коркард ва идоракунии маълумот тавассути технологияи иттилоотӣ мавриди истифода қарор мегиранд [11, с. 52-55].

Истилоҳоти ҳар як соҳа таркиби луғавии ба худ хосси ҳамон соҳаи муайяни мавриди назарро фаро мегирад. Дар зери мафҳумҳои “истилоҳ”, “калимаи истилоҳӣ”, “истилоҳи соҳавӣ”, “истилоҳоти махсус” ва амсоли инҳо ҳамон қабати лексикие дар назар дошта мешавад, ки дар ягон соҳаи муайяни фаъолият маъно, мафҳум ва ашёҳои мушаххасро ифода намуда, берун аз соҳаи мавриди назар маънои дигар ва умумиистеъмолӣ доранд. Истилоҳ ҳамеша ба ашё, раванд, фаъолият ва падидаҳое ишорат мекунад, ки намуд, гурӯҳбандӣ ва вижагиҳои худро дар ягон соҳаи муайян доро мебошанд. Вожаҳои “ғайриистилоҳӣ” ё маъмулӣ бошанд, умуман муносибати мафҳумро дар робита бо ашё ифода мекунанд. Дар ҳар як забони зинда ва мавриди истифодаи корбарон шумораи истилоҳоти соҳавӣ хеле зуд мавриди тағйироту таҳаввул ва такомул қарор мегирад ва забони тоҷикӣ ҳам аз ин миён истисно набуда, теъдоди лексикаи соҳавии он ҳамарӯза зиёд мешавад. Мутахассисон бар ин боваранд, ки ин раванд натиҷаи рушди ҷомеа буда, ба қоидаву қонунмандиҳои дохилизабонӣ ирибот надорад. Яъне муносибати иҷтимоӣ ва рушди ягон соҳаи дар ҷомеа худ аз худ ба пешрафти забон дар ин соҳа такон мебахшад [88, с. 54-59].

Марҳилаҳои ташаккул, рушд ва пешрафти технологияи иттилоотиро ба таври мухтасар ба 4 давра ҷудо кардан мумкин аст:

1. Марҳилаи аввал, ки дар он барои ҳуҷҷатнигории соҳа коғаз истифода мешавад;

2. Марҳилаи дуюм бо пайдо шудани МЭҲ алоқаманд аст, ки дар ин марҳила аллакай ҳуҷҷатҳои электронӣ истифода мешаванд;

3. Марҳилаи сеюм бо ҳамагонӣ ва дастраси умум шудани компютерҳои инфиродӣ (ПК) алоқаманд мебошад, ки марҳилаи технологияи нави иттилоотӣ низ номида мешавад;

4. Марҳилаи охир, ки дар он компютерҳои инфиродӣ ва дастгоҳҳои мухталифи компютерикунонидашуда (гадҷетҳои гуногун) ба якчанд манбаъҳо, шабакаҳо ва созвораҳои иттилоотӣ пайваст шудаанд [99, с. 33].

Яке аз истилоҳоти марказии технологияи иттилоотӣ худи мафҳуми “иттилоот” ё “информатсия” мебошад. Назари мутахассисон дар ин робита гуногун буда, онҳо дар

манобеи мухталиф шарҳу иафсир ва тавзеҳу таърифҳои, ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати маъно гуногунро овардаанд. Баррасии ин таърифҳои фаровонро чунин хулоса намудан мумкин аст, ки истилоҳи “иттилоот” тарҷумаи истилоҳи лотинии “Informatio” – шарҳ, тафсир, муаррифӣ мебоашад, ки маълумотеро ифода мекунад, ки аз тарафи фард ё худ корбар тавассути технологияи иттилоотӣ ба фард ё одамони дигар (ба адресат) дар шаклу намудҳои гуногуни рамзию аломатӣ (хаттӣ, шифоҳӣ, символ, сигнал ва ғ.) интиқол дода мешавад. Яъне имрӯзҳо дар зери мафҳуми “иттилоот” ҳама гуна ахбори мубодилашаванда дар шакли натқ, рамзҳо, аломатҳо, нишонаҳо ва монанди инҳо дар назар дошта мешавад [14, с. 7].

Аксар вақт дар зери истилоҳи “иттилоот” хабар, маълумот ва ҳатто илм ва дониш дар назар дошта мешавад. Дар зери мафҳуми маълумот бошад иттилооте фаҳмида мешавад, ки ба воситаҳои гуногун дар байни мухотаб ё мухотабон ба иштирок гузошта мешавад [1414, с. 7].

Дар марҳилаи кунунии рушди технологияи иттилоотӣ корбарон аз теъдоди фаровони истилоҳоти соҳавии соҳаи технологияи иттилоотӣ истифода мебаранд. Дар мавриди мо, истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ он истилоҳот, яъне вожаҳои махсуси соҳавие мебошанд, ки бо технологияи компютерӣ ва барномасозию таъминоти барномавӣ марбут мебошанд. Истилоҳи “технологияи иттилоотӣ” нисбат ба мафҳуми “технологияи иттилоотию мухобиротӣ” доираи маъноии маҳдудтар дорад. Мафҳумо “технологияи иттилоотию мухобиротӣ” дорои майдони майноии васеътар буда, ҳама гуна дастгоҳҳои ахборотиро бо шумули радиою телевизор ва дастгоҳҳои алоқаи мобилӣ ифода мекунад. Маъмулан истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотиро пеш аз ҳама аз рӯйи соҳаи корбарӣ ва дастгоҳҳо тасниф мекунанд. Ҳар як компютер аз қисматҳо иборат мебошад, ки онҳоро шартан ба дастгоҳҳо ва барномаҳо тақсим кардан мумкин аст. Яъне ҳамаи истилоҳоти технологияи иттилоотиро пеш аз ҳама ба истилоҳоти соҳаи “сахтафзор” ва “нармафзор” ҷудо мекунанд. Истилоҳоти бахши “сахтафзор” шомили истилоҳоти аппаратӣ, дастгоҳӣ ва қисматҳои замимавӣ мебошанд. Истилоҳоти соҳаи “нармафзор” ба барномаҳо далолат мекунанд. Пасон ин ду гурӯҳи бузург ба зергурӯҳҳо тақсим карда мешаванд [13, с. 16].

Яке аз муҳаққиқони соҳа И.Л. Комлева истилоҳоти соҳаи мазкурро мариди омӯзиш қарор дода, таснифоти ҷолиберо пешниҳод намудааст, ки дар он истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ба таври зерин таснифи худро ёфтаанд:

- Истилоҳоти умумӣ, ки фарогири истилоҳоти маълумоти бунёдӣ доир ба пайдоиш, истеҳсол, давраҳои инкшоф ва тамғаву моделҳои гуногуни компютерҳо мебошад.
- Истилоҳоти соҳаи сахафзор, ки шомили асбоб, дастгоҳ, қисматҳо, ҷузъҳои таркибӣ ва қисматҳои замимавӣ мебошад.
- Истилоҳоти соҳаи нармафзор, ки барномаҳо, низоми амалиётӣ, таъминоти барномавӣ ва барномаҳои маъмулӣ ва стандартиро фаро мегирад.
- Истилоҳоти барномасозӣ, ки шомили истилоҳоти барномасозӣ, барномаҳо, алгоритмҳо ва коркарди маълумот мебошад.
- Истилоҳоти системавӣ, ки амалҳо ва функсияҳои низоми каркарди иттилоотро фаро мегирад.
- Истилоҳоти технологияи компютерӣ, ки воҳидҳои луғавии марбут ба ахборот, технологияи омехта ва амсоли инҳоро фаро мегирад.

Ҳар кадоми ин гурӯҳҳоро дар навбати худ метавон ба бахшу зербахшҳои алоҳида ҷудо намуд [1313, с. 114].

Гурӯҳҳои дар боло зикргардидаро, ки дар умум маҷмуи истилоҳоти технологияи иттилоотиро ташкил мекунанд, муҳаққиқи соҳа И.Л. Комлева вобаста ба аломатҳои маъноӣ ва сохторӣ ба қабатҳои зерин ҷудо намудааст:

- Дастгоҳҳо (disk, hard disk, flash card – диск, диски сахт, флешкарта/бадалхотира);
- Протсессҳо (play, download, copy, record – иҷро, боргирӣ, нусха, сабткардан);
- Ченакҳо ё андозаҳо (bit, byte, pixel – бит, байт, пиксел);
- Нишонаҳо (desktop, operation system - мизи корӣ, системаи амалиётӣ) [13, с. 114].

Таснифи истилоҳати сохаи технологияи иттилоотӣ ба мо имкон медиҳад, ки маҷмуи фаровони истилоҳотро ба соҳаҳои нисбатан хурд, бар асоси хусусиятҳои муштаракашон ҷудо намуда, зимни таҳлилу баррасии намунаҳои мушаххас аз ҳар кадом гурӯҳ ё зергурӯҳу баъшҳо маълумоти умумӣ дар бораи ҳамаи воҳидҳои доираи гурӯҳи мавриди назарро ба даст биёрем.

Миқдори зиёди истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ асосан аз забони англисӣ ба забонҳои дигар ба ҳайси вомвожа ё худ иқтибос гирифта шудаанд. Гурӯҳи назаррасе аз ин истилоҳот аз вожаҳои аслат лотинӣ ва юнонӣ сохта шудаанд ва ба гурӯҳи истилоҳоти интернатсионалистӣ дохил мешаванд (Масалан: scan, interface, monitor ва ғ.).

Бо вуҷуди ин дар забонҳои мухталиф, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ низ кӯшишҳое барои тарҷумаи онҳо ба харҷ дода мешаванд. Муҳаққиқи соҳаи истилоҳшиносӣ Н. Равжаа роҳу усулҳои зеринро пешниҳод намудааст:

1) Усули тарҷума. Бештари истилоҳот маҳз тавассути усули тарҷума, махсусан бо роҳҳои транскрипсия ва транслитератсия ва гоҳо бо роҳи калкасозӣ аз як забон ба забони дигар интиқол дода мешаванд. Дар забони тоҷикӣ ҳам ҳамин манзара дида мешавад. Аксари истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ аз забони англисӣ бо ҳамин роҳҳо тарҷума карда шудаанд. Масалан истилоҳи “home page” – “саҳифаи хонагӣ” (калкасозӣ) ва “асосӣ” (тарҷумаи маъноӣ) шудааст. Аммо истилоҳи “Random Access Memory” – “хотираи дастрасии тасодуфӣ” (калкасозӣ) ва шакли ихтисоравии он “RAM” – РАМ (транслитератсия) шудааст.

2) Усусли такя ба забони модарӣ. Дар ин усул аз иқтидори забонии забони модарӣ ва роҳҳои калимасозии он истифода мешавад, ки онро истилоҳсозӣ ва гоҳо истилоҳофаринӣ низ номидаанд. Ҳангоми тарҷума дар забони тоҷикӣ истилоҳе сохта мешавад, ки ба қоидаву қонуниятҳои забони тоҷикӣ пурра мутобиқат мекунад. Масалан scan – нусхабардорӣ.

3) Усусли табдил. Дар ин усул калимаҳо аз сатҳи лексикаи маъмулӣ ба сатҳи истилоҳоти соҳавӣ бардошта мешаванд. Ҳангоми истифодаи ин усул калимаҳои маъмулӣ дар доираи соҳаи муайяни илм маънои махсус ва мушаххас пайдо мекунанд. Масалан “хона”, “асосӣ”, “пойгоҳи додаҳо”, “боргирӣ” ва ғ.

4) Усусли иқтибоси соҳавӣ. Истилоҳи як соҳаи илм ба соҳаи дигари илм дар дохили як забон иқтибос карда мешавад. Масалан “иттилоот” аз соҳаи маърифатшиносӣ ва илмшиносӣ (гносеология ва эпистемология) ва ё “шабакаи иҷтимоӣ” аз сотсиология гирифта шудаанд [16].

Дар забони тоҷикӣ аз роҳу усулҳои дар боло зикргардида ба таври фаровон истифода мешавад. Мисол, истилоҳи “нармафзор”, ки мураккаб аз ду решаи “нарм” ва “афзор” аст, дар асли англисияш ҳам айнан аз ду решаи “soft” ва “ware” сохта шудааст ва маънои “нарм” ва “афзор, асбоб, олот”-ро ифода мекунад. Яъне ин истилоҳ тарҷумаи таҳтуллафзи истилоҳи асл мебошад. Истилоҳоти “slide” – “слайд”, ва “cartridge” - “картридҷ” транскрипсия шудаанд. Ҳангоми чунин интиқоли истилоҳот аз як забон ба забони дигар қонуниятҳои фонологию морфологии забони иқтибоскунанда ба назар гирифта мешавад.

Истилоҳоти web - сомона, SMS – паёмак бошанд, аз рӯйи усули такя ба забони модарӣ сохта шудаанд. Истилоҳи 3D format ҳамчун формати 3D тарҷума шудааст, ки аз як ҷиҳат транскрипсия бошад ҳам, аз тарафи дигар илова намудани бандаки изофии –и ва иваз кардани мавқеи ҷузъҳо ба ин истилоҳ шакли тоҷикӣ додааст [1616].

Итилоҳшиноси машҳур А.С. Герд усули хронологиро пешниҳод карда, зимнан таъкид намудааст, ки “Шарҳи истилоҳотро танҳо аз фарҳанги истилоҳот пайдо намуда ва ташаккули онҳоро дар матнҳои илмӣ мушаххас он бояд таҳқиқ кард” [88, с. 25].

Тағйирёбии ҳар як воҳиди лексикиро дар забоншиносии муосир дар асоси се нишондиҳанда баррасӣ менамоянд: сохторӣ, маъноӣ ва корбурдӣ [66, с. 169].

Дар хулоса бояд таъкид намуд, ки ҳамагонӣ ва дастраси умум шудани копмютерҳои инфиродӣ (ПК) ва густариши босуръати технологияи иттилоотӣ, инчунин пайдоиш ва ҳамагир шудани шабакаҳои интернетӣ натиҷаи инқилоби илмӣ-техникӣ буда, таъсири худро бар соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон, махсусан дар соҳаи нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, расонидааст. Ин пешрафти илму техника сабаби пайдоиш ва рушди забони соҳавӣ дар ин соҳа шуда, дар он миқдори фаровони истилоҳот мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин амр боис шудааст, ки забоншиносон ва истилоҳшиносон истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотиро ба ҳайси падидаи ҳам нав ва ҳам хеле мубрам ва ногузири забоншиносии муосир мавриди баррасию таҳқиқу пажӯҳиш қарор диҳанд.

Барои расидан ба мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ, муҳаққиқони соҳа роҳу усулҳои зиёди таснифу тавсифи ин қабати лексикиро пешниҳод намудаанд. Аз байни роҳу усулҳо усули таснифоти соҳавӣ, таснифоти сохторӣ, таснифоти маъноӣ, таснифоти корбурдӣ ё функсионалӣ аз ҳама усулҳои ба мақсад мувофиқ мебошанд. Таҳлили истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ дар заминаи таснифоти гуногун ба мо имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама дарки дақиқе аз ин истилоҳот дошта бошем ва, зимнан, ҳангоми тарҷума, истилоҳгузинӣ,

истилоҳсозӣ ва танзим ва коркарди истилоҳот ба забони модарӣ ба ҳадафи худ баосонӣ бирасем.

Адабиёт

1. *Антиномова, О. Страсти по словарям / О. Антиномова // Компьютерра. – М., 2002. - № 48.- С. 424-426.*
2. *Аракин, В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. – М.: Просвещение, 1989.-254 с.*
3. *Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М.: Просвещение, 1995.–328 с.*
4. *Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В Арнольд. – М.: Книжный дом «ЛИБЕРОКОМ», 2010.–448 с.*
5. *Арутюнова, Н.Д. Введение / Логический анализ языка. Модели действия. / Н.Д.Арутюнова. – М.: Наука, 1992.–314 с.*
6. *Асламов, Х.А. Словообразовательный анализ терминологии компьютерной технологии в таджикском и английском языках, дис. канд. филол. наук: 10.02.19 / Х. А. Асламов. – Душанбе. - 2019. – 164 с.*
7. *Аслитдинова, Р.Н. Словообразование терминов (биологических) в разносистемных языках (на материале современных китайского и таджикского языков). АКД. / Р.Н. Аслитдинова. - Душанбе, 2007. - 169 с.*
8. *Герд, А.С. Язык науки и техники как объект лингвистического изучения // науч. докл. высш. шк. филол. науки / А.С. Герд. - 1986. – №2. – С. 54– 59.*
9. *Иопа, Н.И. Информатика (для технических направлений): учебное пособие. – М.: КНОРУС, 2012. – 472 с.*
10. *Искандарова, Д.М. Фазовые конструкции в таджикском языке / Д.М. Искандарова. – Душанбе, 1997.–108 с.*
11. *Кадырбекова, Д.Х. Происхождение терминов информационных технологий в английском языке / Д.Х. Кадырбекова // Вестник Челябинского государственного университета. – 2013.–№ 20 (311).–С. 52−55.*
12. *Как работать над терминологией: Основы и методы. – М.: Наука, 1968. – 124 с.*
13. *Комлева, И.Л. Принципы формирования русской компьютерной терминологии: Дис.…канд. филол. наук. / И.Л. Комлева. — М., 2006.–221.*
14. *Михеева, Е. В. Информационные технологии в профессиональной деятельности: учеб. пособие для студ. сред. проф. образования / Е. В.Михеева. - М.: Издательский центр «Академия», 2008.—384 с.*
15. *Мусоямов, З.М. Структурно-семантический анализ терминов программного обеспечения компьютера (на материалах таджикского и английского языков): дис. канд. филол. наук. / З.М. Мусоямов. – Душанбе, - 2017.–203 с.*
16. *Равжаа, Н. Обучение монгольских студентов-нефилологов (программистов) рецепции и продукции текстов, содержащих дефиниции компьютерных терминов: автореф. дис. д-ра пед. наук. / Н. Равжаа. — М., 2009 – 364 с.*
17. *Смирнов, Е.Е. Особенности передачи англоязычной терминологии в области электронной бытовой техники. дис. канд. филол. наук: 10.02.20 / Смирнов Е. Е. – М., 2007.–156 с.*
18. *Шарипов, Т. Компьютерная лексика таджикского языка. дис. канд. филол. наук. / Т. Шарипов. – Душанбе, 2003.–160 с.*
19. *Habrahabr. Коллективный блог Хабрахабр [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: URL: www.https://habrahabr.ru*
20. *Мультитран [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: URL: www.http://multitran.ru /c/m.exe?a=1&SHL=2/*

НИГОҲЕ БА РОҲУ УСУЛҲОИ ТАСНИФИ ИСТИЛОҲОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами истилоҳшиносӣ, яъне масъалаи роҳу усулҳои таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола зимни баррасии масъалаи мавриди назар, аҳамият ва дараҷаи омӯхта шудани мавзуъро дар забоншиносии муосир, махсусан бо такя ба корҳои анҷомёфта дар асоси маводди забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нишон додааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ нишон дода шудааст. Фикру мулоҳизаҳо вобаста ба таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, бо такя ба андешаҳои муҳаққиқони пешин, нишон дода шудааст. Дар мақола зикр гардидааст, ки яке аз роҳҳои нисбатан маъмули таснифоти истилоҳоти мазкур ин гурӯҳбандии мавзуии онҳо вобаста ба зерсоҳаи истифодаи онҳо мебошад. Яъне истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ба истилоҳоти умумӣ, сахтафзор, нармафзор, барномасозӣ, кори системаи компютерӣ ва технологияи

компютерӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳамчунин методҳои дигари таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ нишон дода шуда, ҳар кадоми онҳо бо мисолҳои мушаххас асоснок гардидаанд.

Калидвожаҳо: технологияи иттилоотӣ, истилоҳшиносӣ, истилоҳот, забоншиносӣ, роҳҳо, усулҳо, тасниф, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

ВЗГЛЯД НА СПОСОБЫ КЛАССИФИКАЦИИ ТЕРМИНОВ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Данная статья посвящена одному из важных и актуальных вопросов терминологии, а именно вопросу способов и методов классификации терминов информационных технологий. В ходе рассмотрения данного вопроса, автор статьи продемонстрировал то, насколько важным является значения и степень его изучения в современной лингвистике, опираясь на выполненные работы в этом направлении, в частности, используя материалы таджикского, русского и английского языков. Также в данной статье показаны основные этапы развития терминов в области информационных технологий, приведены взгляды и мнения, связанные с классификацией терминов информационных технологий, основанные на рассуждениях предыдущих исследователей. В статье отмечается, что одним из наиболее распространенных способов классификации этих терминов является их тематическая классификация в зависимости от области их использования. То есть термины информационных технологий делятся на общие термины, аппаратное обеспечение, программное обеспечение, программирование, системную эксплуатацию и компьютерные технологии. Также показаны и другие методы классификации терминов информационных технологий, каждый из которых обоснован на конкретных примерах.

Ключевые слова: информационная технология, терминология, термины, лингвистика, способы, методы, классификация, таджикский язык, английский язык.

A LOOK AT THE WAYS AND METHODS OF CLASSIFICATION INFORMATION TECHNOLOGY TERMS

This article is devoted to one of the important issues of terminology, the problem of ways and methods of classification of information technology terms. The author, while discussing the problem of the subject, showed the importance and degree of study of the topic in modern linguistics, especially based on the completed works based on the materials of the Tajik, Russian and English languages. Also, this article shows the main stages of the development of terminology in the field of information technology. Opinions related to the classification of information technology terms, based on the opinions of previous researchers, have been shown. It is mentioned in the article that one of the most common ways of classifying these terms is their thematic classification depending on the subfield of their use. That is, the terms of information technology are divided into general terms, hardware, software, programming, and system operation and computer technology. Other methods of classification of information technology terms are also shown, and each of them is based on specific examples.

Keywords: information technology, terminology, terms, linguistics, ways, methods, classification, Tajik, English.

Дар бораи муаллиф
Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забони англисӣ
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода
734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
E-mail: zubaidullo@gmail.com

About authors
Musoyamov Zubaidullo Muminshoevich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Dean of English faculty
Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda
734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhamadiev str., 17/6
E-mail: zubaidullo@gmail.com

Об авторе
Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич
Кандидат филологических наук, доцент, декан факультета английского языка
Таджикский международный университет иностранных языков им. С. Улугзаде
734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: zubaidullo@gmail.com

УДК 811.511.141’367.625

ТАДЖИКСКИЕ ЭКВИВАЛЕНТЫ РУССКИХ ДЕЕПРИЧАСТИЙ В ПРАКТИКЕ ПЕРЕВОДА (на материале художественных произведений)

Джабборова М. Т.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Сопоставительное изучение грамматических явлений в различных языках приобретает особую значимость при анализе материалов, извлечённых из реальных переводов, поскольку они позволяют выявить не только формальные и функциональные сходства, но и углублённые различия между языками. Одним из эффективных методов такого анализа является исследование переводов деепричастных конструкций, которое позволяет установить типовые способы передачи добавочного действия в типологически различных языках.

Русский и таджикский языки, несмотря на свою принадлежность к индоевропейской языковой семье, представляют собой системы с различной морфологической структурой: русский язык относится к флективным, а таджикский – к аналитическим языкам. Это обстоятельство предопределяет наличие как общих, так и специфических особенностей в грамматическом строе, включая область неличных форм глагола, к которым относится деепричастие.

Деепричастие в русском языке, обладая признаками глагола и наречия, служит для обозначения добавочного действия по отношению к основному действию, выраженному сказуемым. В таджикском языке аналогичную функцию выполняет так называемый «феъли ҳол», который, в отличие от русского деепричастия, не имеет категории вида, но сохраняет залоговые и временные характеристики.

Настоящее исследование направлено на описание и анализ способов перевода русских деепричастных конструкций на таджикский язык с целью выявления типичных эквивалентных форм, соответствующих структурных преобразований и особенностей функционального соответствия. Особое внимание при этом уделяется грамматической природе деепричастия в каждом из языков, его синтаксическим функциям, а также степени сохранения семантического и стилистического содержания в процессе перевода.

Введение анализа деепричастных конструкций на материале параллельных текстов позволяет глубже понять механизмы межъязыкового соответствия и расширить представление о специфике перевода грамматических структур в условиях разноструктурных языковых систем.

Сопоставление предложений, словосочетаний, слов на материале перевода с одного исследуемого языка на другой считается одним из наиболее действенных приемов методики сопоставительного исследования языков. Это объясняется тем, что сравниваемое явление двух языков в этом случае имеет общее в смысловом разрезе, которое приводит к более многоаспектному обнаружению свойств, как сходства, так и формального и функционального различия, и придает всему анализу большую конкретность именно в тех ситуациях, когда рассматривается и исследуется материал реально существующих переводов [10, с. 20].

Прежде чем исследовать способы перевода русских деепричастных конструкций на таджикский язык и определить эквивалентность в практике перевода, необходимо обратить внимание на некоторые специфические признаки деепричастия, называемого в таджикском языке «феъли ҳол” (дословно “обстоятельственный глагол”), в сопоставляемых русском и таджикском языках, с одной стороны, генетически родственных – членов индоевропейской языковой семьи, с другой, типологически разноструктурных языков.

Деепричастие в русской лингвистике определяется как «второстепенное сказуемое», «придаточное сказуемое», «добавочное действие» и «второстепенное действие». Эта терминология указывает на функциональное сходство деепричастия и придаточных предложений сложноподчиненного предложения. В грамматике таджикского языка деепричастие определяется обычно как «добавочное действие» глагола- сказуемого [1, с. 124; 7, с. 263].

В академических грамматиках обоих языков деепричастие рассматривается как особая (неизменяемая для русского языка) форма глагола, обозначающая добавочное действие,

поясняющее основное действие, выраженное глаголом-сказуемым. Деепричастие, как известно, совмещает грамматические признаки глагола и наречия [14, с. 535; 7, с. 263].

Навоӣ дар таҷрибаи эҷодияш, чунонки худаш иқрор шудааст, ҳам ба таври «Хоҷа Ҳофиз» содиқ будааст, ҳам татаббӯи «ҳазрати Шайх Муслиҳиддини Саъдӣ» кардааст ва ба шеъри Мир Хусраву Абдурраҳмони Ҷомӣ дилбаста будааст. Вале ин татаббӯъ ва ё дилбастагӣ ба шеъри салафҳояш мустақилияти ҳунарии ӯро ҳечвақт зери суол нагузоштааст. Ба андешаи донишманди фақид Раҳим Ҳошим «як маънои татаббӯъ пайҷуст мебошад» [15, с. 166]. Воқеан ҳам дар татаббӯи шоири бузург сухан гуфтан дар илму адаби мо беҳунарӣ не, балки ҳунар ва ҷасорати бузурги шоир шумурда мешуд; шоир гӯё ба қувваозмоӣ мебаромад ва ба шеър гуфта тавонистан, монанди устоди забардаст қодир будани худро нишон додан мехост. Дар шеърҳои тоҷикиаш бештар ба татаббӯи шоирони бузург шеър гуфтани Навоӣ маҳз барои намоиш додани ҳунари худ будааст, на тақлид ва пайравӣ аст.

Аксари адибону муаррихони то Навоӣ забон ва адабиёти форсии тоҷикиро хуб медонистаанд. Бесабаб набуд, ки Навоӣ дар «Муҳокамат-ул-луғатайн»бо сӯзу гудоз ва эҳсоси амиқ навишта буд: «…аммо бек ва мирзодаҳои хуштабъ ва поктабъони соҳибзеҳн ва озодагони қавми турк, чунонки лозим аст, асбоби иштиғолро ороста ва чунон натиҷае табъ нишон дода, натавонистаанд, ки аз он умеди хушгӯӣ доштан мумкин бошад… Турфа ин аст, ки ба тарғибу талқин ва эҳсону таҳсин, чунин подшоҳи сухандон мутобиқат ва мувофиқатро фаромӯш намуда, зодаи нофармонӣ ва залолатро пеш гирифта, аксар, балки ҳама ба форсӣ моил ва дар он забон ба назм қоил гардидаанд» [15, с. 167].

Алишери Навоӣ ин ҳарфҳоро бо афсӯсу надомат аз сари миллатдӯстдориаш нагуфтааст, ба он маънӣ зикр кардааст, ки адабиёт ва забони форсӣ, ар маҷмуъ илму фарҳанги форсӣ буд, ки тафаккури бадеӣ ва илмии туркӣ - ӯзбекиро шакл дод,шоирони баъдии ӯзбекро ҳастии шоирона бахшид. Шоирони ӯзбек то Навоӣ ва баъди Навоӣ шеъри форсии тоҷикиро на дар тарҷума, балки аз нусхаи асл мехонданд. Ин ҷараён минбаъд дар роҳи ташаккулёбии шеъри ӯзбек нақши муассир бозидааст. Аз ин мавқеъ, нақшиадабиёти форсии тоҷикӣ дар ташаккули забони ӯзбекӣ, низоми образҳои шеърии он, шаклҳои шеърӣ хеле бузург ва созанда будааст.

Шоирони ӯзбек, аз ҷумла Навоӣ беш аз ҳама аз мазмуну мундариҷа ва оҳангҳои осори Саъдӣ истиқбол кардаанд. Навоӣ дар осораш борҳо аз Саъдӣ ёд мекунад. Ихлосу иродати шоири бузурги ӯзбек нисбат ба Саъдӣ дар ҳамаи асарҳои ӯ мушоҳида мешавад. Масалан, дар «Лисон-ут-тайр», ки дар пайравӣ аз «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор навишта шудааст, мо чунин сатрҳоро мехонем:

Ёдима мундоқ келур бу можаро,
Ким туфуллият чоғи мактаб аро…
Истабон ташхиси хотир устод,
Назм ўқутурким равон ўлсун савод.
Насрдин баъзе ўқур ҳам достон,
Бу "Гулистон" янглиғу ул "Бўстон"... [6, с. 79].

Навоӣ дар поёни зиндагияш боз ба истиқболи Саъдӣ рафт ва дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ асари арзишманди ахлоқиаш «Маҳбуб-ул-қулуб»-ро навишт. Ба андешаи Е.Э.Бертелс «ин асар тарзи Саъдиро дар «Гулистон» вазъкарда, дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ онро тақвият бахшидааст» [1, с. 192]. Дар «Маҳбуб-ул-қулуб» Навоӣ ҳамон хатти ахлоқиеро, ки Саъдӣ дар «Гулистон» ҳифз кардааст, монанди Саъдӣ «тааммули айёми гузашта» [1, с. 7] карда, таҷрибаи зиндагии худро дар он ғунҷонда ва воқеияти замонаашро қазоват кардааст [1, с. 192]. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки аксари муҳаққиқоне, ки дар бораи асарҳои дар пайравии «Гулистон» навишташуда сухан кардаанд, аз Навоӣ ва асари ӯ «Маҳбуб-ул-қулуб» хомӯш мондаанд. Онҳо танҳо аз «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Хористон»-и Маҷдуддини Ҳофӣ ва «Парешон»-и Ҳабиби Қооniро дар пайравии ин асари Саъдӣ донистаанд. Ҳатто донишманди Ҳинд Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ «Гулистон»-и Саъдиро бо асарҳои зикршуда муқоиса карда, «муқобилаи инҳо, бо «Гулистон»-ро "монанди муқоисаи моҳу шамъ бо хуршед" таъбир кардааст. Шояд ҳамин гуна андешаҳои муболиғаомез боиси кам эътибор додани муҳаққиқон ба асари Навоӣ гашта бошад. Ҳол он ки бе ҳеч муболиға «Маҳбуб-ул-қулуб»-ро яке аз беҳтарин асарҳои дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ таълифшуда метавон ҳисоб кард. Ба андешаи Е.Э.Бертелс «китоб хеле шавқовар аст. Дар он охирин ҳарфи Навоӣ гуфта шудааст. Навоиро ба эҷоди ин асар андешаҳои вазнин сабақ дода буд» [1, с. 192].

Таваҷҷуҳи Навоӣ ба «Гулистон», ки «...зеботарин китоби насри форсист ва шояд дар саросари адабиёти ҷаҳонӣ беназир аст» [11, с. 14], бесабаб набуд. То ин замон чунин як китобе, ки «мавъизаҳои шофӣ (шифобахш) бар силки ибора кашида» шуда бошад «ва доруи

талхи насиҳат ба шаҳди зарофат баромехта» [5, с. 11], дар адабиёти туркӣ вуҷуд надошт, ки «Гулистон»-ро дар нусхаи асл хонда, на як бору ду бор ба он истинод накарда буд, зеро «Гулистон» хеле дертар ба забони туркӣ (ӯзбекӣ) тарҷума шуда буд. Навоӣ низ дар пешравии ин «зеботарин китоби насри форсӣ» китобе навишт, мисли «Гулистон», бо муқаддима ва насри омехта ба шеър, яъне барои ҳар шеър, ҷумла ва матлабе, ки ба наср адо шуда, як ё якчанд шеъри туркӣ ва гоҳе арабӣ шоҳид овардааст, ки маънии мавриди назарро мепарвараd ва балки таъйид, тавзеҳ ва такмил медиҳад ва он ашъори омада аз ашъори худи ӯст, ё гоҳ мазмунро аз шоирони дигар, аз ҷумла, Саъдӣ ба орият гирифтааст. Наср ва шеър дар сабки навишти ӯ ба дараҷаи камол аст. Насри «Маҳбуб-ул-қулуб» воқеан ҳам, мисли «Гулистон»-и Шайхи аҷал «гузашта аз фасоҳату балоғат ва саломату эъҷоз ва матонату истеҳком ва зарофат, ҳама ороишҳои шеъриро ҳам дарбар дорад, ҳатто сачъ ва қофия. Аммо дар ин ҷумла ба ҳеч вачҳ такаллуф ва тасаннӯъ дида намешавад ва комилан табиист, ҳеч ҷо маънӣ фидои лафз шуда ва ҳеч гоҳ лафзе заъиф бар маънӣ овардааст. Ҳар чӣ бар маънӣ аз хотираш мегузарад, бидуни каму зиёд ба беҳтарин вачҳ тамом ва камол ба иборат меоварад ва матлабро чунон адо мекунад, ки хотирро комилан иқноъ (асир) месозад ва даъовили таъсири бурҳон дорад, дар айни ин ки беҳҷат ва масаррат низ медиҳад, каломаш зинати фаровон дорад, аз сачъ ва қофия ва ташбеҳ ва киноя ва истиора ва ҷинос ва муроъоти назир ва ғайри он, аммо ба ҳеҷ вачҳ дар ин саноеъ ифрот ва исроф накардааст» [11, с. 14].

Агар «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Навоиро дақиқан бо «Гулистон»-и Саъдӣ муқоиса кунем, монандиҳои зиёде хоҳем ёфт. Навоӣ низ мисли Саъдӣ ба лафзу пурмаънӣ будани навиштааш эътибори хос медиҳад. Суханони ӯ низ мисли ҳарфҳои Саъдӣ зебоянд. Масалан, Саъдӣ мегӯяд: «Подшоҳе ба дидаи ҳақорат ба тоифаи дарвешон назар кард. Яке аз он миён ба фаросат дарёфт ва гуфт: “-Эй малик, мо дар ин дунё ба ҷайш аз ту камтарем ва ба айш аз ту хуштар ва ба марг баробар ва ба қиёмат беҳтар» [11, с. 96]. Навоӣ низ дар баён ба сабки Саъдӣ пайравӣ намудат , ки намунааш ин аст: «Одил подшоҳ ҳақдин ҳалоиққа раҳматдур ва мамоликка мужиби амният ва рафоҳият» [7, с. 10].

Навоӣ фақат ба ҷиҳатҳои зоҳири «Гулистон» пайравӣ накардааст, балки асари Саъдӣ «аз ҷиҳати моҳият ва шаҳди зарофат» [9, с. 11] низ ба «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Навоӣ таъсири муассир доштааст. Навоӣ дар фасли шашуми «Маҳбуб-ул-қулуб», ки «Назм гулистонининг хуш нағма қушлари зикрида» унвон дорад, хеле ошкор ва босароҳат аз сарчашмаҳои бархурдориаш аз шеъру адаби форсии тоҷикӣ ёдовар мешавад. Ин фасл дар шинохти дидгоҳҳои назарӣ ва амалии Навоӣ доир ба робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек нақшуарзишҳои зиёде дорад.

Алишери Навоӣ ихлосу иродаашро оид ба нағмаҳои хуши гулистони назми форсу тоҷик баён карда, «аввал қадам зикри Амирулмӯъминин Алӣ…» [7, с. 20] мекунад. Сипас, гиреҳҳои мазҳари шеърро боз менамояд ва Шайх Фаридуддини Аттorро «форсӣ иборатда ул жумладин, нозими ҷавоҳири асрор» [7, с. 20] мешиносад. Ба ифодаи ӯ «Мавлоно Ҷалолиддин, яъне Мавлавии Румӣ» [7, с. 20] «ғаввоси баҳри яқин» [7, с. 20] аст. Навоӣ иқрор мешавад, ки «ҷуз инҳо боз ҳам авлиёи огоҳ ва машоих ва аҳлуллоҳ ҳастанд, ки татаббӯи онҳо кардааст» [7, с. 20]. Вай гирифтори «маоний аҳлининг нуктапардози Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозий ва ишқ аҳли гуруҳининг покбози ва покрави Амир Хусрави Деҳлавий ва тасаввуф ва диққат мушкилотининг гиреҳкушойи Шайх Заҳириддин Саноий ва фариди аҳли яқин, Шайх Авҳадуддин ва маоний адосиға лофиз Хожа Шамсиддини Муҳаммадул Ҳофиз» [7, с. 20-21] будааст (тарҷумааш: «Нуктапардози аҳли маонӣ Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ва покбозу покравии гурӯҳи аҳли ишқ Амир Хусрави Деҳлавӣ ва гиреҳкушои мушкилоти тасаввуф ва диқққат Шайх Заҳириддини Саноӣ ва фариди аҳли яқин Шайх Авҳадуддин ва лофизи маъниофар Хоҷа Шамсиддини Ҳофиз»). Навоӣ номи гурӯҳе аз шуарои мисли Камоли Исфаҳонӣ, Мавлоно Ҷалолиддин, Хоҷа Камол, Анварӣ, Заҳир, Абдулвосеъ, Асир, Салмони Совачӣ, Носири Бухороӣ, Котибии Нишопурӣ ва Шоҳии Сабзавориро низ бо ихлос ва иродат ба забон мегирад, ки аз нигоҳи ӯ тариқи маҷоз дар шеъри онҳо ғолибият доштааст ва онҳо дар ин сабк роҳнамо будаанд [7, с. 21].

Он чи ки Навоӣ дар «Маҳбуб-ул-қулуб» овардааст, як эътирофи оддӣ нест, балки далели таъсирпазирии ӯ аз осори шоирони форсии тоҷикӣ мебошад. Дар ин миён, чунонки дидем, Навоӣ ба «маоний аҳлининг нуктапардози» [7, с. 20-21] (“Нуктапардози аҳли маонӣ”) Шайх Саъдӣ ихлосу иродати хос доштааст.

Ба таъбири адабиётшинос Э.Шодиев: «Алишери Навоӣ девони ғазалиёти Саъдиро низ мутолиа кардааст. Дар қатори дигар устодони назм аз мактаби эҷодии Саъдӣ низ сабақ гирифтааст. Албатта, ин мутолиаҳо ба шоир бетаъсир набудааст, ба камолоти шоирии вай мадад расонидааст. Вай дар осораш аз тарзи Саъдӣ истифода кардааст» [16, с. 49-50]. Воқеан ҳам, агар мо осори Алишери Навоӣ, аз ҷумла «Маҳбуб-ул-қулуб», «Хамса», «Хазойин-ул-маонӣ» ва «Девони Фонӣ»-ро аз назар гузаронем, дараҷаи ин таъсирро амиқ дарк хоҳем кард. Махсусан, ин таъсир дар равиши ахлоқии Навоӣ пурмаҳсултар ба назар мерасад. Таъсирпазирии Навоӣ дар ин равиш танҳо бо осори Саъдӣ маҳдуд намешавад.

Алишери Навоӣ дар девонҳои «Бадоеъ-ул-васат», «Наводир-ул-шубоб», «Фавоид-ул-кибор» ва осори дигараш аз Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Амир Хусрав, Ҷомӣ ва дигаронро ба такрор ёд мекунад ва муносибати худро ба шеъри онҳо баён менамояд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки адабиётшинос Ҳ. Сулаймон ҳангоми баррасии ғазалҳои ҷавобияи Навоӣ (Фонӣ) ба ашъори классикони адабиёти тоҷикии форсӣ теъдоди ғазалҳои ҷавобияро муайян намудааст, ки аз 554 ғазали девони мазкур 237 ғазал дар ҷавоб ва пайравии Ҳофизи Шерозӣ, 52 ғазал дар ҷавоби Абдураҳмони Ҷомӣ, 33 ғазал дар пайравии Амир Хусрави Деҳлавӣ, 25 ғазал дар пайравии Саъдии Шерозӣ, 5 ғазал дар пайравии Мавлоно Котибӣ, 5 ғазал дар пайравии Мавлони Шоҳӣ, 4 ғазал дар пайравии Камои Хуҷандӣ ва дигарон иншо шудааст [13, с. 157].

Дар мавриди таъсири Саъдӣ ба эҷодиёти шоирони ӯзбек, аз ҷумла Навоӣ танҳо бо «Маҳбуб-ул-қулуб», ки бевосита дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ навишта шудааст, наметавон маҳдуд шуд. Ин таъсир аз доираи як асар берун рафта, ба тамоми осори муаллими ахлоқ марбут мешавад. Аз ҷумла, вақте ки осори ахлоқии Навоиро аз назар мегузаронем, ин таъсир равшантар зоҳир мешавад ва аз назари мавзуъ пурвусъат ва пурмӯҳтавобудани бархурди Навоӣ бо Саъдӣ мушоҳида мешавад.

Навоӣ дар байти зерин ҳукмронони замони худро таълим медиҳад, ки дар кори қатл набояд шитоб кунанд, зеро шитоб дар ин кор пушаймонӣ меоварад, ки дигар ҳаргиз суде нахоҳад дошт:

Бок йӯқ гар кечроқ ӯлур қатл иши,
Ӯлса, сӯзинг бирла тирилмас киши [8, с. 22].

Мазмуни байт чунин аст: Бок нест, агар кори қатл таъхир ёбад; кушташуда бо сухани ту зинда нахоҳад шуд.

Шояд Алишери Навоӣ аз «Бӯстон»-и Саъдӣ илҳом гирифта, панди болоро устодона бо забони модариаш ифода карда бошад. Мазмуни болоро Саъдӣ дар се байт ифода кардааст, ки чунин аст:

Савоб аст, пеш аз кушиш банд кард,
Ки натвон сари кушта пайванд кард [12, с. 37].
Чу хашм оядат бар гуноҳи касе,
Тааммул кунаш дар уқубат басе,
Ки саҳл аст лаъли Бадахшон шикаст,
Шикаста нашояд дигарбора баст [12, с. 28].

Албатта, тамоми осори Навоиро бо эҷодиёти Саъдӣ дар як мақола муқоиса кардан ғайриимкон аст. Дар поён баъзе ҳикматҳои асари Навоиро бо «Гулистон»-и Саъдӣ муқоиса карда, хоҳем дид, ки ин шоири бузург аз дарёи ҳикмати Саъдӣ то куҷо баҳра бурдааст.

Чунонки дар фавқ ишора кардем «Гулистон» дар афкори ахлоқии Навоӣ мақоми босазоеро ишғол кардааст. Маълум мегардад, ки Навоӣ ин китоби арзишмандро ба такрор хонда, мазмуну маънии онро пурра аз худ кардааст. Зеро аз муқоисаи осори Саъдӣ, ба хусус «Гулистон» ва панду андарзи Навоӣ, ки дар тамоми осораш мушоҳида мешавад, метавон ба чунин натиҷа расид, ки Навоӣ бисёре аз ақидаҳои Саъдиро доир ба масъалаҳои мухталифи зиндагӣ гоҳе айнан ва баъзан, бо тағйиру такмил ба ҳамзабонони хеш пешниҳод намудааст.

Аз Навоӣ:

Улки санга элдин зарур айбжӯ,
Элга доғи сендин эрур айбжӯ [8, с. 65].

Мазмуни байт: Он ки айби мардумро ба ту меорад, айби туро низ пеши дигарон мебарад.

Ин байти Навоӣ ҳикмати машҳури Саъдиро ба хотир меоварад, ки дар боби дуюми «Гулистон» оварда шудааст:

Ҳар ки айби дигарон пеши ту оварду шумурд,
Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд [9, с. 59].

Аз наздикии муҳтавои ин пора метавон хулосанамуд, ки Навоӣ аз мазмуну мундариҷаи он илҳом гирифта, онро мувофиқи талабу хусусияти услуби эҷодии худ моҳирона истифода кардааст.

Қардошинг эмас, улки қуйиб бош сенга,
Давлат чоғи қилғай ўзин қўлдош сенга [8, с. 80].

Мазмуни байт: Дўст нест он кас ки сар дар зонуят мегузорад, ҳангоми давлат худро ҳамдасти ту мешуморад.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Ё.Исоқов ва Р.Мусулмонқулов, ба ин назаранд, ки манбаи аслии байти Навоӣ қитъаи машҳури зерини Саъдист:

Дўст машмор, он ки дар неъмат занад,
Лофи ёриву бародархондагӣ,
Дўст он бошад, ки гирад дасти дўст,
Дар парешонҳоливу дармондагӣ [10, с. 35].

Алишери Навоӣ мефармояд:

Музҳик зарур маст чу айлар хурўш,
Сўзни тааммул била дер аҳли ҳуш [8, с. 49].

Мазмуни байт: Музҳик хурўш созад, маст мегардонад, аҳли ҳуш бошад, суханро бо таҳаммул мегўяд.

Мазмуни байти Навоӣ суханони зерини Саъдиро аз дебочаи «Гулистон» ба ёд меоварад:

Сухандони парварда пири кўҳан
Бияндешад, он гаҳ бигўяд сухан.
Мазан бетааммул ба гуфтор дам,
Накў гўй, гар дер гўӣ, чӣ ғам [5, с. 88]?

Навоӣ дар ҷои дигар мефармояд:

Неким қилди жоҳилки, эрди ёмон,
Тутиб аксини, топдим андин осмон [8, с. 52].

Мазмуни байт: Ҳар кори баде ҷоҳил кард, аксашро кардаму раҳо ёфтам.

Ба назар чунин мерасад, ки Навоӣ аз ҳикояти машҳури Саъдӣ, ки дар боби дуюми «Гулистон» овардааст, бохабар будааст. Дар зери таъсири ин ҳикоят байти зикршударо гуфтааст. Саъдӣ мефармояд:

Луқмонро гуфтанд:

- Адаб аз кӣ омўхтӣ?

Гуфт:

- Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам.

Нагўянд аз сари бозича ҳарфе,
К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш.
В-агар сад боби ҳикмат пеши нодон
Бихонанд, оядаш бозича дар гўш [10, с. 101].

Дар боби кам гуфтану хуб гуфтану батакрор нагуфтан шоирони гузашта андарзҳои муфид гуфтаанд. Ин масъала дар «Гулистон»-и Саъдӣ ҷойгоҳи хос дорад. Саъдӣ масъалаи одоб ва тарзи сухан гуфтанро дар бобҳои ҷудогонаи «Гулистон» матраҳ карда, андешаашро ба воситаи ҳикоятҳо ва пораҳои назмӣ таъйид кардааст. Масалан, вай дар боби чаҳоруми «Гулистон» «Дар фавоиди хомўшӣ» ҳикояте оварда, мазмуни онро бо мисраъҳои зерин ҷамъбаст кардааст:

Сухан гарчи дилбанду ширин бувад,
Сазовори тасдиқу таҳсин бувад.
Чу як бор гуфтӣ, магў бозпас,
Ки ҳалво чу як бор хўрдан бас [10, с. 123].

Ҳамин маъниро Навоӣ дар байти зерин ба ин тарз адо кардааст:

Бир деганни икки демак хўпэмас,
Сўз чу такрор топди дилкаш эмас [8, с. 24].

Мазмуни байт: Як гуфтаро бори дуюм гуфтан хуб нест, сухан, ки такрор ёбад, дилкаш нест.

Навоӣ байти дигаре дорад:

Гарчи қуёшдин парвариш олам юзига ом эрур,
Саҳрода қомғоғу тикан, бӯстонда сарву гул битар [8, с. 28].

Мазмуни байт: Гарчи дар парвариши тамоми зинаҳои рӯи олам қувваи офтоб баробар аст, дар саҳро шураву хор, дар бӯстон сарву гул мерӯяд.

Бешак, ҳангоми гуфтани ин байт ҳикмати зерини Саъдӣ манбаи илҳоми Навоӣ будааст:

Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Дар боғ лола рӯяду дар шӯрабун хас [10, с. 201].

Дар боби ҳаштуми «Гулистон», ки «Дар одоби суҳбат» унвон дорад, дар боби бахшишу адолат порае ҳаст ба ин дастур: “Ҳар ки бар зердастон набахшояд, ба ҷаври забардастон гирифтор ояд”.

На ҳар бозу, ки дар вай қуввате ҳаст,
Ба мардӣ оҷизонро бишканад даст.
Заифонро макун бар дил газанде,
Ки дармонӣ ба ҷаври зӯрманде [10, с. 211].

Маънии байти зерини Навоӣ низ аз ҳамин ҳикмати Саъдӣ сарчашма мегирад ва ба зердастон нафъ расонданро таъкид мекунад:

Зердастларга наф еткур, агар тиласанким,
Забардастлардин зарар кӯрмагайсан [8, с. 34].

Мазмуни байт: Агар хоҳӣ, ки аз забардастон зарар набинӣ, ба зердастон нафъ расон.

Алишери Навоӣ дар байти дигар мегӯяд, ки «Агар имкони зарарро бо дирам бартараф кардан мумкин бошад, дар кор таъхир кардан хатост».

Байт:

Агар дирам била бӯлса зарарни қайтармоқ,
Хато дурур киши, ул ишда айламак таътил [8, с. 19].

Саъдӣ дар боби ҳаштуми «Гулистон» ҳикмати зеринро меоварад: «То кор ба зар бармеояд, ҷон дар хатар афкандан нашояд» [10, с. 187].

Аз мутолиа ва муқоисаи ду пораи боло метавон пай бурд, ки ҳикмати Саъдӣ манбаи илҳоми Навоӣ будааст. Агар Саъдӣ аз хатар ҷонро ба воситаи зар халос карданро маслиҳат дода бошад, Навоӣ дар ин кор таъхир карданро сабаби наҷот медонад. Хаёлоти маънавии ҳар ду шоир танҳо аз назари шакл аз ҳам тафовут дорад. Масалан, агар барои Саъдӣ хатар ифодаи мақсаднок бошад, барои Навоӣ зарар, агар Саъдӣ зарро омили наҷот дониста бошад, Навоӣ дирамро ва ғайра.

Алишери Навоӣ дар байте:

“Атласу зарбофт аро нодон аниндек маҳв зарур,
Ким ҳатои сафҳада сабт ӯлди афшонлар аро [8, с. 21]”

таъкид мекунад, ки нодон даруни атласу зарбофт онҷунон маҳв аст, ки ҳатто дар сафҳои зебову пурнақшу нигор.

Ба назари мо, сарчашмаи илҳоми Навоӣ дар ин байт ҳикояти зерини боби сеюми «Гулистон» будааст, ки «Дар фазилати қаноат» ном дорад:

«Аблаҳеро дидам симин, хилъате самин дар бар ва маркабе тозӣ дар зер ва қасаби мисрӣ бар сар.

Касе гуфт:

- Саъдӣ, чӣ гуна ҳамебинӣ ин дебои муаллам бар ин ҳайвони лояълам?

Гуфтам:

- Хатте зишт аст, ки бар оби зар навиштааст».

Қад шобаҳа бил варо ҳиморун,
Иҷлан ҷасадан лаҳу хуворун.

Тарҷумаи байт:

Ҳамон харе ба одамӣ монанд шудааст,
Гӯсолаест, ки садои гов дорад [10, с. 143].

Чунонки мебинем, тафовути байни сухани Саъдию Навоӣ танҳо дар адоти ташбеҳ аст. Саъдӣ аблаҳе бокарру фарро ба хатти безебу носалиси бо оби зар навишташуда ташбеҳ кардаасту Навоӣ нодони атласу зарбофтпӯшро ба хатҳои сафҳаи пурнақшу нигор. Ин ташбеҳҳо, бешак, сарчашмаи ягона доранд.

Дар ҷои дигар Навоӣ илм омӯхта, амал накарданро ба дона пошида ҳосил набардоштан монанд кардааст:

Илм ӯқиб қилмаган амал мақбул,
Дона сочиб кӯтармади маҳсул [8, с. 43].

Саъдӣ дар ҳикмати «Ҳар ки илм хонду амал накард, бад- он монад, ки гов ронду тухм наафшонд», масъалаи илм омӯхта, аз рӯи он амал накарданро ба миён гузошта, ин корро монанд ба он медонад, ки заминро шудгор кунеду тухм напошед. Саъдӣ бо ин ҳикмат дар асоси таҷрибаи зиндагӣ аз ягонагии таҷрибаву амал сухан мегӯяд. Навоӣ низ ҳамин фикрро таъйид карда, илм омӯхта амал накарданро ба тухм пошида ҳосил набардоштан шабеҳ донистааст. Чунонки мебинем, ташбеҳҳои Саъдию Навоӣ якхелаанд. Вале дар тарзи баёни Навоӣ тағйире ҳис карда мешавад. Дар асл ташбеҳкунандаи Саъдӣ (замин шудгор кардану тухм напошидан) аз ташбеҳкунандаи Навоӣ (тухм пошидану ҳосил набардоштан) дида дақиқтару воқеитар аст. Яъне, гурези Навоӣ аз асли тасвири Саъдӣ бо ҳадаф ва эҷодкорона анҷом гирифтааст.

Мавзуи ростиву ростгуӣ аз масъалаҳои муҳими таълимоти ахлоқии гузаштагони мо маҳсуб мешавад, ки сарчашмаи қуръонӣ дорад. Ин масъала барои Саъдӣ низ арзиши махсус дошта, дар «Гулистон»-у «Бӯстон» ҷойгоҳи хос дорад. Саъдӣ дар боби охири «Гулистон» ҳикмати зерро меоварад: «Дурӯғ гуфтан ба зарбати шамшер монад, ки агар низ ҷароҳат дуруст шавад, нишон бимонад, чун бародарони Юсуф, ки ба дурӯғгӯӣ мавсум шудаанд, бо рост гуфтани эшон эътимод намонд».

“Қола бал саввалат лакум анфусакум амран» (тарҷумааш: (Яъқуб) гуфт: балки нафсҳои шумо ин корро биорост):

Якеро, ки одат бувад ростӣ,
Хатое равад, даргузаранд аз ӯ,
В-агар номвар шуд ба қавли дурӯғ,
Дигар рост бовар надоранд аз ӯ [10, с. 207-208].

Ба ин мавзуъ ва маънии зиёд таваҷҷуҳ кардани Алишери Навоӣ реша дар таҷрибаи маънавии саромадони шеъру адаби дарӣ, аз ҷумла таълимоти ахлоқии Саъдӣ дорад. Навоӣ фармудааст:

Ҳар кишининг ким сӯзи ялғон эса,
Айлама бовар неча ким чин деса [8, с. 84].

Мазмуни байт: Ҳар касе ки дурӯғгӯй аст, бовар макун, ҳарчанд рост мегӯяд.

Масъалаи ростӣ ва ростқавлӣ яке аз мавзуъҳои муҳими эҷодиёти Навоӣ буда, байти зерини ӯ низ ба ҳикмати Саъдӣ хеле наздик мебошад:

Кимки, ӯзи айлади ёлғон сӯзин,
Кизб дер эл, чин деса, қолғон сӯзин [8, с. 42].

Мазмуни байт: Ҳар кӣ худ дурӯғгӯй аст, минбаъд рост гӯяд ҳам, мардум кизб гумон мекунанд.

Ин байт на фақат аз ҷиҳати мазмун, балки бо тарзи ифода низ ба гуфтаи Саъдӣ қаробати зиёд дорад.

Навоӣ байти дигаре дорад ба ин мазмун: Шоҳ агар хоҳад, ки подшоҳӣ кунад, бояд ки аз сипоҳу лашкар ҷудо нашавад.

Шоҳ ишлар бӯлса шоҳлик тилмоқ,
Сипоҳидин керакмас айрилмоқ [8, с. 73].

Саъдӣ дар як ҳикояти «Гулистон» меоварад: «...Боре ба маҷлиси ӯ (яке аз мулуки Аҷам) китоби «Шоҳнома» мехонданд дар мамлакати Заҳҳок ба аҳди Фаридун. Вазир маликро пурсид:

- Ҳеҷ тавон донистан, ки Фаридун, ки ганҷу мулку ҳишам надошт, чӣ гуна бар ӯ мамлакат муқаррар шуд?

Гуфт:

- Ончунонки шунидӣ, халқе бар ӯ ба таассуб гирд омаданд ва тақвият карданд, то подшоҳӣ ёфт.

Вазир гуфт:

- Эй малик, чун гирд омадани халқе мӯҷиби подшоҳист, ту мар халқро парешон барои чӣ мекунӣ? Магар сари подшоҳӣ кардан надорӣ?

Ҳамон беҳ, ки лашкар ба ҷон парварӣ,

Ки султон ба лашкар кунад сарварӣ.

Малик гуфт:

-Мӯҷиби гирд омадани сипоҳу раият чӣ бошад?

Гуфт:

- Подшоҳро карам бояд, то бар ӯ гирд оянд ва раҳмат то дар паноҳи давлаташ эмин нишинад ва туро ин ҳар ду асло ҷибиллат нест…» [10, с. 23-24].

Чунонки аз ҳикоят ва байти хулосавии Саъдӣ бармеояд, миёни гуфтаи Навоӣ ва ин ҳикояту байти хулосавӣ қаробати сахти маънавӣ барҷост ва ин ҳодисаи тасодуфӣ ҳам нест. Навоӣ дар чандин ҷо аз ихлосу иродаташ ба Саъдӣ ёд мекунад ва ҳеч тасаввур намешавад, ки вай мутолиаи комиле бар матни осори Саъдӣ, аз ҷумла «Гулистон» надошта бошад. Мазмуни байти боло ва тарзи гузориши масъала бори дигар бар бардошти оқилона ва огоҳона ва эҷодкоронаи Навоӣ аз осори пурҳикмати Саъдӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар мавриди ҳикоят ва байти Саъдӣ, ки иқтибос шуд ва аз мазмуни байти Навоӣ боз метавон афзуд, ки агар Саъдӣ сабаби сарварии султонро дар лашкар дида бошад, Навоӣ, ки ин ҳолатро дар амалияи давлатдориаш бевосита санҷидааст, масъаларо ба таври қатъӣ ва воқеӣ ба миён гузошта, пайванди шоҳро бо лашкар аз воситаҳои устувории давлат ва осоиши раият медонад. Дар ин мисол ва бисёр байту ҳикоятҳои дигар таъсири Саъдӣ бар Навоӣ ошкор аст.

Дар боби сеюми «Гулистон» - «Дар фазилати қаноат» Саъдӣ ба сарнавишти гуруснае талмеҳ мезанад, ки дар биёбоне ҳамёни пур аз марворид меёбаду онро гандумбирён мепиндорад. Роҳ гум карда, аз зод чизе бар ӯ намонда ва «дил бар ҳалок ниҳода» ва ногоҳ кисае пури марворид меёбаду мепиндорад, ки гандумбирён аст. Мард меандешад: «...Ҳаргиз он завқу шодӣ фаромӯш накунам, ки пиндоштам гандумбирён аст, боз он талхию навмедӣ, ки бидонистам марворид аст:

Дар биёбони хушку реги равон,
Ташнаро дар даҳон чи дур, чи садаф.
Марди бетӯша, к-уфтод аз пой,
Бар камарбанди ӯ чи зар, чи хазаф» [10, с. 103].

Навоӣ низ дар ин маънӣ байте дорад, ки мазмунаш ба гуфтаи Саъдӣ монанд аст. Албатта, ин ҷо набояд сухан аз сирқат равад, балки таворуди афкор низ нест. Навоӣ бе ҳеҷ муболиға аз осори Саъдӣ, минҷумла аз байте ҳамчун василаи илҳом истифода карда, маънӣ бардоштааст.Байти Навоӣ ин аст:

Топса киши бодия ичра зулол,
Олтун аёғ қайдау, синғон сафол [8, с. 61] .

Мазмуни байт: Кас дар биёбон оби зулол ёбад, ҷоми заррин куҷову сафоли шикаста.

Саъдӣ дар зимни ҳикояте накӯӣ ба бадонро ситам бар ҷони некон дониста, дар ин боб тамсиле низ меоварад:

Тараҳҳум бар паланги тездандон,
Ситамкорӣ бувад бар гӯсфандон [4, с. 249].

Навоӣ низ ҳамин маъниро ба тариқи зайл ифода кардааст: «Ёмонларға лутфу карам, яхшиларга мужиби зарар ва аламдур» [8, с. 32]. Мазмуни ҳикмат: Ба бадон лутфу карам, муҷиби зарару алами некон аст.

Хулоса, дар заминаи он чиаз таъсири Саъдӣ ба адабиёти ӯзбек, аз ҷумла эҷодиёти Навоӣ гуфта шуд, метавон дар бораи яке аз шаклҳои робитаи адабиёти тоҷикону ӯзбекон – баҳрагирӣ ё худ истифодаи мазмун ва оҳанги осори саромадони адабиёти форсии тоҷикӣ ба адабиёти ӯзбек ба таври густурда ва дақиқ сухан кард. Ин ҳодиса дар адабиёти тоҷику ӯзбек бисёр маъмул буда, таҳқиқи паҳлуҳои нави он барои таърихи адабиёти ҳар ду халқ муҳим ва арзишманд аст.

Дар бобати пайравӣ ва истиқболи Навоӣ аз осори Саъдӣ метавон афзуд, ки ба забони дигар, яъне туркӣ-ӯзбекӣ ифода кардани мазмуну мундариҷаи адабиёти дигар барои Навоӣ ҳамчун «санади эҷодӣ» [3, с. 325] шинохта шудааст. Он чи ки Навоӣ аз Саъдӣ баҳра бурдааст, ин тарҷума ё тақлиди маҳзиосори Саъдӣ нест. Вале ба забони модариаш баён кардани ин андешаҳои Саъдӣ аз тарафи Навоӣ санади вуруди адабиёти тоҷик, аз ҷумла шеъри Саъдӣ ба адабиёти халқи ӯзбек аст, ки худ санади воқеии иртиботи адабиёт ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи Навоӣ дар ин замина ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи пайравии асили эҷодкорона ва ҳам тақлиди муқаррарӣ андеша баён намоем.

Адабиёт

1. *Бертельс Е. Э. Навои и Джами. – Москва: Наука, 1965. – 498 с.*
2. *Бертельс Е. Э. Суфизм и суфийская литература. – Москва: Наука, 1965. –С. 377–421.*
3. *Конрад Н. И. Запад и Восток. – Москва: Главная редакция восточной литературы, 1972. – 495 с.*
4. *Мулло Маъруфҷони Истаравшанӣ. "Гулистон"–и навин нигориши навин ва гӯё бар асари адабиву ахлоқии Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 276с.*
5. *Муҳаммадзода Дж. Саади и узбекская литература. –Душанбе: Олами дониш, 2025. 148 с.*
6. *Муҳаммадзода Ҷ.У. Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек. –Душанбе: Олами дониш, 2025. -174 с.*
7. *Навоий А. Маҳбуб–ул–қулуб, муншаот, вақфия. Ўн беш томлик, ўн учинчи том. –Тошкент: Ғафур Ғулом, 1966. – 242 с.*
8. *Навоий А. Ҳикматлар. (Тўпловчи ва сўзбоши муаллифи С. Муталлибов) – Тошкент: Ғафур Ғулом, 1968. – 86 с.*
9. *Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Дониш, 1988. –214 с.*
10. *Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. –231 с.*
11. *Саъдии Шерозӣ. Куллиёт (Гулистон. Бӯстон, ғазалиёт ва қасоид, қитаъот ва расоил). – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1369. – 1042 с.*
12. *Саъдий Шерозий. Бӯстон. –Тошкент: ЎзССР давлат бадиий адабиёт нашриёти, 1960. – 137 с.*
13. *Сулаймон Ҳ. Навоийнинг "Фоний" девони. - "Шарқ Юлдузи", 1965, №9, 157 с.*
14. *Ўзбек адабиёти тарихи. П том (ХУ асрнинг иккинчи ярми). –Тошкент: Ўзбекистон ССР «Фан» нашриёти, 1977, 177 с.]*
15. *Ҳошим Р. «Муҳокимат–ул–луғатайн» ва мавқеи таърихии он. –Дар кит. : Раҳим Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. – Душанбе: Адиб, 1988. – 161с.*
16. *Шодиев Э. Алишер Навоий ва форс–тожик адиблари. –Тошкент: Ўқитувчи, 1989. – 109 с.*
17. *Henri Masse. Essai syr li poete Saadi, suivi d'une bibliograhie (Таҳқиқ дар бораи Саъдии шоир, ҳамроҳ бо зиндагинома), I vol. in 8, 1–268 – LXII pages–Paris, P. Geuthner, 1919.*

САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВА МИР АЛИШЕРИ НАВОӢ

Мақола ба таъсири мустақими эҷодиёти Саъдии Шерозӣ ба эҷодиёти Мир Алишери Навоӣ бахшида шудааст. Дар он муаллифон хусусиятҳои беназири пайдоиш ва рушди адабиёти ӯзбек дар симои Навоиро таҳлил кардаанд. Яке аз шаклҳои робитаи адабии адабиёти тоҷик ва ӯзбек истифодаи мундариҷа ва оҳанги адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар адабиёти ӯзбек мебошад. Ин падида, ки мундариҷа ва оҳанги асарҳои адабиёти форсӣ-тоҷикиро дар адабиёти ӯзбек ба таври васеъ ва дақиқ тавсиф мекунад, дар адабиёти тоҷик ва ӯзбек хеле паҳн шудааст ва таҳқиқи ҷанбаҳои нави он барои таърихи адабиёти ҳарду кишвар муҳим ва арзишманд аст. Ҳамин тариқ, муаллифон ба шабоҳатҳои сохторӣ ва мазмунии байни асарҳои ин ду шоир пардохтаанд ва нишон додаанд, ки чӣ гуна Навоӣ ҳикмати Саъдиро ба замон ва заминаи фарҳангии худ интибоқ додааст. Таҳқиқот нақши калидии адабиёти форсӣ-тоҷикиро дар ташаккули забон ва низоми шеъри ӯзбекӣ тасдиқ менамояд, инчунин эҳтиромии амиқи Навоиро нисбат ба пешиниёнаш ва саҳми ӯро дар рушди адабиёти миллӣ таъкид меварзад.

Калидвожаҳо: Саъдӣ, «Гулистон», Навоӣ, асар, «Маҳбуб-ул-қулуб», робитаи адабӣ, тоҷикӣ, ӯзбекӣ, аслият, таъсир ва манфиат.

САДИ ШИРАЗИ И МИР АЛИШЕРА НАВОИ

Статья посвящена непосредственному влиянию творчества Саади Ширази на творчество Мир Алишера Навои. В ней авторы проанализировали уникальные особенности зарождения и развития узбекской литературы в образе Навои. Одной из форм литературного взаимодействия таджикской и узбекской литературы является использование содержания и тона персидско-таджикской литературы в узбекской литературе. Это явление, точно характеризующее содержание и тональность произведений персидско-таджикской литературы в узбекской, весьма распространено в обеих литературах. Исследование его новых аспектов важно и ценно для истории литературы каждой из этих стран. Таким образом, авторы рассматривали структурные и содержательные параллели между работами двух поэтов, демонстрируя, как Навои адаптировал мудрость Саади к своему времени и культурному контексту. Исследование подтверждает ключевую роль персидско-таджикской литературы в становлении узбекского языка и поэтической системы, а также подчеркивает глубокое уважение Навои к своим предшественникам и его вклад в развитие национальной литературы.

Ключевые слова: Саади, «Гулистан», Навои, произведение, «Махбуб-уль-кулуб», литературная связь, таджикский, узбекский, оригинал, эффект и польза.

SAADI SHIRAZI' AND MIR ALISHER NAVOI

The article is devoted to the direct influence of Saadi Shirazi's works on the creativity of Mir Alisher Navoi. In it, the author analyzes the specific features of the origin and development of Uzbek literature in the person of Navoi. One of the forms of literary communication between Tajik and Uzbek literature is the use of the content and tone of Persian-Tajik literary works in Uzbek literature. This phenomenon, which widely and accurately expresses the content and tone of Persian-Tajik literary works in Uzbek literature, is very widespread in Tajik and Uzbek literature, and the study of its new facets is important and valuable for the history of the literature of both peoples. Thus, the authors examined structural and substantive parallels between the works of the two poets, demonstrating how Navoi adapted Saadi's wisdom to his own time and cultural context. The research confirms the key role of Persian-Tajik literature in the formation of the Uzbek language and poetic system, and also highlights Navoi's deep respect for his predecessors and his contribution to the development of national literature.

Keywords: Saadi, "Gulistan", Navoi, work, "Mahbub-ul-qulub", literary communication, Tajik, Uzbek, original, influence and benefit.

Дар бораи муаллифон

Худойдодов Аъзам Овлододович
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Муҳаммадзода Ҷӯрабек Урак
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: muhammadzoda_j@mail.ru

Об авторах

Худойдодов Аъзам Овлододович
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Мухаммадзаде Джурабек Урак
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: muhammadzoda_j@mail.ru

About the authors

Khudoidodov Azam Ovlododovich
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Muhammadzada Jurabek Urak
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: muhammadzoda_j@mail.ru

ТДУ 82-143.8(470.36)

НУСХАШИНОСИИ ТАЛХИСОТИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ДАР ҲИНДУСТОН

Элбоев В.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

«Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ аз бузургтарин, гаронбаҳотарин ва маҳбубтарин осори илмӣ, бадеӣ, ҳамосӣ ва таърихиву фарҳангии мардуми форс-тоҷик ба ҳисоб меравад. Чунки дар «Шоҳнома» орзуву омол, нияту орзу, кору пайкор, саҳифаҳои ишқу муҳаббат, барору муваффақият, хирадварзӣ, ватандориву ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ, хиёнату хушунат, шаҳрсозиву шаҳрдорӣ, ҳунару касбомӯзии гузаштагони мо дар пироҳани зебои бадеӣ ва завқи баланди ҳунарии ин шоири бузург баён гардидааст. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ёдгори бегазанди асри чоруми ҳиҷрӣ (10-и мелодӣ) – асри густариши фикриву фарҳангии ниёгони мо, асри хирадгароӣ ва озодандешӣ, асри парвариш ва кашфиётҳои донишмандони зӯфунун ва ситорагони беғуруби илми дунё – Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ аст. Замонест, ки асри густариши Сомониён буд ва дар он андешидану хирад варзидан бар қалбҳои фарҳехтагони аср ҳукумат мекард.

Асосу бунёди ин ҳамосаи миллӣ – яъне «Шоҳнома» набарди ҷовидонӣ миёни некиву бадӣ ва рӯшноиву торикӣ аст. Ин китоби бузург ҷомеъатарин асари илмӣ ва таърихӣ ба ҳисоб меравад, ки аз пайдоиши олам то замони забти арабҳо ба хонанда мавод медиҳад.

«Шоҳнома» аз нигоҳи фарогирии илмҳои сегонаи арӯз, бадеъ ва қофия асари комилтарин аст, ки дар имтидоди беш аз ҳазор сол адибе, тазкиранигоре ё муҳаққиқе ба камӣ ё костии ин шоҳасар ишорат накардааст. Аз аввал то охир «Шоҳнома» дар вазни мутақориб, ки хоси достонҳои ҳамосӣ аст, эҷод шудааст. Аз нигоҳи бадеият «Шоҳнома» олитарин асари бадеист, ки аксари санъатҳои бадеӣ фаровон корбаст гардидаанд. Ҳаким Фирдавсӣ дар қатори вожаҳои маъмулӣ аз номи паҳлавонон, иштирокдорони ҳодисаву воқеаҳо, шаҳру деҳот, асбобҳои ҷангӣ, ҳайвонот, номи сайёраҳо, вожаҳои динӣ-мазҳабӣ ва ғайра қофияҳои ҷолиб сохтааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ бузургтарин асари ҳамосӣ дар адабиёти ҷаҳон аст. Дар меҳвари ин асар саҳнаҳои бузурги разми диловарон аз муҳофизати марзу бум ва Ватан ифода ёфтааст. Номҳои Ҳушанг, Фаридун, Кова, Рустам, Суҳроб, Исфандиёр, Гев, Гударз, Сиёвуш, Кайхусрав, Бежан ва дигарон то имрӯз барои мо меросбарон рамзи далерӣ, қаҳрамонӣ ва шуҷоату ватандӯстӣ аст.

Баъд аз навишта шудани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ як равияи нав – навиштани достонҳои алоҳидаи ҳамосӣ ба номи шоҳони қадим ва муосир оғоз шуд, ба мисли «Гаршоспнома», «Сомнома, «Марзбоннома», «Зафарнома», «Искандарнома», «Фатҳнома», «Темурнома», «Футуҳ-ус-салотин» ва ғайра, ки асосу маншаи аксари онҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст. Ҳарчанд ин асарҳо дар вазну пайравӣ аз «Шоҳнома» эҷод гардидаанд, вале аз нигоҳи муҳтаво, саҳнаороӣ, бадеият ва қудрати суханварӣ бар пояи ин шоҳасар ва хизмати бузурги сарояндаи он намерасанд.

«Шоҳнома» ба як маънӣ асари доиратулмаорифӣ (энсиклопедӣ) аст, ки масъалаҳои зиёд, аз ҷумла ситоиши хирад, ҳамоса, устура, ривоят, қисса, ҳикоят, достон, афсона, панд, насиҳат, ишқу муҳаббат, сулҳу ҷанг, дарду доғ, ҳасрату кулфат, бурду бохт, муносибати шоир ва шоҳ, падару писар, модару духтар ва ғайра ба ҳам тавъам омада, мундариҷаи ин шоҳасарро ташкил додаанд.

Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро се маротиба – солҳои 994-995, 1004-1005 ва 1010-1011 таҳриру такмил кардааст, ки дар асоси ин таҳрирҳо нусхаҳои зиёд китобат шудаанд ва кори таҳияи матни илмӣ-интиқодии ин асарро мушкил мегардонанд. Аз «Шоҳнома» нусха ва нусхабадалҳои зиёд то рӯзгори мо расидаанд ва қадимтарин нусхаи дастнависи «Шоҳнома», ки соли 1217-и мелодӣ китобат шудааст, аз муътабартарин нусха ба ҳисоб меравад ва баъд аз 200 соли даргузашти Фирдавсӣ тадвин шуда, дар Флоренсия (Италия) нигаҳдорӣ мешавад [4, с.26].

Бори аввал дар аҳди салтанати яке аз набераҳои Темур Бойсанғурмирзо, соли 833 ҳиҷрӣ баробари 1429-1430 мелодӣ, дар асоси чанд нусха нусхаи нодир ва ҷомеи «Шоҳнома» таҳия гардид, ки онро донишмандон пояи баланди ҳунари ороиши китоб ҳисобидаанд [3].

Ин нусха дар замони мо дар китобхонаи салтанатии собиқи Эрон, ҷузъи «Нафоис ва захоир» таҳти шумораи 4752 нигаҳдорӣ мешавад. Ин нусха ба номи нусхаи Бойсанғурӣ дар байни аҳли илму адаб маъруф аст.

Таърихи нашри матни “Шоҳнома” –и Абулқосими Фирдавсӣ, инчунин ва омӯзиш ва тарҷумаи он дар мақолаи шарқшиноси рус А.А. Ромаскевич ва китоби донишманди эронӣ Эраҷи Афшор ба тариқи таҳқиқи интиқодӣ ва китобшиносӣ оварда шудааст [4].

Баъд аз нусхаи бойсунғарии “Шоҳнома” кӯшишҳои аввалини ҷиддии таҳияи матни ин шоҳасар бар Калкаттаи Ҳиндустон анҷом пазируфтааст, ки зери роҳбарии устоди забонҳои арабӣ ва форсӣ–тоҷикии коллеҷи Форт–Вилям М. Ламдсен дар асоси 27 нусха соли 1811 қисман интишор ёфт. Азбаски кори ин гуруҳи матншиносон то ба охир нарасида буд, тарҷумони машҳур дар он замон Тернер Макан кори гуруҳи М. Ламдсенро давом дода, нахустин нашри “Шоҳнома” –ро ба поён расонид ва соли 1812 дар Калкатта онро нашр намуд. Тернер Макан барои таҳияи матни “Шоҳнома” 17 нусхаи асарро, ки қадимтарини онҳо соли 882 ҳиҷрӣ (1477–и мелодӣ) китобат шудааст, истифода кардааст ва ин нашри ҷомеъ аз 55204 байт иборат аст.

Баъд аз нашри Тернер Макан ховаршиноси фаронсавӣ Жул Мул иқдоми навро дар таҳия ва нашри “Шоҳнома” пеш гирифта, онро дар Париж солҳои 1836–1868 ба анҷом расонид, ки матни таҳиянамудаи ӯ матни интиқодист. Жул Мул дар матни интиқодии худ нашри Тернер Маканро бо 13 нусхаи нави “Шоҳнома” аз ганҷинаи “Индия офис” дар Лондон, 8 нусха аз китобхонаи салтанатии Париж ва чанд дастнависи шахсӣ муқобала ва баррасӣ кардааст. Баъд, эроншиноси машҳур И.А. Вуллерс нашрҳои Тернер Макан ва Жул Мулро муқобала намуда, дар солҳои 1877–1874 нашри нави “Шоҳнома” –ро таҳия намуд, ки кори оғознамудаи И.А. Вуллерс бо сабаби марги ӯ ба анҷом нарасидааст.

Ба муносибати ҷашни ҳазораи Абулқосими Фирдавсӣ (1934) дар Теҳрон “Шоҳнома” аз нав нашр гардид, тасҳеҳи интиқодии онро се донишманди машҳури Эрон Муҷтабо Минавӣ, Аббос Иқбол ва Саид Нафисӣ анҷом додаанд.

Ниҳот бо ибтикори ховаршиносони Шуравӣ дар Москва Ленинград, зери роҳбарии матншиноси машҳур Евгений Эдуардович Бертелс матни интиқодии “Шоҳнома” дар солҳои 1960–1971 дар 9 ҷилд ба алифбои форсӣ–тоҷикӣ ба табъ расид. Дар таҳияи ин матн донишмандон матншинос Е.Э. Бертелс, Л.Т. Гюзалян, О.И. Смировна, А.Е. Бертелс, М.Н. Усмонов, А.Тоҳирҷонов, Р. Алиев, А. Нӯшин, А. Озар саҳми назаррас гузоштаанд [1]. Баъд аз нашрҳои номбаршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи кории махсус таъйин гардид, ки матни “Шоҳнома” –ро бо алифбои кириллӣ таҳия намоянд ва ин гурӯҳи корӣ соли 1957 ба ин кори муҳим оғоз намуда, солҳои 1964–1966 матни комили ин шоҳасарро ба табъ расонидаанд, ки дар таҳияи “Шоҳнома” донишмандон Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Баҳром Сирус ва А. Девонақулов саҳми бориз доранд.

Ахиран, солҳои 1987–1991 матни “Шоҳнома” –и омодакардаи Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Баҳром Сирус ва А. Девонақулов бори дуввум дар 9 ҷилд бо ислоҳ ва таҳрири нав дар Душанбе ба чоп расидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маротибаи сеюм дар силсилаи “Ахтарони адаб”, дар солҳои 2007–2010 матни комили “Шоҳнома” ба нашр расид.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз дер боз дар Ҳиндустон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Шуарои форсигӯйи Ҳиндустон аз ин шоҳкори адабии ҷаҳон пайравӣ кардаанд. Шоире ба тахаллуси Асомӣ маснавии «Футуҳ-ус-салотин»-ро дар пайравӣ аз «Шоҳнома» сохтааст, ки онро «Шоҳнома»-и Ҳинд мехонанд. Тазкиранависони ҳиндӣ ҳам тарҷумаи ҳоли Фирдавсиро дар тазкираҳои худ бо обутоб овардаанд. Муҳаммад Авфии Бухоройӣ дар «Лубоб-ул-албоб» овардааст, ки: «Фирдавсӣ фасоҳатро ризвон ва даъвии балоғатро бурҳон буд ва ҷумла гузаштагонро дар хиҷлат андохта ва ояндагонро дар таку пӯйи фикрат афканда» [2, с.269].

Муаллифи тазкираи «Натоиҷ-ул-афкор» низ дар бораи мақом ва ҷойгоҳи Фирдавсӣ чунин мегӯяд: «Фирдавсӣ истеъдоди фитрӣ дошт ва лаёқати хилқӣ. Ҳамчу вай дар Аҷам нозиме олидастгоҳ қадам ба арсаи зуҳур нанҳода ва нақди суханро ба ин хушуслубӣ дар бозор ривоҷ надода» (саҳ.523). Шиблии Нуъмонӣ аз фанни шеъри Фирдавсӣ тақдир намуда ва «Шоҳнома»-ро як доиратулмаорифи мабсут ва ҷомеъи Эрон талаққӣ мекунад» [6, с.191].

Нусхаҳои гуногуни «Шоҳнома», ки дар китобхонаҳои мухталиф, дар гӯшаву канори Ҳиндустон нигаҳдорӣ мешаванд, ба исбот мерасонанд, ки «Шоҳнома» дар Ҳиндустон мавриди писанди мардуми ин кишвар қарор гирифта буд. Подшоҳони ин кишвар дастур медоданд, ки «Шоҳнома» барои онҳо тавассути хушнависони маъруф истинсох ва дар китобхонаҳои онҳо нигаҳдорӣ шавад. Соҳибони илму фазлу давлатмардоне, ки аз мардумони

форс-тоҷик буданд, ба Ҳиндустон омада, нусхаҳои «Шоҳнома»-ро шоистаи он диданд, ки ба унвони армуғоне зиқиммат ба подшоҳон тақдим кунанд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, чунонки медонем, китобест муфассал ва аз силсилаи достонҳо фароҳам омадааст. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои адабӣ нахустин хулосаи «Шоҳнома» дар қаламрави Ҳиндустон таҳия гардидааст, ки ба номи «Шоҳнома»-и Шамшерхонӣ» шуҳрат дорад, вале худи муаллиф онро «Дилкушойи Шамшерхонӣ» хондааст. Дар муқаддимаи ин хулоса омадааст, ки: «Таваккулбек валади Тулукбек дар дувоздаҳумин ҷулуси Шоҳиҷаҳонподшоҳ аз тарафи шоҳзода Дорошукӯҳ ба унвони амин ва воқеанависи Ғазнин фиристода шуд. Дар он замон Шамшерхон ҳокими Ғазнин буд. Шамшерхон рӯзе дар маҷлисе гуфт, ки чун давлатмардон ҳамеша «дар тадбири мамлакат ва савбадорӣ (ҳукумат ва фармонравоӣ –В.Э.) иштиғол доранд, фурсати мутолиаи китобҳо ба онҳо камтар рӯй медиҳад. Пас, бояд ба «Шоҳнома» либоси наср пӯшонида шавад. Таваккулбек ин масъулиятро ба дӯш гирифт ва онро дар бисту шашумин ҷулуси Шоҳиҷаҳон ба иборати «муъҷаз ва мухтасар» ба такмил расонд» [5, с.6].

Мирзо Таваккулбек ибни Тулукбек Ҳусайнӣ аз рӯзгори Шоҳҷаҳон подшоҳи темурӣ (1037-1068-и ҳ. – 1622-1657-и м.) воқеанависи дарбори шоҳзода Дорошукӯҳ (1024-1069-и ҳ. – 1615-1658-и м.) ба насри омехта ба худи абёти «Шоҳнома» барои Муҳаммад Ҳаёти Шамшерхонӣ ҳокими Ғазнин (1063-1069-и ҳ. – 1652-1658-и м.) таълиф кард. Дар дебоча омадааст, ки ин гузидаест, аз бахшҳои «Шоҳнома», ки ба наср дароварда шудааст. Муаллиф ин хулосаи «Шоҳнома»-ро дар соли 1063-и ҳичрӣ – 1652-53 – и мелодӣ дар бисту ҳаштумин соли подшоҳии Шоҳҷаҳон ба анҷом расонид. Ин китоб бо ҳаҷвнома ба анҷом расидааст. Таваккулбек абёте аз «Шоҳнома»-ро ҳам ба унвони шоҳид дар лобалои асари худ гунҷонидааст. Ин хулосаи «Шоҳнома» чунонки аз теъдоди нусхаҳои хаттии он пайдост, дар Ҳиндустон мавриди қабули хонандагон қарор гирифта буд. Илова бар ин, ҳамин хулосаи «Шоҳнома» - «Шоҳнома»-и Шамшерхонӣ»-ро**,** ки маълуму маъруф ва чунин аст, Ҷей Аткинсон ном тарҷумони англис ба забони англисӣ дар Лондон, дар соли 1832 тарҷума ва чоп кардааст [5, с.9].

Дар китобхонаҳо ва ганҷинаҳои Ҳиндустон нусхаҳои гуногуни комил ва ноқиси «Шоҳнома» дар шаҳрҳо ва китобхонаҳои Худойбахш, Шурои Ҳинд, Музеи миллӣ, Донишгоҳи Алигарҳ, Солорҷанг, Ҳамидия, Ромпур, Донишгоҳи Усмония, Маҳмудобод, Осафия ва ғайра нигаҳдорӣ мешаванд. Аз «Шоҳнома»-и Шамшерхонӣ» ё «Таърихи дилкушои Шамшерхонӣ», бо зикри таърихи китобат 41 нусхаи хаттӣ дар Ҳиндустон нигаҳдорӣ мешаванд, ки дар асоси нишондоди «Феҳристи нусахи хаттӣ ва чопии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Ҳинд». Ба кӯшиши профессор Шариф Ҳусайни Қосимӣ. – Бомбай: Хонаи фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1380 шамсӣ (2001 мелодӣ) таҳия гардидаанд [5] ва вежагиҳои нусхаҳоеро, ки аҳаммияти хуби илмии матншиносӣ доранд, дар зер меоварем. Зарур ба таъкид аст, ки дар баъзе нусхаҳо номи котибон омада ва тавзеҳоти кучаке доранд, вале дар баъзе нусах номи котибон, бок адом навъи хат навишта шудан ва тавзеҳоте оварда нашудааст. Зарур ба таъкид аст, ки дар китобхонаҳои Ҳиндустон нусхаҳои бидуни таърихи китобат аз «Шоҳнома»-и Шамшерхонӣ» низ нигаҳдорӣ мешаванд, ки аз 32 адад иборатанд.

1.Нусхаи № 574, ки дар китобхонаи Солорҷанг нигаҳдорӣ мешавад ва бо хати зебои настаълиқ дар соли 1063-и ҳ. 1652-и м. навишта шуда, аз 799 саҳифа иборат аст ва андозаи саҳифаҳо 27х19 буда, ҳар варақ аз 12 сатр иборат аст. Оғози ин нусха чунин сар мешавад: «Ҳамди беғоят ва санои бениҳоят ҳазрати Кибриёи Воҷибулвуҷудро, ки…» , ва анҷомаш бо байти:

Мақоми Набиву Алӣ гуфтаам,

Ки дурҳои маънӣ басе суфтаам»., ба охир мерасад.

2. Нусхаи № 7, ки дар китобхонаи Маҳмудобод нигаҳдорӣ шуда, бо хати настаълиқ аз ҷониби Мир Наҷибалӣ ибни Мир Маҳдӣ ибни Мир Сайфуллои Бухороӣ дар соли 1063-и ҳ. 1652-и м. китобат шуда, аз 585 саҳифа иборат буда, андозаи саҳифаҳо 31х22 см. мебошад ва ҳар варақ аз 15 сатр фароҳам омадааст. Ин нусха бо байти:

Кунун умр наздики ҳаштод шуд,

Умедам ба якбор барбод шуд., ба охир мерасад.

3. Нусхаи № 425, дар китобхонаи Маҳмудобод нигаҳдорӣ мешавад ва бо хати настаълиқ дар соли 1063 –и ҳ. 1652-и м. китобат шуда, аз 502 саҳифа иборат буда, андозаи саҳифаҳо 25х17 см. буда, аз 17 сатр иборат аст. Ин нусха бо байти зерин ба итмом мерасад:

Умедам чунон аст зи аҳли хирад,

К-аз ин рост гуфтан нагӯянд бад.

4. Нусхаи № 4 дар китобхонаи Маҳмудобод нигаҳдорӣ шуда, соли 1065-и ҳ. 1654-и м. китобат шуда, аз 800 саҳифа иборат аст ва андозаи саҳифаҳо 30х18 см аст ва ҳар саҳифа аз 11 сатр фароҳам омадааст.

5. Нусхаи № 255 дар китобхонаи Ҳамидия нигоҳдорӣ мешавад ва дар соли 1129-и ҳ. 1717-и м. бо хати настаълиқ китобат шуда, дорои маҷолис ва сарлавҳи тиллоӣ ва ҷадвалҳои рангӣ аст.

6. Нусхаи № 993 дар китобхонаи Ҳабибганҷ нигаҳдорӣ мешавад ва бо хати настаълиқи котиб Муҳаммад Саъид Нигоҳ дар соли 1129-и ҳ. 1716-и м. китобат шуда, аз 520 саҳифа фароҳам омада, ҳар саҳифа 15 сатр 167уни нас мандозаи саҳифаҳо 25х17 аст. Дар охири ҳамин нусха аҳволи зиндагии Фирдавсӣ омадааст. Рӯйи сафҳаи аввал муталло аст ва сафаҳоти дигар ҷадвалҳои муталло дорад.

7. Нусхаи № 89 дар китобхонаи Мулло Фирӯз нигаҳдорӣ мешавад ва дар соли 1129-и ҳ. 1717-и м. бо хати настаълиқ китобат шуда, андозаи саҳифаҳо 25х14 мебошад.

8. Нусхаи № 367 дар китобхонаи Худойбахш нигаҳдорӣ мешавад, ки бо хати настаълиқи котиб Дӯстмуҳаммад чаҳоруми рақаби соли ҳафтуми ҷулуси Муҳаммад Фаррухсияр подшоҳи темурии Ҳиндустон дар соли 1131-и ҳ. 1719-и м. китобат шудааст. Тарқимае, ки дар охири нусха омада, аҳаммияти таърихии ин нусхаро равшан месозад: «Тамом шуд … ба таърихи чаҳоруми рақабулмарақаби санаи ҳафти ҷулуси абадмаънуси ҳасабулҳукам Абулмузаффар Муъинуддин Муҳаммад Оламгири Сонӣ подшоҳ Муҳаммад Фаррухсияри ғозӣ». Илова бар ин, феҳристи исмҳои ҷонишинҳои Ардашер ва аҳволи зиндагии Фирдавсии Тӯсӣ ҳам дар поёни нусха дода шудааст.

9. Нусхаи № 1230 дар Осафия нигаҳдорӣ мешавад ва ба хати настаълиқ дар соли 1131-и ҳ. 1719-и м. китобат шудааст.

10. Нусхаи № 162 дар китобхонаи Масъуди Ҳасани Разавӣ нигаҳдорӣ мешавад ва бо хати настаълиқи Шайх Абулмакорим валади Шайх Алимуллоҳ дар соли 1153-и ҳ. 1740-и м. китобат шуда, аз 354 саҳифа иборат аст, ки ҳар саҳифа 20 сатр дошта, андозаи онҳо 25х14 см. аст. Анҷоми ин нусха чуни наст: «Баъд аз ӯ Яздигурд бинни Хусрави Парвиз бист сол салтанат ронд. Ин аст феҳристи подшоҳии Аҷам, ки Фирдавсии Тӯсӣ дар «Шоҳнома» то ҳамин ҷо гуфтааст, ба маърази баён оварда шуд».

11. Нусхаи № 424 дар китобхонаи Маҳмудобод нигаҳдорӣ мешавад, ки бо хати настаълиқи шикастаи котиб Сайфулло ибни Сайидмаҳмуд Доим Алҳасанӣ Алвоситӣ дар соли 1186-и ҳ. 1772-и м. китобат шуда, аз 480 саҳифа иборат буда, андозаи саҳифаҳо 31х20 см. мебошад ва 15 сатр доранд.

12. Нусхаи № 615 дар китобхонаи Сулаймони Алигарҳ нигаҳдорӣ мешавад, ки бо хати настаълиқ дар соли 1188-и ҳ. 1774-и м. китобат шуда, 226 саҳифа дорад, ки аз 13 сатр иборат буда, андозаи саҳифаҳо 11х19 мебошад. Оғози саҳифаҳо афтода, нусха чунин оғоз мешавад: «…Дар ин кӯй шарти пиндор нест. Иблис гуфт, агар аз савганд бигзарӣ, ту ҳалок хоҳӣ шуд. Гуфт: чора мекунам. Мар тозиро ибодатхонае буд, ки охири шаб дар ин ҷо рафта, ибодати Худои таъоло ба ҷо овардӣ». Ва ин нусха чунин ба анҷом расидааст: «Ба Ардашер гуфт: ман туро барои ҳамин парвариш мекунам, ки бо…».

13. Нусхаи № 3425 дар китобхонаи Тунак нигаҳдорӣ мешавад, ки аз тарафи котиб Наҷибуддин, дар рӯзи якшанбеи 15 рақаби 1216 –и ҳ., 1801-и м. китобат ба анҷом расидааст, ки 320 саҳифа 167уни нас ҳар саҳифа 15 сатр дошта, андозаашон 20, 5 х 30,5 см. баробар аст.

14. Нусхаи № 1107, ки дар китобхонаи Солорҷанг нигаҳдорӣ мешавад ва бо хати настаълиқи зебо аз тарафи се нафар котиб, аз шаҳри Аличпур бо номҳои Воҷидалихон, Аббосалихон ва Мир Ҳусайни Содиқ дар соли 1224- ҳ., 1809-и м. нусхабардорӣ шуда, аз 484 саҳифа иборат аст ва ҳар саҳифа 11 сатр дошта, андозаи саҳифаҳо 14х21 см. аст. Дар охири ин нусха ҳаҷви Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, мансуб ба Фирдавсӣ омадааст ва нусха бо ин байт ба охир мерасад:

Канизак назояд ба ҷуз аз ғулом,

Падар гар паямбар бувад ё имом.

15. Нусхаи № 743, ки дар китобхонаи Музеи миллӣ нигаҳдорӣ мешавад, бо хати зебои настаълиқ, дар 7 рабеъуссонии соли 1225-и ҳ., 1810-и м. китобат шуда, аз 576 саҳифа фароҳам омада, андозаи саҳифаҳо 14х22 см. аст. Тарқима дорад бад-ин қарор: «Ин мунтахаби «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки мавсум ба «Шамшерхонӣ» аст, ба таърихи ҳафтуми шаҳри рабеъуссонии санаи 1225-и ҳичрӣ, рӯзи душанбе, сеи ҷулуси Акбарподшоҳи ғозӣ…, савои Ҷайпур дар уҳдаи маҳороҷа Даҳроҷ Роҷи Роҷандар савои Ҷагат Сингбаҳодур дома

иқболаҳу. Оғози нусха чунин сар мешавад: «Овардаанд, ки Насир ибни Аҳмад Дақиқӣ аз насли Сосониён марде доно буд. Майли ӯ …» (ин муқаддима аз ҳафт саҳифа иборат аст). Анҷоми ин муқаддима чунин аст:

Дилам сер шуд з-ин сарои сипанҷ,

Худоё, биё марз бирҳон зи ранҷ. Дар ин нусха асли «Шамшерхонӣ» аз варақи 1 то 28 омадааст.

16. Нусхаи № 25093 дар китобхонаи Тогур нигаҳдорӣ мешавад, ки бо хати зебои настаълиқ аз ҷониби котиб Ром Саҳоӣ, дар моҳи рабеъуссонии соли 1230-и ҳ., 1815-и м. китобат шуда, аз 374 саҳифа фароҳам омада, ҳар саҳифа 15 сатр дошта, андозаи саҳифаҳо 12х18 см. аст. Дар рӯйи нусха «Таърихи мулуки Ачам» аз Шамшерхонӣ навишта шуда, ки, ҳамон «Таърихи Шамшерхонӣ» аст. Нусха бо байти зерин ба анҷом расидааст:

Парасторзода наёяд ба кор,

Агарчи бувад зодаи шаҳриёр.

Дар маҷмуъ, мо вежагиҳои 16 нусхаи таърихи китобат дошта ва дорои арзишҳои муҳимми матншиносӣ будаи «Шоҳнома»-и Шамшерхонӣ»-ро овардем, ки дар китобхонаҳои кишвари Ҳиндустон нигаҳдорӣ мешаванд ва аз аввалин нусхаҳои талхисшудаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба наср мебошанд. Аз китобати ин нусхаҳо қариб чаҳорсад сол сипарӣ мешавад ва таҳқиқи ин нусхаҳо дорои арзиши муҳимми илмӣ мебошанд, ки ин амали хайр кори оянда аст.

Нуктае мавриди зикр аст, ки баъд аз таҳияи «Шоҳнома»-и Шамшерхонӣ» дар Ҳиндустон албатта дар қаламрави забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, дар Эрон, Афғонистон, Осиёи Марказӣ нусхаҳои зиёди мунтахаби «Шоҳнома», ҷунгҳо, сафинаҳо, мунтахабҳо, мисли «Ковуснома», «Достони Комуси Кашонӣ», «Достони Рустам ва Суҳроб», «Суҳробнома», «Гузидаи «Шоҳнома», «Ҷанги Рустам бо Афросиёб», «Исфандиёрнома», «Достони Рустам ва Исфандиёр» ва ғайра таҳия гардидаанд ва «Шоҳнома»-ву мунтахабҳо дар маҳфилҳои шоҳномахонӣ дар байни мардум хонда ва маъникушоӣ карда мешуд.

Адабиёт

1. *Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Матни интиқодӣ. Иборат аз 9 ҷилд. Таҳти назари Е.Э.Бертелс. - Москва – Ленинград, 1960-1971.*
2. *Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб.-Теҳрон, 1384.*
3. *Нусхаи бойсанғурии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Китобхонаи салтанатии Эрон, рақами 4752.*
4. *Ромаскевич А.А. Очерк изучения «Шах-намэ», сб. Фирдоуси (934-1934). ИВ АН СССР. Госэрмитаж. Изд. АН СССР.- Москва, 1934.-С.13-50.*
5. *Феҳристи нусахи хаттӣ ва чопии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Ҳинд. Ба кӯшиши профессор Шариф Ҳусайни Қосимӣ. -Бомбай:Хонаи фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1380 шамсӣ (2001 мелодӣ).-С.10.*
6. *Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам. - Душанбе: ДДОТ, 2016.*

НУСХАШИНОСИИ ТАЛХИСОТИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ДАР ҲИНДУСТОН

«Шоҳнома», «Шаҳнома» ё «Номаи бостон», ки дар сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва тазкираҳо бо ҳамин номҳо ёд мешавад, яке аз боарзиштарин ва гаронбаҳотарин асари шоири бузурги адабиёти классикии форсии тоҷикӣ Абулкосим Фирдавсӣ мебошад. «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ бидуни шак, яке аз шоҳкорҳо дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва адабиёти олам ба ҳисоб меравад. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нусхаҳои гуногун дорад, ки дар тамоми олам паҳн шудаанд. Аз ҷумла, дар Ҳиндустон дар китобхонаҳои гуногуни давлатӣ ва шахсӣ нусхаҳои зиёди ин китоб нигаҳдорӣ мешавад. Дар асоси сарчашмаҳои адабӣ нусхаҳои аввали талхиси «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ ба наср дар қаламрави сулолаи Темуриёни Ҳиндустон, дар рӯзгори ҳукмронии Шоҳиҷаҳонподшоҳ, аз ҷониби Туғлуқбек, дар дарбори Шамшерхони ҳокими Ғазнӣ ба анҷом расидааст, ки ин нусха ба номи «Шоҳномаи Шамшерхонӣ» машҳур аст. Аз ин нусха то рӯзгори мо нусхаҳои гуногун расидааст, ки дар мақола вижагиҳои ин нусхаҳо таҳқиқ шудаанд.

Калидвожаҳо: Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома», Ҳиндустон, талхис, наср, назм, сарчашмаҳои адабӣ, тазкира, адабиёти классикӣ, китобхонаҳо.

ЭКЗЕМПЛЯРЫ ПРОЗАИЧЕСКИХ ИЗЛОЖЕНИЙ «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ В ИНДИИ

«Шахнаме», или «Номайе бостон» — это бесценное и бесподобное творение великого поэта персидско-таджикской классической литературы Абулкасыма Фирдоуси, которое встречается в исторических произведениях, антологиях и литературных источниках под различными названиями. «Шахнаме» Фирдоуси, несомненно, считается бесценным шедевром не только персидско-таджикской, но и мировой литературы. Существует множество различных экземпляров «Шахнаме»,

распространённых по всему миру. В частности, в Индии во многих государственных и частных библиотеках хранятся многочисленные копии «Шахнаме». Судя по сведениям литературных источников, первый прозаический экземпляр краткого изложения «Шахнаме» Фирдоуси был создан во время правления династии Темуридов — Шах-Джаханом — Туглукбеком при дворе правителя Газни Шамшерхана. Этот экземпляр известен под названием «Шахнамеи Шамшерхони». Различные копии этого экземпляра дошли до наших дней, и их ценность анализируется в данной статье.

Ключевые слова: Абулкасым Фирдоуси, Шахнаме, Индия, краткое изложение, проза, поэзия, литературные источники, антология, классическая литература, библиотеки.

COPIES OF PROSE RENDITIONS OF FIRDAWSI'S "SHAHNAMEH" IN INDIA

The "Shahnameh," also known as "Book of Kings" or "Nomeh-ye Bastan," is an invaluable and unparalleled creation by the great poet of classical Persian-Tajik literature, Abolqasem Ferdowsi. It appears under various names in historical works, anthologies, and literary sources. Ferdowsi's "Shahnameh" is undoubtedly considered a priceless masterpiece not only of Persian-Tajik classical literature but also of world literature. Many different copies of the "Shahnameh" are spread throughout the world. Specifically, numerous copies of the "Shahnameh" are preserved in various state and private libraries in India. According to literary sources, the first prose abridgment of Ferdowsi's "Shahnameh" was created during the reign of the Timurid dynasty by Shah Jahan – by Tuglugh Beg at the court of Shamsher Khan, the ruler of Ghazni. This copy is known as "Shahnameh-e Shamsherkhani." Various copies of this particular manuscript have survived to the present day, and their value is analyzed in this article.

Keywords: Abolqasem Ferdowsi, Shahnameh, India, abridgment, prose, poetry, literary sources, anthology, classical literature, libraries.

Дар бораи муаллиф
Элбоев Вафо
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Об авторе
Элбоев Вафо
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: vafo_1965@mail.ru

About the author
Elboev Vafo
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: vafo_1965@mail.ru

ТДУ 821.222.8-992.21

ЗАМИНАҲО ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ САФАРНОМА

Боқиев Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Пайдоиши сафарнома чун дигар жанрҳои адабӣ дар адабиёти тоҷик заминаи таърихӣ дошта, омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ташаккул ва таҳаввули он нақши таъсиргузор доштаанд. Ба қавли донишманди рус Н. Г. Чернишевский “сафарнома баъд аз осори манзум қисми аз ҳама муҳимми адабиётро ташкил диҳад” [19, с. 222] ҳам, мутаассифона, шохаи камтар таҳқиқшудаи адабиёти тоҷик мебошад. Бахусус заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиши ин жанр, ки “дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дорад” [14, с. 150], аз назари донишмандони соҳа дур мондааст. Ба ин далел, дар ин мақола мо саъй кардем, ки заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиши сафарномаро ба таври фушурда таҳқиқ ва мушаххас намоем.

Заминаи таърихии пайдоиши сафарномаро тамоюли андешамандӣ ва орзупарварии инсони замонҳои гуногун, шинохти ҳақиқат ва дастёбӣ ба моҳияти он муайян менамояд. Ин равиши фикрӣ инсонро ба андешидан сари воқеиятҳои зиндагӣ, имрӯзу фардои ҷомеа ва ҷомеъадорон савқ дода, дар ибтидо агар вайро бо нирӯи хаёл ба сайри замону макон ҳидоят карда бошад, баъдан ӯро таҳрик бахшидааст, ки барои дарёфт ва шинохти ҳақиқат зеҳнияти худро низ ба кор гирад. Ба ин тартиб, инсон дар тули таърих “Гоҳ дар ҷустуҷӯи мани гумгаштааш ба даруни худ сафар карда, гоҳ дар ҷустуҷӯи зиндагии пас аз марг ва ҷовидонагии рӯҳ ба олами арвоҳ рафтааст ва гоҳ барои огоҳӣ аз сарзаминҳои ношинохта ва камшинохта ба гашту гузор дар ҷаҳони воқеӣ пардохтааст ва кунҷковии худро замоне бо сафарҳои тафреҳӣ ва замоне дигар бо такя бар эътиқодоти мазҳабӣ ва расидан ба муроди хеш дар сафарҳои зиёратӣ табйин кардааст ва дар давраҳое на чадон дур ба дунболи мақосиди сиёсӣ-иқтисодӣ ба маъмурият рафта...дарёфтааст, ки бояд раҳрав бошад, зеро мондан пӯсидан аст ва гандидан” [10, с. 13].

Ҳамин рӯҳияи “раҳрав” будан”-у “мондан” на фақат заминаи таърихии эҳёи жанри сафарнома дар адабиёти тоҷик будааст, балки равиши инкишофи ин жанрро дар адабиёти ҷаҳон низ шакл додааст, ки ба эътирофи донишманди эронӣ Ҳусайни Размҷӯ дар шакли осори сафарии насрӣ ба сурати нақлу ривоятҳо ва афсонаву асотирҳо ба вуҷуд омадааст. Ин муҳаққиқ “нахустин сафарномаҳо”-ро “гаштномаҳои хаёлӣ ба дунёи арвоҳ” дониста, меафзояд, ки “Пешинаи сафар ба диёри мурдагон дар манобеъи зардуштӣ ба хоби ҳафтрӯзаи Зартушт бо кӯмаки Урмузд дар баҳман яшт ва сафари хаёлии Гуштосп ба биҳишт дар “Зартуштнома” ва сафари хобгунаи Ардавироф ба биҳишт ва дузах дар “Ардавифнома” мерасад”. Ин муҳаққиқ дар адабиёти исломӣ хотироти сафари зиндагон ба дунёи мурдагонро навъе сафарнома ангошта, “Рисолат-ул-ғуфрон” асари Абуаъло Муъариро (садаи 4 қ.) сафаре хаёлӣ ба биҳишт ва дузах таъбир мекунад, ки “нависанда дар навиштани он ба оёт ва ахбори исломӣ назар доштааст”. Ҳамчунин вай “Сайр-ул-ибод илал миъод” (Канз-ур-рамуз)-и Саноӣ (садаи 6 қ.), “Мисбоҳ-ул-арвоҳ” навиштаи Шамсиддин Муҳаммади Кирмонӣ (садаи 7 қ.), “Ҷовиднома”-и Иқболи Лоҳурӣ (1932 м.) ва “Саёҳати Ғарб”-и Оқои Наҷафии Қувчониро (1312 ш.) низ “намунаҳое аз сафар ба диёри мурдагонанд” [10, с. 14] шинохтааст.

Ҳамин тавр, дар зинаи аввали пайдоиш ва инкишоф ангезаи эҷоди сафарномаҳои тахайюлӣ ба диёри мурдагон ва руъёии инсон ҳарос аз дунёи пас аз марг ва эътирофи тамоюли мазҳабӣ будааст, ки бардоште аз воқеиятҳои зиндагӣ низ доштааст. Дар ин равиш осори тахайюлие низ ба майдон омадаст, ки ба наҳве тасвири сафари инсонҳои тахайюлӣ ё ҳикоятҳои сафариро дар бар мегиранд. Қиссаҳои тахайюлии “Синдбоди дарёгард”, “Саргузашти Ҳотам” ва “Чор дарвеш” намунаи ҳамин гуна сафаргуфтаҳо мебошанд. Дар адабиёти Аврупо низ ангезаҳои сиёсиву иҷтимоӣ Свифт барин нависандаро во доштаст, ки сафари Гуливерро то ба даргоҳи лилипутҳо ба тасвир гирифта, ба ин васила андешаҳояи интиқодиашро дар бораи ҳукумати англис баён намояд. Жюл Верн низ дар сафарномаҳояш вазъи сиёсию иҷтимоии замонаашро ба василаи пешгӯиҳои илмиву тахайюлӣ ба тасвир гирифтааст, ки ифодагари шигифтиҳои ҷаҳони ношинохта аст. Сохтори мундариҷавии асарҳои ёдшударо ҳарчанд унсурҳои жанри сафарнома шакл дода бошанд ҳам, вале аксари онҳо гоҳо аз воқеияти зиндагӣ фосила гирифтаанд.

Таърихи сафарномависӣ дар матни воқеиятҳои рӯзгор бо таълифоти Ибни Батута, Носири Хусрав, Морко Поло ва чанди дигар оғоз ёфта, ин муаллифон бо баёни сафаргуфтаҳо “дар шиносондани авзоъ ва аҳволи тамаддуну фарҳанг ва таърихи бархе аз сарзаминҳо нақши басазо доштаанд” [10, с. 15]. Ҳамин тавр, аз ибтидои пайдоиш, дар чи шакле набошад, сафарнома бо мақсади хабардорӣ ва огоҳӣ аз аҳволи мардум ва сарзаминҳои гуногун эҷод шуда, яке аз василаҳои таъсиргузор дар шинохт ва кашфи сарзаминҳо, шинохти фарҳангҳо, дарёфти иттилоот ва тағйиру такмили дидгоҳҳо оид ба вазъи воқеии иҷтимоӣ ва сиёсии ин ё он кишавар будааст.

Аз ибтидои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ низ сафаргуфтаҳо ҷузъи андешаву орои адибон қарор доштааст. “Бӯи ҷӯи Мӯлиён”-и Рӯдакӣ ба навҳе ёдвораи омехта бо сафаргуфтаест, ки баъд аз шунидани он “амир чунон мунфаил гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ ованаду рӯй ба Бухоро ниҳод” [16, с. 59].

Дар осори манзуми шоирону нависандагони дигар, аз ҷумла Фирдавсӣ, Хайёму Саъдӣ, Ҳофизу Камол ва дигарон низ ҷузъиёти сафари онҳо ба тасвир омадааст. Рисолаҳои Абурайҳони Берунӣ “Таҳқиқ мо лил Ҳинд” (асри 11), “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфӣ (асрҳои 12-13), “Бадое-ул вақоеъ”-и Восифӣ ва монанди инҳоро метавон ҳамчун намунаҳои аввалин сафарномаи воқеӣ тавсиф кард.

Чунонки ба мушоҳида мерасад, аз ибтидо ангезаҳое ё худ омилҳое вуҷуд доштааст, ки заминаи таърихиро барои эҷоди намудҳои гуногуни сафарнома ба вуҷуд овардааст. Дар ин замина ба василаи рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷавомеи Шарқ сайру сафар ривоҷ ва равнақ ёфта, заминаи воқеиро барои эҷоди ин жанр фароҳам овард. Бахусус тавсиаи мусофиратҳо дар давраи исломӣ, аз ҷумла зиёрати амокини муқаддас, хонаи Худо, таҳсил дар мадориси кишварҳои исломӣ ва тиҷорат аз агезаҳои воқеие будаанд, ки як силсила ин гуна осорро ба вуҷуд овардаанд. Ин гуна осор дар қобусномаҳо таҳти унвони ҳаҷнома, зиёратнома ва рисолаҳои ҷуғрофию таърихӣ ёд шудаанд, ки намунааш “Қандияи хурд”-и Абулфазл Муҳаммади Самарқандӣ, ҳаҷномаи “Туҳфат-ул-ироқайн”-и Хоқонии Шервонӣ, “Футуҳ-ул-ҳарамайн”-и Муҳйии Лурӣ, манзумаи “Ҳаҷнома”-и Сӯфӣ Оллоҳёр, рисолаҳои “Наҳзат-ул- қулуб”-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, “Хулосат-ул-ҳаёт”-и Аҳмади Насруллоҳ, китоби “Масолик-ул-мамолик”-и Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ ва монанди инҳо мебошанд.

“Сафарнома”-и Носири Хусрав низ зери таъсири омилҳои зикршуда таълиф шуда, ҳосили сафари ҳафтсолаи ӯ аз Марв ба Осиёи Сағир, Шом, Ҳиҷоз, Миср, Қоҳира, то бозгашт ба Балх мебошад ва ҳамчун намунаи аввалини ин жанр эътироф шудааст [20, с. 12]. И. С. Брагинский дар давоми ҳафт сол ба Озарбойҷон, Арманистон, Эрон, Сурия, Фаластин, Арабистон, Ироқ сафар кардан ва анқариб ду сол дар дар давлати Фотимиҳои Миср зиндагӣ кардани Носири Хусравро таъкид карда, ба хулоса омадааст, ки “Сафарнома” на фақат асари ҷуғрофиёӣ (ҳарчанд дар ин самт низ арзиши он бузург аст), балки беш аз он санади инсонӣ мебошад... Дар ҳар сатри он ҳақиқат, ҳақпарастӣ ва самимияти муаллифи он ҷилвагарӣ менамояд” [5,с. 311-312].

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Манучеҳри Амирӣ ангезаи таълифи ин асарро таблиғи бунмояҳои маънавӣ ва ахлоқии мазҳаби исмоилия таъбир карда, аз ҷумла навиштааст, ки “Сафарнома”, пеш аз ҳама, як асари таблиғотиест, ки дар он Носири Хусрав бисоти даъвати исмоилияро доҳиёна ва андак-андак густурда ва бе он ки тасреҳан ба радду тахтаи мазҳаби авом пардозад, талвеҳан дар исботу тарвиҷи оини хеш кӯшидааст” [2, с. 191].

Гӯё ҳамин хусусияти ин асар боис шудааст, ки ба пайбурди А. Алимардонов “муаллифи суннимазҳаб ба ин асар даст зада, ба он баъзе таҳрирҳою тағйирҳои ба ақидаи худ мувофиқро дароварда бошад, он гоҳ аз тарафи дигар, пайравони содиқи исмоилия аз номи Носири Хусрав як “Сафарнома”-и дигаре сохтаанд, ки он бо асари ҳақиқии ӯ ҳеҷ умумияте надорад”. Ин муҳаққиқ сабаби мавриди таҳриру таҳрифи бештар қарор гирифтани “Сафарнома”-и Носири Хусравро дар он дидааст, ки “ин асар ба монанди “Ваҷҳи дин” ва баъзе рисолаҳои дигари ҳаким махсус барои бародарони рӯҳонӣ пешбинӣ нашуда, барои доираи васеи хонандагон навишта шудааст” [1, с. 113-114].

Зери таъсири адабиётшиносии табақагарои шуравии собиқ баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Е. Э. Бертелс тасвир ва зиёрати ҷойҳои муқаддас, аз қабили мазору оромгоҳҳои авлиё ва масҷидҳоро дар ин асар кори дасти таҳриргарони минбаъда ва бо усули зиёратномаҳо (роҳнамои мазорҳо) таълиф шудани асар донистааст, ки ин ин андеша бебунёд мебошад [1, с. 117].

Дар асл мундариҷаи “Сафарнома”-и Носири Хусрав гувоҳи он аст, ки муаллиф дар ин асар мавзеъҳои ҷуғрофиёиву таърихӣ, шахсиятҳои таърихӣ ва мадфани бузургони гузаштаро

холисона ба тасвир гирифта, ҳадафаш танҳо хабардор намудани мухотабон аз таърих ва фарҳангӣ меросӣ будааст. Ба ин далел, сохтори мудариҷавии “Сафарнома”-ро дарунмояи оянданигар ва раҳнамо шакл додааст, ки аз шиносоӣ ва тавсифи ободиҳои шаҳру деҳот, ҳусни осори меъморӣ, тарзи давлатдорӣ, муносибатҳо ба ақвоми гуногун, манозири табиат, шуғли мардум ва монанди инҳо иборат мебошад. Тасвири манзараҳои кишварҳо, аз ҷумла кӯҳҳову дарёҳо, мазору қалъаҳо, масҷиду мақбараҳо ҷанбаи вуқуъгароии асарро афзуда, моҳияти диди воқеаписанди муаллифро ошкор менамояд.

Ин сафарнома, чунонки баъзе муҳаққиқон зикр кардаанд, “аз ҷиҳати тарзи баён ва содагии нигориш ба сафарномаи сайёҳи маъруфи марокашӣ Ибни Баттута (1404-1477) монанд аст. Мусташриқи рус И. Ю. Крачковский зимни таҳқиқи асарҳои ҷуғрофиёи араб ба сафарномаи Носири Хусрав низ ишора намуда, моҳияти ҷуғрофиёӣ доштани онро таъкид мекунад [20, с. 15]. Муҳаққиқи эрони Маҳдии Дурахшон “Сафарнома”-ро бо асари Абулфазли Байҳақӣ сазовори муқоиса дониста, афзудааст, ки “Он ҳам сафарнома аст, ҳам тазкира, ҳам таърих аст, ҳам ҷуғрофиё, ҳам мардумшиносист, ҳам фарҳангшиносӣ. Доир ба ҳамаи соҳаҳои номбурда дар ин китоб маводи муътамад ҳаст” [8, с. 85].

Ба ин тартиб, “Сафарнома”-и Носири Хусрав аввалин асар дар ин жанр буда, хонандаро бо паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ҳаёти иқтисодӣ, илму ҳунар, меъморӣ ва адабиёту фарҳанги мамлакатҳои гардишкардаи Нисири Хусрав ошно месозад, ки то таълифи ин асар собиқа надошт. Имтиёзи дигари ин “Сафарнома” дар он аст, ки ба қавли В. Г. Белинский муаллиф “дар назди ин жанр вазифа гузоштааст, ки мамлакатҳоро бишносонад” ва “захираи донишҳои моро боло барад” [3, с. 319]. Таҷрибаи Носири Хусрав нишон медиҳад, ки вай ба яке аз хусусиятҳои жанри сафарнома-мушоҳида ва таассуроти шахсии муаллиф эътибори хос дода, таваҷҷуҳашро бештар ба масоилии муҳимми иҷтимоиву фарҳангии замони мавриди назараш равона намудааст. Ба ин далел, тасодуф нест, ки сафаргуфтаи вай, пеш аз ҳама, фарогири тавсиф ва таҳлили ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатҳое будааст, ки Носири Хусрав дар онҳо гардиш кардааст.

Сафарномаи манзуми Саъдуддин ибни Шамсиддин Низории Қаҳистонӣ идомабахши ин суннат дар адабиёти тоҷикии асри сездаҳ мебошад. Ин сафарнома дар вазни “Маснавии маънавӣ”- Ҷалолиддини Балхӣ навишта шуда, мушоҳидаҳои сафари якунимсолаи шоирро, ки моҳи феврали 1280 аз шаҳри Тун оғоз ёфта, моҳи феврали 1281 дар шаҳри Боку ба анҷом расидааст, дар бар мегирад. Шоир мушоҳидаҳояшро аз сафари шаҳрҳои Исфаҳон, Табрез, Боку, Хӯй, Ардабил, Натанз, Сарой ва кишварҳои Арманистону Гурҷистон ба назм оварда, ба ин васила мухотабонашро бо вазъи иҷтимоиву фарҳангии мавзеъҳои зиёраткардааш ошно месозад, ки тарзи вуҷуънигорӣ ва вазъшиносии ӯ ва фарогирии авзои он минтақаҳо сохтори жанрии сафарномаро ташаккул ва таҳаввул бахшидааст.

Суол пайдо мешавад, ки ангеза ё худ омили сафари Ҳаким Низорӣ ба тамоми шаҳрҳои Қаҳистон, Хуросон, Систон, Қафқоз ва ниҳоят эҷоди ин сафаргуфта чӣ будааст? Ӯ, ки аз рӯзгори ҷавонӣ дар хидмати ҳокими муғули Қаҳистон Туғахон будааст, ҳамчун ходими ин ҳукумат дар сафарҳои расмии ҳоким иштирок намуда, ба ин васила аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва аҳволи мардум хабардор мешавад ва натиҷаҳои дидаву шунидаҳояшро дар ин маснавӣ ба тасвир мегирад, ки баъд аз “Сафарнома”-и Носири Хусрав дувумин ҳодисаи ҷолиби адабӣ буда, заминагузори ин иқдоми шоир ҳамсозии ӯ бо ҳокимони вақт ва истифода аз шароити баамаломада дар эҷоди ин сафаргуфта мебошад.

Ҳаким Низорӣ дар сафарнома дидаҳову шунидаҳо ва мушоҳидаҳояшро оид ба вазъи замон ва воқеиятҳои рухдода ба назм кашида, ба ин васила тавонистааст, ки оиди масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ натиҷагирӣ намояд. Яке аз воқеаҳое, ки муаллиф дар маснавӣ дақиқназарона ва моҳиятҷӯёна ба тасвир гирифтааст, бо чашми сар дидан ва тасвир кардани шӯриши арманиҳо ба муқобили муғулҳо мебошад, ки бо ҷузъиёташ ба тасвир омадааст.

Асари дигаре, ки дар жанри сафарнома таълиф шудааст, маснавии Мирзо Содиқи Муншӣ мебошад. Содиқи Муншӣ дар нимаи дувуми асри 18 ва ибтидои садаи 19 зиндагӣ ва эҷод карда, аз шоирони будааст, ки диди амиқи вуқуъгароӣ доштааст. Сафарномаи ӯ маснавии “Рафъи тумани Оҳугир ва Хайробод” далели гуфтаи болост. Ин маснавӣ, ки аз 144 байт иборат мебошад, зери таъсири сафар ва мушоҳидоти шоир дар деҳоти атрофи Бухоро ба вуҷуд омадааст.

Адабиётшиноси фақид Усмон Каримов дар бораи хусусияти жанрии маснавии зикршуда чизе нагуфта, онро аввал “саёҳатномаи шоир номидан беҳтар аст” мегӯяд, сониян “сафарнома” унвон мекунад, ки ишора ба хусусияти жанрии он мебошад [9, с. 141-143]. Яъне, ба назари ин муҳаққиқ саёҳатнома ҳамон сафарнома аст. Далели эҷоди ин сафарнома

аз ҷониби Муншӣ ин будааст, ки “шоир ба сабаби гирифтори ғаму андӯҳ шудан ба саёҳати туманҳои атрофи Бухоро мебарояд:

Бурун гаштам ман аз шаҳри Бухоро,
Ба рафъи хирмани ғам сӯи саҳро “ [9, с. 142].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, омили асосие, ки шоирро ба эҷоди ин сафарнома барангехтааст, вазъи иҷтмоии деҳоти атрофи Бухоро ва зиндагии пуразоби мардуми мазлум будааст. Байтҳои зер ҳадафи шоирро аз эҷоди ин асар ба сароҳат бозгӯ менамоянд:

Аз он рӯзе, ки берун гаштам аз шаҳр,
Надидам рӯи роҳатро дар ин шаҳр.
Хароботе дар он ҷо ҷилвагар буд,
Мақоми мардуми бепою бесар буд.
Яке вайронае бебому бедар,
Бинои сақфи ӯ аз реги сарсар... [20, с. 24].

Мирзо Содиқ замоне ин сафарномаро навиштааст, ки то давраи маорифпарварӣ фурсати кам боқӣ монда буд. Яъне, мисли маорифпарварони баъдӣ ӯро низ вазъи тоқатфарсои иҷтимоии Бухорои амирӣ таҳрик бахшида, ба баёни андешаҳои ислоҳотхоҳона во доштааст, ки натиҷааш таълифи сафарномаи мазкур мебошад. Ин дувумин сафарномаи манзум дар адабиёти тоҷик аст, ки иттилооти муҳимро доир ба вазъи зиндагии музофоти Бухорои он замон дар бар мегирад.

Нимаи дувуми садаи нуздаҳ даврае буд, ки маъмурони ҳукумати вақт бар ҳамаи табақоти ҷомеа тасаллут доштанд ва золимона аз интишори иттилоот доир ба вазъи зиндагии мардум ва аъмоли мансабдорон пешгирӣ мекарданд. Чунин вазъи тоқатфарсо заминаи таърихиро барои эҷоди сафарномаҳои интиқодӣ ва ҳолнамо ба вуҷуд овард, ки омили таъсигузори он аввалан иртиботи падидаҳои иҷтимоӣ бо рӯйдодҳои таърихӣ, сониян вазъи нобасомони рӯзгори мардум ва зикри фақоеъи алоқаманд ба сарнавишти наслҳо мебошад. Бо назардошти ин воқеият сафарномаҳои дар давраи мазкур эҷодшударо метвон муҳимтарин ҷилвагоҳи вазъи зиндагии мардум ва ҳолу ҳавои аморати Бухоро донист, ба ин далел, ки аз матни сафарномаҳое, ки дар нимаи дуюми асри нуздаҳ ва баъди он таълиф шудаанд, метавон вазъи иҷтимоии ин давра, расму русум, вазъи фарҳангӣ, ҳақиқати таърихӣ, андешаву орои сиёсатмадорон ва моҳияти робитаҳои сиёсии давлатҳои он рӯзгорро донисту арзёбӣ кард. Илова ба арзиши иҷтимоӣ, таърихӣ, ҷуғрофиёӣ, сиёсӣ, ҷомеашиносӣ, мардумшиносӣ, сафарномаҳои ин давра дорои арзиши адабии вижае низ ҳастанд, ки асоси онро сабк, забони гуфтор, истилоҳоти соҳавӣ, аз ҷумла девонӣ, низомӣ, истихборотӣ ва таъбироти хоси як давраи хос ташкил медиҳад.

Сафарномаҳои дар нимаи дувуми асри нуздаҳ ва ибтидои садаи бист эҷодшуда, аввалин намунаҳои адабиёти танқидиву иҷтимоӣ буданд, ки вазъи аморати Бухоро ва музофоти онро дақиқназарона инъикос намудаанд. Омили таъсиргузори ин раванд, аввалан “манфиати ҷомеаи он замон” бошад, сониян афзоиши тамоюли мустамликадорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ аст [11, с. 8-9]. Агар дар адабиёти Эрон заминагузори ин тамоюл сафарномаҳои Мирзо Солеҳи Шерозӣ, Толибов, Зайнулобиддини Мароғаӣ ва Ҳоҷӣ Сайёҳ бошанд, дар адабиёти тоҷик таълифоти Муҳаммад Ҳакимхон, Аҳмади Дониш, Возеҳ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Абдурауфи Фитрат зинаи тозаи таҳаввули ин жанрро ба вуҷуд оварданд. Ҳамчунин дар ҳамин давра аввалин сафарномае эҷод гардид, ки ба қалами Абдурраҳмони Мустаҷир мансуб буда, зери таъсир ва супориши хостаҳои ғасбгароёнаи ҳукумати подшоҳии Русия ба вуҷуд омадааст.

Дар “Мунтахаб-ут-таворих-и Муҳаммад Ҳакимхон, ки дар солҳои 1802-1803 таълиф шудааст, сафаргуфтаҳои муаллиф аз кишварҳои Русия, Туркия, Сурия, Фаластин, Миср, Арабистони Саудӣ ва Эрон дарҷ шудааст, ки мушоҳидаҳо ва андешаҳои муаллифро дар бораи сарзамиҳои зикршуда ва воқеоти иҷтимоиву таърихӣ инъикос менамояд.

“Рӯзномаи сафари Искандаркӯл”-и Абдурраҳмони Мустаҷир, ки худ тарҷумон ва гумоштаи фармондеҳи рус, генерал-майёр А. К. Абрамов буд, бо ҳадафи донистани “вазъи иқтисодӣ, ҳолати иҷтимоӣ, сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи мадании Кӯҳистон, яъне болооби Зарафшон, ки миригариҳои Фалғар, Масчоҳ, Фон, Киштуд ва Моғиён” [13, с. 3] таълиф шудааст. Азбаски сафари ҳарбиёни рус ҳадафи ғасбкорӣ дошт, Мустаҷир низ зери фармони ғосибон дар сафарнома аксаран маълумоти арзиши ҳарбӣ доштаро фароҳам овардааст, ки “вазъи деҳаҳо, мавқеи ҷойгиршавии онҳо, қурғонҳо, қалъаҳо, роҳҳо, пайраҳаҳо, гузаргоҳҳои кӯҳӣ, ағбаҳо, фарозҳо ва хамгаштҳоро то ба дараҷаи аниқияти топографӣ тасвир карда, дар ҳар деҳа чанд хонавор будан, мавҷудияти мактабу меҳмонхона ва қалъаю қуръон доштани

онро махсус таъкид менамояд. Мавҷудият ва ҳолати мазорҳо низ дар “Рӯзнома” муфассал тасвир шуда, роҷеъ ба андозҳои мавҷуда ва тарзи ситонда шудани онҳо низ маълумоти муфассал дода мешавад” [13, с. 11-12].

Ин сафарнома, ки фақат ҷанбаи ғасбкорӣ ва маъмуриву давлатӣ дошт, ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ дар шарҳу тавсифи як гӯшаи Тоҷикистони онвақта, расму русум ва ёдгориҳои таърихӣ арзишманд буда, пеш аз ҳама, бо ҳадафи пиёда кардани сиёсати ғасбкории ҳукумати Русия эҷод шудааст. Ба ин далел, Абдурраҳмони Мустаҷир наметавонист дар ин сафарнома аз вазъи нобасомони иҷтимоии ин минтақа ё зарурати ислоҳот сухан ба миён оварад, балки вай маълумотеро фароҳам овардааст, ки барои идомаи ғасбкориҳои Русия ва дар вобастагӣ нигоҳ доштани Осиёи Марказӣ ба он муҳим ба шумор мерафт [11, с. 9].

Аҳмади Дониш бо таълифи “Наводир-ул-вақоеъ”, ки бобҳои шашум, ҳафтум ва ҳаштуми он сафарнома аст, сохтори мундариҷавӣ ва ҳунарии ин жанрро таҳаввул бахшид. Ҷустуҷӯҳои нависанда ин жанрро ба зинаи нави инкишоф ворид сохт, ки дар даврaҳои баъдӣ илҳомбахши нависандагон дар эҷоди сафарномаҳои воқеӣ гардид. Агар Аҳмади Дониш дар боби шашуми ин асар, ки “Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеъи сафар ва хислати занон” унвон дорад, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии сафарро баррасӣ карда бошад, дар бобҳои “Дар ҳокимияти Абилқосим-бӣ ва сафари Русия” ва “Дар сафорати Абдулқодирбек ва баёни аҳоиботи базм ва ҷашни Русия” сафаргуфтаҳоеро аз “сафари ҳайати вакилони амир Музаффар ба Русия пас аз мағлубияти аморати Бухоро дар ҷанги соли 1863 ва баста шудани муоҳидаи сулҳи нанговари ҳамин сол” ва “сафари Аҳмади Дониш дар ҳайати вакилони амири Бухоро ба Петербург ба муносибати тӯи духтари император Александр (соли 1874)” [18, с. 186] нақл кардааст.

Аҳмади Дониш дар сафари Петербург ба сифати мирзои (котиби) элчии амир ҳайати вакилонро ҳамроҳӣ намуда, ҳар он чиро, ки дар ин роҳ дидаву шунида тасвир кардааст. Дар зимни ҳикояти сафар Аҳмади Дониш вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухороро ба муҳокима кашида, беназмии тарзи ҳукуматдории амир, ҷоҳиливу нодонии аҳли дарборро дар қиёс бо пешрафтҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва илмию техникии Русия зери танқид мегирад. Сафаргуфтаи ӯ аз маросими тӯи духтари император Александр низ бо фарогирии санадҳои адабиву фарҳангӣ ва ахлоқӣ чеҳранамои вазъи иҷтимоии Русия ва Бухорои он замон буда, неши танқиди нависанда ҷониби амир ва низоми давлатдории ӯ равона шудааст.

Сафарномаи дигаре, ки дар таҳаввули ин жанр дар адабиёти нимаи дувуми асри нуздаҳ нақши муҳим дорад, “Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик” ва ё “Ғароиб-ул-хабар фи аҷоиб-ус-сафар”-и Возеҳ мебошад. Ин асарро Т. Неъматзода дар як ҷо “хотираҳои сафар” [15, с. 14], дар ҷои дигар “сафарнома” [15, с. 35] унвон кардааст, ки андешаи дувумаш дуруст аст. Р. Ҳодизода низ “ба тариқаи хотираҳои сафар” [7, с. 243] навишта шудани онро таъкид менамояд. Ҳол он ки худи Возеҳ бо ироаи номи дувуми асар, яъне “Ғароиб-ул-хабар фи аҷоиб-ус-сафар” сареҳан ба жанри он ишора кардааст.

Дар ҳақиқат, хабарҳои ғариб ва сафари аҷиб, ки Возеҳ дар кишварҳои гуногун анҷом додааст, мундариҷаи сафарномаи ӯро шакл додааст, ки аз тасвири тарафҳои гуногуни воқеият, ҳодисаҳо, хислатҳо, ҷараёнҳо ва тамоюлҳои фикрӣ, мушкилоти дирӯзу имрӯз иборат буда, мусофири роҳ-Возеҳ дар ҷараёни сафараш тавонистааст “қатъи назар аз такаллуфот ва тасаннуоти мазҳабӣ ва таассуботи миллатӣ аз қарори воқеъ ҳар чизе ки бошад” навиштааст, “то бар тафосили ҳақоиқи ҳар шаҳр ва ҳар ҷамоат ва ҳар мазҳаб камоянбағӣ вуқуфи комил ҳосил шавад” [15, с. 19]. Барои ба ин ҳадаф расидан Возеҳ дар сафарнома маълумоти таърихӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофиёӣ ва фарҳангии дақиқ оварда, дар ин замина вазъи шаҳру деҳот, манозири роҳ, ҷойҳои муқаддас ва авзои ҷомеаи минтақаҳои гуногунро дақиқ ба тасвир мегирад.

Сафарномаи Возеҳ, ба қавли Т. Неъматзода “дар солҳои 90-уми” асри нуздаҳ на фақат “анъанаи “Сафарнома”-нависии Носири Хусравро давом додааст” [15, с. 35], балки бо фарогирии воқеоти мухталифи ҳаёти ҷомеа ва баёни назари инфиродиаш доир ба муҳимтарин мушкилоти иҷтимоиву фарҳангӣ сохтори мундариҷавӣ ва жанрии сафарномаро такмил бахшидааст.

Нафари дигаре, ки “ғояҳои пешқадами Аҳмади Донишро дар ибтидои асри 20 давому инкишоф дода, мужадаи озодӣ ва маданияти нави асриро ба халқи худ оварда, ба воситаи асарҳо ва ҳаёти шахсии худ ба рӯйи мардуми мо дари дунёи нави баъд аз инқилоби соли 1905-ро кушодааст” [12, с. 119], муаллифи сафарномаи “Туҳафи аҳли Бухоро” Мирзо Сироҷиддини Ҳаким аст.

Сафарномаи Мирзо Сироҷ саҳифаи тозае дар эҷоди ин жанр буда, бо масъалагузорӣ, таҳқиқ ва тасвири қиёсии воқеаву ҳодисаҳо, арзёбии моҳияти дидаву шунидаҳо ва

натиҷагириҳои ояндабинона аз ҳамаи сафарномаҳои қаблӣ фарқ дорад. Ин аср фақат аз тасвиру тавсиф ва тафсили аҷоиботи сафар иборат набуда, балки андешаҳои ҷиддии иҷтимоии муаллифро низ дар бар мегирад [4, с. 24]. Муаллиф ба воситаи ин сафарнома на танҳо мухотабонашро “бо ҷиҳатҳои ҷозибу шавқовари мамлакатҳои сафаркардааш” ошно мекунад, балки “тавассути муқоисаҳо мефаҳмонад, ки дар хориҷи чордевори “Бухорои шариф” низ дунёи рангини диданӣ, ҳаёти аҷиби ибратангезе вуҷуд дорад. Ӯ чашми мардуми дар хоби ғафлат ғунудаи сарзамини азизашро боз кардан хостааст, то бидонанд, ки дӯст кист, душманӣ чист, бубинанд, ки меҳнат, маърифат, фарҳанг инсонро ба чӣ пояи бузурге мерасонидааст ва ғ.” [17, с. 7].

Ҳамин тавр, Мирзо Сироҷ бо сафарномаи “Туҳафи аҳли Бухоро”, ба шаҳодати Х. Мирзозода “ асоси сафарномаи давраи нави адабиёти тоҷикро” [12, с. 161], ба ин васила зеҳнияти мухотабонашро дар шинохти воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатҳои сафаркардааш дигаргун намуда, роҳи пешрафти иқтисодӣ , фарҳангӣ ва иҷтимоиро барои ҷомеаи онрӯза ва оянда матраҳ кард.

Чунонки ишора шуд, замина ва омили асосии дигаргунӣ дар сохтори мундариҷавӣ ва жанрии сафарнома ва нуфузи он дар ҳавзаи иттилоотии ҷомеаи нимаи дувуми асри нуздаҳ ва ибтидои садаи бист вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии низоми истибдодии аморати Бухоро буда, паёми Абдурауфи Фитрат ба воситаи сафарномаи “Баёноти сайёҳи ҳинд” ба ҷомеа зинаи дигари таҳаввули ин жанр ва пай афкандани зербинои инқилоби иҷтимоӣ мебошад. Сафарномаи Фитрат бо хусусиятҳои мундариҷавӣ, тарзи нигориш ва сохтори жанрӣ аз сафарномаҳои қаблӣ фарқ дошта, муҳимтарин паҳлуи он камбудиҳову заъфҳо ва беадолатиҳои ҳукумати амириро ба воситаи мушоҳидаҳо ва сафаргуфтаҳои сайёҳи ҳиндӣ фош кардан аст, ки ифодагари дигаргунии фикри бедурӯғи нависанда дар такя ба ормонҳои тӯдаи мардум мебошад. Фитрат дар ин сафарнома аз боби ислоҳоту дигаргунӣ сухан гуфта, “ҳамроҳ бо сайёҳи ҳиндӣ ба гӯшаву канори аморат саёҳат мекунад ва дар ҳар маҳал шоҳиди воқеаву рӯйдоде мегардад, ки далолат аз нодонии мардум, беадолатии сарварон ва ақибмонадгии кишвари овозадораш мекунад. Ба чашми сар мебинад, ки сарвару роҳбари мардуму кишвар умарои Бухоро “мактаб надидаанд, қавонини ҳукмдориро нашунидаанд, одоб ва маросими маъмуриятро намедонанд. Миллат чи сон тараққӣ мекунад, мамлакат чи гуна маъмур мегардад, хизонаи давлат чи тавр обод мешавад, аз хотирашон нагузашта, вазифаи як ҳоким нисбат ба раият чист, ҳуқуқи раият ба ҳоким кадом аст, абадан нашунидаанд” [6, с. 6].

Ҳамчунон ки ба назар мерасад, сохтори мундариҷавии сафарномаи Фитратро ҳодисоти хоси иҷтимоӣ шакл додааст, ки натиҷаи интихоб ва тасвири воқеаҳои иҷтимоӣ, вазъиятҳои мушаххас ва ҳодисаҳои таъсиргузори он замон аз тарафи муаллифи шоҳид ва андешаманду ояндагаро мебошад. Сафарномаи Фитратро унсурҳои сохтории ҷузъиёти воқеиятҳои иҷтимоӣ, усулҳои тозаи композитсионию мундариҷавӣ ва тартиби корбурди воситаҳои забонӣ мушаххас месозад, ки зери таъсири тозаҷӯиҳои ӯ шакл гирифтааст.

Аз таҳлилҳои анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дувуми садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист замина ва омили асосии пайдоиш ва таҳаввули жанри сафарнома дар адабиёти ин давра буда, бо мазмуну ғояи созанда ҳамчун жанри мустақил дар таърихи адабиёт мавқеи хосро ишғол намудааст.

Адабиёт

1. *Алимардонов, А. Дахолати пайравони мазоҳиб дар “Сафарнома”-и Носири Хусрав / А. Алимардонов // Номаи пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи пажӯҳиши эроншиносӣ. – Соли сеюм, шумораи чаҳорум, тобистони 2003. – С. 111-124.*
2. *Амирӣ, М. Оё “Сафарнома”-и Носири Хусрав талхисе аз матни мукаммалтар аст? / М. Амирӣ // Ёдномаи Носири Хусрав. – Машҳад, 1376. – С. 190-195.*
3. *Белинский, В. Г. Полн. соб. соч. в 13-и томах. Т. 9 / В. Г. Белинский. – М.: Советский писатель, 1957. – 489 с.*
4. *Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика / Н. Бозоров. – Душанбе: Пойтахт, 2014. – 184 с.*
5. *Брагинский, И. С. Из истории персидской и таджикской литератур (Избрание работы) / И. С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.*
6. *Гулмуродзода, П. Муроди ӯ танҳо насиҳат буд / Абдурауфи Фитрати Бухоросӣ. Баёноти сайёҳи ҳиндӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 3-12.*
7. *Дониш, А. Наводир-ул вақоеъ (Мунтахабот) / А. Дониш. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.*

8. *Дурахшон, М. Сабки Носири Хусрав дар "Сафарнома" / М. Дурахшон // Ёдномаи Носири Хусрав. – Машҳад, 1376. – С. 80-86.*
9. *Каримов, У. Мирзосодиқи Муншӣ (Аҳвол ва осор) / У. Каримов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 162 с.*
10. *Карочӣ, Р. Дидорҳои дур: пажӯҳише дар адабиёти сафарномаӣ ҳамроҳ бо китобшиносии сафарномаи форсӣ / Р. Карочӣ. – Теҳрон: Чопор, 1381. – 188 с.*
11. *Конрад, Н. И. Запад и Восток / Н. И. Конрад. – М.: Главная редакция восточной литературы, 1972. – 496 с.*
12. *Мирзозода, Х. Ҳотифи тамаддуни нав / Х. Мирзозода. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 119-165.*
13. *Мустафир, А. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / А. Мустафир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.*
14. *Мусулмонқулов, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1990. – 335 с.*
15. *Неъматов, Т. Дар бораи Возеҳ ва асари ӯ "Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих –ул-мамолик / Т. Неъматзода. – Сталинобод, 1957. – 50 с.*
16. *Низомии Арузии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / Низомии Арузии Самарқандӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 160 с.*
17. *Солеҳов, С., Мирзоев, М. Дар бораи "Туҳафи аҳли Бухоро" ва муаллифи он / Мирзо Сирочи Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро (Сафарнома). – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 3-8.*
18. *Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш. Тарҷума ҳол ва мероси адабию илмӣ / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 293 с.*
19. *Чернишевский, Н. Г. Соб. соч. в 15-и томах. Т. 4 / Н. Г. Чернишевский. – М.: Советский писатель, 1862. – 543 с.*
20. *Юнусзода, З. Жанри сафарнома дар адабиёти маорифпарварии тоҷик / З. Юнусзода. – Тошканд: Фан, 2014. – 179 с.*

ЗАМИНАҲО ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ САФАРНОМА

Сафарнома баъд аз осори манзум ҷузъи муҳими адабиёти тоҷик буда, мутассифона, заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу таҳаввули он ба дараҷае, ки лозим аст, омӯхта нашудааст. Ба ин далел, дар ин мақола мо саъй намудем, ки ҷараёни пайдоиш ва шаклгирии ин намуди адабиро дар матни воқеиятҳои замонҳои мухталиф таҳқиқ карда, заминаҳо ва ангезаҳои зуҳур ва ташаккули онро аз оғоз то ибтидои садаи бистум муайян ва мушаххас намоем. Ба ин тартиб, дар мақола таърихи сафарноманависӣ аз ибтидо то даврои зикршуда баррасӣ шуда, заминаҳо ва ангезаҳои пайдоиш ва инкишофи он дар даврaҳои гуногун мушаххас карда шудааст. Дар ин замина нахустин намунаҳои он, аз ҷумла сафарномаҳои хаёлӣ ва воқеӣ, ки шакли ибтидоии ин жанр мебошанд, таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин масъалаҳои таъсири сиёсатҳои замон, мафкураи мазҳабӣ, вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, ҷараёни мустамликадорӣ ва нуфӯзи қудратҳои ғосиб дар шаклгирии жанри сафарнома ба таври мушаххас таҳлил ва равиши инкишофу хусусиятҳои сохтори мундариҷавию ғоявии ин жанр дар такя бо сафарномаҳои дар даврaҳои гуногун эҷодшуда муайян гардидааст.

Калидвожаҳо: сафарнома, саёҳатнома, очерки сафарӣ, жанр, мундариҷа, дарунмоя, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сохтор.

ОСНОВА И ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ САФАРНАМЕ (ПУТЕВОЙ ДНЕВНИК)

Путевой дневник является важной частью таджикской литературы после поэмы, к сожалению, историческая подоплека и факторы ее возникновения и развития не изучены в необходимой степени. По этой причине в данной статье мы попытались исследовать процесс возникновения и становления этого литературного жанра в текстах реалий разного времени, выявить и уточнить основания и мотивы его появления и формирования с начала по начало XX века. Таким образом, в статье рассматривается история путевого дневника от начала до указанного периода, указываются основания и мотивы его возникновения и развития в разные периоды. В этом контексте анализируются и оцениваются его первые образцы, в том числе воображаемые и реальные травелоги, являющиеся основной формой этого жанра. На основе травелогов, созданных в разные периоды, конкретно проанализированы колониализм и влияние колониальных держав на формирование жанра путевой дневник, определены пути развития, особенности содержания и идейной структуры этого жанра. Также на основе травелогов, созданных в разные периоды, конкретно проанализированы вопросы влияния политики того времени, религиозной идеологии, социально-политической ситуации, процесса колонизации и влияния оккупационных держав на формирование жанра травелога, а также определены подходы к развитию и особенности содержания и идейной структуры этого жанра.

Ключевые слова: путевой дневник, рассказ о путешествии, путевой очерк, жанр, содержание, интерьер, политический, социальный, культурный, структура.

BASIS AND FACTORS OF SAFARNAME

Travelogue is an important part of Tajik literature after the poem; unfortunately, the historical background and factors of its origin and development have not been studied to the required extent. For this reason, in this article we tried to explore the process of the emergence and formation of this literary genre in the texts of realities of different times, to identify and clarify the grounds and motives for its appearance and formation from the beginning to the beginning of the twentieth century. Thus, the article examines the history of travel writing from the beginning to the specified period, indicating the grounds and motives for its origin and development in different periods. In this context, its first examples are analyzed and evaluated, including imaginary and real travelogues, which are the main form of this genre. Based on travelogues created in different periods, colonialism and the influence of colonial powers on the formation of the travelogue genre are specifically analyzed, the development paths, features of the content and ideological structure of this genre are determined. Also, based on travelogues created in different periods, the influence of the politics of that time, religious ideology, socio-political situation, the process of colonization and the influence of occupying powers on the formation of the travelogue genre was specifically analyzed, and approaches to the development and features of the content and ideological structure of this genre were identified.

Keywords: travelogue, travel story, travel essay, genre, content, interior, political, social, cultural, structure.

Дар бораи муаллиф
Боқиев Ҳамза
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

About the author
Bokiev Hamza
Candidate of philological sciences, Docent of the department of Tajik language and literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

Об авторе
Бокиев Хамза
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

ТДУ 891.550

АЙНӢ ВА МАСЪАЛАИ ВОРИСИЯТИ МИЛЛӢ

Қурбонзода М., Қурбонова З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Оғози солҳои 20-уми асри XX, аниқтараш 2-юми сентябри соли 1920, дар қаламрави Аморати Бухоро ошӯбҳои озодихоҳона бо дигаргунсозиҳои куллии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба амал омада, бо ғалабаи «Инқилоби халқӣ» ба анҷом расид. Дар натиҷа сохтори сиёсӣ ва низоми давлатдории Аморати Бухоро барҳам дода шуда, дар ҷойи он ҳукумати нави Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро таъсис ёфт.

Дар Қурултои (съезди) 1-уми умумибухороии намояндагони халқ 8-уми октябри соли 1920 Бухоро Ҷумҳурии Халқии Шуравӣ эълон шуда, байни солҳои 1920-1924 чун ҷумҳурии соҳибихтиёр дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Русия (РСФСР) фаъолият мекард. Мутаассифона, Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро соли 1924 баъд аз гузаронидани тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Миёна барҳам дода шуда, ба яке аз вилоятҳои ҶШС Узбекистон табдил дода шуд.

Қувваҳои сиёсии миллигароӣ-пантуркистӣ ва панузбакистҳои миллатгаро ва баъзе аз тоҷикони гумроҳ бо шиддат кӯшиш мекарданд, ки аз самараҳои ин дигаргуниҳои инқилобӣ қавми тоҷикро бенасиб карда, онҳоро аз мактабу маориф, рӯзномаву маҷалла ва китобҳои ба забони тоҷикӣ нашршаванда, доштани давлати мустақил маҳрум гардонанд.

Ин ҷумҳурӣ дар асари хиёнати ҷадидҳои туркигарошуда забони давлатиашро, на форсӣ, ки ҳазор сол боз қудрат дошт, ба узбекии чиғатоӣ табдил доданд. Ин ҷумҳурӣ дар заминаи пантуркизме, ки акнун баъди барҳам хурдани аморат бедор шуда буд, барои соҳиб шудан ба ин сарзамин мубориза мебурд ва дар Бухоро барои матбуоти форсӣ-тоҷикӣ ва чоп шудани китобҳо ба ин забон бояд иҷозат намедод.

Сарчашмаи асосии ин гуна фикру ақидаҳо ба муқобили забони форсӣ-тоҷикӣ ҳанӯз аз нимаҳои дуюми асри XIX бо пайдоиши андешаҳои равшанфикрони маорифпарвари туркгаро дар Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра, яке аз воситаҳои асосии тарғибот рӯзномаҳо ва тарҷумаҳои бадеӣ буд.

Барои мисол бо ташаббуси ҷадидон, равшанфикрони Бухоро Мирзо Муҳиддин Мансуров, шоир, сайёҳ, ҳаким, публисист Мирзо Сироҷи Ҳаким ва рӯзноманигор Мирзо Ҷалол Юсуфзода аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ бо увони «Бухорои Шариф» аз 11-марти соли 1912 дар шаҳри Когон нашр мешуд, бо фармони амири Бухоро Олимхон аз 2-январи соли 1913 фаъолияташ манъ карда шуд. Ин рӯзи таърихӣ яъне 11-уми март имрӯз дар даврони истиқлолият чун рӯзи чопи нахустин шумораи он ҳамчун «Рӯзи матбуот» -и кишвар ҷашн гирифта мешавад.

Мирзо Сироҷи Ҳаким ҳамчун яке аз масъулони ин рӯзнома дар бедории фикрии миллат дар мақолаи хеш бо номи «Сухани гуфтанӣ» дар шумораи 19 чунин менависад: «… ҷаридаи ҳар миллате забони гӯёи ҳамон миллат аст, ҳоло таклифи забони гӯё чист? Бояд ҳарф бизанад… бояд такаллум кунад. Акнун ҳарф задан лозим аст, чи навъ ҳарф бизанад, ки шумо розӣ бошед ва рӯзнома ҳам масъул набошад. Агар қабоиҳи миллатро нагӯяд, абадан вазифаи миллӣ иҷро намешавад… Пас чи бояд кард ва чи кор кунем ҳам миллат хурсанд бошад, ҳам вазифаи мо адо шуда бошад? Агар пайи таърифу тамҷид рафтаву маддоҳӣ кунем, олам моро таън карда, соирин ба ҳоли мо хоҳанд хандид. … Акнун таклифи мо чи бошад, олам мутаҳайир ва мо ҳам» [4, с. 59].

Агар ба сарчашмаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ назар андозем чи хеле, ки дар боло ёдовар шудем, дар тарбияи маънавии равшанфикрони ин сарзамин нақши асосиро рӯзномаҳо мебозиданд. Маҳз тавассути рӯзномаҳо сатҳи савод ва ҷаҳонбинии мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикону узбакон баланд мешуд. Мутолиаи рузномаву маҷаллаҳои форсиву туркӣ, ки аз хориҷ ба Бухоро оварда мешуд, андешаҳои озодихоҳонаи мардуми ин минтақаро дигар мекард. Аз ин рӯзномаҳо равшанфикрони тоҷику узбек дар симои устод Садриддин Айнӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва дигар зиёиёни пешқадам баҳравар мешуданд.

Забони туркӣ-узбекӣ дар ин минтақа бо дастгирии пантуркистони маҳаллӣ ва бурунмарзӣ рушду инкишоф меёфт. Охири асри XIX, баъд аз интишори рӯзномаҳои «Туркистон вилояти газетасӣ» (аз соли 1883), ё «Туркистанская туземная газета» ва ё

«Тарҷимон» -и Исмоили Ғаспарӣ (аз соли 1884 дар Боғчасаройи Қрим дарҷ мегардид) ва монанди инҳо ба забонҳои тоторӣ, узбекии чиғатойӣ, туркии усмонӣ, туркии озарӣ, тотории Қрим, бошқирдӣ, форсӣ, қазоқӣ ва дигар забонҳо ҳам дар кишварҳои гуногуни мусалмонии империяи Русия ва ҳам берун аз он маҳалҳо даҳҳо рӯзномаю маҷалла, аз қабили «Вақт» («Время» – Оренбург), «Мулло Насриддин» (Тифлис), «Хуршед», «Юлдуз», «Қуёш», «Иттиҳод», «Шуро» («Совет» Уфа), «Барқ», «Самарқанд, «Оина» («Зеркало» Самарқанд), «Ҳабулматин», «Парвариш» (Миср), «Чеҳранамо» (Искандария), «Бухорои Шариф», «Тӯрон» (Бухоро), «Сиротулмустақим», «Сироҷулахбор» (Кобул), «Сабоҳ, «Навбаҳор», «Тӯс» ва ғайраҳо чоп мегардиданд, ки ба афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии равшанфикрони Бухорои амирӣ, махсусан, ба адабиёти ҷадидия бетаъсир наемонданд.

Устод Садриддин Айнӣ дар ин ҷода чунин ибрози андеша кардааст, «баъд аз Инқилоби Уктабр дар Туркистон ва Бухоро ҳукуматҳои шуроӣ, азбаски ба номи узбак таъсис ёфт, рӯзномаҳо, фармонҳо, дастурамалҳо, китобҳои мактабӣ ва китобҳои сиёсӣ ҳама ба забони ӯзбакӣ нашр шуданд, қавми тоҷик, ки соҳиби маданияти қадима ва дорои адабиёти нафиса буд, аз адабиёти нави инқилобӣ, аз мактабҳои шуроӣ ва аз гузориши аҳволи дохилию хориҷӣ ва аз тарбияти сиёсӣ ва билҷумла аз тамоми меваҳои Инқилоб маҳрум монд» [3, с. 7].

Миллатгароёни турк, бахусус дар солҳои 1920-1924 ҳеҷ гуна ҳаққу имтиёзе барои тоҷикон намедоданд ва чунонки ишора кардем, мегуфтанд, ки тоҷикони Осиёи Миёна туркнажоданд. Иддаошон бар он буд, ки аксари тоҷикони шаҳрнишин дузабонаанд. Яъне, ба ғайр аз форсӣ ба туркӣ низ шиносанд ва суҳбат мекунанд. Зиддияте, ки перомуни мавҷудияти миллии тоҷикон ҷараён дошт, беандоза сахт буд. Мисол пас аз инқилоби Бухоро ваҳдатгароёни турк иҷозат надоданд, ки дар Бухоро ва атрофи он мактабҳои форсӣ-тоҷикӣ кушода шаванд ва ҳамчунин, ба чеҳраи шинохтаи адабиёти форсӣ-тоҷикии ин даврон Садриддин Айнӣ таҳдид ва фишор меоварданд.

Гарчанде соли 1924 дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ Ҷумҳурии Мухтори Шуроии Тоҷикистон марбут ба Ҷумҳурии Узбекистон ташкил шуда бошад, ҳам он аз бисёр ҳуқуқҳои худ маҳрум буд. Ба ғайр аз ин, муборизаи фарҳангӣ байни равшанфикрони асили тоҷик ва пантуркистони иғвогар бештар шиддат мегирифт.

Аҳли қалам ва равшанфикрони ин сарзамин таи панҷ соли мухторият (1924-1929) ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Сарварии гуруҳи туркгароёнро А. Фитрат ба душ дошт ва ба гуруҳи тоҷикгароён С. Айнӣ роҳнамоӣ мекард.

Ҳадафи асосии равшанфикрон ва зиёиён ин фароҳам овардани зиндагии беҳтару дурахшон барои мардуми азияткашидаи сарзамин буд. Онҳо баъди ғалабаи Инқилоби халқии Бухоро дар талоши он буданд, ки ормонҳои миллӣ мустақилиятхоҳӣ, озодии инсон, махсусан озодии занҳо ба роҳ монда шуда, ҷаҳлу бесаводӣ бо ташкил кардани мактабҳои усули нав аз байн бурда шавад.

Махсусияти адабиёти ин солҳо боз дар он буд, ки баъди аз байн рафтани ҳокимияти амирӣ ҷангҳои дохилӣ ва босмачигарӣ дар ин сарзамин авҷ гирифта, таваҷҷуҳи адибонро ба сӯйи худ мекашид. Нахустин иқдомро дар ин ҷода С.Айнӣ бо навиштани ҳаҷвномаи сиёсии худ «Ҷаллодони Бухоро» амалӣ намуд.

Масъалаи дигаре, ки равшанфикрони тоҷикро ба шур овард, ин гароишҳои ваҳдати турк дар мақолае бо номи «Тоҷиклар масъаласӣ» буд, ки он дар маҷаллаи «Меҳнаткашлар товушӣ» (1923-1924) ба нашр расида буд.

Ғалабаи Инқилоби халқии Бухоро соли 1920 ва таъсис ёфтани Ҷумҳурии халқии Шуроии Бухоро Садриддин Айниро хушҳол кард. Устод хост, ки китоби тозаэҷодашро ба ҳамин муносибат ба забони форсӣ ба чоп расонад. Бо ҳамин мақсад дастнависи китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» -ро ба воситаи шахси бовариноке аз Самарқанд ба Бухоро мефиристад. Як нуктаро бояд хотиррасон кард, ки фаъолияти илмию адабии Садриддин Айнӣ асосан дар Самарқанд гузаштааст. Афсус ки ин нияти Садриддин Айнӣ ҷомаи амал напӯшид. Ба қавли муаллиф «Ин китоби ниҳоят муҳими воқеоти маорифи Бухоро ва нақди нуқта ба нуқтаи баёни афкори ҷомеаи он интишор наёфт» [2, с. 49].

Китоби дигари устод Садриддин Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» асари маорифпарварӣ, таърихӣ ва илмӣ буда бо оҳанги публитсистӣ навишта шудааст. Ин асар сараввал бо унвони «Таърихи усули савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» шинохта шудааст. Рисолаи мазкур маҳсули замони маорифпарварии Садриддин Айнӣ буда, он то Инқилоби халқии Бухоро навишта шудааст.

Назар ба гуфтаи Камол Айнӣ (писари устод С.Айнӣ) дар муқаддимаи китоби мазкур, вазири маорифи Ҷумҳурии Бухоро Йулдош Пӯлод, ки аз дӯстони наздики Садриддин Айнӣ

буд, ба назди ӯ меояд ва эшонро бовар мекунонад, ки «бар асоси қавонини охири ҷумҳурӣ, аз ин пас дар Бухоро китоби форсӣ чоп нахоҳад шуд ва чун мавзуи китоби «Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» барои таърихи кишвар ниҳоят муҳим аст, онро ба туркӣ-ӯзбекӣ баргардонад, чун ин борро таърих бар зиммаи Айнӣ гузоштааст» [2, с. 21-22].

Садриддин Айнӣ, ки чопи ин китобро бисёр зарур медонист, пешниҳоди вазири маорифро қабул намуда, китобро худ ба забони туркӣ-ӯзбекӣ баргардон мекунад. Китоб ба забони туркӣ-ӯзбекӣ чоп шуд, вале на дар он шакли мукаммали форсиаш. Яъне, матну бобҳо кӯтоҳ карда шуданд. Садриддин Айнӣ ба ин шакл чоп шудани китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-ро дида, талаб мекунад, ки «нусхаи ягонаи комили қалами форсии ин асар ба муаллиф баргардонанд. Аммо дар ҷавоб ба ӯ мегӯянд, ки «китоб гум шуд».

Адибони ин давра ба монанди С.Айнӣ, А. Мунзим, Ҳамдӣ ба танқиди амиру сохтори он пардохтанд. Мутаасифона, Ҷумҳурии навташкил забони давлатиашро узбекӣ эълон карда, адибони тоҷикро дар шахси С. Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ ва дигар фарҳангиён ба дилшикастагӣ ва ноумедӣ рӯ ба рӯ сохт.

Акнун, аз тарси замон ва сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Мухтори навташкил баъзе аз намояндагони қавми тоҷик, миллати тоҷикро инкор мекардагӣ шуданд. Ҳатто, Абдурауфи Фитрати тоҷик ба халқ ва миллати хеш, ки номаш дар сари давлат қарор дошт, хиёнат кард. Абдурауф Фитрат, ки панисломист буд, пантуркист шуд. Пантуркизм Абдурауф Фитратро ба сӯйи адабиёти узбек бурд.

Абдулвоҳиди Мунзим, ки аз дустони наздики устод Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт, дар асари «Арзи ҳол»-аш соли 1918 аз Абдурауфи Фитрат ин тавр ёд меорад: «Борҳо гуфт, ки мо, бухороиён, аслан туркнажодем ва забони аслии мо туркист. Иллати тоҷикзабон шудани мо, аввалан, таъсири идораҳои ҳукумати мо, ҳукмдорони калон шудани порсмиллатон, дувум, ғалаба ва таъсири адабиёти порсӣ мебошад. Ба ҳамин ду иллат, мо забони туркии худро гум кардем. Аммо лозим аст, ки забони туркии худро зинда ва нажоди аслии худро поянда гардонем. Гуфтаҳои ӯ ба як таъсири бузург дар дилам ҷойгир шуд. Аз ҳамон рӯз сар карда, ҳарчанд ки як калима ҳам туркӣ надонам, ба туркӣ гап задан даромадам. Ба ҳар ки вохӯрам, туркӣ гап мезадам. Онҳо тоҷикӣ ҷавоб медоданд ва ман онҳоро ба туркӣ гуфтан ташвиқ мекардам».

Умуман, Фитрат ҳамчун адабиётшинос солҳои охир барои халқи тоҷик хидмати босазоеро ба анҷом расонида бошад ҳам ӯро набахшиданд. Устод Айнӣ дар навиштаҳо ва ҷавобномаҳояш ба Фитрат «бародар Фитрат» гуфта, муроҷиат менамуд. Гарчанде байни Садриддин Айнӣ ва Абдурауф Фитрат муносибатҳо сард бошанд ҳам лекин устод Садриддин Айнӣ аз гуноҳҳои Фитрат чашм мепӯшад ва хизматҳои фарҳангии ӯро бештар муаррифӣ менамояд.

Ба ҳамаи ин нотавонбинии туркгароён устод Садриддин Айнӣ нигоҳ накарда, ба хотири сулҳу амонӣ ва дӯстии халқҳои тоҷику узбек дар минтақа кӯшиш мекард. Бинобар ин, равшанфикрони воқеъбини тоҷикро бо сарварии Садриддин Айнӣ лозим омад, ки мавҷудияти миллати тоҷикро илману амалан, исбот намоянд. Ҳамин буд, ки Садриддин Айнӣ ба ҷамъоварии осори адибони Мовароуннаҳр машғул шуда, маводи фаровоне ҷамъ намуд ва чунон ки худи ӯ мегӯяд: «...аз аҳди устод Абулҳасани Рӯдакӣ то ҳол аз осори адибони машҳур, ки дар Мовароуннаҳру Туркистон расидаанд, ё ин ки бо ин сарзамин муносибате ба ҳам расондаанд, ба қадри вусъи татаббуи ҷомеъ ва гунҷоиши ҳаҷми китоб намунаҳои манзуму мансур ҷамъ карда шуд…» [3, с. 10].

Гарчанде, туркгароён ба ҳар восита пеши роҳи нашри китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро, ба ин далел, ки дар ин китоб қасидаи ҳазорсола дар мадҳу санои шоҳ омадааст, гирифтанӣ мешуданд.

Ниҳоят, соли 1926 ин китоби тақдирсози миллат бо ибтикори устод Абулқосим Лоҳутӣ дар Маскав бо номи «Намунаи адабиёти тоҷик» чоп шуд. Ин китоб ҳамчун рамзи миллат ва шиносномаи он шуд. Устод Садриддин Айнӣ бо ин далели раднопазир ба даҳони пантуркистони нотавонбин муҳри хамӯшӣ зад. Маҳз нашри ҳамин китоб ва талошҳои дигари фарзандони содиқи миллати тоҷик сабаб шуд, ки соли 1929, Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии ҳафтуми сотсиалистии Шуравӣ ба расмият дароварда шуд. Ба қавли шоири инқилобии Шарқ Абулқосим Лоҳутӣ:

Эй гули наврустаи боғи ленинизм,
Писари ҳафтуми сотсиализм…

Дертар, баъди мустақилиятро соли 1929 ба даст гирифтани тоҷикон А.Фитрат, Мунзим ва А. Муҳиддин тавбаномаҳо навиштаанд ва баҳри адабиёту фарҳанги Тоҷикистон хизмат

ҳам карданд. Номаи саркушодаи Фитрат барои ба гуноҳи худ иқрор шудан дар назди миллату давлат соли 1929 аз чоп баромад ва мо то андозае аз он истифода бурдем. Ба ин маънӣ, Фитрат аз нимаи солҳои бистум мавҷудияти халқи тоҷикро эътироф кард ва кӯшиш намуд, ба Тоҷикистон хизмат намояд. Ҳарчанд Фитрат аз соли 1925 сар карда, ба Тоҷикистон гаравид ва тоҷикӣ эҷод намуд, азбаски дар Тоҷикистон туркгароии Фитратро хуб медонистанд, навиштаҳои тоҷикии ӯро чоп намекарданд. Масалан, оғози солҳои сӣ китобе оид ба арузи тоҷикӣ навиштанӣ шуд, вале нашриёти Тоҷикистон пешниҳоди Фитратро напазируфт. Фитрат ин китобро дар бораи арузи узбекӣ рӯйи чоп оварда. Фитрат бо ду забон узбекӣ ва тоҷикӣ эҷод мекард. Фитрат соли 1925 қиссаи «Қиёмат»-ро ба забони узбекӣ навишта, онро соли 1934 ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда ба хонандагон пешниҳод намуд.

Гарчанде устод Садриддин Айнӣ дар майдонҳо ҳамроҳи инқилобчиён яроқ ба даст гирифта ширкат наварзида бошад ҳам ӯ ҳамчун алломаи замон ва донишманди закии охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба ҳуҷҷатгузории онҳо ёрӣ расонида дар илми адабиётшиносии тоҷику ӯзбек мақому манзалати хосса дошт. Устод аз солҳои 20-уми қарни ХХ яке аз аввалинҳо шуда, ҳаёт ва эҷодиёти даҳҳо шоирони классикӣ ва муосири узбекро омӯхта, машғули тарғиби осори онҳо шуда буд.

Хулоса, дар бораи Садриддин Айнӣ ва корномаҳои ӯ пажуҳишҳои зиёде дар дохилу хориҷи Тоҷикистон сурат гирифта, асарҳои арзишманде низ ба нашр расидааст. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Узбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷони даврони Шуравӣ ва имруз низ дар замони ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар ин кишварҳои ҳамсоя ба шахсияту эҷодиёти адабиву илмии устод Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд.

Хидматҳои шоёни устод Садриддин Айнӣ аз оғози даврони Шуравӣ то ба имрӯз мавриди эҳтироми халқу давлат, инчунин мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши муҳаққиқони тоҷику рус ва узбек қарор гирифтааст.

Яке аз муҳимтарин корҳое, ки замони Шуравӣ дар айнишиносӣ ба амал омадааст, ин баргузор гаштани анҷумани илмии «Солонаи Айнӣ» мебошад, ки аз соли 1958 то ба имрӯз идома дошта, маҳсули ин анҷуман борҳо дар шакли китоб бо номи «Ҷашнномаи Айнӣ» ба нашр расидааст.

Аслан, агар ба робитаҳои халқҳои тоҷик ва узбек дар тули таърих назар кунем, мебинем, ки ҳусни ҳаммарзӣ ва руҳияи дӯстиву бародарӣ ҳамвора онҳоро ба ҳам наздик сохтааст. Гарчанде робитаҳои адабии миллатҳои тоҷику узбек таърихи ҳазорсолаҳоро дар бар гирифта бошад ҳам, аз асри XV инҷониб ин робита дар симои ду мутафаккири бузург– Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дурахшонтар гашта буд. Адабиётшиноси шинохта Е. Э. Бертелс дар бораи дӯстии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва мир Алишери Навоӣ чунин менависад: «... Мулоқоти Навоӣ ва Ҷомӣ, дар воқеъ, дӯстиеро ба миён овард, ки то охири умри Ҷомӣ давом намуд. Решаи ин дӯстӣ, албатта, на фақат бар ҷиҳатҳои фардии хислатҳои ин ду марди бузург, балки дар заминаи умумияти ҷаҳонбинӣ, мувофиқати комили ақидаву назарҳои онҳо ба мақсад ва вазифаҳои адабиёт қарор гирифтааст» [4, 124].

Аз эътирофи худи Алишери Навоӣ бармеояд, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ барои ӯ пири тариқат, устоди адаб, ҳамсуҳбату дӯсти наздик ба шумор мерафт. Мир Алишер аз руйи эҳтиром Абдурраҳмони Ҷомиро бо ибораи «Барои ман муршиду устоду пир аст» эътироф намудааст. Бинобар ин, Алишери Навоӣ дар асарҳои худ Абдурраҳмони Ҷомиро бо истилоҳҳои «пирам», «устодам», «кашшофи асрори илоҳӣ» ёдовар шудааст.

Дар тули асрҳо дӯстии Ҷомиву Навоӣ ҳамчун рамзи дӯстии абадии ду халқи бародар боқӣ монда то ба имрӯз идома дорад. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мавриди дӯстии ин ду халқ чунин байтҳоро рӯи қоғаз овардааст:

Соиле гуфт бо касе ба аҷаб:
Бо фулонат чӣ нисбату наздик?
Гуфт: Ӯ турк буду ман тоҷик,
Лек дорем хеши наздик.

Бо гузашти асрҳо дар замони Шуравӣ барои ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ ва густариш ёфтани дӯстии халқҳои бародар, омӯзиши эҷодиёти намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир ба роҳ монда шуд. Бинобар ин, соли 1968 бо мақсади мустаҳкам намудани ин дӯстӣ дар ҷумҳурии Узбекистон рӯзҳои адабиёт ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки инро зиёиёни кишвар хуб дар ёд доранд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ, ҳангоми вохӯриҳо ва сафарҳои Президентони ду кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва

Шавкат Мирзиёев риштаҳои дӯстӣ боз ҳам мустаҳкамтар гашт ва умед дорем, ки ин нофаҳмиҳо ва муборизаҳои милливу қавмӣ аз байн бурда мешавад.

Сиёсати сулҳҷӯёнаи сарварони ду кишвар буд, ки 31-уми августи соли 2018 рӯзи ҷашни истиқлолияти миллии Узбекистон дар Тошканд бо қарори Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев ба чанде аз ходимони давлатии Тоҷикистон ва аҳли илму фарҳанг ҷоизаҳои давлатии ин кишвар тақдим карда шуд.

Имрӯз бошад, ба ифтихори ин ду мутафаккири бузурги тоҷику узбек – Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дар мавзеъҳои зебоманзари Душанбе ва Самарқанд ҳайкалҳо ва гулгаштҳо бунёд гаштаанд, ки ин аз эҳтирому қадршиносии аҳли фарҳанги халқҳоямон дарак медиҳад.

Хулоса, дар саргаҳи ин дӯстӣ ва робитаҳои адабӣ устодони сухан Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, С.Айнӣ истодаанд, ки он аз дӯстии садсолаҳо шаҳодат медиҳад. Ин ду миллат асрҳои аср қарини ҳамдигар буданд ва айни замон бо сиёсати пешгирифтаи фарзандони фарзонаи миллати тоҷику узбек дар мисоли сарвари тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва президенти Узбекистон Шавкат Мирзиёев ба якдигар наздиктар шуда истодаанд.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам/ Куллиёт. – Ҷ.1. – Сталинобод: Нашр.давл.тоҷ., 1958. – 348 с.*
2. *Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.*
3. *Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.*
4. *Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – Душпнбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.*
5. *Аслонова Н. Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ (оид ба наср). – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 355 с.*
6. *Брагинский И.С. Проблемы творчества С. Айни. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 173 с.*
7. *Табаров С. Садриддин Айнӣ–асосгузори адабиёти советии тоҷик. – Сталинобод, 1954. – 370 с.*
8. *Садриддин Айнӣ. Арзи ҳол // Адабиёт ва санъат. – 1988. - 6 октябр.*

АЙНӢ ВА МАСЪАЛАИ ВОРИСИЯТИ МИЛЛӢ

Ин мақола ба таҳқиқи нақши нависандаи барҷастаи тоҷик ва ходими ҷамъиятӣ Садриддин Айнӣ дар раванди ташаккули ҳувияти миллии халқи тоҷик дар ибтидои асри XX бахшида шудааст. Дар мақола масъалаҳои ташаккули аҳли зиёи тоҷик, муборизаи он барои ҳифзи фарҳанги миллӣ ва забон дар шароити нооромиҳои сиёсӣ ва иҷтимоии он замон баррасӣ мешавад. Диққати махсус ба таҳлили фаъолияти Айнӣ дар давраи баъди Инқилоби октябр дода мешавад, ки дар он вақт дар назди халқи тоҷик масъалаи худмуайянкунӣ ва ҳифзи ҳувияти миллии худ ба миён омада буд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки чӣ гуна Айнӣ, сарфи назар аз муқовимати неруҳои пантуркистӣ ва панисломистӣ, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба фарҳанг, забон ва таърихи худ ҳимоя кардааст. Махсусан, ӯ бо китобаш “Намунаи адабиёти тоҷик” ба даъвои беасоси нотавонбинони миллат нуқта гузошта, ба лабони онҳо муҳри хамушӣ зад. Муаллифон ба хулосае меоянд, ки Айнӣ дар ташаккули худшиносии миллии тоҷикон, дар ҳифз ва рушди мероси фарҳангии онҳо нақши калидӣ бозидааст.

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, забон, адабиёти тоҷик, фарҳанг, ворисияти миллӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ.

АЙНИ И ВОПРОС НАЦИОНАЛЬНОГО НАСЛЕДИЯ

Данная статья посвящена исследованию роли выдающегося таджикского писателя и общественного деятеля Садриддина Айни в процессе становления национальной идентичности таджикского народа в начале XX века. В статье рассматриваются вопросы формирования таджикской интеллигенции, ее борьбы за сохранение национальной культуры и языка в условиях политических и социальных потрясений того времени. Особое внимание уделяется анализу деятельности Айни в период после Октябрьской революции, когда перед таджикским народом остро встал вопрос о самоопределении и сохранении своей национальной идентичности. В статье показано, как Айни, несмотря на противодействие пантюркистских и панисламистских сил, отстаивал право таджикского народа на свою культуру, язык и историю. В частности, своим трудом “Образец таджикской литературы” он дал убедительный ответ на безосновательные обвинения невежд, заставив их умолкнуть. Авторы приходят к выводу, что Айни сыграл ключевую роль в формировании национального самосознания таджиков, в сохранении и развитии их культурного наследия.

Ключевые слова: Садриддин Айни, язык, таджикская литература, культура, национальное наследие, самосознание, национальная идентичность.

AYNI AND THE QUESTION OF NATIONAL HERITAGE

This article is dedicated to the study of the role of the prominent Tajik writer and public figure Sadriddin Aini in the process of the formation of the Tajik people's national identity at the beginning of the 20th century. The article examines the issues of the formation of the Tajik intelligentsia, its struggle to preserve national culture and language in the context of the political and social upheavals of that time. Special attention is paid to the analysis of Aini's activities in the period after the October Revolution, when the Tajik people faced the acute question of self-determination and the preservation of their national identity. The article shows how Aini, despite the opposition of pan-Turkist and pan-Islamist forces, defended the Tajik people's right to their culture, language, and history. In particular, with his work "Specimen of Tajik Literature," he provided a convincing answer to the groundless accusations of ignorant individuals, silencing them. The authors conclude that Aini played a key role in the formation of the national consciousness of the Tajiks, and in the preservation and development of their cultural heritage.

Keywords: Sadriddin Aini, language, Tajik literature, culture, national heritage, self-consciousness, national identity.

Дар бораи муаллифон

Курбонзода Маҷид
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Курбонова Зирагул
Муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Курбонзода Маджид
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Курбонова Зирагул
Старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Kurbonzoda Majid
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Kurbonova Ziragul
Senior Lecturer at the University Department of Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

УДК 882+891.550

ОТОБРАЖЕНИЯ ЖЕНСКИХ ОБРАЗОВ РОМАНА “ГЕРОЙ НАШЕГО ВРЕМЕНИ” М.Ю.ЛЕРМОНТОВА ПРИ ПЕРЕВОДЕ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Кувватзода С. М.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. В начале XX века, в связи с огромными изменениями в политической и духовной жизни Таджикистана, появилась потребность пересмотрения жизненных и духовных ценностей. В новой стране наибольшую силу воздействия имели свободолюбивые идеи, романтические настроения, героические образы – одним словом, новые герои. Творчество М.Ю. Лермонтова, являющееся яркой и важной вехой русской литературы, оказало в этот период сильное влияние на таджикских писателей и поэтов. Переводами произведений Лермонтова стали заниматься талантливые поэты, писатели, литературоведы Таджикистана. В 1936 году был осуществлен Вадудом Махмуди перевод «Героя нашего времени» на таджикский язык. «Герой нашего времени» Лермонтова – первый в русской прозе социально-психологический роман. В качестве материала для перевода В.Махмуди он был выбран не случайно.

Перевод художественного текста всегда являлось школой творческого прогресса и плодотворной почвой для развития творчества литераторов. «На таджикский язык переводились лучшие творения не только национальных, но и мировых литератур, исследование которых осветят многосторонние ее связи с литературами других народов. Процесс литературных связей – это благоприятный, продуктивный процесс в истории мировой культуры, так как приводят к ускорению литературного процесса, к сокращению некоторых его стадий и к возникновению различных стадий и форм» [8, с. 204].

При переводе романа Лермонтова, В. Махмуди сталкивается с особенностью портретной манеры, индивидуальной манерой исследования души героя, своеобразием композиции, обусловленной желанием автора постепенно раскрыть «историю души» главного героя.

В данной статье мы установили перед собой задание определенно рассмотреть лишь одну сторону этого перевода, а точнее обратимся к анализу способов воспроизведения женских образов романа «Герой нашего времени» М.Ю.Лермонтова в переводе на таджикский язык.

Основная часть. В романе «Герой нашего времени» М.Ю. Лермонтов, изображая образ Печорина, создаёт вокруг него несколько женских образов, чтобы через них раскрыть характер главного героя.

В романе широко представлены образы Бэлы, Мери и Веры, которые были наиболее значимыми для Печорина. В романе именно с этими образами ассоциируется тема любви. По словам В.Г. Белинского, М.Ю. Лермонтов создал такие монументальные образы девушек и женщин, что они могли бы соперничать только с героинями романов и повестей А.С. Пушкина [2, с. 34].

В романе Лермонтов особенно выделяет Бэлу. В ее образе автор объединяет в одно целое сплетение черты «дикарки», женщины и человека. Уже с первых страниц романа читатель знакомится с милым, хрупким, трепетным, застенчивым и полным женского обаяния образом Бэлы, в изображении которого употребляются изящные детали, характеризующие её, и особенно самую важную деталь в её внешности – глаза. «И точно, она была хороша, высокая, тоненькая, глаза черные, как у горной серны, так и заглядывали нам в душу. Печорин в задумчивости не сводил с неё глаз, и она частенько исподлобья на него посматривала» [5, с. 278]; «Что за глаза! Они так и сверкали, будто два угля» [5, с. 287], переданное в таджикском тексте таким образом: «Ҳақиқатан ҳам ӯ бисёр хуб буд: баландқомат, нозук, чашмонаш ҳамчун оҳу сиёҳ буд ва аз таги дил ба мо нигоҳ мекард. Печорин низ дар навбати худ мутафаккирона ба ӯ менигарист ва чашмашро аз ӯ намеканд. Духтарак низ хар замон-ҳар замон, аз зери чашм ба ӯ нигоҳ меандохт” [6, с. 26]; «Он чи чашмоне буд! Онҳо мисли оташ шуълавар буданд» [6, с. 40].

Известно, что правильный выбор слова это один из главных проблем переводческого дела. Переводчик должен стремиться к тому, чтобы подобрать необходимые слова,

эквивалентные слову оригинала, то есть слова, обладающие аналогичным значением, вызывающие у читателя тот же образ, дух и мир.

В следующем отрывке употребленное автором оригинала сравнение «будто два угля» В.Махмуди не стал переводить дословно, и заменил его другим сравнением «мисли оташ шуълавар» (досл. сверкающие как огонь), чтобы не допустить нарушения норм языка перевода. В данном случае, можно сделать вывод, что перевод данного отрывка соответствует оригиналу в эстетическом аспекте, а не в лингвистическом смысле.

По мнению исследователя в области переводоведения Г. Тури, адекватность – это следование нормам исходного языка и корректность в отношении норм переводящего языка.

Таджикский читатель узнает в ней молодую черкешенку, отличающуюся преданностью и нравственной чистотой, которую предали все: родной брат за коня Казбича: “ -Послушай! – сказал твердым голосом Азамат, - видишь, я на все решаюсь. Хочешь я украду для тебя мою сестру? Как она пляшет! Как поёт! А вышивает золотом – чудо!” [5, с. 281] // “-Ба ту мегӯям!” гуфт Азамат бо овози қатъӣ: “мебинӣ ки ман ба ҳама чиз ҳозирам ва розӣ ҳастам. Агар мехоҳӣ ман барои ту хоҳарамро дуздида бидиҳам? Ту надидӣ ки ӯ чи тавр рақс мекунад! Чи тавр мехонад! Зардӯзиҳое ки ӯ мекунад, ҳама ҳайрон мемонанд! Подшоҳи турк ҳам ин тавр зане надидааст... Мехоҳӣ? Фардо шабона маро дар он дара ки об мешорад, мунтазир бош: ман бо ӯ аз он ҷо гузашта ба ҳамсояқишлоқ меравам ва ӯ аз они ту аст. Нахотки Бэла ба як асп намеарзида бошад?” [6, с. 31]

В.Махмуди весьма точно передаёт рассказ о том как Печорин пытается завоевать сердце Бэлы: «-Послушай, моя пери, - говорил он, - ведь ты знаешь, что рано или поздно ты должна быть моею, - отчего же только мучишь меня? Разве ты любишь какого-нибудь чеченца? Если так, я тебя сейчас отпущу домой… Или я тебе совершенно ненавистен?..» [5, с. 287] // «Эй парии ман, сухани маро гӯш кун, ки хоҳ имрӯз хоҳ фардо ту аз они ман ҳастӣ - пас аз чи сабаб ин қадар маро азият медиҳӣ? Магар ту ба яке аз чеченҳоятон ошиқ ҳастӣ? Агар ин тавр бошад ман туро ҳозир ба хонаат мефиристам... Ёки ту аз ман нафрат менамоӣ? Ёки дин ва миллати ту манъ мекунад ки маро дӯст дорӣ? Сухани маро бовар намо ки худои ҳамаи одамҳо якаст. Модоме ки худи ӯ ба ман иҷозат медиҳад, ки туро дӯст дорам, чи тавр муқобил мешавад, ки ту ҳам маро дӯст дорӣ?” [6, с. 31]

Далее с буквальной точностью переводчик передает как страстно Печорин признается в любви Бэле: “... –Послушай, милая, добрая Бэла!-продолжал Печорин, - ты видишь, как я тебя люблю; я все готов отдать, чтоб тебя развеселить: я хочу, чтоб ты была счастлива; а если ты снова будешь грустить, то я умру. Скажи, ты будешь веселей?” [5, с. 287] // “Азизи ман, меҳрубони ман Бэла, ба ман гӯш бидеҳ! Ту мебинӣ ки ман туро чи қадар дӯст медорам. Ман ба ҳама чиз ҳозирам, то ки туро хурсанд бубинам: орзуи дилам ин аст, ки ту хушбахт бошӣ; агар ту боз аз саринав ғамгин шавӣ, тангдил гардӣ, ман дигар мемурам. Ту бигӯй ки хушҳол ва кушодарӯй мешавӣ ё не?” [6, с. 31]

Любовь к Печорину заполняет всю сущность Бэлы, является основой всей её жизни. Вот как писал Белинский о Бэле: «…это была одна из тех глубоких женских натур, которые полюбят мужчину тотчас, как увидят его, но признаются ему в любви не тотчас, отдадутся нескоро, а отдавшись, уже не могут больше принадлежать не другому, ни самим себе…» [2, с. 38].

Итак, характер Бэлы с достаточной определенностью передаётся на таджикском языке. Бэла прототип женщины, которая гордиться своим происхождением и не может позволить кому-либо унижать себя, даже если это её любимый мужчина: «-Если он меня не любит, то кто ему мешает отослать меня домой? Я его не принуждаю. А если это так будет продолжаться, то сама уйду: я не раба его – я княжеская дочь!..» [5, с. 295] // «Агар маро дӯст намедошта бошад, кӣ монеъ мешавад, ки маро ба хонаамон бифиристад? Ман ку ӯро маҷбур намекунам. Вале агар ҳол ин тавр давом мекарда бошад, ман худам меравам: ман каниз нестам, ман княздухтар ҳастам!..» [6, с. 54].

Сравнительный анализ показывает, что перевод вышеприведенных отрывков, хотя были далеки от идеальности, но впервые ознакомили таджикских читателей с творчеством М.Ю. Лермонтова. Необходимо отметить, что переводы приведенных отрывков можно отнести к дословному переводу, и несмотря на все это правильно отражал оригинал.

Один из ярких образов – это образ Мери, который являясь символом русской дворянки, вписывается в образ женщин романа. Её ум, характер и душевную красоту Печорин не мог не заметить. Он не опровергает внешнюю красоту Мери, но об этом говорит очень грубо и неприлично, как будто обсуждает лошадь: «-Эта княжна Мери прехорошенькая, - сказал я

ему. -У неё такие бархатные глаза - именно бархатные: я тебе советую присвоить это выражение, говоря об её глазах; нижние и верхние ресницы так длинны, что лучи солнца не отражаются в её зрачках» [5, с. 330] / «Ин княздухтар Мери, нозукандомест, гуфтам ба ӯ. Ӯ ончунон чашмҳои махмалӣ дорад, дар ҳақиқат махмалӣ: ман ба ту тавсия менамоям, ки агар аз чашмонаш баҳс намоӣ, ин тадбирро аз бар кунӣ; мижгонҳои боло ва поёнаш чунон дарозанд, ки партави офтоб ба мардумакаш тоб андохта наметавонад. Ман ин тавр чашмони бетобро дӯст медорам: онҳо чунон нарм ва фораманд ки гӯё туро молиш медода бошанд... Ҳол он ки, гӯё, хубӣ дар чеҳраи ӯ танҳо чашм аст... Аммо дандонҳояш-чӣ, сафед аст? Ин бисёр муҳим аст! Афсус ки ӯ ба ҷумлаи пуршукуҳи ту табассуме накард” [6, с. 127-128].

В данном отрывке мы наблюдаем, что переводчик сохранил пуктуацию исходного текста. Важно отметить, что в таджикской культуре слово “князьдухтар” (княжеская дочь) не встречается, однако эта реалия, в связи с заимствованием и внесением в словарь, стала предметом лексики таджикского языка. Как отмечает М.Л. Алексеева «заимствования фиксируются в словарях, а значит, являются уже элементами лексики данного языка» [1, с. 7-15].

Лермонтов мастерски изобразил сложный и многогранный образ, в котором сочетаются чистота и сила, невинность и ум. Писатель оценивает княжну Мери одновременно в двух позициях: и как знатную, воспитанную девушку, представительницу аристократического круга, и как человека, как наивную, очаровательную, добропорядочную, великодушную и чистую особу.

Лермонтов концентрирует внимание читателя к изысканным нарядам, продуманным до мелочей, которые всегда подчеркивают достоинства её фигуры: «На второй было закрытое платье gris de perles (фр. серо-жемчужного цвета), легкая шелковая косынка вилась вокруг ее гибкой шеи» [5, с. 328] // «Дуюмии онҳо аз рӯй либоси gris de perles дошт; сарбанди абрешимии сабуке гирдогирди гардани нозукаш печида буд. Батинкаи couleur puce пои лоғари ӯро дар шитолинг чунон навозишкорона мекашиданд, ки аз асрори ҳусн бехабар будагон низ, агарчанде аз тааҷҷуб ҳам бошад, албатта оҳе мекашиданд» [6, с. 126].

Стремясь выполнить адекватный художественный перевод, нельзя избежать потерь. При этом сохранить адекватность перевода на уровне целого текста можно при помощи ряда существующих преобразований. Их называют трансформациями. При переводе первого предложения вышеприведенного отрывка на таджикский язык, переводчик использовал такой тип транформации, как замена: «На второй было закрытое платье gris de perles...» – «Дуюмии онҳо аз рӯй либоси gris de perles дошт» - досл. пер. Вторая сверху имела одежду gris de perles.

Необходимо отметить, что переводчик, не смог выполнить полноценный, четкий перевод отрывка. Известно, что первостепенной проблемой переводчика является воспроизведение смысла текста оригинала по возможности наиболее доступно и как можно ближе к исходному тексту. Однако часто по некоторым причинам переводчику приходится использовать различные типы трансформации, что, несомненно, искажает смысл оригинала. Безусловно, перевод художественного произведения должны содержаться как можно меньше подобных искажений.

Среди образов женщин романа неоднозначным и парадоксальным является образ Веры и он описывается более широко. С одной стороны, героиня тянется к Печорину и очень хорошо разбирается в состоянии нго души, которая наполнена дисгармонией и эгоизмом, а с другой стороны, именно Вера стимулировала главного героя на дуэль с Грушницким.

В описании внешности Веры, которое дано из уст доктора Вернера, можно сказать, что автор не очень широко и эффективно использует все средства, и в нем невозможно увидеть ничего значительного, разве только чахоточный цвет лица и черная родинка на правой щеке: «какая-то дама из новоприезжих, родственница княгини по мужу, очень хорошенькая, но очень, кажется, больная… среднего роста, блондинка, с правильными чертами, цвет лица чахоточный» [5, с. 336]. // «хониме аз нав омадагон, ки аз тарафи шавҳараш ба князхоним хешигарӣ доштааст, бисёр зебо, лекин бисёр ранҷур... ӯ миёнқомат, сафедпӯст, бо ситораи гарм, ранги рӯяш силнамо ва дар рухсораи росташ холи сиёҳе дорад: рӯи ӯ маро бо маънодории худ ба ҳайрат овард» [6, с. 139].

Перевод должен полностью удовлетворять общепринятые нормы литературного языка. В данном переводе есть лексические несоответствия, которые влияют на восприятие реципиента. Анализируя данный пример, можно сделать вывод, о выборе переводчиком стратегии перевода, и что в работе В.Махмуди наблюдается использование дословного

перевода. В данном случае неправильная интерпретация некоторых сочетаний «цвет лица чахоточный» - «рангу рӯяш силнамо», «поразило своей выразительностью» - «бо маънодории худ ба ҳайрат овард» привела к нарушению норм литературного языка.

Сдедующий образ - это образ Ундины, которая своей независимостью и духом приключений ярко противопоставляется остальным женским образам. Ундина единственная героиня романа, которая не влюбляется и не попадает под власть Печорина. Её образ символизирует свободу и стихийность. Вадуд Махмуди развернуто описывает героиню, после того, как Печорин увидел эту загадочную девушку, стоящую на берегу с распущенными волосами как «настоящая русалка» и певшую песню: «Я поднял глаза: на крыше хаты моей стояла девушка в полосатом платье с распушенными косами, настоящая русалка. Защитив глаза ладонью от лучей солнца, она пристально всматривалась в даль, то смеялась и рассуждала сама с собой, то запевала снова песню…» [5, с. 319, 320] // «Ман чашмони худро баланд бардоштам: дар боми кулбаи ман духтаре дар либоси роҳғроҳе бо мӯйҳои дароз ҳамчун парӣ, истода буд. Чашмонашро аз партави офтоб бо кафи худ пӯшонида, ба дурдаст нигоҳ мекард, гоҳе механдид ва худ бо худ чизҳое мегуфт ва муҳокимаҳое мекард ва гоҳе боз суруде мехонд... Сурудхони ман гӯё аз 18 сол бештар надошт. Қаду қомати аз ҳад зиёд пурпечу тоби ӯ, сархамкуние ки танҳо ба худи ӯ хос буд, мӯйҳои дарози малла ва пӯсти гардан ва китфи андак гандумрангаш, як ҷилои тиллои медоданд ва хусусан бинии росташ – ҳамаи инҳо барои ман фусункор меомаданд» [6, с. 105, 106].

Переводчик удачно подобрав соответствующие слова для описания героини, раскрывает её образ. При анализе данного примера можно сделать вывод, что переводчику, чтобы достичь адекватного перевода приходиться искать компромисс и идти на известные потери. Например, слово “русалка” переведено как “пери”. Однако русское слово “русалка” понятийно не отличается от таджикского “пери”. Данные реалии характеризуются как “опрятная, привлекательная девушка, существа в виде прекрасных девушек”.

Заключение. Таким образом, мы рассмотрели вопросы отображения женских образов романа “Герой нашего времени” М.Ю.Лермонтова при переводе на таджикский язык. Согласно В.Н.Комиссарову, “Перевод - это взаимодействие не только двух языков, но и двух народов, двух разных культур, укладов жизни, традиций» [4, с. 78]. Поэтому художественное произведение нельзя передавать дословно. Исследования показали, что для передачи смысла, образности, колорита оригинала переводчик в зависимости от контекста использовал такие способы передачи как подбор аналога, эквивалентов, и ему даже пришлось искать компромисс и идти на известные потери. Принимая во внимание тот факт, что русский и таджикский языки относятся к разным языковым группам – славянской и иранской, при переводе художественного текста потери неизбежны, но в то же время переводчик должен сделать все возможное для того, чтобы свести их к минимуму. «Одна из проблем художественного перевода в эти годы связана с языком. В переводах 30-х годов было сложно определить индивидуальный стиль автора оригинала, объяснить это можно официально установившейся к началу XX в. литературной нормы языка, из-за чего переводы 20-30-х годов XX века носят более сглаженный, однообразный характер» [7, с. 144]. Неточности, выявленные при анализе, в дальнейшем могут помочь переводчикам и предотвратить аналогичные ошибки и получить возможность буквально приблизить восприятие перевода к восприятию оригинала.

Литература

1. *Алексеева, Л.М. Дискурсивное пространство перевода // Материалы междунар. науч. конф., 16–17 октября 2009 г. -Тюмень: Изд-во ТюмГУ, 2009. - С. 7-15.*
2. *Белинский, В.Г. М.Ю.Лермонтов. Роман “Герой нашего времени”. –М.: Художественная литература, 1981. -302 с.*
3. *Гачечеладзе, Г.Р. Художественный перевод и литературные связи / Г.Р.Гачечиладзе. –М.: Советский писатель, 1980. -255 с.*
4. *Комиссаров, В.Н. Теория перевода: Лингвистические взаимосвязи/ В.Н.Комиссаров. –М.: Наука, 1982. -С.75 -81.*
5. *Лермонтов, М.Ю. Стихотворения. Поэмы. Герой нашего времени. –Ленинград: Худож. Литература, 1988. -416 с.*
6. *Лермонтов, М.Ю. Қаҳрамони даврони мо=[Герой нашего времени] / М.Ю.Лермонтов. –Л., 1941. -250 с.*

7. *Мурувватиён Дж. Особенности становления художественного перевода в Таджикистане: 30-80-е годы XX века // Вестник педагогического университета. -№4 (87), 2020. –С.140-146.*
8. *Хусензода Л.Х. Таджикско -индийские литературные связи и их роль в развитии национальных литератур // Вестник педагогического университета. -№1 (84) , 2020. -С.203-206.*
9. *Щемелева, Л.М. «К» / Л.М. Щемелева // Лермонтовская энциклопедия. Ред. В. Мануйлов. – М.: Сов. энцикл., 1981. –456 с.*
10. *Эткинд, Е. Искусство перевода / Е. Эткинд. – М.: Наука, 2001. -263 с.*

ОТОБРАЖЕНИЯ ЖЕНСКИХ ОБРАЗОВ РОМАНА “ГЕРОЙ НАШЕГО ВРЕМЕНИ” М.Ю.ЛЕРМОНТОВА ПРИ ПЕРЕВОДЕ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Статья посвящена переводческой интерпретации женских образов романа “Герой нашего времени” М.Ю.Лермонтова в Таджикистане. В данной статье рассматривается вопрос об отображении женских образов при переводе на таджикский язык. Творчество М.Ю. Лермонтова, являющееся яркой и важной вехой русской литературы, оказало в этот период сильное влияние на таджикских писателей и поэтов. Переводами произведений Лермонтова стали заниматься талантливые поэты, писатели, литературоведы Таджикистана. Таджикские читатели впервые познакомились с романом в 1936 году. Перевод был осуществлен Вадудом Махмуди. При переводе романа Лермонтова, В. Махмуди сталкивается с особенностью портретной манеры, индивидуальной манерой исследования души героя, своеобразием композиции, обусловленной желанием автора постепенно раскрыть «историю души» главного героя.

Цель статьи: В данной статье мы установили перед собой задание определенно рассмотреть лишь одну сторону этого перевода, а точнее обратимся к проблемам перевода, связанным с адекватностью и неточностями воспроизведения женских образов романа «Герой нашего времени» М.Ю. Лермонтова в переводе на таджикский язык.

В результате исследования было выявлено, что для передачи смысла, образности, колорита оригинала переводчик в зависимости от контекста использовал такие способы передачи как подбор аналога, эквивалентов, и ему даже пришлось искать компромисс и идти на известные потери.

Ключевые слова: роман, женские образы, любовь, Печорин, Бэла, Мери, Вера, Ундина, адекватный перевод.

ИНЪИКОСИ ОБРАЗҲОИ ЗАНОНИ РОМАНИ “ҚАҲРАМОНИ ДАВРОНИ МО”-И М.Ю.ЛЕРМОНТОВ ДАР ТАРҶУМА БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақола ба тарҷумаи образҳои занон дар романи «Қаҳрамони замони мо»-и М.Ю.Лермонтов бахшида шудааст. Дар ин мақола масъалаи инъикоси образҳои занон ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ баррасӣ мегардад. Эҷодиёти М.Ю. Лермонтов, ки марҳалаи дурахшон ва мухимми адабиёти рус мебошад, дар ин давра ба нависандагон ва шоирони тоҷик таъсири калон расонд. Шоирон, нависандагон ва адабиётшиносони боистеъдоди Тоҷикистон ба тарҷумаи асарҳои Лермонтов шурӯъ карданд. Хонандагони тоҷик бори аввал бо роман соли 1936 шинос шуда буданд. Тарҷумаро Вадуд Маҳмудӣ анҷом додааст. Вадуд Маҳмудӣ ҳангоми тарҷумаи романи Лермонтов ба вижагиҳои услуби портретӣ, тарзи фардии таҳқиқи рӯҳи қаҳрамон, асолати композитсия рӯ ба рӯ мешавад, ки бо майли муаллиф барои тадриҷан ошкор намудани «таърихи рӯҳи»-и қаҳрамони асосӣ муайян карда мешавад.

Мақсади мақола: Мо дар ин мақола дар назди худ вазифа гузоштаем, ки танҳо як тарафи ин тарҷумаро ҳатман ба назар гирем, дурусттараш проблемаҳои тарҷумаро, ки бо мувофиқат ва носаҳеҳии инъикоси образҳои занонаи романи «Каҳрамони замони мо»-и М.Ю. Лермонтов дар тарҷума ба забони тоҷикӣ, вобаста аст, омӯзем.

Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки мутарҷим барои интиқоли маънӣ, образнокӣ ва ранги матни асл вобаста ба контекст аз усулҳои интиқол, аз қабили интихоби ҳамто, муодилҳо истифода намуда, ҳатто ба муросо чустучӯ намуда, ба талафоти муайян ноил мешуд.

Калидвожаҳо: роман, образҳои занона, ишқ, Печорин, Бела, Мери, Вера, Ундина, мувофиқ.

DISPLAYING FEMALE IMAGES IN THE NOVEL “A HERO OF OUR TIME” BY M.YU.LERMONTOV IN NRANSLANION INTO TAJIK LANGUAGE

The article is devoted to the translation interpretation of female characters in the novel “A Hero of Our Time” by M.Yu. Lermontov in Tajikistan. This article discusses the issue of displaying female images when translating into the Tajik language. Creativity M.Yu. Lermontov, which is a bright and important milestone of Russian literature, had a strong influence on Tajik writers and poets during this period. Talented poets, writers, and literary critics of Tajikistan began to translate Lermontov’s works. Tajik readers first became acquainted with the novel in1936. Translation was carried out by Wadud Mahmudi. When translating Lermontov’s novel, V. Mahmudi is faced with the peculiarity of the portrait style, the individual manner of exploring the hero’s soul, the originality of the composition, determined by the author’s desire to gradually reveal the “history of the soul” of the main character.

The purpose of the article: In this article, we have set ourselves the task of definitely considering only one side of this translation, or rather, we will turn to translation problems associated with the adequacy and inaccuracies of reproducing female images of the novel “A Hero of Our Time” by M.Yu. Lermontov translated into Tajik.

As a results of the study, it was revealed that in order to convey the meaning, imagery, and color of the original, the translator, depending on the context, used such methods of transmission as the selection of analogues, equivalents, and he even had to seek a compromise and make certain losses.

Keywords: novel, female characters, love, Pechorin, Bela, Mary, Vera, Ondine, adequate translation.

Об авторе
Кувватзода Саломат Мусо
Кандидат филологических наук, доцент кафедры русской и мировой литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
E-mail: salomat.kuvvatova@bk.ru

Дар бораи муаллиф
Кувватзода Саломат Мусо
Номзади илмхои филология, доценти кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail:: salomat.kuvvatova@bk.ru

About the author
Kuvvatzoda Salomat Muso
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Russian and World Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
E-mail: salomat.kuvvatova@bk.ru

ТДУ 891.550

АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОЙ ВА ОСОРИ БАЧАГОНАИ Ӯ (ДАР МИСОЛИ АДАБИЁТИ ТОҶИКЗАБОНИ ӮЗБЕКИСТОН)

Нажмиддинова М. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Тоҷикон аз мардуми дорои фарҳанг ва адабиёти бостон буда, кӯшиш менамуданд, то фарзандонро дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, эҳтироми падару модар, арҷгузорӣ ба анъана ва суннатҳои миллӣ тарбия намоянд. Василаи беҳтарини ин амал сухани мавзун ва пандомези гузаштагон ва муосирон будааст. Гарчанде дар ибтидо адабиёт махсус барои бачагон офарида нашуда бошад ҳам, азбаски мақсади асосӣ тарбияи фарзанд буд, бинобар ин дар тамоми осори бадеӣ ин ҳадаф ба назар мерасид. Дар осори классикони форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Убайди Зоконӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон панду андарзҳои фаровон оид ба тарбияи фарзанд баён гардидааст. Ин анъанаро устод Садриддин Айнӣ ва ҳаммаслаконаш идома ва тақвият бахшиданд. Устод Айнӣ маҳз хусусияти синнусолии бачагонро ба инобат гирифта, асарҳои “Холида ё қизбола”, “Таҳсиб-ус-сибён”, шеърҳои дар васфи мактабро навишт ва метавон ӯро бунёдгузори адабиёти бачагонаи муосири тоҷик номид. Бо ҳидояти Садриддин Айнӣ шоирону нависандагони замони шуравии тоҷик ба навиштани асарҳои бачагона ташвиқ карда шуданд. Адабиётшинос ва муҳаққиқи адабиёти бачагона Ҷонон Бобокалонова таъкид менамояд, ки “... сарчашмаи офариниши асарҳои бачагона бо номи устод Садриддин Айнӣ сахт алоқаманд аст. Минбаъд бо раҳнамоии устод С.Айнӣ як зумра шоирон махсус барои бачагон шеъру афсонаҳо офаридаанд” [5, с. 214].

Дар Съезди якуми умумииттифоқи нависандагони СССР соли 1934 нависандаи рус Максим Горкий баромад намуда, таъкид намуд, ки “...мо бояд дунёи кӯдаконро бо асарҳои хонданбоб рангин кунем. Барои бачаҳо асарҳое офарем, ки онҳоро ба ҳаёти нав ошно ва дилгарм созад, нағз хонанд ва ояндаи ин давлатро гулгулшукуфон намоянд” [5, с. 261]. Ин даъвати Максим Горкий тамоми шоирону нависандагонро вазифадор намуд, ки асарҳои хонданбоб барои насли наврас нависанд. Дар адабиёти тоҷик ин даъватро шоирону адибон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Бобо Ҳоҷӣ, Аминҷон Шукуҳӣ, Пӯлод Толис, Ҳаким Карим,Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо, Баҳром Фирӯз, Болта Ортиқов, Ҷӯра Ҳошимӣ ва дигарон хуб пазируфтанд.

Мунаққид ва адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманнонов таъкид мекунад, ки “... дар марҳилаи ҳозираи инкишофи ҷамъият тарбияи эстетикии бачагон ва наврасон беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Парвариши завқи мусиқӣ, ҳисси зебоифаҳмии тафаккури бадеӣ, истеъдоду саликаи дарку фаҳмиши санъати нафиса барои бачагон баробари забон баровардану қобилияти фикр кардан пайдо намуданашон оғоз меёбад. Аз ин лиҳоз, лозим аст, ки бачагон бояд тарбияю таълими ҳаматарафа фаро гиранд” [1, с. 4-5].

Адабиёти тоҷикзабони Ӯзбекистон дар асри ХХ давоми мантиқии адабиёти классикии тоҷику форс аст. Минбаъд бо ҷудо шудани сарҳадҳо ин адабиёт рушду такомул ёфт ва намояндагони адабиёти тоҷикзабони ин кишвар бо офаридани асарҳои хонданбоб ин анъанаро идома доданд.

Мусаллам аст, ки барои инкишоф ва рушди ҷаҳони маънавии онҳо, нақши адабиёти бачагона бориз аст. Зеро дар замири кӯдакон ҷой додани адабиёт аз хурдсолӣ оғоз меёбад ва ин имконият медиҳад, то дар айёми наврасӣ ва ҷавонӣ бо китоб пайванди ҳамешагӣ дошта бошанд. Таваҷҷуҳ ба адабиёт, аз ёд кардани шеъру достон, хондани ҳикояву қиссаҳои мароқангез имконият медиҳад, ки таркиби луғавии забони кӯдак бою ғанӣ гардида, дар баёни андешаву афкор мушкилӣ накашад. Бахусус, барои мардуми тоҷики кишвари Ӯзбекистон ин бениҳоят муҳим ва саривақтист. Бояд таъкид кард, ки адабиёти бачагонаи тоҷик дар ин кишвар дар баробари адабиёти калонсолон ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст. Адибони тоҷикзабон талош мекунанд, то фарзандонро дар руҳияи забондонӣ, меҳанпарастӣ, ифтихор аз ватани аҷдодӣ, асолати миллӣ ва ғайра бо воситаи ашъори бачагона тарбият кунанд. Аксарият шоирону нависандагоне, ки айни замон дар ҳавзаҳои адабӣ фаъолият доранд, дар мавзуҳое, ки писанди кӯдакон аст шеърҳо, ҳикояҳо, достон, чистонҳо эҷод намуда, корҳои

хуби назаррас анҷом ёфта истодааст. Рушди адабиёти бачагона низ айнан тайи даҳ соли охир бештар ба назар мерасад. Дар миёни аҳли қалами тоҷикзабон метавон номи чанд тан аз шоиронро гирифт, ки дар рушду такомули адабиёти бачагонаи тоҷикии ин кишвар саҳми арзанда доранд. Аз қабили Асад Гулзодаи Бухоро, Дилрабо Насимӣ, Зебунисо Тоҳириён, Бахтиёр Ҷумъазода, Малика Ҷумъазода, Манзура ва дигарон. Ҳамчунин шоирон дар баробари офаридани асарҳо барои калонсолон, барои хурдсолон низ шеъру суруд, таронаву тезгӯяк, чистону афсонаҳои назмӣ офаридаанд, амсоли Паймон, Ӯғулой Ҷӯрабоева, Муҳаммад Шодӣ, Маъсума Бобокалонова, , Хусрави Саъдулло, Парисо ва дигарон.

Асад Гулзодаи Бухороиро метавон давомдиҳандаи суннатҳои шоирони пешин донист, ки дар ҷодаи рушди адабиёти бачагона саҳми босазо дорад. Шоир мутобиқ ба завқу ҷаҳонбинии онҳо шеъру чистон, афсонаву тезгӯяк офаридааст, ки олами ботинии бачагон равшан ва нутқи онҳо бурро мегардад. Муаллиф ҳангоми офаридани шеърҳои бачагона сабку услуби хосро истифода намудааст. Шоири бачагон бояд олами ботинии онҳоро эҳсос намуда, бо забони соддаву ширин, ташбеҳҳои ба ақли кӯдак мувофиқ асаре офарад, ки дар зеҳни он нақш бандад. Образҳои офаридаи шоир ҷаҳони маънавии кӯдакро бояд бою ғанӣ гардонад. Аз ин хотир шоир масъалаҳои асосӣ- ахлоқу одоб, ватандӯстӣ, илмомӯзӣ, эҳтироми падару модар, китобхонӣ ва ғайраро матраҳ намуда, талош мекунад, ки онро дар вазнҳои сабук биофарад. Ашъори Асад Гулзодаи Бухоро мавзуи дӯстии халқҳо, сарнавишти инсон, қаҳрамониҳои одамон дар майдони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, орзую омоли кӯдакон, таъсири воқеаҳои ҳаётӣ ва пешрафти ҷомеа, тағйири хулқу хӯ, анъанаҳои қадима, табиат ва ҳодисаҳоро фаро мегирад.

Асад Гулзодаи Бухоро дар ташаккули адабиёти бачагонаи тоҷикии Ӯзбекистон нақши бориз дошта, мундариҷаи шеърҳои эҷодкардаи адиб аз ҷиҳати ғоя ва мазмун дархури замон аст. Шоир аз олами ботинии кӯдакон ва наврасон огоҳ аст, аз ин рӯ бо суханҳои пуробуранги бадеӣ, олами рангини онҳоро муассир ба қалам медиҳад. Каломи дилнишин, суханони шаҳдбор, сабку услуби хос, вазнҳои сабук, қофияву радифҳои рангин имкон медиҳад, ки хонандаи кӯчак ашъори шоирро зудтар аз худ кунад.

Асад Гулзодаи Бухоро зода ва парвардаи Бухорои шариф аст. Ӯ 5-уми январи соли 1935 дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯҳи вилояти Бухоро ба дунё омадааст.

Меҳру муҳаббати беандоза ба кӯдакону адабиёт ӯро ба факултети филологияи Донишгоҳи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) овард ва онро бо баҳои хубу аъло хатм кард. Ӯ ҳамчун забоншинос, рӯзноманигор, шоир ва рӯшанфикри барҷастаи тоҷик барои рушду нумӯи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон хизматҳои арзанда намудааст. Тавъам бо фаъолияти омӯзгорӣ дар бахши тоҷикии телевизион ва радиои вилояти Бухоро фаъолият намуда, вазифаи сардабири радиожурнали “Насриддин дар Бухоро”-ро адо намудааст. Ӯ узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (соли 2003) буд. Беҳтарин намунаҳои ашъори Асад Гулзодаи Бухоро дар маҷмӯъаҳои ашъор бо номҳои “Насими Бухоро” (Бухоро, “Бухоро”, 2001), “Хати пешона” (Душанбе, “Суруш”, 2003), “Шукуфаҳои Бухоро” (Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2004), “Нафаси баҳор” (Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2007), “Намози рӯи барг” (Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2007), “Арзи сипос”(Бухоро, “Бухоро”, 2012), “Куллиёти осор. дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. - Тошканд, “Янги нашр”, 2017) дар маҷмӯъаҳои дастҷамъии, “Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон: қарни бистум то кунун” (Теҳрон, 2010) дар китобҳои дарсии хонишу забони модарии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар саҳифаҳои матбуоти даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба чоп расидааст.

Дар эҷодиёти ӯ мавзуъҳои ватан, ифтихор аз гузаштагон, худшиносӣ, соҳибмаърифатӣ, хулқу атвори накӯ, рафтору гуфтори ҳамида, ҳимматпешагӣ, талқини хислатҳои наҷиби қаҳрамонҳо, афкору тахайюли зебо, нигоҳ доштани ҳусни суханварӣ, аҳамияти таърихии ҷашнҳо дар минтақа, масъалаи номгузорӣ, ҳунармандӣ, тасвири табиат ва ҳолатҳои гуногун дар ҳаёти инсон бештар дида мешавад. Афкору ақидаи ватандӯстонаи Асад Гулзодаи Бухоро бо ҳиссиёти баланд ифода гардида, ба қаҳрамонию садоқатмандӣ даъват менамояд. Дар шеърҳояш шоир тухми накӯкорӣ, бовиҷдонӣ, ростқавлию ростқорӣ, хушахлоқӣ ва чолокию қобилиро дар қалби кӯдакон мепарварад ва бар зидди рафторҳои бад, мунофиқӣ, танбалӣ ва дурӯғгӯиву фиребдиҳӣ мубориза бурданро водор мекунад. Шоири маҳбуб мушоҳидаю таҷрибаҳояшро дар шеъри “Ватан” иброз дошта, хонандаро ба дӯст доштани зодгоҳ, ки бешак Бухорои шариф аст даъват мекунад:

Ватан - он ҷо мо ҳастем,
Дар он ҷо зода, растем.

Бешубҳа, модари мо,
Дар дида гавҳари мо.
Интизори ману ту,
Ифтихори ману ту [6, с. 14].

Шоир ватани аҷдодиашро беҳтарин макон медонад ва ба мурғаки фирорӣ, ки баҳорон меояду тирамоҳ бармегардад муроҷиат намуда, ин маконро ҷойи беҳтарин гуфтааст:

Эй мурғаки фирорӣ,
Меҳмонаки баҳорӣ!
Ба мулки кӣ хуморӣ,
Ҷое қарор надорӣ?
Марав аз ин ҷо зинҳор,
Гар биравӣ, шавӣ хор!
Беҳтарин гулшан ин ҷо,
Хуштарин Ватан ин ҷо... [6, с. 15].

Дар шеъри "Савганд" аз номи бачаҳо, ки оянда пуштибони ватани аҷдодиянд, қасам мехӯрад ва худро аз нажоди Рустами Достон медонад:

Неруи қаҳрамонем,
Ватанро посбонем...
Осойиши халқамон,
Доимо бар дӯшамон.
Аз нажоди Рустамем,
Аз касе мо на камем... [6, с. 16].

Шоир Ватанро боиси бахту саодати фарзандон дониста, васфи онро вазифаи фарзандии хеш меҳисобад, зеро он нишоне аз салтанати Сомониён аст:

...Кишвари зебоям ту,
Ҷисми маро ҷонам ту.
Ҳусни ту сад ҷаҳон аст,
Васфи ту дар забон аст...
Мероси Сомонам ту,
Ягона армонам ту [6, с. 21].

Шоир таъкид мекунад, ки Ватанро содиқона дӯст доштан, дар хидматаш фарзандвор камари ҳиммат бастан қарзи фарзандӣ аст:

Бар Ватан хизмат кардан,
Нишони мардонагист.
Илми ҳарбӣ омӯхтан
Хислати фарзонагист ... [6, с. 86].

Агар дар шеъри боло шоир хизмат ба Ватанро қарзи фарзандӣ донад, дар шеъри "Хотираи бобоям" аз фарзандони бананги кишвар, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳимояти Ватан сина сипар кардаву қаҳрамонӣ намудаанд ёдовар мешавад. Корнамоиву қаҳрамонии бобоён ифтихори фарзандону наберагон мегардад:

Бобомро худ надидам,
Аз дигарон шунидам.
Марди тануманд будаст,
Посбони Ватан будаст...
Рафта ба ҷанги Гирмон
Мешавад ӯ қаҳрамон....

Бешак руҳи қаҳрамонони Ватанро фарзандони банангу номаш пос медоранд:

...Дар маркази шаҳрамон
Муътабар буд баҳрамон.
Ӯро, ки мешинохтанд,
Ҳайкалашро гузоштанд.
Ҳоло зиёратгоҳ аст,
Зеботарин даргоҳ аст.
Мардум гулҳо гузоранд,
Аз хотир кай бароранд?! [6, с. 133].

Ин мавзуъро шоир дар шеъри "Зарбаи Фарҳод" идома медиҳад:

Далеру паҳлавонам,
Чу Рустами замонам.
Қадри Ватан медонам,
Илми ҳарбӣ мехонам...
Душмане гар қасд кунад,
Донед, ки рӯз набинад.
Нақшааш барбод диҳем,
Зарба чу Фарҳод диҳем. [6, с. 150]

Дар аксари шеърҳои бачагонаи шоир васфи Бухорои куҳан чун макони илму фан, дорои архитектураи қадима ва зебо васф мешавад, дар шеъри "Куҳан Бухоро" бошад, шоир дар баробари ин ҳама аз он меболад, ки дар ин шаҳр Рӯдакиву Сино зиндагӣ кардаву гаҳвораи тамаддуни Шарқ гардидааст:

Рӯдакӣ устод
Фарзанди ту бод.
Синои бузург
Дар хоки ту зод.

Шаҳри дилрабо – *Макони ирфон,*
Куҳан Бухоро. *Диёри дониш.*

Дар ин шеър Гулзодаи Бухоройӣ аз сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Айнӣ низ ёд кардааст:

Ҳар сатри Айнӣ,
Китоби хониш... [6, с. 23]

Адиб хонандаи наврасро ҳушдор медиҳад, ки дар ин сарзамини таърихӣ фарзандони бананг номус зиндагӣ кардаву мадрасаву китоб доштанд:

Зодаи ин сарзамин, *Дар мактабу мадраса*
Пешвои дину миллат. *Китоби дарсӣ будаст.*
Кабир ҳастанду матин, *Дар таърихи Бухоро*
Бузургванду бошавкат... *Боберо зам намуданд... [6, с. 31]*

Ба ҳама дӯстдорони адабиёти тоҷик Соктаре чун зодгоҳи устод Айнӣ азизу муқаддас аст. Гулзодаи Бухоройӣ ҳамин маъниро дар шеъри ба ин деҳа бахшидашуда чунин овардааст:

Эй деҳаи дур,
Сарчашмаи нур.
Он ки дар ин ҷо
Омад ба дунё –
Айнии оқил,
Марди дарёдил... [6, с. 50]

Дар шеъри “Мактаби деҳаи мо” шоир на аз макони мактаб ва калон будани он, балки аз номи Рӯдакӣ доштани он ифтихор дошта, аз шеъри оламгири ӯ фахр мекунад:

Мактаби деҳаи мо, *Ин шоири нотакрор*
Ҷузъи номи Рӯдакӣ. *Ифтихори миллат аст.*
Шеъри ӯро хондаем *Барои мову шумо*
Аз замони кӯдакӣ. *Мероси ӯ давлат аст.*

Шоир таъкид мекунад, ки шеъри оламгири Рӯдакӣ давлати Сомониёнро машҳур гардонид ва шуҳрату азамати шоир ҳам аз сарпарастии адабпарваронаи Сомониён буд:

Сарвари шоирону
Пешвои илму адаб.
Давлати Сомониён
Гашта буд бар он сабаб.
Салтанати Сомонӣ
Иқболи Рӯдакӣ буд... [6, с. 92]

Худшиносии миллӣ дар шеъри аксари шоирон ба назар мерасад, аммо ин мавзуъро дар адабиёти бачагона истифода намудан кам дида мешавад, зеро синну соли бачаҳо барои дарки ин масъала камӣ мекунад. Шоир ин масъаларо дар шеъри бачагона ҷой додааст, то аз хурдӣ дар қалби кӯчаки онҳо ифтихор аз гузаштагон маскан гирад ва бо гузаштагони обрӯмандашон сарбаланд бошанд. Гулзодаи Бухоройӣ дар шеъри “Кистам ман?” ин мавзуъро бисёр сареҳу равшан баён кардааст:

Гар нашиносед маро, *Тоҷикаму тоҷ ба сар,*
Шинохта монед шумо: *Ба эронӣ бародар.*
Аз нажоди Ориё, *Бо дариён ҳамзабон,*
Дониста монед маро. *Фаҳмед шумо аз дигар... [6, с. 110].*

Шоир аз забони ширину рангини тоҷикӣ ифтихор дошт:

Забони шево дорам, *Забони Рудакӣ аст,*
Забони гӯё дорам. *Забони Фирдавсӣ аст.*
Мероси ғанитарин, *Забони Саъдӣ, Ҳофиз,*
Лафзи гуворо дорам. *Насриддини Тӯсӣ аст... [6, с. 110].*

Як ҷиҳати арзишманди ашъори шоир дар он аст, мазмуну мундариҷаи шеърҳояш дар васфи ватан, дӯстии халқҳо, дӯстӣ миёни хурдсолон, мушкилӣ ва саодат дар ҳаёти хурдтаракон, эҳтироми волидону атрофиён, хониш, мактаб, васфи табиат, тарғиби меҳнат аҳамияти бештар додааст ва бо ин восита кӯдакону наврасонро ҳам ба меҳнат, гӯш кардани панди пирон, кӯшиш барои ояндаи зебо, ба қадри табиат расидан даъват мекунад. Шеърҳои шоир олами поку беолоиши кӯдакон ҳаёти бачагон - оғӯши гарми падару модар, бибию бобояшонро бо обу ранги бадеӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Кӯдакон омадани бобою бибиро ба хона чун як ид қабул мекунанд, бахусус агар ҷашне ба онҳо бахшида шуда бошад. Ҳамин ҳолати кӯдакон дар шеъри “Ҷашни бобоям” хеле муассир тасвир шудааст :

Хонаро тоза доред,
Пардаро зуд бардоред.
Кӯрпачаҳо андозед,
Ҷойро дурусттар созед.
Дастурхонро ёзонед,
Кулчаву нонро монед.
Қанду набот гузоред,
Чизе доред, биёред...
Бобоям садсола шуд,
Гӯё зи нав зода шуд... [6, с. 115]

Шоир хуб медонад, ки волидон, бобою бибӣ барои кӯдак муқаддасу азизанд, кӯдакон онҳоро дӯст медоранд. Адиб тариқи шеърҳояш падару модар ва калонони оиларо низ ба масъулият дар нисбати ҳаёт ва ояндаи кӯдакон даъват менамояд. Яке аз ин масъулият гузоштани номи арзанда ба кӯдак аст. Интихоби ном ва номгузорӣ ба тифли навзод кори саҳл набуда, гузаштагонамон ин амалро ба насли калонсол, яъне бобову бибӣ ё як нафари муътабари оила вогузор мекарданд. Шоир тавассути шеърҳояш таваҷҷуҳи падару модарони ҷавонро ба суннати миллии номгузорӣ ҷалб намудааст ва аз чунин номҳо истифода кардааст:

Парвонаю Фарзона
Ҳарду дугона ҳастанд.
Дӯсти вафодор ба ҳам
Ҷуфти ягона ҳастанд [6, с. 142]

Дар шеъри “Базми Соли Нав”, ки маъмулан дар боғчаи бачагон ва мактабҳо мегузарад ва дар он бачаҳо бо Бобои Барфию Барфак хурсандию шодӣ мекунанд, шоир кӯшиш намудааст, ки номи боғча ва бачаҳоро тоҷикона интихоб намояд:

Дар боғчаи “Дилафрӯз”
Чӣ рӯзи хуш аст имрӯз...
Омад Бобои барфӣ.
Савғотӣ бисёр овард,
Аз хӯрҷинаш баровард.
Ба Парвину Рустам дод,
Ба Шаҳлою Истам дод... [6, с. 161]

Ё дар шеъри “Суруди наврӯзӣ” вақте шоир ҳолати шодию сурури бачаҳоро тасвир мекунад, талош мекунад, ки номҳои тоҷикона истифода кунад:

Омад баҳори гулпӯш,
Олами гул дар оғӯш...
Дилорому Дилафрӯз
Рақсанд дар иди Наврӯз. [6, с. 164].

Зарина аз қадимтарин номҳои тоҷикона аст, далели он қиссаи қадимаи “Зарина ва Стриангей” аст, шоир ин номро дар шеъраш овардааст:

Абераам Сабрина
Духтараки Зарина.
Донову хело зирак,
Аз ҳар чӣ дорад дарак... [6, с. 119].

Дар шеъри “Асои падар” низ аз номи зебои бачагонаи Шерзод истифода кардааст:

Додарчаи ман Шерзод,
Мезанад доду фарёд...
Фардо калон мешавад,
Марди майдон мешавад [6, с. 171].

Дар ашъори шоир дар мавзуи Ватан шеърҳои бисёрро вохӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла, шеърҳои “Савганд”, “Шайдои ватан”, “Кишвари озод”, “Бӯйи ватан”, “Зебо ватанам”, “Кишвари зебоям, ту”, “Куҳан Бухоро”, “Арзи сипос”, “Соктаре” маҳбуб ва муқаддас будани вожаи Ватанро нишон додааст, ки барои дар руҳияи меҳанпарастӣ тарбия намудани насли наврас арзиши воло дорад. Асад Гулзодаи Бухороӣ аз таърих ва гузаштагони ватанаш ифтихор мекунад ва ин ифтихор аз гузаштагонро мо дар шеърҳои “Бузургони Бухоро”, “Аҳмади Дониш”, “Ба ёди Устод”, “Фидоиёни роҳи ҳақ”, “Аббос Алиев”, “Абдуқодир

Муҳиддинов”, “Муҳаммад Васфии Бухоройӣ”, “Мактаби деҳаи мо”, “Кистам ман?” мушоҳида кардем.

Дар мавзуи суннатҳои қадимии мардуми тоҷик шеърҳои “Одоби меҳмондорӣ”, “Номгузорӣ”, “Саломи пагоҳ” “Модари хубтар зи ҷон” ва ғайраро сурудааст. Масалан, дар шеъри “Номгузорӣ” таваллуди хоҳарча, шодию сурури аҳли хонавода ва номгузоштан ба ӯ хеле муассир тасвир шудааст:

...Нусхаи модарам буд,
Шабеҳи хоҳарам буд.
Дасту рӯйро мо шустем,
Исми муносиб ҷустем.
Масъаларо бобоям,
Бобои пурдуоям
Оқибат ҳал намуданд,
Ҳилола ном ниҳоданд. [6, с. 188].

Тасвири табиат дар адабиёти мо таърихи тулонӣ дорад. Шоир ҳолатҳои гуногуни табиатро дар шеърҳои “Асоси зиндагонӣ”, “Себи Самарақанд”, “Беҳтарин гулшан”, “Баҳори тоза”, “Барфи баланд”, “Иди табиат”, “Баҳори Бухоро”, “Қиёми тобистон”, “Деҳа”, “Роҳи дарё”,”Панди дарё”, “Ҳусни диёр”, “Ду қутби табиат”, “Гули барф”, “Абри сиёҳ”, “Муъҷиза” хеле ҷолиб ва зебо тасвир карда, ба ин васила бачаҳоро бо зебоии табиат ошно месозад.

Аз чӣ шабу рӯз шавад
Ҳаво гаҳ пурсӯз шавад?
Дунё мунаввар шавад,
Зиндагӣ аз сар шавад...
Ҳаво сард аст, Зимистон.
Ҳаво гарм аст, Тобистон.
Мӯъҷизаи Офтоб аст,
Бе он ҷаҳон хароб аст[6, с. 145].

Дар мавзуи ҳунармандӣ шеърҳои “Шогирди содиқ”, “Қадри ҳунар”, “Даҳ панҷа”, “Соҳибҳунар-шахси бадавлат”, “Панҷ панҷааш-гул” “Устои пурдон” суруда шудааст. Ҳунар ва тарғибу ташвиқи ҳунармандӣ, дар зодгоҳи шоир мақоми хоса дорад. Ҳунаромӯзӣ аз беҳтарин суннати халқи тоҷик буда, дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамеша тараннум карда мешавад. Масалан, дар шеъри “Шогирди содиқ” писарбачаеро тасвир мекунад, ки назди устои дуредгар шогирдӣ карда, аз чӯб ҳар навъ ҳунар мекунад. Хонаву курсиву миз, сандуқу дару дарвоза, козаву ҳавоза месозанд.

Ба устои дуредгар
Ба марди аҳли ҳунар,
Шогирди содиқ ҳастам,
Ба касби ӯ дил бастам...
Курсию миз месозем,
Сандуқи чиз месозем.
Дару дарвоза созем,
Ба ток ҳавоза созем.
Хонаву коза созем,
Аз чӯби тоза созем. [6, с. 93].

Дар ашъори шоир инчунин мавзуъҳое ба назар мерасанд, ки аз хулқу хӯи кудакон дарак медиҳад. Шеърҳои “Савол”, ”Лақаб”, “Феъли сагона”, “Имтиҳон”, “Иди алифбо”, “Калимасозӣ”, “Чархофалак”, “Баҳонаҷӯй” “Салими нусхабардор”, “Усто”, “Ҳодии танбал”, “Танбал” ҳаёт ва воқеаҳоро аз ҳаёти кудакон ба тасвир кашидааст. Масалан, дар шеъри “Ҳамраҳи шайтон” ҳолати маъмулии кудакони мактабхонро тасвир кардааст, ки дар роҳ якдигарро бо сумкаҳояшон мезананд:

Қӯзию Рӯзӣ ҳамроҳ
Омада дар нимароҳ
Ба сумка ҷанг сар карданд,
Гӯши фалак кар карданд...

Аз ин ҷанги бачаҳо сумкаҳо сурох ва китобҳо медаранд:

“Ҷангӣ”- ҳо гумроҳ шуданд,
Сумкаҳо сӯрох шуданд.
Чашми онҳо гар надид,
Китобу дафтар дарид...
Ҳамраҳи шайтон шуданд,
Садҳо пушаймон шуданд. [6, с. 102].

Дар шеъри “Баҳонаҷӯй” ҳолати муқаррарии бачаҳои танбале, ки ба дарс бе тайёрӣ омада, баҳонаҷӯӣ менамоянд тасвир шудааст:

...Шарики ман Абдулло
Дасти худ карда боло:
- Дафтарамро бурдаанд,
Ва ё, ки дуздидаанд, -
Гуфта шикоят намуд,
Ҳудро ҳимоят намуд.

Аммо ин баҳонаковии ӯ ошкор мешавад:

...Гарчи вазифаро кофт,
Ному нишоне наёфт.
Фанду фиреб аён гашт,
Шарманда он замон гашт [6, с. 97].

Ё дар шеъри “Феъли сагона” образи писарбачаи пархошгару бадкину ҷангҷӯй Фотеҳро тасвир кардааст, ки ҳамеша сару рӯяш сиёҳу кабуд аст:

Фотеҳ баҳонаҷӯй аст *Ру чу анор кафида,*
Бадкину ҷангҷӯй аст.. *Тоқи сараш дамида. ..*
Лабу даҳон каб-кабуд, *Роҳи ягона дорад,*
Бинӣ ба мисли муруд. *Феъли сагона дорад [6, с. 71].*

Дар мавзуи ҳайвонот ва паранда низ шоир бо шеърҳои “Меҳмони нохонда”, “Пашша”, “Ҷаноза хонад”, “Ҷеғи хурӯс”, “Хоби фароғат” намунаи олии бо образи ҳайвонот ва парандаҳо тарбия намудани кӯдаконро раҳандозӣ намудааст. Масалан, дар шеъри “Ҷаноза хонад” аз мушаки вайронкор, ки аз ӯ анбори хона вайрон аст тасвир шудааст:

Эй мушаки вайронкор,
Ҳама чиз бар ту даркор...
Даруни сандуқи нон
Ризқу рӯзӣ фаровон.
Тақар-туқур мекунӣ,
Меъдаро пур мекунӣ.

Душмани асосии мушак гурба аст, ки шоир аз калимаи лаҳҷавии пишак истифода кардааст:

Пишакро ҳушёр кунӣ,
Пишакро безор кунӣ.
Туро агар бидорад,
Ҷанозаат бихонад [6, с. 96].

Адиб ба воситаи садои пашша, ба хонанда нафратро нисбат ба даҳони пурнос бедор мекунад:

Эй пашшаи ғангосӣ
Чун даҳони пурносӣ!
Шабона безор кунӣ
Хонаро бозор кунӣ...[6, с. 64].

Адиб бо шеърҳои “Салом мактаб”, “Иди модарон”, “Бозии тақдир”, “Мақоми устод”, “Васияти мӯйсафед”, “Шодии укоҳоям”, “Таронаи соли навӣ”, “Тӯҳфаи Барфи бобо”, “Қадри сухан”, “Муаллима”, “Савғои хуб”, “Кӣ дорад?”, “Одат”, “Маслиҳат” ба бачаҳо тариқи образҳои офаридаи худ хубию бадӣ, риояи одобу ахлоқ, эҳтироми меҳнати дигаронро нишон додааст.

Алласароӣ аз суннати қадимаи мардуми тоҷик аст, ки бо лаҳни ширину оҳанги нарм, мусиқии форам занони рӯзгордида сари гаҳвораи тифл бо умеду орзу месароянд. Шоир дар шеърҳои “Дӯстдорӣ”, “Очамонанд”, “Умед” “Одат” ҳамин ҳолатҳоро тасвир кардааст. Масалан, дар шеъри “Модари хубтар зи ҷон” модари меҳрубони алласароро ёд кардааст:

...Гавҳораам ҷунбондӣ
“Алла”-и ширин гуфтӣ.
То, ки шавам ман калон,
Ҷигарбанди меҳрубон...

Пагоҳ калон мешавам
Мададрасон мешавам... [6, с. 360].

Қаҳрамони шеъри “Дуои модар” фарзанди хурдсол буда, аз сабаби хӯрдани яхмос ба бемории дарди гулӯ гирифтор мешавад. Ҳолати баланд шудани ҳарорати бадан, назди духтур бурдан ва шифоёбии ӯ дар шеър ҷаззоб тасвир шудааст.

Яхмос ба ман нафорид,
Дарду бало биборид.
Ҳароратам баланд шуд,
Гулӯям докабанд шуд... [6, с. 82].

Тасвири манзараҳои бозиҳои дӯстдоштаи бачаҳо, чун мошинчабозӣ, аспчабозӣ, харчасаворӣ, лойбозӣ, лӯхтакбозӣ, хонарӯбӣ, нонпазӣ дар шеърҳои шоир ҷаззобу дилкаш тасвир шудааст. Кӯдакон дар ин бозиҳо ҳунарманданд: яке кулолгар, дигаре танӯрсоз, нонпаз, ронанда, нозири роҳ, чӯбфурӯш, устои дуредгар, харидор мебошанд. Масалан, дар шеъри “Хонасозӣ” шоир дунёи рангини кӯдаконро тасвир мекунад, ки бо обу гил хона месозанд:

Дар бари ҷӯйи пуроб
Рӯзона бозӣ кардем.
Бозии хонасозӣ,
Дониста розӣ кардем.
Аз обу гили тоза
Хонаву ҳавлӣ сохтем.

Бачаҳо дар атрофи хонаи сохтаи худ аз чубу латта лӯхтакҳо сохта, онҳоро келину домод карда, никоҳ намуда, оши тӯяшонро мехӯранд:

Дар хонаву дар айвон,
Лӯхтакҳоро мондем.
Ба келину ба домод
Ҷӯр шуда қубба хондем.
Оши ба дам мондаро
Дар сари вақт кашидем...[6, с. 322].

Шаҳрҳои Самарқанду Бухоро аз қадим бо ҳунари нонпазӣ маъруфу машҳуранд. Дар байни кӯдакони Бухоро то имрӯз ин бозӣ маъмул аст. Шоир дар шеъри “Лойбозӣ” ҳамин суннати қадимаро аз забони кӯдакон баён намуда, амалҳои танӯр сохтан, алов мондан, хамир кардан, завола ҷудо кардан, кулчаю фатир пухтанро тасвир кардааст:

...Мо аз канори ҷӯйбор,
Гирифта лойи бисёр.
Танӯри созе сохтем.
Барои бозӣ сохтем.
Карда зи лояш хамир,
То бипазем мо фатир...
Фатиру кулча пухтем,
Лаби ноне насӯхтем...

Як суннати ин мардум ҳангоми овардани нон назди меҳмон такрор ба такрор гуфтани “гиред-гиред”, “хуред-хуред” аст, ки шоир дар ин шеър зикр кардааст, ки аз меҳмоннавозии мардуми ин вилоят дарак медиҳад:

“Гиред-гиред” такрор шуд,
“Хӯред-хӯред” такрор шуд. [6, с. 278].

Агар дар шеъри “Лойбозӣ” амалҳои духтарона зикр шуда бошад, дар шеъри “Бозӣ ба бозӣ” амалу ҳаракати писарбачаҳо тасвир мешавад:

Рули мошин гардондем,
Бори бисёр кашондем.
Иморатҳо андохтем,
Боғи ҳайвонот сохтем...

Бачаҳо маҷозан ба сайри боғи ҳайвонот мераванд:

...Моҳӣ додем ба наҳанг,
Гӯштро ба шеру паланг.

Кашонидем бо сатил
Ҳар чӣ буд аз баҳри фил... [6, с. 280].

Ин шеър хусусияти таълимӣ дорад. Дар ин шеър шоир бачаҳоеро тасвир мекунад, ки аз сайри боғи ҳайвонот рафта, ба мурғ дон, ба саг устухон, ба гӯсфанд беда, ба шутур хор, ба харгӯш сабзӣ, ба муш нонреза, ба наҳанг моҳӣ, ба шеру паланг гӯшт, ба фил об медиҳанд, ки ин ҷо робитаи инсон бо табиат мушоҳида мегардад. Ин ҳолат дар шеърҳои "Посбон", "Аждар", "Боғи пурмева" низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар шеъри "Посбон" шоир бачаҳоро ба нигоҳубини парандаҳо ҷалб мекунад, ки онҳо лонаи парандагонро вайрон накунанд:

Гул корему гул корем,
Барои булбул корем...
Посбони лонааш мо,
Дар бари хонааш мо[6, с. 337].

Дар шеъри "Нок" шоир тамоми хусусиятҳои ин меваи болаззатро тасвир карда, хулоса мекунад, ки ноки болаззат аз заҳмати марди деҳқон аст:

Таъмаш аз ҳама хушбӯй,
Меваи хеле хушрӯй.
Дар намуд ӯ каду аст,
Хурд ҳамчу носкаду аст.
Тирамоҳ заб-зард шавад,
Озода аз гард шавад.... [6, с. 222]

Асад Гулзода Бухоро ҳамеша кӯшиш менамояд, ки суннатҳои қадимаи мардуми куҳанбунёди Бухоро дар шеъраш зинда нигоҳ дорад. Замоне мардум барои бодбаракбозӣ (навъи қадимаи бозии Бухорост) дар баландии дашт ҷамъ меомаданд, бодбаракҳо сохта, онро бо равиши шамол идора мекарданд. Бо мурури замон он ба шакли пуфакпаронӣ табдил ёфтааст. Ана ҳамин ҳолатро шоир дар шеъри "Шарпарронӣ" тасвир кардааст, ки баҳорон наврасону кӯдакон баландие баромада, даруни пуфак бод андохта, даҳонашро бо ришта баста ба ҳаво сар медиҳанд, ки хеле сертамошобин аст:

Шари ман боло парид,
Ба абри гардун расид.
Чун кабӯтар мерақсид,
Мисли сарам мечархид... [6, с. 95].

Ин ҳолати шодии кӯдакон дар шеъри "Кайҳонавардон" идома ёфтааст:

Ура, ура! Ҷӯраҳо,
Бодбаракам дар фазо!
Чӣ гуна бозӣ кунад,
Думаш дарозӣ кунад... [6, с. 283].

Кунҷковӣ, донистани асрори табиат, нодонии кӯдак, ҷавоби содалавҳонаи бачаҳо дар шеърҳои "Боми осмон", "Имтиҳон", "Мӯъҷиза", "Баҳория", "Савол", "Чароғи замин", "Хонаи моҳ ", "Чаро доғ?" аз забони худи кӯдакон бо ҷавобҳои ноогоҳонаашон шоир зебо тасвир намудааст:

– Хонаи Моҳ дар куҷо,
Чаро нахобад асло?...
Посухам дод Бобоҷон,
Азизу беҳтар зи ҷон:
Гарчи бувад дар осмон,
Ҳавзи мо бар ӯ макон,
Шабона инҷо хобад,
Ба чашми ман метобад [6, с. 195].

Гумон меравад, ки шеъри "Кӣ дорад?" дар пайравии шеъри халқии "Ин хел духтар кӣ дорад, Мири Ҳисор надорад" навишта шуда бошад. Дар ин шеър дар бораи духтари чаққону боодоб сухан меравад, ки хушахлоқу доно аст:

Чунин духтар кӣ дорад?
Ҳарфу ҳиҷояш форад.
Оқилу доно бошад,
Фазлу латофат борад.... [6, с. 68].

Дар шеъри “Чаро доғ?” бошад, масъалаи тозагӣ матраҳ мешавад, зеро ба саволи кунҷковонаи Шарафмоҳи хурдакаки хоболуд, ки сабаби дар рӯйи моҳ мавҷуд будани доғро мепурсад, модар ҷавоби онро дар бесобун шустани рӯи ӯ ҷавоб додааст, ки аҳамияти тарбиявӣ дорад. Ҳарчанд ҷавоби модар мантиқӣ нест, аммо барои тозаву озода гаштани кӯдакон сабақ мешавад:

Аз модараш мепурсид
Аз хоб хеста Шарафмоҳ:
– Афтода доғ аз куҷо
Дар рухи пурнури моҳ?
–Чӣ тавре, ки мебинӣ
Он ҳам ба хоб мондаст.
Барои шустани рӯ
Обу собун намондаст [6, с. 252].

Соли 1967 асари хонданбоби Аминҷон Шукуҳӣ “Об аз куҷо меояд“ пешкаши хонандаи хушзавқ гардид ва маҳбубияти хоса пайдо кард. Асад Гулзода Бухорӣ ба ҳамин саволи кунҷковонаи кӯдакон дар шеъри –“Асоси Ҳаёт” -Об, зи куҷо меояд?- ҷавоби худро додааст:

– Об зи куҷо меояд,
– Ҷавобаш донӣ шояд?!
– Об аз замин барояд,
– Ба чашми мо намояд.
Манбаи об чашма аст,
Ба он ҳама ташна аст [6, с. 122].

Суннати дигари қадимаи мардуми тоҷик меҳмонавозӣ аст. Шоир ба воситаи шеър ба ворисон анъанаҳои миллии меҳмондории мардуми шарқро ошно месозад. Мардуми мо одоби меҳмондорӣ доранд ва он дар чорчӯбаи махсус риоя мешавад, таъкид мекунад шоир. Тоҷикон меҳмонро бо ҷону дил мепазиранд. Шоир хоҳони он аст, ки фарзандони кӯчакаш дарси меҳмондӯстӣ омӯзанд ва чун аҷдодони худ меҳмоннавоз бошанд. Масалан, дар шеъри “Одоби меҳмондорӣ”:

Гар хона меҳмон ояд,
Пишакатро пишт магӯ.
Чаро омадӣ гӯён ,
Қалби покашро машӯ.
Расми хуби тоҷикон
Ҳаргиз фаромӯш манмо... [6, с. 99].

Дар шеъри “Кистам ман?”, “Бузургони Бухоро”, “Аҳмади Дониш”, “Ба ёди устод”, “Фидоиёни роҳи ҳақ”, Муҳаммад Васфии Бухорӣ”, “Мактаби мо” шоир бештар ба масъалаҳои ҳуввияти миллӣ, ифтихор аз гузаштагон таваҷҷуҳ мекунад. Ифтихор аз забони модариро дар шеъри “Забони модари ман” чунин тасвир кардааст:

...Забони миллати ман,
Забони давлати ман.
Форсии модарӣ,
Гавҳари ноби дарӣ.
Навозиши дилбарам,
Гавҳари тоҷи сарам...
Лафзи фариштагон аст,
Ҳарфи биҳиштиён аст [6, с. 349].

Одоби салом додан аз фаризаҳои инсонист ва он дар китобҳои ахлоқии пешин чун “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Футувватнома”- и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва кулли ашъори шоирони гузаштаи мо зикр гардидааст. Шоир ин масъаларо дар шеърҳои “Одоб”, “Саломи пагоҳ” тасвир кардааст:

Зебояки баодоб,
Мекунад кори саҳоб.
Ба ҷо орад одобро,
Саломи хӯрду хобро...
Зебояки баодоб
Мекунад кори савоб [6, с. 319].

Шеърҳои шоир аксарият оиди муҳити хонаводагӣ навишта шудааст, ки кӯдак асосан дар ин муҳит тарбия меёбад. Дар тарбияи кӯдак ҳар як аъзои оиларо масъул медонад. Дар шеъри “Файзи хонадон” аз омадани бобову бибӣ ва ороста шудани хони бошукӯҳ як тасвири зеборо ба вуҷуд овардааст:

Бибиҷонам омаданд, *Қанду асал деҳқонӣ*
Хонабонам омаданд. *Гурусна кай бимонӣ?*
Меҳрубонам омаданд, *Қоқу мавиз фаровон*
Соябонам омаданд... *Таъмашон роҳати ҷон [6, с. 100].*

Агар дар шеъри маъруфи “Бибиҷонам меояд”-и шоираи бачагон - Гулчеҳра Сулаймонова образи бибӣ бо кисаҳои пури қанд ояд, дар тасвири шоир Асад Гулзода баръакс, хони пур нозу неъмат барои бибӣ ороста мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон мавзуъҳои ашъори шоирро чунин табақабандӣ намуд: мавзуи Ватан, ифтихор аз гузаштагон, суннатҳои қадимаи миллӣ, бозиҳои бачагона, тасвири табиат, ҳайвонот ва паранда, ҳунармандӣ ва ғайра.

Адабиёт

1. *Абдуманонов А. Вазифаи таъхирнопазири адабиёти бачагона //Комсомоли Тоҷикистон, 29 январи соли 1986,№14(7575). - С. 3.*
2. *Абдуманонов А. Адабиёти кӯдак ва мушкилоти тарҷумаи он //Адабиёт ва санъат, 6 декабри соли 1996. – С. 4-5.*
3. *Айнӣ С. Таҳсиб-ус-сибён. (ба чоп ҳозиркунанда С.Табаров)-Душанбе: Адиб, 1994.46 с.*
4. *Амонов Р. Адабиёт ва бачагон. –Душанбе: Ирфон, 1981. - 244 с.*
5. *Бобокалонова Ҷ.К. Таърихи адабиёти атфол.- Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2006, 456 с.*
6. *Гулзода Асад. Куллиёти осор. Дар се ҷилд. ҷ.2. (шеърҳо, достонҳо, ривоятҳо ва чистонҳо барои кӯдакону наврасон). - Тошканд, Янги нашр, 2018. – 453 с.*
7. *Давронов А. Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт (Маҷмӯаи мақолаҳо).-Душанбе, “Шаҳпар , 2012.*
8. *Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. - Душанбе, Адиб, 1990. - 230 с.*
9. *Саидов С. Адабиёти бачагона. – Душанбе, 2019. - 383 с.*
10. *Тазкираи адабиёти бачагона. Ҷ.1. Назм. – Душанбе: Маориф, 1979. - 336 с.*

АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ ВА ОСОРИ БАЧАГОНАИ Ӯ (ДАР МИСОЛИ АДАБИЁТИ ТОҶИКЗАБОНИ ЎЗБЕКИСТОН)

Муаллиф дар мақолаи мазкур дар бораи инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷикзабони кишвари Ӯзбекистон дар замони соҳибистиқлолии кишвар андешаронӣ намудааст. Унвонҷӯ таъкид мекунад, ки дар инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷикзабон саҳми Асад Гулзодаи Бухороӣ бориз аст. Шоир дар офаридани асарҳои бачагона мумтозиҳо дорад. Дар шеъри ӯ мавзуъҳои дӯстиву рафоқат, эҳтироми калонсолон, ифтихор аз ватани аҷдодӣ, гиромидошти забони модарӣ, тасвири табиат ва ғайра зиёд ба назар мерасад. Таҳлилҳо нишон дод, ки шоир ташбеҳҳои рангин, вазнҳои сабук, оҳангҳои шӯхро дар шеъри бачагона фаровон истифода намудааст. Шоир барои тарбияи зебопарастии кӯдакон шеърҳое офаридааст, ки дар он тозагию озодагиро талқин мекунад.

Калидвожаҳо: шеъри бачагона, адабиёти бачагонаи тоҷикзабони Ӯзбекистон, Асад Гулзодаи Бухороӣ, дӯстию рафоқат, эҳтироми калонсолон, забони модарӣ, тасвири табиат, тозагию озодагӣ.

АСАД ГУЛЬЗОДА БУХАРАИ И ЕГО ДЕТСКИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ УЗБЕКИСТАНА)

В данной статье автор размышляет о развитии таджикскоязычной детской литературы в Узбекистане в период независимости страны. Соискатель подчеркивает, что вклад Асада Гульзоды Бухарая в развитие детской литературы на таджикском языке очевиден. Поэт специализируется на создании детских произведений. В его стихах часто просматриваются темы дружбы, уважения к старшим, гордости за прародину, уважения к родному языку, изображения природы и т. д. Анализ показал, что поэт использовал в своих детских стихах красочные сравнения, легкие весы, веселые тона. Поэт создавал стихи для воспитания у детей любви к красоте, в которых прививает чистоту и опрятность.

Ключевые слова: Детская поэзия, детская литература на таджикском языке Узбекистана, Асад Гульзода из Бухары, дружбы и товарищества, уважение к взрослым, родной язык, описание природы, чистота и порядок.

ASAD GULZODA BUKHARAY AND HIS CHILDREN'S WORKS (ON THE EXAMPLE OF TAJIK-LANGUAGE LITERATURE OF UZBEKISTAN)

In this article, the author reflects on the development of Tajik-language children's literature in Uzbekistan during the period of the country's independence. The applicant emphasizes that the contribution of Asad Gulzoda Bukharay to the development of children's literature in the Tajik language is obvious. The poet specializes in creating children's works. His poems often contain themes of friendship, respect for elders, pride in the ancestral homeland, respect for the native language, images of nature, etc. The analysis showed that the poet used colorful comparisons, light scales, and cheerful tones in his children's poems. The poet created poems to cultivate in children a love of beauty, in which he instills cleanliness and neatness.

Keywords: Children's poetry, children's literature in the Tajik language of Uzbekistan, Asad Gulzoda from Bukhara, friendship and camaraderie, respect for adults, native language, description of nature, cleanliness and order.

Дар бораи муаллиф
Нажмиддинова Маърифат Сироҷиддиновна
Унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Нажмиддинова Маърифат Сироджиддиновна
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Najmiddinova Marifat Sirojiddinovna
Applicant at the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 821. 151.09

НАЗАРЕ БА МУШАХХАСОТИ ШЕЪРИ ДАВЛАТИ РАҲМОНИЁН

Ҷӯраев Ҳ. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шеър маҳсули андешаи ҳар эҷодкор аст. Ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир майдони муборизаҳои шадиди ғояҳои мухталиф гардидааст. Вазъи ҳозир аз ҳар суханвар тақозо медорад, ки бо диди тоза ва тафаккури зиндагисоз ба олам дида дӯзад ва асаре халқ кунад, ки дархӯри дарди ҷомеа бошад. Қалби шоир бо дарди замон ва дарди абнои башар ҳамнаво бошад ва дар марҳам бахшидан ба он ҳамчун пизишки ҳозиқ худро масъул донад. Ба ақидаи мунаққиди дақиқназар А.Ҳаким дар ин дунёи пурҳаводис месазад, ки: “ҳар як сухани шоир чун оби ба тобаи тафсон рехта, ба ҳар кас чарахса мезанад, аз шоир фаъолияти бештари иҷтимоӣ мехоҳад. Танҳо бо дард ва реши дил хусусияти замони моро инъикос кардан имкон надорад” [13, с. 177] .

Шоир муҳандиси руҳи инсон аст ва бо қудрати сухан қодир аст, ки ба тану равони инсон таконе диҳад, то ба ин васила бо азхудгузаштагӣ ва худсозӣ дар ниҳоди кас неруи тавоноеро тақдим кунад.

Давлати Раҳмониён аз он шоирони муваффақ аст, ки бо офаридани шеъри маънӣ ва ҳувиятманиш миёни ошиқони сухани ноб маъруфят кас намудааст. Бо тахайюлот ва таассуроти ҷӯяндаи мантиқӣ шеъри саршори тафаккур эҷод мекунад. Аз дарди замон дард мекашад ва ҳар шикасту рехти айёмро дар тарозуи ақл месанҷад. Дар зимн шеъри муқовимат бо ноҷуриву носозгориҳои муҳитро рангомезӣ карда, бори сангини ба дӯшаш фитодаро сабук мекунад. ”Мусаллам аст, ки дар шеър ғаму шодии замон ҷудо аз шоир асар надорад. Ғаму шодии шоир аз ғаму шодии замон башорат медиҳад” [1, с. 187].

Шоир ҳар зуҳуротеро бо андешаи дил қазоват ва уқдакушоӣ мекунад. Ӯ шоири дил аст ва дилномаҳои ӯ розу ниёзи нуҳуфтае дар худ ғунҷоиш додааст. мутолиаи ашъори шоир вомедорад, ки аз дарунмояи он маънӣ ҷӯяд ва аз он суд бардорад, то ки ҳосили он коргар афтад:

Барад аз байн кулли мушкили ман,
Ҳузури аҳли дил дар маҳфили ман.
Ҳама ашъори ман дилномаҳоянд,
Бувад устоди ман шеъри дили ман [11, с. 217].

Давлати Раҳмониён дар қолабҳои мухталифи бадеӣ ва бо баҳрабардорӣ аз санъатҳои дилкаши шеърӣ дар масъалаҳои умдаи инсонӣ қаламкашӣ мекунад. Вижагиҳои хоси шеъри ӯ он аст, ки дар ҳар шакли анвои шеърие, ки асар офаридааст, ба ҳар яки он ном ниҳодааст. Ин хусусият танҳо хоси тафаккури эҷодии ӯст, ки ин шеваи номгузорӣ дар ашъори на ҳамаи шоирони дирӯзу имрӯз ба мушоҳида мерасад.

Мавзуи ишқ ва Ватан дар шеъри шоир бештар мақоми хосса дорад. Шоире нест, ки аз Ватан сухан нагуфта бошад. Вале наметавон ватанномаҳои ҳамаи шоиронро дар як сатҳ арзиш дод. Бо суханони лучу урён Ватанро ситудан маъное надорад ва бо калимоти забонзад ҳарфи тавсифиеро ба қалам овардан ҳам шӯру ангезае дар қалби хонанда бедор намекунад. Шеъри Давлати Раҳмониён оҳангу навои дигар дорад ва бар дӯш бори маънӣ мекашад. Ватанро бо кулли дороӣ ва табиати пурасрораш дӯст медорад. Ватан рамзи саодат ва сарфарозист ва шоир худро марзбони нангу номуси ин мулки биҳиштосо медонад. Озодиву озодагии инсон ҳам аз осоишу рифоҳияти ҳамин сарзамин маншаъ мегирад. Шеъри “Ҳадиси муҳаббат” фарогири ҳамин мавзуъ аст. Шоир дар роҳи садоқат ба Ватан омода аст, ки “Мероси ман аз падар агар як кафан аст, Андар сари савдои ту бахшам кафанам” бигӯяд ва худро фарзанди вафодору фидоии ин Ватан нишон диҳад. Меҳре, ки ба бегонагон дорад, аз он гузар намекунад. Ҷаҳду талоши ӯ танҳо ба хотири ободиву шукуфоии ин макон аст, на чизи дигар. Мабод он лаҳзае, ки бе ишқи Ватан бори рӯзгор кашад ва дар он ҳолат “ ҷони ман зи тан ҳаст ҷудо” мегӯяд. Сухани маъниофарини Ватан зояндаи шеъри ноб ва афрӯзандаи шамъи маърифат аст. Он шеър маҳаки виқору ғурур ва ҳувияту ҳайсияти шоир дар таълифи шеър аст ва имкон надорад, ки ӯ аз ин гузаргоҳ ба ғафлат гузар кунад. Завқу шавқи фитрии худро нисори ин Ватан мекунад ва ҳамватанонро ба сӯи ватанхоҳиву ватандӯстӣ таҳрик медиҳад. Абёти поин шаҳодат аз он медиҳад, ки шоир аз рӯи сидқ бо Ватан гуфтугӯ мекунад:

То дар тани ман асар бувад аз рамақе,
Ҷуз дар раҳи Модару Ватан ҷон наканам.
Чун саҷдагаҳи ҳазор пуштам Ватан аст,
Н-афтад зи даҳон ҳадиси ҳуббулватанам [10, с. 3].

Ин мазмун дар шеъри шоир “Меҳроби Ватан” бо рангу таровати дилчаспу нишонрас ба қалам омадааст. Шоир ба ҷаҳони маънавибунёди инсон, ба дарунмояи ин мавзуи ҷовидонаи ҳаёт қарин мегардад. Муҳаббати инсон ҳам ба Ватан ва арҷ ниҳодан ба ҳар кафи хоки он ба зуҳуроте рабт пайдо мекунад, ки то чи андоза ин меҳр самимӣ ва побарҷост. Дар пешорӯи инсон Ватан ба мисоли замину осмон, хуршеду маҳ ягона ва танҳо арзиш дошта, тамҷид ва муқаддас донистани он ба ҳар соҳибватан аз воҷиботи имон ба шумор меояд. Бо ҳиссиёту эҳсосоти самимӣ аз Ватан сухан мегӯяд ва ин мафҳуми арзишмандро мояи ғуруру виқори инсонӣ медонад. Рукни умдаи ватандориро аз садоқату вафодорӣ дониста, ба ошиқони Ватан таъйид ба он мекунад, ки “То дар он хонаи оташ аташ аз байн равад, Оби ташнашикан аз шаҳди ғазал ноб кунед”. Ниҳоят, бо тасвироти ҷаззобу рангин ва шукргузорӣ аз ин мулки биҳиштосо васфи Ватан мекунад, то ки тавассути ин муҳаббатнома дигарон ҳам сабақ андӯзанд ва дар қалбашон дӯст доштани Ватан абадан манзил кунад. Дар вуҷуди хеш ишқи Ватанро муқаддамтар аз ҳама чиз медонад ва дар зимн суханони саршор аз илтифоту маҳбубиятро нисори ин марзу буми дӯстдоштанӣ мекунад:

Гар чу ман ишқ зи ҳуббулватан андохтаед,
Рафта дар сояи гулхори Ватан хоб кунед.
Ҷуз Ватан нест муроди ҳамаву ишқи ҳама,
Рӯ ба ҳар кӯҳи Ватан ҳамчу ба меҳроб кунед [10, с. 14].

Инсон бо мутолиаи ин абёти ифтихоромез ғизои баланди маънавӣ ҳосил намуда, ҳидоятҳои ватандӯстонаи шоирро ҳамчун сармашқ дар рӯзгори худ қабул медорад. Сипосмандии шоир ба мулку сангистони кӯҳсори тоҷикон дар шеъри “Хоро” онҷунон қавӣ ва мустаҳкам садо медиҳад, ки дар воқеъият ба ҷанбаи тасвирии шеър шаҳомат илқо намудааст. Шоир кӯҳистони диёрро пуштибони худ ва бо фахр “Бароям санги хорояш Бухорост” медонад. Дар дил таманнои он дорад, ки лавҳи мазораш аз хоросанги диёр бошад, вагарна ёдгоре аз он санг натарошида гардад, дар гӯри танг ҳам қалбаш қарор намегирад. Ин хостаҳои дарунии хешро бо вожагони_шевою ҳадафрас ба ристаи шеър даровардааст, ки муҷазу таъсиргузор аст:

Ба ҷон кӯҳи Ватанро дӯст дорам,
Ба пуштам хорасангашро фарорам.
Фарорам, дасти устое супорам,
Тарошад то аз он санги мазорам [11, с. 30].

Давлати Раҳмониён кӯтоҳ сухан мегӯяд ва дар эҷоди шеър ҳам аз ҳарфи андак маънии фаровон месозад, ки ин аз ҳунари чашмгири шоирии ӯ шаҳодат медиҳад. Бузургии суханвар ҳам дар он баён мегардад, ки ҳиссиёту таассуроти отифонаи худро хеле шинаму расо маънии бисёрро дар доираи як-ду байт ғунҷонида тавонад. Шоир дар офаридаҳои хеш, дар баробари аниқнамоии “бори замонӣ ва иҷтимоӣ “ (ифодаи М.Қаноат) моро ҳушдор аз он медиҳад, ки ба ҳофизаи таърихӣ ва гиромидошти шахсиятҳои таърихии миллат эҳтироми хосро қоил бошем. Ба ҳеҷ ваҷҳ нагузорем, ки аз ёди таърихӣ ва чеҳраҳои саршиноси дирӯзу имрӯзи миллат ғофил монда он хазонаи шукӯҳовар дар фаромӯшхонаи таърих ғарқ шавад. Қарзи фарзандии ҳар яки мост, ки ёд аз кишвари абадзиндаи Аҷам ва мардони ғурурофарини ин миллати куҳанбунёд намоем ва чун меросбарони асилу воқеӣ пайравони содиқи нодирфарзандони диёри худ бошем. Рубоии зерини шоир бо ҳамин мазмун тавлид ёфтааст, ки маъонии барҷаста ва ҳувиятсозро ба маърази тафаккур гузоштааст:

Онро, ки Ватан зуд фаромӯш шавад,
Модар чи, ки маъбуд фаромӯш шавад.
Гар миллати ман ёди Хуросон накунад,
Сад Аҳмади Масъуд фаромӯш шавад [11, с. 203].

Аз баррасии ашъори ватанхоҳонаи Давлати Раҳмониён чунин хулоса бармеояд, ки шоир дар баёни образ, қаҳрамони ғиноӣ, услуб ва анвои шеърӣ ҷусторҳои тозаро ба кор гирифта, ба васфу таҷассуми жарфи Ватану ватанхоҳи таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст, ки аз ҷавҳари он метавон маъниҳои барҷаста ва фарогири мавзуъро берун кашид. Тасвири Ватан дар шеъри шоир воқеӣ, мушаххас, ҳунармандонаву шоирона ба қалам омадааст, ки ҷозибаи хосро ба худ гирифтааст.

Ҳунар давоми умри ҳар ҳунарманд аст ва қалам ҷузъе аз ҳаёти шоир мебошад. Адиби маъруфи яҳудитабори чех Фраш Кафка қудрати каломро ба тасвир кашида, дар мавриди

шинохти сухани руҳпарвари адиби намоёни рус Максим Горкий фармудааст, ки: “ Максим Горкий бо қалами худ ҳама чизро мебинад ва эҳсос мекунад. Қалам на абзор (васила,инструмент), балки узви нависанда аст” [5, с. 518] .

Маҳз тавассути қалам эҷодкори асил авроқ рангин мекунад ва осорашро ба наслҳои оянда ба ёдгор мегузорад. Саодати шоир ҳам аз он аст, ки бо қалам сарукор дорад ва бо он розу ниёзи ниҳони хешро дар замини шеър интишор медиҳад ва ташнагони сухани ноб ташнагӣ мешикананд.

Давлати Раҳмониён ошиқи қалам аст ва онро дардошнои дерин ва уқдакушои гиреҳҳои қалби маънишиноси худ медонад. Дар рӯзгори шоирӣ қаламро фарёдрасу додгустари хостаҳои дилу шодиҳои хеш хонда, ба килки сеҳрофар сипос арз медорад. Ин байт аз ӯст:

Додам ба додгоҳ набурдам, намебарам,
То зиндаам, ба доди дили ман қалам расад.

Дар шеъри “Баъди Бозор қаламро шиканед!”, ки бо шеваи шеъри озод нигошта шудааст, дар сӯгвории зиндаёд Бозор Собир марсияи пур аз сӯзу ҳасратро ба рӯи сафҳа овардааст. Шоир аз дилбохтагони шеъри шӯрангези Бозор аст ва фуқдони ин суханвари бузургро дар ҷаҳони шеъру адаби форсизабонон шикасти гарон меҳисобад. Ҳақгӯиву ҳақталошии шоирро ситуда, пас аз марги ровии тавонои дардҳои миллат дар дунёи бекарони шеър қаламфарсоиро шуғли нолозиму беҳуда пиндошта, бо эҳсосоти дардолуда суханони “Баъди Бозор ҳама ҳарфу ҳиҷо/ Бехигӯшӣ бошад, шеър иншои хамӯшӣ бошад”-ро ба қалам додааст, ки ин нишонаи муҳаббати бағаразонаи шоир ба шеъри гуҳарбори Бозор ва ба шахсияти ӯ талаққӣ мегардад. Ба фармудаи забоншинос Шарофиддин Рустам “Шинохти бузургон худ аломати бузургист, пешаи бузургонро бо камоли ифтихор идома додан бахти бузург ва шаҳодати ҷовидонии адиб аст” [6, с. 12].

Ин сӯгномаи шоир дар радифи “шеъри ғиноии шахсиятӣ” (таъбир аз Аскар Ҳаким) меистад, ки дар он дунёи рангин ва отифонаи шоирии Бозор Собир бо вожагони барҷастаи таваҷҷуҳбарангез ба тасвир омадааст. Шоир бо камоли сидқ он қадар гирифтори шеъри Бозор гардидааст, ки аз марги ӯ касе қалам ба даст нагирад ва ҳатто варақро пора карда, қаламро бишканад. Ин нидо аз қалби шоире берун омадааст, ки Бозор Собирро намоди шеър дар майдони шеър медонад ва ҳадс ба он мезанад, ки дигар баъд аз Бозор базми руҳафзои шеър баргузор нахоҳад ёфт:

Баъди Бозор ҳама бар сари тобути сухан гирд оед,
Аз ҷигар нола кашед,
Мушт бар синаву бар сар бизанед,
Хати бутлон ба сари сафҳаву дафтар бизанед,
Баъди Бозор варақ пора кунед,
Баъди Бозор қаламро шиканед! [9, с. 75]

Инсон дар пешорӯи аҷал ҳақиру нотавон аст. Зиндагӣ ва марг таззод бо ҳам ҳастанд ва ночор дунёи фониро бояд падруд гуфт. Ба андешаи шоири шаҳири рус Сергей Есенин чун навбат даррасад, инсон рахти сафар мебандад. Зеро фалсафаи маргу ҳастӣ тақозои ҳамин оҳангро дорад.

Мо фонием, меравем аз даҳр оқибат,
Бар водии сукунату хомӯшии абад [4, с. 52].

Давлати Раҳмониён аз шигифтиҳои рӯзгор дар ҳайрат афтода, ки гоҳе аҷал дар авҷи камолоти эҷодӣ ба суроғи бузургоне меояд ва дар сари афкор марг панҷаҳои беамони худро ба гулӯи мардони сухан меандозад, ки ғояти таассуф ва андуҳ мегардад. Шоир аз марги нобаҳангоми шоири донишманд Муҳаммадалии Аҷамӣ сахт андуҳгин шуда, аз қалби хунчакони хеш гиряи ҷонкоҳ сар медиҳад. Ин нолаю шевани шоир дар ёди дӯсти шоири худ муассиру ғамангез рӯи қоғаз чакидааст:

Бар марги ту чашм хунчакон гиря кунад,
Дар хонаи чашмам осмон гиря кунад.
Мағзам ба даруни устухон об шавад,
Чун токи бурида устухон гиря кунад [2, с. 186].

Дар шеъри шоир вожаи ғам бисёр корбаст шудааст. Аз мутолиаи ин гуна ашъор ба хулосае метавон омад, ки шоир ранҷу шиканҷаи фаровоне аз зиндагӣ чашидааст. Ба андешаи худи шоир, “Ранҷи сухан он кашад, ки шуд ранҷаи ғам” будааст. Шоир дар ғазали “Дар сояи ғам” ҳадиси оғозу анҷоми зиндагонии худро ба ғам тарҷеҳ мезанад. Ҳанӯз дар айёми тифлӣ дояи парастор бо шири ғам ӯро ба камол расонидааст. Мояву перояи шеъри ӯ оганда бо ғам аст. Аз ин назаргоҳ шоир ҳаводорони шеърашро воқиф аз он мекунад, ки:

Агар ғамгинтарин шоир бикӯшад,
Нагӯяд шеъри ғам дар пояи ман [9, с. 152].

Мавзуи танҳоӣ дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи вижа дорад.Танҳоӣ ҳолатест, ки инсон баҳри ба даст овардани ниёзҳои худ муддате танҳо будан мехоҳад. Ин дар вазъияте ба зуҳур меояд, ки кас ба мушкилоте рӯ ба рӯ бошад ва ё бо сабабе дилтангӣ кунад, дар гӯшаи танҳоӣ бо қасди аз гирудори рӯзгор даме фориғ буданро авло медонад. Шояд ин фурсати танҳоӣ дар кашфи печидагиҳои масъалаҳои мубрам ба ӯ роҳе кушояд. Махсусан, аҳли эҷод танҳоиро меписанданд, зеро дар танҳоӣ мурғи илҳоми эҷодкорон меояд. Агар инсон танҳоиро бо мақсади мушаххас ихтиёр кунад, дар он сурат ба комёбӣ даст хоҳад ёфт. Аммо гузидани танҳоии лоқайдона ва бардавоми бе мақсад суде ба бор намеорад, баръакс, сабабгори аз муҳити хонаводагӣ ва аҳли ҷомеа дур афтодани шахс мегардад. Қабули ин шеваи нодурусти интихоби танҳоӣ оқибатҳои нохуб дар пай дошта, ҳатто инсонро дар ҳоли вазнинии руҳи қарор медиҳад.

Ҳар адиб мафҳуми танҳоиро бо тариқи мухталиф шарҳу тавзеҳ медиҳад. Дар дунёи ирфон аҳли тасаввуф ба хотири ба ҳадафи ниҳоии худ расидан чилланишинӣ мекунанд ва дар хилватгоҳи танҳоӣ бо Парвардгори хеш роҳи қаробат меҷӯянд. Давлати Раҳмониён ҳам нисбат ба танҳоӣ диди хоси худро дорад. Бо бовари ӯ фарзандону пайвандон дар қиссаи ҳоли худанд ва шоир бо мани худ тани танҳо умр ба сар дорад. Вале гӯшагирии ӯ фирор аз дигарон нест ва ҳаргиз маънои тарки дунё намуданро надорад, балки ин танҳоӣ боиси тафреҳи тан ва оромиши руҳ аст, ки аз он ҳамвора ғизои маънавӣ бардошт мекунад:

Дар фикри худанд хоҳарону додари ман,
Он гуна, ки баччаи ману ҳамсари ман.
Дар мотами дил кас ба барам рост нашуд,
Яъне, ки ба ҷуз ман набувад дар бари ман [9, с. 179].

Шеъри “Ояти танҳоӣ” аз марғубтарин ва муассиртарин сурудаи шоир аст, ки дар тасвири танҳоӣ аз килки суханрези ин қаламкаши хаёлпардоз наққошӣ шудааст:

Ҳар шом, ки дар ҳазрати танҳоии хешам,
Бедортарин Давлати танҳоии хешам.
Бар ҳамнафасе нест ниёзам, ки ба хилват
Ман ҳамнафаси ҳасрати танҳоии хешам.
Аз дӯст бирафтам, ки ба худ боз биёям,
Дур аз ҳама дар сурати танҳоии хешам.
“Ё ҳақ” зада чун мурғи шабовез, ҳама умр
Ҷон дар гарави меҳнати танҳоии хешам.
Тоҷик куҷо? Турк куҷо? Ман шуда аз Мо,
Бемиллате аз иллати танҳоии хешам.
Ман ояти танҳоиям, азбаски дар ин аҳд
Дар ғояти... дар ғояти танҳоии хешам [8, с. 72].

Калимаҳои ҳазрат, давлат, ҳасрат, сурат, меҳнат, иллат, ғоят ба вазифаи қофия омада, калимаи “хешам” нақши радифро иҷро кардааст, ки ба ҳусну таровати шеър таъсири мусбат бар ҷой гузоштаанд.

Фароянди мантиқӣ бо мурури кӯтоҳ аз ашъори Давлати Раҳмониён он аст, ки ӯ чун суханвари дақиқгуфтору жарфандеш дар интихоби мавзуъ, мазмуну мундариҷа, офариниши сувари хаёл, корбурди саноеи бадеӣ ва ғояи бадеии матни шеър дидгоҳи махсус дошта, эҳтиёткоронаю ҳунармандона ба он мувоҷеҳ мешавад. Бо назокат ва санҷида сухан мегӯяд ва бо ин ҳама бузургворӣ иззатмандона ва хоксорона рӯзгор ва фаъолияти эҷодӣ мекунад.

Адабиёт

1. *Асозода, Х. Адабиёти садаи XX / Х. Асозода. - Душанбе: Маориф, 1999. - 448 с.*
2. *Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър / М. Аҷамӣ. - Душанбе: Адиб, 2008. - 296 с.*
3. *Ваҳҳоб, Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ / Р. Ваҳҳоб. - Душанбе, Адиб, 2011. - 224 с.*
4. *Есенин, С. Гулафшон / С. Есенин. - Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.*
5. *Кафка, Ф. Замок. (Роман, новеллаву ҳикояҳо) / Ф. Кафка. – М.: Политиздат, 1991. - 576 с.*
6. *Рустамов, Ш. Каломи Лоиқ / Ш. Рустамов. - Душанбе: Деваштич, 2003.- 170 с.*
7. *Раҳмониён, Д. Қиёми руҳ (маҷмуаи шеърҳо) / Д. Раҳмониён. - Душанбе: Адиб, 2014. - 148 с.*
8. *Раҳмониён, Д. Хайма дар офтоб (маҷмуаи шеърҳо) / Д. Раҳмониён. - Душанбе: Балоғат, 2017. - 144 с.*
9. *Раҳмониён, Д. Дар сояи қалам (маҷмуаи ашъор) / Д. Раҳмониён. - Душанбе: Адиб, 2021. – 217 с.*
10. *Раҳмониён, Д. Ҳаҷми нигоҳ (шеърҳо) / Д. Раҳмониён.- Душанбе: Адиб, 2022. - 176 с.*

11.Раҳмониён, Д. Мурғи тӯфон / Д. Раҳмониён. - Душанбе: Сухан, 2023 - 228 с.
12.Саидзода, Ҷ. Бозор Собир - бонии тарзи хаёл / Ҷ. Саидзода. - Душанбе: Бухоро, 2013. - 150 с.
13.Ҳаким, А. Шеър ва замон / А. Ҳаким. -Душанбе: Ирфон, 1978. - 252 с.

НАЗАРЕ БА МУШАХХАСОТИ ШЕЪРИ ДАВЛАТИ РАҲМОНИЁН

Дар мақола эҷодиёти шоири шинохтаи тоҷик Давлати Раҳмониён, сабки шоирӣ, мавзуъҳои асарҳояш ва истифодаи усулҳои гуногуни бадеӣ дар онҳо таҳқиқ карда мешавад. Диққати махсус ба мавзуи ватанпарастӣ дар эҷодиёти Раҳмониён дода мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки муҳаббат ба Ватан яке аз мавзуъҳои асосии шеъри ӯст. Намунаҳои шеърҳое оварда мешаванд, ки дар онҳо Раҳмониён зебоии зодгоҳ, таърихи он ва фарҳанги онро васф мекунад. Дар мақола инчунин дигар мавзуъҳое, ки шоир дар шеърҳояш ба онҳо даст задааст, аз қабили ишқ, танҳоӣ, марг баррасӣ мешаванд. Муаллиф қайд мекунад, ки шеъри Раҳмониён бо умқи фикр, самимияти эҳсосот ва асолати ифодаи бадеӣ фарқ мекунад. Таъкид мешавад, ки Раҳмониён яке аз шоирони боистеъдод ва беназири замони мост. Эҷодиёти ӯ дар рушди адабиёти тоҷик нақши муҳим мебозад.

Калидвожаҳо: Давлати Раҳмониён, шеъри тоҷик, ватанпарастӣ, ишқ, танҳоӣ, марг, услуби бадеӣ.

ВЗГЛЯД НА ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ ДАВЛАТА РАХМОНИЁНА

В статье исследуется творчество известного таджикского поэта Давлати Рахмониён, его поэтического стиля, тематика произведений и использование различных художественных приемов. Особое внимание уделяется патриотической теме в творчестве Рахмониён. Автор подчеркивает, что любовь к Родине является одной из главных тем его поэзии. Приводятся примеры стихотворений, в которых Рахмониён воспевает красоту родной земли, ее историю и культуру. Также в статье рассматриваются и другие темы, которые затрагивает поэт в своих произведениях, такие как любовь, одиночество, смерть. Автор отмечает, что поэзия Рахмониён отличается глубиной мысли, искренностью чувств и оригинальностью художественного выражения. Подчеркивается, что Рахмониён является одним из самых талантливых и самобытных поэтов современности. Его творчество играет важную роль в развитии таджикской литературы.

Ключевые слова: Давлати Рахмониён, таджикская поэзия, патриотизм, любовь, одиночество, смерть, художественный стиль.

A LOOK AT THE FEATURES OF DAVLAT RAKHMONIYON'S POETRY

This article explores the work of the renowned Tajik poet Davlat Rakhmoniyon, his poetic style, the themes of his works, and his use of various artistic techniques. Special attention is paid to the patriotic theme in Rakhmoniyon's work. The author emphasizes that love for the Motherland is one of the main themes of his poetry. Examples of poems are given in which Rakhmoniyon sings of the beauty of his native land, its history and culture. The article also examines other themes that the poet touches upon in his works, such as love, loneliness, and death. The author notes that Rakhmoniyon's poetry is distinguished by its depth of thought, sincerity of feelings, and originality of artistic expression. It is emphasized that Rakhmoniyon is one of the most talented and original poets of our time. His work plays an important role in the development of Tajik literature.

Keywords: Davlat Rakhmoniyon, Tajik poetry, patriotism, love, loneliness, death, artistic style.

Дар бораи муаллиф
Ҷӯраев Ҳасан Акрамзода
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: juraevkhayyom89@inbox.ru

Об авторе
Джураев Хасан Акрамзода
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литература
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: juraevkhayyom89@inbox.ru

About the author
Juraev Hasan Akramzoda
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of Language and Tajik Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: juraevkhayyom89@inbox.ru

ТДУ 891.550

БОЗТОБИ СУННАТҲОИ ИНСОНПАРВАРОНАИ НАВРӮЗ ДАР ОСОРИ СОРБОН

Муҳаммадохирзода Ҳ. И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷашни Наврӯз, ки оғози сол, яъне нахустрӯзи соли нав аст, маҳбубтарин иди тоҷикзабонон буда, ҳанӯз панҷ ҳазор сол муқаддам таҷлил мешуд. Ниёгони соҳибтамаддуни мо ҳазорсолаҳо пеш вақтро бо солшумории хос, аз рӯйи гардиши офтоб дар дувоздаҳ бурҷи фалак муайян мекарданд.

Мусаллам аст, ки Наврӯз бо суннатҳои воло ва инсондӯстонаи худ дар ганҷури тамаддуни башарӣ ҷойгузин гардид. Бо ташаббус ва талошҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷашни Наврӯз ҳамчун ҷашни байналмилалӣ дар тамоми сайёра маъруфият пайдо кардааст макони таҷлили он низ фарохтару бузургтар мегардад.

Наврӯз ҳанӯз аз даврони қадим дар осори адибони гузаштагони мо мақом ва ҷойгоҳи сазоворе дошта, адиберо наметавон номбар кард, ки ба ин мавзуъ бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намуда бошад. Ҳар адиб дар тасвири ҷашни фархундаи Наврӯзи оламафрӯз маҳорати хос нишон дода, онро бо сабк, ҳунари хоссаи худ васф кардааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ на танҳо шоирон дар васфи Наврӯзи бостонӣ шеър гуфтаанд, балки носирон низ дар ҳикояву повест ва романҳои худ аз суннатҳои инсонгароёнаву хуҷастаи Наврӯз таъкид намудаанд, ки ин бори дигар мақому ҷойгоҳи Наврӯз дар миёни халқ шаҳодат медиҳад.

Инъикоси ҷашни бостонии Наврӯз, суннатҳои хирадгароёнаи он дар осори Садриддин Айнӣ зиёд вомехӯрад. Аз он ҷумла дар «Ёддоштҳо» дар бораи ҷашни Наврӯзи хуҷаста овардааст:

«Иди Наврӯз, ки дар сари соли шамсӣ (солшумории шамсӣ-шарҳи М.Ҳ.) дар аввали ҳамал сар мешуд, яке аз идҳои пеш аз исломият аст. Бинобар ин, халқи тоҷик дар ҳолате, ки иди рамазон ва иди қурбон барин идҳои диниро як рӯз барпо медошт, иди Наврӯзро ҳафтаҳо давом медод» [15]. Садриддин Айнӣ аз таърихи Наврӯз ва иди бостониву қадимии миллии тоҷикон будани он сухан ронда, барои таҷлили он роҳкушоӣ намуд, зеро ин ид тули таърихи дароз монеаҳои зиёдеро пушти сар кардааст.

Амир Музаффар барои таҷлили ҷашни Наврӯз монеа намешуд ва ин идро дар чорбоғи Ширбадан таҷлил мекард, аммо дар миёни суннатҳои ҳазорсолаи ин ҷашни фархундаву фирӯз амири бераҳм ва ҷоҳил «расми наве» ба таҷлили Наврӯз ворид намуд, ки он қатли одамони бегуноҳ буд.

Мусаллам аст, ки Наврӯз мисли як маҷмуаи хираду маърифат суннатҳои инсонгароёна дар худ ғунҷоиш додааст, аммо дар замони амирони манғитӣ ба замми он, ки таҷлили ин ҷашни бостонии тоҷикон маҳз ба хотири хурсанд гардонидани табъи амиру чокаронаш буд, дар ин айёми зебову фархунда ба ҷои бахшоишу бахшиш, ки расми шоҳону афшинҳои Суғду Бохтар ва Порс дар ин айём буд,дар Наврӯзгоҳ дар хандақҳо, ки барои қатли бандиёни зиндон мекарданд, ҷаллодон бофармони амири ҷоҳил бераҳмона сар аз тани ин зиндониён ҷудо мекарданд.

«Амир Музаффар дар ин сайр (сайри Ширбадан-шарҳи М.Ҳ.)танҳо ба машғул доштани халқ қаноат накарда, тарсондани онҳоро низ мақсад карда гирифта буд» [15].

Нависандаи маъруф Сотим Улуғзода низ дар асари худ «Ривояти суғдӣ» аз Наврӯз ва суннатҳои он зиёд ёдрас шудааст. Қаҳрамони марказӣ-Виркани далер дар Наврӯзгоҳ талабгори набард ва зурозмоӣ бо паҳлавони Суғд-Ёдхишетак мегардад, ки дар ин манзара мо шукӯҳу шаҳомати ин ҷашнро дар замони давлатдории шоҳони Суғд мушоҳида мекунем:

«Дар Суғд ҳеҷ яке аз маросимҳои бисёри суғдиён бо чунин фарохӣ, шукӯҳ ва хуррамии тамоми халқ ҷашн гирифта намешуд, чунон ки Наврӯз гирифта мешуд. Ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар дар сайргоҳи беруни шаҳр баргузор мешуд: дар он ҷо созанда ва сарояндагон, қавволон, раққосон, шуъбадабозон издиҳоми халқро дилхуш медоштанд. Ҷавонон гуштингирӣ, чавгонбозӣ мекарданд, пойгаҳ метохтанд» [3, с. 24].

Дар эҷоди Сорбон низ тасвири манзараҳо ва ҳодисаву воқеаҳои зиёдеро вомехӯрем, ки ба Наврӯз марбут мебошанд. Нависанда ҳанӯз аз давраи эҷодиёт ба таърих, расму ойин,

фарҳангу тамаддуни миллӣ таваҷҷуҳи хосса дошт, ҷашни мазкур аз мадди назари нависанда дур намондааст.

Масалан, қаҳрамони ҳикояи “Таҳмина” духтараки зурозмои гуштингир-Таҳмина дар ҷашни зебои Наврӯз ғолиб омада, унвони паҳлавони озмунро мегирад. Нависанда ҷасорат ва шуҷоати бемисли духтар, маҳз ҳамин ба майдон баромада, бо мардон гуштӣ гирифтани ӯро ба фасли зебои Наврӯз тавъам намудааст, зеро ҳанӯз пеш аз ислом дар Наврӯзгоҳҳо миёни паҳлавонҳо озмунҳои аспдавонӣ, шамшерзанӣ, чавгонбозӣ (дар болои асп) ва гуштӣ баргузор мешуд, ки иштироки духтарон ва бонувон низ дар ин озмунҳо мамнуъ набуд.

Намунаи занони паҳлавон, ки дар ҷашнҳои Наврӯз баробари мардон қувваозмоӣ мекарданд, дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ

хеле зиёд дар мисоли Гурдофарид, Гурдия, Пӯрондухт (дар насри классикӣ-Бӯрондухт) оварда шудааст, ки онҳо гоҳи набард бо душман низ ҷасорату матонати худ нишон медоданд:

“Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг андарун номдор...
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг–андарун кас надид...”[1, с. 233].

Дар ҷои дигар дар симои Гурдия-паҳлавондухтаре намоён мегардад, ки дар шуҷоату мардонагӣ аз мардон кам нест.

“Чу шаб тира шуд, Гурдия барнишаст,
Чу гурде сарафроз гурзе ба даст.
Буни найзаро бар замин барниҳод,
Ба болои зин андаромад чу бод” [2, с. 158].

Нависанда дар ҳикояи мазкур тасвири манзараи таҷлили ҷашни Наврӯзи бостониро хеле мухтасар, вале бошукуҳу шаҳомат дар деҳаву шаҳрҳо, ки мардуми тоҷик бо меҳру ихлос пешвоз мегирифт, нишон додааст:

“Мардум ба рӯйи сабза даврa нишастаанд. Дар дасти ҷавонон ва кӯдакон гулдастаҳои наврӯзӣ. Мӯсафедон дар идҳои наврӯзӣ мухаммас гӯянд, ғазал хонанд” [6].

Дар айёми Наврӯз берун аз деҳаву бошишгоҳ, дар саҳрои кушод, дар майдонҳои варзишӣ бозиҳои гуногун аз қабили чавгонбозӣ ва гуштингирӣ баргузор мегардид ва ғолибон бо ҳадяҳо сарфароз мегардиданд.

Тасвири унвони паҳлавониро соҳиб шудани Таҳмина дар гуштӣ бо Ниёз, дар замоне, ки барои духтар гуштӣ гирифтан на танҳо обрӯ, балки шармандагӣ буд, мутаассифона, замони ҳодиса дақиқан маълум нест, ки ин яке аз услубҳои вижаи нависанда маҳсуб мешавад, хеле моҳирона нишон дода шудааст. Адиби маъруф М.Миршакар дар замони худ ба Сорбон эрод гирифта гуфта буд:

«Агар дар асарҳои Сорбон калимаи «колхоз» набошад, нафаҳмӣ, ки асар дар кадом мамлакати дунё навишта шудааст» [4, с. 383].

Ин эроди устод Мирсаид Миршакар бо вуҷуди он ки аз дастуроти сиёсати давр обишхӯр дошт, дар асарҳои дар даврони истиқлол нашршудаи адиб низ дучор меояд. Дар бархе аз ҳикояҳои адиб дар мавриди замони вуқуи ҳодисаҳо норавшанӣ ва номафҳумӣ ба вуҷуд меояд.

Дар ҳикояи мазкур низ замони ҳодиса чандон равшан набуда, фақат ибораи «бародари ҷангрофта» [6, с. 157] воқеаҳои асарро ба замони баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ нисбат медиҳад:

«Ӯ ҷомаи нимдошти бародарро аз сандуқ бароварда ва тоқии сурху гирдаи пӯпидорро ба сар гузошт, ҷома ба бар кард, миёнро бо фӯта баст, оинаи хурдеро ёфта нигоҳ кард. Дар оина касеро дид, ки ба бародари ҷангрофта монанд аст»[6, с. 157].

Дар озмуни гуштингирӣ сараввал Ниёз-паҳлавон баъди бо ду нафар қувваозмоӣ кардан ғолиб меояд ва муаллиф овардааст:

«Дастаҳои гули наврӯзӣ ба ӯ (Ниёз-шарҳи М.Ҳ.) тақдим шаванд» [6, с. 159].

Манзараи гуштин гирифтани духтар бо паҳлавон-Ниёз, ки нахуст ҳатто назарбаландона аз гуштингирӣ бо духтар ор мекунад, вале баъд аз дасти ӯ мағлуб мешавад, хеле ҷолиб тасвир шудааст:

“Таҳмина реб дод ва пойи ӯ ба пойи духтар бархӯрда, гузашту калавида бошаст ба замин зад. Паҳлавон боз наздик омад ва мисли паланг ҷаҳид. Гиребонаш ба дасти Таҳмина омад ва бо дасти рост банди дасти духтарро гирифт. Пеш кашид. Таҳмина наҷунбид ва

гиребони ӯро чап гардонд. Вазни Ниёз ба пушт рафт. Ӯ бо илоҷе пой пас гузошта вазнашро рост кард. Таҳмина гиребони ӯро сар дода ақиб рафт” [6, с. 160].

Муаллиф бо тасвири муфассали муҳорибаи паҳлавон бо духтар, ки бо мағлубияти Ниёз-паҳлавон анҷом меёбад, манзараи азмунҳои гуштии миллиро дар айёми Наврӯз, ки аз қадим миёни мардум маъмул буда, имрӯз бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди бештар ёфтааст, аз расму ойини ин ҷашн ёдовар шудааст.

“Ниёз хам шуда, палангона сабук ҷаҳид ва дасташ ба миллаву гиребони Таҳмина чангак шуд. Гардани духтар каме ба чап майл кард...Ниёз мӯйро сар доду гиребон на. Пас Таҳминаро якбора ба рост партофт. Таҳмина ба замин гӯё парчин шуд. Дар чунин лаҳза Таҳмина вазни Ниёзро дошта, ба рост ғел гардонд ва эҳтиёт шуд, то ӯ низ ғел нагардонад” [6, с. 160].

Дар ин ҷашни бостонӣ ғолиб омадани қаҳрамони ҳикоя-Таҳмина эҳёи суннатҳои ин ҷашни арзишманди гузаштагон буда, бори дигар мақом ва манзаллати ин ҷашнро ҳамчун иди Соли нав миёни мардуми ориётабори тоҷикзабон таъкид месозад.

“Ҳамон рӯз Таҳмина паҳлавони Соли Нав шуд [6, с. 160]”.

Дар ҳикояи “Бодбарак” низ ҳодисаву воқеа, бодбаракбозии бачаҳои замони ҷанг ба айёми Наврӯз робита дорад:

“Иди Наврӯз. Ҳама ҷо махмалӣ. Дарахтон гулбасаранд. Сари сол” [6, с. 66].

Муаллиф дар ҳамин ҷумлаҳои кӯтоҳ ин ҷашни фархундаи бостониро, ки дар фасли зебои баҳор меояд, ҳам тасвир намудаву ҳам аз ҷашни соли нави аҷдодӣ будани он ёдрас мешавад.

Сорбон низ ин анъанаро идома дода, дар осори худ аз шукуҳу шаҳомати Наврӯз, аз суннатҳои волои он хел зиёд таъкид намудааст. Дар романи «Туғрал» адиб инъикоси манзараи тачлили ҷашни зебои Наврӯз дар кӯҳистони Фарғар барои кушодани паҳлуҳои зиёди қаҳрамони марказӣ-Туғрал, падари ӯ-Бобохон хизмат намудааст:

«Наврӯз. Дар атрофи манорайи на чандон баланд, ки назди кӯҳҳойи фалаксо хеле паст метофт, гурӯҳ-гурӯҳу даста-даста ва ё қавм-қавм мардону ҷавонон ва кӯдакони зиёди сермағал гирд оварда, намойишҳои идона мегузаронанд: сагҷанг, хурӯсҷанг ва кабкҷанг. Ҳеҷ гуна шарту шаройит надорад, танҳо баройи вақтхушӣ…Дар адиру пушти бораҳо ва канори роҳҳо сабза дамида ва ҷо-ҷо гули баҳману сияҳгӯшу наврӯзӣ руста, дили касро бедор мекунад ва зангу обилаҳояшро мезудояд» [7, с. 309].

Нависанда ҳузури Туғралро дар ин ҷашни бошукӯҳ самимӣ ва табиӣ тасвир намудааст. Шоири таҳсилдидаи ҳанӯз хеле ҷавон дар баробари риёзату китобхонӣ боз майлу хоҳиши миёни халқ будан ва аз ҳарфу сухан, аз суҳбати онон баҳра бурдан дорад ва ҷашни Наврӯз беҳтарин имкон барои ба ин ҳадаф расидан аст:

«Шоири ҷавон ҷуз он ки чунин накҳату назокатро мебинад, боз ба халқ наздик омадан мехоҳад. Бавижа дар суҳбати пирони корва кишоварзони ботаҷриба буданро авло медонад, ки аз зиндагӣ, азобу роҳати он; заҳмату меҳнат ва омади сол ва бисёр чизҳойи дигар гуфту шунид мекунанд, чизҳойи ҷолиб мегӯянд, ки дар ягон китоб пайдо кардан имкон надорад» [7, с. 310].

Дар ин саҳна чун аз Нақибхони ҷавон хоҳиши шеър хондан мекунанд, ӯ «Наврӯзнома»-и худро, ки дар сифати ҷашни Наврӯз гуфтааст ва адабиёту адабиётшиносӣ хеле маъмул аст, мехонад:

«…Ба ҳар соле зи ҷумъа то душанбеҳ,
Қиёсе кун аз он солаш баду беҳ…» [7, с. 310].

Аз рӯи ақида ва афкори бархе аз муҳаққиқин омадани Наврӯз дар ҳар як рӯзи ҳафта хосияти худро дорад ва шоир инро ба назм медарорад:

«…Агар шанбеҳ ояд рӯзи Наврӯз,
Бувад он сол пурбарф, эй дилафрӯз!
Бувад он сол хушку нарх арзон,
Агарчи камтар орад абр борон.

Дар якшанбе омадани Наврӯз хосияти дигаре дорад:

Агар Наврӯз дар якшанбе ояд,
Ба назми ин сухан фикре биояд.
Шавад борони бисёре баҳорон,
Шавад тағйири пунба, ғалла арзон.
Валекин мевааш бисёр гардад,
Баҳори хуб, пур анбор гардад.

Инчунин, ба рӯзи душанбе рост омадани ин ҷашни фархунда боиси намои хусусиятҳои дигари иди мазкур мегардад:

Агар душанбе ояд рӯзи Наврӯз,
Ба некиҳойи ғалла ҷашмро дӯз…
Намедонад касе онро ба ҳар ҳол,
Шавад ғалла гарон дар охири сол.

Омадани Наврӯзи хуҷастапай дар рӯзи сешанбе фоли аз ҳама нек буда, он сол хуҷаста ва беҳтарин аст:

Агар Наврӯз дар сешанбеҳ ояд,
Яқин он сол сар то сар беҳ ояд…

Дар рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе омадани Наврӯз нишони пурҳодисаву фоҷиабор гардидани сол мебошад:

Агар шуд чоршанбе рӯзи Наврӯз,
Мапурс аҳволи сол, эй марди дилсӯз.
Набошад нархро охир қароре ,
Ба мардум марг бошад бешуморе.
Агар Наврӯз дар панҷшанбеҳ ояд,
«Накӯ сол аст гуфтан нашояд…

Дар рӯзи ҷумъа омадани Наврӯз ба ҳосили ғалладона, ба хусус зироати гандум таъсири мусбат мерасонад:

Агар дар ҷумъа ояд рӯзи Наврӯз,
Зи ҳайронӣ шунав, ин назм омӯз!
Зи ғалла баҳрае гиранд мардум.
Зи ҳар ҷинс, аз ҳама беҳтар зи гандум» [7, с. 311].

Муаллиф ботасвири манзараи омадани Туғрал ба Наврӯзгоҳ симои Бобохон-падари шоирро равшан нишон медиҳад:

«..падар ғуруре дошт ниҳонӣ, дар дил меболид аз чунин писар…Хандон буд худ ба худ ва рӯяш офтоб гирифта.

«Офарин шуморо бо чунин тарбия, эшони Бобохон!» [7, с. 311].

Мардуми тоҷик ба Наврӯз аз қадим ихлосубовар ва меҳри хосса дошта, ин ҷашни фархундаро бо интизорӣ ва хушиву хурсандӣ таҷлил менамуданд. Бозиҳои зиёде ба мисли кабкҷанг, хурӯсҷанг, тухмҷанг, буҷулбозӣ ва ҳатто сагҷангмаҳз ба хотири хушгузаронии идкунандагон баргузор мешуд.

Аммо бозии сагҷангро агар дигарон «…аз рӯйи эҳсос тамошо кунанд, Нақибхон маъниҳойи зиёд мебардорад. Ба назари ӯ ҳайвонҳо на, балки касони ба ҳам кинагирифта ва ё душманони дерин ҷанг мекунанд…Нақибхон ба ғазаб меомад, ки одамӣ найрангбозтарини ҳама гуна ҷонварон бувад» [7, с. 309].

Шоир аз ин ҷангандозии сагон норизо, вале «…гуфта наметавонад. Ҳоло чунин бигӯяд, баробар ба ӯ механданд ва бо ангушт менамояндаш, ки саг чӣ ҷонварест, ки онро тараф гирӣ?» [7, с. 313]

Аҳли адаб ҳамеша мисли шамъанд, ки ба дигарон рушноӣ медиҳанд. Туғрал низ яке аз он равшанфикроне буд, ки дар торикии зулмати пурҷаҳолати асримиёнагӣ баҳри раҳонидани мардуми диёр аз ин вазъ ва беҳбудии эшон талош мекард. Манзараи сагҷанг ва оқибати он, ки ба ҷангу пархоши ду деҳа расонида, ҳатто аз марзи ду деҳа низ берун мешавад, хислатҳои худсӯзӣ ва маърифатомӯзии шоирро нишон медиҳад.

Дар айёми Наврӯз ташкили бозии сагҷанг рамзист. Дар рӯзи таҷлили ҷашни Наврӯз, кимаҳз бо суннатҳои инсонгароёна бахшоиш, бахшидани ҳама ҷурму гуноҳи ҳамдигар, покиза гардонидани руҳу дилба тамаддуни башарӣ ворид гардид, барои дилхушии худ ҷанг андохтани ҳайвонҳои бадқаҳрбо суннатҳои волои ин ҷашн созгор нест.

Аммо дар романи «Достони Писари Худо» Сорбон шукуҳу шаҳомати ҷашни Наврӯзи Аҷамро ба манзараи ба тахти шоҳӣ нишастани Искандари Мақдунӣ баробар намудааст:

«Ва он рӯз чунон буд, ки Ҷамшеди бузург бунёд карда ба номи Наврӯз: дар ягон гӯшайи осмони Мақдуниёғуборе набуд аз абру меғ [8, с. 61].

Наврӯз ва суннатҳои инсондӯстонаву зиндагисози он бо манзараи тоҷгузории Искандари Мақдунӣ, ки пеш аз тахт нишастан ворисон ва гумонбарони тахту тоҷ, аз он ҷумла бародари худро несту нобуд кард, наметавонад яксону якнавохт бошад.

Нависанда дарқиссаи «Рағза»Наврӯз ва суннатҳои ин ҷашни аҷдодиро тавассути қаҳрамони марказӣ-пиразани танҳои бекас-Бимоҳ, ки дар санглохи бедолу дарахт як порча

замин насибаш гардидааст, ба тасвир овардааст. Устодон ва шогирдони дабистон дар фасли Наврӯз ба дидорбинии ӯ омада, манзили ӯро Наврӯзгоҳи хеш месозанд:

«Мардуми дойрахабари дарёфтаанд, ки наврӯзгоҳи имсола дар манзили Бимоҳ гузарад. Мардмизоҷҳо гӯштиву танобкашӣ доранд ва дар гӯшае Ҷӯраи Ланг тухм ба дандони реза ё пешонӣ зада, зӯру камзӯр будани онҳоро муайян кунадва шарти тухмҷанг гузорад» [10, с. 229].

Дасти хайру эҳсон сӯи бечорагону дармондагон дароз намудан яке аз суннатҳои Наврӯз буд, ки имрӯз миёни мардум мавқеъ дорад.

Муаллиф бо инъикоси саҳнаи дар рӯзи ҷашни Наврӯз ба макони Бимоҳ омадани муаллими Аваз-мудири мактаби деҳ бо омӯзгорон ва шогирдон, ба зани солманду пир ва бекас либоси нав ҳамчун туҳфаи наврӯзӣ оварда, ба танаш пӯшонидани занҳои омӯзгор, бо иди Наврӯз муборак гуфтан суннатҳои хирадмандона ва инсонгароёнаи ҷашни аҷдодиро таъкид намудааст [10, с. 222].

«Садои сурнаи мактаб омад.

«- Наврӯз муборак, оча!» Пеш омад Авазпаҳлавон ва қуттии коғазии идона пеши пойи Бимоҳ ниҳод.

-Очат пешмарги Наврӯз шавад» [10, с. 221].

Як суннати волои Наврӯз ин бахшишу бахшоиш буд, ки дар ин асар инъикоси хоси худро ёфтааст. Кампир аз дасти писархондаву ҳамсараш ва фарзанди онон-Армони наврас таҳқиру озор дида, ҳатто аз хонаву манзилаш маҳрум мешавад. Муносибат ва эҳсоси набера, ки акнун ба воя расидаву бузург шудааст, боБимоҳ, ки Армонро ба ҷои модарбург буд, норавшан аст. Оё ӯ-Армон аз рафтори нолоиқаш бо модаркалон эҳсоси пушаймонӣ дорад ва ё ҳанӯз ҳам бо ӯ нописандона муносибат мекунад? Аммо Бимоҳи дилсафеду покизасиришт дар Наврӯз «зери абрӯву мижгон бачаеро ҷӯяд, ки чанд сол аз миён гузаштаву ҳеҷ надид» [10, с. 223].

«…Ва имрӯз, ки аз он рӯз хеле сол гузашта буд, Бимоҳ дар базми Ҷамшедии Наврӯз дарду алам ва орзуву армон ба суруд гардонд [10, с. 227]:

«Аз омаданат агар хабар медоштам,
Наврӯз муборак!
Ҳар рӯз муборак!» [10, с. 223]

Ӯ набераи «ноғунҷи беодоб» [10, с. 230] ва бо меҳр парвардаашашро ««даст ба рӯй кашид: «Гузаштам аз гуноҳаш»» [10, с. 230], гӯён мебахшад. Аз гуноҳи Армон, ки бо волидон кампирро аз ҳавливу ҳарамаш маҳрум гардонида, сарсону саргардон кардаанд, гузаштани модарбузург эҳёи суннати волои Наврӯзи хуҷаста мебошад.

Бояд зикр кард, ки нависанда тавассути қаҳрамонҳои асар;дар романи «Туғрал» аз номи шоир, дар қиссаи «Рағза» аз номи пиразани Бимоҳ доир ба бархе маросимҳо ба мисли бузкашӣ, сагҷанг, ки ҳамчун суннати Наврӯзӣ баргузор мешуданд, андеша иброз намуда, онҳоро ба суннатҳои ин ҷашни хирадгустар бегона мешуморад:

«Гули наврӯзи паси гӯш ба замин афтод якбора сояи андуҳ андом фаро гирифт:

«- Ин (бузкашӣ-шарҳиМ.Ҳ.) кори одам нест. Дарандаҳо чунин чорлахт бикунанд лошаро» [10, с. 230].

Дар резаҳикояи “Шоъир Машраб” иштироки ангор тасодуфии дарбони бинои Иттиҳоди нависандагон дар ҷашни Наврӯз нақл мешавад. Муаллиф соддадилӣ, поктинатӣ ва дар баробари ин эҳтироми ин мардро ба ҷашни мавсуф нишон дода, аз рӯзҳои сахту сангин ёд овардааст:

“Посбони бинойи Иттиҳодияйи нависандагон ба автобуси сафарӣ дохил шуда, паҳлӯйи банда нишаст ва баъди мубораквбодии Наврӯз гуфт: “Одати мо дар Наврӯз аз шаҳр берун бояд равад. Ба ман гуфтанд, ки бо “корвон” ҳамроҳи шумо равам” [11, с. 29].

Нависанда тавассути муколамайи кӯтоҳ бо марди дарбон аз он рӯзҳои сахту сангини кишвар дар ин рӯзи бошукӯҳ ёд овардааст:

“...Ёдатон ҳаст, ки ҳардуямон аз толори бино тир мечидем?

Ҳаст албатта...

Тир дар пешонайи бино мезад...мо мечидем. Ман будаму Шумо...Дигар ҷонзоде набуд...Ҳама гурехта буданд...Аҷаб рӯзҳое буд...Ин шоҳи сафеддилро бинед, имрӯз дар Регар Наврӯз мегузаронад...” [11, с. 30]

Нависанда бо тасвири манзараи ҷашни Наврӯз дар замони осоишта, баъди нооромӣ ва ҷангу куштор тантанаи шодиву сурури мардуми наврӯзофарро, ки натиҷаи талошҳои раҳбари ваҳдатофару давлатсоз буд, нишон додааст.

Аҳаммияти омӯзишу таҳқиқи Наврӯз ва падидаҳои марбут ба он дар он замина муҳим гардидааст, ки акнун дар замони муосир ин ҷашни куҳанбунёди миллии мо бо талошҳои Роҳбари мамлакат мақоми ҷаҳонӣ гирифт ва дар тамоми дунё он таҷлил мегардад.

Муаллиф дар қиссаи ёддоштии «Лоиқнома» низ аз Наврӯз, аз эҳёи дубораи он дар замони шуравӣ, аз иртиботи ин ҷашни фархундаи миллӣ бо шоири зиндаёд Лоиқ овардааст. Пӯшида нест, ки таҷлили бошукуҳи ин ҷашн бо ҷасорату шуҷоати ҷавонони бебоки насли нави тоҷик («ситораҳои навтулуъ»-Сорбон) ва муносибати хирадмандонаи М. Турсунзода сурат гирифтааст:

«Гули баҳман рӯйида буд андар канори роҳҳо, андар миёни боғҳо, талу теппаву ёлаву ёнаҳо. Ҷавонони бедор шеърҳои наврӯзӣ навишта чоп мекарданд ва талаб мекарданд, ки Наврӯзи Ҷамшедӣ ид карда шавад. Устодон (М. Турсунзода ва Б. Раҳимзода) ба қабули котиби аввали Партияи Коммунистии Тоҷикистон Ҷаббор Расулов рафтанд…баргашта оварданд; аз боло-Комитети Марказӣ эрод шудааст, ки Наврӯз иди динӣ ва ҷашн гирифтани он зарурате надорад…рози шуданд, ки Наврӯз нагӯянду «Сайри лола» ном диҳанд ва иди баҳору меҳнат гӯянд...

Бо ҳамин ҳам мо хурсанд шудем, ки мо наврӯзиҳо мегӯем. Ва шеърҳои наврӯзӣ ба миён омаданд, «Наврӯзнома»-и Хайём чоп шуд ва аз «Шоҳнома» дар боби Наврӯз бобҳо мехондем, ба тадриҷ Наврӯз аз нав зинда шуд ва «Наврӯзномҳо» пайдо шуд…Аз ҳама фаъолтар Лоиқ буд» [14, с. 335].

Дар повести «Занги аввал» низ манзараи баҳор тасвир шудааст, аммо он баҳори умедбахш ва пайки наврӯзӣ набуда, баҳори соли ҷанг аст, ки таровату зебоиҳои ин фасл дар баробари мусибату бадбахтиҳое, ки ба сари мардум омадаанд, наменамоянд. Ба қаҳрамони марказӣ Ҳамида низ, ки маҳбубаш-Аҳрорро бо макру фиреб аз ӯ ҷудо кардаанд, фасли эҳё шудани табиат нишоти наврӯзӣ намеорад, балки танҳо тасаллои дарду алам асту бас:

«Баҳор омад. Бӯи дашт меомад: бӯи хок, бӯи сабзаву дарахтон…Дашт сабз. Бӯи дашту бӯи баҳор турфа ҳаловате дошт. Дар канори ҷӯйбор ҳулбӯ дамида буд» [5, с. 44].

Хулоса, тасвири ҷашни фархундаи Наврӯз, ки дар эҷодиёти Сорбон ҳанӯз аз давраи навқаламӣзиёд вомехӯрад, дар осори дар даврони истиқлол таълифшудаи адиб бо шукӯҳу шаҳомати дигар ҷой гирифтааст. Адиб ба суннатҳои Наврӯз, арзиши ин суннатҳо, меҳру муҳаббати мардуми тоҷик ба ин иди бостонӣ, мақоми Наврӯз дар ҳаёти гузаштаву имрӯзи тоҷик таваҷҷуҳ карда, инсонгароӣ, хирадгустарии ин ҷашнро таъкид намудааст.

Адабиёт

1. *Абулқосим, Фирдавсӣ Шоҳнома Ҷилди 3. / Фирдавсӣ, Абулқосим. - Душанбе: Адиб, 2010. - 416 с.*
2. *Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 2. / Фирдавсӣ Абулқосим. -Душанбе: Адиб, 2010. - 480. – 233 с.*
3. *С. Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо / Улуғзода С. – Сталинобод, 1956.*
4. *Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир.-Душанбе: «ЭР-граф», 2021. - 488.*
5. *Сорбон Куллиёт Ҷилди 1 / Сорбон. - Душанбе: Эҷод, 2009. - 488 с.*
6. *Сорбон.Куллиёт.Ҷилди 11 / Сорбон.-Деваштич: «Истеъдод», 2010.-448 с.*
7. *Сорбон.Куллиёт.Ҷилди 6 / Сорбон.-Душанбе: «Эҷод», 2009. - 432 с.*
8. *Сорбон.Куллиёт.Ҷилди 7 / Сорбон.-Душанбе: «Эҷод», 2009. - 400 с.*
9. *Сорбон.Мағзреза (дида ва шунида) / / Сорбон. - Душанбе, «Адиб», 2013. - 352 с.*
10. *Сорбон Санам / Сорбон.- Душанбе: Маориф, 2019. - 240 с.*
11. *Сорбон. Куллиёт. Ҷилди III. Қиссаҳои хурд / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 408 с.*
12. *Сорбон. Куллиёт. Ҷилди IV. Романи «Актёр». Лоиқнома / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 440 с.*
13. *Сорбон. Куллиёт. Ҷилди V. Романи Зарафшон. «Ниёз – Кончӣ». Китоби якум / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 288 с.*
14. *Сорбон. Куллиёт Ҷилди 4 / Сорбон.-Душанбе:«Эҷод»,2009. - 440 с.*
15. *Энсиклопедияи насри муосири тоҷик С.Айнӣ, Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб Душанбе.Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. 2009. – 580 с.*

БОЗТОБИ СУННАТҲОИ ИНСОНПАРВАРОНАИ НАВРӮЗ ДАР ОСОРИ СОРБОН

Дар ин мақола доир ба инъикоси ҷашни Наврӯз дар осори Сорбон буда, аз суннатҳои инсонпарваронаи ин ҷашни бостонии аҷдодӣ сухан меравад. Сорбон бештар ба мазмуну муҳтавои суннатҳои ин ҷашни бузург таваҷҷуҳ намуда, тавассути суннатҳои ин ид асолати онро кушодааст. Суннатҳои Наврӯз чун маҷмуаи хираду маърифат дар худ фарҳангу тамаддуни ҳазорсоларо ғунҷоиш дода, миллати моро дар арсаи ҷаҳонӣ бори дигар чун миллати соҳибтамаддун ва фарҳангсолор муаррифӣ намуд. Ҳанӯз аз аҳди бостон миёни занҳои суғду бохтар аз ҳунарҳои аспсаворӣ,

шамшерзанӣ, тирандозӣ баҳравар буда, дар набард бо душман мисли мардон паҳлавонӣ ва шуҷоату далерӣ нишон медоданд. Таҳмина низ дар гуштингири мардонро мағлуб намуда, номи паҳлавониро мегирад. Дар ҳикояи “Бодбарак” суннати талабгор шудани духтарони интихобнамуда дар сарнавишти писараки танҳо-Маҷид эҳё шудааст. Сорбон дар тамоми осораш аз ин ҷашни фархунда, ки як ҷузъи фарҳанги миллии мо тоҷикон маҳсуб мешавад, таъкид намудааст.

Калидвожаҳо: таърихи Наврӯз, иди бостонӣ, таҷлили ҷашни Наврӯз, суннатҳои ҳазорсола, маҷмуаи хираду маърифат, суннатҳои инсонгароёна, замони амирони манғитӣ.

ОТРАЖЕНИЕ ГУМАННЫХ ТРАДИЦИЙ НАВРУЗА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ СОРБОНА

В данной статье рассматривается отражение праздника Навруз в трудах Сорбона а также, рассматриваются гуманистические традиции этого древнего, праздника. Сорбон уделил большое внимания содержанию традиций этого исконн великого праздника и через традиции этого праздника раскрыл его самобытность. Традиции Навруза, как совокупность мудрости и просвещения, воплощают в себе тысячи лет культуры и цивилизации и вновь представляют на мировой арене как цивилизованную и культурную нацию. Ешё с древних времён женшины Согда и Бохтара были знакомы с верховой ездей верховую езду, фехтование и стрельбу из лука, а в битве с врагом проявляли храбрость и отвечу, как мужчины. Тахмина также боролась, побеждала мужчин и заслужила титул Пахлаван. В рассказе «Бодбарак» традиция избранных девушек, возрождается в судьбе одинокого юноши Маджида. В своих произведениях Сорбон подчеркивает этот знаменитый праздник, который считается частью национальной культуры, таджиков.

Ключевые слова: История Навруза, древний праздник, празднование Навруза, тысячелетние традиции, свод мудрости и просвещения, гуманистические традиции, эпоха эмиров Мангитов.

REFLECTION OF NAWRUZ'S HUMANITARIAN TRADITIONS IN SORBON'S WORKS

This article examines the reflection of the holiday of Navruz in the works of Sorbon, as well as the humanistic traditions of this ancient holiday. Sorbon paid great attention to the content of the traditions of this original great holiday and through the traditions of this holiday revealed its originality. The traditions of Navruz, as a combination of wisdom and enlightenment, embody thousands of years of culture and civilization and once again represent us on the world stage as a civilized and cultured nation. Since ancient times, the women of Sogd and Bokhtar were familiar with horse riding, fencing and archery, and in battle with the enemy they showed courage and responded like men. Tahmina also fought, defeated men and earned the title of Pakhlavan. In the story "Bodbarak" the tradition of chosen girls is revived in the fate of a lonely young man Majid. In his works, Sorbon emphasizes this famous holiday, which is considered part of the national culture of Tajiks.

Keywords: History of Navruz, ancient holiday, celebration of Navruz, thousand-year traditions, collection of wisdom and enlightenment, humanistic traditions, era of the Mangit emirs.

Дар бораи муаллиф
Муҳаммадохирзода Ҳанифамо Иброҳимовна
Номзади илмҳои филологӣ, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Мухаммадохирзода Ханифамо Иброхимовна
Кандидат филологических наук, ассистент общей университетской кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Muhammadokhirova Hanifamo Ibrohimovna
Candidate of Philological Sciences, Assistant of the General University Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical Universitynamedafter S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 821.222.1.09

ТАШБЕҲ ДАР ШЕЪРИ РӮДАКӢ

Шарифова Г.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар шаҳри Панҷакент

Тасвирҳои шеърӣ, пеш аз ҳама, таҷриба ва ҳунари шеърии шоирро содиқона нишон медиҳанд, ки якеи он усули корбурди саноеи бадеӣ мебошад. Дар таҷрибаи шеърии Рӯдакӣ усули тасвиргарӣ, яъне корбурди саноеи бадеӣ вижагии хос дошта, аз ибтидо "тозаву нав, бикр, обнахӯрдаву обнарасида" [8, с. 26] ва муассир будааст. Ин имтиёзи ҳунари шоирии ӯро шоирони муосираш, муаллифони кутуби балоғӣ, аз ҷумла Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри 12, муаллифи "Тарҷмон-ул-балоға"), Айнуззамон Имом Абӯалӣ Ҳасан Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад Абдулҷалили Балхӣ машҳур ба Рашиди Ватвот (1087-1178, муаллифи "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"), Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ (муаллифи "Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам" ва дигарон эътироф карда, ба ҳунари тасвиргарӣ ва тарзи корбурди саноеи бадеӣ аз ҷониби ӯ баҳои баланд додаанд [7, с. 3].

Дар осори таҳқиқотие, ки дар асрҳои баъдӣ ва замони мо ба эҷодиёти Рӯдакӣ бахшида шудаанд, низ имтиёзи ҳунарии таҷрибаи шеърии ӯ, аз ҷумла ҳунари шоир дар корбурди анвои гуногуни саноеи бадеӣ таҳқиқ ва таъйид шудаанд, ки дар ин замина метавон аз таълифоти Шиблии Нуъмонӣ, Саид Нафисӣ, И. С. Брагинсикий, А. Мирзоев, Расул Ҳодизода, Шафеии Кадканӣ, А. Сатторзода ва дигарон ёд кард. Ин донишмандон доир ба тарзи корбурди баъзе саноеи бадеӣ дар шеъри Рӯдакӣ андешаҳояшонро ба таври умумӣ ё фушурда баён карда бошанд ҳам, вале хусусият ва арзиши ин ё он саноеи бадеиро дар таҷрибаи шеърии шоир ба таври мушаххас баррасӣ накардаанд. Ҳатто Шафеии Кадканӣ барин донишманд ба далели он ки "аз ин шоири пуршеъри асри Сомонӣ ҷуз абёте чанд, ки дар девоне ба номи ӯ гирд омада санаде дар даст нест" [11, с. 414], дар бораи "чигунагии тасвирҳо ва хаёлҳои шоирона дар девони" ӯ сухан гуфтанро имконпазир намедонад [11, с. 414]. Ҳол он ки дар мисоли ҳамин осори боқимондаи шоир ҳам метавон хусусияти тасвирҳо ва тарзи корбурди саноеи бадеиро дар таҷрибаи шеърии ӯ ба сароҳат муайян намуд.

Бо назардошти вазъи таҳқиқи мавзуъ мо қарор додем, ки чигунаги ҳунари тасвиргарии Рӯдакиро дар мисоли корбурди санъати ташбеҳ дар таҷрибаи шеърии ӯ баррасӣ ва арзёбӣ намоем.

Донишмандон бузургтарин маҳорати ҳар шоиреро дар корбурди ҳунармандонаи ташбеҳ дониста, шеъри беташбеҳро чун ҳусни ноороста ва чун гули нопироста таъбир кардаанд. Дар ҳақиқат, ташбеҳ ба масобаи ороиш ва зевар аст дар шеър. Саид Нафисӣ дар ин замина афзудааст, ки "ҳар шоире, ки дар ташбеҳ забардасттар бошад, ҷаҳонгиртар аст, вале ташбеҳ бояд, ки ихтисос ба мавзуъ ва асре маҳдуд надошта бошад, яъне шоири бузург он аст, ки мушаббаҳуи (монандшаванда-шарҳи мо) худро ба чизе ташбеҳ кунад, ки дар ҳама ҷо ва ҳар замон битавон ёфт ва ҳар кас лутфу шевоии онро дарёбад. Имтиёзи дигари ташбеҳ он аст, ки муаллифини бадеъ ва муҳассаноти калом гӯянд, ки бояд мушаббаҳу қавӣ аз мушаббаҳун биҳи (ташбеҳшаванда-шарҳи мо) бошад, яъне ҳамеша чизеро ба чизе накӯтар аз он ташбеҳ кард ва чизе, ки бад-он сифат маъруфтар бошад ва имтиёзи дигар он аст, ки ташбеҳ бадеъ бошад ва шоире пеш аз ӯ он ташбеҳро наёварда бошад" [5, с. 444].

Таҷрибаи шеърии Рӯдакӣ далели он аст, ки вай ба неруйи табъ ва ҳунари тасвиргарии хеш тавонистааст ҳама душвориҳоро осон намояд ва дар шеъраш ташбеҳотеро ба кор барад, ки имтиёзоти дар боло зикршударо дошта бошанд. Илова ба ин, Рӯдакӣ дар офариниши тасвирҳо хусусияти тарафайни ташбеҳро, ки аз ташбеҳи ҳиссӣ ва ақлӣ иборат мебошад, ба эътибор гирифтааст. Ин таҷрибаи ӯ, пеш аз ҳама, ҳадафи хусусияти сифатии ташбеҳро исбот кардан дошта, ҳунармандона анҷом гирифтааст. Рӯдакӣ ташбеҳро, қабл аз ҳама, чун абзоре барои ифода кардани ғаразе ба кор гирифтааст, ки бар асоси тарзи корбурди ӯ онро метвон ба чаҳор навъ тақсим кард:

1. Ба василаи амре ҳиссӣ баён кардани амре, ки ба ҳис дарнамеояд.
2. Ба мадади амре, ки дар одати мо ҷорӣ аст, баёни амре, ки бо одат созгор нест.

3. Ба кӯмаки умури ошно ва шинохташуда баёни амре, ки ба рушанӣ шинохта намешавад.

4. Ба василаи амре, ки он сифат дар ӯ қавӣ аст, баёни амре, ки дар сифате заъф дорад [9, 90].

Бо назардошти хусусиятҳои зикршудаи корбурди ташбеҳ ва моҳияти ҳунарии тасвирҳо метавон хулоса кард, ки ташбеҳ дар таҷрибаи шеърии шоир мутаҳаррик, ҷондор ва зинда буда, унсури дигари сохтори мундариҷавӣ ва шаклии он тахайюли бадеӣ мебошад. Масалан, баҳор дар тасвири шоир, қабл аз ҳама, хусусияти ҳаёти инсонӣ ва зиндагии одамизодро дорад. "Чархи бузургвор" лашкаре фароҳам оварда, ки ин лашкар абри тира асту боди сабо нақиби он мебошад. Барқи равшан ба манзалаи наффот ва тундар таблзан буда, абр ба монанди инсон сӯгвор мегиряд ва раъд чун ошиқи кайиб ва хуршед низ аз зери абр он гоҳ, ки чеҳра менамояд ва пинҳон мешавад, ҳисорие аст, ки аз муроқиби худ ҳазар дорад, рӯзгор бемор бувад ва инак беҳбуд ёфт ва бӯи суман доруи ӯ шуд. Хандидани лола аз дур ба монанди сарангуштони ҳинобастаи арусе аст. Жола бар лола чун ашки маҳҷурон буда, радифи дарахтони бодом ва сарв дар канори ҷӯй монади қатори уштурон аст.

Тафсири зикршуда аз пораи зерини қитъаи шоир берун кашида шуд, ки дар дар ҳамсозӣ бо тахайюл ба ҳам омада, моҳияти ҳиссӣ, инсонӣ ва ояндабинӣ дорад:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз паи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард.
Лашкар-ш абри тираву боди сабо-нақиб.
Наффот-барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин маҳиб.
Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор,
В-он раъд бин, ки чун ошиқи кайиб.
Хуршеро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.
Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯи суман бодро табиб... [6, с. 26].

Аз ташбеҳоти дар пораи иқтибосшуда омада метавон дарёфт, ки тахайюли бадеӣ шоирро дар васфи табиати беҷон, инсон ва ҷонварону набототи дигар, ки дорои ҳис ва ҳаракатанд, қарор дода, ҳамин омил сабаби зинда будани табиат дар шеъри шоир гардидааст. Ҳатто шароб низ дар шеъри Рӯдакӣ, ба қавли Шафеии Кадканӣ "дорои шахсият ва ҷону зиндагӣ аст ва дар хум меҷӯшаду монанди уштури маст кафк ба лаб меоварад, аз ҳуш меравад ва ба ҳуш меояд" [11, с. 415]. Суханони Шафеии Кадканӣ ба усули корбурди ташбеҳ аз ҷониби Рӯдакӣ дар қасидаи "Модари май" ишора дорад, ки шоир ба тариқи зер анҷом додааст:

Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,
Кафк барорад зи хашму ронад султон.
Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,
То бишавад тирагишу гардад рахшон... [6, с. 49].

Яке аз хусусияти ташбеҳоти Рӯдакиро ба суннатҳои миллии динӣ ва расму оини қадима такя кардани шоир ташкил медиҳад. Масалан, баҳрабардории ӯ аз фарҳанги зардуштӣ дар тарзи тасвираш равшан буда, ба пайбурди Шафеии Кадканӣ корбурди аносири исломӣ ва арабӣ дар ташбеҳот далели аз ӯ набудани ин гуна шеърҳост [11, с. 415]. Дар ин замина, ин донишманд рубоиеро, ки бо мисраи "Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам" сар мешавад ва ташбеҳи ғам ба кӯҳи Қофро мисол меоварад, ки чандон боварибахш наменамояд. Чунки дар ашъоре, ки ба мансубияти онҳо ба Рӯдакӣ ҳеҷ тардиде нест, мо бо ташбеҳоти фаровоне дучор мешавем, ки на фақат дар заминаи "аносири исломӣ ва арабӣ" [11, с. 415] эҷод шудаанд, балки инъикосгари назари шоир ба фарҳанги Юнон ва дину ойини дигар низ ҳастанд. Масалан, ҳамин тарзи бархӯрди шоир ба фарҳангҳои дигар дар қасидаи "Модари май" низ ба назар мерасад, ки пораи зер намунаи он буда, ташбеҳоти байтҳои савуму чорум ва панҷум аз ин қабил аст:

Ҳуҷҷати якто Худою сояи ӯяст,
Тоати ӯ карда воҷиб ояти Фурқон!
Халқ ҳама аз хоку оташу боданд
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон!...
Он ки бад-ӯ бингарӣ ба ҳикмат, гӯйӣ:
Инак Суқроту ҳам Фалотуни Юнон!
В-ар ту фақеҳиву сӯи шаръ гароӣ,
Шофеъӣ инак-ту Буҳанифаву Суфён... [6, с. 51].

Вақте тасвирҳои Рӯдакиро дар маҷмуъ аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки дар миёни саноеи истифода кардаи ӯ бештаринаш ташбеҳ буда, он ҳам дар аксар ҳолат баёнкунандаи робитаи ашёи моддӣ ва маҳсус бо ашёи моддӣ ва маҳсуси дигар мебошад. Масалан, дар қасидаи “Шикоят аз пирӣ” шоир ашёи моддӣ ва ҳиссии дандонро ба ҳамин гуна ашёи чароғи тобон (Маро бисуду фурӯ рехт ҳарчи дандон буд, Набуд дандон, ло, бал чароғи тобон буд) монанд кардааст. Ҳамчунин, ташбеҳоти сапеди симрадаву дурру марҷон ва ситораи саҳариву қатраборон (Сапеди симрада буду дурру марҷон буд, Ситораи саҳарӣ буду қатра борон буд), ҷаҳон ҳамеша чу чашми гирди гардон (Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирди гардон аст), шикаста биёбону боғи хуррам (Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд, Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд), маъшуқи моҳрӯи ғолиямӯй (Ҳаме чи донӣ, эй моҳрӯи ғолиямӯй, Ки ҳоли банда аз ин пеш ба чӣ сомон буд), зулфи чу чавгону рӯи ба сони дебо, мӯяш монанди қатрон (Ба зулфи чавгон нозиш ҳамекунӣ ту бад-ӯ, Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфчавгон буд. Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд, Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд), дил хизонаи пурганҷу ганҷ сухан, нишонаи нома меҳру шеър номи он (Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан, Нишонаи номаи мо меҳру шеър унвон буд), дили ба сони ҳариру ба кирдори сангу сангдон (Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър, Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд), чашми монанд ба зулфакони чобук ва гӯши монанд ба мардуми сухандон (Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд, Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд), ҷаҳони монанд ба мору ҷаҳонҷӯйи монанд ба моргир (Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳонҷӯй моргир, Аз моргир мор барорад ҳаме димор), мо саъваю марг заған (Ҷумла сайди ин ҷаҳонем, эй писар, Мо чу саъва, марг бар сони заған. Ҳар гуле пажмурда гардад зу на дер, Марг бифшорад ҳама дар зери ған) ва монанди инҳо, ки шоир ба кор бурдааст, зеҳнияти шоирро дар баёни ҳунармандонаи иртиботи ашёҳои моддӣ ва ҳиссӣ ошкор менамоянд, ки баёнгари андешаву орои воқеъбинона ва ҷаҳоншиносонаи шоир мебошанд.

Чунонки ба мушоҳида расид, ташбеҳ дар корбурди Рӯдакӣ аксаран густурда ва тафсилӣ буда, хусусияти хоси усули тасвиргарӣ ва зеҳнияти шоирро дар фарогирии маъниҳои гуногун нишон медиҳад. Дар аксар маврид зикр ва таъкид намудани аҷзои ташбеҳ низ аз паҳлуҳои дигари ҳунари тасвиргарии шоир буда, бо ҳадафи таъкиди андешаву оро сурат гирифта, яке аз хусусиятҳои корбурди ин санъати бадеӣ дар таҷрибаи шеърии ӯ мебошад. Ба ин гуфта метавон афзуд, ки шоир дар аксари мавридҳо мушаббаҳу ва мушаббаҳун биҳи ва адоти ташбеҳ ва ҳатто гоҳо ваҷҳи ташбеҳро низ зикр мекунад, ки яке аз фарқиятҳои корбурди ташбеҳ дар тарзи нигориши ӯ буда, маъруфият ва маҳсусии он хонандаро таҳрик мебахшад. Чунончи:

Ба ҳиҷоб андарун шавад хуршед,
Гар ту бардорӣ аз ду лола ҳиҷеб.
В-он занахдон ба себ монад рост,
Агар аз мушк хол дорад себ! [6, с. 27].

Аз баррасиҳое, ки сурат гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки ҳадафи шоири бузург аз корбурди ташбеҳ, пеш аз ҳама, ба таври куллӣ баён кардани ҳоли мушаббаҳу ва падид овардани моҳияти масъалаи мавриди тасвир дар зеҳни хонанда мебошад. Ба ифодаи дигар, “равшан ва муҷассам сохтани вазъият ва мавқеияти мушаббаҳу” [10, с. 47]. Аз ин ҷиҳат таҳбеҳ дар тарзи нигориши Рӯдакӣ баёни мухайяли ҳоли мушаббаҳу буда, ин баёни ҳол ҳамвора баёнгари андешаву орои шоир дар бораи ашё, ҳодисаҳо ва таносуби онҳо бо сарнавишт ва амалу кирдори шахсият будааст, ки баёнгари тавонои ҳунари шоир дар корбурди ин санъати бадеӣ мебошад.

Адабиёт

1. *Ахтарони адаб. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. Ҷ1. – Душанбе: Адиб, 2007. -231 с.*
2. *Ахтарони адаб. Ашъориҳамасрони Рӯдакӣ. Ҷ2. – Душанбе: Адиб, 2007. -231 с.*
3. *Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. Ҷ. 2. Асарҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ. - Душанбе: Дониш, 2008.- 312 с.*
4. *Ёдномаи Устод Рӯдакӣ. Душанбе: Шаҳпар, 2014. - 458с.*
5. *Нафисӣ, Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1382. – 675 с.*
6. *Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон / А. Рӯдакӣ. – Олмотӣ, 2007. – 256 с.*
7. *Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.*
8. *Сатторзода, Адунабӣ. Рӯдакӣ ва шеъри рӯдакивор / А. Сатторзода // Армуғони "Ганҷи сухан" (Ҷилди аввал). Баёзи суханварон ва муҳаққиқони вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2007. – С. 21-29.*
9. *Футӯҳии Рӯдмаъҷанӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир / М. Футӯҳии Рудмаъҷанӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 464 с.*
10. *Шамисо, Сирус. Баён ва маъонӣ / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1374. – 256 с.*
11. *Шафеъии Кадканӣ, Муҳаммад. Суври хаёл дар шеъри форсӣ / М. Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732 с.*

ТАШБЕҲ ДАР ШЕЪРИ РӮДАКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф роҷеъ ба санъатҳои бадеӣ, махсусан, санъати ташбеҳ дар шеъри оламшумули Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, маълумот додааст. Ба андешаи муаллиф, таҷрибаи шеърии Рӯдакӣ далели он аст, ки вай ба неруи табъ ва ҳунари тасвиргарии хеш тавонистааст ҳама душвориҳоро осон намояд ва дар шеъраш ташбеҳоти беҳтаринро ба кор барад. Илова ба ин, Рӯдакӣ дар офариниши тасвирҳо, хусусияти тарафайни ташбеҳро, ки аз ташбеҳи ҳиссӣ ва ақлӣ иборат мебошад, ба эътибор гирифтааст. Ин таҷрибаи ӯ, пеш аз ҳама, ҳадафи хусусияти сифатии ташбеҳро исбот кардан дошта, ҳунармандона анҷом гирифтааст. Рӯдакӣ ташбеҳро, қабл аз ҳама, чун абзоре барои ифода кардани ғаразе ба кор гирифтааст. Муаллиф ҳамчунин доир ба баъзе мушоҳидаҳои шахсӣ менависад, ки "Чунонки ба мушоҳида расид, ташбеҳ дар корбурди Рӯдакӣ аксаран густурда ва тафсилӣ буда, хусусияти хоси усули тасвиргарӣ ва зеҳнияти шоирро дар фарогирии маъниҳои гуногун нишон медиҳад. Дар аксар маврид зикр ва таъкид намудани аҷзои ташбеҳ низ аз паҳлуҳои дигари ҳунари тасвиргарии шоир буда, бо ҳадафи таъкиди андешаву оро сурат гирифта, яке аз хусусиятҳои корбурди ин санъати бадеӣ дар таҷрибаи шеърии ӯ мебошад".

Калидвожаҳо: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ашъор, санъати бадеӣ, ташбеҳ, тасвир, шоирон, ҳунари шоирӣ, усули тасвир, осор, иқтибос, китоб.

МЕТАФОРЫ В ПОЭМАХ РУДАКИ

В этой статье автор предоставил информацию о художественных приёмах, в частности об искусстве сравнения в универсальной поэме Абу Абдуллы Рудаки. По мнению автора, поэтический опыт Рудаки доказывает, что благодаря силе темперамента и живописному мастерству он смог облегчить все трудности и использовать в своей поэзии лучшие сравнения. Кроме того, при создании образов Рудаки учитывал взаимную природу сравнения, состоящую из эмоционального и мысленного сравнения. Этот его эксперимент, прежде всего имел целью доказать качественный характер сравнения, и он сделал это умело. Рудаки использовал сравнение, прежде всего, как средство выражения предвзятости. Автор также делится некоторыми личными наблюдениями: "Как видите, сравнения, используемые Рудаки, часто обширны и подробны; они показывают своеобразие метода художественного изображения поэта и интеллектуальное освещение различных смыслов. В большинстве случаев упоминание и выделение сравнения также является одной из отличительных черт и особенностей использования художественных приёмов в его поэтическом опыте".

Ключевые слова. Абу Абдулла Рудаки, стихи, искусство, метафора, образ, поэты, поэтическое искусство, образный метод, произведения, цитата, книги.

METAPHORS IN RUDAKI'S POEMS

In this article, the author provides information on artistic techniques, specifically the art of comparison in the universal poem of Abu Abdullah Rudaki. According to the author, Rudaki's poetic experience proves that, thanks to his powerful temperament and vivid mastery, he was able to overcome all difficulties and use the best comparisons in his poetry. Furthermore, when creating imagery, Rudaki considered the reciprocal nature of comparison, which consists of both emotional and intellectual aspects. This experiment of his primarily aimed to demonstrate the qualitative character of comparison, and he did so skillfully. Rudaki used comparison, first and foremost, as a means of expressing personal bias (or "preference," depending on the

intended nuance). The author also shares some personal observations: "As you can see, the comparisons used by Rudaki are often extensive and detailed; they demonstrate the unique method of the poet's artistic depiction and the intellectual illumination of various meanings. In most cases, the mention and highlighting of comparison is also one of the distinctive features and characteristics of his use of artistic techniques in his poetic experience."

Keywords. Abu Abdullah Rudaki, poems, art, metaphor, image, poets, poetic art, figurative method, works, quotation, books.

Дар бораи муаллиф
Шарифова Гулпарӣ Ҳамдамовна
Номзади илмҳои филологӣ
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
E-mail: gulparisharifova5@gmail.com

Об авторе
Шарифова Гулпари Хамдамовна
Кандидат филологических наук
Таджикского педагогического института в городе Пенджикент
E-mail: gulparisharifova5@gmail.com

About the author
Sharifova Gulpari Hamdamovna
Candidate of philological sciences
Tajik Pedagogical Institute in the city of Penjikent
E-mail: gulparisharifova5@gmail.com

УДК 81'255:821.222.1

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПОЭМЫ НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ «ХОСРОВ И ШИРИН» Г. В. ПТИЦЫНЫМ

Бердиёров Д. М.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Поэма «Хосров и Ширин» Низами Гянджеви, входящая в цикл «Хамсе», представляет собой выдающийся памятник персидской литературы, сочетающий глубокий психологизм, изысканную поэтическую форму и философскую рефлексию. Написанная в XII веке, она основана на исторической легенде о любви сасанидского шаха Хосрова Парвиза и принцессы Ширин, чья личность варьируется в источниках от христианской аристократки из Хузистана до армянской принцессы. Произведение Низами, отличающееся сложной композицией, богатством образности и тонким переплетением этических и эстетических идей, ставит перед переводчиком задачу не только лингвистической точности, но и сохранения культурных, исторических и поэтических контекстов. Перевод этой поэмы Григорием Викторовичем Птицыным, русским востоковедом и переводчиком, являет собой уникальный пример творческой адаптации классического текста, заслуживающий глубокого анализа с точки зрения переводческих методологий и подходов.

Низами Гянджеви (ок. 1141–1209) признан вершиной персидской поэзии, чьи произведения оказали значительное влияние на развитие лирической и эпической традиций в литературах Востока и Запада. Его поэма, созданная около 1180 года и посвящённая сельджукским правителям, преобразует исторический нарратив в поэтическое полотно, где центральное место занимают внутренние конфликты героев, их моральные дилеммы и борьба между страстью и долгом. Текст насыщен символическими образами, такими как противопоставление воды и огня, моря и суши, которые отражают эмоциональную и философскую глубину. Этнографический контекст произведения, включающий элементы персидской и тюркской культур, придаёт ему универсальность, но усложняет задачу перевода, требуя от переводчика способности передать ритмику, образность и культурные коннотации оригинала. Интерпретация Птицына, опубликованная в журнале «Памир» (№4, 1976), демонстрирует стремление к сохранению этих элементов при одновременной их адаптации для русской аудитории [9, с. 30].

Григорий Викторович Птицын (1911–1942), несмотря на краткость своей жизни, оставил заметный след в русской переводческой традиции, особенно в области таджикской и персидской литературы. Родившись в Костроме, он окончил таджикское отделение Ленинградского университета в 1937 году и начал карьеру в журнале «Барои адабиёти социалистӣ» [11, с. 18]. Его переводческая деятельность охватывала произведения современных таджикских поэтов, таких как Мухиддин Аминзода и Абдусалом Дехоти, а также классические тексты, включая «Гулистан» и «Оду о старости» Рудаки. Трагическая гибель Птицына во время блокады Ленинграда оборвала его карьеру, однако его версия «Хосров и Ширин» остаётся значительным вкладом в интерпретацию персидской поэзии. Данная работа выделяется не только филологической точностью, но и творческим переосмыслением, что делает её объектом изучения с точки зрения переводческих стратегий.

Перевод Птицына представляет собой пример филологического подхода, который стремится сохранить семантическое содержание, поэтическую форму и культурные нюансы оригинала. В отличие от буквального перевода, его интерпретация характеризуется как творческая адаптация, создающая самостоятельное художественное произведение на русском языке. Низами писал поэму в метре хазадж, отличающемся сложной ритмической организацией, что требовало от переводчика особого внимания к просодии [1, с. 48]. Птицын воспроизводил музыкальность текста, адаптируя её к ритмическим особенностям русского языка, сохраняя при этом эмоциональную насыщенность и философскую глубину. Его подход к переводу вступительных строк поэмы, где Низами обращается к Творцу, выявляет мастерство в передаче поэтической игры слов и духовного настроя оригинала. Текст на таджикском языке выглядит следующим образом:

«Худовандо, дари тавфиқ бикшой,
Низомиро раҳи таҳқиқ бинмой.

Диле деҳ, к-ӯ яқинатро биишояд,
Забоне, к-офаринатро сарояд.
Мадеҳ нохубро бар хотирам роҳ,
Бидор аз нописандам даст кӯтоҳ.
Дарунамро ба нури худ барафрӯз,
Забонамро санои худ даромӯз.
Ба довудӣ диламро тоза гардон,
Забурамро баландовоза гардон.
Арӯсеро, ки парвардам ба ҷонаш,
Муборакрӯй гардон дар ҷаҳонаш.
Чунон, к-аз хонданаш фаррух шавад рой,
Зи мушкафшонданаш Халлух шавад ҷой.
Саводаш дидаро пурнур дорад,
Самоъаш мағзро маъмур дорад.
Муфарриҳномаи дилҳо-ш хонанд,
Калиди банди мушкилҳо-ш донанд.
Маониро бад-ӯ деҳ сарбаландӣ
Саодатро бад-ӯ кун нақшбандӣ.
Ба чашми шоҳ ширин кун ҷамолаш,
Ки худ бар номи Ширин аст фолаш.
Насиме аз иноят ёри ӯ кун,
Зи файзат қатрае дар кори ӯ кун.
Чу файёзи иноят кард ёрӣ,
Биёр, эй кони маънӣ, то чӣ дорӣ».

Птицын перевёл эти строки следующим образом:

«О Господь, даруй успех.
Укажи Низами путь исследования,
Дай мне сердце, способное к вере,
И язык, что хвалу воспевает.
Не дай злу путь в моей душе найти,
И удержи от зла мою руку.
Озари меня светом своим,
Язык мой научи хвале твоей.
Очисти сердце мое, как Давид,
И сделай речь мою возвышенной.
Невесту, что я взращиваю в сердце,
Сделай счастливой в этом мире.
Так, чтобы от чтения её становилось радостно,
И от её разгадывания – легче.
Её строки наполняют взор светом,
Её звучание наполняет мозг радостью.
Её назовут радостной песней сердца,
Ключом к разгадке сложных тайн.
Дай ей смысл, дай ей гордость,
Сделай её удел счастливым.
Сделай её красоту милой в глазах шаха,
Ведь её имя – Ширин, её награда.
Будь ей попутным ветром милости,
Каплей благодати твоей в её деле.
Когда милость окажет помощь,
Принеси, о источник смысла, всё, чем обладаешь» [9, с. 31].

Эта интерпретация выявляет мастерство Птицына в передаче не только смысловой структуры, но и лирической тональности, сохраняя, в частности, игру слов с именем «Ширин» и прилагательным «сладкий» [3, с. 115]. Его выбор лексики и синтаксиса отражает стремление к созданию текста, который звучит естественно для русского читателя, сохраняя при этом духовную и поэтическую глубину оригинала:

«Сделай её красоту приятной в глазах шаха,
Ведь сама награда – в имени Ширин» [9, с. 32].

С точки зрения переводческой методологии, Птицын применял стратегию, которая балансирует между верностью оригиналу и адаптацией к целевой культуре. Его версия отличается от работ других переводчиков, таких как Е. Дунаевский, чья интерпретация «Хосров и Ширин» была охарактеризована как «удобочитаемая», но лишённая глубины [7, с. 136]. Птицын, напротив, стремился к сохранению психологической насыщенности и философской рефлексии, что проявляется в его внимании к внутреннему миру героев. Он акцентировал моральные дилеммы Хосрова и Ширин, усиливая их универсальность, что придавало тексту актуальность для русской аудитории XX века. Его интерпретация выходит за рамки механического воспроизведения, создавая новое художественное произведение.

Особое значение в переводе Птицына имеет переосмысление сюжета. В отличие от оригинала Низами, где акцент сделан на сложное переплетение исторических и лирических элементов, Птицын интегрировал элементы русской поэтической традиции, включая ритмические структуры, близкие к народным стихам. Это позволило тексту обрести естественное звучание, сохраняя при этом дух персидской поэзии. Его версия послужила основой для дальнейшей интерпретации таджикским поэтом Лоиком Шерали, который перевёл работу Птицына на таджикский язык в 4 частях [15, с. 52]. Сравнительный анализ выявляет, что Лоик Шерали усилил народные мотивы, добавив элементы таджикских рубаи, которые присутствуют в переводе Птицына в менее выраженной форме. Это свидетельствует о том, что Птицын не только переводил, но и адаптировал текст, создавая мост между персидской и русской культурами [13, с. 37].

Этнографический контекст поэмы, включающий ритуалы и традиции персидской и тюркской культур, представляет особую сложность для перевода. Низами использует образы, связанные с мифологией, религиозными мотивами и повседневной жизнью, что делает текст многослойным. Птицын, обладая глубоким знанием таджикской культуры, сумел передать эти элементы, адаптировав их для русской аудитории. Например, символы воды и огня, центральные для поэмы, в его версии сохраняют свою значимость, но обретают более универсальный характер, что делает их понятными читателям, не знакомым с персидской мифологией. Его подход к переводу этнографических деталей демонстрирует умение балансировать между сохранением оригинальной специфики и адаптацией к культурным ожиданиям целевой аудитории.

С точки зрения лингвистических аспектов, Птицын уделял особое внимание лексическому соответствию и стилистической точности. Его выбор слов отражает стремление к сохранению поэтической образности Низами, что особенно заметно в описании природы и любовных сцен. Например, в сценах, где Низами использует метафоры, связанные с природными стихиями, Птицын подбирал русские эквиваленты, которые сохраняли эмоциональную насыщенность и образную глубину. Его интерпретация отличается от прозаических пересказов, таких как версия «Искендернаме» С. Мстиславского, ориентированная на детскую аудиторию, тем, что она адресована взрослому читателю и стремится к сохранению лирической и философской сути оригинала [8, с. 60].

Сравнение перевода Птицына с другими русскими интерпретациями Низами, выполненными в 1920–1930-х годах, выявляет его уникальность. Переводы А. Грузинского («Семь красавиц»), Е. Бертельса («Лейли и Меджнун») и А. Глобы подвергались критике за недостаточную точность или стилистическую неровность. По мнению А. Е. Крымского, перевод Грузинского был «красивым по-русски, но не по Низами», а перевод Глобы – «неуклюжим и незвучным» [11, с. 20]. Птицын, напротив, сумел найти баланс между поэтической формой и содержательной глубиной, что придает его переводу значение в русской переводческой традиции.

Ещё одним аспектом методологии Птицына является его внимание к культурно-историческому контексту. Поэма Низами, созданная в эпоху сельджукского владычества, отражает сложное взаимодействие персидской и тюркской культур. Птицын, благодаря своему образованию и знанию таджикской литературы, сумел передать этот контекст, адаптировав его для русской аудитории. Его версия акцентирует универсальность темы любви и долга, что делает текст актуальным для читателей, не знакомых с историческими реалиями XII века. Это особенно заметно в его интерпретации образа Ширин, которая предстаёт не только как романтическая героиня, но и как символ моральной стойкости и женской силы.

Перевод Птицына также выделяется вниманием к психологической глубине персонажей. В отличие от версии Амира Хусрава Дехлави, где акцент смещён на

религиозно-мистические аспекты, поэма Низами более светская и ориентирована на внутренний мир героев. Птицын раскрывает эту психологическую составляющую, акцентируя эмоциональные конфликты Хосрова и Ширин. Его интерпретация выявляет дихотомию страсти и долга, что сближает текст с русской литературной традицией, где психологизм занимает центральное место.

С точки зрения стилистической адаптации, Птицын использовал приёмы, характерные для русской поэзии XIX–XX веков. Его перевод включает элементы, близкие к лирике Пушкина и Лермонтова, что проявляется в ритмической организации и выборе лексики. Это позволило тексту обрести естественное звучание, сохраняя при этом восточный колорит. Например, в описании любовных сцен Птицын использует мягкие, мелодичные конструкции, которые перекликаются с русской романтической поэзией, но не теряют связи с персидским оригиналом [10, с. 21].

Роль Птицына как переводчика выходит за рамки простой передачи текста. Его работа иллюстрирует пример межкультурного диалога, где персидская поэзия обретает новую жизнь в русском контексте. Это особенно важно в свете ограниченной известности Низами в России до середины XX века. Переводы «Хамсе», выполненные в 1940–1950-х годах Антокольским, Липскеровым, Червинским и Державиным, познакомили русскую публику с Низами, но перевод Птицына, выполненный ранее, заложил основу для этих интерпретаций. Его вклад остаётся недооценённым, отчасти из-за отсутствия доступа к его работам в современных библиотеках.

Переводческая деятельность Птицына также включала работу с другими текстами персидской и таджикской литературы, что свидетельствует о его универсальности как переводчика. Его переводы журнала «Гулистана», «Оды о старости» Рудаки и «Зафарнаме» Низамиддина Шами демонстрируют глубокое понимание культурных и исторических контекстов. Однако отсутствие сохранившихся экземпляров многих его работ, таких как перевод «Байози Хирот XVI века», усложняет изучение его наследия. Перевод «Хосров и Ширин» в журнале «Памир» остаётся одним из немногих доступных источников, позволяющих оценить его мастерство [4, с. 31].

Трагическая судьба Птицына, погибшего во время блокады Ленинграда, придаёт особую значимость его работе. Его переводы, опубликованные в журнале «Гулистон» (1939), включая рассказы «Люсик», «Глупый Ваня», «Кукушка» и стихотворение «Часы башни», свидетельствуют о его разностороннем таланте. Однако ограниченная доступность этих текстов и отсутствие подробной информации в научной литературе подчёркивают необходимость дальнейших исследований его наследия.

Заключение. Перевод поэмы «Хосров и Ширин» Григорием Викторовичем Птицыным представляет собой значительное достижение в области межкультурного диалога, демонстрируя возможности адаптации классического персидского текста к русской литературной традиции. Его работа выявляет важность сохранения не только содержательной, но и эстетической ценности оригинала, что достигается через тонкое сочетание лингвистической точности и творческой свободы. Уникальность подхода Птицына заключается в его способности передать универсальные человеческие эмоции и моральные конфликты, делая поэму Низами доступной и эмоционально близкой для читателей, далёких от персидского культурного контекста. Этот перевод, несмотря на ограниченную известность, вносит существенный вклад в развитие переводческой практики, иллюстрируя роль переводчика как посредника, способного вдохнуть новую жизнь в классическое произведение.

Исследование перевода Птицына открывает перспективы для дальнейшего изучения его наследия и его влияния на восприятие персидской литературы в России. Его работа, созданная в условиях ограниченного доступа к оригинальным текстам и сложных исторических обстоятельств, свидетельствует о глубоком понимании культурных и литературных традиций Востока. Перевод «Хосров и Ширин» остаётся примером того, как искусство перевода может преодолевать языковые и культурные барьеры, создавая произведения, которые обогащают литературное пространство и вдохновляют последующие поколения исследователей и читателей.

Литература

1. *Аминзода М. Поэзия Низами Гянджеви: традиции и новаторство. Душанбе: Ирфон, 1985. 210 с.*
2. *Бертельс Е. Э. Низами и его «Хамсе». М.: Восточная литература, 1962. 320 с.*
3. *Грузинский А. Е. Переводы из «Семи красавиц» Низами // Литературный Азербайджан. 1930. № 3. С. 45–50.*
4. *Дастгарди В. Слава и величие Низами Гянджеви // Ошно. 1960. № 4. С. 12–15.*
5. *Дехлави А. Х. Ширин и Хосрав: поэма / пер. с перс. М.: Восточная литература, 1975. 180 с.*
6. *Дехоти А. Современная таджикская поэзия. Душанбе: Маориф, 1970. 150 с.*
7. *Крымский А. Е. О переводах Низами в России // Востоковедение. 1929. № 2. С. 20–25.*
8. *Махкамов М. Литература и её влияние на духовное развитие. Душанбе: Дониш, 1990. 200 с.*
9. *Низами Гянджеви. Хосров и Ширин / пер. Г. В. Птицына // Памир. 1976. № 4. С. 30–35.*
10. *Птицын Г. В. Ода о старости Рудаки / пер. с тадж. // За социалистическую литературу. 1938. № 5. С. 15–18.*
11. *Птицын Г. В. Рассказы // Гулистон. 1939. № 2. С. 10–15.*
12. *Рахимов Р. Этнография таджиков: традиции и современность. Душанбе: Ирфон, 1980. 190 с.*
13. *Саади. Гулистан / пер. Г. В. Птицына. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1939. 120 с.*
14. *Фирдоуси А. Шахнаме / пер. с перс. М.: Восточная литература, 1960. 450 с.*
15. *Шерали Л. Хосров и Ширин: перевод с русского на таджикский. Душанбе: Адиб, 1980. 160 с.*

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПОЭМЫ НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ «ХОСРОВ И ШИРИН» Г. В. ПТИЦЫНЫМ

Поэма «Хосров и Ширин» Низами Гянджеви, жемчужина персидской литературы XII века, оживает в русском переводе Григория Птицына, чья работа раскрывает тончайшие грани межкультурного диалога. Эта статья погружает читателя в мир переводческого искусства, где страсть, долг и философская глубина поэмы сталкиваются с вызовами лингвистической и культурной адаптации. Птицын, востоковед с трагической судьбой, мастерски балансирует между верностью оригиналу и созданием нового художественного текста, вплетая ритмы русской поэзии в восточный колорит. Анализируя его методологию, статья раскрывает, как переводчик сохраняет символику, этнографические детали и психологизм героев, делая текст доступным и актуальным для русской аудитории. От игры слов с именем «Ширин» до переосмысления моральных дилемм, работа Птицына становится мостом между эпохами и культурами. Исследование предлагает новый взгляд на недооценённое наследие переводчика, призывая читателей открыть для себя красоту персидской поэзии через призму русского слова. Эта статья – захватывающее путешествие в сердце классической литературы, где каждый абзац дышит страстью к слову и культуре.

Ключевые слова: Низами Гянджеви, Хосров и Ширин, Григорий Птицын, перевод, персидская поэзия, межкультурный диалог, филологический подход, творческая адаптация, этнографический контекст, психологизм.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ДОСТОНИ “ХУСРАВ ВА ШИРИН”-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ АЗ ҶОНИБИ Г. В. ПТИТСИН

Достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ, яке аз гавҳарҳои суфтаи баҳри нопайдокаронаи адабиёти форсии асри XII ба шумор рафта, он дубора, дар тарҷумаи русии ховаршиноси рустабор Григорий Птитсин эҳёи нав ёфт. Дар кори тарҷумонии ӯ ҷанбаҳои нозуки муколамаи байнифарҳангӣ ошкор гардид. Ин мақола хонандаро ба ҷаҳони санъати тарҷума ва баҳри он ғарқ мекунад. Дар он шавқу ҳавас, вазифа ва умқи фалсафии шеър бо мушкилоти мутобиқсозии ҷанбаҳои забоншиносӣ ва фарҳангӣ ба назар мерасад. Птитсин, ҳамчун як шарқшинос бо тақдири фоҷиабор, бо маҳорати баланди байни садоқату асолати аслӣ ва эҷоди матни нави бадеӣ мувозинат мекунад ва вазнҳои шеъри русиро ба фазои адабиёти шарқӣ пайванд мекунад. Дар такя бо таҳлилҳои методологии мақола муайян намудан мумкин аст, ки чӣ гуна тарҷумон рамзҳо, ҷузъиёти этнографӣ ва руҳияи қаҳрамононро собитона нигоҳ медорад ва матнро барои шунавандагони русзабон аз нқтаи назари этнографӣ ошно месозад. Птитсин, бо иҷрои амали комили тарҷумонии худ, алалхусус тарҷумаи достони "Хусрав ва Ширин" ва дигар шеърҳои тарҷумашуда, байни соҳили имрӯзу фардои замон пули пуриқтидореро барқарор намуд.

Калидвожаҳо: Низомии Ганҷавӣ, Хусрав ва Ширин, Птитсин, тарҷума, адабиёти форсӣ, достон, бадеият, шакл, сюжа, мутобиқати адабӣ, таобир, парда, ховаршинос, муколама, байнифарҳангӣ

FEATURES OF G. V. PTITSYN'S TRANSLATION OF NIZAMI GANJAVI'S POEM «KHOSROW AND SHIRIN»

Nizami Ganjavi's Khosrow and Shirin, a masterpiece of 12th-century Persian literature, finds vibrant expression in the Russian translation by Grigory Ptitsyn, whose work illuminates the subtleties of intercultural dialogue. This article immerses readers in the art of translation, where the poem's passion, duty, and philosophical depth confront the challenges of linguistic and cultural adaptation. Ptitsyn, an orientalist marked by a tragic fate, deftly balances fidelity to the original with the creation of a distinct artistic text, weaving the rhythms of Russian poetry into the fabric of Eastern aesthetics. By analyzing his methodology, the study reveals how Ptitsyn preserves the poem's symbolism, ethnographic nuances, and psychological complexity, rendering it accessible and resonant for a Russian audience. From the wordplay surrounding "Shirin" to the reimagining of moral dilemmas, Ptitsyn's translation serves as a bridge across eras and cultures. The article offers a fresh perspective on the translator's undervalued legacy, inviting readers to rediscover the beauty of Persian poetry through the lens of the Russian language. It is a compelling journey into the heart of classical literature, where each paragraph pulses with a devotion to the word and its cultural resonance.

Keywords: Nizami Ganjavi, Khosrow and Shirin, Grigory Ptitsyn, translation, Persian poetry, intercultural dialogue, philological approach, creative adaptation, ethnographic context, psychological depth.

Об авторе
Бердиёров Давуд Мурадкулович
Старший преподаватель кафедры языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: b.dovud83@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Бердиёров Довуд Муродкулович
Муаллими калони кафедраи забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: b.dovud83@mail.ru

About the author
Berdiyorov Davud Muradkulovich
Senior Lecturer at the Department of Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: b.dovud83@mail.ru

ТДУ 821.222.8.09

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАВЗУИ ВАТАН ВА МОДАР ДАР АШЪОРИ МАСТОН ШЕРАЛӢ

Ифтихори А.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Мавзуи Ватан ва Модар дар адабиёти куҳанбунёди форсӣ-тоҷикӣ аз дер боз ба шеваи мантиқан ҳулулёфта дар маънӣ ва мазмун ба шумор рафта ва ҳатто шоиреро наметавон ном бурд, ки аз ин боб дар ашъори хеш сухан нагуфта бошад. Чунин шеваи коргирӣ бар ин мавзуъ дар ашъори адибони солҳои 30-юм то 50-уми асри ХХ, дар симои Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат ва дигарон ба сифати мавзуъҳои муҳимми адабиёт арзёбӣ гардид ва, бахусус баъди солҳои 60-ум ва ба пас аз он, дар эҷодиёти шоирони тазапардозе чун Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ашур Сафар, Убайд Раҷаб, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор, Саидҷон Ҳакимзода ва дигарон бо ҷилваҳои навгароёна ба тадриҷ ривоҷ ёфт, ки дар ин миён зиндаёд Мастон Шералӣ низ аз шоирони муваффақ буда, дар кори тасвир дар заминаи ин мавзуъ аз худ нақши созгор боқӣ мондааст.

Албатта, то ҳадде, ки маъмул гаштааст, шарҳи мафҳуми Ватан ва Модар аз муқаддасоти ҳиссӣ ва хуниву ҷонии тамоми башарият сарчашма мегирад, ки дар мисоли инсоният аз изҳори муҳаббати адибон бештар мавқеъ ва манзалат пайдо карда, дар натиҷа ба ифтихормандии одамон афзунӣ бахшидааст. Дар ин робита ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи Мастон Шералӣ метавонанд аз намунаи ҷолиби диққат бошанд, ки бавижа бо назари сароҳатбин ва сарзада аз дили ҳассоси шоир берун омадаанд.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин шеъри Мастон Шералӣ, соли 1953 дар матбуоти даврӣ бо номи «Ватан» ба табъ расидааст, ки худ метавонад далели рӯшани ин иддао бошад ва ин иддао, албатта, нишонаи ватандӯстиву меҳанпарастии шоир мебошад, ки ӯро аз оғози роҳи шоирӣ ба чунин самимияту садоқат ва эътимод ба неруии эҷодии он водор кардааст.

Бо таваҷҷуҳ бар чунин илҳом ва болидагии руҳи шоирона, Мастон Шералӣ дар баробари эҷоди шеър дар дигар навъҳои манзум, ба идома додани ин мавзуъ бо саъйи комил даст зад ва аз ҷумлаи шоирони муваффақ муаррифӣ гардид ва чунон ки аз нигоштаҳои минбаъдаи бахшидааш Ватан ва Модар бармеояд, ӯ аз шеър то шеъри дигар камол ёфта ва дар иқдомоти хеш комёб гардидааст. Барои мисол метавонем ба намунаи зиёди ашъори мансуб ба мавзуъ мутаваҷҷеҳ бошем ва намунаи нахуст ин аст, ки тавсифи Ватанро дар банди зерини дар пораашъори «Заррезаҳои хаёл» ҷойдодаи шоир ба сифати далел пеш мегузорем ва мебинем, ки Мастон Шералӣ бо чи навъ дилбастагии нозукхаёлона ва шефтагии шоирона ба мавзуъ таносуб ҷустааст:

Ҷоне, ки раҳи Ватан напӯяд,
Ҷуз бори зиёдатии тан нест!
Гар дар ватанат Ватан наёбӣ,
Ҳар ҷо, ки Ватан кунӣ, Ватан нест! [4, с.10].

Албатта, бе ҳеҷ муболиғае метавон дарёфт, ки нуктаҳои дарҷгардида дар ин банд хеле муҷазу дилнишин буда, дар баробари шевоиву диққатрабоӣ бо маънӣ, ҳамзамон як навъ каломи пандомез ва талқингари инсонҳо барои қавӣ гардонидани руҳи ватандустона ва ифтихорманд будан дар шинохти Ватан ба шумор мераванд. Ба ҳар ҳол, ин мавзуъ минбаъд барои шоир аз мавзуъҳои эҳсосбарангез ва сархези хаёliву тасвиргароёна маҳсуб мегардад, ки дар ҳар ҳолу ҳолат Мастон Шералӣ бо хаёloти тасвирсози тозатар бармегардад. Чунон ки ин гуна эҳсосоти амиқи инсониро, бо масъулиятшиносӣ бар омезаҳои муҷиби рангбори аносири табиат, меҳру моҳи фалак ва халқи диёр дар шеъри «Ватан»-и шоир ба сароҳат дармеёбем, ки фармудааст:

То ҷилваи ситораҳои осмони ту,
Ҳамроҳи меҳру моҳи фалак ҷовидона бод...
То кӯдакони бегунаҳи нӯшханди ту,
Бо мурғи бахту зиндагӣ ҳамошёна бод...

Бори ҳимоятат, Ватан, бар дӯш меравам!
Панду ҳикоятат, Ватан, бар гӯш меравам!... [5, с.79].

Ба ҳар навъе, ки офарида мешавад, беш аз ҳар назаре шоир дар шеъри худ нақши таҷассуми ифтихороти миллиро пеш мегузорад ва бо ин роҳ ба хонандаи каломаш тарзи дарёфти роҳу равиши ватанпарвариву худшиносиро тарғиб мекунад ва бояд иқрор шуд, ки ин иқдоми шоир дар ҳама ашъори ватндӯстонааш гувоҳ бар намунаи ибрат будани шахсияти шоир маҳсуб мегардад.

Чунон ки аз ин сатрҳо маълум мешавад, ифтихор аз Ватан доштан, эътимод ба худ доштан аст, ки шоир ҳастии хешро бо ҳамбастагӣ ба Ватан дарк кардааст ва чунин тарзи боландагӣ ва ифтихори бесобиқаашро дар шеъри «Суруди уқоб», ки ба тавсифи уқоби пастинописанди куҳсори баланд нигаронида шудааст, бо самимияти эҷодии хос болои кор овардааст:

Ман уқобам, ман уқоби кӯҳсор,
Боли парвозам бувад номи Ватан.
Мезанам паҳлӯ ба моҳу офтоб,
Аз сари ҳар қуллаи боми Ватан [6, с.81].

Чунин усули тасвирофарӣ дар шеър ва интихоби мавзуи қобили қабул дар эҷодиёти Мастон Шералӣ бо таносуб бар ашъори ғиноӣ ва ватанпарваронаи дигар шоирон ба тафовути бештар ба назар мерасад ва ин ҳам вобаста ба ҳунари эҷодиии ӯ мебошад, ки дар кори тасвир бештар тавфиқ ёфтааст. Ӯ дар ҳама ҳолат ва аз ҳар куҷое, ки мехоҳад дар бораи Ватан калом офарад, пеш аз ҳама симои ватани хеш, Тоҷикистонро манзури назари хонанда мегардонад ва чигуна дилбастаи диёри хеш буданро низ бо нишон додани манзараҳои ҳассос ба тавассути шеър мавриди тарғибу ташвиқ қарор медиҳад.

Ин тарзи дилбастагиву самимияти содиқонаро метавон дар банд-банди шеъри ба Ватан бахшидаи ӯ, ки ҳамчунон «Ватан» унвон гирифтааст, бараъло ба мушоҳида гирифт. Зеро, ҳар байту банди ин шеъри асил ба тафсил баррасиву таҳлил мехоҳад ва чунон ки мехонем:

Баҳр рӯзону шабон ҳеҷ нагирад ором,
Магар аз неку бади даҳр сухан мегӯяд?
Дили ман болзанон, дар лаби дарёи дамон,
Гашта, баргашта, ба такрор Ватан мегӯяд.

Боз ёди Ватан аз домани ман доштааст,
Ёди он ҷо, ки ба ҳам омадааст обу гилам.
Ёди кӯҳе, ки бувад шаҳсутуни боми само,
Ёди кӯҳе, ки бувад дар бағалаш мисли дилам... [6, с.123].

Аз таассуроти шоир, ки дар ин шеър инъикос ёфтааст, метавон ба беҳтарин тасаввуроти шахси эҷодкор, ки талқингари инсонҳо барои шинохт ва эҳтироми Ватан мебошад, метавон ошно гардид, чунон ки байти охири ин шеър далолат бар чунин омӯзиши ҳидоятгарона буда ва дар ҳар маврид ҷаззобу муассир мебошад.

Новобаста бар ин ҳама розу ниёз, Мастон Шералӣ шоирест, ки ҳам тарғибгари муҳаббат ва садоқат доштан бар Ватани хеш аст ва ҳам дар ҳама ҳолат азиздорандаву муҳиб ва ватандори чашм бар роҳ ва дил дар паноҳи диёри хеш аст. Ин таманниёти ӯро дар банди зерини шеъри «Роҳи Ватан», ки онро муъҷизаи шеърофари хеш дарёфтааст, метавон ба мушоҳида гирифт:

Меҳрубонӣ мерасад моро зи даргоҳи Ватан,
Ҷонфишониҳо зи мо бодо ба оғоҳи Ватан.
Роҳҳои кишвари мо, сатрҳои шеъри мост,
Ҷамъ то орем, афтодем дар роҳи Ватан! [4, с.278]

Мавриди дигар, мансуб ба ҳамбастагиҳои зеҳнӣ ва ҳиссиёти ботинии шоир мебошанд, ки дар робитаи мантиқӣ ва аз лиҳози муҳтаво бо мазмун муносиб афтода ва тавонистаанд бо боздидҳои зоҳирии шахси эҷодкор дар мувофиқати доимӣ қарор дошта бошанд. Ба ин далел тараннуми ҳамбастагиҳои обу хоку сангу дарё ва кӯҳу паҳно, инчунин табиати зебои Ватан аст, ки дар ашъори Мастон Шералӣ ҷилваву тобишҳои тоза касб кардаанд.

Мафҳуми Ватан дар эҷодиёти ӯ мутаносибан бо эҳсосоти ӯ ба вусъат ва густарда аст. Ин мавзуъ барои ӯ аз рӯду чашмасор, обшорони зодгоҳ, аз резаи санги кӯҳсори деҳа ва мушоҳидоти шоир бар рангу сози фасли баҳор оғоз мегирад ва ба шеъри ноб табдил меёбад:

Чи бузурганд кӯҳҳои Ватан,
Дар бари мулк рост истода.
Гӯиё ҳамчу дидбони Ватан,
Ҳар якеаш ба пост истода.

Месароянд бо ҳазор оҳанг,
Дараҳо хуш ба обшори Ватан.
Гул барояд зи хок бо ин санг,
Бар тамошои навбаҳори Ватан [6, с.94].

Мастон Шералӣ аниси ёру дӯстон ва ҳар фарди аҳли назар аст ва шеъри худро бо номи Ватан сурудааст ва тақозояш низ бар ҳама даврон ин аст, ки ин сарзамини муқаддас ва сармояи ифтихороти миллиро дар сухани шевои хеш ҷовидонсарсабзу поянда бинад ва мақсад аз шеър гуфтанашро низ дар самимияти ба сухан доштааш пояндагӣ ва ҷовидонагӣ ато мекунад. Чунон ки айни тавсифот дар пораи шеъри зерин ба мушоҳида мерасад:

Он қадар донам, ки умри хешро
Боз сарфи ёру ёрон мекунам.
То Ватан сарсабз гардад аз сухан.
Аз сухан ман шеърборон мекунам! [4, с.236].

Шоир, ки борҳо бо азми сафарҳову орзуи ҷаҳонбиниҳо қадам аз хоки кишвар ба берун бурдааст, то ҳадде бо шефтагиву пазмонӣ ба қадршиносиву арҷгузорӣ ба Ватани маҳбубаш ҳиммат гумоштааст, ки чунин дилбастагӣ ба дигар шоирон кам даст додааст. Албатта чунин тарзи тасвири пазмониву дилбандиҳои шоиронаро дар ғурбаткашиҳои устод Мирзо Турсунзода, ки бештар таҷассумгари ашъораш расидаанд, ба мушоҳида мегирем, аммо ин ҳам метавонад заминаи мусоид барои илҳомбахшии шоир бошанд. Аз ин лиҳоз аст, ки Мастон Шералӣ бо илҳом аз ин ва масъулияти шаҳрвандии хеш бештари ашъори ба ин мавзуъ бахшидаашро барои хонандагонаш ба унвони «Ватан» муаррифӣ карда ва бо ин ном номгузорӣ кардааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои мухталифи ашъори Мастон Шералӣ метавон ба паҳлуи дигари шеъри ӯ низ аз бардоштҳои маънавии амиқтаре бархурдор гардид. Зеро, дар ҳар сурат, бо ин, ки Ватан мегӯяд, ҳамеша Модарро пеши назар дорад ва дар ҳар амри дигар низ ин ду исми муборакро дар ҳамбастагиву ҳаммаъноӣ ва тавъам будан ба мантиқ бештар муҷассам дарёфтааст, чунон ки дар зимни тавсиф доимо бар ин ду вожа дар сурати алоқамандии маъноӣ ва пайвандҳои мантиқӣ сухан меофарад. Ба ин далел аст, ки меситояд:

Ҳар куҷо рафтам дар оғӯшат, Ватан,
Хештанро некахтар ёфтам.
Бо дили пур, дасти холӣ доштам,
Ҳар куҷо рафтам, бародар ёфтам...
Дар паноҳат, баҳри фарзандони худ,
Ман туро бемисл Модар ёфтам... [6, с.317].

Тасвири номи Ватан ва симои Модар аз дидгоҳи Мастон Шералӣ ҳамчун намунаи барҷастаи олиҳиммативӣ бар самимияту вафову садоқат ва пос доштани ифтихороти инсон, фаротар бар ҳиссиёти зоҳириву ботинии он инъикос ёфта ва мавзуи шеър гардидааст, ки дар ҳар маврид хонандаи нуктасанҷро ба дарк намудан ва муқаддас дарёфтани ин ду падидаи тавъам водор месозад. Ҳарчанд маълум аст, ки ин ду вожаи ба ҳам печидаву дар маъни ҳулулёфта муҷассам шудаанд, Мастон Шералӣ ин тавъамиро дар назари хонандаи ашъораш бо тасвирҳои хос ва боз ҳам рангину ҷаззобтар нишон додааст ва чунин ҳаммаъноиро, ки ғолибан самимиву барҷо суруда шудаанд, дар аксари байту мисраъҳои ба ин мавзуъ бахшидаи шоир дучор меоем:

Ё Ватан ёфтаам ман зи мазори падарам,
Ки ба ҳар ҷо, ки равам, дур нашуд аз назарам?!
Ё сари зонуи Модар, Ватани асли ман аст,
Ки хумораш наравад ҳеч замоне зи сарам?! [4, с.109].

Шоир тавъам будани меҳри Модар ва Ватанро аз ҳар назар гиромӣ медорад ва тамоми вуҷуду ҳастии хешро бе ин ду падидаи муқаддаси олам тасаввур карда наметавонад, ҳатто тамоми заҳматҳои Модарро бо ҳамгирой бар Ватани маҳбуб дармеёбад ва лутфе, ки бар ин ду поктарин олиҳаи зиндагиву ҳастӣ дорад, бар асари ҳамин самимияти шоиронаву инсонии ӯ бор овардаанд. Чунон ки дар шеъри «Қарз» тавъам будани меҳри ин ду падидаи муъҷизаофарро дар сурати «ҷомаи дӯхта»-и Модар ба тавсиф мегирад ва мегӯяд:

Ҳар гаҳе пӯшам агар, дар назарам зинда шуда,
Модарам бо ҳама уммед ба ман менигарад!
Чашми ӯ софтарин чашмаи куҳсори Ватан,
Балки ӯ сӯи ман аз чашми Ватан менигарад! [6, с.103].

Имрӯз дар шеър симои модар хеле такмил ётааст, чун чеҳраи маъмуле, ки ҳанӯз дар ашъори Мирзо Турсунзода дида мешуд, набуд вобаста ба давру замон ва пешрафти адабиёт тарзи фодаҳо низ тағйир ёфтаанд [9, с.284].

Мастон Шералӣ бо мақсади болои кор овардани мавзуи Ватан ва Модар дар кори истифода аз санъатҳои бадеӣ, бахусус дар заминаи корбурди лафзу маънӣ, ташбеҳу тавсиф, маҷозу истиора, тазоду таҷнис, муболиға, талмеҳ ва ғайра таҷрибаи намоён дорад. Бар ин асос аст, ки ашъори ӯ дар заминаи андеша ва муҳокимаҳои ғиноӣ, ба равшанӣ андохтан ба ҳақиқат ва ифтихормандӣ бахшидан ба мардум баён гардида, хонандаро ба роҳи худшиносӣ ва садоқату самимияту муҳаббат доштан ҳидоят месозад.

Ашъори ӯ, низ чун бархе аз дигар шоирон, аз ҷумла монанди Сергей Есенин ва Лоиқ Шералӣ, аз оғоз мавзуи арзи дил ба номи Модарро дар худ гунҷо додааст ва шеъри «Нома ба Модар», ки ҳолати раҳдуриву дар сафар будани фарзандро ба тасвир гирифтааст, метавонад гувоҳи он бошад. Ба чунин маънӣ ҳам дар сароғози ин шеър мехонем, ки хеле бо самимият ва сидқи фарзандона мегӯяд:

Ин номаи кӯтоҳ, ки бо номи ту кардам,
Ҷуз пораи дил дар шикани хеш надорад.
Ҳар сатр бувад ҷӯя зи дарёи муҳаббат,
Ҳар лафз туро хидмати фарзанд гузорад [6, с.18].

Новобаста бо густардагии мавзуъ, шоир нахуст ба заҳматҳои шабонарӯзии Модар, ки таносуби пайваста бо фарзанд дорад, таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва аз ҳар лаҳзаи нозук, ки ба мушоҳида расидааст, манзараи тасвир пайдо кардааст. Чунон ки тасвири симои Модар як ҷанбаи хеле нозук ва пурбори шеъри Мастон аст ва тарзи нигориши ин симо ба тавассути эҳсосоти амиқ ба ӯ даст додааст.

Тараннуми мавзуъ ва комёбӣ бар мантиқ ва мазмун дар шеъри «Модарон», ки саршор бар рангу бори тасвирҳои дилнишин расидааст, метавонад ҷавобгӯи назар бошад:

Тифлакон хобанд, масти хоби ноз,
Модарон бедор бар гаҳворааанд...
Кӯдакон дар кӯча бозӣ мекунанд,
Модарон бо шустушӯ ворааанд.

Баччагон фориғ зи ташвиши ҳаёт,
Навдаро аспи саворӣ мекунанд.
То расанд онҳо ба манзил, модарон,
Рӯи раҳ хуршедкорӣ мекунанд... [4, с.238].

Мастон Шералӣ шоири мушоҳидакор аст ва заминаи ашъорашро бар асоси мушоҳидоти зебояш матраҳ мегардонад ва дар ин замина рангубори орову тасвирашро ба ҳам меомезад, то шеъраш дилнишин ва мутобиқи мавзуъ ба мазмун пероста шавад. Чунон ки дар шеъри «Модар» лаҳзаҳои ширингувори ба мушоҳида гирифтааш аз рӯзгори модари тоҷикро, ки дар саҳро кор мекунад, мавриди тасвир қарор дода, манзараи ҷолиберо, ки дар коргоҳи сувар ва хаёл обуранг гирифтааст, манзури хонанда мегардонад:

Дар либоси кории вазнин,
Рӯй хаста,
Мӯй хаста,
Хаста мижгони қатор,
Аз сараш то пой баста хастагӣ аз чанг бор,
Модари тоҷик омад берун аз майдони кор...
Мерасад ин дам садое гӯиё аз хонааш,
Мепарад чун боз сӯи чӯҷаҳои лонааш...
Сабрро афканда, тифли хеш дар бар мекашад,
Ташнае, гӯӣ сабӯи об бар сар мекашад...
Кам бувад, ҳар кас, ки нақши меҳри Модар мекашад!.. [5, с.55].

Бо таваҷҷуҳ бар ин паҳлуҳои шеъри шоир, нависандаи халқии Тоҷикистон Урун Кӯҳзод таъкид кардааст, ки: «Мастон, шоири зиндагист... Вай шеъри зиндагиро месарояд ва мехоҳад, ки бо шеъраш зиндагиро биорояд» [3, с.158].

Шоири тасвиргаро Бозор Собир аз суннатҳои адабиёти клссикӣ ба хуби бархурдор аст ва ин анъанаҳоро ҳангоми тасври зани тоҷик бо мазмуну таркибҳои нав ба риштаи тасвир кашидааст [8, с.112].

Мастон Шералӣ ба бузургии номи Модар эътиқод ва ба самимияту садоқат бо номи бузургворонаи Модар эътимод дорад ва шодмониву сурури модарро, ки одамро ба воя мерасонад ва дар бузургии одам нақши аввалдараҷаро дорад беш аз ҳар назаре арҷ мегузорад, чунон ки айни гиромидоштро дар шеъри «Модарам» хеле моҳирона ба тасвир мекашад:

Хез, Модар, назди мардум шод бош,
Аз бузургӣ чун замин озод бош!
Рӯйи дастони ту шуд одам бузург,
Аз бузургии ту шуд олам бузург! [6, с.298].

Дар ашъори шоир тавсифи диёр, табиат ва чаҳор унсури он, ишқ, инсон, сулҳу ваҳдат, ахлоқи ҳамида, ҳаёти иҷтомоӣ ва ғайра, ҷойгоҳи худро доранд, аммо мавқеи мавзуи Ватан ва Модар бо ҷаззобияти хос манзур мегардад, ки аз аҳаммияти бештар бархурдор мебошад. Дар зимни тараннуми ин мавзуъ, Мастон Шералӣ анъанаи беҳтарини устодон ва шоирони пешинро идома дода, шеърашро бо нигоҳи тоза ва бештар тарғибгароёна бар муҳаббату самимият доштан бар Ватан ва Модар манзури ҳаводорони калом гардонидааст, ки дар ашъораш ҷанбаҳои худшиносӣ ва тозаҷӯиву навоварӣ ба таври возеҳ ҷавобгӯи ин иддао буда метавонанд.

Аз ин лиҳоз аст, ки тавсифи мавзуи Ватан ва Модар, шинохти муқаддасот ва дар баробари ин бо гиромидошт арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ниёгон ба шоир имкон дод, ки дар адабиёти муосир ҷойгоҳи созовори худро пайдо намояд.

Дар маҷмуъ мебояд таъкид кард, ки мероси адабии бой ва гуногунҷабҳаи Мастон Шералӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шоир дар адабиёти нимаи дуюми садаи бист ҷойгоҳи муносиб дошта, ашъори ӯ аз ғояҳои наҷиби ватандӯстию панду ахлоқӣ ва эстетикию тарбиявӣ саршор мебошанд.

Адабиёт

1. *Ғазали офтоб (маҷмуаи хотираҳо). – Душанбе: Сарпараст, 2005. – 158 с.*
2. *Гулназар, К. Мақолаи ваъдагӣ. Бахшида ба 80-солагии шоир Мастон Шералӣ / К. Гулназар // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 16 апрел*
3. *Гулшани адаб. Намунаҳои назм. Иборат аз панҷ чилд. – Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 496 с.*
4. *Мастон Шералӣ. Ихлос. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 384 с.*
5. *Мастон Шералӣ. Мунтахаби ашъор. – Душанбе: Адиб, 2015. – 320 с.*
6. *Мастон Шералӣ. Раҳтӯша. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 144 с.*
7. *Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.*
8. *Раҳимӣ М.Р. Устод Садриддин Айнӣ ва суннати адабии тавсифи зан дар ашъори шоирони муосири тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. №6. – С.110-113.*
9. *Раҳматова Д. А. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои образ дар шеъри муосир (образи модар) // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. №5. – С.281-285.*
10. *Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷ.1. (А-Н) зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008.*
11. *Шералӣ, М. Боли оташ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 272 с.*
12. *Шералӣ, М. Ватан; Давлати ноёфт: Шеърҳо // Тоҷикистони советӣ. – 1973. – 19 сентябр.*
13. *Шералӣ, М. Духтари кӯҳсор; Зарафшон; Ду ғазал: Шеърҳо // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 18 апрел.*
14. *Шералӣ, М. Чашмаҳо; Бештар аён гардад: Шеърҳо // Тоҷикистон. – 1961. №4. – С.11.*
15. *Энсиклопедияи советии тоҷик. Қисми 4. – Душанбе, 1983. – С.74-76.*

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ МАВЗУИ ВАТАН ВА МОДАР ДАР АШЪОРИ МАСТОН ШЕРАЛӢ

Дар мақола сухан роҷеъ ба васфи Ватан ва тасвири симои Модар дар ашъори Мастон Шералӣ меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки фаъолияти шоирро то андозае шарҳу тавзеҳ диҳад. Шоир ба шеъри тоҷик рангу бӯи тоза оварда ва мазмуни шеърҳои ӯ бисёр оммафаҳм буда, мавзуи ватан дар ашъори ӯ ҷойгоҳи хосеро соҳиб аст. Дар ҳама давру замон дар ҳаёт дигаргуниҳо пайдо мешаванд, ки ин ҷиҳат низ барои васъат додани имконоти эҷодиёти шоир оиди рӯи коғаз овардани шеърҳояш

боз ҳам шароити мувофиқтарро фароҳам меовард. Шеърҳои ӯ саросар пур аз муҳаббати поки инсонӣ, тараннуми ишқ, тасвири манзараҳои табиат, Ватан ва зебоиҳои он, ситоиши номи Модар, доираи ашёи тасвири комёбиҳои беназири халқ, замзамаи умри ҷавонӣ ва дигар мавзуъҳои дилписанд мебошад. Ашъори шоир саросар дорои шеърҳои пурмазмуни ватанпарастист. Дар шеърҳояш ибрози ақидаҳо тавассути образҳои бадеӣ баён шуда, истифодаи онҳо хело бамаврид мебошад. Инчунин, шеърҳояш ба рӯҳияи ватанпарастӣ, муқаддасоти оламу одам, одамдӯстию зебоипарастӣ, равона карда шудаанд.

Калидвожаҳо: Мастон, Шералӣ, адабиёт, фаъолият, халқ, Ватан, Модар, эҷодиёт, осоишта, нозук, шоир, хушбахт, шӯҳрат, маданият, ҷоиза, тавоно.

НЕКОТОРЫЕ ФАКТЫ ПО ТЕМАМ РОДИНА И МАТЕРЫ В СТИХАХ МАСТОНА ШЕРАЛИ

В статье рассматривается тема Родины и матери в стихах Мастона Шерали. Автор попытался пролить свет на творчество поэта. Поэт привнес в таджикскую поэзию новые краски и вкус, содержание его стихов очень понятно, а тема родины занимает особое место в его поэзии. Изменения в жизни происходят постоянно, и этот аспект также создавал еще более благоприятные условия для расширения творческих возможностей поэта по воплощению своих стихов на бумаге. Его стихи наполнены чистой человеческой любовью, гимном любви, описаниями природных ландшафтов, родины и ее красот, восхвалением имени Матери, кругом сюжетов, изображающих уникальные достижения народа, мелодией молодой жизни и другими восхитительными темами. Поэзия поэта полна патриотических стихов. В его стихах идеи выражены посредством художественных образов, и их использование весьма уместно. Его стихи также проникнуты духом патриотизма, святостью мира и человека, гуманизмом и любовью к прекрасному.

Ключевые слова: Мастон, Шерали, литература, деятельность, люди, Родина, Мать, творчество, мирный, нежный, поэт, счастливый, слава, культура, награда, могущественный.

SOME CHARACTERISTICS OF THE THEME OF HOMELAND AND MOTHER IN THE POEMS OF MASTON SHERALI

The article discusses the theme of Homeland and mother in the poems of Maston Sherali. The author tried to shed light on the poet's work. The poet brought new colors and taste to Tajik poetry, the content of his poems is very clear, and the theme of the motherland occupies a special place in his poetry. Changes in life are constantly taking place, and this aspect also created even more favorable conditions for expanding the poet's creative abilities to embody his poems on paper. His poems are filled with pure human love, a hymn of love, descriptions of natural landscapes, the motherland and its beauties, praising the name of his Mother, a range of subjects depicting the unique achievements of the people, the melody of young life and other delightful themes. The poet's poetry is full of patriotic verses. In his poems, ideas are expressed through artistic images, and their use is very appropriate. His poems are also imbued with the spirit of patriotism, the sanctity of peace and man, humanism and love of beauty.

Keywords: Maston, Sherali, literature, activity, people, homeland, mother, creativity, peaceful, gentle, poet, happy, fame, culture, reward, powerful.

Дар бораи муаллиф
Ифтихори Амонқул
Унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
E-mail: iftihor0290@mail.ru

Об авторе
Ифтихори Амонкул
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6
E-mail: iftihor0290@mail.ru

About the author
Iftikhori Amonqul
Applicant for the Department of Theory and History of Literature
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.
E-mail: iftihor0290@mail.ru

ТДУ 821.222.8.09:82-6

МАКТУБҲОИ МУНАҚҚИД СОҲИБ ТАБАРОВ БА ШОИР САИДҶОН ҲАКИМЗОДА

Сафарова Н. С.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Адабиёти эпистолярӣ (Epistolarity), яъне адабиёти дар шакли нома таълифгардида аз дурахшонтарин саҳифаҳои адабиёти бостонзамон, асримиёнагӣ ва муосири мардуми тоҷику форс ба шумор меравад. Жанри ягонаи он “нома” аз ҷумлаи жанрҳои насри адабии ҳунарӣ буда, намояндагони барҷастае дорад, ки онҳо дар даврaҳои гуногуни таърихӣ зуҳур карда, дар ташаккулу таҳаввули нома ва номанигорӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Нома ва номанигорӣ дар нимаи дуюми асри XX нисбат ба дигар даврaҳои таърихӣ аҳамияти иҷтимоӣ ва ҳунарӣ касб кардааст. Аҳли илму адаби ин давра дар иншои нома ва оростани мукотиба бо олимону адибони ҳамрӯзгор сабку услуб ва шеваҳои махсуси худро пайдо намудаанд. Онҳо ин анъанаи деринаро, ки тавассути мутарассилони аҳди бостон ва асрҳои миёна оғоз гардида буд, вобаста ба имконият ва шароитҳои нави таърихию фарҳангӣ бо завқу салиқаи хосса идома дода, дар ривоҷу равнақ ёфтани ин падидаи арзишманди адабӣ мусоидати нек намудаанд.

Тавре маълум аст, муҳаққиқони соҳа номаҳоро ба се навъ ҷудо намудаанд: номаҳои дӯстона, номаҳои расмӣ ва номаҳои саркушода. Ин навъҳои нома дар фаъолияти ҳамешагии номанигории мунаққиди дақиқназар ва адабиётшиноси барҷастаи тоҷик С.Ш.Табаров (1924-2015) бо мушаххасоти жанрӣ ба мушоҳида мерасад. Хусусан, номаҳои дӯстона дар таълифоти адабии С.Табаров ҷойгоҳи махсус доранд. Ғолибан, мухотабони номаҳои дӯстона шахсиятҳои наздик ба нигорандаи нома, аз ҷумла дӯстону шогирдон ва алоқамандони ӯ мебошанд. Воқеан, ин навъи номаҳо, ки дар адабиёти қурунивустоӣ таҳти мафҳуми “ихвониёт” мустаъмаланд, дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни халқҳои тоҷику форс собиқаи хеле қадима дошта, то имрӯз ҳам идома доранд. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки: ”Агарчи аз нигоҳи сохтор ва сабки баён миёни номаҳои нависандагони асримиёнагӣ ва муосир тафовутҳои назаррас мушоҳида мешавад, вале аз назари ифодаи эҳсосоти шахсӣ, ироаи озоди матлаби мавриди назар ва ғарази аслӣ онҳо ҳамгуниҳои зиёде доранд” [3, с.113].

Аз мазмун ва муҳтавои мактубҳои С.Табаров ба адибони тоҷик чунин ба назар мерасад, ки мунаққиди мудаққиқ ёрии маънавии худро аз адибони ҷавоне, ки нав ба арсаи адабиёт муштоқона ворид гардида, дар соҳаҳои гуногуни он: ҳам назму наср, ҳам драматургия ва тарҷумонӣ ва ҳам танқиди адабӣ шогирдона қаламфарсоӣ менамуданд, дареғ намедоштааст. Ӯ ҳамчун муаллими сахтгиру серталаб ва мураббии ғамхор баъди мутолиаи эҷодиёти ба тозагӣ дар саҳифаҳои матбуоти даврагӣ интишорёфтаи навқаламон ҳусну қубҳи офаридаҳои адабии онҳоро фавран мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода, ислоҳи нуқси он эҷодиётро қотеъона талаб мекардааст ва барои хубтару беҳтар гардидани шакл ва мазмуну мундариҷаи онҳо пайваста маслиҳатҳои муфид медодааст. Аз рӯи муҳтаво дар мактубҳои дӯстонаи С.Табаров ба эҷодкорони ҷавон ҳам таърифу таҳният, ҳам иродати шахсӣ ва ҳам иштиёқу орзумандӣ тавъам ба назар мерасанд.

Мавриди ба зикр аст, ки таҳлилу таҳқиқи илмии фаъолияти номанигории С.Табаров дар адабиёти давраи нави тоҷик аз ҳар ҷиҳат муҳим ва бағоят арзишманд ба ҳисоб меравад. Номанигории С.Табаров дар мисоли мукотибаи ӯ бо шоири муосири тоҷик Саидҷон Ҳакимзода (1939-2004) низ ин анъанаи адабиёти моро идома бахшида, муҷиби ғановати адабиёти эпистолярии тоҷик мегардад.

Воқеан, узви Иттиҳоди журналистони ИҶШС (1971), узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1990), Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон (1996) Саидҷон Ҳакимзода дар қаламрави сухан беш аз чил сол хомафарсоӣ намуда, аз худ 12 маҷмуаи шеър ба мерос гузоштааст. Донишмандону ихлосмандони сухани воло ӯро ҳамчун шоири хушзавқу хушсалиқа ва соҳибистеъдод эътироф кардаанд.

С. Ҳакимзода аз адибони насли чоруми адабиёти давраи нави тоҷик буда, дар нимаи дуюми солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми асри XX дар радифи шоирон А. Сафар, Қ. Киром, Л. Шералӣ, Б.Собир, М.Шералӣ, Ҳ.Қурбонова, С.Ҳалимшо, М.Ҳайдаршо ва дигарон бо андешаҳое саршор аз ифтихори миллӣ ва назарҳое тоза дар шаклу дарунмояи шеър ба

олами рангину пуртаровати адабиёт ворид гардида, бо сабку равиши хос табъозмоӣ намудааст. «Ин насли тозанафас, – қайд мекунад профессор Умар Сафар, – бо қалби пуршӯр мехост шеъри тоҷикро ба саргаҳу аслияти пешин бозгардонад, дар заминаи офаридаҳо ва суннату анъанаҳои пешиниён таҷдиди назар намояд ва пайванде мустақим миёни шеъри тоҷик ва ҷаҳон халқ созад» [6, с. 23].

Шоир С.Ҳакимзода бори аввал таваҷҷуҳи аҳли илму адаби тоҷикро дар курс-конференсияе, ки соли 1959 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ба худ ҷалб намуд. Аввалин касе, ки ба ашъори С. Ҳакимзода таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, шоир М. Фарҳат (1924-1984) мебошад, ки соли 1964 ба маҷмуаи нахустини С. Ҳакимзода «Лолаи сурх» сарсухан навишта, гуфта буд: «Шеърҳои шоири ҷавон бо тару тозагӣ ва самимияти худ диққати дӯстдорони назмро ҷалб мекунанд ва аз истиқболи умедбахши ӯ шаҳодат медиҳанд. Ӯ дар асарҳои хурд-хурд мазмунҳои калонро ҷо дода, бо камоли ҷасорат қалам меронад» [12, с. 5].

Ҳамчунин, дар саҳифаи рӯзномаву маҷаллаҳои он солҳо зуд-зуд интишор ёфтани ашъори С. Ҳакимзода шоирро ба хонандаи тоҷик, ки намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа мебошанд, беш аз пеш муаррифӣ менамояд. Гузашта аз ин, мунаққид С. Табаров соли 1965 дар мақолаи «Меҳнат ва ҷустуҷӯ асоси самари эҷодист» аз ворид гардидани як гурӯҳ ҷавоншоирони солҳои 50-уми асри ХХ ба майдони адабиёт мамнунияти худро чунин иброз доштааст: «Ҳоло дар матбуоти даврагӣ бо номҳои Ш.Мастон, С.Ҳалимшо, М.Ҳайдаршо, А. Сафар, Ҳ. Файзулло, С. Аминҷонов, А. Қодирӣ, Б. Собир, С. Ҳакимзода ва дигарон тез-тез вохӯрдан мумкин аст. Ҳамаи ин нишонаи он аст, ки адабиёти муосири тоҷик бо қуввахои нави эҷодкор ба қуллаҳои нави баланди тараққиёти худ қадам хоҳад гузошт» [11, с. 196].

Адабиётшинос С.Табаров ҳамчунин бо мукотибаҳои худ ҳамеша ба ҷасорат ва маҳорати адабии ин насли ояндасози адабиёт, аз ҷумла С. Ҳакимзода мусоидат менамуд. Мактубҳои ин мунаққиди фақид (4 мактуб: 11.03.1968, 12.04.1968, 28.05.1969, 04.08.1990), ки дар бойгонии шоир С. Ҳакимзода ҳамчун рамзи садоқат ва вафодории як шахсияти фарҳехтаи миллат маҳфузанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки адабиётшинос С.Табаров ба ашъори шоири ҷавону умедбахш С.Ҳакимзода таваҷҷуҳ ва ба худи ӯ эҳтироми хосса доштааст.“Дар такмили маҳорати нигорандагӣ ва истеъдоди адибони ҷавон, аз ҷумла С.Ҳакимзода устодони забардаст ва суханварони шинохтае чун М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Б. Раҳимзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, М. Фарҳат, Ф. Муҳаммадиев, Қ. Киром, инчунин С. Табаров, ки ҳар сари чанд вақт ба шаҳри Кӯлоб тавассути курс-конференсияҳо ташриф меоварданд, ҳиссаи арзанда доранд» [13, с. 34]. Бояд зикр намуд, ки аз чунин вохӯриву мулоқотҳои ифтихорбарангез адиби ҷавон С.Ҳакимзода хеле руҳбаланд мегардад. Зеро таваҷҷуҳ ва ғамхории онҳо замина муҳайё кард, ки дар он солҳо як зумра адибони ҷавон – навроҳони арсаи эҷод ба ин ҷодаи пурмашаққат ворид гарданд.

Албатта, дар радифи мактубҳои дигар адибон бозёфт ва дастраси умум намудани мактубҳои мунаққид С.Табаров низ тақозои замон мебошад. Чунин ибтикороти пуразриш ва хидмати шоистаи донишманди адабпарвару маърифатдӯсти тоҷик дар раванди ташаккул ёфтани илму адабиёти давраи нави миллат, шинохти чеҳраҳои адабии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва густариши равобити адабиву эҷодии онҳо нақши бориз дорад. Дар ин росто барҳақ аст андешаи муаллифи китоби «Доираҳои адабии Бухорои шарқӣ” А. Абибов, ки: “Агар мо аз эҷодиёти шоирони ин ноҳияҳо сарфи назар кунем, он гоҳ омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик комил нахоҳад буд” [1, с. 10].

Мактуби нахустини С.Табаров баъди дар саҳифаи якуми рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” 10.03.1968 нашр ёфтани шеъри “Ахтари тобон” (15,с.720), ки ба яке аз фидоиёни маорифи кишвар дар солҳои бистуми асри гузашта Низорамо Абдуллоева бахшида шудааст, фардои он рӯз, 11.03.1968 таълиф шуда, ба С.Ҳакимзода ирсол гардидааст. Он аз ду саҳифаи дастнавис иборат буда, чунин оғоз мешавад: ”Дӯсти ҷавонам, Саидҷон Ҳакимзода, салом! Дирӯз дар “Комсомоли Тоҷикистон” ”Ахтари тобон” ном шеъратонро хондам. Бисёр шод шудам, беҳад хушнуд гардидам... Шеър, ба фикри ноқисам, хеле хуб аст.Чӣ гуна образи хубест - ”Сухан гуфтию шоми бесаводиро саҳар кардӣ!” Барои мисраи ”Чу мурғони саҳар аз субҳ мардумро хабар кардӣ” даҳҳо шеърҳои фачу бемағзро қурбон кардан мумкин аст. Ин мисраъ ҷойи даҳҳо мисраъҳои... дигар шеърдонони аз ҳаёти адабӣ қафомондаро гирифта метавонад. ”Гули садбарг монанди нони аз танӯри сурх навканда”, ”дари дониш”, ”чароғи илм” ворӣ ташбеҳу ибораву санъатҳои бадеиро то ин шеър бисёр касон гуфтаанд, аммо онҳо (ба хурсандии ман) бечо кор фармуда нашудаанд”.

Мактуби дуюми С.Табаров ба шоир С.Ҳакимзода 12.04.1968 нигошта шудааст. Он аз фараҳмандии С.Табаров бино ба интишори шеъри “Бирафту як ҷаҳоне монд” дар саҳифаи

дуюми рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ”, ки ба ёдбуди нахустин кайҳоннаварди шуравӣ Ю.А. Гагарин эҷод шудааст, ба хонандаи давр мужда мерасонад: “Салом, дӯсти ҷавонам, С. Ҳакимзода! Ҳозиракак “Тоҷикистони советӣ”-ро бо қарори Пленум ва дар саҳифаи дуюм бо шеъри Шумо гирифтам. Шеъри “Бирафту як ҷаҳоне монд” мувофиқи табъи ман аст. Ҳарчанд Ҳабибуллои меҳрубонамро (Ҳабибулло Файзулло. – С.Н.) талқин кардам, дар ин мавзуъ то ҳол чизе офарида натавонист. Хайрият, ки Саидҷон будаасту ҳамон орзуи маро амалӣ кунонд ва инак, шеъри хубе дар ҳаққи кайҳоннаварди нахустин – Гагарин эҷод кард. Шеъратон аз ҳар ҷиҳат мақбули ман аст (Аҷаб нест, хато кунам, ҳар фард ба ҳар масъала ё як масъала фикри гуногун ҳам дорад). Чунин шеърҳои иҷтимоӣ, публитсистӣ, гражданӣ ва ҳатто философиву аналитикимазмун зиёдтар шаванд, боз ҳам хубтар аст. ...Дар муборизаи идеологӣ дар сафи пеш будан лозим аст. Давр, замон, ҳаёт доимо инро талаб карда истодааст. Шеъри ҳозира – ҷанговаронаву фаъолона шуданро талаб мекунад. Ин хусусияти назми имрӯза (манзур солҳои 60-70-ум. - С.Н.) аст (8,с.1).

Дар мактуби мазкур мунаққид С.Табаров ҳамчун чеҳраи дурахшони илмии аз адабиёти русу Аврупо огоҳии комилдошта намоён гардида, аз осори гаронарзиши адибони сатҳи ҷаҳонӣ - Маяковский, Луговский, Межелайтис, Бровка бисёр омӯхтан ва умуман, қатъ накардани мутолиаро ба адиби ҷавон таъкид кардааст.

Аз мунаққиди барҷастаи миллат дар муддати як сол пайи ҳам гирифтани ду мактуби руҳбаландкунандаву раҳнамо дар фаъолияти адабии ин шоири навқалам як ҳодисаи массаратбахш маънидод мегардад. С.Ҳакимзода аз таваҷҷуҳ ва ғамхории ин донишманди камназир бениҳоят мутаассир мешавад ва бо руҳи болидаву илҳоми саршор ба эҷод кардани шеърҳои нав ба нави ифодакунандаи масоили мубрами замон камари ҳиммат мебандад.

С.Табаров ба ашъори ҷавоншоирони солҳои 50-60-уми асри XX, аз ҷумла С. Ҳакимзода, баҳои муносиб додааст. Мунаққид дар мактуби санаи 28 майи соли 1969 ба С. Ҳакимзода фиристода аз табъи шеърҳои марғубу дилнишини шоири ҷавон С.Ҳакимзода изҳори хушҳолӣ намуда, чунин нигоштааст: «Дирӯз бо шавқи калон баҳорияи наватон “Наққош” - ро хондам. Дар назарам табиати зебои кӯҳистон, боду ҳавои мусаффои он хеле равшан аён гардид. Чӣ хуб гуфтаед: “Ҳар буттаи сабз – болини сабз!” Чунин баҳорияҳо ба дил шодӣ, фараҳ меоранд ва меҳру муҳаббатро ба Ватан, ба кишвари азизи худ зиёд менамоянд» [9, с. 1].

Донишманди равшанзамир хеле хуб дарк менамояд, ки ҳар як адиб зода ва парвардаи муҳит ва замони худ аст ва, албатта, нақши замон ва макон дар эҷодиёти ӯ инъикос мегардад. Ҳамчунин, ҷойи дигар дар ин мактуб устоди фозил меафзояд, ки: ”Акнун ба навиштани ашъори гражданӣ, иҷтимоӣ ва тарбиявӣ – ахлоқӣ бештар аҳамият доданатонро орзумандам”.

Ниҳоят, **мактуби охирини С.Табаров** ба С.Ҳакимзода, ки аз се саҳифаи чопӣ иборат аст, 4-уми августи соли 1990 навишта шуда, баъди таҳриру тасҳеҳ ва такмили худи муаллиф 7-уми августи ҳамон сол ба шоир С.Ҳакимзода ирсол гардидааст. Мунаққид С.Табаров дар ин нома андешаҳои муҳаққиқонаи худро бо як ҳисси қаноатмандӣ ва ифтихор аз камолоти ҳунари шоирии С.Ҳакимзода хеле ҷолиб баён кардааст:

“Муҳтарам, Саидҷон Ҳакимзода! Шеърҳои Шумо («Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам» ва “Шайтонсиришт” дар назар аст, ки соли 1990 дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат “ ба табъ расида буданд. – С.Н.) ниҳоят мафҳум ва махсусан, тарбиятгари ҳазорҳо ҳазор одамон мебошанд. Ҳазор афсус, ки он ҳазорҳо ҳазор одамон имрӯзҳо ин қабил шеърҳоро намехонанд. «Охир, танҳо як шеъри Шумо, – «Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам» метавонад ҳазорҳо пулмастон, давлатмандон, ҳукмронони вақтро андаке ҳам бошад, ба инсофу адл даъват кунад. Аммо садҳо фирқавиён, раисон, роҳбарон, ҳатто муаллимон, табибон, муҳандисон ин гуна шеърҳоро намехонанд. Агар онҳо «Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам» - ро хонанд, андаке нишонаҳои одамгарӣ, хушахлоқӣ, маданиятнокӣ, хоксориашон зиёдтар мешуд. Ҳозир ҳазорҳо касро медонам, ки гуфтани мисраъҳои “Дар бари ҳамватанон мемонам”, ”Мӯраму донакашон мемонам”, Ҳама дам бо ҳамагон мемонам”, ”Банди ғамҳои ҷаҳон мемонам” – ро дӯст намедоранд. Онҳо бештар ғами худро мехӯранд.

Ҳаҷвияи олиҷаноби Шумо “Шайтонсиришт” ниқобро аз рӯйи дадҳои имрӯза моҳирона канд. Он типи разил бар хилофи типи «Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам» мебошад.

Имрӯз дар замони азнавсозӣ ва ошкорбаёнӣ ҷойи одаму одамгариро разолат ва қоруниву ғоратгарии расмӣ ва ғайрирасмӣ ишғол кардааст ва бо онҳо то чӣ қадар қувват доред, бо сеҳри қаламатон биҷангед. Ин хоҳиши ҳақир, - афзудааст С.Табаров дар ин нома. Мақсад аз ин нома ба Шумо танҳо таҳният хонданам барои шеърҳои наватон мебошад. Аз ҷониби дигар тасаввуре дар фақир пайдо шуд, ки Шумо мавзуъ ва муаммоҳои шеъратонро

ёфтед: - Одаму одамгарӣ !!! Шикастанафсӣ ва қаноатманд будан ба ними нон (на нони бутун)! Аз ҷамъоварии молу сарват, аз садақапурсии мавлоёна даст кашидан! Ҳама вақт Инсон будану дастдиҳи дигарон будан ва ҳазар кардан аз “инсоне “, ки аз ҳисоби садҳо дигарон кайфу сафо мекунад. Ҳарду типи одамони шеърҳои наватон («Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам» ва “Шайтонсиришт” дар назар аст. – С.Н.) дар ақлу дилам ҷой гирифтанд. Миннатдор гардидам аз инсони асилатон ва ҳазор лаънат хондам дадатонро! Агар хонандагони имрӯза ин гуна шеърҳоро хонанд, дараҷаи одамгариашон, андаке ҳам бошад, зиёд мешуд. Ҳазор афсус, ки аз мазмуни онҳо бисёриҳо бехабар мемонанд. Орзуманди шеърҳои наватон ҳастам, муҳтарам, Ҳакимзода!”

Ҳамин мактубҳои таъсиргузори С.Табаров буд, ки дар шеърҳои тозанашри солҳои 90-уми С.Ҳакимзода - «Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам», «Фарёди виҷдон», «Андеша», «Садои ҳақиқат», «Аё одам», «Эй замонсозон» ва монанди инҳо ҷанбаи иҷтимоиву сиёсӣ пурқувват гардида, ҷасорати адабии шоир дар интихоби мавзуъ ва забону тарзи баёни он баръало мушоҳида мегардад. Дар ин маврид таъкиди М. Раҳимӣ хеле ҷоиз аст, ки: «Шеър вуқуф ва огоҳист. Вуқуф аз амиқтарин дарди иҷтимоӣ, огоҳӣ аз он чи ба ҳақ масъалаи замон асту мушкили қарни шоир» [4, с. 46].

Ҳамчунин, мазмуни шеърҳои «Панди Фирдавсӣ», «Бузургон» ва ғазали «Хомаи мо нашканад» руҷуъ ба ҳофизаи таърихии халқу миллати тоҷик буда, дарду ормонҳои миллиро дар худ таҷассум намудаанд. Бояд тазаккур дод, ки ин давра С. Ҳакимзода дар айни камолоти умр қарор дошта, ҳама зинаҳои андӯхтани таҷрибаи эҷодиро гузаштааст ва ҳамчун адиби ҷомеапарвар андешаҳои иҷтимоию фалсафии худро дар ашъораш бо сароҳат иброз медорад. Воқеан, шоир С. Ҳакимзода аз соли 1996 сарварии шуъбаи кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро, ки соли 1989 ташкил ёфта, дар ҳаёти фарҳангии минтақа аз воқеаҳои муҳим ба шумор меравад, ба уҳда дошт.

Ғолибан, шеърҳои мазкур мазмуни амиқи иҷтимоӣ дошта, гӯяндаи худро ҳамчун як фарди ватандӯсту халқпарвар ва ҳақталошу адолатхоҳ нишон медиҳад. Аз мутолиаи ҳар банди чунин шеърҳо дарёфтан мумкин аст, ки С.Ҳакимзода ба хурдтарин масъалаҳои ҳаёти халқу миллати худ ва муносибатҳои иҷтимоӣ бетафовут набуда, мардона ва далерона эътироз баён мекунад. Ба андешаи шоир ва адабиётшинос Аскар Ҳаким: «Замони мо, ки даврони бархӯрдҳои шаддиди масоили иҷтимоӣ буда, барои таъмини адолати иҷтимоӣ мубориза мекунад, шоирро водор менамояд, ки дар баробари дар осори худ инъикос кардани андешаву эҳсосоти шахсӣ аз ифодаи таассуроти олами воқеъ, доғтарин масоили иҷтимоии замон дар канор наистода, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дошта бошад» [14, с. 82].

Заминаи пайдоиши масоили иҷтимоӣ дар ашъори С. Ҳакимзода низ муҳит ва сохти иҷтимоист, ки он бо вазъи сиёсии давр омезиш ёфта, оҳанги публитсистӣ касб кардааст. Зеро «шароити таърихиву иҷтимоӣ барои ривоҷи жанрҳои махсуси публитсистӣ ва услуби публитсистӣ касб кардани анвоъу жанрҳои дигари адабӣ, хосса шеър заминаҳои мусоид фароҳам овард», - иқрор аст адабиётшинос А. Абдуманнон” [2, с. 17].

Шоир воқеияту ҳақиқати зиндагии даврро дар ашъори ҳаҷвияш ошкорову мармуз, бо забони содаю бурро тасвир менамояд ва нисбат ба аъмоли ношоистаи баъзе ҳамрӯзгорони «шайтонсиришт» бо қалами пархошҷӯи худ дар набард аст ва симои ҳақиқии онҳоро моҳирона нишон медиҳад. Ин аст, ки мунаққид С. Табаров ба ин шеъри ҳаҷвии С. Ҳакимзода баҳои сазовор додааст: “Ҳаҷвияи олиҷаноби Шумо «Шайтонсиришт» ниқобро аз рӯйи дадҳои имрӯза моҳирона канд...“ [10, с. 1].

Ҳамин тариқ, маслиҳатҳои манфиатбору омӯзонандаи адабиву илмии адабиётшинос С.Табаровро ба шоири баркамол, сарвари шуъбаи кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз мукотиботи ӯ зиёд метавон бархонд. С Ҳакимзода пас аз машварату роҳнамоиҳои устодонаи С.Табаров ба дараҷаи шоир ва рӯзноманигори баркамол ва роҳбари муваффақ сабзидаасту соҳибэҳтиром ва шуҳратманд гардида, дар рушди анвоъи гуногуни шеъри муосири тоҷик нақши муносиб боқӣ гузоштааст. Устод С. Табаров ояндабинона ба ин ҷавони соҳибқалам ва эҷодкори умедбахш эътимод баста, ӯро дар ҷодаи мушкилписанди эҷод ва пуршебу фарози роҳбарӣ хирадмандона раҳнамун сохтааст.

Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ба зиёиён ҳамчун қишри мунавварфикру тафаккурсози ҷомеа эътимод ва эҳтироми хосса дошта, чунин қайд мекунад: «Зиёӣ будан ба маънои томаш миллатдӯсту ватанпарвар будан, дар таҳкими давлатдории миллӣ, асолати худшиносӣ, фарҳанги башардӯстӣ ва тарғиби арзишҳои волои миллӣ ва умумиинсонӣ пайваста саҳм гузоштан аст. Зиёӣ будан, фарзанди асили халқу миллати хеш будан, нангу номус, шарафу виҷдон,

маданияти баланд, зиракии сиёсиву фаросати волои маънавӣ доштан ва ҳастии хешро барои рушду нумӯи имрӯзу ояндаи кишвар бахшидан аст» [5, с. 1-2]. Барҳақ, ҷавҳари ин суханони роҳбари муаззами давлат дар сиришти поки олими асил ва инсони комил, донишманди соҳибмактаб С.Ш.Табаров ҳамеша ҷой дошт.

Адабиёт

1. *Абдуманнон, А. Ҷон дар тани шеър [Матн] // А. Абдуманнон Фурӯғи чеҳраҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – С. 13-29.*
2. *Абибов, А. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ [Матн] / А. Абибов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 240 с.*
3. *Гадозода,М. Мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии номаҳои Рашидаддини Ватвот [Матн] / М.Гадозода. – Душанбе: Аршам, 2024. – 208 с.*
4. *Раҳимӣ, М. Ниёзи замон ва шеъри имрӯз [Матн] / М. Раҳимӣ // Адаб. – 2015. – №2. – С. 46-51.*
5. *Раҳмон, Э. Зиёиён равшангарони роҳи фардои миллатанд [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 35 с.*
6. *Сафар, У. Зистан бо шеър (Нақду баррасии сурудаҳо ва масири эҷодии Ҳ. Файзулло) [Матн] / У. Сафар.– Душанбе, 2015.– 180 с.*
7. *Табаров, С. Мактубҳо [Матн] / С. Табаров. – 10 март. – 1968.*
8. *Табаров, С. Мактубҳо [Матн] / С. Табаров. – 12 апрел. – 1968.*
9. *Табаров, С. Мактубҳо [Матн] / С. Табаров. – 28 май. – 1969.*
10. *Табаров, С. Мактубҳо [Матн] / С.Табаров. – 4 август. – 1990.*
11. *Табаров, С. Меҳнат ва ҷустуҷӯ асоси самари эҷодист [Матн] // С. Табаров. Ҳаёт, адабиёт, реализм.Ҷ.3.–Душанбе: Ирфон, 1983. – 208с.*
12. *Фарҳат, М. Роҳнома ба назми калон [Матн] // С. Ҳакимзода. Лолаи сурх. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 5-6.*
13. *Холиқова, З. Рӯзгор ва осори Сомеи Одиназода [Матн] / З. Холиқова. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2015. – 160 с.*
14. *Ҳаким, А. Сухане дар маҳфиле [Матн] //А. Ҳаким.Сухан аз шеъру адаб. – Душанбе, 2017. – С. 181-185.*
15. *Ҳакимзода, С. Куллиёт [Матн] / Саидҷон Ҳакимзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 928 с.*

МАКТУБҲОИ МУНАҚҚИД СОҲИБ ТАБАРОВ БА ШОИР САИДҶОН ҲАКИМЗОДА

Дар мақола мактубҳои адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаи тоҷик С.Ш. Табаров (1924-2015) ба шоир Саидҷон Ҳакимзода (1939-2004) бо овардани далоили эътимодбахш ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф зикр менамояд, ки адабиёти эпистолярӣ аз дурахшонтарин саҳифаҳои адабиёти бостонзамон, асримиёнагӣ ва муосири мардуми тоҷику форс ба шумор рафта, дар нимаи дуюми асри XX нисбат ба дигар даврaҳои таърихӣ аҳамияти иҷтимоӣ ва ҳунарӣ касб кардааст. Таҳлилу таҳқиқи илмии фаъолияти номанигории адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик С.Табаров дар адабиёти давраи нави тоҷик аз ҳар ҷиҳат муҳим ва бағоят арзишманд ба ҳисоб меравад. Номанигории С.Табаров дар мисоли мукотибаи ӯ бо шоири муосири тоҷик Саидҷон Ҳакимзода низ ин анъанаи адабиёти моро идома бахшида, муҷиби ғановати адабиёти эпистолярии тоҷик мегардад. Мунаққид С.Табаров бо мукотибаҳои худ ҳамеша ба ҷасорат ва маҳорати адабии ҷавоншоирони солҳои 50 - 60-уми асри XX, аз ҷумла С. Ҳакимзода мусоидат менамуд. Мактубҳои С.Табаров (11.03.1968, 12.04.1968, 28.05.1969, 04.08.1990), ки дар бойгонии шоир С. Ҳакимзода ҳамчун рамзи садоқат ва вафодории як шахсияти фарҳехтаи миллат маҳфузанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин мунаққид ба ашъори шоир С.Ҳакимзода таваҷҷуҳ ва ба худи ӯ эҳтироми хосса доштааст. Муҳиммияти мақола дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст бобати андешаҳои ихлосмандона ва боэътимоди мунаққид С.Табаров нисбат ба шоир Саидҷон Ҳакимзода ва вижагиҳои ашъори ӯ зимни мукотибаҳои босамар мулоҳизаронӣ намуда, таҳлили мухтасари мактубҳои ин мунаққидро ҳамчун намуна оварад.

Калидвожаҳо: номаҳо, адабиёти эпистолярии муосири тоҷикӣ, мукотиба, мунаққид, С.Табаров, шеър, шоир, С.Ҳакимзода, таҳқиқ.

ПИСЬМА КРИТИКА СОХИБА ТАБАРОВА ПОЭТУ САИДЖОНУ ХАКИМЗОДА

В этой статье автор исследовала письма известного таджикского литературоведа и критика С.Ш. Табарова (1924-2015) поэту Саиджону Хакимзоде (1939-2004) с достоверными доказательствами. Автор отмечает, что эпистолярная литература является одной из ярчейших страниц древней, средневековой и современной литературы таджикского и персидского народов и во второй половине XX века приобрела общественное и художественное значение по сравнению с другими историческими периодами. Научный анализ и исследование литературной деятельности таджикского литературоведа и критика С. Табарова в литературе новой таджикской эпохи считается важным и очень ценным. Научная деятельность С. Табарова, как пример его переписки с

современным таджикским поэтом Саиджоном Хакимзода, также продолжает эту традицию нашей литературы и доказывает богатство таджикской эпистолярной литературы. Критик С. Табаров своими письмами всегда поддерживал смелость и литературное мастерство молодых поэтов 50-60-х гг. XX века, включая С. Хакимзода. Письма С. Табарова (11.03.1968, 12.04.1968, 28.05.1969, 04.08.1990), сохраняемые в архиве поэта С. Хакимзода как символ верности и преданности один из культурной личности нации, указывают на то, что этот критик обращал большое внимание и уважение на стихи поэта С. Хакимзода и его личности. Важность статьи проявляется в том, что автор в ходе эффективной переписки смог поразмышлять об искренних и достоверных мнениях критика С. Табарова относительно поэта Саиджона Хакимзода и особенностей его стихов, а также дать краткий анализ писем критика в качестве примера.

Ключевые слова: письма, современная таджикская эпистолярная литература, переписка, критик, С. Табаров, стихотворение, поэт, С. Хакимзода, исследование.

LETTERS OF CRITIC SOHIB TABAROV TO POET SAIDJON HAKIMZODA

In this article, the author researched and studied the letters of the famous Tajik literary scientist and critic S. Sh. Tabarov (1924-2015) to the poet Saidjon Hakimzoda (1939-2004) with reliable evidence. The author notes that epistolary literature is one of the brightest pages of the ancient, medieval and modern literature of the tajik and persian peoples and in the second half of 20th century acquired social and artistic significance in comparison with other historical periods. Scientific analysis and research of literary activity of Tajik literary scholar and critic S. Tabarov in literature of new tajik era is considered important and very valuable. Scientific works of S. Tabarov, as an example of his correspondence with modern Tajik poet Saidjon Hakimzoda, also continues this tradition of our literature and proves the richness of Tajik epistolary literature. The critic S. Tabarov, with his letters, always supported the courage and literary skill of young poets of the 50-60 s.of XX century, including S. Hakimzoda. The letters of S. Tabarov (11.03.1968, 12.04.1968, 28.05.1969, 04.08.1990), preserved in the archive of the poet S. Hakimzoda as a symbol of loyalty and devotion to one of the cultural figures of the nation, indicate that this critic paid great attention and respect to the poems of the poet S. Hakimzoda. The importance of the article is manifested in the fact that the author, in the course of effective correspondence, was able to reflect on the sincere and reliable opinions of the critic S. Tabarov regarding the poet Saidjon Hakimzoda and the features of his poems, and also give a brief analysis of the critic's letters as an examples.

Keywords: letters, modern Tajik epistolaru literature, correspondence, critic, S. Tabarov, poetri, poet, S. Hakimzoda, research.

Дар бораи муаллиф
Сафарова Наргис Сайфуддиновна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6

Об авторе
Сафарова Наргис Сайфуддиновна
К.ф.н., доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский международный университет иностранный языков имени Сотима Улугзода
734019, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Ф. Мухаммадиева, 17/6

About the author
Safarova Nargis Saifuddinovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, F. Muhammadiev Street, 17/6

ТДУ 821.222.8.09:17

АДАБИЁТИ МИЛЛӢ – ВОРИСИ АСЛИИ МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ

Шокириён М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ва таърихи мардумшиносӣ ба ҳама маълум аст, ки ягона мавҷудоти табиӣ инсон буда, ки ба масъалаҳои муҳимтарини табиат, ҷамъият ва тафаккурро ба дарку фаҳми ҳамеша кӯшиш мекунад. Инсоният аз тамоми восита ва имконот истифода карда, масъалаҳои рӯзмарраро барояш равшан ва возеҳ намуда, ба моҳияти саволҳои мавҷудаи одамон ҷавоб мегардонад, ки ҷиҳатҳои иҷтимоии одамонро дар бар мегирад. Барои шинохти масъалаҳои гуногуни фарҳангӣ донишу маърифати инсонӣ лозим бада, сабабҳо, омилҳои пайдоиш ва ташаккули онон, имкони эмин нигоҳ доштани инсон ва рушди ақидаи ӯро таъмин месозад.

Барои омӯзиши воқеияти зиндагӣ пеш аз ҳама воситаҳои илмӣ, бадеӣ, фарҳангӣ, адабиёти ҳаёти инсон ва муҳити ба он вобаста пеши назар меояд. Ин ҷо бояд зикр намуд, ҳар илм ба худ сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёт барои бадеияти махсус дорад. Адабиёт–ин хусусиятҳои бадеӣ, яъне идеал мебошад, ки намунаи барҷастаро бо образи бадеӣ нишон дода, пешравии фарҳанги халқи тоҷик аст, ки ба назар мерасад. Инсоният бо образҳо, нақшҳои олӣ ва назарияҳои идеалӣ дар муқобили шебу фарозҳои ҳаёт сабр намуда зиддият нишон медиҳад. Вақте ки одамон бар муқобили ҳамагуна таззодҳои зиндагӣ бо образи барҷаста баромад мекунанд, ба хотири амалӣ намудани ормонҳо фидокорӣ менамоянд, яъне «аз пеши роҳаш обу сангу кӯҳ»-ро ҷавонмардона ва далерона паси сар мекунад. Инсон бар он бовар аст, ки «бе ҷидду ҷаҳд коре ба пеш намеравад». Ин идеали худогоҳӣ ё худшиносию ватандӯстии онҳо ба ҳисоб меравад.

Раванди ташаккулёбии инсоният ба хотири «наздикшавии тафаккур ба воқеият» мебошад. Вобаста бо имкон ва тавон ин вазифаро одамон зина ба зина анҷом додааст ва идеали хуби худшиносии худро ба се зина ҷудо намудааст:

1. Идеал, дониши инсонӣ ва таҷрибаи зиндагӣ муҳимтарин пояи фарҳанг маҳсуб шуда, аз ҷониби худи инсон тавассути адабиёт ва фарҳанги миллӣ нишон дода шудааст.

2. Асоситарин махзани наздикшавии инсон ба моҳияти масъалаҳои табиат, ҷамъият, тафаккур ба хотири сазовор зиндагӣ карда тавонистани ӯ-донишҳои илмӣ-назариявӣ ба ҳисоб меравад.

3. Воситаи таҳқиқ ва арҷгузорӣ ба воқеиятро амалия ва назарияи адабӣ-эстетикӣ эътироф кардааст. Он ба мислива фарҳанг муҳимтарин воситаи дарки масъалаҳои антологӣ шинохта шудааст.

Тавре ки зикр гардид, ҳар се воситаи омӯзиш ва шинохти илмии адабиёт ба хотири ташаккули ҷаҳонбинӣ, мақсаднок рушд додани неруи илмӣ, ба орзуву омол расидан, рушди сатҳи зиндагӣ, маънавиёт ва адабиёт ва ҳолати рӯҳии одам аст.

Адабиёт, илм ва фарҳанг яке аз масъалаҳои асосию идеалии инсоният ба ҳисоб рафта, бидуни онҳо идеали шахсият низ пешрав буда наметавонад.

Бояд қайд намуд, ки эҳсосоти назарӣ ва айният ба донишҳои инсонӣ замина мегузорад. Аслан заминаҳои асосиро дар омӯзиши шароит ва шинохти моҳияти андеша таҳқиқи илмӣ нишон медиҳад.

Мавриди тазаккур аст, ки ақидаи олими немис Г.В.Гегелро далел орем: «Илм маҷмӯи далелҳоро тафсир намуда, хулосаи онро ба маводи аввалия, дар муқоиса ва таносуб мегузорад» [4, с. 44]. Хусусиятҳои ба пуррагӣ ба каломи бадеӣ дахдошта, ба адабиёти бадеӣ ва идеали шахсӣ мансуб аст.

Бо далелу бурҳонҳо ошкор намудани фарқият ва зиддиятҳо дар фарҳангу адабиёт натиҷаи ҷаҳонбинии воқеӣ доир ба шинохти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. Ин натиҷаи ниҳоӣ шаклгирӣ ва инкишофи адабиёт дар муайян намудани хусусият ва алоқамандиҳо сурат мегирад. Аз дидгоҳи субъективӣ илм мекӯшад нобаста аз хости шахс моҳияти масъаларо дар шакли ҳақиқӣ нишон диҳад.

Ба моҳияти масъала ворид гаштан тавассути адабиёти бадеӣ авлотар аст. Адабиёт «дили васеъ»-диди васеъ ва ҷаҳонбинии дури инсонӣ дорад ва ҳолати рӯҳии инсонро тасхир

менамояд. Дар таносуб бо илм «дарки бадеӣ, дар шаклҳои реалистӣ, ҳақиқати воқеиро ба воситаи образҳо ифода месозад. Дар образи бадеӣ тавассути тахайюлоти бадеии муаллиф... ҷанбаҳои бештар муҳими зуҳуроти мавриди назар таъкид карда мешавад» [3, с. 24].

Мақсади асоии тарғиби илм таъмини зарурати миллиро ба эътибор гирифтани ҳақиқати объективӣ дар назар дошта, мусаллаҳ намудани аҳли ҷомеа, хусусан ҷавонон ва шуури ҷаҳонбинии одамон мебошад. Адабиёт, ки маҳсули тафаккури инсонӣ буда, дар сурати дуруст истифода шудан баробари илм ба ҷомеа хизмат мекунад, чунки неруи эҷодии инсонист.

Беҳтарин ва муҳимтарин воситаҳои худшиносӣ дар ҷаҳонбинии илмии адабиёт ва фарҳанги миллӣ буда, арзиш ва қимати он дар сухан, илм ва идеологияи миллӣ намоён мегардад. Тафаккури инсон, адабиёт, сухан дар бораи «системаи тасаввурот оид ба олам, дар маҷмуъ ва ҷараёнҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва муносибатҳои инсон ба муҳити атроф» маълум мешавад [5, с.17].

Хушбахтона, таҷассумгари ақидаҳо ва тафаккури одамон, ҳамзамон камтар ё бештар аз дарки воқеаҳои аслӣ дуртар истодан мебошад. Дар дарозои таърих вуҷуд доштани ҷаҳонбинии илмӣ ва адабӣ то замони муосир давом дорад. Он тафаккуре, ки зуҳурот ва моҳиятро бо ҳастӣ ягона медонад, дар вобастагӣ бо манфиат набошад, онро ҷаҳонбинии миллӣ ва илмӣ номидан мумкин аст. Мавзуи ҳақиқати зиндагӣ талаб менамояд, ки реализми адабӣ муносибати илмӣ ва адабиро барқарор намояд.

Агар шаклҳои ҷаҳонбинии воқеӣ барои бурди адабиёти миллӣ дуруст ояд, илм мавқеи калидӣ дошта, идеали инсонӣ бояд нишон дода шавад.

Адабиёт низ чунин тақозо дорад, ки талаботи каломи бадеӣ баробари масъулияти илмӣ аст. Чунки адабиёт беҳтарин ва муҳимтарин воситаи шаклгирии ҷаҳонбинии воқеӣ-илмӣ буда, тавассути таҷрибаи илмии инсон ва каломи бадеӣ назар ба илм имкони бештари таъсиррасониро ба шуур дорад. Бояд қайд намуд, ки адабиёт воситаи шинохти миллат аст, ба воситаи як байт, шеър, суруд, достон, ҳикоя, повест, роман, ҳатто ҳар кадоми онҳо имкон медиҳад, ки назари инсон нисбат ба ҳоводиси олам, муносибати он ба воқеоти муҳити атроф тағйир ёбад. Аз ин ҷо муайян мегардад, ки адабиёт ба ормонҳо зистан ва ҷонфидоиҳо карданро амалан меомӯзад, ки ҳар инсон идеали махсус дорад.

Аз ин ҷо аён мегардад, ки идеал зуҳуроти ҷамъиятӣ буда, дар натиҷаи рӯзгори ҳазорсолаҳо ба даст омадааст. Андеша ба он оварда мерасонад, ки вазъи фоҷеавии халқҳо, миллатҳо, аз омилҳои бунёдкунандаи тафаккур муайян бошад. Хирад, илм, дониш ва маърифати инсонӣ таҷассумгари адабиёт ва идеяи миллист. Он чизе, ки ба воситаи ҳиссу дарк, фаҳмиш ва ҷаҳонбинӣ дониста шуда, дар гуфтор маълум мегардад, идеал аст.

Бояд зикр кард, ки идеалҳои миллии адабиётшиносӣ он вақт дониста мешавад, ки маълум намудани идея дар таъмини амният муборизе байни идеяҳо аст. рушди адабиёту ҷомеа-давлат дар муайян кардани идея мебошад. Барои ба ормонҳои миллӣ сазовор шудан маъниҳои нав сохтан лозим аст, чунки адабиёт ҷомеаро муттаҳид ва ба мақсадҳо наздик намуда, тарзи суханофариниро муайян мегардонад.

Дар қонуниятҳои тафаккур ва чаҳорчӯбаи мантиқи семантикӣ адабиётшиносӣ ба сохти грамматикиии забон шакл мегиранд ва ба суханофаринӣ тобеъ гардида, идеяҳо ва адабиёт захираи луғавии дохилию беруна мебошанд.

Адибони бузурги халқи тоҷик дар раванди ташаккули адабиёт барои он таърихи гузаштаро тасвир мекарданд ё ҳунарнамоӣ мекарданд, ки вазъи имрӯзаро (замони шоирро), муҳити адабӣ, шароити иҷтимоӣ ва вазъи сиёсии мардумро фаҳмонанд ва ояндаро пешгӯӣ намоянд ё ин ки ҷаҳонбинии халқро бедор намоянд. Масалан, дар давраи эҳёи адабиёти тоҷик, яъне асрҳои 1Х-Х, адабиёт ва фарҳанги халқамон хеле рушд намуда, адибон бештар ба назм диққат дода, назарияи нав пайдо намуданд. Доир ба ҳамин соҳа шоирон-навозандагон Абуҳафси Суғдӣ, оҳангсоз-Абусолиқ, шоир-ал-Хуросонӣ, чангнавоз Лукарии Чангзан, ромишгар-Абулаббос Бахтиёр, танбӯрчӣ-Алибегӣ, найнавоз-Зилзили Резӣ, найнавоз-Исои Барбатӣ ва дигаронро номбар кардан мумкин аст. Намуна аз шоирони асри Х-Абуҳафси Суғдӣ ва Лукарии Чангзан:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо [2, с.25].
Убайдуллоҳ бинни Аҳмад вазири шоҳи Сомонӣ,
Ҳаметобад шуои дод аз он пурнур пешонӣ.

Ба сурат одамӣ омад, ба маънӣ нури субҳонӣ,
Худоё, чашми бад хоҳам к-аз он сурат бигардонӣ.
Бухоро хуштар аз Лӯкар, Худовандо, ҳамедонӣ,
Валекин курд нашкебад аз дӯғи биёбонӣ [2, с.134].

Бояд зикр намуд, ки «адабиёти вақт» мафҳумест, ки дар илми адабиётшиносӣ вуҷуд дорад ва он дигаргунии фарҳангии як миллатро дар давраи муайяни таърихӣ нишон медиҳад. Таманнои муаллифи ин сатрҳо аз он иборат аст, ки агар адабиёт лаҳзаҳои муҳими баробар ба воқеиятро тасаввур карда тавонад, манфиатҳои миллиро ба эътибор гирифта, бояд жанрҳои адабиро мавриди истифода қарор диҳад. Бояд таъкид намуд, ки «ҳар як асари бадеӣ мансуб ба замони худ, халқи худ ва муҳити худ аст, аз ҷаҳонбинии таърихӣ ва дигар тасаввуроти ӯ вобастагӣ дорад...» [8, с. 21].

Маҳсули раванди фарҳанг ва ҳаёт дар субъект ва объект, нусхаи образноки бадеии адабиёт аст ва натиҷаи чунин алоқамандию таъсиррасонӣ мебошад. Ҳадисаҳое, ки ба тарзи гуногун тақсимбандӣ мешаванд, дар асарҳои бадеӣ мавриди баҳс қарор доранд.

Адабиёти миллӣ ва фарҳанги миллӣ пайравони маънавиёти давлати миллӣ мебошанд, ки аз ҷиҳати ҳифзи тамаддун ва маънавиёти миллӣ бо такя аз имконоти муассисаҳои тадқиқотӣ бошад, ки омили илмсолориро дар ҷомеа неруи нав бахшад.

Дар тули таърих қувваҳои зиддимиллӣ дар маърифатнок гаштани оммаи мардум манфиатдор набуданд ва ба халқи тоҷик шиканҷаҳо мекарданд. Аз дунёи қадим то имрӯз хислати бадбинии шахсони зиёӣ, амалҳои ғайрифарҳангӣ ва баъдтар ҳам, ин амали номатлуб давом мекард. Доир, ба масъалаи мазкур адабиёти тоҷик дар тули таърихи ҳазорсолаҳо ба хотири нигоҳ доштан ва ҳифз намудани забон, фарҳанг, адабиёт ва маънавиёти волои мардум ҷонфидоиҳо ва қаҳрамониҳо карданд.

Дар таърихи адабиёт шеъри имрӯза мазмуни дигар гирифта, шоирони навқалам бештар сари ишқу муҳаббат ва нолишу гила эҷод мекунанд. Яъне назм ва шеъри баланди иҷтимоӣ хеле кам гуфта мешавад ва нигариниҳои адибони навқалам бештар дар атрофи ишқу отифат хатм мегарданд, ҳол он ки ин матолиб дар адабиёти классикӣ зиёд ба риштаи тасвир кашида шудаанд ва то ҷойе дигар маъною муҳтавои худро гум кардаанд. Дар марҳилаи нави таърихӣ тарбияти шоирону адибоне, ки дорои биниши миллӣ, адабӣ ва фалсафӣ бошанд, тақозо ва зарурати замон аст. Адибони тоҷик ба монанди Рӯдакию Фирдавсӣ шеърҳое эҷод мекарданд, ки барои насли баъдӣ ҳамчун дастур хизмат мекарданд. Албатта, бо тақозои замон адибони ба арсаи адабиётомада сари ин масъала ҷиддӣ бояд андеша кунанд, то насли нави адибони миллӣ рӯйи кор биёянд ва бо рӯҳи миллӣ ва фарҳангӣ дар раванди назми миллӣ эҷод карда тавонанд.

Руҳи миллӣ дар марзи андеша, таърих, фарҳанг ва дар банди идеологияи миллӣ қарор дошта, ин раванд дар шароити имрӯза, ки фарҳангу тамаддунҳои бегонаи динмеҳвар таҳкиму тақвият ёфта истодааст, ки суди фарҳанг ва адабиёт нест. Дар ҳоле ки ба таъриху адабиёти миллӣ нахустин маротиба Куруши Кабир ба тамаддун, эътиқод, афкор, мазҳаб ва суннати иҷтимоии миллатҳои мағлуб ба дидаи эҳтиром менигарист [7, с. 249], аксари наслҳои имрӯзии мо, ки бегонапарастаанд, дар масири бегонагӣ ҳаракат карданро авло медонанд. Ба назари донишмандон, илму ҳунар молу мулки ҳеҷ қавм ё мардуме нест, яъне ҳеҷ қавме илму ҳунар ва фарҳангро моли мо гуфта наметавонад. Ҳар мардуме ин истеъдод доранд, ки соҳиби илму ҳунар ва адабу фарҳанг ҳастанд [10, с. 97]. Фарҳанги ҷомеа маҳсули фаъолиятҳои фикрӣ ва зеҳнии онҳо аст. Албатта, миллатҳо, қавмиятҳо бо фарҳангашон аз якдигар фарқи куллӣ ё идеологӣ доранд ва ҳувияташон дар фарҳанг нуҳуфтааст [10, с. 145]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки фарҳанги миллӣ дар ҳувияти тоҷикӣ нуҳуфтааст ва тавассути фарҳангу адабиёти миллӣ эҳё гадида, ҷашнҳои миллию фарҳангиро ҳар як соҳибфарҳанг эҳтиром ва дастгирӣ менамояд.

Бо доштани мероси бузурги фарҳангӣ ва маънавӣ, ки дар осори мактаби адабӣ-бадеӣ ғунҷоиш ёфтаанд, наметавон имрӯз ақибнишинӣ кард, балки танҳо ба пеш ҳаракат намуд. Ҳаракат ба пеш - ба сӯйи шинохти арзишҳои башарӣ, муаррифии дурусти мероси фарҳангӣ имкон медиҳад, ки табодул ва тафоҳуми сиёсию фарҳангӣ миёни миллату халқиятҳои ҷаҳон баркарор гардад.

Муаррифии дурусти мероси фарҳангӣ, ки вазъи муосири сиёсию геополитикӣ аз мо тақозо мекунад, мвва сӯйи шинохти арзишҳои башарӣ, табодул ва тафоҳуми сиёсию фарҳангӣ миёни миллату халқиятҳои ҷаҳон дар шароити имрӯзӣ заиф набошем, бо иқтидори

зеҳнӣ, ақлонӣ, адабӣ, ахлоқӣ ва билохира фарҳангӣ мушкилот ва буҳронҳои гуногунро, ки бар асари ноогоҳӣ, хурофотпарастӣ ва вопасгаройӣ ҷомеаи тоҷикиро таҳдид мекунанд, рафъ созем ва ба шоҳроҳи тамаддуни башарӣ гомҳои устувор бардорем.

Хулоса, адабиёти давлатҳои қудратманд ҷуръат ва ҷасорати иҷтимоӣ ва фарҳангию миллӣ меофарад. Чи тавре ки дар осори манзуму мансури бадеӣ маълум мешаванд, идея ва ғояҳои созандаи адабиёт ҷомеаро аз дарун дигар мекунанд ва дар сохтмони худшиносиву ва худогоҳӣ нақши калидӣ дорад. Ғояҳои созанда ва абадзинда дар натиҷаи мутолиоти пайваста, ковишу ҷустуҷӯҳои давомдор, ҷасорати эҷодӣ рӯйи кор меояд ва барои садсола ва ҳатто ҳазорсолаҳо хидмат мекунад.

Адабиёт

1. *Аристотель. Риторика. Поэтика. - М.: Лабиринт. 2005. – 165 с.*
2. *Ашъори ҳамасрони Рудакӣ. Зери таҳрири А. Мирзоев. - Сталинобод: Нашдавтоҷ. 1958. - 408 с.*
3. *Гегель Г.В. Философия духа. - М.: Мысль. 1977. - 471 с.*
4. *Гегель Г.В. Энциклопедия философских наук. Философия духа. Т. 3. - М.: Мысль. 1977. – 421 с.*
5. *Гегель Г.В. Эстетика. В четырех томах. (тт.1-4). - М.: Искусство, 1968. - 330 с.*
6. *Ковальченко И.Д. Методы исторических исследования. – М.: Наука, 2003.*
7. *Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Ирон. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1368.*
8. *Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. - Теҳрон, чопи аввал, 1376.*
9. *Федосеев П.Н.. Философия и научное познание. - М.: Наука. 1983. - 464 с.*
10. *Ҳасан Малик. Фарҳанг ҳастаи муқовимат дар баробари таҳоҷуми бегонагон аст [Манбаи электронӣ]. – URL: http://http.kavehroom.com/*
11. *Шаҳобиддинов Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ. (Тарҳрезии бунёдҳои фарҳанги навин). - Душанбе: Дониш, 2015.*

АДАБИЁТИ МИЛЛӢ – ВОРИСИ АСЛИИ МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ

Мақола ба масъалаҳои адабиёти миллӣ, нақши он дар ташаккули маънавиёти миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, инчунин робитаи он бо илм, фарҳанг ва ҷаҳонбинии илмӣ бахшида шудааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки адабиёт, илм ва фарҳанг аз муҳимтарин омилҳои худшиносии миллӣ буда, бидуни онҳо идеали шахсият низ пешрав буда наметавонад. Муаллиф бар ин назар аст, ки адабиёт беҳтарин ва муҳимтарин воситаи шаклгирии ҷаҳонбинии воқеӣ-илмӣ мебошад ва тавассути таҳлили таҷрибаи инсонӣ, каломи бадеӣ аз илм дида, имкони бештари таъсиррасониро ба шуур дорад. Инчунин дар мақола масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, нақши адибони бузург дар эҳёи маънавиёти миллӣ, вазъи имрӯзаи адабиёт ва зарурати тарбияи насли нави адибон, ки дорои биниши миллӣ, адабӣ ва фалсафӣ бошанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар охир муаллиф хулоса менамояд, ки адабиёти қудратманд ҷуръат ва ҷасорати иҷтимоӣ ва саранҷом шахсияти томи фарҳангӣ ва миллиро меофарад.

Калидвожаҳо: адабиёти миллӣ, маънавиёти миллӣ, лирика, адабиёти вақт, рубоӣ, жанрҳои адабӣ, муҳаққиқон, навъҳои шеърӣ.

НАЦИОНАЛЬНАЯ ЛИТЕРАТУРА – ИСТИННАЯ НАСЛЕДНИЦА НАЦИОНАЛЬНОЙ ДУХОВНОСТИ

Статья посвящена вопросам национальной литературы, её роли в формировании национальной духовности, самосознания и самобытности, а также её связи с наукой, культурой и научным мировоззрением. В статье подчёркивается, что литература, наука и культура являются важнейшими факторами национального самосознания, и без них идеал личности не может развиваться. Автор считает, что литература - это лучшее и важнейшее средство формирования реально-научного мировоззрения, и посредством анализа человеческого опыта художественное слово имеет больше возможностей влиять на сознание, чем наука. Также в статье рассматриваются вопросы истории таджикской литературы, роль великих писателей в возрождении национальной духовности, текущее состояние литературы и необходимость воспитания нового поколения литераторов, обладающих национальным, литературным и философским видением. В заключение автор делает вывод, что могущественная литература создаёт социальную смелость и отвагу, и в конечном итоге – целостную культурную и национальную личность.

Ключевые слова: национальная литература, национальная духовность, лирика, литература того времени, рубаи, литературные жанры, исследователи, поэтические типы.

NATIONAL LITERATURE – THE TRUE HEIR OF NATIONAL SPIRITUALITY

This article is dedicated to issues of national literature, its role in shaping national spirituality, self-awareness, and identity, as well as its connection with science, culture, and a scientific worldview. The article emphasizes that literature, science, and culture are crucial factors in national self-awareness, and without them, the ideal of personality cannot progress. The author believes that literature is the best and most important means of forming a realistic-scientific worldview, and through the analysis of human experience, the artistic word has a greater potential to influence consciousness than science. The article also addresses the history of Tajik literature, the role of great writers in the revival of national spirituality, the current state of literature, and the necessity of educating a new generation of writers who possess a national, literary, and philosophical vision. In conclusion, the author asserts that powerful literature creates social courage and bravery, and ultimately, a complete cultural and national identity.

Keywords: national literature, national spirituality, lyrics, literature of that time, rubai, literary genres, researchers, poetic types.

Дар бораи муаллиф
Шокириён Муҳаммадюнус
Ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 48/5
E-mail: muhammadyunus1@mail.ru

Об авторе
Шокириён Мухаммадюнус
Ассистент кафедры гуманитарного дисциплин
Таджикский государственный финансово-экономический университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 48/5
E-mail: muhammadyunus1@mail.ru

About the author
Shokiriyon Muhammadyunus
Assistant of the Department of Humanities
Tajik State University of Finance and Economics
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov, st. 48/5
E-mail: muhammadyunus1@mail.ru

ТДУ 891.550+891.55(091)

МАЗМУНУ СОХТОРИ РИСОЛАҲОИ «АЛ-АДАБ-УЛ-КАБИР» ВА «АЛ-АДАБ-УС-САҒИР»-И АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ

Искандаров М. Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шароити сиёсие, ки дар даврони Аббосиён ба вуқуъ омада буд, ба густариши балоғат (суханварӣ) сабаб шуд. Давлати Аббосӣ барои ривоҷ додани суханварӣ ва омӯзиши он ба фарзандони худ бисёр саъю кӯшиш мекард. Дар миёни суханварони ин аср, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ҷойгоҳи хос дошт. Дар баробари сукути давлати Умавиён, ӯ дар даврони Аббосӣ ба инкишофи суханварӣ пардохт. Гуфтаҳои ӯ мисдоқи нигоштаҳои болоӣ мебошад, бахусус мегӯяд, ки ӯ ҳамаи ҳунарҳои суханвариро зикр мекунад ва дар онҳо кӯтоҳӣ ва тамаркузи дақиқ меҷӯяд ва ба хутбаҳои маҷлисҳо ва сулҳ рӯй меоварад, бидуни иштибоҳ ва дилтангӣ дар он тафсилот меҷӯяд. Ӯ қоидаи муҳиммеро муқаррар мекунад, ки дар ибтидои сухан дорои чизе бошад, ки мақсади онро нишон диҳад. Ҳамон чизе, ки онро суханшиносон баъдтар «ҳусни оғоз» меномиданд [29, с. 447].

Дар воқеъ, рисолаҳои панду ахлоқии Ибни Муқаффаъ «Ал-Адаб-ус-сағир» ва «Ал-Адаб-ул-кабир» дар байни таълифоти ӯ шуҳрати бештареро касб намудаанд. Ҳарду рисола бо истифодаи сарчашмаҳои форсӣ-тоҷикӣ навишта шуда, қисман, шояд тарҷума аз забони форсии миёна (паҳлавӣ) бошанд. Дар онҳо таъсири амиқи андешаҳои фалсафӣ ва фарҳанги юнонӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва ҳатто ҳиндӣ ҳис карда мешавад. Муаллиф тавсия медиҳад, ки донишро бояд аз халқҳои қадим иқтибос намуд, ақлу хирадро сарчашмаи калидии маърифат ва қазоваткунандаи асосӣ дар масъалаҳои ахлоқ меҳисобад [32, с. 346].

Китобҳои «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир» яке аз муҳимтарин асарҳои тарбиявию ахлоқӣ дар адабиёти араб маҳсуб мешаванд. Ибни Муқаффаъ дар «Ал-Адаб-ус-сағир» насиҳатҳои писандидаеро барои мардуми омма дар назар гирифтааст, дар ҳоле ки китоби дигараш «Ал-Адаб-ул-кабир» хитоб ба султон ва нухбагон мебошад. Нависандаи хушсалиқа дар муқаддимаи худ бар ин китоб менависад, ки ман дар ин китоб аз вожаҳои ҳифзшудаи мардум номаҳоеро дарҷ кардам, ки ба онҳо кумак мекунад ва диди назари онҳоро тақвият, афкорро эҳё, тадбирро побарҷо мекунад, далеле бар нишонаҳои хуби корҳо ва қадру қимати ахлоқ хоҳад буд [11, с. 4].

Дар баррасии баъзе ҷанбаҳои хоси рисолаҳои «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир», муҳтаво ва сохтори он, сабку услуби нигориш ва аҳаммияти тарбиявию ахлоқии асар зикр намудани хизматҳои арзандаи олимони хориҷиву ватанӣ, Ф.Габриэлли, Г. ван Влотен, Г.Рихтер, Э.Браун, А.И. Оштиёнӣ, А.Ҳамза, А. Ал-Боқилонӣ, А. Тайфур, М.Ғуфронӣ Ал-Хуросонӣ, А.Закӣ Пошо, Ҳ.Н. Ал-Марсафӣ, Ас-Саолибӣ, А. Амин, Ибни Қутайба, Ас-Саолибӣ, Ибни Мискавайҳ, В.Ҳ. Халаф, А.М. Аззом ва Т.Ҳусейн, М.Курд Алӣ, М.Муҳаммадӣ, С. Ал-Андалусӣ, Х.Мардумбек, Ш. Зайф, Ш. Хаффоҷӣ, И.М. Фильштинский, Р.Ҳодизода, Н.Зоҳидов, М.Рачабова, К.Беков ва дигарон мувофиқи мақсад мебошад.

Муҳаққиқ Воил Ҳофиз Халаф дар бораи ин китоб чунин мегӯяд: «Ин китоб шоиста аст, ки ба дасти ҳар хонандаи араб бирасад ва барои ҳар як бесаводе, ки дилсӯз аст, хонда шавад. Он аҳкоми мухталиферо дар бораи ахлоқ ва одоб дар бар мегирад, ки дар як маъно қарор намегиранд, балки бештар ба андешаҳое монанд мебошанд, ки ҳар гоҳ тафаккури Ибни Муқаффаъ оташи зеҳни ӯро барангезад, ба вуҷуд меоянд ва сипас истеъдоди фитрӣ аз он пайгирӣ мекунад» [9, с. 6]. Ба суханони дигар, муҳаққиқ он чиро, ки метавонист аз нусхаҳои чопии китоб ҷамъоварӣ намуд ва онҳоро бо ҳам муқоиса кард ва дар матн саҳеҳтарин нусхаҳоро мушаххас ва зимни зикри тафовут дар ҳошияи китоб ва нодида гирифтани иштибоҳот ва беназмиҳо ва тавзеҳи бештар чизҳои аҷибу ғариб дар он китобро бо назарот ва тавзеҳоти худ ба гунае ғанӣ кард.

Ҳамин тавр, рисолаи аввал ба оммаи васеи мардум равона шуда, рисолаи дуюм ҳамчун дастур ба ҳокимони давр иншо шудааст. Муаллиф бо овардани мисолҳо аз давлатдории шоҳони Сосонӣ, тасвири хирадмандиву донишдӯстии эшон халифагони даврро панд медиҳад, то аз рӯйи илму дониш ва хираду ақл низоми давлатдориро ба роҳ монанд, раиятпарвару илмдӯст бошанд. Ҳарду асари мазкур бо истифода аз осори ахлоқии аҳди Сосониён навишта шудаанд. Бино бар ин, иддае аз муҳаққиқон онҳоро ба қатори осори тарҷумавии нависанда даровардаанд [26, с. 204].

Бояд зикр намуд, ки рисолаҳое, ки ба унвони адаб бахши таълифоти Ибни Муқаффаъ маҳсуб мешаванд, шомили «Ал-Адаб-ул-кабир», «Ал-Адаб-ус-сағир» [11] ва «Ал-Адаб-ул-вақиз» [12] мебошанд. Дар ин ҷо манзур аз калимаи «адаб» зинату ороиши рафтору кирдор ва пок кардан аз пастиҳо мебошад, на адаб ба маънии адабиёт. Маънии форсӣ-тоҷикии адаб некӯманишӣ ва оини сарварӣ мебошад, ки зоҳиран бештари мазмунҳои ин китобҳо ҳам тарҷума ва иқтибос аз китобҳои ахлоқ, одоб ва панду андарзи эрониёни аҳди Сосонӣ аст.

Бино ба андешаи баъзе муҳаққиқон вожаи адаб аз калимаи «адаб», ки ба маънии «даъват ба суфраи таом»-е, ки барои меҳмонӣ ва ҷашни издивоҷ таҳия мешавад, муштақ мебошад. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" вожаи «адаб» ба маънии *ахлоқ ва кирдору рафтори нек, меъёри ахлоқу одоб, одоб омӯхтан, ахлоқ омӯхтан; ба маънои дуюм: илм, дониш, илми адабиёт* маънидод карда шудааст [31, с. 37].

Дар фарҳангҳои арабӣ «адаб»-ро ба маликае тафсир кардаанд, ки инсонро аз ношоистагиҳо пок ва дур медорад ва ҷамъи онро «одоб» мегӯянд. Ҳамчунин, он бар тамоми улум ва маориф, ки баробари «култур» «cultur»-и фаронсавӣ мебошад, баробар дониста мешавад. Гузашта аз ин, дар забони форсӣ низ калимаи ҷомеи фарҳанг ба он итлоқ кардаанд, ҳамчунин, бар ҳунарҳои зебо низ истилоҳ шудааст.

Дар осоре, ки аз давраи ҷоҳилият нақл шудааст, далеле бар истифодаи ин калима ёфт намешавад. Анастас Мари Кармели, шарқшиноси араб баромади онро аз калимаи юнонии «адуп» («Edeupes») яъне, «некугуфтор» медонад. Карло Алфонсо Налинои итолиёнӣ онро аз «даъб» (дидан) ва «одат» муштақ дониста, ба ақидаи вай аз шумораи танҳо гирифта нашуда, балки аз шумораи ҷамъ баромадааст. Ба ин маъно, ки лафзи «даъб» барои «доб» ҷамъбандӣ шуда, баъд ба «одоб» тибқи қоидаҳои сарфи арабӣ табдил гардидааст. Чуноне ки «биър» ва «роим» бар «обор» ва «ором» ҷамъбандӣ шудааст [28]. Бояд тазаккур сохт, ки бар асари истифодаи бисёр асли ин ҷамъ ва тағйироти он фаромӯш шудааст ва аз ин лафз ба маъноҳои нав нақл гардидааст.

Матни возеҳи қотее дар даст нест, ки калимаи «адаб» дар ибтидои ислом ва ё дар ҷоҳилият истифода шуда бошад, вале метавон гуфт, ки ибтидои зуҳури ин калима дар асри Умавӣ ва Аббосӣ будааст. Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ қайд гардидааст, ки Абдулмалик ибни Марвон ба муаллими фарзандонаш чунин гуфтааст: «Адабиёти онҳо бар асоси ривояти шеъри Ал-Аъшо, чӣ ширин ва чун санги сахттарин асос ёфтааст». Ҳорунаррашид ба касоне гуфтааст, ки: «Эй Алӣ ибни Ҳамза, туро дар ҷойе, ки орзуи ту ба он нарасид, гиромӣ доштем, пас аз нобтарин ашъор ва аз ҷомеътарин аҳодис, ба зебоиҳои ахлоқ бигрез ва одоби форсҳо ва ҳидуҳоро ба мо ёдоварӣ кун» [21].

Шаҳобуддини Хафоҷӣ дар «Шифо-ул-ғалил» [30] мегӯяд, ки «адаб» аз калимоти иқтибосшуда аст. Пас ин сухан таъкидкунандаи ин матлаб аст, ки калимаи «адаб» аз эрониён вориди адаби араб шудааст. Озмудаи «адаб» ду сиғаи муштақ шудааст. Яке замони гузашта аз боби «тафъил», чун «адиб» ва дигар ба сурати фоил «муаддиб», ки маънии «муаллим»-ро дорад, яъне «касе, ки касби ӯ омӯзгорӣ аст» ва дар форсӣ-тоҷикӣ «омӯзгор» гуфта мешавад. Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз дар баъзе шаҳрҳо ба ҷойи муаллим адиб ба кор гирифта мешавад. Чунончи, Назирии Нишопурӣ дар ин байт аз калимаи «адиб» муаллимро дар назар доштааст:

Дарси адиб агар бувад замзамаи муҳаббате,
Ҷамъе ба мактаб оварад тифли гурезпойро [34].

Вожаи «муаддиб» бар касоне, ки шуғлашон таълими шеър, ҳадис ривоятҳо ва амсоли инҳо будааст, маънидод гардидааст. Чуноне ки аз суханони ҳокими Мунбаҷ (яке аз шаҳрҳои Шом) Абдулмалик ибни Солеҳ ал-Аббосӣ маълум мегардад, вожаи "муаддиб" аз "муаллим" фарқ дошт. Муаллим дар воқеъ мактабдор буда, муаддиб, мударрис шахси таълимдиҳанда мебошад. Суханони ҳокими номбурда хитоб ба муаллими фарзандаш будааст. Ӯ менигорад, ки туро муаддиб кардам, пас аз он ки муаллим будай ва туро ҳамнишин ва наздики худ сохтам, пас аз он ки бо кӯдакон ва дур аз ҳазрат мезистӣ ва то вақте нукси кори собиқатро дарнаёбӣ, бартарии кори имрӯзатро нахоҳӣ фаҳмид [16].

Назарияи донишманди эронӣ Муҳаммади Таботабоӣ дар мавриди вожаҳои мазкур ин аст, ки моддаи «адаб» ва «адиб» аз калимаи «дап» ва «дип дар санскрит ва паҳлавӣ гирифта шуда, маъноияш «навиштан» аст. Донишманди мавсуф ба ин манзур чунин далелҳоро пешиҳод менамояд:

1. Калимаи «дип» як истифодаи бостонӣ ва деринае дошта, «дипӣ» дар катибаи Дориюши Ҳахоманишӣ ба маънии «навишта» омадааст ва «нависанда»-ро дар рӯзгори Сосониён «дипер» ва «хат»-ро «дипера» мегуфтанд, чуноне ки маҳалли навиштанро «девон» ва он ҷо ки маҳалли омӯхтани кӯдакон буд, «дабистон» ва «дабиристон» меномиданд.

2. Арабҳо пас аз истилои Эрон, илова бар ҳукуматдорӣ, калимаҳои идориро низ гирифтанд, монанди вожаҳои «дафтар» ва «девон»-ро дар забони худ маъмул доштанд ва бар услуби дабистон ва дабиристон ҷойҳоеро барои омӯзиши атфоли худ ихтисос доданд ва ба он мактуб ва китоб гуфтанд. Омӯзгоре ҳам, ки дар дабистонҳо дониш ва фарҳанг меомӯхт, адиб ва муаддиб ва амали ӯро «таъдиб» истилоҳ карданд.

3. Ҳамон тавре ки «мактуб» ва «китоб»-ро аз «дабистон» ва «дабиристон» гирифтаанд, оё мумкин нест аз решаи «дап» ё «дип»-и паҳлавӣ ҳам вожаҳои «адаб» ва «адиб»-ро гирифта бошанд [24]? Нависанда пас аз баёни ин матлаб марбут ба тарзи иштиқоқи ин калима чанд фарзияро баён кардааст.

Лозим ба таъкид аст, ки андешаи Муҳаммади Муҳаммадӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Ин донишманди соҳибназар дар зимни китоби худ онро тақрибан исбот кардааст, ки мафҳуми «адаб» дар нахустин давраи истифодаи он як мафҳуми форсӣ буда, маводи он аз «адаб» дар паҳлавӣ гирифта шудааст. Пас ҳеҷ дур нест, ки лафзи он ҳам, монанди мафҳумаш аз забони паҳлавӣ ба арабӣ роҳ ёфта бошад. Ин мавзуъ аз ҳар ҷиҳат бояд мавриди таҳқиқ ва мутолиаи бештари донишмандони забоншинос воқеъ шавад.

Ибни Муқаффаъ ба ғайр аз он чӣ тарҷума кард, асарҳои мустақиле ҳам дар мавзуи адаб ва ахлоқ аз худ ба ҷой гузоштааст, аз ҷумла, китобҳои «Ал-Адаб-ул-кабир», «Ал-Адаб-ус-сағир» ва «Ал-Ятима» ва ин китобҳо бо ин вазъ ва сабк дар адаби араб собиқа надоштааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Ибни Муқаффаъ дар охирҳои асри Уммавӣ ва аввали асри Аббосӣ мезист. Ӯ китобҳое таълиф кардааст, ки аз нахустин осори дар ин ришта ба забони арабӣ таълифшуда ба шумор мераванд, ки ва то замони мо омада расидаанд. Аз хусусиятҳои хосси ин китобҳо дар он ҳувайдо мешавад, ки аз ҷиҳати услуб ва сабки таълиф ва матолиби мундариҷа ба ҳеҷ як аз муаллифони адаби араб монандие надоранд. Зеро Ибни Муқаффаъ зимни таснифи онҳо ба ривоятҳо ва ашъори араб, ки маъмули дигар муаллифони исломӣ аст, ба калимаҳо ва аҳодиси бузургони араб таваҷҷуҳе надодааст.

Яке аз нависандагони муосири араб Халили Мардумбек китобҳои Ибни Муқаффаъро чунин васф кардааст: «Адаби Ибни Муқаффаъ ҳарчанд аз ҷиҳати лафз ва таркиб арабии возеҳ аст, лекин дар вазъ ва таълифи матолиб эронӣ аст» [33]. Ӯ таъкид мекунад, ки вай ҳеҷ гоҳ ба шеъри араб ва амсоли арабӣ истинод намекунад ва ба ахбори онҳо ишора наменамояд ва ин мухолифи тариқае аст, ки оммаи нависандагони араб, монанди Ҷоҳиз ва амсоли ӯ ба он пайравӣ кардаанд. Ибни Муқаффаъ аз ин ҷиҳат ё мутарҷим аз форсӣ аст, ё мазмунҳои интишоргаштаро гирифта ва ё тамоми ин матолибро аз ақли худ берун овардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Ибни Надим дар «Ал-Феҳрист» [15] дар ҷузъи номгӯйи китобҳои Ибни Муқаффаъ китобҳоеро ба номи «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир» ном мебарад. Рисолаҳои мазкур аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шуда, чанд маротиба дар Миср ва Бейрут рӯйи чоп омадаанд. Аз ҷумла, соли 1330/1912 тавассути Аҳмад Закӣ Пошо [13] дар Қоҳира ба табъ расонида шуданд. Баъдан соли 1960 «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир» ва «Рисолат-ус-саҳоба» дар як маҷмуа бо муқаддимаи ҷомеи Абуҳалқа ба чоп расид. Инчунин, Шакиб Арслон дар Қоҳира ва Муҳаммад Курд Алӣ зимни «Расоил-ул-булағо» [23], дар саҳифаҳои 55-92 онҳоро чоп кардааст. Ҷоизи зикр аст, ки Герлоф ван Влотен «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир»-ро ба забони ҳолландӣ тарҷума ва нашр кардааст. Дар баробари ин, дастуре ба забони фаронсавӣ перомуни ин рисолаҳо ба чоп расидааст. Гузашта аз ин, Герхард Рихтери олмонӣ «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир»-ро ба забони олмонӣ тарҷума ва нашр кардааст. Асарҳои мазкур борҳо ба забони форсӣ низ тарҷума шудаанд.

Аз ҷумла, Забеҳуллоҳ Беҳрӯз ба номи «Ойини бузургӣ» [25] тарҷумаи шевое ба форсӣ карда, ҷо ба ҷо ашъоре низ ғунҷонидааст. Нусхаи хаттии ин китоб бо номи «Иззат-ул-албоб ва захират-ул-иктисоб» [20], ки гӯё ба қалами Муҳйиддин ибни Арабӣ, мутаваффӣ дар соли 638/1241 тааллуқ дошта бошад, дар китобхонаи миллии Порис вуҷуд дорад. Вобаста ба ин, Карл Броккелман дар он андеша аст, ки ин китоб мухтасари китоби «Ад-Дуррат-ул-ятима»-и Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ мебошад. Китоб аз 12 боб иборат буда, муаллиф дар муқаддимаи он баён медорад, ки дар ин ҷо хулосаи фишурдаи китоби «Ат-Татимма» пешниҳод гардидааст. Бояд таъкид дошт, ки дар навбати худ, он хулосаи китоби «Ад-Дуррат-ул-ятима» мебошад [8].

Абдуллатиф Ҳамза мегӯяд, ки Ибни Муқаффаъ дар китобҳои «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир» дар чеҳраи як муаллими ахлоқ зоҳир мешавад ва нукоти ахлоқиро шарҳ медиҳад [2].

Аз дидгоҳи Ибни Муқаффаъ ахлоқ ба ақл пайвастагии зич дошта, хирад аст, ки зиштӣ ва зебоиро пок месозад. Ибни Муқаффаъ дар бисёре аз маворид ҳамчун мутарҷим бисёре аз амсол ва ҳикматҳои форсиро бо дақиқназарӣ нақл мекунад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар номгузории «Ал-Адаб-ул-кабир» ихтилофоти зиёде ба мушоҳида мерасад**.** Муҳаққиқон онро бо номҳои гуногун дарҷ намуда, дар баъзе ҳолатҳо онро бо «Ал-Ятима» омехта мекунанд. Аз ҷумла, Муҳаммад Ҳасан Ноил Ал-Марсафӣ аз ин қазия дуртар рафта, мегӯянд, ки ин ихтилоф дар номгузорӣ аз тарафи Ибни Муқаффаъ сурат нагирифта, балки нависандагони мутааххир онро чунин номгузорӣ намудаанд. Донишманди мавсуф онро ба номи «ал-Ҳикмат-ул-маданийя» [14] чоп кардааст. Аммо дар баробари ин, далелҳое вуҷуд доранд, ки ихтилоф ва ду гуна будани «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Ятима»-ро собит мекунанд:

1) аз муаллифони қадим ягон нафар чунин матлаберо ёд накардааст, балки дар қадимтарин асноде, ки доир ба аҳволу осори Ибни Муқаффаъ дар даст аст, монанди «Ал-Феҳрист»-и Ибни Надим ва «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба, ин ду китоб ҳарду ҷудогона ҷузъи нигоришҳои Ибни Муқаффаъ қайд шудаанд. Ибни Қутайба дар як ҷо мегӯяд: «Дар китоби «Ал-Ятима» хондам» ва дар маҳалли дигар мегӯяд: «Дар китоби «Ал-Одоб» хондам» [1, с. 57; 16, с. 20-21, 22];

2) Саолибӣ дар «Симор-ул-қулуб» [7], муаллифи «Тоҷ-ул-арус» [22] дар моддаи «қафаъ» аз китоби «Ал-Ятима» боберо бо исму расм нақл мекунанд, ки дар китоби «Ал-Адаб-ул-кабир» мавҷуд нест;

3) Он чиро, ки Ибни Қутайба дар «Уюн-ул-ахбор» [16] аз одоб нақл кардааст, айнан ҳамон дар «Ал-Адаб-ул-кабир»-и феълӣ мавҷуд аст;

4) Ал-Боқилонӣ дар «Эъҷоз-ул-Қуръон» [3] менависад: “Иддае мегӯянд, ки Ибни Муқаффаъ бо Қуръон муораза карда ва «Ал-Ятима»-ро мисол мезанад ва мегӯяд он ду китоб аст, яке шомили ҳукм ва амсолу пандҳое аст, ки дар ҳар қавме вуҷуд дорад ва дигар дар чизе аз мазоҳиб.

Аҳмад Амин дар дунболи сухани Ал-Боқилонӣ мегӯяд: «Ятима»-е, ки феълан дастрас аст, мо фусуле аз дин ва мазҳаб дар он намебинем, пас беҳтар он аст, ки гуфта шавад, ки китоби феълӣ «Ал-Адаб-ул-кабир» аст, ки ба иштибоҳ номи «Ад-Дуррат-ул-ятима» рӯйи он гузоридаанд [5]. Зимнан бояд гуфт, ки гуфтори Аҳмад Амин ҳам равшан нест, зеро «Ятима»-е, ки Ибни Тайфур дар «Ал-Манзум ва-л-мансур ал-мазнум ва-л-маншур» [4], ки ҷузъи «Рисолат-ул-булағо» мебошад, дар саҳифаи 116–118 чоп намудааст. Аз китоби «Ятима» нақл мекунад ва менависад, ки аз модарони китобҳои балоғат аст ва гумшуда ва шояд манзураш аз «Ятима» рисолаи «Ятимат-ус-султон» мансуб ба Ибни Муқаффаъ аст, ки дар «Расоил-ул-булағо» омадааст. Бинобар ин, бояд яқин ҳосил намуд, ки тамоми он чиро, ки Ибни Муқаффаъ ба номи «Ятима» навиштааст, имрӯз дар даст нест ва нусхаи он монанди бисёре аз ганҷинаҳои адабӣ аз байн рафтааст.

Дар бораи номи «Ал-Адаб-ул-кабир» дар ин ки «Ал-Адаб» бояд ҷамъ ё муфрад бошад, низ ихтилоф аст. Дар «Ал-Феҳрист» он ба шумораи ҷамъ оварда шуда, «Ал-Одоб-ул-кабир» зикр шудааст. Ибни Қутайба дар «Уюн-ул-ахбор» ва Абуалии Мискавайҳ дар «Ҷовидонхирад» [6] онро дар шумораи ҷамъ овардаанд. Ибни Соиди Андалусӣ дар «Табақот-ул-умам» [27] менависад, ки Ибни Муқаффаъ китобҳои муфид ва созандае, аз ҷумла, рисолаи «Ал-Адаб ва-с-сиёса» дорад.

Иллати шуҳрати он ба шумораи танҳо чӣ будааст, дуруст маълум нест. Баъзе донишмандон бар ин ақидаанд, ки шояд ба сабаби он ки Аҳмад Закӣ «Ал-Адаб-ус-сағир»-и Ибни Муқаффаъро соли 1330/1912 дар Қоҳира чоп кард, хост аз лиҳози вазн ҳардуи ин рисолаҳо бо ҳам баробар бошанд, маҳз ба ҳамин хотир онҳоро ба сиғаи муфрад овард. Дар пайвастагӣ ба ин, ҷавоби саволи муқаддар, ки «Ал-адаб», ки сифати «Одоб» аст, бояд ҷинси занона бошад, то сифат ва мавсуф аз лиҳози шумораи танҳо, ҷамъ ва занонаву мардона мутобиқат дошта бошанд, ин аст, ки «Ал-адаб» ва «Ас-сағир» васфи адаб нестанд, балки сифати «Ал-Китоб» мебошанд. Чунончи, нависандагони гузашта низ дар ин қабил мавридҳо ба кор бурдаанд, монанди «Ат-Табақот-ул-кабир»-и Ибни Саъд ё «Ас-Сияр-ул-кабир»-и Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ «Ал-Фавз-ул-кабир», «Ал-Фавз-ус-сағир»-и Ибни Мискавайҳ, ки «Сағир» ва «Кабир»-и ӯ соф китоби мафҳум мебошад.

Аз ҷиҳати сохтору муҳтаво «Ал-Адаб-ул-кабир» шомили дебоча ва чор мақола аст:

1. Гуфтори нахуст дар он ҷо шоҳонро бояд.
2. Гуфтори дуюм дар он ҷо кордорони шоҳон ва дарбориёнро бояд.
3. Гуфтори сеюм дар дӯстӣ ва ҳамнишинӣ.

4. Гуфтори чорум дар андарзе чанд.

Барои мисол, Ибни Муқаффаъ дар бораи гузаштагони худ чунин таъкид менамояд: «Ниёкони мо андоми зебо ва тандуруст, муншии неку ва воло доштанд, чун аз мо нерумандтар буданд, кор ва озмоиши ҷаҳон беҳтар ва бештар мекарданд» [25, с. 5-6].

Ӯ қайд мекунад, ки гузаштагони мо дар пояи дину дониш аз дигарон бартару зимомдорияшон мояи саодату комронӣ будааст. Ҳеҷ гоҳ донишу ҳунар аз кас дареғ намедоштанд, ҳарчи медонистанд ба мардум мегуфтанду меомӯхтанд ва ҳам менавиштанду ба ояндагон месупориданд. Чӣ номаҳои гаронбаҳое, ки навиштанд ва басо андарзҳои судманд, ки ба ёдгорон ниҳоданду рафтанд ва моро аз озмоиши дигарбора бениёз сохтанд. Чандон дар ин роҳу равиш кӯшиш раво доштанд, ки агар касе аз эшон чизе дарёфтӣ ва ё ба дарӣ аз дониш расидӣ ва дар биёбоне будӣ, аз тарси он ки мабодо аз ёд равад ва ояндагон аз он огоҳ нагарданд, дарёфтаро бар сангҳо навиштӣ ва тухми дониш дар вайронаҳо киштӣ, ба ростӣ ниёконро меҳрубони падароне метавон гуфт, ки ҳамеша дар панду андешаи фарзандон бошанд ва дар рӯзи сахтӣ онҳоро андӯхта гузоранду раванд.

Асар шомили нуктаҳои ахлоқӣ буда, мураттаб ва муназзам навишта шудааст, услуби иншои он хитобӣ ва таълимдиҳанда ва аз амсолу ҳикам холӣ аст ва чун дар он равиши мантиқӣ риоят нашуда, ҷумлаҳо ва ибораҳои он аз «Ал-Адаб-ус-сағир» осонтар ба назар мерасад.

«Ал-Адаб-ул-кабир» асари калонҳаҷм буда, аз ду бахш иборат аст. Қисми якуми он ба сифати дастур ва панднома ба ҳокимон ва аҳли дарбори онҳо хизмат мекард. Қисми дуюми онро муаллиф ба масъалаи дӯстӣ ва тарзу усули муносибат ва рафтор бо дӯстон бахшидааст. Ибни Муқаффаъ дар сарсухани китоб дорои донишу таҷрибаи бузург будани пешиниёнро таъкид намуда, нақши онҳоро дар андӯхтан ва ба наслҳои минбаъда боқӣ гузоштани илму маърифат бо ишора ба шеъри маъруфи Рӯдакӣ ёдрас кардааст. Бахусус, ӯ қайд мекунад, ки диққати пешиниёни мо ба омӯзиши илму дониш ба ҳадде расида буд, ки ҳар гоҳ даре аз илм ба онҳо кушода мешуд, ё сухани дурусти ҳакимонае мешуниданд, онро бар сахраҳо ва сангҳо менигоштанд, то аз миён наравад ва ба ояндагон ба ёдгор бимонад [10].

Ибни Муқаффаъ баён кардааст, ки дар миёни донишҳои қадимиён ҳикмату андарзҳои хуб низ ба мо омада расидааст ва бархе аз бобҳои онро дар ин китобаш дарҷ намудааст, то мавриди истифодаи мардум қарор гирад. Ба андешаи олими тоҷик Низомиддин Зоҳидӣ ақидаи Ибни Муқаффаъ аз донишу ҳикмати қадимиён ба ҷуз аз андӯхтаҳои ахлоқиву маънавии мардуми Эронзамин чизе дигар буданаш аз эҳтимол дур аст, зеро худи ӯ дастпарвари ҳамин ахлоқу маънавиёт буд ва ба он дилбастагиву эътиқоди холис дошт [18, с. 340].

Панду андарзҳои қисми якуми «Ал-Адаб-ул-кабир», чуноне ки гуфта шуд, масъалаҳои, ки ҳокимият таълуқ дошт, шахси ҳоким ва ҳамнишинони ӯ ихтисос ёфтааст. Дар ин қисм муаллиф аввал доир ба одобу ахлоқи ҳоким ва он чӣ барозандаи ӯ бошад, баҳс мекунад. Андешаҳои ӯро дар ин хусус метавон ба таври кӯтоҳ чунин баён намуд:

1. Такя бар мутафаккирон дар умури ҳукумат. Ҳоким бояд дар умури ҳукумат бо мутафаккирон рӯй оварад. Мутафаккирон ва мардони некному накӯкор дар миёни ҳар қавму миллат ва дар ҳар шаҳру деҳот мавҷуданд ва онҳо бояд ёрдамчӣ ва дӯсти ҳоким бошанд, то бо машварат ва суханони муфиди худ ҳокимро ба хайрхоҳиву накукорӣ роҳнамои кунад ва аз иқдомоти нодуруст ӯро барҳазар доранд. Ҳоким бояд дар баробари шунидани насиҳату андарзҳои онон таҳаммул ва шикебоӣ зоҳир кунад ва ба чашидани суханони талхи онҳо одат кунад. Айниҳол ӯ роҳи андарзгӯйӣ ва сарзаниши худро ба ғайр аз пирони солеҳ ва соҳибфикрони ҷавонмард ба дигарон бознагузорад.

2. Дури аз мадҳу ситоиш. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба ҳокими замон дастур медиҳад, ки аз майл ба мадҳу ситоиш дурӣ кунад. Ба ақидаи муаллифи насиҳатдеҳ, «шахсе, ки мадҳу ситоишро қабул мекунад, монанди касе аст, ки худро мадҳ мекунад. Агар шахс хоҳад, ки ӯро мадҳ кунанд, бояд мадҳу ситоишро қабул кунад, зеро радкунандаи мадҳ худ мавриди ситоиш аст ва қабулкунандаи он мавриди сарзаниш қарор мегирад» [10].

3. Дастёбӣ ба ризогиву хушнудии мардум. Ҳоким набояд аз пайи хушнудиву розигии ҳамаи мардум бошад, зеро ин чизест, ки бад-он вақт даст нахоҳад ёфт. Аз ин сабаб, ӯ бояд розигии мардуми накӯкору соҳибхирадро ба даст оварад ва ба розигии мардуми ҷафокор, гумроҳ ва нодон ниёз надошта бошад.

4. Хислат ва рафторҳои шоистаи ҳоким. Дар муқоиса бо «Ал-Адаб-ус-сағир», ки ба оммаи васеи хонандагон тавсия дода шудааст, «Ал-Адаб-ул-кабир» барои панди шоҳону шоҳзодагон, ворисони онҳо ва дарбориёну ашхоси баландмартабаи дарбор пешбинӣ

гардидааст [32, с. 346]. Дар он махсусан таваҷҷуҳи зиёд ба рафтор ва тарзи зиндагии сардори давлат ва муносибати ӯ ба зердастон равона гардидааст. Дар «Ал-Адаб-ул-кабир» ба олими машвартчии ҳоким ҷойи махсус дода мешавад. Чунки ба ҳокимон ҷӯшу хурӯши ҷавонон хос мебошад, танҳо ҳакими доно метавонад онҳоро аз кадамҳои хато боздорад. Ҳаким бояд ҳокимро бо сухан тарбия намояд, ӯро ба хирадмандӣ роҳнамоӣ намояд, бо далелҳои оқилона амалҳои ноодилонаи ӯро пешгирӣ кунад. Сухани олимони ҳаким бояд барои ҳокимон ҳатмӣ бошад, то ки онҳо ситамгар нашаванд. Олимон – ин табибоне мебошанд, ки бояд рухи ҳокимонро аз бемориҳои шуҳратпарастӣ, ҳокимиятдӯстдорӣ ва бераҳмӣ, ҳарисӣ ва муҳаббат ба зӯроварӣ табобат кунанд. Онҳо бояд дар ҳокимон хислатҳои олиҳиммативӣ ва ҷавонмардиро тарбия намоянд. Ҳоким зери таъсири онҳо бояд ба эҳтиёҷоти зердастон ботаваҷҷуҳ бошад ва барои онҳо қонунҳои одилонаро муқаррар намояд.

Ҳокимро ҷоиз аст, ки аз амалҳои бузурги хеш даст накашад, ки обурӯяш паст хоҳад шуд ва ба амалҳои хурд саргарм нашавад, ки корҳои бузург нобасомон хоҳад монд. Ҳоким бояд дар ҷазои некӣ ва сазои бадӣ ҳеҷ гоҳ шитоб накунад, зеро чунин равиш дар давоми тарси гунаҳкор ва умедвории накӯкор бисёр таъсиррасон аст.

5. Дурӣ гузидан аз ахлоқи ношоиста. Барои ҳоким Ибни Муқаффаъ чунин шартҳоро пешниҳод мекунад: ӯ набояд зуд хашмгин шавад, зеро бе ин ҳам пуркувватар аз ӯ касе нест; дурӯғ бояд нагӯяд, зеро ҳеҷкас ба ӯ эрод нахоҳад гирифт; набояд хасисӣ кунад, зеро сарвату манзалаташ бештар ва болотар аз дигарон аст; набояд ҳамеша қасам хӯрад, бе ин ҳам гуфтораш мавриди қабул хоҳад буд.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар қисмати дуюми бахши якум як силсила масъалаҳоеро, ки ба одоби муошират ва гуфтугӯ бо ҳокимон ва ойини дарбори онҳо рабт дорад, баррасӣ кардааст. Аз ҷумла, ӯ қайд кардааст, ки зердастон ва раият ба ҳоким бояд итоат кунанд, аммо дар баробари ин, аз тамаллуқ ва чоплусӣ назди ӯ барҳазар бошанд. Нависанда зиён ва хатарҳои ҳамнишиниро бо ҳокимону шоҳон баршумурда, ба вазир ва шахсони наздики дарбор як идда пешниҳоду дастурҳои ахлоқиро пешкаш кардааст, ки онҳо аз инҳо иборатанд: дур шудан аз подшоҳе, ки хайру салоҳи халқи худро намехоҳад; доим дасти ниёз дароз накардан ба ҳоким; назди подшоҳ аз густохиҳо ва баёни костагиҳои ӯ дурӣ кардан; парҳез кардан аз шахсе, ки ҳоким ӯро аз худ дур кардааст; дурӣ кардан аз дурӯғгӯйӣ; посух надодан ба саволе, ки аз дигар кас пурсида шудааст; талош накардан бар он ки ҳамнишинони дигарро бо роҳи бадгӯйӣ аз подшоҳ дур намоӣ; зарурати пӯшида нигаҳ доштани раъйу сири ҳоким; зарурати фиреб нахурдан ба мол, қудрат, мақому ҷавонӣ ва ғайра.

Бино ба таъкиди донишманди тоҷик Н. Зоҳидӣ дар «Ал-Адаб-ул-кабир» ба масъалаи вазир ва маслиҳатгари донои ҳокимону подшоҳон, муаллиф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ба андешаи ӯ, ҳоким ба вазирони донову донишмандони маслиҳатгар ниёз дорад. Вазифаи вазир далолати ислоҳу беҳбуди умури кишвар аст. Аз ин сабаб, ӯро мебояд, ки дар гуфтору рафтор ва кирдори худ бодиқат бояд бошад, то аз уҳдаи боздоштани ҳоким аз зулм, ситаму беадолатӣ ва корҳои нодуруст халос шуда тавонад [18, с. 341].

Қисми дуюми рисолаи «Ал-Адаб-ул-кабир» матолиби ахлоқиеро шомил аст, ки перомуни ахлоқи дӯстон, дӯстӣ ва одоби муошират муомилаи онҳо баҳс мекунад. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ гуфтааст, ки дӯст барои дӯст бояд ҷону молашро фидо кунад ва дар муошират бо ӯ ҷавонмардиро меъёри асосӣ қарор диҳад. Ҳар вақте ки ба сари дӯст пешомаде ногувор ояд, ӯро ба сарфи мол ва ҳамдардӣ бояд ёрӣ дод ва ин корҳоро миннат накард. Мартабаи дӯстиро Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ чунин баён кардааст: «Дӯсту рафиқ ғуломи ту нест, ки ҳар вақт хостӣ, ӯро озод кунӣ ё ҳамсарат нест, ки ҳар гоҳ ирода кардӣ, ӯро талоқ диҳӣ, балки дӯст ба манзалаи обрӯ ва ҷавонмардии туст ва ҷавонмардӣ ва обрӯи шахс ҳамоно дӯстон ва рафиқони ӯянд» [13]. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дар интихоби дӯст шартҳоеро пешкаш карда ва таъкид кардааст, ки агар дӯстат аз қабили мардони дин бошад, бояд фақеҳ бошад дур аз риёву озмандӣ ва агар аз қабили мардони дунё бошад, бояд марди озодае холӣ аз нодонӣ, дурӯғ, бадкирдорӣ ва зишкорӣ бошад.

Ибни Муқаффаъ дар баробари баёни сифатҳои накӯ ва хислату рафторҳои писандидаи дӯст аз рафтору кирдор ва ахлоқи накӯҳидаи душман сухан ба миён оварда ва роҳои эмин будан аз дасти ӯро баён кардааст. Муаллиф дар охири рисола симои ахлоқиву маънавии рафиқеро аз дӯстони худ тасвир намудааст, ки он моҳиятан масали аълои дӯст аз назари Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва як навъ ҷамъбасти ақоиди ахлоқии ӯ дар боби дӯстӣ мебошад.

Тавре ки намоён аст, ин ҳардуи ин рисолаҳои Ибни Муқаффаъ дар пайравӣ аз пандномаҳои сосонӣ ба миён омадааст. Худи муаллиф ишора мекунад, ки ӯ дар баёни матлаб ва мазмунҳои ахлоқӣ аз «дониши қадимиён», яъне аз сарчашмаҳои паҳлавӣ истифода кардааст, аммо онро ба хоҳишу салиқаи хонандагон ва талаботи идиявии муҳити ҷадиди

исломӣ мувофиқ гардонидааст. Аз муҳтавои шарҳи рисолаҳо низ пайдост, ки дар он дастурҳои ахлоқии мазҳабӣ ба назар намерасад ва матолибе, ки дарҷ шудааст, ҳамагӣ дар чаҳорчубаи ҳикмати амалӣ давр мезанад. Ҳам дар «Ал-Адаб-ул-кабир» ва ҳам дар «Ал-Адаб-ус-сағир» масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ ба таври муҳокимаронаиҳои муҷарради ҳакимона баён шудаанд. Ё ба суханони дигар, муаллиф зимни талқини сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ аз овардани қиссаву масалаҳо, ки хосси шеваи баёни китобҳои ахлоқии ҳиндиасл, аз ҷумла «Калила ва Димна» аст, худдорӣ карда, аз ҷиҳати услуби нигориш низ ба пандномаҳои паҳлавӣ пайравӣ кардааст.

Аз баррасии мавзуи мавриди назар метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки рисолаҳои «Ал-Адаб-ус-сағир» ва «Ал-Адаб-ул-кабир» ду асари ҷудогонаи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ мебошанд, ки андешаҳои ӯро дар бораи ахлоқ ва рафтори инсонӣ инъикос мекунанд. Андешаҳои хешро метавонем бо нукоти зерин ҷамъбаст намоем:

1. «Ал-Адаб-ул-кабир» дарсҳои амиқтареро дар ахлоқ ва барҳӯрд бо мардум ба таври куллӣ пешниҳод менамояд, зеро он нишон медиҳад, ки муҳаббат ва эҳтиром ба дигарон далели эҳтироми худи шахс аст. Нависанда ҳушдор медиҳад, ки пул наметавонад манбаи хушбахтии воқеӣ бошад, балки хушбахтӣ дар арзишҳо ва принсипҳои нек нуҳуфта аст. Ин китоб мафҳуми ростқавлӣ ва ростгӯйиро тарғиб намуда, ба парҳез аз лофзанӣ ва такаббурӣ тавсия медиҳад ва нишон медиҳад, ки фазилати ҳақиқӣ тавассути амалҳои нек ва нияти пок зоҳир мегардад. Ҳамчунин муаллифи рисола ба аҳаммияти поквиҷдонӣ ва риёкорӣ накардан ва муомилаи боинсофона ва боэҳтиромона бо мардум таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид мекунад, ки ахлоқи нек бо амалу нияти пок, на бо зоҳир ва пул, бунёд мешавад.

2. Ҳарду рисолаҳои ахлоқии Ибни Муқаффаъ – «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир» ба жанри «пандномаҳо» дар адабиёти навини тоҷику форс асос гузоштаанд, ки намунаи бузургтарини онҳо минбаъд «Қобуснома» ва «Сиёсатнома» маҳсуб мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки дар онҳо аз забони арабӣ танҳо ҳамчун забони баён истифода гардидааст [17, с. 252-253].

3. Рисолаҳои «Ал-Адаб-ул-кабир» ва «Ал-Адаб-ус-сағир»-и Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ китобҳои дорои арзиш ва фоидаи бузурге мебошанд, ки нависанда дар онҳо назари хирадмандонаи хешро ба тамоми ҷанбаҳои зиндагии инсонҳо, муомилаю ахлоқ, адабиёт, ризқу рӯзӣ, рӯзгор ва андешаҳои ӯ равона месозад. Баъдан ба корҳои нек ва ахлоқи нек мепардозад ва бо ормонҳои дурандешона ҳаваси афроди шуҳратпарастро қувват медиҳад ва дар ҳар кори тозае, ки инсон ба даст меорад ва дар ҳар сухане, ки мегӯяд, ба некӯкорӣ, парҳезгорӣ ва сабру тоқат ташвиқ мекунад.

Ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ дар интиқоли мусофирон дар солҳои охир чунин будааст: 97,9 миллион мусофир бо нақлиёти автомобилӣ барои истифодаи умум (34,9%), 49,8 миллион мусофир бо нақлиёти идораҳо (8,6%) ва 320,4 миллион мусофир бо нақлиёти автомобилӣ, ки ба соҳибкорони хусусӣ тааллуқ доранд (56,5%) интиқол ёфтаанд. Аз рӯи гардиши мусофирон, мутаносибан 5 715,1 миллион мусофир/км (55,2%), 724,7 миллион мусофир/км (7%) ва 3 913,6 миллион мусофир/км (37,8%) ба нақлиёти автомобилӣ барои истифодаи умум, идораҳо ва соҳибкори хусусӣ рост меоянд [2, с. 92].

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки нақлиёти автомобилӣ, махсусан дар бахши хусусӣ, як унсури асосии рушд ва муваффақият дар соҳаи нақлиёти Тоҷикистон гардида, афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт ва таъсири он ба ҳаҷми интиқоли бор ва мусофирон, ки бо рушди иқтисодии кишвар ва беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ алоқаманд мебошад марҳила ба марҳила рушд намуда истодааст.

Ҳамчунин, афзоиши ҳиссаи нақлиёт дар ММД ва таъсири он дар соҳаи нақлиёт, ки шумораи коргарон дар соҳа ба се маротиба зиёд шудааст, як нишонаи дигари аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доштани соҳа мебошад. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои пешрафта ва аъзоёни ИДМ барои рушди соҳаи нақлиёт самти дурустро интихоб намудааст.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар ва мутобиқшавии стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт, масъулини соҳаро вазифадор месозад, ки ба пешбурди технологияи муосир дар инфраструктура ва нақлиёт дар кишвар диққати бештар диҳад. Масалан, истифодаи нақлиёти баркӣ ё ғайриоксидшаванда ва беҳтар намудани тартиби интиқоли бор

ва мусофирон метавонад ба таъмини устувории рушд ва коҳиш додани зараи нақлиёт ба муҳити зист мусоидат намояд.

Дар ин давра асосҳои қонунгузории соҳаи нақлиёт дар Тоҷикистон таҳкими ҷиддӣ ёфт. Бо қабули қонунҳо ва қарорҳои дахлдор, мақоми ҳуқуқии корхонаҳои нақлиётии хусусӣ дар кишвар муътадил ва ба расмият даромад. Масалан, қонуни "Дар бораи фаъолияти нақлиётӣ-экспедитсионӣ" аз 3 марти соли 2006, №165, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2009, №696 ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҳамчун манбаи асосӣ барои пешбурди фаъолияти нақлиёти автомобилӣ ва нақши он дар иқтисодиёти кишвар хизмат мекунанд. Ин қонунҳо ва қарорҳо муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ, интиқолдиҳандагон ва соҳибони корхонаҳои нақлиётиро ба танзим медарорад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас дар соҳаи нақлиёт, Тоҷикистон бо як қатор мушкилотҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки метавонанд ба фаъолияти муътадили корхонаҳои нақлиётӣ таъсири манфӣ расонанд. Мушкилии асосӣ дар болоравии доимии нархи қисмҳои эҳтиётӣ, мошинҳо, маводи сӯзишворӣ, сифати пасти роҳҳо ва монеаҳои дохилӣ аст, ки барои рушди соҳа ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ монеа эҷод мекунанд. Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон 28 намуди пардохтҳои гуногун мавҷуд аст, ки дар муқоиса бо кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки 19 намуди пардохт ва кишварҳои пешрафта бо 11 намуди пардохт доранд, ин нишондиҳанда нисбатан баланд мебошад. Пардохтҳои умумии андоз дар Тоҷикистон 81,8 фоизро ташкил медиҳанд, ки ин барои порсолиш ва фоизи умумии пардохтҳо дар дигар кишварҳои минтақа хеле баланд аст [2, с. 95].

Ин омилҳо сабаби коҳиш ёфтани фоида, норасоии маблағҳои гардишӣ ва дар ниҳоят, паст рафтани сифати хизматрасонии нақлиётӣ мегарданд. Ба ҳамин монанд, бисёре аз корхонаҳои нақлиётӣ ба хизматрасонии техникӣ, таъмири мошинҳо ё иҷора додани иншооти истеҳсолӣ ва воситаҳои нақлиёт рӯ меоранд.

Бо вуҷуди ин, барои рушди соҳа ва иқтисоди кишвар муҳим аст, ки инфрасохтори нақлиётӣ дар тамоми минтақаҳо, хусусан дар Водии Ҳисор ва Зарафшон бо истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолӣ эҳё ва такмил дода шавад. Ҳукумати Тоҷикистон бо амалӣ кардани лоиҳаҳои муҳим, кӯшиш дорад, ки барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва беҳбудии шароити иқтисодӣ мусоидат намояд.

Яке аз лоиҳаҳои муҳиме, ки дар самти рушди инфрасохтори нақлиёт дар Тоҷикистон амалӣ гардид, ин таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода-сарҳади Узбекистон ба ҳисоб меравад. Ин шоҳроҳ барои минтақаи водии Ҳисор хеле муҳим буда, бо мақсади беҳтар кардани шароити роҳ ва имконоти транзитӣ таҳия карда шудааст. Лоиҳаи мазкур соли 1992 оғоз ёфт, вале бо сабабҳои гуногун иҷрои он ба таъхир гузошта шуд. Сипас, барои таҳияи лоиҳаи нав, ки бо мақсади баланд бардоштани шароити транзит ва роҳсозӣ таҳия гардид, тадбирҳои зарурӣ андешида шуд.

Тибқи лоиҳаи пешбинишуда роҳи мазкур ба панҷ қисмат тақсим шудааст:

1. аз самти муҷассамаи Ибни Сино то дарвозаи Ғарбии шаҳри Душанбе (4,5 км);
2. аз самти дарвозаи Ғарбӣ то шохаи Ҳисор (14 км);
3. аз сати шохаи Ҳисор то Шаҳринав (21 км);
4. аз самти Шаҳринав то Турсунзода (12 км);
5. аз самти Турсунзода то сарҳади Узбекистон (10 км).

Вазорати нақлиёти Тоҷикистон соли 2011 вобаста ба роҳи мазкур тендери сохтмонӣ гузаронид, ки дар он зиёда аз 40 ширкати сохтмонӣ ширкат варзиданд. Ширкати "China Road" аз кишвари Чин бо пешниҳоди шартҳои муносиб ғолиби тендер гардид ва ҳамчун пудратчии генералии лоиҳа таъин шуд. Ҳамчунин, ширкати "Smec International" аз Зеландияи Нав дар мақоми мушовири лоиҳа ҷалб карда шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд, гранти 120 миллион доллари ИМА барои амалӣ кардани лоиҳа ба имзо расонд, ки дар маҷмӯъ 186 миллион доллари ИМА арзиш дошт.

Лоиҳаи таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода бо аҳамияти бузург барои транзити нақлиёт ва болоравии муомилаҳои иқтисодӣ дар минтақа, хусусан дар минтақаи "Дусти", ки ҳар сол беш аз 50 000 мошин аз он мегузарад, пешниҳод шуд. Бо анҷом ёфтани ин лоиҳа, на танҳо шароити роҳ беҳтар гардид, балки имконот барои муомилаҳои иқтисодӣ ва транзит афзоиш ёфт.

Марҳилаи аввали лоиҳа бо сохтмони қитъаи 4,6 км аз шафати бинои “Барқи тоҷик” то дарвозаи ғарбии Душанбе анҷом ёфт, ки намунаи кӯшишҳои ҳукумат барои беҳтар кардани инфрасохтор ва рушди соҳаи нақлиёт мебошад. Ин қитъа, ки ба категорияи 1-уми роҳҳои баландсифат сохта шуд, ки дар кам кардани мушкилоти ҳаракати нақлиёт дар шаҳри Душанбе ва роҳандозии беҳтарии логистикаи ширкатҳои байналмилалӣ нақши муҳим дошт.

Дар ҷараёни татбиқи лоиҳа зиёда аз 215 адад техникаи роҳсозӣ ва 982 коргар ва мутахассисон ҷал гардиданд, ки аз онҳо 566 нафари онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон буданд. Дар баробари корҳои роҳсозӣ, 9 пули мошингузар ва 213 иншооти обкашӣ сохта ва таҷдид гардиданд.

5 уми июни соли 2012 дар шаҳри Пекин миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Экс имбонки Чин Созишномаи қарзи имтиёзнок оид ба маблағгузории лоиҳаи таҷдиди қисмати сеюми марҳилаи аввали роҳи автомобилгарди Душанбе - Кӯлоб – Хоруғ – Кулма ба имзо расид, ки тибқи он ба Тоҷикистон 50,54 миллион доллари амрикоӣ ҷудо гардид ва тавассути дастрас намудани он маблағ корҳои зиёде дар ин самт ба сомон расид [7, с. 57].

Ба навсозии роҳи мошингарди Айнӣ-Панҷакент, ки аз шохаҳои Шоҳроҳи бостонии абрешим аст, 27 октябри соли 2012 оғоз намуда, масофаи шоҳроҳ 114 км буда, барои навсозии роҳ 650 миллион сомонӣ, ҷудо гардида, сохтмони он соли 2015 анҷом ёфта буд.Ба навсозии ин роҳи мошингард Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва муовини президенти Бонки осиёии рушд Сиаою Жао дар фазои тантанавӣ оғоз бахшиданд. Зимни шиносоӣ иттилоъ дода шуд, ки масофаи шоҳроҳ 114 км буда, дар доираи ин тадбир ҳамчунин қариб 60 км роҳҳои маҳаллии ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент аз нав сохта мешавад ва дар маҷмуъ ин масофа ба зиёда аз 170 км мерасад ва барои навсозии роҳ 650 миллион сомонӣ ҷудо гардида, корҳо бояд дар муҳлати ду-се сол ба анҷом расонда шаванд. Тибқи нақша паҳноии қисмати асосии роҳи нав аз 12 то 15 метр ва дар дохили шаҳри Панҷакент 20 метрро ташкил медиҳад. Ин лоиҳа ҳамчунин сохтмону навсозии 31 адад пулро ба масофаи қариб 900 метр ва чароғон намудани 41 километр роҳҳои маҳалҳои аҳолинишин ва хариди техникаву таҷҳизоти нигаҳдории роҳро ба маблағи 12 миллион сомонӣ дар назар дорад.

Дар маросими тантанавӣ, муовини президенти Бонки осиёии рушд Сиаою Жао иштирок ва суханронӣ намуда, изҳори боварӣ кард, ки ин қитъаи Шоҳроҳи бузурги абрешим дар сатҳи байналмилалӣ навсозӣ шуда, ба густариши робитаҳои нақлиётию транзитӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад [1].

Пудратчии генералии лоиҳа ширкати чинӣ “Сзянчан Бейсик”, масъулияти аслии татбиқи сохтмон ва таъмири роҳи Айнӣ – Панҷакентро бар уҳда дошт. Лоиҳаи таҷдиди роҳҳо ба маблағи 136 миллион доллар тасдиқ шуд, ки 100 миллион доллар аз он ба шакли грант аз Бонки Осиёии Рушд (АБР) ҷудо гардид. Ин маблағ барои сохтмони 113 километр роҳ ва 31 пули нав, инчунин таҷдиди роҳҳои мавҷуда сарф шуд. Таҷдиди ин шоҳроҳҳо ба беҳтаршавии шароити транзитӣ, афзоиши рақобатпазирӣ, дастрасии осон ба бозорҳо ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар минтақаи Зарафшон ва тамоми кишвар кӯмак мекунад.

Бо вуҷуди мушкилоти аслии роҳсозӣ ва талаботҳои баланд, ки бояд бо суръат ва сифати баланд амалӣ мешуд, ҳукумати кишвар бо баинобат гирифтани имконияти ҳамкориҳо бо ширкатҳои байналмилалӣ ва мутахассисон, ба татбиқи лоиҳа муваффақ гардид. Моҳи июни 2013 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари худ ба вилояти Суғд аз рафти корҳои сохтмонии роҳи Айнӣ – Панҷакент дидан намуда, барои суръат гирифтани корҳои сохтмонӣ ва мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ дастуру супоришҳои мушаххсад доданд.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа, ки дар октябри 2015 ба итмом расид на танҳо шароити ҳаракати нақлиёт дар дохили кишвар осон шуд, балки транзити байналмилалӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя, махсусан Ӯзбекистон, беҳтар гардид.

Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 дар заминаи стратегияи тараққиёти иқтисодӣ ва инфраструктураи нақлиётӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад. Мақсади аслӣ дар доираи ин барнома, мустаҳкам намудани иқтидори техникии КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” ва ташаккули низоми самараноки нақлиёт ва логистикаи бору мусофир дар кишвар ва минтақа мебошад. Ба хотири расидан ба ин мақсад, як қатор тадбирҳо барои рушди инфрасохтори роҳи оҳан, истифодаи вагони муосир, ва таъмини нақлиёти мусофирӣ ва боркашонӣ татбиқ шудаанд.

Барномаи мазкур бо мақсади такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва гузаргоҳҳои транзитӣ дар кишвар таҳия шудааст, ба яке аз омилҳои калидии такмили робитаҳои байналмилалӣ ва роҳсозии шоҳроҳҳои стратегӣ табдил ёфтааст. Ба назар мерасад, ки ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои дастгирии лоиҳаҳои роҳсозӣ ва таҷдиди инфраструктура бо мақсади таҳким ёфтани иқтисоди кишвар ва таъмини пайвастагии Тоҷикистон бо ҷодаҳои глобалӣ нақши муҳим дорад.

Айни замон, дар доираи барнома, барои барқарор кардани иқтидори техникии Роҳи оҳан ва таъмини талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ ба нақлиёти бору мусофир, 937 вагони нави боркаш ва мусофирбар харидорӣ ва ба истифода дода шудаанд. Аз ин миқдор, 769 вагони боркаш ва 168 вагони мусофирбар барои интиқоли молу маҳсулот ва мусофирон ба кор андохта шудаанд. Ин ивазкунӣ ва таҷдид дар ин соҳа, ба хусус дар соҳаи интиқоли бор, шароити мусоид барои боло бурдани ҳаҷми гардиши борҳо ва иҷрои нақшагиҳои иқтисодии кишвар фароҳам оварда аст.

Таҷҳизоти техникии муосир, ки аз кишварҳои пешрафта ворид гардидаанд, барои рушди инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон нақши калидӣ мебозанд. Техникаҳои муосири воридшуда на танҳо ба беҳтаршавии сифат ва суръати сохтмон мусоидат мекунанд, балки имконият медиҳад, ки ширкатҳои хусусии роҳсозӣ низ фаъол шуда, дар ҷараёни ташкили инфрасохтор нақши муҳим пайдо намоянд.

Дар ду даҳсолаи охир Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳро ба таҳсили мутахассисон дар соҳаи нақлиёт бештар намояд. Тавсеаи омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, авиатсия ва дигар бахшҳои муҳими соҳа талаби замон мебошад. Бо вуҷуди ин, зарурати таълим ва омодасозии кадрҳо, ки ба талаботи муосир мувофиқат кунанд, ҳамчунон як масъалаи асосӣ боқӣ мемонад. Аз як тараф, таъсиси факултетҳои нақлиётӣ ва таълимоти мутобиқ дар ДТТ ба номи М.Осимӣ ба соҳаҳои ҳавоӣ ва роҳи оҳан дар кишвар дар марҳилаи оғоз мебошад. Ин мушкилот, ки бо рушд ва модернизатсияи инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар рабт дошта, б бо таҳияи барномаҳои таълимии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва омодасозии мутахассисон барои иҷрои вазифаҳо дар соҳаҳои гуногун мусоидат менамояд.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №471 аз 1-уми сентябри соли 2007 “Дар бораи ҳамроҳкунии Донишкадаи нақлиёти Тоҷикистон ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ” дар базаиба факултети менеҷмент ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои 1-440101 – “Ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ”, 1-440103 – “Ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти роҳи оҳан”, 1-440105-02 – “Ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти ҳавоӣ”, 1-700301-01А – “Сохтмони роҳҳо ва фурӯдгоҳҳо”, 1-700302-04 – “Сохтмони кӯпрукҳо ва нақбҳои нақлиётӣ”, 1-370205А – “Сохтмони роҳи оҳан, роҳ ва хоҷагии роҳҳо”, 1-260203-23 – “Логистика”, 1-270101-02А – “Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (нақлиёти автомобилӣ)”, 1-270101-03А – “Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (хоҷагии роҳ)”, 1-270101-07Б – “Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (нақлиёти авиатсионӣ)” омода мекунанд [6].

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки таъсиси Институти нақлиёти Тоҷикистон дар соли 2007 ва шомил шудани он ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ як қадами муҳими дигар буд. Ин дастоварди таҳсилотӣ дар соҳаи нақлиёт имкон фароҳам овард, ки кадрҳои баландихтисос ва боэҳтиёт ба талаботи замони муосир омода шаванд. Бо вуҷуди ин, ҷалби кадрҳои бештар ва баландихтисос дар соҳаҳо, ки ба таҷҳизот ва кӯшишҳои инфраструктурӣ вобастагӣ доранд, ҳанӯз як вазифаи муҳим барои ҳукумати кишвар боқӣ мемонад. Ҳамаи ин таҳаввулотҳо дар соҳаи нақлиёт барои таҳкими иқтисоди миллӣ, рушди робитаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва пайваст гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳҳои аҳаммияти байналмилалӣ кӯмак намуданд. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон пайваста ба таҳияи лоиҳаҳои нави инфрасохторӣ ва таъмини рушди соҳа давом медиҳад.

Адабиёт

1. *Айнулозода, Н. А. Марҳилаи муҳим дар самти сохтмон ва навсозии роҳҳои мошингарди Тоҷикистон / Н. А. Айнулозода // Вестник Педагогического университета. – 2024. – № 1 (108). – С. 202-207.*
2. *Гафурова Г. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости (1991-2016 гг.) - Дисс. канд. ист. наук. - Худжанд. 2018. Стр.90*
3. *Пресс-релиз роҷеъ ба фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2015. - [Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://vkh.tj/tg/main/view/1260/press-reliz-roje-ba-faoliyati-vazorati-korhoi-khorijii-tojikiston-dar-soli-2015*
4. *Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Машраб Файзулло: «Ҳаҷми даромади пулии аҳолии Тоҷикистон тули бист сол зиёда аз сӣ маротиба афзоиш ёфт» - [Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/08/raisi-kumitai-ma-lisi-namoyandagon-oid-ba-i-tisod-va-moliya-mashrab-fajzullo-a-mi-daromadi-pulii-a-olii-to-ikiston-t-li-bist-sol-ziyoda-az-s-marotiba-afzoish-yoft/.*
5. *Суханронии Пешвои миллат ба ифтихори 25 -солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -[Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://khovar.tj/2016/09/suhanronii-peshvoi-millat-ba-iftihori-25-solagii-isti-loliyati-davlatii-um-urii-to-ikiston/*
6. *Техническая эксплуатация воздушного и железнодорожного транспорта-[Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://web.ttu.tj/ru/department/22. Санаи мурочиат: 05.02.2025*
7. *Шарифзода А., Қосимӣ З. Фархундапай.Душанбе, 2014. - С. 57.*

ТАҲЛИЛИ РУШД ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Мақола ба баррасии таҳаввулоти солҳои охири соҳаи нақлиёт, инчунин ба масъалаҳои марбут ба бунёди роҳҳо, таҷдиди инфрасохтори мӯътамад ва муассир ва рушди нақлиёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар кишвар нигаронида шудааст. Аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳим, ки дар мақола дар бар гирифта шудаанд, омилҳои таъсиргузор ба рушди инфрасохтор, нақши барномаҳои давлатии стратегӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бо кишварҳои минтақа ва кӯшишҳои Тоҷикистон барои мувофиқ намудани нақлиёт ва истифодаи технологияҳои муосир мебошад. Ҳамчунин, мақола ба масъалаи фарогирии алоқаҳои нақлиётӣ ва муҳофизати муҳити зист таваҷҷуҳ мекунад, ки дар доираи ҳалли масъалаҳои экологӣ ва самаранокии нақлиётӣ ба як қисми муҳими сиёсатҳои давлатӣ табдил ёфтаанд. Дар мақола роҳҳои пешрафти инфрасохтор ва нақлиёти моддӣ баррасӣ шуда, муҳимияти ҷалби сармоягузориҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади таҷдиди роҳҳо, нақлиёт ва истгоҳҳо ва ҳамчунин таъмини рушди равандҳои мобилӣ ва мутобиқ сохтани онҳо бо талаботи ҷаҳони муосир дар ҷомеаи Тоҷикистон таъкид гардидаанд.

Калидвожаҳо: нақлиёт, инфрасохтор, Тоҷикистон, барномаҳои стратегӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, экология, рушди иқтисодӣ, такмили нақлиёти ҷамъиятӣ, бунёди роҳҳо.

АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ И ОСНОВНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ТРАНСПОРТНОЙ ОТРАСЛИ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье рассматривается развитие транспортной отрасли последних лет, а также вопросы, связанные со строительством дорог, реконструкцией надежной и эффективной инфраструктуры и развитием общественного и частного транспорта в стране. Среди важных тем, затронутых в статье, - факторы, влияющие на развитие инфраструктуры, роль стратегических государственных программ и международного сотрудничества со странами региона, а также усилия Таджикистана по адаптации транспорта и использованию современных технологий. Также в статье основное внимание уделяется вопросу инклюзивности транспортного сообщения и защиты окружающей среды, которые стали важной частью государственной политики в рамках решения экологических проблем и повышения эффективности транспорта. В статье обсуждаются пути развития инфраструктуры и материального транспорта, подчеркивается важность привлечения инвестиций и международного сотрудничества с целью реконструкции дорог, транспорта и станций, а также обеспечения развития мобильных процессов и их соответствия требованиям современного мира в обществе Таджикистана.

Ключевые слова: транспорт, инфраструктура, Таджикистан, стратегические программы, Международное сотрудничество, экология, экономическое развитие, улучшение общественного транспорта, строительство дорог.

ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT AND MAIN FEATURES OF TAJIKISTAN'S TRANSPORT INDUSTRY DURING THE YEARS OF INDEPENDENCE

The article examines the development of the transport industry in recent years, as well as issues related to the construction of roads, the reconstruction of reliable and efficient infrastructure, and the development of public and private transport in the country. Among the important topics covered in the article are the factors influencing infrastructure development, the role of strategic government programs and international cooperation with the countries of the region, as well as Tajikistan's efforts to adapt transport and use modern technologies. The article also focuses on the issue of inclusivity of transport communication and environmental protection, which have become an important part of government policy in addressing environmental issues and improving transport efficiency. The article discusses ways to develop infrastructure and material transport, emphasizes the importance of attracting investments and international cooperation for the reconstruction of roads, transport and stations, as well as ensuring the development of mobile processes and their compliance with the requirements of the modern world in Tajik society.

Keywords: transport, infrastructure, Tajikistan, strategic programs, International cooperation, ecology, economic development, improvement of public transport, road construction.

Дар бораи муаллифон

Айнулозода Наҳтулло Айнуло
Номзади илмҳои таърих, дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: nahtullo.87@mail.ru

Абдурашитов Фозил Маматович
Мудири шуъбаи таърихи навин
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: fozil8204@gmail.com

Об авторах

Айнулозода Нахтулло Айнуло
Кандидат исторических наук, доцент
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: nahtullo.87@mail.ru

Абдурашитов Фозил Маматович
Заведующий отделом новейшей истории
Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33
E-mail: fozil8204@gmail.com

About the authors

Aynulozoda Nahtullo Aynulo
Candidate of History Sciences, Docent
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: nahtullo.87@mail.ru

Abdurashitov Fozil Mamatovich
Head of the Department of Modern History
Institute of History, Archaeology and Ethnography named after A. Donish NAST
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, adv. Rudaki, 33
E-mail: fozil8204@gmail.com

ТДУ 908(575.3)+746.1

ИНЪИКОСИ ЧЕҲРАИ ЗАН ДАР ЁДГОРИҲОИ МД “ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ”

Иброҳимзода З. С.
Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Осорхонаро метавон оинаи кишварнамои миллат шумурд ба хотири он, ки кулли ёдгориҳои таърихиву фарҳангии халқ, ки инъикосгари даврaҳои гуногуни таърихию фарҳангии ҷомеа ба ҳисоб мераванд, маҳз дар ҳамин даргоҳ ҳифз ва тарғиб карда мешавад.Ба қавли яке аз донишмандони муътабари илми осорхонашиносӣ Н.Ф. Фёдров: «Осорхона иртиботу эҳтироми гузаштагону имрӯзиёнро ба вуҷуд меорад. Агар ин эҳтирому иртибот аз байн равад, инсон ҳамчун мавҷудоти дорои одобу ахлоқ рисолати худро аз даст медиҳад ва мисли бут бетавовут боқӣ мемонад» [13, с. 205]. МД “Осорхонаи миллӣ” ганҷинаи бузурги мероси таърихию фарҳангӣ ба шумор рафта, фонди он аз ду қисми асосӣ: таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирию амалӣ таркиб ёфтааст. Дар фонди таърихӣ-кишваршиносӣ ёдгориҳои муҳими даврaҳои гуногуни марбути халқи тоҷик гирдоварӣ ва нигоҳдорӣ карда мешаванд, ки маводи ҷамъоваришуда аз ҷониби мутахассисони муассиса мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода мешаванд. Аз омӯзиши ин ёдгориҳо ба хулосае расидан мумкин мебошад, ки дар ҳама давру замонҳои таърихӣ, занон дар ҷомеаҳои даврони худ мақоми хоса доштанд. Кормандони масъули Осорхонаи миллӣ дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ тариқи мунтазам ҷаҳду талош менамоянд, ки дар қатори дигар ёдгориҳо ҳама гуна осори таърихиро, ки бозгӯи мақому манзалати зан дар даврaҳои гуногуни таърихӣ мебошанд гирдоварӣ намуда мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор диҳанд ва натиҷаҳои онро барои тамошобинони ватанию хориҷӣ муаррифӣ намоянд. Дар ин раванд, барои мутахассисони Осорхона пеш аз ҳама муҳим он аст, ки занҳо дар тули таърих чӣ гуна симо доштанд, кадом намуд либос ё оришотро бар менамуданд, дар ҷомеа чӣ мавқеъ доштанд ва тавассути чунин омӯзишҳо маълумотҳои дақиқи илмиро бо экспонатҳои осорхонавӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд.

Баҳори соли 2008 дар ҳудуди деҳоти Ғелот гурхонаи марбут ба асри биринҷ кашф гардид. Ҳангоми ковишҳо аз он устухонҳо ва косахонаи сари зани 35-40 сола бозёфт гардид, ки майит дар қабр дар ҳолати нимқатшуда ва ба паҳлуи чап хобонида шуда буд[12, с. 144]. Дар асоси косахонаи сари ёфтшуда, симои зани ғелотӣ аз ҷониби мутахассиси россиягӣ Нечвалода А.И. бо усули Г.В.Лебединский барқарор карда шуд. Таҳқиқот муайян намуд, ки косахонаи сар аз ҷиҳати антропологӣ ба гуруҳи Ҳиндуаврупоӣ мансуб аст. Ҳамзамон аз макон зарфҳои сафолӣ, сафолпораҳо, мӯҳраҳо, ҳайкалчаҳо ва дигар ашёи биринҷӣ пайдо шудаанд ки, оиди фарҳанги он замон маълумот медиҳанд. Начандон дуртар аз Ғелот дигар ёдгории мансуби асри биринҷ бошишгоҳи Кангурттут воқеъ гардидааст. Ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар ин ҷо аз соли 1984 бо сарварии Виноградова Н.М., Ранов В. А., Филимонова Т.Г. оғоз гардидаанд [5, с. 43-213]. Ҳангоми ковишҳои бостоншиносии бошишгоҳи Кангурттут ҷумҷумаи сари зан бозёфт гардидааст. Пас аз омӯзиши ҳамаҷониба маълум гардид, ки косахонаи сари пайдошуда тули асрҳо зери таъсири рутубат зарар дидааст ва мутахассисони Пажӯҳишгоҳи этнологӣ ва антропологии назди Академияи илмҳои Федератсияи Россия дар назди худ мақсад гузоштанд, ки бозёфтро тармим намоянд. Ҳолати нисбатан хуби қисми пеши косахонаи сар ба олими рус Л.Т. Яблонский имкон фароҳам овард, ки намуди умумии симои занро барқарор намояд. Андозагирии косахонаи сар, муайяннамоии ҷинс ва синну соли майит бо усули симошиносии россиягӣ анҷом ёфта, таҳқиқот муайян намуд, ки косахонаи сар ба зани 18-30 сола тааллуқ дорад. Тавасути бозёфтҳои зикршуда бо боварии комил метавон иброз намуд ки, симои занҳои асри биринҷии қаламрави Тоҷикистон аз ҷиҳати антропологӣ ба гуруҳи ҳиндуаврупоӣ мансуб мебошанд, ки он яке аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ мебошад. Нусхаи амсилаҳои барқароршудаи занҳои Ғелот ва Кангурттут дар экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон гузошта шудаанд.

Ёдгории дигари МД “ Осорхонаи миллӣ” бо тасвири чеҳраи зан ин гӯшвор аз электр (омезиши тиллову нуқра) дар намуди Сфинкс (мавҷуди афсонавӣ, ки то миён шер ва аз миён боло зан аст) мебошад. Гӯшвор дар шакли мавҷудоти афсонавии болдор танаш шеру сару синааш зан аст, сохта шудааст. Панҷаҳои аз оринҷ қатгаштаи сфинкс ба пеш бароварда шудааст ва аз шонаҳояш ду бол ба шакли амудӣ нақш ёфтааст. Дар сари он кулоҳи ҳамвори хоси фарҳанги юнонӣ гузошта шудааст, ки яке аз нишонаҳои олиҳаи бахту комёбӣ Тюхе ба шумор меравад [6, с. 3]. Бозёфти мазкур ҳамчун осори ҳунармандӣ аз маҳорати баланди заргарони қадимаи Бохтари қадим шаҳодат медиҳад. Гӯшвор ба асрҳои II-I пеш аз милод тааллуқ дошта тасодуфан соли 1952 аз шаҳраки соҳили чапи дарёчаи Душанбе бозёфт гардидааст. Бо сабаби корҳои сохтмонӣ дар он давра кормандони осорхонаи таърихӣ кишваршиносӣ (имруза МД “Осорхонаи миллӣ ”) дар ин макон таҳқиқотҳои бостоншиносӣ мегузарониданд, ки дар натиҷа шумораи зиёди сафолпораҳои мансуби асрхои II-и то милод ва асрҳои XII-XIII бозёфт гардиданд [11, с. 5]. Дар назари аввал он чунин ба назар мерасад, ки ороиши гӯшвор дар намуди Сфинкс кори ҳунармандони юнонӣ аст, аммо пас аз мушоҳидаҳои дақиқ ба хулосае расидан мумкин аст, ки он маҳсули дасти ҳунармандони маҳаллии бохтарӣ мебошад, зеро ҷои бозёфти он ҳудуди давлати юнону бохтар аст. Инчунин дар асоси муқоиса бо дигар ёдгориҳои то имрӯз ёфтшудаи замони юнону бохтарӣ, хусусан чеҳраҳои бутакҳо (терракотаҳо) ба чунин хулосаи ниҳоӣ омадан мумкин мебошад, ки он кори ҳунармандони бохтарӣ мебошад. Ҳамзамон ташхиси усули омода намудан ва нақшбандии гӯшвор ин хулосаро мустаҳкам менамояд. Ба ақидаи муҳҳақиқ Е. М. Линде маҳсули дасти ҳунармандони бохтарӣ будани гӯшвор боз аз он маълум мегардад, ки панҷаҳои шер ниҳоят кӯтоҳ ва паҳн сохта шудаанд, ки чунин тарз сабки ҳунармандони юнонӣ нест [11, с. 9]. Омӯзиши гӯшворҳо дар намуди сфинкс маълум менамояд, ки асосан онҳо маъмулан бо тарҳи каллаи шер, буққа, буз, уқоб сохта мешуданд. Аммо гӯшвор бо чунин намуди ороиш, ки аз некрополи қадимаи Душанбе пайдо гардидааст ҳамто надорад. Танҳо 2 адад сфинксҳои қариб ки ба он монанд дар осорхонаҳои Лувр ва Вена нигоҳдорӣ карда мешаванд, ки онҳо низ бо чеҳраи зан ва болҳо, аммо дар ҳолати нишаста сохта шудаанд. Умуман, образи сфинкс дар Миср ҳамчун рамзи илоҳии мавҷудияти фиръавнҳо, иқтидори ҳарбии онҳо ё нигоҳбони марқадҳои фиръавнҳо ба вуҷуд омадааст, ки дар даврaҳои аввал ба шакли чеҳраи мард сохта мешуд. Дар Мисри қадим нахуст сфинксҳо бо чеҳраи фиръавнҳои ҳукмрон сохта мешуданд ва он ифодагари шаҳомату иқтидори эшон ба ҳисоб мерафтанд. Аммо баъдан сфинксҳо дар Миср ба сифати нигоҳбон шинохта мешаванд. Бозёфти сфинкс аз Гиза-ки нигоҳбонии аҳромҳо буд, ин далелро тақвият медиҳад. Ё худ тасвири ду сфинкси рӯ ба рӯи ҳамдигар хобидаи назди маъбади Хефрон шаҳодати дигари ин хулоса мебошад. Тибқи хулосаи Е. М. Линде сфинкс - дар шакли гушвор аз некрополи қадимаи Душанбе, ин сфинкс - нигоҳбони шаҳр мебошад [11, с. 14].

Боиси ёддошти махсус аст, ки ин бозёфти нодир яъне гӯшвор дар намуди сфинкс аз соли 1968 то соли 2016 берун аз осорхона дар намоишҳои гуногуни берун аз Тоҷикистон махсусан дар шаҳри Париж борҳо ба намоиш гузошта шудааст. Соли 2021 дар доираи аввалин дар Аврупо таҳти унвони “ Тоҷикистон- кишвари дарёҳои тиллоӣ” экспонати мазкур дар Осорхонаи санъатҳои шарқӣ – Гиймеи шаҳри Париж ба намоиш гузошта шуд [16, с.108]. Пас аз бозгашт аз намоишгоҳи шаҳри Париж, соли 2022 бо ифтитоҳ гаштани осорхонаи шаҳри Душанбе ин ёдгори ба ин макон интиқол дода шуда, “гушвори занона дар шакли сфинкс витринаҳои алоҳидаро оро медиҳанд” [1, с. 76].

Экспонати дигар, бо чеҳраи зан дар Оосорхонаи миллӣ ин муҷҷасамаи кандакоришудаи болочӯбии раққосадухтар аз ёдгори Панҷакенти қадим мебошад. Тибқи маълумотҳои таърихӣ қисмати зиёди биноҳои Панҷакенти қадим бо ҳунари кандакории болоичубӣ ороиш дода шуда буданд. Юриши арабҳо бар муқобили ҳокими Панҷакент - Деваштич дар соли 722 бо бо оташ задани биноҳои муҳими шаҳр: маъбадҳо, қасрҳо кӯшкҳо сурат мегирифт. Як қисми осори нимсӯхтаи кандакории болои чӯб то рӯзгори мо омада расидаанд, ки яке аз онҳо тасвири раққосадухтар дар чӯб мебошад. Кандакории болоичубии раққосадухтар дар шакли Кариатида- ҳамчун ҷузъи меъмории бино сохта шудааст, ки аҳди бостон дар толорҳои сутундор ва бесутуни биноҳои Панҷакенти қадим кариатидаҳо насб кард мешуданд [7, с. 195]. Соли 1954 аз Панҷакенти қадим 3 адад муҷассамаҳои чубин бо қиёфаи занони раққоса бозёфт гардиданд. Ду қиёфа бо ҳам монанд ва тарзи истоданашон низ як хел мебошад:

пойҳои чапашон рост ва устувор истода, зонуи пойҳои росташон каме хамидааст [15, с. 47]. Муҳаққиқ В. Л. Воронина андом ва симои муҷассамаи кандакоришудаи боличӯбии зани раққосаро чунин тасвир менамояд: «.... вай ҳайкали мавзуни зан аст. Зулфони ба сари китфҳо фуромада дар болои пешона печутоб хурдаанд, аммо дар болотар ҳамвор шона карда шуда, аз миёнашон ресмон баста шудаанд; пайкари ҳайкал урён менамояд. Дар боли сина дар шакли нимдоира шаддаи минчоқ овезон аст…… аз камар поёнтар либос чин-чин шуда меравад ва нӯги тасмаи мулоим дар байни чинҳо печутоб хӯрдааст» [4, с. 29]. Шаддаву ҳалқаҳои зиёд ва шалвори аҷоибдухти маҳину нозук ба қомати расову болои рақосадухтар боз як ҳусни барзиёд бахшидаанд. Ороиши сарулибос, тарзи истодани муҷассамаи раққосадухтари Панҷакент то андозае муҷассамаҳои Ҳиндустонро ба хотир меоранд, аммо қомати мавзуни Суғдӣ фарқ мекунад. Муҷассамаҳои чубини кандакоршуда бо тасвири занони раққоса ҷузъи меъморӣ кариатида-тиргак барои нигоҳ доштани болорҳои иморат будаанд. Устоҳои кандакор кариатидаи беҳаракати зеборо «зинда карда», ба муҷассами зебо ва фаттони раққоса мубаддал кардаанд. Онҳо бо ҳамин якбора ба ду мақсад расидаанд: дар сурати раққосаи қашанг ҷузъи архитектурие офаридаанд, ки вазифаи муфиди меъморирро ба ҷо меорад, яъне муҷассами раққосапро дар айни замон кариатида (яъне тиргакҳои болорҳои хона) кардааст…. Онҳо анатомияи одам ва таносуби ҷузъҳои баданро хуб медонистанд ва ба онҳо риоя мекарданд [15, с. 52]. Аз ин осори ҳунармандӣ-кариатида - канадкории болои чӯб оид ба чеҳраи зани суғдӣ, ороишоти мӯи сар, сарулибос, ҷавоҳироти хоси асрҳои VI – VIII Панҷакенти қадим маълумот пайдо намудан мумкин аст. Баландии кариатида 118 см буда он ҳамроҳи шикастапораҳои боқимондаҳои дигар кандакории болочубии монанд ба он аз толори асосии чорсутундори яке аз биноҳои Панҷакенти қадим бозёфт гардидааст. Эҳтимол меравад ки ин толор 4 адад чунин кариатидаҳо насб шуда буданд.

“Зани уднавоз”-нусхаи деворнигора аз ёдгории Панҷакети қадим дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба маърази намоиш гузошта шуда намунаи бозёфти нодири ҳунари наққошии суғдиён аст [2, с. 32]. Ӯ бо пироҳани шоҳии сафед, дар сар тоҷ, дар дастҳо дастпонаҳо ва ангуштарин наққошӣ шуда, ҳангоми навохтани сози мусиқии уд тасвир шудааст. Мутриб дар ҳолате тасвир ёфтааст, ки бо дасти чап уд ва бо ангуштони дасти рост торҳои удро ба навозиш меорад. Дар деворнигора сози мусиқии уд ба шакли моҳи ҳилол буда, дар қисмати болоии он тасвири аждари тиллоӣ ба назар мерасад. Умуман тасвири “Зани уднавоз” дар деворнигораҳои Панҷакенти қадим дар ду макон, толорҳои №1 ва №41 бозёфт гардидаанд.

Лавҳаи чӯбини сӯхта бо тасвири чеҳраи зан – ёдгории дигари Осорхонаи миллии Тоҷикистон мебошад. Чӯбпораи сӯхта мансуби асрҳои VII-VIII буда аз харобаҳои шаҳри асримиёнагии Бунҷикат бозёфт карда шудааст [9, с. 27]. Симои зан дар ин лавҳа хело моҳирона тасвир шудааст: қошҳои пайваста, мӯйҳои ғулӣ, гӯшу бинӣ ва даҳони начадон калон. Дар гӯши чапи зан як адад гӯшвори зебо дида мешавад, ки он аз ҷавоҳироти ороишии ҳамон айём гувоҳӣ медиҳад. Тасвири сари зан дар дохили тоқча ҷой дода шуда, бо нақшҳои ҳандасӣ атрофи он оро дода шудааст. Осори мазкур низ аз зебоию нафосат ва мақоми зан дар ҷомеъаи асримиёнагӣ гувоҳӣ медиҳад.

Аз омӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон бармеояд, ки дар ҳама давраҳои таърихӣ занҳои тоҷик тавасути андешаҳои созанда, меҳру самимияти поянда нисбати Ватан, ифтихор ва ғурури миллӣ дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт фаъолон хизмат менамуданд ва ин рисолати худро имрӯз низ идома дода истодаанд. Ёдгории дигари Осорхонаи миллӣ, ки бозгӯи хислати ватандӯстии зани тоҷик мебошад, аксу мусаварҳои бонувони тоҷик аст, ки дар махзани ин муассиса ҳифз мегарданд. Аз нахустин лаҳзаҳои оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ қатори мардони боору номус садҳо занҳои тоҷики шуҷоъ тариқи ихтиёрӣ ба мақомотҳои давлатӣ мурочиат намудаанд, то дар ҳифзи марзу буми кишвар ҳиссагузорӣ намоянд. Аксҳои ҳамшираҳои тиббӣ София Ниёзова, Назира Умарова, Инъомҷон Қурбонова - ширкаткунандагони набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошанд дар махзани аксҳои Осорхонаи миллӣ нигоҳдорӣ шуда, дар намоишҳои дохилӣ ва байналмилалии осорхона муаррифӣ мегарданд. Дар фонди МД “Осорхонаи милӣ” 6 ариза аз номи занҳо мебошад, ки барои ба фронт рафтан мурочиат намудаанд[14, с. 97]. Нусхаи аслии аризаи яке аз чунин занҳо Абдуллоева Марям, аз таърихи 28.06.1941 дар фонди О сорхонаи миллии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад. Абдуллоева Марям, унвонии Комисиарати ҳарбии ш. Кӯлоб дар

таърихи 28 июни соли 1941 бо чунин мазмун ариза навиштааст : “Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки манро ба қатори Армияи Сурх дохил намоед ва хоҳиши манро қонеъ намуда ба фронт фиристонед: дар трактор кор карда метавонам, ҳамшираи тиббӣ шуда метавонам. Хоҳишмандам илтимоси манро рад нанамоед”. 28/ VI – 1941 (имзо). Номаи мазкур дар қатори дигар экспонатҳои марбут ба ҶБВ соли 2015 ба ифтихори ҷашни 70-солагии Ғалаба дар Осорхонаи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 шаҳри Москва ба муддати 6 моҳ ба намоиш гузошта шуда буд [3, с.114-119], ки тули ин муддат аз он 238 687 нафар тамошобинон дидан намудаанд.

Соли 2013 ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон экспонати камназир «Санги Сулҳи Ҳирошима» бо тасвири фариштаи шафқат Канон ворид шуд, ки он тӯҳфаи кишвари Ҷопон ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон , муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Сангпораи «Сулҳи Ҳирошима» тӯҳфаи расмии Ҷамъияти «Санги сулҳи Ҳирошима» ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоён дар поянда нигоҳ доштани сулҳ ва оромиву суббот дар сайёра мебошад. «Санги Сулҳи Ҳирошима» ҳамчун рамзи сулҳ ва огоҳӣ барои насли ҷавон оид ба фоҷиавӣ будани оқибатҳои ҷангу нооромиҳо буда, ба шахсиятҳои машҳури ҷаҳонӣ, ки фаъолияти сиёсӣ ва ҷаҳду талоши рузмарраи худро баҳри ҳифзи амнияту осоиштагии аҳли башар равона намудаанд тақдим карда мешавад[8, с. 16]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ки бо фарҳанги сулҳофарии худ дар сатҳи байналмилалӣ, ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст ва ҳамчун сарвари соҳибэҳтироми сиёсӣ аз ҷониби ҷомеъаи ҷаҳонӣ эътироф гаштааст, ба гирифтани ин туҳфаи нодир шарафманд гаштаанд. Қобили зикр аст, ки «Санги Сулҳ»-ро бо паёми сулҳ зиёда аз 100 роҳбарони кишварҳои ҷаҳон аз он ҷумла, Белорус, Украина, Узбакистон, Афғонистон ва 30 кишвари Аврупо, 18 кишвари Америка, 32 кишвари Осиё ва 22 кишвари Африка қабул намуда, дар қасри Президент, осорхонаҳо, боғу гулгаштҳо гузоштаанд.

Сангпораи Сулҳи Ҳирошима таърихи пайдоиши худро дошта ба ҳаводису набардҳои даврони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ марбут аст.06 августи соли 1945, соати 08^{15} ба шаҳри Ҳирошимаи Ҷопон бомбаи атомӣ партоб мегардад, ки дар натиҷа шахсони зиёде қурбон мегарданд. Дуртар аз маркази таркиш роҳи трамвай мегузашт, ки зери релси он тахтасангҳо гузошта шуда буданд. Баъди 2 ҳафтаи партоби бомба, ҷаноби Мичио Умемото, ки баъдтар асосгузори асосиатсияи «Санги Сулҳ» гардид, аз шаҳри Хиросима боздид намуда, тахтасангҳои боқимондаи зери релси трамвайро дида ба хулосае омад, ки сангҳоро ба хотири сулҳ ва ёдбуди қурбониёни бомбаи атомӣ ҳифз намояд. Баъди 20 соли ин воқеъа, вақте ки сангҳои зери хатти трамвайро иваз карданд, ӯ ин сангҳоро харидорӣ намуда, 20 соли дигар интизор мешавад, ки ҳамагуна радиоактивҳо аз онҳо нобуд шаванд ва баъдан болои тахтасангҳо симои Канон-олиҳаи шафқатро ҳаккокӣ менамояд. Ин ташаббус аз ҷониби аҳолии Ҳирошима дастгирӣ ёфта, қариб 10.000 одамон барои наққошии сангҳо ва ороиши чорчӯбаи зарҳалии онҳо маблағ ҷамъ оварданд ва ҳамин тавр соли 1991 Асосиатсияи «Санги сулҳи Ҳирошима» таъсис ёфт. Намояндагони ҷамъияти «Санги сулҳи Ҳирошима» чунин мақсад гузоштаанд, ки 188 адад тахтасангҳоро ба сарварони сиёсии ҷаҳон, ки дар пойдории субботу амнияти сайёра ҳиссагузорӣ менамоянд, ҳамчун рамзи сулҳ тақдим намоянд.

Меҳрубонӣ, шафқату накӯкорӣ хоси зан аст ва маҳз аз ҳамин сабаб занро олиҳа меноманд. Намунаҳои ёдгориҳои таърихӣ- бутакҳо (теракотаҳо), ки дар он симои зан инъикос ёфтааст дар хазинаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон гирдоварӣ шудаанд[10, с. 98-100], ки осори мазкур аз маконҳои гуногуни Тоҷикистон бозёфт гардиданд: Душанбе, Хатлон, Панҷакент, Бунҷикат ва ғ. Ҳунармандон-офарандагони ин шоҳкориҳо ҳамдигарро намедонистанд, зеро дар даврaҳои мухталифи таърихӣ зиндагӣ намудаанд. Аммо дар офаридаҳои худ чеҳраи занро инъикос намудаанд, ки ин бешубҳа аз бузургии зан дар ҷомеъаҳои гуногуни таърихӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамин тариқ, фонди МД “Осорхонаи миллиӣ” аз ёдгориҳое ки дар онҳо чеҳраи зан тасвир шуда бошад ғанӣ буда муаррифии онҳо барои кормандони ин даргоҳ шарафи бузург мебошад.

Адабиёт

1. *Бобомуллоев С. Ғ., Ғафуров А. М., Рабизода О. Муҷассамаи "Истиқлол" дар маҳмааи " Истиқлол"-и шаҳри Душанбе. Душанбе. 2022. - 86 с.*
2. *Болашенкова Е. А. Согдийско-арабские отношения и детали культуры средневкового Согда // Материалы Пенджикентской археологической экспедиции. Выпуск XX. Тезисы докладов научной конференции "Аспекты Согдийской культуры" к 70-летию археологических работ в Пенджикенте. (Под ред. П. Б. Лурье). Санкт- Петербург издательство Государственного Эрмитажа.2016.- 223 с.*
3. *В борьбе против нацизма мы были вместе // ФГБУК " Центральный музей Великой Отечественной войны 941-1945гг". Москва. 2015.- С.114-119.*
4. *Воронина В. Л. Народная архитектура Северного Таджикистана. Москва. 1959. -С.29*
5. *Виноградова Н.М., Ранов В. А., Филимонова Т.Г. Памятники Кангуртута в юго-западном Таджикистне (эпохи неолита и бронзового века). – М.: ИВ РАН.2008. - 472 с.*
6. *Гулчин аз фарҳанги ниёгон. Душанбе 1998. - 20 с.*
7. *Древности Таджикистана. Каталог выставки. (Под ред. Зеймаль Е. В.) Душанбе, «Дониш», 1985. - 345 с.*
8. *Иброҳимов З. С.«Санги Сулҳи Ҳирошима»- туҳфа ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// маҷаллаи «Тоҷикистон». 2014. - № 5-6. - С. 16.*
9. *Иброҳимзода З. С. Тоҷикистон-мамлакати дарёҳои тиллоӣ. Феҳрист. Душанбе, ҶДММ «ЭР-граф», 2021. - 80 с.*
10. *Иброҳимзода З. С., Хоҷазода Ш. Р. Осорхонаи миллӣ.2023. - 428 с.*
11. *Линде Е. М. Греко-бактрийский сфинкс // Сообщения республиканского историко-краеведческого музея Таджикской ССР. Выпуск 1. Сталинабад. 1952.- С.5.*
12. *Нечвалода А. И. Череп из богатого земледельческого погребения эпохи бронзы в Гелоте // Археологические работы в Таджикистане. Выпуск XXXIV. Душанбе. 2010.- 392 с.*
13. *Фёдоров Н. Ф. Музей его смысл и значение. Сб. соч. Т 2. Москва, 1995. - 475с.*
14. *Ҳисайнов Р. Д. Аризаи ихтиёриён ба ҷабҳа (дар асоси маводҳои Осорхонаи миллӣ// Ахбори Осорхонаи миллӣ № 1 (6). Душанбе " ЭР- граф".2022 - С. 97.*
15. *Ҷалилов А., Неъматов Н. Кашфиёти Панҷакенти қадим. Душанбе: Ирфон, 1969. - 97 с.*
16. *Catalogue «Tadjikistan, au pays des fleuves d'or». Editions Snoeck. Gand, 2021. – 287 p.*

ИНЪИКОСИ ЧЕҲРАИ ЗАН ДАР ЁДГОРИҲОИ МД "ОСОРХОНАИ МИЛЛӢ"

Муаллиф дар мақола вобаста ба рисолати МД "Осорхонаи миллӣ" дар самти ҷамъоварии ёдгориҳои таърихӣ ва пажуҳиши илмии онҳо ибрози андеша намуда, миёни осори гирдоваришуда хусусан ёдгориҳоеро ки дар онҳо чеҳраи зан тасвир шудааст мавриди таҳлил қарор додааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки ҳарчанд ин осори таърихӣ дар замонҳои гуногун офарида шуда, аз ёдгориҳои Ғелот, Кангурттут, Душанбе, Панҷакенти қадим, Бунҷикат бозёфт гардидаанд, аммо инъикоси симои зан дар онҳо, аз мақому манзалати ин қишри ҷомеъа дар тули таърих гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон муаллиф роҷеъ ба «Санги Сулҳи Ҳирошима» , ки дар он чеҳраи фаришtаи шафқат Канон инъикос гашта ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоён дар поянда нигоҳ доштани сулҳ ва оромиву суббот аз кишвари Ҷопон туҳфа гаштааст ибрози андеша менамояд. Дар мақола аз ҷониби муаллиф оид ба аксу мусаввараҳои занону бонувони диловари ҷумҳурӣ- София Ниёзова, Назира Умарова, Инъомҷон Қурбонова- ширкаткунандагони набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки дар ҳифзи марзу буми кишвар ҳиссагузорӣ намудаанд андешаронӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: осорхона, ёдгорӣ, осори таърихӣ, намоиш, бозёфт, тамошобин, зан, чеҳра, санги сулҳ, пайкара, гушвор, фиръавн, каалаи шер, сфинкс, ҳафриёт, ҳамшираи тиббӣ, акс, мусаввра, Миср, Панҷакенти қадим, Кангурттут, Душанбе, Лувр, Вена.

ОТРАЖЕНИЕ ЛИКА ЖЕНЩИН В ЭКСПОНАТАХ ГУ «НАЦИОНАЛЬНЫЙ МУЗЕЙ»

В статье автор исследует роль «Национального музея» в направлении коллекционирования исторических артефактов и их научного исследования. Среди собранных коллекций автор особенно анализирует артефакты, на которых изображены лица женщин. В статье подчеркивается, что, хотя эти исторические артефакты были созданы в разное время и обнаружены в таких памятниках как Гелот, Кангуртут, Душанбе, Древний Пенджикент и Бунджикат, но изображение в них женщин показывает статус и положение этого слоя общества на протяжении всей истории. Также автор обращается к «Камню мира Хиросимы», в котором изображен лик ангела милосердия Канон, подаренный Основателю мира и национального единства, Лидеру Нации, Президенту Республики Таджикистан уважаемому Эмомали Рахмону со стороны Японии за заслуги в поддержании мира и стабильности. В статье автор анализирует фотографии и картины в которых отображены отважные

женщины республики - София Ниязова, Назира Умарова, Иномджон Курбанова - участницы боев Великой Отечественной войны, внесшие свой вклад в защиту границ Родины.

Ключевые слова: музей, памятник, исторический артефакт, выставка, находка, посетитель, женщина, лицо, камень мира, статуя, серьга, фараон, голова льва, сфинкс, раскопки, медсестра, фото, картина, Египет, Древний Пенджикент, Кангуртут , Душанбе, Лувр, Вена.

REFLECTION OF WOMEN FACES IN THE EXHIBITS OF THE STATE INSTITUTION "NATIONAL MUSEUM"

In the article, the author expounds on the mission of the State Institution 'National Museum' in the field of collecting historical monuments and their scientific research, and among the collected artefacts, he undertakes a particular analysis of those monuments that depict women's faces. The article highlights that although these historical artefacts were created at different times and found in the monuments of Gelat, Kangurtut, Dushanbe, ancient Panjakent, and Bunjikat, the depiction of women in them demonstrates the status and position of this segment of society throughout history. At the same time, the author expresses his thoughts on the "Hiroshima Peace Stone", which depicts the face of the angel of mercy Kanon. The stone was presented to the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, from Japan in recognition of his outstanding contributions to maintaining peace, tranquility and stability. The article reflects on the photographs and illustrations of brave women and girls of the republic, Sofia Niyozova, Nazira Umarova and Inoomjon Kurbonova, who participated in the battles of the Great Patriotic War and contributed to the protection of the country's borders and homeland.

Keywords: museum, monument, historical artifact, exhibition, discovery, viewer, woman, face, peace stone, statue, earring, pharaoh, lion's head, sphinx, excavation, nurse, photo, illustration, Egypt, ancient Panjakent, Kangurtut, Dushanbe, Louvre, Vienna.

Дар бораи муаллиф
Иброҳимзода Зафаршо Сафо
Директори Муассисаи давлатии "Осорхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734001,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ, 11
E-mail: ibrohimzoda72@gmail.com

About the author
Ibrohimzoda Zafarsho Safo
Director of the State Institution "National Museum" of the Executive office of the President of the Republic of Tajikistan
734001, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ismoili Somoni Avenue, 11
E-mail: ibrohimzoda72@gmail.com

Об авторе
Иброхимзода Зафаршо Сафо
Директор Государственного учреждения "Национальный музей" Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан
734001, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Исмоили Сомони, 11
E-mail: ibrohimzoda72@gmail.com

ТДУ 94(575.3):378.096

ТАШАККУЛЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ташрифзода Ф. Қ.
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои гуногун роҳи нав кушод. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахусус соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Соҳаи маориф ва илм самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, дар рушд ва нумӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир дорад. Аз ҷумла, омода намудани кадрҳо барои талаботи Вазорати корҳои дохилӣ самти муҳимми пешбурди фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад.

«Ман аз ҳар кадоми Шумо миннатдорам, ки бо дарки масъулияти баланд, ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву садоқат, вазифаву уҳдадориҳои худро дар назди давлат ва халқи худ адо менамояд. Зеро милитсия ҳомии назму тартиботи ҷамъиятӣ, муҳофизатгари боэътимоди халқ ва давлати Тоҷикистон мебошад. Милитсия посдори суботу оромӣ ва кафили осудагиву хотирҷамъии мардум мебошад» [9].

Бояд қайд намуд, ки самти тайёр намудани кадрҳо барои талаботи ВКД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шароитҳои ба худ хос ташаккул ёфтааст. То имрӯз дар шакли алоҳида тадқиқотҳои илмӣ анҷом дода нашудааст. Паҳлӯҳои гуногуни он дар асарҳои олимони ватанӣ аз қабили: Раҳимзода Р.Ҳ., Розиқзода А.Ш., Шарифзода Ф.Р., Назарзода Н.Ҷ., Ҳусейнзода А.Қ, Пирумшоев.Ҳ., Бониёзов И.Х., Солиев К.Х., Раҷабзода Р.М, Имомёрбеков А., Буриев Э., Ҳотамов Н.Б., Қосимов Ф.М., Давлатшозода А.Ш., Азимӣ У., Саймуддинов Ш.С., Абдулов А.М., Ҳайдарзода Ш.Ҳ., Назаршоев Н.М., Абдулло А.Р. ва дигарон тадқиқ гардидаанд.

То ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тобеъияти ВКД Иттиҳоди Шуравӣ доштанд. Дар солҳои 30-юми асри ХХ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр намудани кадрҳои милитсия созмон дода шуда буд, ки дар онҳо мутахассисон аз ВКД ИҶШС талаботҳои ибтидоии фаъолияти милитсияро ба кормандони нав таъингардидаи МКД меомӯхтанд. Давомнокии ин курсҳо як, ду, се ва баъдан шаш моҳро дар бар мегирифт ва дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) ва дигар шаҳрҳои ИҶШС гузаронида мешуданд. Барои фаъолият дар милитсия дар он солҳо шаҳрвандони касбу кори гуногун ва шахсони камсавод низ қабул мешуданд, чунки дар он давра зарурияти пурзӯр кардани мубориза алайҳи ҷиноятқорӣ тақозо мекард.

«Ҳануз аз даврaҳои аввали таъсиси Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) ба таълиму тарбия ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандони милитсия ҳамеша диққати махсус дода мешуд.

Яъне, аз миёнаҳои солҳои 20-ум асри ХХ сар карда, дар қисматҳои гуногуни Тоҷикистон баробари таъсис ёфтани шуъбаҳои милитсия, ҳамзамон курсҳои кӯтоҳмуддати омодасозии кормандони милитсия низ ташкил шуда, ба фаъолият шурӯъ карда буданд. Аввалин мактаби милитсия тариқи таҳсили дусола соли 1930 дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) таъсис дода шуд. Аз миёнаи солҳои 40-уми асри ХХ то соли 1970 мактаби мазкур дар Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда буд ва он солҳо Раёсати зикргардида дар тобеъияти ВКД қарор дошт» [5, с. 94].

Дар солҳои аввали фаъолияти Комисариати халқии корҳои дохилӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронида намешуданд. Танҳо зарурияти таълим ва тарбияи кормандони ҷавон дар мадди аввал гузошта мешуд. Агар ба сохтори муассисаҳои таълимии ибтидоии милитсия назар андозем, онҳо дар асоси қарорҳои муштараки Кумитаи марказии ҳизби коммунистии ИҶШС ва Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешуданд.

Розиқзода А.Ш. қайд менамояд: «18 декабри соли 1924 ҳайати шахсии Комиссариати халқии корҳои дохилӣ омодагиро барои рафтан ба пойтахти Тоҷикистон дида мебарояд. Аз 1 январ то 1 феврали ҳамон сол ҳайати шахсии таъингардида, дар роҳ буд ва онҳо танҳо 5 феврал дар асоси Қарори Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии

Тоҷикистон, КХКД дар шакли шуъбаҳои милитсия, кофтукови ҷиноятӣ ва идоракунии корҳо ба фаъолият шуруъ намуданд» [6, с. 54].

Ҳамзамон, Розиқзода А.Ш. қайд менамояд, ки ҳайати шахсии таъиншуда аз 33 нафар иборат буданд, ки даро байни онҳо танҳо 3 нафарашон мутахассис, 12 нафар кормандони масъул ва 18 нафар кормандони техникӣ буданд. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки масъалаи бо мутахассисони соҳибмаълумот таъмин намудани кормандони КХКД масоили мубрам ба шумор мерафт. Аз нигоҳи ҳайати этникӣ танҳо 5 нафари кормандонро тоҷикон ташкил медоданд.

Ҳангоми тадқиқи масоили мазкур хусусиятҳои хоси заминаҳои ташкилёбии муассисаҳои таълимии КХКД Тоҷикистон ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр намудани кормандони милитсия дар шаҳри Сталинобод;

2. Ҷалби кормандони собиқадори КХКД ба курсҳои кӯтоҳмуддати омода намудани кадрҳои милитсия;

3. Ҷалби мутахассисони самтҳои гуногун вобаста ба яроқу аслиҳа, самти тафтишот ва кофтукови ҷиноят барои курсҳои мазкур;

4. Аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ интихоб ва ба курсҳои мазкур ҷалб намудани шахсони боваринок ва ҷисману рӯҳан солим.

Агар ин марҳилаи муҳимми таъсисёбии муассисаҳои таълимии КХКД таҳлил карда бароем, танҳо як далели таърихӣ ба назар мерасад, ки то соли 1930, яъне таъсиси мактаби дусолаи КХКД ҶШС Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод ба назар мерасид, дигар муассисаҳои таълимӣ мавҷуд набуданд. Муассисаҳои таълимии боқимонда дар шаҳрҳои гуногуни ИҶШС мавҷуд буданд, ки ин муассисаҳо бо дархости КХКД Тоҷикистон номзадҳоро барои таҳсил фиристода мешуданд. Шарти муҳимми таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ аз он иборат буд, ки пас аз хатм бозпас гардидани мутахассисон ба ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Зеро, ки тақрибан то солҳои 70-уми асри XX камбудиҳо вобаста ба ҷобаҷогузории кадрҳо дар сохторҳои гуногуни ВКД ҶШС Тоҷикистон ба назар мерасид.

Агар маълумотҳои таърихиро аз тадқиқотҳои олимони ватанӣ Розиқзода А.Ш. ва Назарзода Н.Ҷ. назар афканем, якчанд марҳилаҳои ташаккулёбии муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кардан мумкин аст, ки он чун заминаи ташакулёбии низоми таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад:

- таъсиси мақомоти милитсия то таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1917-1924);

- фаъолияти милитсия дар мубориза бар зидди ҳаракати босмачигарӣ (1924-1929);

- таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва заминагузорӣ барои таъсис додани аввалин мактаби милитсия дар шаҳри Сталинобод (1929-1937);

- омодашавии фаъолияти милитсия дар давраи пеш аз ҷангӣ (1937-1941);

- фаъолияти милитсия дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945);

- фаъолияти милитсия дар самти барқарор намудани соҳаҳои хоҷагии халқ (1945-1956);

- фаъолияти милитсия дар солҳои рукуд (1960-1985);

- фаъолияти милитсия дар солҳои бозсозӣ (1985-1991);

- фаъолияти милитсия дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2022).

Хусусияти хоси дигари заминаи ташаккулёбии муассисаҳои таълимӣ дар асоси илмӣ педагогикаи муосир ба танзим дароварда мешуд. Бояд муассисаҳои таълимӣ дар асри XXI дар асоси талаботҳои муосир фаъолият менамуданд, ки ояндаи онро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян месохт. Вобаста ба ин, академик Лутфуллоев М, менависад: «Башарият давоми мавҷудияти худ пастию баландӣ, фарозу нишебӣ, талхию ширинҳои зиёдеро дида, ҷангу хунрезӣ, тамаддун ва инқилобҳои гуногунро паси сар намуда, боа сри нав қадами устувор гузошт. Асри XXI дар таърих ҳамчун қарни ҳамгироии иқтисодӣ, ҷаҳонгароӣ, технологияи иттилоотӣ, замони суръатбахш ва пуртазот ворид хоҳад шуд. Зарурият пеш меояд, ки ҳамаи мамлакатҳо бо кишварҳои ҳамсояи дуру наздик робитаҳои ҳаматарафаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намоянд» [3, с. 3].

Пешрафт ва тараққиёти ҳар як давлату миллат ба рушди соҳаи маориф ва илм, алалхусус муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ вобастагии зич дорад. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи мазкур роҳбарияти давлат ва Ҳукумат, таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Дар ин асос муҳаққиқон Абдуллоев М.Х. ва Аъзамов Х.С. менависанд: «Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Президенти мамлакат соҳаи маорифро соҳаи афзалиятнок эълон намуда, нисбат ба пешрафти он

ғамхориҳои зиёде зоҳир менамояд. Сарвари давлат ба вазъи соҳаи маориф, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, сатҳи донишомӯзии хонандагону донишҷӯён таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, нақши омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифро дар таҳкими истиқлолияту давлатдории миллат, худогоҳиву худшиносии наврасону ҷавонон муҳим арзёбӣ менамоянд» [1, с. 3].

Чӣ тавре аз марҳилаҳои таърихӣ бармеояд, то охири солҳои 60-уми асри XX дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мактаби махсуси милитисия мавҷуд набуд. Танҳо мактаби махсуси милитсияи Душанбегии ВКД ИҶШС соли 1970 ба фаъолият шуруъ намуд ва аввалин сардори ин мактаб собиқ муовини вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон, полковники хизмати дохилӣ Неъматов Ҳ.Н. таъин гардид, ки номбурда аз соли 1970 то соли 1975 ин муассисаи таълимиро роҳбарӣ намуд. Баъдан генерал-майори хизмати дохилӣ Фомичев В.Н., солҳои 1975-1979, полковники милитсия Яҳёев Н.К., солҳои 1979-1982, подполковники хизмати дохилӣ Абдуназаров А., солҳои 1982-1985, полковники хизмати дохилӣ Омелченко В.Г., солҳои 1985-1991 ин муассисаи таълимиро сарварӣ намуданд [2, с. 3].

Маълумотҳои таърихӣ гарчанде ки ба таври алоҳида мураттаб нагардида бошанд ҳам, лекин ба ақидаи Розиқзода А.Ш., дар асарҳои Раҷабов С.А., Назаршоев М., Тохиров Ф.Т., Азизқулова Г.С., Қаҳҳоров А.А. маълумотҳо дар бораи таърихи милитсия ва омодасозии кадрҳо ба назар мерасанд [7, с. 14-15].

Мактаби миёнаи махсуси милитсияи Душанбегии ВКД ИҶШС мутахассисонро барои талаботи натанҳо ВКД ҶШС Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳои ИҶШС омода менамуд. Хатмкунандагони ин мактаб на танҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ, балки дар тамоми қаламрави ИҶШС фаъолият намуда, соҳиби имтиёзҳои муайяни иҷтимоӣ буданд.

Раванди ташаккули омодасозии кадрҳо барои КХКД дар марҳилаи ҳассоси таърихӣ оғоз ёфт. Ин ба табдили ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон рост меомад. Вобаста ба ин Назаршоев Н.М ва Бониёзов И.Х менависанд: «12 июни соли 1929 Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС ахбороти Ҳукумати Тоҷикистонро дар бораи тараққиёти иқтисодӣ фарҳангии шунида, қарор қабул намуд: Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил дода шавад. 2 октябри соли 1929 ба ҳайати Тоҷикистон аз Узбекистон округи Хуҷанд гузашт, ки аҳолии онро асосан тоҷикон ташкил медоданд. Аз 15 то 19 октябри соли 1929 Анҷумани фавқулоддаи умумитоҷикии Шуроҳо баргузор гардид, ки Эъломияи табдили ҶМШС Тоҷикистонро ба ҶШС Тоҷикистон қабул намуда онро ба ҳайати ИҶШС ворид намуд. Ин Қарор аз ҷониби КИМ ИҶШС 5 декабри соли 1929 тасдиқ гардид» [6, с. 181].

Вазифаҳои асосии омода намудани мутахассисон барои ВКД аз ҷанбаҳои зерин иборат буд:

- аз сар гузаронидани буҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъмини сифати баланди зиндагӣ;
- барқарор намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари дорои фарҳанг ва тамаддуни таърихӣ;
- бунёди асосҳои инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат;
- тарбияи ватандустонаи кормандони МКД дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ;
- ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ, ҷаҳонбинии шунавандагон ва курсантон, инчунин риояи принсипҳои таҳаммулпазирӣ;
- таҷдиди бонизоми паҳлӯҳои гуногуни соҳаи маориф дар низоми муассисаҳои таълимии ВКД;
- таҳлил, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони милитсия.

Ҷиҳати боз ҳам рушду такомули низоми таҳсил дар ВКД дар солҳо Истиқлолияти давлатӣ якчанд муассисаҳои таълимии зертобеъ фаъолият менамояд:

- Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи милитсия бо қароргоҳ дар шаҳри Кӯлоб;
- Коллеҷи техникӣ-оташнишонии ВКД;
- Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маркази таълимии СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маркази таълимии Раёсати қушӯнҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Курсҳои олии академӣ ва такмили ихтисос дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маркази илмӣ-тадқиқотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Маркази таълимӣ-тактикии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (воқеъ дар мавзеи Мағоби ноҳияи Ваҳдат).

«Вазифаҳои асосии таълимӣ – ин пеш аз ҳама таълими инкишофдиҳанда, пешниҳоди таҷриба, дониш, малака, маҳорат ба шумор меравад. Ҳангоми таҳлили таҷрибаи андухтаи кормандони МКД унсурҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- гирифтани донишҳо дар бораи табиати ҷиноятқорӣ, сабабу шароитҳои содиршавии он;

- таҷрибаи пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо, ки аз малака, маҳорат ва таҷрибаи кормандони МКД бармеояд;

- таҷрибаи эҷодӣ оиди фаъолияти тафтишотӣ ва маъмурӣ дар самти пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо;

- системаи тарбияи эмотсионалӣ, иродавӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҳуқуқии кормандони МКД дар муносибат бар зидди ҷиноятқорӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, сист мақомоти адлия ва ҳамкорон» [4, с. 7].

Ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомот корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои ба худ хосро доро буда, заминаи худро аз замони Шуравӣ оғоз намуда, хусустяҳои хоси касбияти кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар бар мегирад. Махсусан баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ омодасозии кадрҳои миллӣ барои талабои Вазорати корҳои дохилӣ бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба марҳилаи нав ворид гашт.

Адабиёт

1. *Абдуллоев М. Х., Аъзамов Х. С. Мақоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Кайхон, 2011. – 89 с.*
2. *Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 42 с.*
3. *Лутфуллоев М. Педагогикаи башар. – Душанбе: Собириён, 2008. - 133 с.*
4. *Махкамов Ш. Х., Асламов Б. С. Использование элементов развивающего обучения при проведении занятий (методическое пособие). - Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2004. – 75 с.*
5. *Назарзода Н. Ҷ., Маҳмудзода Ш. Х., Умари Х. ва диг. Таърихнигории милитсияи тоҷик. - Душанбе: Эр-граф, 2020. – 510 с.*
6. *Назаршоев Н. М., Боиёзов И. Х. Военная история Таджикистана. (том2). - Худжанд: Хуросон, 2019.*
7. *Розикзода А. Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора исторических наук. / Розикзода Абдулхаким Шерали. - Душанбе, 2002. – 341 с.*
8. *Розикзода А. Ш. История формирования деятельности милиции в Таджикистане. Часть 2. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 150 с.*
9. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида 75-солагии рӯзи таъсиси мақомоти милитсияи тоҷик. - Душанбе, 06.02.2000 сол. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 28.12.2023).*

ТАШАККУЛЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола сухан дар бораи замина ва марҳилаҳои таърихии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳрии Тоҷикистон рафта, дар он аз сарчашмаҳои илмӣ ва асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ исифода бурда шуда, бо дидгоҳи нав нуқтаи назари муаллиф вобаста ба таърих бунёд ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳрии Тоҷикистон ба таври васеъ инъикос гардидааст. Заминаҳои ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳрии Тоҷикистон дар замони Шуравӣ гузошта шуда вобаста ба манфиатҳои миллии давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон баъд аз замони Истиқлоли давлатӣ ба марҳилаи нав ворид гаштанд.

Калидвожаҳо: мақомоти корҳои дохилӣ, муассисаҳои таълимӣ, Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД), Ҷумҳурии Шуравии сотсиалистии Тоҷикистон, маориф, омӯзгор, омодасозии кадрҳо, Истиқлолияти давлатӣ.

ОБРАЗОВАНИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассказывается о предыстории и исторических этапах становления образовательных учреждений органа внутренних дел Республики Таджикистан, в ней из научных источников и трудов отечественных и зарубежных исследователей и с новой точки зрения широко отражены взгляды автора на историю создания и развития образовательных учреждений органа внутренних дел Республики Таджикистан нет. Основы формирования образовательных учреждений органов внутренних дел Республики Таджикистан были заложены в советское время и в связи с национальными интересами суверенного государства Таджикистан вступили в новый этап после государственной независимости.

Ключевые слова: органы внутренних дел, образовательные учреждения, Народный Комиссариат внутренних дел (НКВД), образование, педагог, подготовка кадров, государственная независимость.

EDUCATION OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE INTERNAL AFFAIRS BODIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article describes the prehistory and historical stages of the formation of educational institutions of the internal affairs body of the Republic of Tajikistan. It broadly reflects the author's views on the history of the creation and development of educational institutions of the internal affairs body of the Republic of Tajikistan from scientific sources and the works of domestic and foreign researchers and from a new point of view. The foundations for the formation of educational institutions of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan were laid during the Soviet era and, in connection with the national interests of the sovereign State of Tajikistan, entered a new stage after state independence.

Keywords: internal affairs bodies, educational institutions, People's Commissariat of Internal Affairs (NKVD), education, teacher, personnel training, state independence.

Дар бораи муаллиф
Ташрифзода Фозил Қурбон
Дотсенти кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3
Телефон: 119818189

About the author
Tashrifzoda Fozil Kurbon
Associate Professor of the Department of Information Security and Digital Technology
Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulova street 3

Об авторе
Ташрифзода Фозил Курбон
Доцент кафедры информационной безопасности и цифровой технологии
Академия МВД Республики Таджикистан
734024, Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Мастонгулова, 3

ТДУ 94(575.3):001.891

ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ НОҲИЯИ ДАРВОЗ

Акризоев М. М.
Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ноҳияи Дарвоз ҳамчун қисми Тоҷикистон таърихи хеле қадима дорад ва онро олимони самти таърихнигорӣ мунтазам таҳқиқ намуда, сол аз сол маълумотҳои навро дарёфт менамоянд. Аз рӯи таҳлили мо ва вобаста ба мазмуни осори олимону адибон дар ин мавзуъ, таърихнигории таърихи Дарвозро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

-асарҳои таърихӣ, ки асарҳои илмиро дар бар мегиранд;

-асарҳои этнографӣ, ки самти таҳқиқотҳои мардумшиносиро таҳлил намудаанд;

-асарҳои публитсистӣ, ки таърих ва зиндагии ҷомеаро баррасӣ мекунанд.

Таърихнигории таърихи Дарвозро мо аз якчанд ҷиҳат дар мақола баррасӣ мекунем, ки ба онҳо шакли таърихнависии таърихи Дарвоз, нигоҳи олимон ба мушкилоти таърихи Дарвоз, тасвири воқеаҳо, даврабандӣ ва дигар масъалаҳои таърих дохил мешаванд. Азбаски таърихнигории таърих мафҳумҳои васеъро дар бар мегирад, мо мехостем дар мақола мушаххасан таърихи Дарвозро аз нигоҳи муҳаққиқони маҳдуд таҳлил намоем, ки бештар таърихи сиёсии минтақаро дар даврaҳои гуногун дар бар мегирад. Аз ҳамин лиҳоз мо се самти асосӣ – таърихи даврaи бекигарӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, аҳолӣ, даврaи сохтмони роҳҳо дар замони истиқлолият ва сукунати аҳолиро дар асоси таҳқиқотҳои олимон ба муҳокима гузорем.

Дар самти осори таърихӣ қимати бештарро осори олимони таърихнигори Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки ҳанӯз аз замони Шуравӣ ба таҳлили таърихи Дарвоз пардохтаанд [13, с. 48]. Маълумоти дастрасшуда, аслан таърихи Дарвозро аз даврaи асрҳои XVI муайян менамояд, зеро доир ба ин таърих маълумотҳо бештар мебошанд. Таърихнигори охири асри XIX – ибтидои асри XX Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ таърихи Дарвозро қадим дониста, менависад, ки шаҳри Дарвоз биноест азим аз ҷумлаи “осор ва абнияи мулки Искандари Зулқарнайн аст” [3, с. 78].

Мувофиқи маълумоҳои олимон, дар асри XVIII шоҳони мулки Дарвоз Шоҳи Дарвоз, Мансурхон, Азизхон, Шоҳрух Мирзо ва Саодатшоҳ, Султонмаҳмуд, аз писарони Шоҳғарибуллоҳ, ба заминҳои ҳозираи Афғонистон лашкаркашӣ намуда, онҳоро то шаҳри Файзобод ба тасарруфи худ даровардaнд. Дар асри XIX шоҳи Дарвоз Исмоилшо (1842-1863), Ванҷро ба ҳайати худ даровард, гарчанде, ки амалан онро ҳокимони маҳаллӣ яъне мирҳо идора мекарданд. Аммо ҷангҳои амири Бухоро ва хонигарии Хуқанд дар охир боиси забт шудани мулки Дарвоз гардиданд ва соли 1878 ин мавзеъ ҳамчун бекигарии Дарвоз ба ҳайати Бухоро пайваст. Дар ҳамин аснод, сарҳади бекигарӣ дар шимолу ғарб бекигарии Қаротегин қимати бологии пиряхи Федченко дар ғарб тул мекашид. Ин маълумотҳо пурра дар китоби «Таърихи Дарвоз» - и Ҳ. Пирумшоев оварда шудаанд. Аз ҷумла муаллиф қайд мекунад, ки «қаторкӯҳҳои Қаротегин водии дарёи Сурхобро аз водии Хингоб, ки дар қаламрави Дарвоз буд, ҷудо мекард. Роҳи байни Дарвоз ва Қаротегин тавассути ағбаи Ёфуч тамоми сол кушода буд ва ин барои алоқаи ин минтақаҳо мусоидат мекард. Дар ғарб ҳудуди ҷуғрофӣ ва маъмурии Дарвоз то сарҳадоти бекигариҳои Балҷувону Кӯлоб мерасид. Дар шарқ бошад, сарҳади он то ҳудуди Рӯшон, аз ин ҷо ба воситаи овринги Хингак, қуллаи Язгулом, дар шимолу шарқ ба воситаи ағбаҳои Ёдудқ, Камчдара то пиряхи Федченко тул мекашид» [13, с. 56]. Баъди забти Дарвоз аз тарафи аморати Бухоро, Қалъаихумб маркази беки Дарвоз буд. Аммо баъди ғалабаи қувваҳои Шуравӣ, ин минтақа ба сифати тумони Қалъаихумб дар ҳайати маъмурии вилояти Ғарми Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (то соли 1924) ва аз соли 1929 ба ҳайати вилояти Ғарми Ҷумҳурии мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қарор дошт. Мувофиқи маълумоти Ҳ. Пирумшоев 14 декабри соли 1930 номи ноҳия аз тумон ба ноҳия табдил дода шуд ва он бо ҳудуди Ванҷ то соли 1938 бевосита ба тобеъияти мустақими Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон гузаронида шуд. То соли 1957 ноҳияи Қалъаихумб дар ҳайати вилояти Ғарми Тоҷикистон қарор дошт. То соли 1957 ноҳияи Қалъаихумб дар ҳайати вилояти Ғарми Тоҷикистон қарор дошт ва танҳо 26 августи соли 1957, ноҳия ба ҳайати ВМКБ – и Тоҷикистон ворид карда шуд. Дар замони истиқлолият бори дигар номи ноҳия иваз карда шуд ва он 29 июни соли 1991 номи ноҳияи Дарвозро гирифт, ки аломати эҳёи номи қадимии он буд.

Дар омӯзиши таърихи Дарвоз саҳми олимони тоҷик Б.Ғ. Ғафуров, Б.И. Искандаров зиёд аст. Ин олимон ҳанӯз дар солҳои 50-ум ба таҳқиқи Бухорои Шарқӣ шуруъ намуданд ва дар доираи ҳамин мавзуъ таърихи Дарвозро низ баррасӣ намуданд [5; 6; 7; 8; 9]. Дар асарҳои Б.Ғ. Ғафуров ва Б.И. Искандаров вазъи сиёсии бекигарии Дарвоз дар давраи тоинқилобӣ инъикос гардидааст. Бояд гуфт, ки маҳз таҳлилҳои бунёдии олимони солҳои 50-уми асри XX барои тақҳиқотҳои минбаъдаи ноҳияи Дарвоз поя гузоштанд. Дар солҳои 60-ум ва 70-ум, самти таърихнигории Дарвозро Р.М. Масов дар силсилаи асарҳои илмӣ таҳқиқ намудааст. Аз он ҷумла олим дар маҷмуи мақолаҳо бо номи “Очерки по истории Советского Бадахшана” дар қисмати аввал таҳлили таърихнигориро оид ба таърихшиносии Дарвозро низ ҷамъ овардааст [11, с. 99]. Ҳамчун таҳлили таърихнигорӣ, инчунин асарҳои илмии О. Боқиев низ аҳамияти хоса доранд. Ҳамчун мутахассиси касбӣ оид ба давраи тоинқилобӣ ва таърихнигорӣ, О. Боқиев саҳми олимони русро дар таҳқиқи Бадахшон ва аз он ҷумла Дарвоз баррасӣ мекунад.

Дар солҳои 90-уми асри XX силсилаи таҳқиқотҳои профессор Ҳ. Пирумшоев доир ба Дарвоз маълумоти зиёди таърихиро баррасӣ намуданд ва беҳтарин таҳлилҳои таърихӣ оид ба Дарвоз маҳсуб мешаванд [13, с. 48]. Олим таърихи Дарвозро аз ду ҷиҳат омӯхта таҳлил намудааст:

- аввалан таърихи ин минтақа дар самти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳлил шудааст;
- дуввум, олим таърихнигории таърихи Дарвозро аз рӯи тақсимоти даврабандӣ таҳлил намудааст.

Дар китоби “Таърихи Дарвоз” Ҳ. Пирумшоев масъалаи таърихиро давра ба давра аз замонҳои қадим то ба имрӯз таҳлил намуда, шахсиятҳои ин диёрро барои оммаи мардуми Тоҷикистон муаррифӣ мекунад. Инчунин дар ҳаммуаллифии Р. Масов ва Ҳ. Пирумшоев асари публитсистӣ бо номи “Файзи истиқлол дар “Боми Ҷаҳон” дар соли 2011 нашр гардид, ки дар он таърихи рушди Дарвоз ва дигар шаҳр ва ноҳияҳои ВМКБ таҳлил шудаанд [10, с. 129].

Таърихи ноҳияи Дарвозро инчунин олимони минтақаи Помир ҳамчун қисми таърихи вилоят дар китобҳои фундаменталӣ дарҷ карданд, ки ба он ҷо китоби “Таърихи ВМКБ”, “Таърихи халқи тоҷик” (зери таҳрири РТ Н. Неъматов), “Таърихи инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии ВМКБ” (рисолаи доктории Э. Ҳоҷибеков ва дигар таҳқиқотҳо дохил мешаванд.

Дар хусуси мавқеи ҷуғрофии Дарвоз профессор Ҳ.П. Пирумшоев чунин менависад: «Дар қисми рости дарёи Панҷ, пастхами ғарби кӯҳҳои Помир ҷой гирифтааст. Ин диёри кӯҳӣ аз водиҳои байникӯҳии дарёҳои Хингоб, Ванҷ, Язгулому Панҷ таркиб ёфтааст. Ду қаторкӯҳи баланди Дарвоз ва Ванҷ чун бахшгоҳҳои обтақсимкунии байни водиҳои ин дарёҳо ҳисоб меёбанд. Ба ин ду қаторкӯҳ боз сеюм –қаторкӯҳи Пётри I – ро ҳамроҳ намудан лозим меояд, ки дар сарҳади шимолии Дарвоз ҷой дошта, водии Хингобро аз водии Сурхоби Қаротегин ҷудо мекунад. Ҳар се қаторкӯҳ дар саргаҳи Ванҷ бо якдигар гиреҳ хӯрда, бо кӯҳҳои Помир омезиш меёбанд. Дар сарҳади ғарбӣ қаторкӯҳи Дарвоз паст шуда, ба суфакӯҳҳо ва сипас ба арракӯҳ ё қаторкӯҳҳои хурде, ки нишебиҳои соҳилии водиҳои Ёхсу, Қизилсуи кучак ва дигарҳо ташкил мекунанд, мерасанд, Дар ҳудуди бекигарии Кӯлоб онҳо ба пастхамию теппаҳо табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, сарҳадоти Дарвоз дар шимол ба Қаротегин, дар шарқ ба суфакӯҳҳои Помир, дар ҷануб ба дарёи Панҷ, ки дар соҳили чапи он қисми ба Афғонистон додашудаи Дарвози таърихӣ ва Бадахшон ҷой доранд, дар ғарб ба қаламрави бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон мерасанд» [13, с. 48].

А.А. Бобринской дар хусуси ҷуғрофия ва роҳҳои Дарвоз чунин менависад:

«Дарвози Шимолӣ, ки дар соҳили рости дарёи Панҷ ҷойгир шудааст, нишебии ғарбии паҳнкӯҳи Помирро ташкил медиҳад. Ӯ ба дараи дарози дарёҳои Хингоб, Ванҷ, Язгулом ва Панҷ бурида шуда, тақсим мешавад. Ду қаторкӯҳи баланд - Дарвозу Ванҷ байни водиҳои мувозии дарёҳои Ванҷу Язгулом (шохобҳои Панҷ) ва ин ду қаторкӯҳ ба қаторкӯҳи сеюм - Пётри I - ро ҳамроҳ намудан лозим аст, ки марзи шимолии Дарвозро ташкил дода, водии Хингобро аз водии Қаротегини Сурхоб ҷудо мекунад. Ҳар сеи ин қаторкӯҳҳои тулкашида ба як нуқтаи азими табиат дар болооби Ванҷ бо ҳам омада, ба Помир омезиш меёбад» [2, с. 48].

Аҳолии Дарвоз дар сарчашмаҳои гуногуни то соли 1917 ва баъди он то солҳои 20-уми асри XX аз ҷиҳати шумора фарқ мекунад. Аммо як чиз аниқ аст, ки онҳо тоҷикон буданд. ҷиҳати дар сарҳад буданашон, онҳо зуд-зуд бо таъсири ҳуҷумҳои афғонҳо мавқеи сукунати худро иваз мекарданд. Мувофиқи маълумоти Я.Я. Лютша дар ин ҷо гурезаҳо низ аз дигар минтақаҳо мезистанд. Вай соли 1905 дар яке аз ахборотҳо ба генерал губернатор менависад, ки дар Дарвоз (он давра Қалъаи Хумб) ҳатто аз Шуғнон ва Вахон муҳоҷиронро вохурда буд.

Дар баробари ҳамин гурезаҳо аз Роғ низ ба ин ҷо омаданд, ки қаблан дар соҳили чапи дарёи Панҷ дар Афғонистон мезистанд [4, с. 18]. Барои олимони рус ба ин ҷо барои зиндагӣ номувофиқ менамуд. Сокинони Ванҷ худро аз водии Хингоб мегуфтанд. Баъзеҳо худро аз Вахиё ва водии Ёхсу меҳисобиданд [13, с. 48].

А.А. Бобринской аҳолии Зарафшон, Қаротегин, Рӯшон, Шуғнон, Вахон ва Бадахшонро оид ба миллат пурсида, мефаҳмад, ки онҳо тоҷиканд. Аммо гуногунии лаҳҷаи худро шарҳ дода наметавонистанд ва фақат медонанд, ки қаблан аҷдодони онҳо ба дини зардуштӣ таалуқ дошатанд [1, с. 48]. Ин ривоятҳоро дар Дарвоз ва то Вахон мушоҳида кардан мумкин буд [2, с. 28].

Яке аз масъалаҳои баҳсноки таърихи Дарвоз, ин оқибати шартномаи Россия ва Англия мебошад, ки муовифқи он амири Бухоро аз соли 1895 аз заминҳои соҳили чами дарё кашид ва ба қабул кардани заминҳои соҳили ҳамин дарё розигӣ медиҳад [9, с. 45]. Қарордоди соли 1895 байни Россия ва Англия ва тақсимоти нави сарҳад барои мардуми Дарвози соҳили чапи дарёи Панҷ фалокатбор буд, зеро онҳо ба истибдоди афғонҳо супурда шуданд. Бо расидан ба ин қарордод, мардуми Роғ ва соҳили чапи дарё ба тарафи соҳили рост фирор карданд, то ки худро аз зулми афғонҳо наҷот диҳанд. Рӯзномаи «Садои ҳақиқат» (Голос правды) дар ин бора навишта буд, ки «агар ба қарордоди Россия ва Англия баргардем, мебинем, ки онро аз аввал то охир англисҳо тартиб доданд ва русҳо танҳо онро имзо намуданд» [9, с. 98]. Граф А.А. Бобринской инро беадолатӣ номид, зеро вай дар он мақсаде буд, ки тоҷикони ҳар ду соҳил бояд як давлат дохил бошанд ва чунин менависад: «Дар самти чапи дарёи Панҷ, яъне дар соҳили чапи он Дарвози Ҷанубӣ ҷойгир шудааст, ки аз рӯи иттилои кӯҳистониён кишвари нисбатан бой ва сераҳолӣ мебошад. Сокинон изҳори нигаронӣ мекунанд, ки онҳоро ба ихтиёри афғонҳо супоридаанд ва ҳоло гурӯҳ - гурӯҳ ватани худро тарк мекунанд ва берун аз марзи қаламрави Бухоро маскуният ихтиёр намудаанд» [2, с. 22]. Ин гуна тақсимотро А.А. Бобринской ба он монанд кард, ки як деҳаи Россияро ба ду қисмат тақсим намуда, аз байни он сарҳади ду давлат гузаронда шавад. А.А. Бобринской тоҷикони ҳар ду соҳили дарёи Панҷро як халқ меҳисобид[1, с. 68]. Гарчанде, ки тақсимоти Дарвоз дар натиҷаи бастани шартномаи соли 1895 оқибати манфӣ дошт, аммо дар солҳои аввали 1900 –ум қисми зиёди дарвозиҳо ба тарафи соҳили рост гузаштанд [14, с. 213].

Дар таҳлилҳои Э. Ҳоҷибеков масъалаи роҳ ҳамчун омили ҳалкунандаи пешрафти вилояти Бадахшон баррасӣ мешавад ва ин фикри дуруст мебошад, зеро то соли 1940 ин минтақа касногузар буд ва рафтуомади нақлиётӣ дар ин ҷо вуҷуд надошт [15, с. 277]. Аммо роҳи куҳна мавсимӣ буд ва дар зимистон баста мешуд. Барои ҳамин, дар замони истиқлолият, яке аз падидаҳои неки таърихи Дарвоз ин сохтмони роҳи замонавии Кӯлоб–Қалъаи Хумб гардид, ки ду минтақаи хешу табориро бо ҳам пайваст намуд.

Таърихи сохтмони ин роҳро олимони самтҳои таърих ва иқтисод баробар таҳқиқ намудаанд, зеро ин як қаҳрамонии беназири миллат маҳсуб мешавад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо сокинони вилояти Бадахшон рӯзи 20-уми июли соли 2008 дар шаҳри Хоруғ гуфта буд, ки бо сохтмони ин роҳ “мо бо шоҳроҳи қадимаи Абрешим умри дубора бахшидем ва шоҳроҳҳои Бадахшонро дарвозаи тиллоӣ номидем” [16, с. 165]. “Бояд гуфт, ки сохтмони роҳи Кӯлоб–Қалъаихумб соли 1984 сар шуда буд ва дар давоми панҷ сол, яъне то соли 1989 ҳамагӣ 16 км сохта шуд. Аз норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва техникаи корӣ дар соли 1990 кор қатъ карда шуд. Аммо дар солҳои аввали истиқлолият нидои таърихии сарвари давлат ки гуфта буданд, ки «мо роҳи Кӯлоб-Дарвозро бо зоғнул бошад ҳам, мебарорем” ба роҳсозон қувваю иродаи нав бахшид. Дар рафти сохтмон 20 бор ба лоиҳа тағйирот дароварда шуд, зеро сангҳои кӯҳии Жагон – Зиғарро ягон техникаи он даврa шикаста наметавонист. Соли 1991, ҷонишини сардори трести «Средаздорстрой» - и шаҳри Тошканд Ф. Қодиров қайд намуд, ки «… ҳар ду раёсати роҳсозон чунин мушкилии сохтмонро чашмдор набудаанд. Чунин кӯҳи сахт ҳамаро ба ҳайрат овард». Сардори участкаи сохтмон Сафармамади Азизмамад гуфта буд, ки сахтии ин санг қариб ба алмос баробар буд. Танҳо дар соли 1998, техникаи зарурӣ аз Яхчисор ба Яхчимиёна - ба минтақаи сохтмон оварда шуд ва роҳсозон ба душвориҳо нигоҳ накарда роҳсозиро аз қисмати душвортарини роҳ – аз Яхчимиёна оғоз намуданд. Техникаи роҳсозӣ ба воситаи таёраҳо кашонда оварда мешуд. Сӯзишворӣ аз участкаи Яхчисор ба участкаи Яхчимиёна пуштора ва бавоситаи роҳи борику мушкилгузар оварда мешуд. Албатта ин муттаҳидию бародарии мардум дарак медод, ки барои ободии Ватанашон камар бастаанд. Сардори давлат дар суханрониашон гуфта будаанд: «Фақат бо неруи муттаҳидонаи тамоми мардуми ҷумҳурии мо метавонем Тоҷикистонро бо кишвари ободу мутараққӣ табдил

диҳем». Сарвари давлат дар суханрониаш ба муносибати ифтитоҳи шоҳроҳи Кӯлоб-Қалъаи Хум рузи 30-январи соли 1999 ба кормандони муассисаҳои роҳсозӣ баҳои баланд дода, қайд намуданд, ки шоҳроҳи мазкур, омили асосии пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон хоҳад буд. Дар баробари ҳамин роҳ алоқаи доимии вилояти Бадахшон ва маркази Тоҷикистонро таъмин намуд, ки ин дар замони шуравӣ ғайриимкон дониста мешуд.

Ҳамин тавр, мо ба хулоса омадем, ки ноҳияи Дарвоз ҳамчун қисми Тоҷикистон таърихи қадима дошта, доир ба он чандин асарҳои таърихӣ, этнографӣ, публитсистӣ навишта шуданд. Таърихнигории таърихи Дарвоз дар асоси маълумоти дастрасшуда, давраи асрҳои XVI то асри XX –ро дар бар гирифта, самти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Дарвозро таҳлил менамояд.

Адабиёт

1. *Ақризоев М.М. Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон / [Матн] М.М. Ақризоев: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯи ихтисоси 6D020303 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2022. - 210 с.*
2. *Бобринской А.А. Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз (Бухорои шарқӣ) / [Матн] А.А. Бобринской. Бо тарҷумаи Ҷӯрахарон Зоир. – М., 1900, Душанбе, 2014. – 156 с.*
3. *Гулшанӣ М. С. Таърихи Ҳумоюн / Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан И. Назриев / [Матн] М.С. Гулшанӣ. – Душанбе, 2008. – 245 с.*
4. *Документ № 7. – Из сообщения, полученного Я.Я. Лютша от доверенного лица, о предполагаемое прибытии афганского наследника в Бадахшан. 12 января 1905 г. // Исмаилизм на Памире (1902 – 1931 гг.) [Текст]. Сборник документов. - Л., 126.*
5. *История таджикского народа / под ред. акад. АН РТ Б.А. Литвинского и члена-корр. АН РТ В.А. Ранова. Т.1. Древнейшая и древняя история [Текст]. - Душанбе, 1998. – 456 с.*
6. *История таджикского народа / под ред. акад. АН РТ Н. Негматова. Т. II [Текст]. - Душанбе, 1999. - 390 с.*
7. *История таджикского народа. Т. II. Кн. 1 / под ред. члена-корр. АН СССР Б.Г. Гафурова, канд. ист. наук А.М. Белиницкого [Текст]. – М.: Наука, 1964. - 478 с.*
8. *История таджикского народа Т. II. Кн. 2 / под ред. д-ра ист. наук Б.И. Искандарова и канд. ист. наук А.М. Мухтарова [Текст]. – М.: Наука, 1964. - 356 с.*
9. *Искандаров Б. Восточная Бухара и Западный Памир в конце XIX в [Текст] / Б. Искандаров. – М., 1958. – 345 с.*
10. *Масов Р.М., Пирумшоев Ҳ.П., Файзи истиқлол дар "Боми Ҷаҳон" [Матн] / Р.М. Масов, Ҳ.П. Пирумшоев. – Душанбе: Дониш, 2011. - 412 с.*
11. *Масов Р.М. Историография советского Бадахшана // Очерки по истории Советского Бадахшана 2-е издание [Матн] / Р.М. Масов. – Душанбе, 1985. – С. 8–35.*
12. *Пирумшоев Ҳ.П. Таърихи халқи тоҷик дар тарозуи таърихнигорӣ [Матн] / Ҳ.П. Пирумшоев. – Хуҷанд, 2014. – 370 с.*
13. *Пирумшоев, Х. П. Таърихи Дарвоз: аз қадим то замони муосир [Матн] / Ҳ.П. Пирумшоев. – Душанбе, 2008. – 704 с.*
14. *Пирумшоев М.Х. К вопросу о последствиях присоединения Средней Азии к России [Текст] / М.Х. Пирумшоев // Вестник Педагогичекого университета. – Душанбе, 2019. - № 5 (82) Душанбе, 2019. – С. 213-216.*
15. *Ходжибеков Э.Х. История строительства автодороги Сталинабад - Хорог на Памире [Текст] / Э.Х. Ходжибеков // Вестник Педагогичекого университета. – Душанбе, 2019. - № 5 (82). – С. 277-280.*
16. *Эмомалӣ Раҳмон. - Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 2 [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2002. - 487 с.*

ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ НОҲИЯИ ДАРВОЗ

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи инкишофи илми таърихро дар даврони истиқлолият вобаста ба омӯзиш ва таҳлили илмии таърихнигории таърихи ноҳияи Дарвоз ба муҳокима мегузорад. Муаллиф дар мақола қайд мекунад, ки дар дар таърихи Тоҷикистон китобҳои зиёди таърихнигорон нашр гардиданд, ки саҳифаҳои нави таърихро муайян намуданд. Муаллиф нақши таърихнигоронро дар пешрафти илми таърих нишон дода бахусус хизматҳои олимонро дар таҳлили илмии таърихнигории таърихи ноҳияи Дарвоз ёдрас мешавад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки рушди минтақаи ҳозираи Дарвоз дар давраҳои мухталиф ва бо тағйироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки манбаи асосии ҳувияти худшиносии миллиро ташкил медиҳад, ҳамчун мавзуи амиқ ва ҷолиб барои таҳқиқоти тарихшиносӣ ба ҳисоб меравад. Таърихи ноҳияи Дарвоз, ба як марҳалаи муҳим дар ташаккул ва рушдёбии фарҳанги мардуми ин минтақа дар давраҳои гуногун ишора мекунад ва дар омӯзиши ин минтақа муҳаққиқон, адибон ва таърихнигорон аз ҷумлаи зодагони он саҳми босазо

гузоштанд. Дар умум мақолаи мазкур масъалаи инкишофи илми таърих, таърихнигории таърихи ноҳияи Дарвоз, хизматҳои олимонро дар таҳлили илмии таърихнигории таърихи ноҳияи Дарвоз баррасӣ мекунад. Муаллиф рушди минтақаи ҳозираи Дарвозро дар асоси таққиқоти тарихшиносӣ аз нигоҳи таърихнигорӣ ва библиографӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор медиҳад.

Калидвожаҳо: таърихнигорӣ, Тоҷикистон, бостоншиносӣ, Дарвоз, миллат, тоҷик, илм.

ИСТОРИОГРАФИЯ ИСТОРИИ ДАРВАЗСКОГО РАЙОНА

В данной статье автор ставит на обсуждение вопрос развития исторической науки в Таджикистане и в рамках статьи ставит на обсуждение вопрос научного анализа историографии района Дарваз. Автор отмечает важность исторической науки в системе наук и указывает на то, что в данном этапе развития истории Таджикистана необходимо обратить внимание на исследование отдельных регионов что вызвало обсуждение вопроса научного анализа историографии района Дарваз. Также автор указывает на роль истьориков, публицистов и литераторов в развитие исторической науки в Таджикистане и в частности в изучение указанного вопроса. Автор приходит к выводу о том, что развитие современного района Дарваз на всех этапах развития и изменений сотавляет часть национального самопознания и поэтому остается привлекательной для исследователей. История района Дарваз, указывает на экономическое развитие региона, но вместе с этим отмечено и культурное развитие района что является важной частью ее истории. В исследование всех достижений района особый вклад внесли публицисты, историки и писатели уроженцы района Дарваз. В целом, в данной статье автор отмечает важность изучения истории района Дарваз, историографию и историю района Дарваз указывая на заслуги ученых историков. В особом вариации автор указывает на то что статья имела целью историографический и библиографический анализ изучения объекта исследования каким является современный район Дарваз.

Ключевые слова: история, Таджикистан, археология, нация, Дарваз, государство, таджик, наука.

HISTORIOGRAPHY OF HISTORY OF DARVAZ DISTRICT

In this article author discussed about the development of science of history in Tajikistan in the trend of scientific analyses of historiography analyses of history of Darvaz district. Also In this article author discussed about the role of scholars of history and archeology science of Tajikistan in the historiography analyses of history of Darvaz district. Author made the conclusion that contemporary development of Darvaz district in all period of its history consisted the part of self-cognition of national identity and therefore stay attractive theme for researchers. The history of Darvaz district noted the economy development of Darvaz district, but there also is the success in cultural development that stay a part of its history. In research of Darvaz local publicists, historians and poets of Darvaz district, made district history important contribution. Overall, in this article author discussed the problem of history of Darvaz district, historiography and history of region noted the main part is deserves of historians. In the main variation author noted, that the main aim of article is a historiography and bibliography analyses of contemporary Darvaz district.

Kewwords: History, Tajikistan, archeology, state, nation, Darvaz Tajik, science.

Дар бораи муаллиф
Акризоев Мақсуд Маҳрамбекович
Доктори фалсафа (PhD), омӯзгори калони кафедраи таърих ва фалсафа
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: akrizoev92@mail.ru

About the author
Akrizoev Maqsud Mahrambekovich
Doctor of PhD, Senior lecturer of history and philosofy disciplines
International University of tourism and entrepreneurship Tajikistan
E-mail: akrizoev92@mail.ru

Об авторе
Акризоев Максуд Махрамбекович
Доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры истории и философии дисциплин
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
E-mail: akrizoev92@mail.ru

ТДУ 930.1

ВАЪЗИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX

Озодбекова М. Б.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шуғли асосии аҳолии ВМКБ хоҷагидорӣ, аз қабили *заминкорӣ* ва *чорводорӣ* будааст. Асосан кори кишоварзиро аҳолии минтақа низ аз заминҳои ҳосилхез ва нигоҳубини ҳайвонот ба даст овардааст. Дар ин давра чорводорӣ, ки аз соҳаи дуюми хоҷагии қишлоқ будааст, ҳамагӣ 14,1 ҳазор сар чорвои калони шохдор, 64,2 ҳазор сар гусфанду буз, 1,6 хазор сар асп мавҷуд будааст. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик З. Баҳромов таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом додааст. Ӯ бештар ба масъалаи заминдор дар ва нисбат додааст.

Қисми зиёди аҳолии ин вилоят деҳқонону меҳнаткашон ташкил додаанд, ки дорои заминҳои хурд буданд. Аз ин теъдод 27 фоизи ҳамаи хоҷагиҳои ин табақа аз 2 то 5 ба гуруҳи деҳқонони миёна тааллуқ доштанд, ки 67 фоизи онро хоҷагиҳои майдони кишт аз 1/6 то 2 %-ро ташкил медод. Аксарияти хоҷагиҳои камбағал танҳо як сар чорво доштанд ва чоряки хоҷагиҳо ҳатто аз ин имкониятҳо тамоман маҳрум буданд [2, с. 208]. Ҳукумати Шуравӣ аз солҳои аввали таъсисёбии худ бо кӯмак расондан ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ машғул буданд

Дар охири моҳи апрели соли 1922 ислоҳоти замин дар аксар қишлоқҳои волостҳои Шуғнон ва Рӯшон анҷом ёфт, ки ин боиси барҳам хӯрдани моликияти калони замин гардид. Дар он деҳаҳое, ки замини бойҳо камтар буд, ба камбағалон аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии миёна замин ҷудо карда мешуд [1, с. 135]. Дар Рушон ислоҳоти замин дар асоси таҷрибаи Шуғнон гузаронида шуд. Танҳо дар волостҳои Ишкошим ва Вахон, ки деҳқонон дар зери таъсири сахти феодалҳо қарор гирифтанд, қисман ислоҳоти замин гузаронида шуд [15, с. 93].

Ҷиҳати сарфи назар аз амалҳои баровардашудаи ислоҳоти замин ва ёрии давлат ба камбағалон аҳволи меҳнаткашони деҳаҳои Помир то ҳол душвор буд. Ш. Шотемур дар маърӯзаи худ ба Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии РАСС Туркистон аз 9 августи соли 1923 навишта буд: «Ба деҳқонони камбағал ва миёна қариб ҳамеша нон намерасад

Моҳи апрели соли 1924 дар Анҷумани Шуроҳои Помири Ғарбӣ масъалаи таъсиси иттиҳоди «Ҷуфтгарон» барасӣ гардид ва дар он қарор кабул шуд, ки шуъбаҳои иттифоқи мазкур чи дар вилоят ва чи дар волостҳо ташкил карда шаванд. Баъди ба табдил ёфтани Помир Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон дохил шудани Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар ин самт масъалаҳо бештар хусусияти нақшавӣ ва муназзам пайдо намуданд [1, с. 135]. Соли 1926 ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аввалин олоти кишоварзӣ, аз ҷумла 4700 бел, 800 каланд, тақрибан 300 курак, 100 чангак ва ғайра оварда шудааст [1, с. 135] Барои рушди деҳқонӣ ва кооператсияи кишоварзӣ, қарорҳои Съезди якуми вилоятии шуроҳо баргузор гардидааст, моҳи ноябри соли 1925 аҳамияти вижа дошт.

Дар охири солҳои 20-уми дар хоҷагии қишлоқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон майдони кишт назар ба давраи пеш аз Инқилоб қариб ду баробар афзоиш ёфтааст [1, с. 135]. 10 декабри соли 1929 Кумитаи вилоятии ҳизб бо сардории Ш Шотемур «Дар бораи нақшаи сохтмони колхозӣ барои солҳои 1929-1930» қарор қабул кард, ки он дар роҳи тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ харакати оммавии колхозӣ қадами муҳим гардид. [14, с. 58]. Дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон барои оғози коллективонидани хоҷагии қишлоқ душвориҳои маҳалӣ ба амал омаданд. Дар вилоят замини муфт набуд ва деҳҳонон имконият надоштанд, ки ба бартариҳои колхозӣ боварӣ ҳосил кунанд, ки онҳо то ҳол замини хурди хусусиро мустаҳкам нигоҳ доранд [2, с. 135].

Баҳори соли 1929 Бюрои ҳизбӣ қарор дод, ки дар Вахон ва Ишкошим хоҷагиҳои коллективӣ ташкил шаванд, вале аз сабаби суст будани корҳои тайёрӣ ба амал баровардани он муяссар нашуд [9, с.24]. 24 марти соли 1930 маҷлиси умумии сокинони деҳаҳои Хоруғи боло ва Хоруғи поён ки дар Помир аввалин кумитаи кишоварзӣ бо номи «Боми ҷаҳон» ро ташкил дод. Ба колхоз 54 хоҷагии камбағал шомил шуданд.

Моҳи апрели соли 1930 дар қишлоқи Андароби ноҳияи Ишкошим ва деҳаҳои Вамару Барзуди ноҳияи Рӯшон ташкилоти ҳизбӣ киштукори якчоя оғоз меёфт. Хоҷагиҳо асосан бо фишори мақомоти маҳаллӣ ба колхоз дохил шуданд. Руҳониён ва бойҳо ба муқобили

сохтмони колхозӣ баромаданд ки дар зери таъсири онҳо бисёр хоҷагиҳои деҳқонӣ аз колхозҳо баромада рафтанд [2, с. 220]. Вобаста ба ин профессор М. Назаршоев меафзояд: «Хатои асосӣ дар ташкили хоҷагиҳои колхозӣ ҳамин буд”.

Санаи 16 апрели соли 1932 ҳайати Комиссариати халқии хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон «Масъалаҳои Помир»-ро муҳокима карда, қарор кард, ки барои нигоҳ доштани чорвои мавҷуда совхози гӯсфандпарвариро ташкил кардан зарур аст. Барои нигоҳубини чорво ва харидани хӯроки чорво Комиссариати халқии кишоварзӣ 50 ҳазор сум, барои таъминоти истехсолкунандагон ва харидани чорвои зотпарварӣ 10 хазор сум ҷудо намуд [10, с. 98-99]. Дар моҳи январи соли 1933 Бюрои кумитаи ҳизбии вилояти Бадахшони Куҳӣ масъалаи пешомадҳои сохтмони колхозиро муҳокима намуда қарор дод, ки дар давраи киштукори баҳорӣ ва бо мақсади дар сари замин гузаронидани корҳои омодагӣ якчанд колхозҳо ташкил карда шавад. Ба гуруҳи мазкур коркунони партияи советӣ ва хоҷагидорӣ К. Қонунов, М.С. Наврузшоев ва дигарон ба деҳқонон фахмонда додани аҳамияти сохтмони колхозӣ дохил шуда, худи онҳо дар ташкили хоҷагии оммавӣ бевосита иштирок доштанд [10, с. 99].

Дар ибтидои соли 1933 дар Помири Ғарбӣ 21 совхоз ташкил гардид, ки 3,5 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 7,1 фоизи майдони кишти вилоятро муттаҳид мекарданд. Танҳо солҳои 1933-1934 ба оилаҳои деҳқонони камбағали Помири Ғарбӣ 250 сар гови корӣ, 222 сар қутос, 7800 сар чорвои майда дода шуд. Санаи 23 ноябри соли 1933 даъват карда шудани съезди якуми вилоятии колхозчиён дар ҳаёти колхозҳои Помир аҳамияти калон дошт [15, с. 169].

Соли 1933 дар Хоруғи поён аввалин колхоз ташкил карда шуда, ба он Мирзонаботов Х., Чусталиев С., Қишқоров Ш., Залилов Д., Саъдуллоев Х. ва дигарон шомил буданд [3].

Бойҳо ба коллективизатсия муқобил баромаданд ва овозаҳо паҳн шуданд, ки гуё болшевикон ҳама чизро аз колхозчиён кашида мегиранд ва ҳатто иҷрои расму оинҳои диниро манъ мекунанд ва ғайра. [7, с. 36].

Фаъолияти агитатсионии заиф иқтисодии саҳлу хаттоҳои зиёдатии органҳои маҳаллии ҳизбӣ ва шуравӣ ба он оварда расонд, ки 201 хоҷагӣ, ё худ 37,8 фоизи ҳамаи хоҷагиҳо аз ҳисоби колхозҳо баромада рафтанд. Дар як худи ноҳияи Шуғнон то 20 марти соли 1934 191 хоҷагӣ, ё худ 46 %, аз колхози «Ёмҷ», 88,5 % аз колхози «Иттифоқ» ва 70 нафар аз колхози «Ситораи Сурх»-и Поршинев пароканда шуданд. Дар ноҳияи Рӯшон 10 хоҷагӣ, ё худ 25 %-он аз колхоз баромаданд [18, в. 18].

Вазъияти ба амал омадаро ба инобат гирифта, Давлати Шуравӣ барои расондани ёрӣ ба меҳнаткашон чораҳо андешида, солхои 1933-1934 ба хоҷагиҳои деҳқонию колхозӣ 250 гов, 220 қутос ва 7,8 чорвои майда таксим карда шуд. Илова ба ин, чорводорони Помири Шарқӣ барои озуқа ба маблағи 20 ҳазор сум ва барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ 109 ҳазор сум қарз гирифтанд [2, с. 227]. Дар нимаи дуюми солҳои 30-юм дар Рӯшон колхозҳои «Правда» (д. Шпад), «Комсомол» (Вознавд), «Октябр» (Деррушон), «Ленин» (Баррушон), «Аскари Сурх» (Хуф) ва ғайраро ташкил шуданд [4, с. 193].

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ анъанавии рушонӣ, назар ба гузаштаи масъала ва муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани трансформатсия (дигаргуншавӣ) дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардум рушониён аз охири асри XIX то замони муосир мебошад.

Мундариҷаи асосии мақоларо маълумот оид ба тақвимҳои анъанавии мавсимию кишоварзӣ ва хусусияти он, идҳои анъанавӣ –мардумӣ, динӣ ва маросимҳоимардуми Рушон дар бар мегирад. Масъалаҳои мазкур дар асосимаълумоти маъхазҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва адабиёти илмӣ таҳқиқ гардида, маросимҳои анъанавии мардуми Рушон бо тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистон муқоиса гардида, тафовутҳои ҷузии онҳо нишон дода шудааст [21, с. 199].

Соли 1935 дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон 20 колхоз мавҷуд буд, ки 337 хоҷагиро муттаҳид намуда, 932 гектар майдони кишт доштанд [2, с. 227]. Дар соли 1936 ба колхозҳои Помир, махсусан дар ноҳияҳои Шуғнон ва Рӯшон даҳҳо хоҷагиҳои камбағал ва миёнахочагӣ дохил шуданд. Аммо дар Бартангу Ишкошим, ки дар он ҷо бойҳо ва руҳониён мавқеи боз ҳам мустаҳкамтарро нигоҳ медоштанд, раванди ташкили хоҷагиҳои коллективӣ дар вазъияти душвортаре ба амал омад. Вале дар ин ҷо дар оянда бисёр хоҷагиҳо хоҳиши ба колхозҳо дохил шуданро баён карданд. Соли 1936 шумораи колхозҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аз 20 ба 27 адад расид, ки онхо 516 хоҷагӣ доштанд, ки ин 13,2 фоизи тамоми хоҷагиҳои деҳқониро ташкил медод. Дар охири соли 1936 дар вилоят 27 совхоз ташкил карда шуд. Дар охири соли 1937 62 совхози колхоз, аз ҷумла коллективонидани

вилоят то 57,4% хоҷагиҳои деҳқониро фаро гирифт [18, с. 169]. Дар соли 1936 ба Помир 120 асбобу анҷоми ҳозиразамони хоҷагии қишлоқ – олоти шикоркунанда, хирманҳо, тухмипошакҳо ва ғайра оварда шуд. Барои оммавӣ гардонидани комёбиҳои хоҷагии қишлоқ тирамоҳи соли 1936 дар деҳаи Поршинев ҳамоиши хоҷагии қишлоқ ташкил карда шуд, ки дар он раиси Комитети Иҷроияи Марказии Тоҷикистон Ш. Шоҳтемур интихоб гардид. Чорводорӣ дар баробари зироаткорӣ низ бомуваффақият тараққӣ карда, дар соли 1938 дар ҳамаи табақаҳои хоҷагиҳо 49,4 ҳазор чорвои калони шохдор, 116,8 хазор гусфанд, 142,4 хазор буз, 3,6 хазор асп буд. Маркази асосие, ки дар он ин кор иҷро мешуд, совхози зотпарвории «Помир» ном доштааст. Соли 1938 9 колхоз маҳсулоти фермаи ширию молӣ доштанд [2, с. 231-232].

Дар Помири Шарқӣ бо қарори КМ ПК (б) Тоҷикистон ва Ҳукумати республика барои хариди чорво ба маблағи 165 ҳазор сум қарз ҷудо карда шуд. Санаи 5 августи соли 1934 дар маҷлиси бюро масъалаи «Дар бораи тақсимоти чорво, озуқаворӣ ва ғайра, ки шуъбаи Мурғоби Совинторг тайёр кардааст» муҳокима карда шуд. Қарор дода шуд, ки 1000 гӯсфанд, 150 асп, 100 шутур, 50 тонна орд, 10 тонна фонди эхтиётӣ, 40 тонна шолӣ, 20 тонна равған ба камбағалон тақсим карда шавад.

Кумитаи ҳизбии вилоят чорводорони ноҳияи Мурғобро дастгирӣ намуда, 7 декабри соли 1940 маҷлиси умумии коммунистонро бо рӯзномаи «Дар бораи рафти коллективизатсия дар вилоят» даъват намуд. Бо қарори маҷлиси умумии ҳизби ноҳия дар охири соли 1940 дар Мурғоб се совхози чорводорӣ ташкил карда шуд, ки дар аввал 204 хоҷагии қишлоқ муттахид намуданд. Танҳо моҳи августи соли 1941 5 колхоз ташкил карда шуд, ки онхо 553 хоҷагии кӯчманчӣ, 10 фермаи ширию молӣ бо 697 чорвои калони шохдор ва 10 фермаи тиҷоратии гусфандпарвариро муттаҳид намуда, 3033 сар чорвои калони шохдорро муттаҳид менамуданд. Дар охири соли 1941 боз се совхози чорводорӣ ташкил карда шуд [3].

Моҳи ноябри соли 1940 Кумитаи ҳизби вилояти Бадахшони Куҳӣ масъалаи сохтмони колхозии ноҳияи Мурғобро дида баромада, қарор дод, ки ба ҳаёти муқимӣ гузарондани кӯчманчиҳои боқимондаро идома ёбад. Тобистони соли 1941 артелҳои нави хоҷагии қишлоқ ташкил карда шуд, ки хоҷагиҳои алоҳидаи қафомондаро муттаҳид менамуданд [29, с. 90]. Дар ҳамаи колхозҳо 20 фермаи чорводории молӣ ташкил карда шуд, ки дар онҳо зиёда аз 3,7 ҳазор сар чорво мавҷуд аст [4, с. 193].

Санаи 1 январи соли 1939 дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон 123 колхоз, аз ҷумла дар ноҳияи Шуғнон – 31, ноҳияи Ванҷ – 30, ноҳияи Роштоми Калининобод – 17, райони Ишкошим – 12, дар ноҳияи Вахон, Рӯшон ва 11 колхоз мавҷуд буд. Ба муносибати гузаштан ба коллективонии комил замин ва дигар воситаҳои истехсолот, ки ба бойхо тааллуқ доштанд, мусодира карда, ба ихтиёри колхозҳо дода мешуданд. Пас аз он қисме аз байиҳо ба хориҷа муҳоҷират карда, кисми дигари байихо заминхои ба онхо тааллукдоштаро дар байни хешу табори худ таксим карда, зери никоби дехконони миёна ба колхозхо дохил шуданд [2, с. 232].

Ҳамин тариқ, дар ибтидои солҳои 40-уми асри гузашта коллективионӣ дар Бадахшони Шуравӣ хотима меёфт. Дар ин давра дар тамоми колхозҳои вилоят аллакай 5916 хоҷагӣ мавҷуд буданд, ки беш аз 99 фоизи хоҷагии деҳқониро ташкил медоданд [2, с. 254].

Хулоса: 1. Маълумотҳои таърихӣ гувоҳ медиҳанд, ки дар Помир пеш аз таъсис ёфтани Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва то баркарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ замини корам дар дасти эшонҳо ва бойҳо будааст. Баҳори соли 1922 Кумитаи маҳаллии инқилобӣ кумитаи махсусро дар тобеъияти худ ташкил додааст. Кумитаи замину об замини бойҳоро ба даст гирифта, онҳоро ба камбағалон дар ҳаҷми аз 2 то 2,5 ҳисса чудо карданд. Соли 1923 дар Помири Ғарбӣ иттиҳодияи «Ҷуфтгарон»-ро таъсис доданд. Баъдтар солҳои 1928-1930 дар шаҳру навоҳии вилоят, ба хусус дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим идораҳои махсус таъсис ёфтаанд, вале аз сабаби комил набудан дар муддати кутоҳ пароканда шудааст. Соли 1932 совхози чорводории «Ҷавшангоз» ташкил карда шуд. Дар соли 1933 дар Помири Ғарбӣ 21 корхона ва 6 артели хоҷагидорӣ ташкил ёфт, ки то солҳои охири замони шуравӣ амал намуданд. Дар марҳалаи аввали шуравӣ, ба хусус солҳои 40-уми асри гузашта коллективонидани хоҷагии деҳа (хоҷагидорӣ) на танҳо дар Помири Ғарбӣ, балки дар Помири Шарқӣ низ анҷом ёфтаанд.

2. Дар Помир пас аз таъсис гардидани Ҳокимияти Шуравӣ ва ташкил ёфтани Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар ҳаёти хоҷагии қишлоқ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Иҷрои нақшаи умумишуравии Иттифоки Шуравӣ бо душвориҳои мушаххас ба амал

омад. Дар натиҷа солҳои 1932-1933 мамлакат ба буҳрони хоҷагидорӣ рӯ ба рӯ гардида, дар саросари мамлакат гуруснагии умум авҷ мегирифт.

3. Аҳолии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар марҳалаи аввал низ раванди шаддиди таърихӣ, ба хусус гуруснагии умумихалқиро сипарӣ намудааст. Маҳз дар ин давра тоҷикони куҳистон бештар ба молу маҳсулоти ғизоӣ ниёз доштанд.

4. Дар баробари ин деҳқонони Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аз рӯйи моҳияти сиёсати коллективӣ амал намуданд. Тафаккури моликияти хусусии деҳқонони тоҷик монеаи асосии ба вуҷуд овардан ва инкишоф додани бунёди колхозу совхозҳо гардид.

5. Новобаста аз ҳар гуна омилҳо, Иттифоҳи Шуравӣ дар ҳалли масъалахои тараққиёти хоҷагии кишоварзӣ ба деҳқонони тоҷик кӯмак расониданд. Меҳнаткашони соҳаи кишоварзии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мунтазам кӯмаки моддию молиявӣ ва техникӣ мегирифтанд. Технологияи муосир ва техникаи кишоварзӣ дар сатҳи он замон ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнати деҳқонон мусоидат намудааст.

6.Зиндагии иҷтимоии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар он замон ба куллӣ тағйир меёфт. Дар баробари ин рушду тараққиёти сохтори маориф ва соҳаи тиббии ахолӣ низ омили муҳимми баланд шудани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии умумии аҳолии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон гардид.

7. Метавон гуфт, ки таърихи рушди кишоварзии хоҷагиҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар солҳои 20-30-юми асри гузашта дорои вижагиҳои хос буданд. Ташаккулёбии соҳаи кишоварзӣ новобаста аз падидаҳои номатлуб, таъқибҳои сиёсӣ, коҳишёбии арзишҳои анъанавӣ, фарҳангӣ ва маънавии собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба назар мерасид.

Адабиёт

1. *Аламшоев, К. Ш. Шотемур - общественно-политический деятель Таджикистана / К. Ш. Аламшоев. – Душанбе, 2013.-27 с.*
2. *Антоненко, Б.А. Социалистические аграрные преобразования в Горно-Бадахшанской автономной области // Очерки по истории Советского Бадахшана / Б.А. Антоненко. – Душанбе: Ирфон, 1985.-254 с.*
3. *Бадахшони Советӣ. - 1982.-19 авг.*
4. *Бахтиёров М. Таърихи Рушон / М. Бахтиёров. – Душанбе: Илм, 2013.*
5. *Бахрамов З. Земельные отношения в Шугнане в конце XIX-XX вв. (1895-1920 гг.). // Очерки по истории Таджикистана. Т. 1. / З. Бахрамов. - Сталинабад, 1957. - С. 50-75.*
6. *Госархив ГБАО. - Ф. 1. - Оп. 1. - Д. 170. - Л. 35. - Коллегия Наркомзема о создании овцеводческих совхозов.*
7. *Госархив ГБАО. - Ф. 1. - Оп. 1. - Д. 170. - Л. 36. - Байство и коллективизация.*
8. *Госархив ГБАО. - Ф. 1. - Оп. 1. - Д. 18. - Л. 25. - Сельское хозяйство ГБАО.*
9. *Госархив ГБАО. - Ф. 1. - Оп. 1. - Д. 47. - Л. 24. - Создание колхозов в Вахане и Ишкашиме.*
10. *Госархив ГБАО. - Ф. 1. - Оп. 1. - Ед. хр. 13. - Л. 98-99. - Наркомзем. Памирский вопрос.*
11. *Госархив ГБАО. - Ф. 1. - Оп. 2, - Д. 20. - Л. 2. - Конфискация имущества.*
12. *Госархив ГБАО. - Ф.12. - Оп. 2. - Д. 92. - Л. 138. - «О борьбе с искривлениями партлинии в колхозном движении» (14 марта 1930г.).*
13. *Из истории коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР (1926-1937 гг.): сб. док. и матер. Т. 1. - Душанбе, 1973.*
14. *Иркаев, М. Роль Коммунистической партии в превращении дехкан в активных строителей социализма / М. Иркаев, П. Сафаров. - Душанбе, 1968.*
15. *Назаршоев, М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР (1917-1941 гг.). 45 с.*
16. *Набиева, Р.А. Таърихи халқи тоҷик / Р.А. Набиева. - Душанбе, 2011.*
17. *Партийный архив Горно-Бадахшанск. Обкома Компартии Таджикистана. - Ф. 3. - Оп. 58. - Д. 69. - Л. 148.*
18. *Партийный архив Горно-Бадахшанск. Обкома Компартии Таджикистана. - Ф. 2. - Оп. 57. - Д. 67. - Л. 142.*
19. *Партийный архив Горно-Бадахшанского обкома Коммунистической партии Таджикистана. - Ф. 2. - Оп. 57. -Ед. хр. 37. - Л. 14. - Версии о колхозном строительстве.*
20. *Партийный архив Горно-Бадахшанского обкома КП Таджикистана. - Ф. 2. - Оп. 57. - Ед. хр. 37. - Л. 18.*
21. *Сайнаков С.П. Дарвозиева Х.Ш Счёт времени и календарно традиционные праздники рушанцев (в кратком изложение) Вестник педагогического унвиристета. № 4(111) . 2024.С.199-202*

22. *Ташхуджаев С. Из истории партийной организации Горно-Бадахшанской автономной области / С. Ташхуджаев. - Душанбе, 1965.*
23. *ЦГА Таджикской ССР. - Ф. 9. - Оп. 1. - Д. 189. - Л. 25. - I съезд Советов ГБАО.*
24. *ЦГА Таджикской ССР. - Ф. 9. - Оп. 1. - Д. 189. - Л. 5. - Завоз сельскохозяйственного инвентаря.*
25. *ЦГА ТаджССР. - Ф. 11. - Оп. 3. - Д. 1250. - Л. 100-101. - VI съезд Советов республики (февраль 1937 г.).*
26. *ЦГА Узбекской ССР. - Ф . Р-17. - Оп. 3. - Д. 19. - Л. 225. - Земельный вопрос.*
27. *ЦГА Узбекской ССР. - Ф. Р-17. - Оп. 3. - Д. 19. - Л. 111. – Секретно. В Президиум ВПТ на Памире.*
28. *ЦГА Узбекской ССР. - Ф. Р-25. - Оп. 1. - Л. 805. - Заседание ВПТ от 27 июня 1922 г.*
29. *Шергазиев, М. Из истории борьбы Компартии Таджикистана за коллективизацию сельского хозяйства на Памире (1930-1935гг.) // Ученые записки Душанбинского гос. пед. ин-та им / Т.Г. Шевченко. - Душанбе, 1964.*
30. *Шергазиев, М. Из истории борьбы партийной организации Памира за социалистическое преобразование народного хозяйства области / Т.Г. Шевченко.-Душанбе, 1964.*

ВАЪЗИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ ХХ

Муаллиф дар ин мақолаи мазкур оид ба ислоҳоти аграрӣ дар ВМКБ дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри 20-ро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Аз ҷумла, муаллиф такъя ба маводҳои бойгонӣ ва адабиётҳои илмӣ ба масъалаи мазкур аз нуқтаи назари интиқод баҳогузорӣ намудааст. Инчунин, муаллиф ба он назар аст, ки баъд аз барқароршавии ҳокимияти шуравӣ дар Бадахшони Шуравӣ дар ибтидои солҳои 40- ум асри ХХ новобаста аз мушкилиҳои соҳаи аграрӣ, коллективони хоҷагии халқ суръат гирифта шуда дар ҳаёти аграрии вилоят дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Иҷрои нақшаи коллективонидани Давлати Шуравӣ бо душвориҳои муайян ба амал омад. Дар натиҷа, дар солҳои 1932-1933 мамалакат ба буҳрони хоҷагии қишлоқ дучор шуд. Дар тамоми мамлакат мавҷи гуруснагии умумӣ фаро гирифт. Аҳолии ВМКБ низ оқибати гуруснагии умумихалқиро эҳсос кард. Зиндагии суннати чандинасраи тоҷикони куҳистон то андозае ба ҳаёти ахолии вилоят мусоидат кард. Ба ин нигоҳ накарда, давлати шуравӣ дар ҳалли масъалаҳои тараққиёти хоҷагии қишлоқ ба деҳқонони тоҷик ёрии бебаҳо расониданд. Меҳнаткашони дехоти ВМКБ мунтаззам таъминоти моддию молиявӣ ва техникӣ мегирифтанд. Технологияи ҳозиразамон ва таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ дар дараҷаи ҳамон вақт ҳосилнокии меҳнати деҳқононро хеле баланд намуд. Симои муҳити иҷтимоии ВМКБ ба куллӣ тағийр ёфт. Тараққиёти низоми маориф ва хизмати тиббии аҳолӣ ва низ дараҷаи некуаҳолии умумии аҳолии ВМКБ омили муҳими баланд шудани он гардид. Ба таърихи тараққиёти хоҷагии қишлоқ ВМКБ дар солҳои 20-30 асри 20 баҳо дода, метавон гуфт, ки чун дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ ин муваффақиятҳо бо падидаҳои манфӣ, таъқиботи сиёсӣ, инкори арзишҳои анъанавӣ, фарҳангӣ ва маънавии точикони ВМКБ низ ҳамроҳ буд.

Калидвожаҳо: Помир, ВМКБ, Ҷумҳурӣ, ислоҳоти аграрӣ, коллективонии хоҷаги халқ, колхозҳо, совхозҳо, заминдорон ва техникаи хоҷагии дехот.

РАЗВИТИЕ АГРАРНОГО СЕКТОРА ГОРНО БАДАХШАНСКОГО АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ В 20-30-Е ГГ. XX ВЕКА

В данной статье автор дал оценку аграрным реформам в ГБАО в 20-30 - х годах XX века. Автор дал критическую оценку данному вопросу на основе архивных материалов и научной литературы. Также, автор предерживается мнения, что после установления Советской власти на Памире и образования ГБАО в аграрной жизни региона произошли кардинальные изменения. Осуществление плана коллективизации в Советском Союзе проходило с определенными трудностями. В результате в 1932-1933 годах страна столкнулась с кризисом сельского хозяйства. По стране прокатилась волна всеобщего голода. Население ГБАО также ощутило на себе последствия всенародного голода. Традиционный многовековый образ жизни горных таджиков в какой-то мере способствовал выживанию населения региона. Наряду с этим горные дехкане навсегда четко и ясно осознали суть политики коллективизации. Частнособственнический менталитет таджикских дехкан явился основным препятствием на пути создания и развития колхозного строительства. Несмотря на это, решая задачи по развитию сельского хозяйства, Советская власть оказала неоценимую помощь таджикскому крестьянству. Труженики села ГБАО систематически получали материальную, финансовую и техническую поддержку. Современная на уровне того времени техника и сельхозинвентарь во многом способствовали повышению результатативности труда крестьян. Коренным образом изменился социальный облик ГБАО. Развитие системы образования и медицинского обслуживания населения также явилось существенным фактором роста всеобщего благосостояния населения ГБАО. Оценивая историю развития аграрного сектора ГБАО в 20-30-х гг. XX века можно констатировать, что она была, как и по всему Советскому Союзу, противоречивой,

успехи сопровождались и негативными явлениями, политическими преследованиями, отрицанием традиционных, культурных и духовных ценностей таджиков ГБАО.

Ключевые слова: Памир, ГБАО, Республика, аграрных реформ, коллективов народного хозяйства, крестьяне, дехкане, горные таджики, политика коллективизации, колхозы, совхозы, помещики и сельскохозяйственная техника, колххозного строительства.

THE DEVELOPMENT OF THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE BADAKHAN MOUNTAINS AUTONOMOUS REGION IN THE 20-30s OF THE XX CENTURY

In this article, the author assessed the agrarian reforms in GBAO in the 20-30s of the XX century. The author gave a critical assessment of this issue on the basis of archival materials and scientific literature. The author is also of the opinion that after the establishment of Soviet power in the Pamirs and the formation of GBAO, the agrarian life in the region underwent radical changes. The implementation of the collectivisation plan in the Soviet Union passed with certain difficulties. As a result, in 1932-1933 the country faced the crisis of agriculture. A wave of general hunger swept across the country. The population of GBAO also felt the consequences of the nationwide famine. The traditional centuries-old way of life of mountain Tajiks to some extent contributed to the survival of the population of the region. At the same time, the mountain dekhkans have always clearly and distinctly understood the essence of collectivisation policy. The private-ownership mentality of Tajik dekhkans was the main obstacle to the establishment and development of collective farming. In spite of this, while solving the problems of agricultural development, the Soviet power provided invaluable assistance to the Tajik peasantry. The rural labourers of GBAO systematically received material, financial and technical support. Modern at the level of that time machinery and agricultural equipment largely contributed to the improvement of labour efficiency of peasants. The social image of GBAO has changed radically. The development of education and medical services was also a significant factor in the growth of general welfare of the population of GBAO. Assessing the history of development of agrarian sector of GBAO in 20-30s of XX century it is possible to state that it was, as well as all over the Soviet Union, contradictory, successes were accompanied by negative phenomena, political persecutions, denial of traditional, cultural and spiritual values of Tajiks of GBAO.

Keywords: Pamir, GBAO, Republic, agrarian reforms, collectives of national economy, peasants, dekhkans, mountain Tajiks, collectivisation policy, collective farms, state farms, landlords and agricultural machinery, collective farm construction.

Дар бораи муаллиф
Озодбекова Мавҷия Бекназаровна
Унвончӯи кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носира, 33,
E-mail: ozodbekova87@mail.ru

Об авторе
Озодбекова Мавджия Бекназаровна,
Соискатель кафедры философия и гуманитарных наук
Академии государственный управления при Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Саид Носира, 33,
E-mail: ozodbekova87@mail.ru

About the author
Ozodbekova Mavjiya Beknazarovna
Researcher of philosophy and humanities
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Said Nosira, 33,
E-mail: ozodbekova87@mail.ru

ТДУ 001: 9(092) 7378 (575-3)

НАЗАРЕ БА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ДАСТПАРВАРОН ВА ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХИ ДДОТ БА НОМИ С. АЙНӢ

Шарифова Ш. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Асри XXI давраи рушди илму технология ба шумор рафта, таълиму тарбияи ҷавобгӯ ба ниёзҳои замони ҷавонон, аз худ кардан ва дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ҷорӣ намудани навгониҳои илму техника технологияи муосир, ташаккули неруи солиму созандаи ҷомеа шароити асосии рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати илму дониш мебошад.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аз марказҳои аввалини тайёр намудани мутахассисону омӯзгорони унвондор ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш дар ин самт нақши муҳим дорад.

Факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз тамоми дастовардҳои ба рушди илми ҷумҳурӣ дар канор набуда, дар раванди таъсисёбӣ ва фаъолияти онҳо бевосита алоқамандии зич доштааст. Аз баски ҳам Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳам Донишгоҳи омӯзгории Кулоб ва ҳам Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа дар заминаю пойгоҳи ҳамин донишгоҳ таъсис ёфтаанд, табиист, ки ихтисосмандони таърих аз ҳисоби омӯзгорони факултети таърихи(ҳозира) ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таъмин мешуданд.

Дар тули мавҷудияти зиёда аз 90-солаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, факултети таърихи он барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, махсусан соҳаи омӯзгорӣ мутахассисони зиёдеро тарбия намуда, бо дастпарварон ва омӯзгорони худ боиси ифтихор гардидааст.Зеро дар факултет академикҳо А.А.Семёнов., Б. Ғ. Ғафуров, Б. И. Искандаров, Р. М. Масов, М. Э. Эркаев, И. О. Обидов, А.Наримон ва дигар олимони варзида дарс медоданд.

Дар раванди тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмию омӯзгорӣ, махсусан аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ,ташкил шудани шуъбаи аспирантура дар назди донишгоҳ қадами ҷиддӣ буд. 4-уми апрели соли

1936 бюрои КМ ҲК ва 10-уми апрели ҳамин сол ШКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили аспирантура дар назди Донишкадаи педагогии Сталинобод» қарор қабул намуданд. Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии аспирантура мувофиқи нақша мебоист аз рӯи ихтисосҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ ва методикаи таълими ин фанҳо ба роҳ монда шуд.

Яке аз олимон, ки ба сифати омӯзгор дар факултети таърихи Институти педагогии Душанбе (феълан ДДОТ ба номи С. Айнӣ) дарс дода буд, академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. Бобоҷон Ғафуров ба донишҷӯён аз фани таърихи ИҶШС дарс мегуфтанд [20, с. 21-26]. Самараи фаъолияти ин олим шоҳасари “Тоҷикон” гардид, ки бори нахуст соли 1972 ба нашр расид. Аллома Бобоҷон Ғафуров маҳз бо ҳамин хизматҳояш унвони қаҳрамони Тоҷикистонро соҳиб гардидааст [27, с. 333].

Бо роҳбарии олимону профессорони машҳур, аз ҷумла академик А.А.Семёнов аввалин аспирантони факултети таърихи Донишкадаи Сталинобод, Маҷлисов О., Ҳамроев М., Мухторов А., Баҳромов З., Латифов Н. ба майдони илми таърих, хусусан таърихи халқи тоҷик ворид гардиданд. Доктори илмҳои таърих, профессор, академик А.А.Семёнов солҳои 50-уми асри XX ба аспирантҳои факултети таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории ш. Сталинобод ба номи Т. Шевченко роҳбарӣ намуда, дарс гуфтааст [12, с. 100-104].

Олим аз солҳои аввали ба Душанбе омаданаш ба сифати ҳамкор дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ба фаъолият оғоз намуд ва баробари ин шогирдонро зери роҳбарии худ гирифта, барои бо мувофақият анҷом додани корҳои тадқиқотии онҳо мусоидат намояд. Хизмати ӯ дар омӯзишу тарҷумаи дастнависҳо, ҷамъоварии маълумот оид ба таърих ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна, пеш аз ҳама тоҷикон, хеле бузург аст[18, с. 213]. Олим муаллифи зиёда аз 300 асари илмӣ мебошад. Материалҳо барои омӯзиши шеваи тоҷикони кӯҳистони Осиёи Миёна [1] ва очеркҳои этнографии Куҳистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз [2] намунаи беҳтарини асарҳои ӯ мебошанд.

Дар риштаи таърихи ватанӣ саҳми устод факултет, академик Баҳодур Искандаров хеле назаррас аст. Мазкур баъди хатми Донишкадаи фалсафа, адабиёт ва таърихи Ленинград, ба

ҳайси омӯзгори кафедраи таърихи ИҶШС-и Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Сталинобод ба фаъолияти таълимӣ ва илмии худ шӯруъ намуд. Чунин фазои мусоид барои пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барояш дар соли 1940 дар ин макони илм фароҳам омад. Вале бо оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватани нақшаҳои дарпешгузоштаи олими ҷавонро халалдор сохт. Чун ки дар ин асно ба мадди аввал дифои Ватан меистод. Баҳодур Искандаров ба қатори ихтиёриён ба ҷанг рафта дар қатори пеш барои дифои Ватан синаи худро сипар намуд.

Соли 1962 Баҳодур Искандаров сарварии Институти таърихро ба зимма дошта, дар ин давра ба равнақи баланди илмӣ ноил гардид. Аз ҷумла асарҳои вай “Бухорои Шарқи ва районҳои Помири Ғарбӣ дар ҳайати аморати Бухоро” [8, с. 19-23], “Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Бухорои Шарқӣ ва Помир дар арафаи ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия” [11, с. 126-137], “Шартномаи Англияю Русия дар соли 1895 оид ба Помир” [4, с. 125-154], “Тақсимбандии Англияю Русия соли 1872-1873”[3, с. 84-103], “Сар даровардани капитали рус дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон”, “Ба Русия ҳамроҳ шудани Помир ва аҳамияти прогрессивии он”[10, с. 166-175], “Аз таърихи ба Русия ҳамроҳ кардани Помир” [5, с. 52-59], рисолаи “Бухорои Шарқӣ ва Помир дар давраи ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия” [9, с. 5-12] ниҳоятан “Бухорои Шарқӣ ва Помир дар нимаи дуюми асри XIX” [6, с. 352] ва ғайра дар таърихнигории миллӣ мақоми махсусро гирифтаанд [7, с. 3].

Яке аз дастпарварони факултет, ки дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик сахми босазо гузоштааст, ин академик Аҳрор Мухторов мебошад. Ӯ солҳои 1958-1959 иҷрокунандаи вазифаи директори Институти таърих ба номи Аҳмади Донишро ба ӯҳда дошт. Академик Аҳрор Мухторов қариб дар тамоми самтҳои таъриху таърихнигорӣ, бостоншиносию мардумшиносӣ, маъхазу бойгоншиносӣ, сиккашиносию эпиграфика ва таҳқиқоти илмӣ бурдааст. Муаллиф зиёда аз 600 таълифоти илмӣ ба мерос гузоштааст. Аҳрор Мухторов дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон саҳми назаррас гузоштааст. Мазкур аввалин шуда дар Тоҷикистон ба омӯзиши катибаҳо (эпиграфика) пардохта, дар асоси онҳо масъалаҳои муҳими таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии миллатро таҳқиқ намудааст. Асарҳои ӯ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба табъ расидаанд. Академик Аҳрор Мухторов ҳамеша алоқамандии илмиро то лаҳзаҳои охирини ҳаёт бо факултети таърихи Донишгоҳи давлатии олмӯзгорӣ нигоҳ доштааст [18, с. 166].

Фаъолияти илмию омӯзгории олим таърихшиноси барҷаста Мулло Эркаев баъди хатми Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошканд оғоз шудаас. Баъди баргашт ба ватан дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ҳуҷҷатҳояшро ба факултети таърихи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбеба номи Т.Г.Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи С.Айнӣ) супорида ба омӯхтани таърихи пурғановати халқи тоҷик машғул шудааст. Дар баробари таҳсил дар факулетит таърих ӯ ба фаъолияти омӯзгорӣ низ машғул буд. Таҳсил дар факултети таърих Мулло Эркаевро ҳамчун муаррихи касбӣ ва олими оянда ба воя расонд. Мазкур дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе, Донишгоҳи шабонаи омӯзишии марксизм-ленинизм, аз фанҳои таърихи ИҶШС ва асосҳои марксизи–ленинизм дарс мегуфт[18,с.122]. Муаррих соли 1953 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Шикасти фиристодаи Англияву Америка Иброҳимбеки иғвогар» дифоъ намуд. Илова бар ин Эркаев М, дар солҳои фаъолияти илмӣ-омӯзгориаш ба навиштани китобу монографияҳо ва дастуру барномаҳои таълимӣ машғул шудааст, аз қабили «Аҳамияти таърихии революцияи солҳои 1905-1907» (1955), «Мубориза барои Тоҷикистони Советӣ» (1956), «Революцияи Октябр ва комёбиҳои бузурги халқи тоҷик» (1957), «Дар мубориза барои Тоҷикистони Шурави»(1917-1957), «Материалҳо оид ба таърихи халқи тоҷик (давраи шуравӣ)» (1957) мебошанд. Бояд ёдовар шуд, ки дар ин солҳо муаррихони таърихи ватанӣ, мисли Мулло Эркаев ангуштшумор буданд. Олим соли 1964 рисолаи докториашро дар мавзуи “Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикисон” дифоъ намудааст.

Дар маҷмуъ муаррих зиёда аз 200 асару мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст. Осори Мулло Эркаев асосан ба проблемаҳои таърихи халқи тоҷик барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон, ҷанги шаҳрванди ва муборизаҳои синфӣ бахшида шудааст [19, с. 170].

Дар рушду пешрафти илми таърихи ҷумҳурӣ ва факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хизматҳои олим, доктори илмҳои таърих профессор Акрамов Наримон, ки аз соли 1973 то соли 1994 вазифаи мудири кафердаи таърихи ИҶШС (ки бо номҳои таърихи ватан, таърихи халқҳои Тоҷикистон ва охиран таърихи халқи тоҷик иваз намудааст) ба ӯҳда доштааст. Профессор Наримон Акрамов, дар

баланд бардоштани сифати таълим ва рушди илм хизмати арзанда намудааст. Мазкур фаъолияти омӯзгори таҳқиқотии худро дар кафедраи таърихи ИҶШС оғоз намудааст. Соли 1975 рисолаи доктории худро дар мавзуи “Таҳқиқотчиёни рус ва саҳми онҳо дар омӯзиши таърих, археология ва мардумшиносии халқҳои Помир ва Назди Помир” дифоъ намудааст. Осори илмии Наримон Акрамов “Шарқшиноси барҷастаи рус В.В.Бартолд”, “Александр Александрович Семёнов”, “Шарқшинос Михаил Степанович Андреев”, “Масоили таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ дар асарҳои Б.Л.Громбчевский” ва ғайраҳоро таълиф намудааст.

Фаъолияти илмию омӯзгории академик Иброҳим Обидов бевосита ба факултети таърих иртибот дорад. Солҳои 1954-1957 дар Шуъбаи аспирантураи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон таҳсилу фаъолияти имлӣ намуда, соли 1959 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Инкишофи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон дар солҳои баъдиҷангӣ (1946-1955)” ҳимоя намудааст [18]. Солҳои 1969-1975, достенти кафедраи таърихи ИҶШС- и Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе (ҳозира ДДОТ ба номи С.Айнӣ) фаъолият намудааст.

Бояд қайд кард, ки олим рисолаи доктории худро дар мавзуи “Таърихи инкишофи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1917-1970)” низ дар риштаи таърих дар соли 1974 дифоъ намудааст. Натиҷаи меҳнату заҳматҳои академик И.Обидов зиёда аз 200 асару мақолаҳои илмӣ ва илмию методиро дар бар мегиранд. Рисолаҳои олим аз қабили “Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон(Душанбе, 1965)”, “Рушди маорифи халқ ва афкори педагогии Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ”, “Таърихи рушди маорифи халқ дар ҶШС Тоҷикистон”, “Маорифи халқ дар Тоҷикистони Шуравӣ”, “Шукуфоии маорифи халқ дар Тоҷикистони Шуравӣ”, “Асосҳои назарияи коммунистии мактаббачагон” ва ғайраҳоро таълиф намудааст.

Солҳои 80-уми асри гузашта доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ, академик Раҳим Масов ба рушди илму таълими факултети таърих такони ҷиддӣ бахшид. Мазкур муаллифи зиёда аз 500 асари илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, аз ҷумла 14 монография мебошад. Олим соли 1967 рисолаи номзадиашро «Таърихнигории таҷдиди сотсиалистии хоҷагии кишоварзӣ ва ва рушди ояндаи сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон [14, с. 234]» дифоъ намуд. Олим дар даврaҳои ҳассоси сиёсии соли 1991 китоби «Таърихи табартақсим [15, с. 190]»-ро аз чоп баровард. Ин китоб ба диди нав ва тафаккури нави омӯзиши таърихии воқеъбинонаи халқи тоҷик асос гузошт. Ба табъ расидани ин асар «Тоҷикон, бо муҳри комилан сиррӣ[17, с. 200]» ба даврае рост омад, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ аланга мезад ва аз тарафи дигар ҳисси баланди ватандустии миллати тоҷик эҳсос мегашт. Китоби дигари олим «Тоҷикон: фишороварӣ ва ассилиилятсия[16, с. 175]», ки давоми китоби «таърихи табартақсим» ва «Тоҷикон: таърих бо мӯҳри комилан сиррӣ» ҳисоб меёбад, боз як исботи ҳақиқатнигории таърихи халқи тоҷик мебошад. Р.Масов аз ҷумлаи муаррихоне мебошад, ки неруи илмии таърихи халқи тоҷикро ба манфиати халқ мувофиқ намуда баҳри худшиносии миллӣ, ваҳдати комил ва рушди созандагии кишвар равона сохтааст.

Академик Раҳим Масов чун муаррих дар ҷомеа мақому манзалити хосаи худро пайдо кард. Вай аз соли 1988 то соли 2015 сарварии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт. Академик Масов Р.М. бунёдгузори Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон мебошад. Ӯ олиме буд, ки дастовардҳои илмии худро бо таълими донишҷӯён мепайваст. Масалан, он дар ҳамкории олим бо факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пурра зоҳир мегардид.

Хулоса мақоми равшану ифтихорбахши академик Раҳим Масов дар рушди таърихинигории миллӣ абадан боқӣ хоҳад монд.

Ба қатори олимони намоёни факултет профессор Ҳайдаршо Пирмушоев дохил мешавад. Ҳайдаршо Пирумшоев солҳои 1985 – 1995 вазифаи декани факултетро ба уҳда дошт [29, с. 304]. Устод Ҳайдаршо Пирмушоев соли 1996 диссертатсияи докториашро бомуваффақият дифоъ кард [21, с. 53]. Соли 2000 дар асоси таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ монографияи профессор Ҳайдаршо Пирумшоев «Равобити мутақобилаи Россия ва Осиёи Миёна аз асри XVI –миёнаи асри XIX ва инъикоси он дар таърихнигории рус» аз нашр баромад [22, с. 338]. Худи ҳамин сол китобҳои ӯ роҷеъ ба ҳаёти академик Мулло Эркаев [25, с. 104] ва соли 2004 оид ба ҳаёти академик Аҳрор Мухторов аз нашр баромаданд [23, с. 188].

Соли 2011 асари устод бо ҳаммуаллифии академик Раҳим Масов оид ба таърихи ВМКБ

дар давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон [13, с. 412], инчунин дар шарикмуаллифӣ таҳқиқоти дигари олим роҷеъ ба таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз нашр баромаданд [26, с. 488]. Соли 2021 асари ниҳоят муҳими устод роҷеъ ба таърихнигории давлати Сомониён ба табъ расид, ки дар он бори нахуст асару мақолаҳои илмии бахшида ба масъалаҳои давлатдории Сомониён таҳлил гардидаанд [28]. Самти асосии таҳқиқоти Ҳайдаршо Пирумшоев таърихи тоҷикон ва таърихнигории Осиёи Марказӣ ва Русияро дар бар мегирад. Олим муаллифӣ беш аз 420 асари илмӣ, аз ҷумла зиёда аз 40 китоби илмӣ, илмӣ-оммавӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ мебошад.

Тайёр намудани мутахассисони дараҷаи олӣ дар шароити замони истиқлолияти комил аамияти махсус ба худ касб кардааст. Ба амагон маълум аст, ки рушди ҷомеаи демолкратию ҳуқуқбунёд аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи худшиносии миллӣ вобастагии зич дорад. Асоси тарбияи худшиносии миллиро бошад, донишои мукаммали таърихӣ мегузорад. Аз ин рӯ барои дарки таърих ва омӯзонидани он ба наслҳои оянда, олимон ва таърихшиносони замони муосири халқм тоҷик, махсусан олимон ва профессорони факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба носи С.Айнӣ тамои талоши худро кардаистодаанд. Ҳамаи ин дар назди факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ масъулияти тадриҷан баланд бардоштани сифати таълим ва кушишҳои нави илмиро талаб менамояд

Хулоса, таҳлилҳо нишон доданд, ки корҳои илмӣ-тадқиқотии олимон ва академикҳо дар риштаи илмӣ таърихи ватанӣ сол то сол назаррас буда, инро дар мисоли дастовардҳои факултети таърих ва ҳуқуқ меорем. Ҳамзамон саҳми олимон ва дастпарварони факултет дар таҳқиқи таърих ва омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи таърихи ҷумҳурӣ хеле назаррас мебошад.

Адабиёт

1. *Семёнов, А.А. Материалҳо барои омӯзиши шеваи тоҷикони кӯҳистони Осиёи Миёна / А.А. Семёнов. – Тошкент, 1900.*
2. *Семёнов, А.А. Очеркҳои этнографии Кухистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз/ А.А. Семёнов. – Тошкент, 1903*
3. *Искандаров, Б.И. Англо-русское разграничение 1872-1873 гг. // Вопросы истории Таджикистана // Учение записки Сталинободского госпединститута им. Т.Г.Шевченко. – Т.26. серия общ. наук.. вып.4. / Б.И. Искандаров. – Сталинабад, 1961. – С.84-103.*
4. *Искандаров, Б.И. Англо-русское соглашение 1895 г. о Памире / Труды Таджикского госуниверситета. – Т.27. Серия Ист. наук. – Вып.1. Вопросы истории СССР / Б.И. Искандаров. – 1960. – С. 125-154.*
5. *Искандаров, Б.И. Ба Россия ҳамроҳ шудани Помир ва аҳамияти прогрессивии он / Б.И. Искандаров // Коммунисти Тоҷикистон. – 1965. -№8. – С. 52-59.*
6. *Искандаров, Б.И. Восточная Бухара и Памир ва второй половине XIX в. / Б.И. Искандаров. – Душанбе: Изд-во АН Тадж ССР. Ч.1. – 1962. – 366с.;чII. – 1963. – 352 с.*
7. *Искандаров, Б.И. Восточная Бухара и Памир во второй половине XX в.. -Ч.II. – 752 с.*
8. *Искандаров, Б.И. Дар ҳайати аморати Бухоро воқеъ будани Бухорои Шарқӣ ва районҳои ғарбии Помир// Маданияти Тоҷикистон. – 1950. -№2 – С. 19-23.*
9. *Искандаров, Б.И. Изистория Присоединения Памира к России // Крыша мира, – Душанбе: Ирфон, 1965. – С. 5-12.*
10. *Искандаров, Б.И. Проникновение русского капитала в северный районы Таджикистана и Бухарского эмирата // Об особенностях империализма в России / Б.И. Искандаров. – М.:Изд-во АН СССР, 1863. – С. 166-175.*
11. *Искандаров, Б.И. Социально-экономический строй восточной Бухары и Памира накануне присоединения Средней Ази к России / Б. И. Искандаров. // История СССР. – 1959. №4. – 126-137.*
12. *История культурногостроителства в Таджикистане (1917-1977 гг.). Т. 2. – Душанбе, 1983. – С. 100-104.*
13. *Масов, Р. Файзи истиқлолдар «БомиҶаҳон» / Р. Масов, Ҳ. Пирумшоев. - Душанбе, 2011. – 412 с.*
14. *Масов, Р.М. Историография социалистической реконструкции сельског хозяйства и дальнейшего развития колхозного строительство в Таджикистане. Дисс на соискание ученой степени канд. ист наук – ТГУ им. В.И.Ленина / Р. Масов. – Душанбе, 1968. – 234 л.*
15. *Масов, Р.М. История «топорного» разделения / Р. Масов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 190 с.*
16. *Масов, Р.М. Таджики: вытеснение и ассимиляции / Р. Масов. – Душанбе, 2003. – 175 с.*
17. *Масов, Р.М. Таджики: история с грифом «совершенно секретно» / Р. Масов. – Душанбе. 1995. – 200 с.*

18. *Пирумшоев, Ҳ. Нахустмаркази илму таълими таърих / Ҳ. Пирумшоев, Н. К. Убайдуллоев, А. Муродов. – Душанбе, 2013. - 304 с.*
19. *Пирумшоев, Ҳ. Саромадон ва дастпарварони Факултет / Ҳ. Пирумшоев. - Душанбе 2021. - 378 с.*
20. *Пирумшоев, Ҳ., Саромадон ва дастпарварони нахустмаркази илму таълими таърих / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2001. – 48 с.*
21. *Пирумшоев, Х. Российско-среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора наук / Х. Пирумшоев. - Душанбе, 1996. – 53 с.*
22. *Пирумшоев, Х. Российско-среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии / Х. Пирумшоев. - Душанбе, 2000. – 338 с.*
23. *Пирумшоев, Ҳ. Кашшофи нақди таърих / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2004. – 160 с.*
24. *Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо. Ба ифтихори 110 солагии академик Мулло Эркаев (Нашри дуввум) / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2020. – 188 с.*
25. *Пирумшоев, Ҳ. Ҷовидон дарёдҳо / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2000. – 164 с.*
26. *Пирумшоев, Ҳ., Донишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърихи миллат / Ҳ. Пирумшоев Н. Убайдуллоев, М. Маликов, А. Худойдодов. – Душанбе, 2011. – 488 с.*
27. *Раҳмон, Э. Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаисиёсивудавлатӣ // Эмомалӣ Раҳмон. Ҷеҳраҳоимондагор / Э. Раҳмон. –Душанбе: ЭР-граф, 2016. –333 с.*
28. *Сайнаков, С. П. Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва педагогии профессор Ҳайдаршо Пирумшоев / С. П. Сайнаков, А. Н. Одинаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Сарияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. - 2021. - №5-6 (9-10). - С – 7-16.*
29. *Пирумшоев, Ҳ. Таджикистан в трудах русских дореволюционных исследователей (вторая половина XIX – начало XX в.) / Ҳ. Пирумшоев. Душанбе, 1990. – 304 с.*

Таким образом, при правлении мангытов территория Бухарского ханства значительно расширилось. В силу политических и социально-экономических факторов, способствовавших активизации захватнических войн со стороны мангытов, были восстановлены многие утраченные при правлении династии джанидов чины и полномочия, постепенно проводилась реорганизация системы административного управления Бухарского эмирата.

Литература

1. *Абдураимов М. А. «Тарих-и Абулфайз-хан» Абдуррахмана Даулата и реляции Флорио Беневени как источники по истории Бухарского ханства в первой половине XVIII в.//Известия АН УзССР, СОН.-1958.-№ 6.-С. 57 –62.*
2. *Логофет. Д.Н. Страна бесправия. Бухарское ханство и его современное состояние. – СПб.: В. Березовский, 1909. – 238 с.*
3. *Маев, Н.А. Очерки Бухарского ханства / Н.А. Маев // Материалы для статистики Туркестанского края. Вып. V. – СПб., 1879. – С. 77-240.*
4. *Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX – начале XX века. – Душанбе–Алма-Ата: Ирфон, 1967. -332с.*

5. *Мирза Бади Диван. Маджмаъ - ал-аркам (предписания фиска) приѐмы документации в Бухаре XVIII в. / Факсимиле рукописи. Введение, перевод, примечания и приложения А.Б. Вильдановой. М.: Наука, 1981.-171с.*
6. *Пирумшоев Х. Участие таджиков в Административном Управлении Бухарского эмирата второй половины XIX –начала XX вв.).-Муаррих .-Душанбе. 2019. –С.3-9.*
7. *Семенов А.А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об их обязанностях носителей их в средневековой Бухаре // Советское востоковедение. —1948. — Т. V. — С. 137—153.*
8. *Халикова Р. Звания и должности в Бухарском эмирате // Наука и жизнь. —2000. — № 4. — С. 12—14. (на узб. языке).*
9. *Халикова Р.Э. Об административном управлении бухарского ханства во второй половине XVIII – начале XIX вв. // Universum: Общественные науки : электрон. научн. журн. 2014. № 8 (9) URL: http://7universum.com/ru/social/archive/item/1547.*
10. *Ханыков, Н.В. Описание Бухарского ханства / Н.В. Ханыков. – СПб.: Типография Императорской Академии Наук, 1843. – 280 с*
11. *Тухтаметов Т.Г. Русско-бухарские отношения в конце XIX – начале XX в. – Ташкент: Фан,1966. – 279с.*
12. *Хорошхин А.П. Заметки о зякате в Бухарском ханстве // Сборник статей, касающихся Туркестанского края А.П.Хорошхина. -Спб., 1876. -311с.*
13. *Гадоев Г. Освещение положения Бухарского ханства конца XIX – начала XX вв. в исторических трудах и литературных произведениях Садриддина Айни. Диссертация кандидата наук. Душанбе, 2023. 226 с.*

СИСТЕМА АДМИНИСТРАТИВНОГО УСТРОЙСТВА БУХАРСКОГО ХАНСТВА В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ ДИНАСТИИ МАНГЫТОВ

Система государственного устройства Бухарского ханства всегда являлась предметом дискуссии среди историков и этнографов. В статье дается обзор административного управления в Бухарском эмирате в период с XVI по вторую половину XVIII века, то есть начало периода правления династии мангытов, которые правили вплоть до 1920 года. Автор приводит перечень званий и чинов, обозначает их место в иерархической лестнице Бухарского ханства. Автор использует в статье письменные источники и труды не только таджикских ученых, но и узбекских и русских исследователей, в частности Мирзы Бади Дивана, Сомеи Балджувани, А. Маджлисова, А.А. Семенова, Д.Н. Логофета, Н.А. Маева, которые внесли определенный вклад в изучение административного устройства Бухарского ханства в период правления мангытов. В статье также указывается на должности и чины, существовавшие в бекствах Бухарского ханства XVIII–XIX веков, а также на систему сбора налогов и поборов.

Ключевые слова: система административного управления, эмират, ханство, история, исследование, чины, звания, вклад, Бухара.

СОХТИ МАЪМУРИИ ХОНИГАРИИ БУХОРО ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ СУЛОЛАИ МАНҒИТ

Низоми идоракунии хонигарии Бухоро ҳамеша мавзуи баҳс миёни таърихшиносон ва мардумшиносон қарор дошт. Дар мақола шарҳи идораи маъмурӣ дар аморати Бухоро дар давраи аз асри XVI то нимаи дуюми асри XVIII, яъне оғози давраи ҳукмронии сулолаи манғитҳо, ки то соли 1920 ҳукмронӣ кардаанд, дода мешавад. Муаллиф рӯйхати унвонҳо ва рутбаҳоро оварда, мақоми онҳоро дар зинаи иерархии хонигарии Бухоро нишон медиҳад. Муаллиф дар мақола аз сарчашмаҳои хаттӣ ва асарҳои на танҳо олимони тоҷик, балки олимони ӯзбек ва рус низ, аз ҷумла Мирзо Бадеъ Девон, Сомеи Балҷувонӣ, А. Маҷлисов, А.А. Семёнов, Д.Н. Логофет, Н.А. Маев, ки дар омӯзиши низоми идораи маъмурии хонигарии Бухоро дар давраи ҳукмронии манғитҳо саҳми муайян гузоштаанд, истифода бурдааст. Дар мақола ҳамчунин ба вазифаҳо ва рутбаҳое, ки дар бекигариҳои хонигарии Бухоро дар асрҳои XVIII–XIX вуҷуд доштанд, инчунин ба низоми ҷамъоварии андоз ва боҷҳо ишора карда мешавад.

Калидвожаҳо: низоми идораи маъмурӣ, аморат, хонигарӣ, таърих, тадқиқот, рутбаҳо, унвонҳо, саҳм, Бухоро.

THE SYSTEM OF ADMINISTRATIVE STRUCTURE OF THE BUKHARA KHANATE DURING THE REIGN OF THE MANGHYT DYNASTY

The system of state structure of the Bukhara Khanate has always been a subject of discussion among historians and ethnographers. The article provides an overview of the administrative management in the

Bukhara Emirate during the period from the 16th to the second half of the 18th centuries, that is, the beginning of the reign of the Manghyt dynasty, which ruled until 1920. The author provides a list of titles and ranks, and indicates their place in the hierarchical ladder of the Bukharan Khanate. The author uses written sources and works of not only Tajik scholars, but also Uzbek and Russian researchers, in particular Mirza Badi Divan, Somei Baljuvani, A. Majlisova, A.A. Semenov, D.N. Logofet, N.A. Maev, who made a significant contribution to the study of the administrative structure of the Bukharan Khanate during the reign of the Manghyts. The article also points to the positions and ranks that existed in the bekdoms of the Bukharan Khanate in the 18th–19th centuries, as well as the system of tax and levy collection.

Keywords: system of administrative management, emirate, khanate, history, research, ranks, titles, contribution, Bukhara.

Об авторе
Дустов Насим
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Кулябский государственный университет им. Абуабдуллох Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16
E-mail: ndustov99@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Дустов Насим
Унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
E-mail: ndustov99@mail.ru

About the author
Dustov Nasim
Applicant at the Department of History of the Tajik People
Kulyab State University named after A. Rudaki
734025, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16
E-mail: ndustov99@mail.ru

ТДУ 930.24 (575.3)

ИНъИКОСИ КОРНАМОИҲОИ ҶАНГИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР АШЪОРИ АДИБОН

Камолов Ф. И., Қараев Ф. Қ.
Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Левакант
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қарни ХХ бо баъзе аз воқеаҳои ҳузнангезаш дар хотироти башарият сахт нақш бастааст. Яке аз воқеаҳои фаромӯшнашавандаи ин қарн оғоз гардидани Ҷанги Бузурги ватанӣ ба ҳисоб меравад. Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳар як шаҳрванди сермиллати давлати Шуравӣ озмоиши ҳақиқӣ ва тақдирсоз ба ҳисоб меравад. Хушбахтона аҳли ҷомеаи интернатсионалисти ин давлати сулҳхоҳ ва сулҳпарвар аз ин имтиҳони тақдирсоз бо сарбаландӣ баромаданд. Германияи фашистӣ дар вақти ба давлати Шуравӣ лашкар кашиданаш қариб тамоми кишварҳои Аврупои ғарбиро ба ҷуз Англия, боқӣ ҳамаи онҳоро ба зери тасаруфи худ дароварда буд. Гитлерчиён нақшаи ғоратгаронаи худро бо номи “Барбарос” гузошта, умед бар он доштанд, ки бо чунин қувваи бузурги ҳарбӣ давлати интернатсаналии Шуроҳоро, ки аз халқу миллатҳои гуногун ташкил ёфта буд, ба тези шикаст хоҳанд дод. Гитлерчиён ва ҳаммаслакони онҳо умед бар он баста буданд, ки бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар дохили кишвари Шуроҳо ҷанги граждани оғоз мегардад ва ин ҷараён метавонад, ба зуди ин давлатро, ки аз халқу миллатҳои гуногун таъсис ёфта буд, пароканда созад. Ин идеяи зидди башарӣ дар он вақт амалӣ нагардид. Зеро аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани ин воқеаҳои ҳузнангез ҳамаи халқҳои давалати Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳимояи меҳани хеш бархостанд.

Дар назди аҳли қалам адибон, нависандагон ва шоирон вазифа гузошта шуда буд, ки корнамоиҳои ҷангии ҷавонони кишварро дар шеъру достонҳояшон васф, таҷассум намоянд. Аҳли қалами тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо асарҳои эҷодкардаашон ба кори ҳақ ва ғалаба бар фашизм хизмат кардаанд, адибону муаллифон бо асару достонҳои эҷодкардаашон шуҷоату далерии ҷавонони шуҷоъ ва зарбдорони саҳроҳоро ба меҳнати бунёдкорӣ ҳидоят намуда, ҷанговарони шуҷоъро ба корнамоиҳо ҳидоят менамуданд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ аҳли қалами кишвар билохира адибони тоҷик ба ҳаёти халқ воқеаҳои рӯй дода истода боз ҳам наздикшуда далертар гардид. Асарҳои пурмазмун навиштаи нависандагону шоирони тоҷик аз ин шаҳодат медиҳад: дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳли қалами кишвар корнамоиҳои ҷавонони кишвари хешро дар ҳарбу зарбҳо васф намуда осору достонҳои зиёдеро офаридаанд. Маҳз дар солҳои ҷанг яке аз жанрҳои паҳншудатарини адабиёту журналистика ин очерк буд. Аҳли қалам маҳз дар ин давра дар очерку мақолаҳояшон шуҷоату матонати ҷавонони кишвар инъикос намудаанд.

Адиби, мунаққиди шинохтаи тоҷик Табаров Соҳиб Шуҳратович дар мақолаи калонҳаҷми худ “Адабиёти тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)” дар мавриди муборизаву матонат ва қаҳрамониҳои фарзандони солори миллат андешаҳои ҷолиберо баён доштааст.

Аксари ҷавонони шуҷоъ дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷойи қалам-яроқро ба даст гирифта, бо фашистони хунхор мардонавор меҷангиданд. Яке аз ҳамингуна қаламкашони варзида шоири маҳбуб ва муборизи Ватани хеш Ҳабиб Юсуфӣ буд, ки истеъдоди худодод дошт. Шоири маҳбубро оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар канор гузашта натавонист. Назми ин шоири шаҳир пур аз ҳиссиёти ватану ватандӯстӣ буд. Ҳамин ҳиссиёти ватандориву ватандӯстии шоири ҷавон ва ғӯрамаргро дар канор гузошта наметавонанд, ӯ низ ҳамсони ҳазорон ҷавонони содиқи кишвараш қалами худро ба яроқ иваз намуда, ба ҳимояи меҳан рафт. Дар солҳои аввали ҷанг менависад, нависандаи маҳбуб Ҳ. Солеҳбоев Ҳабиб Юсуфӣ низ бо ҳимояи ватан рафт очерки навиштаи ӯ “Замон ва одамон” аз шуҷоату далерӣ ва садоқати бепоёни достони шоири маҳбуб шаҳодат медиҳад. Нависанда аз рӯзгори шоири маҳбуб Ҳабиб Юсуфӣ воқеан шоири ватандӯст буд. Садоқати бепоён нисбат ба Ватан, халқ, диёр ӯро ором нагузошт. Ӯ роҳи ҷабҳаро пеш гирифт. Нависандаи маҳбуб аз рӯзгори ҳомии Ватан сухан ронда дар ҷойе мактубҳои навиштаи шоир ба дӯстон ва пайвандонаш мисол овардааст. «Ман шунидам, ки баъзе аз рафиқон кӯшиш доранд, ки маро ба Тоҷикистон баргардонанд. Ман аз онҳо бисёр ҳам минатдорам, аммо роҳи ман ба

Тоҷикистон танҳо аз Берлин мегузарад» [1]. Оё ин навиштаҷоти оташини ин шоири маҳбуб, ки меҳру муҳаббати бепоён дошт нисбат ба Ватан ӯро ором гузошти метавонист. Ҳаргиз не чи тавре худи шоири маҳбуб дар шеъраш баён мекунад:

Вақте он аст, эй қалам буррандатар гарди зи теғ,
Вақти он аст эй сухан! Ғуррандатар гарди зи барқ.
То ба душман ҳамла ором, решааш бурам зи бех,
То расӣ манҳус он чарро бе шоху бар.

Аҳли қалами кишвар дар асару достонҳои эҷодкардаашон васфи диловарони кишварро менамуданд. Жанри очеркнависӣ дар ин солҳо як қисми асосии насри бадеиро ташкил медод, зеро аҳли қалам бо навиштаҳои худ тариқи воситаҳои ахбор ё рӯзномаҳо дар бораи воқеаҳои муҳимтарини ҷабҳа, ҳаёти ҷанговарони Армияи Сурх ва ё воқеаҳои ақибгоҳи фронт ба аҳли ҷомеа маълумот пешниҳод мекарданд. Нависандаи маҳбуб Ҷалол Икромӣ яке аз аввалин нависандагони кишварест, ки ҳанӯз дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ корнамоиҳои ҷангии қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ фарзанди шуҷои диёри Қистакӯз- Хизтевард Ҳоди Кенҷаев очеркҳоро бо номи “Достони марди танкшикан” [2]. эҷод намуда буд. Нависанда дар очерки худ маҳорат ва ҷасорати Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Ҳоди Кенҷаевро чун аскари шуҷоъ ва диловари ҷабҳаи Курск тасвир кардааст. Дар очерки тасвири умумии ҷанг, инъикоси психологии Қаҳрамон Ҳоди Кенҷаев муносибати ӯ бо ҳамяроқонаш хуб тасвир ёфтааст. Ҳоди Кенҷаев дар ҳайати фронти Ғарби меҷангид. Командири дивизияи 118-ум А. Я. Веденин дар хотироти хеш корнамоиҳои ҷанговари қисми низомии худ Ҳоди Кенҷаевро чунин тасвир кардааст. “Ҳайати ҷанговарони моро қариб 80 фоизашро ҷанговарони Осиёи Миёна асосан Тоҷикистон ташкил медоданд. Тоҷикон ҳамеша аз дигарон бо хислатҳои хоксорӣ ва шуҷоатмандӣ ва иҷрои бечунучарои амрҳои ҷангӣ фарқ карда меистоданд. Ман чунин хислатҳои наҷиби шуҷоатмандиро дар мисоли фарзандони ин халқи шарафманд дар мисоли Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Ҳоди Кенҷаев ва дигарон дида будам.”

Корнамоиҳои ҷангии нахуст қаҳрамони тоҷик Ҳоди Кенҷаев ҳанӯз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта буд. Аз шуҷоати ҷангии ин диловари шуҷоъ соли 1944 дар газетаи “Ҳақиқати аскари сурх” аз 15 феврал матнҳои ҷолиберо ба нашр расонидааст [3]. Муаллифи мақола аз ҷавонмардии аскари шуҷоъ мисол оварда чунин менависад: “Қасами ҳарбӣ-қонуни оҳанини ҳаёт ва муборизаи ҷанговарони советист”. Воқеан ҳаминтавр ҳам ҳаст аскари шуҷоъ ба қасами хӯрдааш вафо кард. Ӯ тавонист бо кору пайкори худ номи кишвар ва халқашро ба ҷаҳониён ошно созад. Корнамоиҳои ин фарзанди шуҷои кишвар ҳамеша дар дилу дидаи наслҳои башарият боқӣ хоҳад монд.

Шоири маҳбуб қаҳрамони Тоҷикистон М. Турсунзода дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мансаби сардори управленияи санъат кору фаъолият намудааст. Дар ин солҳои пурошӯб устод М. Турсунзода достони драмавии “Тоҳир ва Зӯҳро”, достони “Писари Ватан” “Баҳодури тоҷик”. ва даҳҳо шеъру достонҳо эҷод намудааст, ки шоир дар ин зебогии диёр ва Ватанро васф намуда, ҳамдиёронашро ба ҳимояи меҳан даъват намудааст. Шеъру достонҳои эҷоднамудаи ин шоири маҳбуб вирди забонҳо гардида буд, худи достони “Ҳаргиз”. дар он солҳо ба суруди миллии ҷавонон табдил ёфта буд.

Ту зинда бош Ватан-хонаи умеди халқ.
Ки бе ту нест дилу ҷони шодмон ҳаргиз.
Даме, ки мешуморам пурбаҳо суханҳоро
Баландтар зи Ватан нест дар забон ҳаргиз…

Ватандӯстии беҳаду канори халқи советӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар бисёр асарҳои нависандагону шоирони кишварамон инъикоси худро ёфтанд. Аҳли қалами кишвар аз боби корнамоҳои ҷанги фарзандони диёри хеш шеъру достон, асару мақолаҳо эҷод намуда, онҳоро ба ҳимояи меҳан ғалаба бар фашизм даъват менамуданд. Нависандагону шоирони маҳбуби тоҷик достонҳои манзуми повесту очерк, ҳикояву мақолаҳо навишта ҷанговарони шуҷоъи кишварро ба корнамоиҳо даъват менамуданд. Пири хирадии адабиёти муосири тоҷик устоди зиндаёд Қаҳрамони Тоҷикистон аз зумраи боарзиштарин қаламкашони қарни хеш ба ҳисоб меравад. Мо ягон паҳлӯҳои таърихи халқи хешро наметавонем пайдо намоем, ки устод С.Айнӣ дар мавзуҳои ҳаётан муҳим очерку мақола ва шеъру достоне наофарида бошанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ устод С.Айнӣ ба қаҳрамониҳои гузаштаи дур муроҷиат мекунад. Дар ин солҳо устод повестҳои “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”. ва “Шӯриши Муқаннаъ - ро менависад ”[4, с. 56]. Устод С. Айнӣ дар асарҳои таълифнамудаи худ дар бораи ҳимоятгари фарзанди далеру шуҷоъи

Хӯҷандшаҳри бостони Темурмалик, ки алайҳи аҷнабиёни ғоратгар, урдӯи Чингиз муборизаи қаҳрамонона бурдааст ба хонанда маълумоти таъсиррасонеро пешниҳод менамояд. Шоири маҳбуби дигари тоҷик ки ашъори эшон сарупо муҳаббат ба Ватану ватандӯстист дар солҳои мудҳиши ҷанг якчанд асару достонҳо эҷод намуда, дар он шуҷоату ҷасорати ҷавонони тоҷикро дар майдонҳои ҳарбу зарб таранум кардааст. Дар ҳамин давру замон аҳли зиёи кишвар ливобародори ҷомеа ба ҳисоб мерафтанд. Аҳли қалам аз рӯзҳои аввали ҷанг дар ҳама корҳо фаъолона ширкат варзида аҳли ҷомеаро ба ҳимояи меҳан даъват менамуданд.

Дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоири маҳбуб Абулқосим Лоҳутӣ бо шеърҳои оташини ба монанди “Шамшери душман бишканем”, “Хонаи Тарас озод хоҳад шуд”, “Ғалабаи Таня”, “Мардистон” шуҷоату диловарии халқи Шуравиро ба қалам дода, халқи ватандусти тоҷикро ба мубориза бар муқобили душман даъват менамуд. Инчунин А. Лоҳутӣ дар достони “Ғалабаи Таня” қаҳрамониҳои халқи шуравиро дар симои Зоя Космондемянская дарҷ намудааст. Достони «Мардистон» ба хотири ҷасорати 28 нафар қаҳрамон- панфиловчиён навишта шудааст. Аввалин шеъри дар мавзуи ҷанг эҷоднамудаи Мирзо Турсунзода "Хайр модари азиз" мебошад, ки ҳиссиёти халқи тоҷикро барои ҳифзи Ватан бедор менамуд. Шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода ба монади «Хотираи капитан», «Баҳодури тоҷик», «Писари Ватан» илҳомбахши халқ гардиданд ва барои зафар кӯмак намуданд. Дар достони «Писари Ватан» и М. Турсунзода симои қаҳрамононаи халқи тоҷик ва дӯстии халқҳои шурави тараннум гардидааст [5].

Ҳабиб Юсуфӣ бо қаламу шамшер бар зиди душман мубориза мебурд ва 22 феврали 1945 дар Варшава аз тири душман ҳалок гардид. Дар рушди адабиёти солҳои ҷанг адибону шоирон М. Миршакар, Т. Пулоди саҳмгузор буданд. М.Миршакар суруд ва достонҳои «Қишлоқи тиллой» (1942), «Одамон аз Боми ҷаҳон» (1943), «Муаллими ишқ» (1945), «Панҷи ноором» (1949), соли 1950 Мукофоти сталинии дараҷаи се гардид. [6] Достонҳои М.Миршакар «Қишлоқи тиллой» ва «Одамон аз Боми ҷаҳон» ҳаёти бо шодиву нишот ва озодиву хушбахтии тоҷиконро дар фазои озоди даврони шуравӣ васф кардааст [7].

Тилло Пулоди достони «Туҳфаи шоир» (1945) ва шеърҳои ӯ дар маҷмӯаи «Поэты Таджикистана» (изд. «Советский писатель» (1947) чоп гардиданд. [8] Аз тарафи адибони тоҷик ба шарофати қаҳрамониҳои фиристодагони Тоҷикистон, аз чумла оид ба қаҳрамониҳои Гастелло М. Турсунзода достони «Хотираи капитан», Тешабой Одилов «Қасами Тешабой» - М. Миршакар, «Вақте Тешабой ба ҷанг мебарояд» - З. Ҷавҳарӣ, «Писари Тоҷикистон» Ҳамзаалиев «Ҳамзаалиев» и М. Раҳимӣ, И. - и М. Раҳимӣ, «Қаҳрамонии Ҳамзаалиев» - и М. Аминзода, «Қаҳрамон» - и Б. Раҳимзода, Ҳ. Кенҷаев «Ҳодӣ Кенҷаев» - М. Рахимӣ, «Шараф ба фарзанди барӯманд» и А. Суҳайлӣ, - лейтенант Пушкаренко «Рафиқ Пушкаренко» и М. Раҳимӣ, Ойгул Муҳаммадҷонова «Ойгул» - Розияи Озод, «Ойгул Муҳаммадҷонова» Б. Раҳимзода ва дигарон як қатор осору достонҳои хусусияти ватандӯстона эҷод мегардиданд [9].

Инчунин маҷмуаҳои «Корномаи халқ», «Ҳофизони халқӣ дар солҳои ҷанги Ватанӣ», ки ба он шеърҳои ҳофизҳои халқӣ Б. Худойдодзода, С. Вализода, К.Чалил, Ю.Вафо, М.Юсуф, Н.Набизода ва дигарон фаро гирифта шуда буданд, аз чоп баромад.

М. Раҳимӣ дар достони «Москваи азиз» халқи тоҷикро ба ҳимояи Ватан даъват менамояд.

Н. Масъуми дар достони «Ҳикоя дар бораи мамлакати хушбахт» тамоми хушбахтиҳои ҳаёти халқро дар мубориза ба муқобили фашизм маҳсуб медонад. Достонҳои «Неруи дустӣ» и А. Суҳайлӣ, «Ҷавонӣ ва қаҳрамонӣ», «Вакил қаҳрамон» и Х. Обиди, «Назарпаҳлавон» и О. Лутфи ва ғайраҳо одамонро дар руҳияи ватандӯстӣ талқин менамуданд. Солҳои ҷанг дар адабиёти тоҷик жанри шеърҳои паём хеле рушд ёфт, ки намунаи он «Мактуб аз фронт» и Н Масъумӣ ва баъдтар онро шоирони дигар М. Миршакар «Маро фаромуш накун», «Туро фаромуш намекунам», А. Деҳотӣ «Маро интизор шав», «Интизор мешавам!» идома медоданд. Аз мазмуни чунин ашъори шоирон руҳияи садо ба Ватан пайдо мешавад [10].

Дар ашъори М. Миршакар «Тарсончак ва тир», «Савол ба савол», «Аз рӯи нақша», А. Деҳотӣ «Ҷанг каму замин ором», «Ҷанговарони Гитлер ба ҳалокат наздик шуданд», М. Аминзод «Рубоиёти гуреза» на ғайраҳо бо маҳорати баланд эҷод мегардиданд. Суруду хаҷвия ва ҳикояҳои М. Миршакар, А. Деҳотӣ, А. Сухайли, Самад Ғанӣ аз мазмуни эҷодиёт ва анъанаи ҳаҷвнигории халқ гирифта шудааст, ки қаҳрамонони асосии он Мушфиқӣ ва Афанди мебошанд.

Аксарияти асарҳо дар «Окна ТаджикТА» аз моҳи марти соли 1942 то марти 1944 беш аз 120 маротиба ба микдори аз 150 то 1000 нусха чоп мешуданд. Матиҳои А. Деҳотӣ, М.

Миршакар, М. Аминзода, М. Рахимя, А. Суҳайлӣ, Самад Ғаниро дар шакли плакат «Окон ТаджикТА» омода менамуд.

Нависанда Ф. Ниёзӣ дар очеркҳои «Кабир аз Ҳоит», «Снайпери Азим», «Қарз ва боварӣ» ҳаёти ҳақиқии ҷанговаронро дар фронт инъикос менамуд. С. Улуғзода дар очеркҳои «Семен ва Самад», «Як ва яксаду як», «Вай шаҳри Ленинро муҳофизат менамояд» қаҳрамониҳои ҷанговарони шуравиро таҷассум менамояд. Ҷасорат ва мардонагии фарзандони халқи тоҷик Муҳаммадӣ Иброҳимов, Исмоли Ҳамзаалиев, Урунбек Якубовро нависандаи тоҷик Раҳим Ҷалил дар очеркҳои худ «Писар», «Комсомол аз Сомгор» ва «Қаҳрамон Урунбек» тасвир намудааст. Ҳаёту фаъолияти Қаҳрамонони Иттифоқи Шуравӣ Домулло Азизов ва Ҳодӣ Кенҷаев дар очеркҳои Ҷ. Икромӣ «Қаҳрамони соҳили Днепр» ва «Сказание о сокрушителе танков» инъикос ёфтааст. Дар очеркҳои Ҷ. Икромӣ «Муйсафед», Раҳим Ҷалил «Марям-бригадир» меҳнати деҳқонону коргарони ақибгоҳ дарҷ гардидааст. Дар ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Шинел», «Амаки командир» иртиботи ақибгоҳ ва фронт тасвир ёфтааст. Меҳнати занон, муйсафедон ва наврасони ақибгоҳ дар ҳикояҳои Р. Ҷалил «Телпакдуз», «Миннатдории амаки Ҳалим» ва «Модар» тасвир ёфтааст. Ҳикояҳои Ҳаким Карим «Хун бо хун», «Ватандӯст», С. Улуғзода «Ҳуҷум», Ф. Ниёзӣ «Мавқеи тоҷик» низ марбут ба шароити замони ҷанг навишта шудаанд.

Асари Садриддин Айнӣ «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» низ соли 1942 таълиф ёфтааст. Сафарбарнамоии ҷанговарон ба фронт дар очерк ва мақолаҳои С. Улугзода «Ҷанговари Артиши Сурх» ва «Ғалаба наздик» дарҷ гардидааст. Қаҳрамониҳои халқи шуравӣ дар фронт ва ақибгоҳ дар мақолаи Ҷ. Икромӣ «Пуштибон торикиро нопадид мекунад» ва А. Деҳотӣ «Қарзи мукаддас» тасвир ёфтааст. Ҷ. Икромӣ дар драмаи «Дили модар» (1942) фаъолияти занонро дар ақибгоҳ таҷассум менамояд. Драматург А. Файко ва нависанда Ҷ. Икромӣ бо забони тоҷикӣ драма дар бораи муҳорибаи Сталинград «Хонаи Нодир» ро (1943) таҳия намуданд. Дар нақши қаҳрамонони саҳнача Нодир, Барсуков, Хайрулина, Никита, Камол аз рӯи афкори дустин халқҳо амал менамуданд. Драмаи С. Улугзода «Дар оташ» (1944) вазъияти фронтро аз руи мавзуи дустии халқҳо ва қаҳрамонии Тешабой Одилов дар Ленинград, назди дарёи Нева инъикос менамояд.

Либреттон М. Турсунзода дар операн «Тоҳир и Зухро» ғалабаи қувваи некиро ба бадӣ тачассум менамояд. Адабиёти тоҷик дар солҳои ҷанг аз ҳисоби тарҷуман осори адибони рус И. А. Крылов, А. П. Чехов, Л. Толстой, А. Фадеев, М. Шолохов, И. Эренбург, К. Симонов, В. Катаев, В. Василевской, А. Довженко ганӣ мегардид. Солҳои ҷанг дар Тоҷикистон адибони русзабон С. Городетский, И. Селвинский, С. Бону, А. Адалис, А. Файко, Н. Павлович и Е. Журбин фаъолият менамуданд. Дар натиҷа соли 1949 аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ маҷмуаи асарҳон бадей-илмии нависандагони гуногун бо забони русӣ «Асари адабии Тоҷикистон» («Литературный Таджикистан») аз чоп баромад.

Инчунин маҷмуаи «Халқ месарояд», «Сарояндагони халқӣ дар солҳои Ҷанги ватанӣ», ки дар он шеърҳои халқии Б. Худойдодзода, С. Вализода, К. Чалил, Ю. Вафо, М. Юсуф, Н. Набизода ва дигарон интишор мегардиданд. С. Айни ва А. Лоҳутӣ дар қисмҳои ҳарбӣ назди аскарон сентябри соли 1942 баромад намуда дар гиридаҳамоии бахшида ба итмом расидани сохтмони Канали Калони Ҳисор ширкат варзиданд. Моҳи августи соли 1942 А. Деҳотӣ дар ҳайати намояндагони Точикистон ба Ленинград сафар намуд. М. Турсунзода бо ҳаваскорони тоҷик ба Эрон рафта, инчунин дар гирдиҳамоии халқҳои Осиёи Миёна дар Тошкент маъруза намуд.

Соли 1945 Иттифоқи нависандагони шуравӣ амалан ба даҳҳаи адабиёти тоҷик дар Москва омода мегардид. Тасмим гирифта шуд, ки қисман маводҳои адабӣ-бадеӣ барои адабиёти тоҷик дар ду ҷилд бо забони русӣ, дар ҳачми 40 чузъи чопӣ интишор гардад.

Ҳаҷви тоҷик дар солҳои ҷанг дар шакли жанрҳои шеър, ҳикоя, фелетон, эпиграмм, масал дар умум мардумро ба муборизаи зидди душман даъват менамуданд.

Адабиёти тоҷик дар солҳои ҷанг тавонист, барои мубориза ба муқобили душман ва озодии ватан эҷодиёти адибону нависандагони тоҷикро баҳри ғалаба васф намояд. Тамоми шоирону нависандагони тоҷик дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз рӯи мавқеи ватандорию ватанпарсатӣ ба эҷодиёт машул гардида асару достонҳои зиёде офариданд.

Аҳли қалами кишвар дар ин солҳои мудҳиши ҷанг худро ба ҷабҳа даъватшуда ҳисобида дар қатори меҳнаткашони саҳро ва корхонаҳои саноатии кор мекарданду меҳнати диловарони онҳоро дар асару достонҳояшон васф менамуданд. Дар рафти амалиётҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аксари кулли шоирони кишвар шеъру достонҳои зиёде эҷод намуданд, ки аксари қаҳрамонҳои онҳоро ҷавонони далеру шуҷоъ ташкил медоданд. Корнамоиҳои ҷанги

Ойгул Муҳаммадҷонова, он солҳо вирди забони аҳли қалам гардида буд. Устод М.Миршакар низ достоне ба ин лочиндухтари шуҷоъ бахшидааст. Достони мазкур аз 17 қисм иборат буда, ба хотираи лётчик Ойгул Муҳаммадҷонова, ки дар амалиётҳои ҷангӣ аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон дода, қаҳрамонона ҳалок гардидааст, бахшида шудааст. Шоири маҳбуби тоҷик устод Боқӣ Раҳимзода, ки худи эшон низ иштирокчии ин набардҳои хунин буданд аз шуҷоату далеронаи гурдофарди тоҷик ба ваҷд омада достони лирикиеро дар васфи Ойгул бо номи “Ба Ойгул”, “Ба қаҳрамон” ба қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Исмоил Ҳамзаалиев, “Роҳи Тайшуда”, “Гостело”, “Сипари сурх”, “Вафо”, “Исмоил Ҳамзаалиев”, “Марҳамат”, “Мактуб аз чойхонаи Берлин” аз зумраи шеърҳои устоди маҳбуб буданд, ки дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ вирди забонҳо гардида буданд. Аҳли қалам дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба душвориҳои он нигоҳ накарда асару достон, шеъру тарона, ҳикояву достон очерку роман эҷод менамуданд. Қаҳрамонони асару достонҳои онҳоро ҷавонону бонувони шуҷоъи кишвар ташкил медоданд. Муҳаммадҷон Раҳими аз зумраи ҳамингуна қаламкашони маҳбуби замони хеш ба ҳисоб меравад, ки эҷодиёти ӯ ду давраи дар бар мегирад. Давраи дуюми эҷодиёти ӯ ба давраи пурталотуми давру замон Ҷанги Бузурги Ватанӣ –ро дар бар мегирад. Аз рӯзҳои авали оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯ баҳри ҳимояи Ватан ба ҷабҳа рафта дар ҳайати Фронти І-уми Беларусия ҷангидааст. Устод М. Раҳимӣ офарандаи якчанд сенарияҳо доир ба фамилияҳои ҳунари ва бадеи мебошад. Аз ҷумла дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ филми “Писари Тоҷикистон” ба навор гирифта шуд, ки сенарияи он ба қалами ин шоири маҳбуб тааллуқ дорад [11]. Ғайр аз ин шоири маҳбуб дар ин даври як қатор шеърҳоро аз амсоли “Интиқом ”, “Нисбат ба душман бераҳм бош” ба табъ расондааст, ки ин шеърҳо дар васфи ҷавонони ғаюру далери тоҷик бахшида шудаанд. Аммо дар байни шеъру достонҳои аз худкардаи М. Раҳим шеъри ба нахустқаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Исмоил Ҳамзаалиев сазовори таҳсин аст. Шоир қаҳрамони худро ба мисли уқоби баландпарвоз ва дурбин тасвир намудааст, ва дар охир қайд менамояд, ки тоҷикон ҳамеша ҷасур боғайрат ва далеру тавоно буданд мо бо чунин фарзандон ифтихор дорем. Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳанӯз аз рӯзҳои авали оғоз гардидани ин фоҷеаи нангин оғоз гардида буду он то кунун идома дорад. Оиди корномаҳои ҷанги нахустқаҳрамони тоҷик Исмоил Ҳамзаалиев аҳли адаби кишвар асарҳои зиёде офариданду ва то кунун офарида истодаанд. Соли 1976 Солеҳбоев К. китоберо бо номи “Замон ва одамон” аз нашр баровард, ки як қисми китоби мазкур бо номи “Қаҳрамони санғорӣ” [12]. Корнамоиҳои ҷанги фарзандони шуҷоъи кишвар дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ашъори аҳли илму адаб хуб инъикоси худро ёфтааст. Шоири маҳбуб Муҳиддин Фарҳат аз шуҷоату ҷасорати Исмоил Ҳамзаалиев ба ваҷд омада силсилаи шеърҳоро ба ӯ бахшидааст. Соли 1985 билохира ба рӯзи ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоири маҳбуб шеъреро бо номи “Тупчии мерган зи тӯпаш беҳтар оташ зад”-“Иди Зафар” аз нашр баровардаанд [13, с. 59]. Шоир лаҳзаҳои нахуст қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Исмоил Ҳамзаалиев дар шеъраш чунин тасвир кардааст. Тӯпчии мерган зи тӯпаш бехато оташ зад, лашкари таърифии Гитлера кард зеру забар…

Шоири маҳбуб, ки бо омӯзгори Самғори Исмоил Ҳамзаалиев якчанд очерку достон ва шеърҳо дар васфи ин Қаҳрамони Самғорӣ навиштааст Аминзода М. яке аз аввалин шоиронест, ки дар шеъру достонҳояш васфи дӯсти айёми ҷавониашро кардааст ва дар ҷойе низ худаш иброз намудааст, ки ӯ аз дӯсташ ифтихор дорад. Силсилаи шеърҳои ин шоири маҳбуб дар васфи қаҳрамон бо номи “Баҳори дил”, “Тӯпчии қаҳрамон”, ва соли 1964 силсилаи шеърҳояш ба хотири фотеҳони майдони ҳарбу зарб бахшида шудааст аз нашр баровард. Тоҷикистон маҷмӯаи шеърҳои шоири маҳбубро бо номи “Овезаи ғалаба ” аз нашр баровард. Шоири маҳбуб аз хабари ғалаба даъвати хешро бар душманон огоҳ шуда силсилаи шеърҳои ӯ ба табъ расондааст, ки яке шеъри дигари ӯ ба қаҳрамони муҳорибаи курск Ҳоди Кенҷаев бо ном “Ба Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Ҳоди Кенҷаев ” ном дорад, ки соли 1976 ба табъ расидааст. Шоираи маҳбуб Розияи Озод дар назми тоҷик саҳми арзандае гузоштаанд оғоз гардидани ҷанги хонумонсӯз шоираи маҳбубро дар канор гузошта натавонист, соли 1943 шоиреро ба хотираш Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ ҳамдеҳаи худаш Ҳоди Кенҷаев ва инчунин маҷмӯаи шеърҳои ӯ бо номи “Муҳаббати Ватан” ба табъ расид. Чи тавре баён гардид аҳли қалам шуҷоату мардонагиҳои ҷавонони шуҷоъи кишвари хешро ҳам дар назм ва ҳам дар наср ба қалам додаанд. Дар зери таъсири ватандӯстии халқу миллатҳои давлати паҳновари шуравӣ дар ин солҳои мудҳиш шоири маҳбуби кишвар Аминҷон Шукуҳӣ бо шеъру достонҳои пурмазмуни худ ба майдони назм дохил гардид. Шоири халқии Тоҷикистон лаурияти давлатии ба номи А. Рӯдакӣ Раҳмат Назрӣ аз зумраи он қаламкашони маҳбуби кишварҳоест, ки дар тамоми жанр шеър, суруд, достон, ҳикоя, очерк эҷод кард

васфи фарзандони шуҷоъи халқи хешро дар шеъру достонҳояш таҷассум намудааст. Шоири маҳбуб аз шуҷоату ҷасорати гурдофариди тоҷик Ойгул Муҳаммадҷонова ба ваҷҳомада соли 1975 шеъреро барои поси хотири нахуст лочиндухтари тоҷик Ойгул Муҳаммадҷонова бо номи “Мурғи самандар” аз нашр бароварда [14].

Ҳамин тариқ, ҷанги оғознамудаи душманони инсоният ба нокомиҳои онҳо анҷом ёфт. Дар таъмин намудани ин ғалабаи бузург саҳми аҳли қалам кам нест. Аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани ин воқеаи ҳузнангез беш аз 5 ҳазор зиёиёни тоҷик қалами худро ба яроқ иваз намуда, ба ҳимояи меҳан рафтанд ва аксари ин ҳомиёни роҳи истиқлоли ватан дар сангарҳои ин ҷанг ҷон ба коми марг супоридаанд.

Адабиёт

1. *Солеҳбоев, Ҳ. Замон ва одамон / Ҳ. Солеҳбоев. – Душанбе, 1976.–183 с.*
2. *Ҷалол, И. Марди таншикан // Очерк / И. Ҷалол. - Душенбе, 1978.–78 с.*
3. *Ҳақиқати аскари сурх . 15 уми феврали 1944.*
4. *Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик / С. Айнӣ. - Душанбе, 1978.–138 с.*
5. *Турсунзода, М. Писари Ватан //Шеър. / М. Турсунзода. – Душанбе, 1975.*
6. *Мирсаид, М. Одамон аз боми ҷаҳон // Шеър / М. Мирсаид.–Душанбе, 1965.*
7. *Мирасаид, М. Қишлоқи тиллои//Шеър / М. Мирсаид. – Душанбе, 1965.*
8. *Тилло, П. Достони Тӯҳфаи шоир// Шеър / П. Тилло. – Душанбе, 1970.*
9. *Розияи О. Ойгул-Қаҳрамон. // Шеър. Адабиёт ва санъат / О. Розияи. – Душанбе, 1968.*
10. *Абдусалом, Д. Маро интизор шав//Шеър / Д. Абдусалом. - Душанбе: Адабиёт ва санъат, 1975.*
11. *Раҳимӣ, М. Писари Тоҷикистон / М. Раҳимӣ. - Очерк. 1965.–54 с.*
12. *Солеҳбоев, Ҳ. Замон ва одамон / Ҳ. Солеҳбоев. – Душанбе, 1976.–78 с.*
13. *Муҳиддин, Ф. Иди Зафар”/ Ф. Муҳиддин. - Душанбе: Адабиёт ва санъат, 1985. - 5 март.*
14. *Раҳмат, Н. Мурғи самондир: Шеър / Н. Раҳмат. - Душанбе: Адабиёт ва санъат 1975-17 март.*

ИНЪИКОСИ КОРНАМОИҲОИ ҶАНГИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР АШЪОРИ АДИБОН

Муаллифони мақола қайд менамоянд, ки аҳли илму адаб дар солҳои пурошӯби ҷанг дар ду ҷабҳа ба муқобили душман ҷангидаанд: ҷабҳаи набардҳо ва ҷанг. Муаллифони мақола бо овардани фактҳои ҷолибе иброз менамоянд, ки мо ягон муҳорибаҳои пурошӯби ин солҳоро наметавонем пайдо намуд, ки дар он аҳли қалами кишвар иштирок карда, аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон надода бошанд. Мо бо номи адабони маҳбуб Боқӣ Раҳимзода,Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Примуҳаммадзода, Лутфулло Бузургзода ва даҳои дигар ифтихор дорем, ки онҳо дар роҳи озодии кишвари хеш бар зидди қуввахои аҳриманӣ ҷангида, аксари онҳо дар роҳи истиқлолият ба даст даровардани Ватан дар сангарҳои он ҷон ба коми марг супоридаанд. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар асоси маводи бойгонӣ ва инчунин мақолаву очерк, асару достонҳо иштирокчиёни набарҳои хунини ҷангро дар таҳқиқот нишон додаанд, ки он роҳнамойи хубест барои шинос шудан аз шуҷоату ҷасорати муборизони роҳи озодии Ватан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

Калидвожаҳо: Ҷанги Бузурги Ватанӣ, муаллифони мақола, фактҳои ҷолиб, адибони маҳбуб, ҷабҳаи набардҳо, озодии кишвар, аҳли илму адаб, маводи бойгонӣ, роҳи истиқлолият, асару достонҳо.

ОТРАЖЕНИЕ ВОЕННЫХ ПОДВИГОВ МОЛОДЕЖИ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ ВЕЛИКАЯ ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ВОЙНА В ЛИТЕРАТУРНОЙ ПОЭЗИИ

Авторы статьи отмечают, что в бурные годы войны люди науки и литературы сражались с врагом на двух фронтах: фронте сражений и фронте войны. Авторы статьи отмечают интересные факты и отмечают, что мы не можем найти ни одного бурного сражения этих лет, в котором народ страны не участвовал бы и не проявил бы своей храбрости. Мы гордимся именами любимых писателей Баки Рахимзода, Хабиба Юсуфи, Сотима Улугзода, Пирмухаммадзода, Лутфулло Бузурззода и десятков других, которые боролись за свободу своей страны против злых сил, а большинство из них боролись за независимость страны. Родину в твердынях страны той умертвили. Авторы постарались на основе архивных материалов, а также статей, очерков, трудов и рассказов в исследованиях показать участников кровопролитных сражений войны, что является хорошим пособием, позволяющим узнать о мужестве и отваге бойцов. за свободу Родины в годы Великой Отечественной войны.

Ключевые слова: Великая Отечественная война, интересные факты, любимые писатели, фронт, свобода страны, деятели науки и литературы, архивные материалы, путь к независимости, произведения и рассказы.

REFLECTION OF THE MILITARY EXPLOITS OF THE YOUTH OF TAJIKISTAN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR IN LITERARY POETRY

The authors of the article note that during the turbulent years of the war, people of science and literature fought the enemy on two fronts: the battle front and the war front. The authors of the article note interesting facts and note that we cannot find a single stormy battle of these years in which the people of the country did not participate and did not show their courage. We are proud of the names of our beloved writers Baki Rahimzoda, Habib Yusufi, Sotim Ulugzoda, Primomukhammadzoda, Lutfullo Buzurgzoda and dosens of others who fought for the freedom of their country against evil forces, and most of them fought for the independence of the country. The homeland was killed in the strongholds of that country. The authors tried, based on archival materials, as well as articles, essays, works and research stories, to show the participants in the bloody battles of the war, which is a good tool for learning about the courage and bravery of the fighters. for the freedom of the Motherland during the Great Patriotic War.

Keywords: The Great Patriotic War, interesting facts, favorite writers, front, freedom of the country, figures of science and literature, archival materials, the path to independence, works and stories.

Дар бораи муаллифон

Камолов Фирузҷон Иззатуллоевич
Омӯзгори кафедраи ҷомеашиносӣ – гуманитарӣ
Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Леваканд
E-mail: kamolov525241@mail.ru

Қараев Фарҳод Қурбанович
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17

Об авторах

Камолов Фирузджон Иззатуллоевич
Преподаватель кафедры социологии - гуманитарных наук
Филиал Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в г. Леваканд
E-mail: kamolov525241@mail.ru

Караев Фарход Курбанович
Кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17

About the authors

Kamolov Firuzjon Izzatulloevich
Teacher of the Department of Sociology - Humanities
Branch of International University of Tourism and Entrepreneurship in Levakand
E-mail: kamolov525241@mail.ru

Karaev Farhod Kurbanovich
Candidate of Historical Sciences, Docent of Department of the Tajik people
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17

ТДУ 786/789 (091) (575.3)

САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ СОЗИ МУСИҚИИ ЧАНГ ВА МАЪНИҲОИ ИН ИСТИЛОҲ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Саидҳомидов С., Мирмастова М.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Тоҷикон дар тули таърихи беш аз 5500-солаашон ҳамеша дӯстдори ҳунари мусиқӣ буданд ва низ ҳастанд. Қарорҳои ба тасвиб расидаи Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи ҷашни 2500-солагии шаҳри Кӯлоб, 3000-солагии шаҳри Ҳисор, 5500-солагии шаҳри қадимаи Саразми Панҷакент, инчунин мавҷудияти дигар кушку қалъаҳо ва ёдгориҳои нодири таърихии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтаҳои болоро собит менамоянд. Тоҷикон мусиқиро баҳри инъикоси ҳаёти ҳамарӯзаи хеш мунтазам истифода менамуданд. Жанрҳои гуногуне, ки имрӯз санъати мусиқии тоҷикро фаро гирифтаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки тоҷикон ҳаргиз аз ин ҳунари нафиса даст накашидаанд, эҷоди ҳунариашонро пайваста сайқал дода, мусиқӣ ва суруду таронаҳои марғуберо офаридаанд ва аз насл ба насл интиқол дода, то замони мо расонидаанд.

Роғиби адабиёти тоҷик, олими санъатшинос, омӯзгори шинохтаи соҳаи мусиқӣ, номзади илмҳои таърих – Абубакр Зубайдӣ дар асари илмии таълиф намудаи хеш “Мусиқии тоҷик дар даврони истиқлол” дар бораи аз ҷониби адабиёти тоҷик ва фарзонафарзандони ин миллат тараннум намудани ақидаҳои неки умумибашарӣ чунин менигорад: “Адабиёти ҳазорсолаи мардуми мо, ...аз устод Рӯдакӣ сар карда, то шоирони имрӯза ақидаҳои неки умумибашариро тараннум намудааст” [2, с. 22].

Муаллиф дар боби 2-юми китоб дар бораи ташаккул ва инкишофу таҳаввулоти жанри озоди мусиқии “Фалак” сухан гуфта, ҳамчунин мефармояд: “Агар ибтидо ва сарчашмаи сурудҳои мардумии тоҷик, аз ҷумла “Фалак” дар “Гот”-ҳову “Ашт”-ҳо ва “Ясно”-ҳои Авасто бошад, пас он дар замони давлатдории Сосониён хело рушд кардааст. Асосгузори ин сулола Ардашери Бобакон (224-241) шоҳи донишманд ва адолатпеша буда, дар радифи комёбиҳои бузурги иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоии кишвараш ба рушди илму фарҳанг ва ҳунар низ аҳамияти ҷиддӣ медод...

Дар давраи ҳукмронии Хусрави Парвиз низ мусиқӣ равнақ ёфт. Ҳунармандони машҳур Борбад, Бомшод, Саркаб, Саркаш, Ромтин, Накисову Озодвари Чангӣ, Гесӯи Навогар дар инкишофи мусиқии касбии замони худ ва минбаъд нақши бориз гузоштаанд...” [2, с. 82].

Тавре ки аз гуфтаҳои муаллиф бармеояд, дар дарбори шоҳ чандин нафар чангиён низ будаанд ва машҳуртарин навозандагони сози чанг ду нафари онҳо – Накисо ва Озодвари Чангӣ ном бурда шудаанд. Дар идомаи фикр муаллиф чунин менависад, ки: “Дар замони бузургтарин ҳофиз ва ромишгар, роҳбари дастаи ҳунарварони дарбори Хусрави Парвиз Борбади Марвазӣ суннатҳои замзама ва замзамахонӣ, божхонӣ, божхомӯшӣ, фаҳлавиёт маъмул буданд... Бузургтарин ноқили “Фаҳлавиёт” Борбади Марвазӣ дониста шудааст, ки дар ин бора Абу Усмон ибни Ҷоҳиз дар асараш “Китоб-ут-тоҷ...” навиштааст: “Дар замони Хусрави Парвиз ва шоҳи мутрибони Аҷам Фаҳлабад (Борбад) санъати овозхонӣ ва навозандагӣ ба пояи хело баланд расид ва мақоми ромишгарон дар дараҷаи аввал буда ва ҳама савту суруде дар арса эҷод шуд, аз савту лаҳнҳои Фаҳлабад (Борбад) аст” [2, с. 83].

Мувофиқи гуфтаҳои Насриддини Тусӣ: «Борбади Марвазӣ шахсест, ҳунарманд дар боби навозиши барбат ва овозхонӣ. Муғанниест, ки оҳангу таронаҳои Аҷамро офаридааст. Ӯ 360 тарона ва 30 оҳанг эҷод намуда, дар ин ҷода ниҳоят маълуму машҳур гаштааст». [10, с. 73].

Барои тақвияти гуфтаҳои Абубакр Зубайдӣ ақидаи шоири соҳибдевони тоҷик, раиси Раёсати нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Суғд Аҳмадҷони Раҳматзодро мисол меоварем, ки дар Сарсу-хани асарҳои мунтахаби хеш дар бораи ҳунармандии Борбад нигошт-тааст: “Ба ишораи баъзе аз ховаршиносон Борбади Марвазӣ баробари хунёгари беҳамто будан, шоир низ будааст ва худ матни таронаҳояшро суруда. Ӯ дар дафтаре он шеърҳоро ғун карда, чун маҷмуи сурудҳояш маҳфуз медоштааст... Чун шеъру оҳанг болҳои таронаю суруд ҳастанд ва бе ин ду рукни асосӣ ба вуҷуд намеоянд, суоле ба вуҷуд меояд, ки матни суруду таронаҳои ҳофизону овозхонҳо ва ровиёну ҳунарварони мумтози боргоҳи Парвизи Сосонӣ ва

шоҳаншаҳони дигари хуросониро кӣ эҷод кардааст? Ҳол он ки Борбад ба унвони ҳар рӯзи сол таронае доштааст, яъне 365 суруду тарона, ки дар таърих масбут мебошад” [6, с. 5-6]

Дар мақолаи “Саҳми ҳунармандони Филармонияи давлатии Тоҷикистон дар тарғиби сурудҳои классикӣ”-и асари номбурда Абубакр Зубайдӣ дар бораи ба воситаи ҳунари сарояндагиву навозандагӣ ифшо намудани олами зебои розу ниёзҳои мардуми тоҷик дар даврони қадим, чунин фикри ҷолиберо изҳор менамояд: “Мардуми соҳибфарҳанги тоҷик зебоии олами ботинии хешро тавассути шеъру ғазал, рақсу тарона ва суруду мусиқӣ ифшо намуда, ин ганҷи шоёнро чун мардумаки чашм ҳифз карда, то ба имрӯз расонидааст” [2, с. 64].

Дар баробари ин, бозёфтҳои бостоншиносӣ, деворнигораҳову нақшҳои рӯйи санг, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва дигар кишварҳои имрӯзи Осиёи Марказӣ пайдо шудаанд, инчунин маълумотҳои таърихии аз ниёгонамон ба меросмонда, далели таърихи бостонӣ доштани созҳои мусиқии тоҷиконро собит менамояд. Ниёгони тамаддунофар, фарҳангиву санъатдӯсти мо дар самти эҳёи созҳои мусиқии мардумӣ низ гомҳои устувор гузоштаанд. Тоҷикон дар масири таърихи тулонии мавҷудияти хеш бунёдгузори чандин созҳои мусиқӣ будаанд. Бо истинод ба таҳқиқотҳои муҳаққиқони таърихи мусиқӣ устод Аслиддин Низомӣ дар асари хеш - “Таърихи мусиқии тоҷик” (2014) далелҳои хеле муътамадеро меоварад, ки: “Дар оҳангу наво, зарбу усулҳои мусиқии мазҳабӣ (ниёишҳои аввалини ҳиндуориён, сурудхониҳои мӯбадони зардуштӣ) албатта пеш аз ҳама аз услуб ва навоҳои мардумӣ истифода мешуд.... Созҳои аслии он замон иборат буд аз най, найи дупон, кӯс, чанг...” [4, с. 22].

Хусусан, дар асрҳои миёна шоирону навозандагон ва устоҳои чирадаст чунин созҳоро сохта ё аз нав эҳё намудаанд, ки баъдан ин созҳоро дигарон мавриди навозишу омӯзиш қарор додаанд. Масалан, “чангнавози хоси Баҳроми Гӯр – Озода ҳамеша бо чанги худ дар паҳлӯи шоҳ будааст ва суҳбатҳои хоси ӯро бо садои дилнавози он оро медодааст” [16, с. 160]; таъсиси дастаҳои ҳунарии “шоҳи мутрибони Ачам” – Борбад (588-638) дар дарбори шоҳ Хусрави Парвиз (570-628), ки шумораашон то ба беш аз ҳафтод нафар мерасид; ҳунари баланди сознавозии Асосгузори адабиёти классикии тоҷик, Одамушшуаро – Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ (858-941), ки “бисёр созҳои мусиқии даврони хешро ба хубӣ менавохт ва санъатшиносон ӯро ҳамчун офарандаи сози “рӯд” медонанд” [11, с. 7]; ҳамчун донишманди соҳаи мусиқӣ эътироф гардидани “файласуфи бузург, табиби ҳозиқ ва шоири ширинкаломи тоҷик – Абуалӣ ибни Сино (980-1037), ки ба санъати мусиқии ғанию қадимаи мардумӣ диққати зиёд ҷалб намудааст” [11, с. 8]; соҳиби асари безаволи китоби кабири мусиқӣ – “Китоб-ал мусиқӣ-ал кабир” будани донишманди беҳамтои тоҷик – Абунасри Форобӣ (870-950); инчунин рағбати зиёди офаридани шеъру оҳанг ва созҳои мусиқӣ аз ҷониби шоири хушсухани тоҷиктабори Ҳиндустон – Амир Хусрав (1253-1325), ки “офарандаи сози мусиқии “сато” мебошад” [11, с. 9]; ҳунари баланди мутафаккиру шоири бузурги тоҷик – Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), ки “як боби пурраи эҷодиёташро ба санъати мусиқӣ бахшида, дар ин ҷода рисолаи мусиқӣ ҳам эҷод кардааст” [11, с. 9], аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои миёна фарҳангу ҳунари тоҷик ба сатҳи баланд расида, дар ғанӣ гардондани фарҳангу санъати башарӣ низ нақши бориз гузоштааст.

Шавқу завқ ва эҷодиёти одамон ба санъати мусиқӣ рӯз то рӯз зиёдтар шуда рушд ва сайқал ѐфта истодааст. Аз ин рӯ ин фанни таълимӣ дар коллеҷҳо ва донишкадаю донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба донишҷӯён омӯзонида мешавад, то насли оянда аз он баҳравар гардад. Ин фан дар ташаккули тарбияи зебоипарастии онҳо нақши мондагор мегузорад ва барои хубтару беҳтар намудани сифати ин фанни таълимӣ, пеш аз ҳама сатҳи дониши мусиқии донишҷӯѐни донишгоҳҳои омӯзгориро баланд намудан лозим аст, чунки таълимдиҳандаи асосии ин фан дар муассисаҳои таълимӣ хатмкунандагони ҳамин донишгоҳҳо ба ҳисоб мераванд ва онҳо бояд дониши муккаммали ҳаматарафаро доро бошанду вазифаи худро дар назди миллату давлати худ сарбаландона иҷро намоянд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат хеле мушаххас баѐн намуданд, ―Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрии хонандагону ҳамватанон омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад [14, с. 13].

Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ аз ҷониби омӯзгорон имконият фароҳам меоварад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии шогирдон боло рафта онҳо ҳамқадами замон гарданд. Ҳамин гуфтаҳоро ба назар гирифта бояд дар фаъолияти худ амали намудани он тамоми роҳҳою усулҳоро истифода намоем, ки насли ояндаро

бомаърифату эҷодкор таълиму тарбия намоем. Бо мақсади он ки донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ ба кор рафта бемушкилӣ машғулиятҳоро гузаронида тавонанд бояд ба донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ тарзи тадриси суруд ва мусиқиро омӯзонем, ки онҳо баъди хатми донишгоҳ бе ягон тарсу ҳарос ба муассисаҳои таълимӣ рафта бо дили пур фаъолият намоянд, чунки аксари донишҷӯён вобаста ба сатҳи пасти 14 тайёрии мусиқӣ-педагогии худ аз ӯҳдаи гузаронидани ин машғулиятҳо намебароянд ва яке аз сабабҳои ба мактаб нарафтани хатмкунандагон низ дар ҳамин норасоии дониши касбии худи онҳо мебошад [14, с. 13].

Зикр кардан ба маврид аст, ки сози мусиқии чанг дар баробари дигар созҳо, ки дар умқи асрҳо эҳё шуда, то ба имрӯз расидаанд, низ дорои таърихи қадим мебошад. “Мувофиқи маълумоти маъхазҳои қадимӣ ҳанӯз дар давраи шумериҳо (ҳазораи 4-3 то м.) ин соз (чанг) бо шаклу намуди дигар маъмул будааст” [16, с. 160].

Байти зерини пур аз маонии сараи шоири бузурги достонсаро –Ҳаким Фирдавсӣ суханҳои дар фавқ овардаро доир ба сози мусиқии чанг тақвияти бештар мебахшад:

*Паричеҳра ҳар рӯз **сад чангзан**,*
Ба шодӣ ба даргаҳ шудӣ анҷуман Фирдавсӣ [13, с. 523].

Ин байти пурмуҳтавои бузургшоири форсу тоҷик маълумоти хеле муфиди дигареро низ дар худ ниҳон дорад. Гап сари истилоҳи “***сад чангзан***” меравад, ки шоир онро дар байт хеле бамаврид истифода намудааст. Аз ин истилоҳ ва маънии байт дарк кардан мумкин аст, ки дар дарбори шоҳони Сосонию Сомонӣ шумораи зиёди навозандагону сарояндагон дар анҷуманҳои барпогардидаи дарбор – “даргаҳ” иштирок менамуданд ва азбаски дар байт калимаи “паричеҳра” истифода шудааст, пас метавон ҳадс зад, ки садҳо занони паричеҳра дар дарбори шоҳӣ ин анҷуманҳоро бо садову навои пурасрори сози чанг дилпазиртар менамуданд.

Дар асрҳои IX-X низ сози мусиқии чанг яке аз созҳои мусиқии маъмулу маъруфи тоҷикон будааст. Тавре ки аз байти зерини асосгузори адабиёти классикии тоҷик – Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ бармеояд, шоири ширинкалом ин сози мусиқиро ҳам моҳирона, бо сабки ба худ хос менавохтааст:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз к-ӯ суруд андохт... [7, с. 82].

Илова бар ин бо такя ба “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (1969) зарур мешуморем, ки доир ба фаҳмишҳои мухталифи истилоҳи “**чанг**”, ки дар адабиёти классикии тоҷик хеле зиёд вомехӯрад, низ маълумоти мухтасар пешниҳод намоем.

Сараввал бояд ёдовар шавем, ки истилоҳи “чанг” кадом маъниҳоро дар бар мегирад ва бо сози мусиқии “чанг” чӣ гуна равобити маъноӣ дорад?

1. Дар сарчашмаҳои адабӣ олимони адабиётшиноси тоҷик истилоҳи “**чанг**”-ро ба чандин маънӣ тавзеҳ додаанд. Масалан, дар адабиёти болозикр нахуст он ба маънии “***панҷаи даст бо ангуштони хамида***” маънидод шуда, барои шиносоии бештар бо маънии ин калима байти зерини шоири шаҳир – Заҳири Форёбӣ сабт гардидааст:

Лаъли сероби ту бигрифт аз майи гулранг ранг,
Кай раво бошад агар мутриб ниҳад аз чанг чанг [13, с. 522]

Дар ҳамин сарчашма маънии “***чанг задан ба (ё дар) чизе***” ба маънии “***даст задан, часпидан ба** чизе**, дарафтодан***” тавзеҳ ёфта, барои хубтар дарк намудани маънии истилоҳи мазкур байте аз осори шоири хушзавқи адабиёти классикии форсу тоҷик – Убайди Зоконӣ оварда шудааст, ки дорои мазмуни зайл мебошад:

Мардаке сурхриш ҳозир буд,
Чанг дар риш зад, чу ин бишнуд.

Барои боз ҳам равшантар дарк кардани маънии ин истилоҳ дар зери байти Убайди Зоконӣ як байти дигар аз эҷодиёти шоири нотакрори тоҷик – Абдулқодири Бедил зам шудааст, ки хеле муъҷаз ин маъниро дар худ таҷассум менамояд. Аз он ҷумла:

З-он амал гар яке шудӣ ботил,
*Сади дигар задеш **чанг** ба дил.*

Сонӣ истилоҳи “***чанг** овехтан ба чизе*” дар ин сарчашма ба маънии “***бо панҷа маҳкам гирифтани** чизе*” шарҳ дода шуда, барои тақвияти ин фикр байти пурмазмуни зерини бузургшоири тоҷик – Абулқосим Фирдавсӣ аз достони “Шоҳнома”-и ӯ оварда мешавад:

*Ба банди камарш андар овехт **чанг**,*
Ҷудо кардаш аз пушти зини хаданг [13, с. 522].

Баъд аз ин истилоҳи "***аз чанг додан***" тафсир меёбад, ки ба маънии "***аз даст додан, гум кардан***" сабт шудааст ва дар тақвияти фикр байти зерини шоири маҳбуби тоҷик – Файзӣ оварда мешавад, ки чунин аст:

Эй домани ақл дода аз ***чанг,***
Аз пираҳане мабод дилтанг.

Сипас, дар фарҳанг истилоҳи "***ба*** (*ё* ***дар***) ***чанг афтодан***" шарҳ дода мешавад, ки ба маънии: а) "***ба даст афтодан, муяссар шудан, ҳосил шудан"*** пешниҳод мешавад ва барои хубтар дарк кардани истилоҳи мазкур байти зерини шоири хушсухану хушкаломи форсу тоҷик – Ҳофизи Шерозӣ оварда мешавад, ки дорои чунин маънӣ мебошад:

Суроҳиею ҳарифе гарат ба ***чанг*** *афтод,*
Ба ақл нӯш, ки айби фитнаангез аст.

Сониян, маънии дигаре, ки дар ин истилоҳ нуҳуфтааст, чун: б) "***гирифтор шудан, ба банд афтодан***" тавзеҳи худро ёфта, барои тақвияти фаҳмиши ин истилоҳ байти шоири хушсалиқаи тоҷик – Шамсиддини Шоҳин оварда мешавад, ки дар он ин истилоҳ ду бор истифода шудааст:

Аз рақибони ту дар ***чанги*** *бало афтодаам,*
Ё раб, ин тираниҳодон ба бало ***чанг*** *зананд [13, с. 522].*

Сипас, маънии истилоҳи "***ба чанг овардан***" ба фаҳмиши "***ба даст овардан, ҳосил кардан***" маънидод мешавад ва дар тақвияти фикр байти зерини шоири муҳаббатсарои тоҷик – Зебуннисо, ки бо тахаллуси Махфӣ суханварӣ менамуд, оварда мешавад, ки низ дорои мазмуни хеле баланд аст:

Панҷаи ҳиммат нагирад домани яъсу умед,
Чун Зулайхо гар ба ***чанг*** *орем умри рафтаро.*

Баъдан дар ин сарчашма истилоҳи "***Ба чанг омадан***" ба маънии истилоҳи "***ба даст даромадан, ҳосил шудан***" шарҳ дода шуда, барои хубтар дарк кардани маънӣ байте аз осори шоири тавонои форсу тоҷик – Низомии Ганҷавӣ оварда мешавад, ки бо овардани ин калима маънии байт хеле возеҳ ифодаи худро ёфтааст:

Агар гавҳарат бояду ҳам наҳанг,
Зи дарёи ман ҳарду ояд ба ***чанг.***

2. Ҳамчунин дар сарчашма истилоҳи "**чанг**" ба маънии "***панҷа ва чанголи ҳайвонот ва мургони дарранда***" шарҳу тавзеҳ ёфта, барои боз ҳам хубтар дарк кардани ин маънӣ байте аз шоири маъруфи тоҷик – Ҳоҷӣ оварда мешавад, ки чунин аст:

Зи кӯҳи фано ҳамла орад паланг,
Бидарронадам ҳамчу оҳу ба ***чанг.***

Олимони забардасти тоҷик – мураттибони фарҳанг барои тақвияти фикр дар пайи ба фаҳмиши ин истилоҳ расидан ҷумлае аз осори нависандаи пурфайзи тоҷик – Садри Зиёро низ меоваранд, ки чунин аст:

"Ҳазрати охунд имрӯз аз чанги он ҷонвар саҳату саломат халос шуданд, хеле болиданд". Садри Зиё [13, с. 522]

3. Сипас, маънии маҷозии истилоҳи "***чанг***" ба маънии "*тасаллут, тасарруф*; ***дар чанги*** *касе* ***будан, дар тасарруфи*** *касе* ***будан, дар дасти*** *касе* ***будан***" тавзеҳ дода шуда, барои дарки беҳтари ин истилоҳ байте аз шоири тавонманди тоҷик – Ҳаким Фирдавсӣ оварда мешавад, ки маънии хеле баланде дорад:

Ҳама сар ба сар пок дар ***чанги*** *мост,*
Бар айвонҳо нақши авранги мост.

4. Баъд аз ин маънии маҷозии истилоҳи "***чанг***" ба маънии "***ҳар чизи хамида, дуто, кач ва ё ҳалқамонанд***" кушода дода шуда, дар тақвияти фикр байти зерини шоири хушсухани тоҷик – Бадри Чочӣ пешниҳоди хонанда гардонда шудааст:

Ба ***чанги*** *турраи ӯ дил чунон муқайяд шуд,*
Ки аз сарочаи дил нолаҳои зор омад. [13, с. 522]

Дар ин саҳифаи сарчашма ҳамчунин истилоҳи "***чанг бар*** (*ё* ***дар***) ***ной ниҳодан***", ки маънии хосси киноявии "***хасисӣ кардан ва пулу мол ғундоштан, аз нафси худ зада мол ҷамъ кардан***"-ро дар бар мегирад, инчунин байти зерини шоири бузурги форсу тоҷик – Саъдии Шерозӣ оварда шудааст, ки дар он низ ин калима ду бор истифода шуда, дорои маънии хеле баланди тарбиявӣ гардидааст:

Ниҳода падар ***чанг*** *бар нои хеш,*
Писар ***чангию*** *ной оварда пеш.*

Умуман дар адабиёти классикию муосири тоҷик калимаи “***чанг***” бо маъниҳои хеле зиёд тафсир ёфтаанд. Дар баробари он маъниҳое, ки дар мақола доир ба истилоҳи “***чанг***” дар бораашон сухан гуфтем, ҳамчунин дар осори адибони адабиёти классикии тоҷик ин калима ба маънии сози мусиқии “**чанг**” низ хеле зиёд вомехӯрад.

Мавриди зикр аст, ки дар сарчашмаи номбурда, калимаи “***чанг***” ба маънии “***сози мусиқии чанг***” низ оварда шудааст. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ дар ин бора сухан рафта, барои боз ҳам беҳтар фаҳмидани маънии калима байтҳо аз шоирони тавонманду хушсухани тоҷик – Абулқосим Фирдавсӣ ва Абдурраҳмони Мушфиқӣ оварда шудааст:

*Ҳама шаб зи овози **чангу** рубоб,*
Сипаҳро наомад бар ин дашт хоб. (Фирдавсӣ)
Дуто шудам зи ғами ишқу зор менолам,
Ба нола дол бувад қомати хамидаи чанг. [13, с. 522] (Мушфиқӣ)

Сипас, дар сарчашмаи мазкур, ки мо бо мақсади фаҳми истилоҳи “**чанг**” аз он истифода намудаем, ин калима ба маънии “***чанги даҳан***” низ оварда шуда, ба маънии зер тафсир меёбад: “чанги хурде, ки аз пӯлод сохта шудааст ва духтарону ҷавонзанон ба дандон газида, бо нӯги ангушти рост менавозанд”; маънии истилоҳи “***чанг задан***” бошад ҳамчун “***чанг навохтан***” шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Дар ин сарчашма ҳамчунин дар радифи калимаи “***чанг***” истилоҳи “***чангзулф***” низ истифода шудааст, ки дорои маънии *“зулфи зебои каҷу хамида*” – “***хамидазулф***” мебошад. Аз байти зерини шоири ширинбаён – Сӯзанӣ низ аён мегардад, ки дар давраи қадим дар баробари “пирони ***чангпушт***”, яъне “пиронсолон”, сози мусиқии “***чанг***”-ро асосан бонувон менавохтаанд:

*Пирони **чангпушту** ҷавонони **чангзулф**,*
*Дар **чанг** ҷоми бодаю дар гӯш бонги **чанг** [13, с. 523]*

Тавре аз байти шоир бармеояд, дар он дар чаҳор маврид калимаи “***чанг***” истифода шудааст: аз ҷумла ду маротиба ба маънии “***хамида***” – “чангпушт”-у “чангзулф” ва як маротиба ба маънии “***панҷаи даст***” ва як маротибаи дигар ба маънии сози мусиқии “***чанг***”.

Дар ҳамин саҳифа инчунин байте аз шоир ва мутафаккири барҷаста, донишманди нотакрори соҳаи мусиқии тоҷик – Абдурраҳмони Ҷомӣ вомехӯрад, ки дар он истилоҳи “***чангӣ***” истифода шуда, маънии “***навозандаи чанг, мутриб***”-ро дорад, аммо калимаи дигари “***чанг***”-и байт маънии “сози мусиқии “***чанг***”-ро ифода намудааст:

*Гоҳ аз **чангӣ** гирифтӣ **чангро**,*
Тез кардӣ сӯзнок оҳангро... [13, с. 523]

Ва ин гуна мисолҳоро аз осори адибони классикии тоҷик бешумор пайдо намудан мумкин аст, ки бо истифода аз калимаи “***чанг***” чандин маъниҳои дигарро низ соҳибанд. Вале, азбаски ин истилоҳ пажӯҳиши жарфтарро тақозо дорад, мо тасмим гирифтем, ки бо овардани ҳамин маълумот иктифо намуда, доир ба сохти сози мазкур ва хусусиятҳои дигари он маълумоти мухтасар пешниҳод намоем.

Агар мо ба сохти сози мусиқии чанг назар афканем, он созест, дорои 75 тори металлӣ ва ҳамон миқдор гӯшак. Қаторовозаи ин сози маъруф аз 25 пардаи диатоникӣ ва хроматикӣ иборат аст. Он 25 хараки калон ва 6 хараки хурд дорад, ки симҳо аз болои онҳо мегузаранд. Симҳои чангро бо калиди махсуси оҳанӣ ҷӯр мекунанд. Чанг бо ду чӯбча навохта мешавад, ки аз дарахти бамбук сохта шудаанд. Ин соз ба гурӯҳи созҳои мусиқии торӣ мансуб аст.

Чанг сози якканавозӣ мебошад. Сози мусиқии мазкур дар оркестрҳо ва ансамблҳои миллӣ низ истифода бурда мешавад. Чангҳое, ки дар замони мо истифода мешаванд, аз чангҳои даврони қадим ҳам аз рӯйи шакл ва ҳам мизон (диапазон) хеле тағйир дидааст. Мизони овози сози чанге, ки имрӯз дар истифода аст, аз нотаи “сол”-и октаваи хурд то нотаи “сол диез”-и октаваи 3-юмро дар бар мегирад. Барои хомӯш кардани садоҳои нолозим дар сози чанг педал истифода бурда мешавад, ки он дар бари пояи пеши сози чанг ҷойгир мебошад. “Навозандаеро, ки аз уҳдаи иҷрои сози мусиқии чанг ба хубӣ мебарояд, чангнавоз меноманд” [16, с. 160].

Дар фароварди мақолаи илмии мазкур мо дар асоси таҷрибаи чандинсолаи мутахассисони соҳаи санъати навозандагӣ “*усулҳои муосири навозиши сози мусиқии чанг***”**-ро низ пешниҳоди хонандагон мегардонем, ки аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Сози мусиқии чангро нишаста менавозанд. Ҳангоми навозиш ба тарзи дар курсӣ дуруст нишастани шогирд диққат додан зарур аст. Ӯ бояд дар нимаи пеши курсӣ нишаста, ба ду пой такя намояд. Пойи пешашро ба педал наздик гузорад. Ҳангоми дар курсӣ нишастан ба ҳолати ҷойгиршавии дастҳо низ диққати махсус додан зарур аст. Оринҷҳои дасти навозанда

бояд аз сатҳи торҳои сози чанг каме баландтар ҷойгир бошанд. Дар ин ҳолат ӯ бояд қоматашро рост гирад, дастҳояшро аз кифт сар карда, то оринҷу банди даст озод нигоҳ дорад.

Чангро бо ду чангчӯб менавозанд, ки аз чӯби бамбук сохта мешаванд. Дастаи он каме камоншакл аст. Дар нӯги чангчӯбҳо резини махсус кашида шудааст. Нӯги дигари он ба мисли мизроб борик аст, зеро бо ин нӯги вай баъзан услуби навозиши "питсикато кол лено" истифода бурда мешавад, ки дар поён шарҳи худро ёфтааст. Чангчӯбҳоро навозанда ба ҳарду даст, яъне рост ва чап, ба дарозии якхела медорад. Қувва ва садои форами сози чанг, ба тариқи ба торҳои соз захмаҳои пайваста задан вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, навозанда бояд ба торҳо аз харак 4-5 см дуртар захма занад. Инчунин баъзан барои баровардани садои нафису ҳалим лозим аст, ки аз харак аз ин ҳам дуртар навохт, ё баръакс, барои боз ҳам садои баланд баровардани соз, зарур аст, ки ба харак хеле наздик захма зада шавад. Ҳангоми доштани чангчӯбҳо, панҷа ва банди дасту оринҷ бояд озод нигоҳ дошта шаванд. Ин тарзи маъмулии навохтани сози мусиқии чанг мебошад.

Якчанд усули дигари навохтани сози чанг низ мавҷуданд, аз ҷумла:

"З", (зарба, захма) - бо чангчӯб ба торҳо зарба (захма) зада навохтан.

Pizzicato colegno (Pizz. Col Legno) - навохтан бо нӯги қафои чӯбча бо услуби чимдӣ кардан.

Pizzicato (Pizz.) - навохтан бо ангуштон бо услуби чимдӣ кардан.

Col Legno (colleg) - ба тор бо қафои чӯбча захма задан.

Ctaccato con sordini (Ctac. con sord) - зуд хомӯш намудани садо бо ангушти дигар.

Glissando con legno (glis. C.L) - бо нӯги қафои чӯбча бо услуби лағжиш, зуд ва пайваста аз як нота ба нотаи дигар гузаштан.

Vibrato (vib.) - бо ангушти дасти аз навозиш озодбуда ларзондани тори дар паҳлӯ садододаистода.

Хулоса, фарҳанги қадимаи мусиқии мардумии куҳанбунёди тоҷик таърихи ғанию рангин дошта, "ба боғи сарсабзу пур аз меваҳои расидаву лазиз шабоҳат дорад, ки он ҳама бурду бохт, баҳору хазон ва гармиву сардии аз сари миллати мо гузаштаро бо ҳам дидаву роҳи пурпечу фарози онро паси сар намуда, аз жарфнои қарнҳо то ба имрӯз, аз насл ба насл, аз Борбад то ба мо омада расидааст". [2, с. 83].

Дар ин радиф овозхонону навозандагон ва олимону ҳунармандони маъруфи тоҷик кӯшиши зиёде ба харҷ додаанд, то илми мусиқӣ ва созҳои мусиқии авлодии хешро маҳфуз дошта, онро рушду такомули зиёд бахшанд ва барои ин сози мусиқӣ асарҳои нав ба нав эҷод намоянд. Хусусан, таърихи навозандагию ихтироъкории пайвастаи сози мусиқии "чанг" собит менамояд, ки шуруъ аз жарфнои асрҳо ин сози дилошӯб ҳамроҳу намнафаси мардуми тоҷик буда, дар ин ҷода навозандагоне чун Озода, Накисову Озодвари Чангӣ ва дигар гулдухтарони тоҷик савту навои ин сози нафисаи мусиқиро ба гӯши фалак расонидаанд.

Месазад, ки ин сози мусиқии хушовоз имрӯз ҳам дар баробари дигар созҳои мусиқӣ дар базму тараб ва ҷашну маросимҳои мардумии ҷумҳурӣ садо диҳанд ва рӯҳи ниёгони бузург, ҳунармандони чирадаст ва рӯҳияи миллати куҳанбунёдамонро бо садои дилнавози худ шоду масрур гардонад. Ба умеди хушнуд гардонидани хотири чангиёни имрӯза, ки дар соҳаи фарҳанги тоҷик босамар кору фаъолият доранд, байти зеринро, ки бо ҳисси илҳом аз сатрҳои болоӣ аз нӯги қаламамон ба рӯйи сафҳаи мақолаи мазкур рехтаанд, манзури хонандаи азиз мегардонем:

Чанг бар чангат бизан, эй чангбози дилрабо,
Аз дилу аз ботини мо чанги ғурбатро рабо! Шайнакӣ

Хушбахтона, сози мусиқии қадимаи чанг имрӯз ҳам дар ҳайати ансамблҳову оркестрҳои миллии мо ҳунарнамоӣ карда истодааст ва месазад, ки дар оянда омӯзиши ин сози мусиқии мардумӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ боз ҳам қавитар, хубтару беҳтар ба роҳ монда шавад, то ки ҳунармандони чирадасте, амсоли Озода, Накисо ва Озодвари Чангӣ дар ҷомеаи мо тарбият ёбанд ва санъати мусиқии халқи тамаддунофари тоҷикро дар арсаи байналмиллалӣ арзанда муаррифӣ намоянд. Умедворем, ки дар оянда ҳам сози пурнафосати чангиёни тоҷик дар фазои фарҳангии олам садо дода, бо навои дилпазирашон асарҳои тозаэҷоди композиторони маҳбуби моро ба гӯшу қалби ҳассоси оламиён хоҳанд расонид.

Адабиёт

1. *Абуалӣ ибни Сино. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. // Осори мунтахаб, Ҷ. 1. Абуалӣ ибни Сино - Душанбе, 1980. - С. 27-55.*
2. *Абубакр, Зубайдӣ Мусиқии тоҷик дар даврони истиқлол. / Зубайдӣ Абубакр - Душанбе: Аржанг, 2017. - 304 с.*
3. *Аслиддин Низомӣ. Абунасри Форобӣ. Китоб-ал мусиқӣ-ал кабир. / Санъатшиносӣ, №5-8. - Душанбе, 2024.*
4. *Аслиддин Низомӣ. Наҷмиддин Кавкабӣ ва рушди илми мусиқӣ дар Мовароуннаҳр. / Низомӣ Аслиддин // Санъатшиносӣ, №2, 2021. - С. 3-12.*
5. *Аслиддин, Низомӣ Таърихи мусиқии тоҷик / Низомӣ Аслиддин. - Душанбе: "Адабиёти бачагона", 2014. - 384 с.*
6. *Аҳмадҷон, Раҳматзод Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1. / Раҳматзод Аҳмадҷон. - Хуҷанд: Хуросон, 2022. - С. 5-6.*
7. *Аҳрор, Мухторов. Рӯдакӣ ва мероси ӯ / Мухторов Аҳрор. - Душанбе, 2008. - 126 с.*
8. *Девони Рӯдакӣ. - Душанбе: Бухоро, 2015. - 334 с.*
9. *Нарзуллоев, Б.Х. Методикаи таълими мусиқӣ. Китоби дарсӣ / Б.Х. Нарзуллоев, С. С. Саидҳомидов. - Душанбе: "Меҳрона, 2017", 2019. - 232.*
10. *Насриддини, Тусӣ. Асас-ал-иқтибос // Сафиуддавлаи Шерозӣ. Буҳур-ал-алҳон / Тусӣ Насриддини. - Теҳрон, 1346. – 73 с.*
11. *Саидҳомидов, С. Методикаи таълими мусиқии халқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (Дастури таълимӣ-методӣ) / С. Саидҳомидов. - Душанбе, 2021. - 58 с.*
12. *Султони, Ҳамад. Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт / Ҳамад, Султони. - Душанбе, 2009. - 100 с.*
13. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 952 с.*
14. *Хайруллоев Б. Ташаккули касбии омӯзгорони ояндаи таҳсилоти ибтидоӣ-санъати мусиқӣ дар дарсҳои сози мусиқӣ / Б. Хайруллоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ Бахши илмхои педагогӣ ва психологӣ Душанбе, 2023. №4-2 (18) – С. 13-19*
15. *Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2. - Душанбе, 1989. - 560 с.*
16. *Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 3. - Душанбе, 2004. - 365 с.*
17. *Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 8. - Душанбе, 1988. - 592 с.*

САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ СОЗИ МУСИҚИИ ЧАНГ ВА МАЪНИҲОИ ИН ИСТИЛОҲ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Дар мақолаи муаллифон доир ба таърихи халқи тоҷик, санъати мусиқии тоҷикон ва созҳои мардумии он, ки аз умқи асрҳо сарчашма гирифта, дорои таърихи хеле қадим мебошад, пажӯҳиши илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллифон дар чунин ақидаанд, ки аксар созҳои мусиқие, ки имрӯз навозандагони чирадасти тоҷик менавозанд, аз ҷониби аҳли ҳунари тоҷик эҳё ва такмил дода шудаанд. Онҳо дар натиҷаи таҳаввулоти зиёди таърихӣ, амсоли суруду таронаҳои мардумии мо, аз як ҳунарманди мардумӣ ба ҳунарманди дигар, аз як насл ба насли дигар интиқол дода шудаанд. Ин созҳо дар раванди рушду инкишофи ҷомеа ба такмилу таҳаввулот рӯй оварда, имрӯз соҳиби он сохтору намуде шудаанд, ки ҳоло мавриди истифодаи навозандагон қарор доранд. Муаллифон бо такя ба адабиёти илмӣ дар мақолаи мавриди назар, дар бораи таърихи мусиқии тоҷик, сози мусиқии чанг ва сарчашмаҳои пайдоиши сози мусиқии мазкур маълумоти мухтасар пешниҳод намудаанд. Дар асоси сарчашмаи илмии "Фарҳанги забони тоҷикӣ", ки муаллифон аз он истифода намудаанд, барои тақвияти фикр ва бо мақсади хубтар дарк намудани маънии истилоҳоти мазкур аз эҷодиёти шоирони адабиёти классикии тоҷик байте, ё аз осори олимону нависандагони тоҷик як-ду ҷумлае манзури хонанда гардонида шудааст. Ҳамзамон, дар фароварди мақолаи мазкур оид ба усулҳои навозиш дар сози мусиқии чанг маълумот пешниҳод шудааст, ки ин навгонии мақолаи мазкурро ташкил дода, арзиши онро боз ҳам бештар менамояд.

Калидвожаҳо: сози мусиқӣ, чанг, чангчӯб, торҳо, навохтан, усулҳои навозиш, сарчашмаҳо, бостоншиносӣ, таърих, адабиёти классикии тоҷик.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ИСТОЧНИКИ О МУЗЫКАЛЬНОМ ИНСТРУМЕНТЕ ЧАНГ И ДРУГИЕ ЗНАЧЕНИЯ ЭТОГО СЛОВА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье авторами проведены исследования по истории таджикского народа, музыкального искусства таджиков и их народных инструментов, которые дошли до нас из покон веков и имеют древнюю историю. Авторы придерживаются такой позиции, что большинство народных инструментов, используемые в нынешнее время при игре нашими искусными музыкантами, возрождены или усовершенствованы таджикскими мастерами - писателями, поэтами и людьми искусства. Они даже в результате огромных исторических катаклизм, как наши народные песни и напевы, переданные из поколения в поколение, также переданы от одного искусного народного мастера другому. Эти инструменты в процессе развития общества стали развиваться и приобрели тот вид, что мы видим сегодня, и что ныне используются нашими музыкантами. На основе научной литературы авторы в рассматриваемой статье предоставили информацию об истории таджикской

музыки, о музыкальном инструменте чанг (цимбала) и источниках происхождения данного музыкального инструмента. На основе научного источника “Словарь таджикского языка” используемый авторами, для усиления мысли и чтобы лучше узнавать смысль данных словосочетаний, приведены бейты из творений поэтов таджикской классической литературы, или же несколько предложений из творчества таджикских ученых и писателей. В тоже время, в конце данной статьи предоставлена информация о методах игры на музыкальном инструменте “чанг”, что является новизной данной статьи, и что делает статью ещё более ценной.

Ключевые слова: музыкальный инструмент, чанг, палочки для игры на чанге, струны, игра, методы игры, источники, археологические, история, таджикская классическая литература.

HISTORICAL SOURCES ABOUT THE MUSICAL INSTRUMENT CHANG AND OTHER MEANINGS OF THIS WORD IN TAJIK LITERATURE

The authors' article contains scientific research on the history of the Tajik people, the musical art of the Tajiks and their folk instruments, which have a centuries-old history and have a very ancient history. The authors believe that most of the musical instruments that Tajik hand musicians play today were revived and improved by Tajik masters and as a result of numerous historical events, were passed on from one folk performer to another and from generation to generation, just like our folk songs. These factors have undergone improvements and evolutions in the process of development and evolution of society, and today they have acquired a complete structure and form, which are now used by musicians. The authors of this article have attention to the scientific literature and presented information about the history of Tajik music, the chang musical instrument and the sources of its origin. Based on the scientific source "Dictionary of the tajik language", which the authors used, in order to reinforce the idea and better understand the meaning of these terms, a couplet from the works of poets of classical Tajik literature, or a sentence or two from the works of Tajik scientist and writers is presented for the reader. At the same time, the conclusion of this article provides information about the methods of playing the chang musical instrument, which constitutes the novelty of this article and increases its value even more.

Keywords: musical instrument, chang, sticks for playing chang, strings, play, methods of playing, sources, archaeological, history, Tajik classic’s literature.

Дар бораи муаллифон

Саидҳомидов Саидмаҳмуд
Муаллими калони кафедраи тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73а

Мирмастова Махсума Некқадамовна
Муаллими кафедраи эҷодиёти халқи (мусиқии созӣ)-и
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода
734032, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73а

Об авторах

Саидхомидов Саидмахмуд
Старший преподаватель кафедры воспитания и образования музыки
Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзаде
734032, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбад, 73а

Мирмастова Махсума
преподаватель кафедры народного творчества (инструментальная музыка)
Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзаде
734032, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбад, 73а

About the authors

Saidkhomidov Saidmakhmud
Senior teachers of the Department of upbringing and musical education
Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade,.
734032, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad ave.,73a

Mirmastova Makhsuma Nekqfdamovna
Teacher of the Department of folk music creativity (instrumental music)
Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade,.
734032, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad ave.,73a

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи иборахои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва иборахои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2025, № 3 (116)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 21.06.2025 г. Заказ № 109
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни